# *АХТАРОНИ АДАБ*

# 19

# ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Гулназар*
*Акбар Турсун*
*Фарҳоди Карим*

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

# ХАМСА

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2012

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Баргардон, пешгуфтор ва таҳияи*
***ЗОҲИР АҲРОРӢ,***
***АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ ВА***
***МУБАШШИР АКБАРЗОД***

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Низомии Ганҷавӣ*** *Хамса: Махзану-л-асрор, Хусраву Ширин* — Душанбе: «Адиб», 2012. - 480 саҳ.

Зода ва парвардаи Ганҷаи Озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ аз бузургтарин устодони каломи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, «Хамса»-и дилписанду бегазанди ӯ аз шоҳкорҳои фарҳанги дунё эътироф гардидааст.

Шоир бо ин шоҳасар мактаби адабии «Хамса»-сароиро дар адабиётамон поя гузоштааст, ки баъд аз он дар пайравии ин асар ва достонҳои алоҳидаи он дар адабиёти Шарқ асарҳои зиёде офарида шудаанд.

Дар Тоҷикистон «Хамса» ё достонҳои алоҳидаи он борҳо ба нашр расидааст. Инак, нашри тозаи ин асар дар се ҷилд бо тасҳеҳи нав пешкаши хонанда мегардад.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2012.**

## «ХАМСА»-САРОИ БЕНАЗИР ВА СУХАНГУСТАРИ МУҚТАДИР

Зода ва парвардаи Ганҷаи Озарбойҷон Абӯмуҳаммад Илёс ибни Юсуф ибни Закӣ Муайяд аз бузургтарин устодони каломи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, «Хамса»-и дилписанду бегазанди ӯ аз шоҳкорҳои фарҳанги дунё эътироф гардидааст. Тибқи маълумоти маъхазҳои адабию таърихӣ ва мулоҳизаронию хулосабарориҳои аҳли таҳқиқи соҳа мавсуф соли 1141 м. чашм ба олами ҳастӣ кушода, ба истиснои боре бо даъвати султони Ироқ Туғрилшоҳ (1176м.-1194м.) муддати кӯтоҳе озими Табрез шудан, тамоми умр дар зодгоҳаш мондаву ҳаёташ дар байни аҳолии шаҳрнишин, дар муҳите, ки фарҳанги форсизабонон тасаллут дошт, сипарӣ шудааст. Таърихнигори арманӣ Киракос Гандзакедси (1200м. - 1271м.) навишта буд, ки дар «ин шаҳри сераҳолӣ (яъне, Ганҷа) форсҳо хеле зиёданд ва насрониҳо ақаллиятро ташкил медиҳанд».

Соли фавти шоирро 12 марти соли 1209 дар Ганҷа шуморидаанд. Ҳамакнун оромгоҳаш зиёратгоҳи фарҳангиёни ҷаҳон аст.

Овардаанд, ки падари Низомӣ аз Атриши музофоти Қум (Эрони Марказӣ) бо сабаби номаълуме ё барои ифои вазифае ба Ганҷа кӯч мебандад ва дар он ҷо бо Раисаи курд хонадор гардида, соҳиби хонаву дар ва фарзандон мешавад. Ироқиюласл будани падарашро Низомӣ дар «Шарафнома» ин тавр иброз доштааст:

*Ироқи дилафрӯз бод арҷманд,*
*Ки овозаи фазл аз ӯ шуд баланд.*
*Аз он гул, ки ӯ тоза дорад нафас,*
*Арақрезае аз Ироқ асту бас.*

Ин ва ишораҳои зиёди дигаре дар осори шоир гувоҳ бар онанд, ки вай ба ватани бобоии худ нарафтаву надида ба он дилбастагии хоса дошт. Падари Илёс соҳибмақому модараш Раиса аз деҳоти атрофи Ганҷа ва ба ишораи худи ӯ «Раисаи

курд» буд. «Раисаи курд» ба он «далолат мекунад, ки насаби модари Низомӣ ба саркардагони курд мерасад. Курдҳо яке аз қавмҳои эронинажод мебошанд, ки забонашон ба забони форсии тоҷикӣ хеле наздик буда, ҳанӯз ҳам дар Озарбойҷону Арманистон, Эрону Ироқ ва ғайра сукунат доранд» (Аълохон Афсаҳзод).

Падару модари Низомӣ, ки аз хонадонҳои баландмартаба ва аҳли саводи зарурӣ буданд, фарзандони худро бо ҷиддият парваришу тарбия менамуданд. Модари ғамхору сазовор ба Илёси наврас аввалин ҳарфҳои алифборо бо муҳаббат меомӯзонид, чашми фарзанди ҷигарбандро ба олами беруна боз мекард, ки ин равиши тарбия ба бародари Илёс Қивоми Мутарризӣ, ки минбаъд ӯ ҳам пешаи шоириро касб мекунад, бетаъсир набуд. Воладайни Низомӣ дар айёми наврасию шукуфоии фарзандон фавт мекунанд ва бори таълиму тарбияи Илёс бар дӯши тағояш Ҳоҷӣ Умар меафтад. Ҳоҷӣ Умар ӯро ғамхорона зери ҳимояту тарбият гирифта, барояш шароити мусоид фароҳам меоварад, ки ҳар қадар тавонад, илм омӯзаду дониш андӯзад. Бархурдории Низомӣ аз илмҳои замонааш, монанди омӯзишу фаро гирифтани забони арабӣ, ҳифзи Қуръон, азбар намудани аҳодиси набавӣ, фиқҳ, таърих, ҷуғрофия, фалсафа, мантиқ, илми адаб, балоғати калом, улуми табиӣ, тибб, ситорашиносӣ ва ғайра дар «Хамса» хеле равшан ба мушоҳида мерасад. Вай, аз ҷумла дар илми нуҷум пешдаст буданашро дар маснавии «Хусраву Ширин» ин тавр овардааст:

*Манам дониста дар паргори олам,*
*Ба тасрифу нуҷум асрори олам.*
*Ҳама зичи фалак ҷадвал ба ҷадвал*
*Ба устурлоби ҳикмат кардаам ҳал.*

Ҷойи таъкид аст, ки Низомӣ бештари илмҳои замонро на аз мадрасаҳои расмии замон, балки аз роҳи худомӯзӣ фаро гирифта будааст, зеро дар мадориси асри XII илмҳои табиӣ ва дақиқ ба толибилмон омӯзонда намешуданд. Мавсуф илова бар ин ҳама бо мероси адабии Юнони қадим, ёдгорҳои хатти паҳлавӣ, осори илмию адабии хилофат, таърихи мардуми Қафқоз, адабу фарҳанги ғании форс-тоҷик, дастовардҳои фарҳангии ҳамзамонон огоҳии тамом дошт. Адабиёти шифоҳии мардуми худ, расму ойин ва урфу одоти насронию яҳудӣ ва паҳлавиро хеле хуб фаро гирифта будааст, ки худ мегӯяд:

*Зи ҳар нусха бардоштам моякҳо,*
*Бар ӯ бастам аз назм пероякҳо.*
*Зиёдат зи таърихҳои наве,*
*Яҳудию насронию паҳлавӣ.*

Низомӣ баъди омӯзишу андӯзиши илмҳои замон бо Офоқ ном канизак, ки барояш ҳокими Дарбанд Бейбарс ибни Малик Музаффар (1155м.-1170м.), бо мақсади ҷалби суханвар ба дарбор тӯҳфа карда буд, хонадор мешавад. Вай ҳамсарашро хеле дӯст медошт ва ӯро «бути қипчоқ» мехонд. Аз онҳо Муҳаммад ба дунё меояд. Умр бевафоӣ ва Офоқ соли 1180м. вафот кард. Достони «Хусраву Ширин» дар он рӯзҳо бо андӯҳи зиёде навишта шудааст. Зани дувуми шоир соли 1187м. ва зани севуми ӯ соли 1198м. аз олам дармегузаранд.Тақдир Низомиро ба ин фоҷиаҳои ойилавӣ расонидааст вагарна ба ақидаи шарқшиноси рус Е.Э.Бертелс «Низомӣ  ҳеҷ гоҳ якбора беш аз як зан надошт. Инро албатта метавон ба камбизоатии ӯ ҳамл кард, аммо мӯҷиби асосӣ он аст, ки Низомӣ серзанагии мусулмониро маҳкум мекард...»

Низомии Ганҷавӣ аз нигоҳи мазҳабӣ сунатии покдин ва ба кеши бобоёни худ, ки ақидаи зардуштӣ доштанд, бетаваҷҷӯҳ буд. Ба андешаи вай маҳз дини мубини ислом равиши рости зиндагист, агар покиза нигоҳ дошта шавад. Ӯ мегӯяд:

*Ба меҳри Алӣ гарчи муҳкампаям,*
*Зи ишқи Умар низ холӣ наям.*
*Ҳамедун дар ин чашми равшандимог*
*Абӯбакр шамъ асту Усмон чароғ.*

Он чи Низомии Ганҷавиро байни хосу ом соҳибмақом намуд, эҷоди бадеъи  ӯ, бахусус «Хамса», ки дар баъзе маохизу осори илмӣ бо номи «Панҷ ганҷ» омадааст, мебошад. Ба ин маънӣ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414м.-1492м.) дар «Баҳористон» навиштааст: «... Он қадар латоифу дақоиқу ҳақоиқ, ки дар китоби «Панҷ ганҷ» дарҷ кардааст (яъне, Низомӣ) касеро дастрас нест, балки мақдури навъи башар нест. Ва берун аз он китоб аз вай шеър кам ривоят кардаанд».

Ин суханвари тавоно бо табъи саршору муҳаббати баланд ва истеъдоди зотӣ ба эҷоди каломи бадеъ бо камоли ҷиддият нигариста, аз худ на танҳо «Панҷ ганҷ», ки ин баҳо танҳо хоси

«Хамса»-и ӯст, балки, гузашта аз ин, мактабу равияи адабиеро боқӣ гузошт, ки он дар адабиёти мардуми Машриқзамин то ба ҳанӯз шуҳрату эътибори аввалияи худро нигоҳ медорад. Имрӯз Низомии Ганҷавӣ бо ин шоҳасар дар шеваи маснависароӣ ҳамчун устод ва пештози «Хамса»-сароёни баъдӣ шинохта шудааст. Суханварони бисёри форсизабону туркилисон, монанди Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ - Фонӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдибеки Шерозӣ, Салмони Соваҷӣ, Котибӣ, Ҳилолӣ, Мактабии Шерозӣ, Шамсуддини Шоҳин ва ғ. аз мактаби адабии ӯ сабақ гирифта, ба равияаш баъзеҳо «Хамса» навиштаанд, иддае мувофиқи зӯру тавон ва завқ ба достонҳои алоҳидааш ҷавобҳо гуфтаанд. Барои дар ин бора маълумотро комил намудан метавон ба китоби шарқшиноси варзида Ғ.Ю.Алиев «Мавзӯъ ва сюҷаҳои Низомӣ дар адабиёти халқҳои Шарқ» муроҷиат намуд. Ин маънои онро надорад, ки Низомии Ганҷавӣ аз мактаби адабии пешиниёни худ баҳравар нагардида бошад. Аз муҳаққиқони Низомӣ Челковский навишта, ки «... шуғли дӯстдоштаи Низомӣ мутолааи достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ буд».

Дар «Хамса»-и сухансарои Ганҷа дар баробари шоҳасари Абулқосим Фирдавсӣ, осори гаронмояи Қатрони Табрезӣ, Саноии Ганҷавӣ, Фахруддини Гургонӣ ва илова бар ин ҳама мероси ғании адабиёти шифоҳии мардуми Шарқ таъсири амиқ расонидаанд. Яке аз мураттибони матни «Хамса» Ваҳиди Дастгирдӣ сареҳан таъкид менамояд, ки «Аз санодиди сухан ва бузургони шеъри бостон ҷуз Саъдию Фирдавсӣ ҳеч кас шоёни муқояса ва санҷиш бо Низомӣ нест, зеро дигарон, аз қабили Анварию Хоқонӣ ва Ҷамолиддину Камолиддин равиш ва сабки дигар дошта ва чомасарову чомапардоз буда ва ҳам иттифоқан як дафтари маснавӣ пардохта бошанд, чизе муҳим ва қобили қиёс нест».

Аз гӯву магӯйи зиёди низомишиносон метавон ба натиҷа расид, ки Низомии Ганҷавӣ дар эҷоди «Махзану-л-асрор» аз «Ҳадиқату-л-ҳақиқат»-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, дар сурудани достонҳои «Ҳафт пайкар», «Хусраву Ширин» ва «Искандарнома» аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ва дар гуфтани «Лайлию Маҷнун» такя ба осори шифоҳии Арабу Аҷам намудааст ва кӯшида, то «гилеми мӯйинаро ба абрешим ва нуқраро ба зари холис табдил диҳад» (Е. Э. Бертелс).

Дойир ба пайдарҳамии «Панҷ ганҷ» дар «Иқболнома» ин тавр омадааст:

*Басе ганҷҳои куҳан сохтам,*
*Дар ӯ нуктаҳои нав андохтам.*
*Суйи «Махзан» овардам аввал басеч,*
*Ки сустӣ накардам дар ин кор ҳеч.*
*В-аз он чарб ширинӣ ангехтам,*
*Ба «Ширину Хусрав» даромехтам.*
*В-аз он ҷо саропарда берун задам,*
*Дари ишқи «Лайлию Маҷнун» задам.*
*В-аз ин қисса чун боз пардохтам,*
*Суйи «Ҳафт пайкар» фарас тохтам.*
*Кунун дар бисоти суханпарварӣ*
*Занам кӯси «Иқболи искандарӣ».*
*Сухан ронам аз фарру фарҳанги ӯ,*
*Барафрозам иқлиму афранги ӯ.*

Зиёда аз ин Низомӣ дар маснавиҳои «Панҷ ганҷ» кӯшиш менамояд, ки санаи таърихи эҷоди ҳар достонро дар мавриди мувофиқ нишон бидиҳад. Вай достони нахустини «Хамса» «Махзану-л-асрор»-ро дар таърихи 24-рабеъулаввали санаи 572ҳ., баробар ба 30-сентябри соли 1176м. ба поён расонида будааст, ки худ мефармояд:

*Буд ҳақиқат, ки шумори дуруст*
*Бисту чаҳорум зи рабеъи нахуст.*
*Аз гаҳи ҳиҷрат шуда то ин замон*
*Понсаду ҳафтоду ду афзун бар он.*

Достони «Махзану-л-асрор» камобеш 2260 байт мебошад ва дар баҳри Сареъи мусаддаси матвии маҳзуф (Муфтаъилун, муфтаъилун, фоъилун) эҷод гардидааст. Достони «Хусраву Ширин» соли 1181м. навишта шуда, дар нусахи гуногуни хаттӣ ва нашрҳои он аз 6220 то 6500 дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (Мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлун), достони «Лайлию Маҷнун» соли 1188м. зеби аврок гардида, дар нусахи қаламӣ ва чопии гуногун аз 4020 то 4600 байт дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (Мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун), достони «Ҳафт пайкар» соли 1197м. гуфта шуда, нусхаҳои қаламӣ ва чопии он аз 5090 то 5130 байт асту дар баҳри Хафифи мусаддаси солим (Фоъилотун, мафоъилун, фаъилун) омада ва «Искандарнома», ки аз бахшҳои «Шарафнома» ва «Иқболнома» иборат аст, байни

солҳои 1197м.-1204м. аз табъи саршору мавзуни сухансаройи Ганҷа берун омада, камобеш байт дар баҳри Мутақорибi мусаммани маҳзуф мебошад.

Аз достонҳои «Хамса» «Махзану-л-асрор» ба шоҳи Арзинҷон Фахруддини Баҳромшоҳ ибни Довуд (1152м.-1218м.), «Хусраву Ширин» ба султони салҷуқӣ Туғрили lll (1175м.- 1199м.) атобак Муҳаммад ибни Илдигизи Ҷаҳонпаҳлавон (1175м. - 1186м.) ва бародари ӯ Қизиларслон (1186м. - 1191м.), «Лайлию Маҷнун» ба малик Ҷалолуддин Абулмузаффари Ахситон ибни Манучеҳри Шервоншоҳ (1160м. - 1196м.), «Ҳафт пайкар» ба ҳокими Мароға Алоуддини Карпарслон (1174м. - 1208м.), «Искандарнома» ба атобаки аъзам Нусратуддин Абӯбакри Муҳаммад аз сулолаи гурҷиюласли Пишкинидиҳо (1153м. - 1231м.) бахшидаву тақдим гардида будаанд ва дар ин бора дар ҳар яке аз онҳо ишораҳои худи мусанниф ҷой доранд.

Дар «Хамса» гузашта аз он, ки дар нусхаҳои қаламию чопӣ аз нигоҳи теъдоди абёт каму зиёдиҳо дида мешаванд, дар истифода аз калимаву таркибу ибораҳои алоҳида баъзе фарқҳо ба мушоҳида гирифта шудааст. Инро мо беш ва пеш аз ҳама дар нашри зиқимати Ҳусайн Ваҳиди Дастгирдӣ («Куллиёти Ҳаким Низомии Ганҷавӣ. - Теҳрон: Мавҷи адаб, 1383) ва заҳмати бобарори донишмандони матншиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод, Зоҳир Аҳрорӣ, Алиқул Девонақулов, Ҷобулқо Додалишоев ва Асғари Ҷонфидо дар нашри душанбегии «Куллиёт»-и Низомии Ганҷавӣ дар панҷ ҷилд («Ирфон», 1982-1984) мебинем, ки онҳо то ҷое матни илмии «Панҷ ганҷ»-ро таҳияву тадвин намуда, чоп кардаанд ва асоси матни мо низ ин ду нашр аст. Дар ин маврид нашрҳои дар Бокую Маскав анҷомёфтаи достонҳои алоҳидаи «Хамса», монанди «Шарафнома» (Боку, 1947), «Иқболнома» (Боку, 1947), «Махзану-л-асрор» (Боку, 1960), «Хусраву Ширин» (Боку, 1960), «Лайлию Маҷнун» (Маскав, 1960) ва ғайраро, ки Л. А. Хетагуров, А.А. Ализода, А.А. Алиасғарзода, Ф. Бобоев, Е.Э. Бертелс содиқона анҷом додаанд, набояд нодида гирифт.Матни илмӣ - интиқодии «Хамса» бо истифода аз даҳ нусхаи қаламӣ ва як нусхаи чопии он (матни таҳиянамудаи Ваҳиди Дастгирдӣ дар назар аст) бо заҳмати матншиносони Озарбойҷон таҳияву тадвин гардида бошад ҳам, дар он усули илми матншиносии муосир ба таври бояду шояд ба эътибор гирифта нашудааст, ки тафсилоташ мавриду вақти

дигарро мехоҳад. Асосан норасоии ин матн дар он аст, ки тартибдиҳандагон аз оғоз то анҷоми кори худ як нусхаи қадимиро, ки баъди 173 соли эҷоди «Хамса» қаламӣ шудаасту ҳоло дар китобхонаи оммавии Париж маҳфуз аст, асоси кор қарор дода, матнро дар заминаи он сохтаанд. Эшон нусхаҳои дигари мавриди истифодаро ба сифати ёридиҳанда истифода намуда, фарқи онҳоро дар поварақ нишон додаанду халос. Тафсили мухтасару мушаххаси масъалаи матни илмӣ-интиқодии «Хамса» ва дурнамои он дар китоби А.Афсаҳзод «Низомии Ганҷавӣ» (Душанбе: Маориф, 1995) хеле хуб омадааст. Натиҷаи андешаронихои ин матншиноси варзидаи тоҷик он аст, ки бояд дар заминаи нусахи қаламии мӯътамади ҷаҳонӣ матни илмӣ-интиқодии ниҳоии «Хамса»-и суханвари Ганҷа сохтаву минбаъд дар дастрасии аҳли таҳқиқи адабиёти форс-тоҷик қарор дода шавад.

Яке аз масъалаҳои баҳсталабе, ки аз солҳои чилуми асри сипаришуда дар атрофи рӯзгору осори Низомӣ ба миён омадаву то ба ҳол идома дорад, масъалаи мансубияти Низомӣ ва мероси адабии ӯ ба ин ё он халқияту миллат аст. Дар ин ҷо ҳоҷат ба баҳси доманадор нест. Метавон хулоса кард, ки Низомӣ дар Ганҷа, дар хоки имрӯзаи Озарбойҷон, зиндагӣ ба сар бурдаву бо забони модарияш-форсии дарии тоҷикӣ осори худро навиштааст. Дар замони ӯ тақсимоти сарҳадӣ ва ҳад гузоштан байни халқияту миллатҳо ба ин андозае, ки ҳоло ҳаст, вуҷуд надошт. Дигар ин, ки дар вақти ба ин масъала баҳои амиқи илмӣ додан бояд қумиюласл будани падару пешиниёни шоир ва форсизабон будани эшон ба эътибор гирифта мешуд. Ба ҳар ойин имрӯз Низомӣ ба ҷаҳониён чун «шоири бузурги Озарбойҷон» муаррифӣ шавад ҳам, бо осори гаронмояи худ ба адабиёти оламшумули форс-тоҷик хидмати сазовор карда, мавсуфро дар ин адабиёт ба ҳайси сухангустари бузург ва соҳибмактаби сутург шинохтаанд. Ва мероси адабии баландғояи ӯ ҳамакнун на чун моли як халқияту миллат ё соҳибони ин ё он забон, балки дастоварди фарҳанги ҷаҳонӣ ва мансуби ҷаҳониён дониста мешавад, ки ҷойи баҳс нест.

«Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ дорои муҳтавои гуногуни иҷтимоӣ буда, бо тасвири ишқи пок, ки бо обуранги сӯфиёна сайқал ёфтааст, шӯру шаъафи ошиқу маъшуқ дар роҳи ба висол расидан, манзараҳои пурҷозибаи табиат, суханони ҳакимонаи созанда дар ҷомаи таркибу ибороти

нағзу дилнишин, истифодаи устокоронаву бобарори сувари хаёл ва пеш аз ҳама ташбеҳу истиороти латифу воқеӣ ва алфози дилписанду маъонии тозаву бикр ороставу пероста гардидааст. Метавон гуфт, гӯё аз суханони офаридгори «Панҷ ганҷ» шаҳд мерезад, ки дар ҷойгоҳи худ бесобиқаву бемонанд мебошад. Мақоми баланду арзиши эҷодӣ ва рисолати бузурги Низомии Ганҷавиро дар «Хамса»-и ӯ ба назари эътибор гирифта, мутафаккири озарбойҷонӣ Мирзофатҳалӣ Охундов навишта буд: «Назме, ки ҳам ҳусни мазмун ва ҳам ҳусни алфоз дошта бошад, мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ ва «Девон»-и Ҳофиз - ин назми нишотафзо, ваҷдовар ва мусаллами кулл аст. Соҳибони ин назмро назири пайғамбарон тавон гуфт, зеро ки Инсони мохалқи башаранд ва арбоби хаёлоти ҳакимона дар мавриди илҳоманд» (М.Ф. Ахундов. Асарлари. 2 ҷилд. Баки, 1961. - С.338). Ба ин маънӣ, аз нигоҳи муҳтаво «Махзану-л-асрор» асари тарбиявӣ-ахлоқӣ ва фалсафӣ - ирфонӣ буда, достонҳои «Хусраву Ширин», «Лайлию Маҷнун», «Ҳафт пайкар» аз достонҳои ишқиянд, ки дар ин мавзӯъ то Низомӣ танҳо Фахруддини Гургонӣ асари манзуми сирф ишқии худ «Вису Ромин»-ро навишта буд. Бояд таъкид кард, ки достони Гургонӣ чун як андоза давраи гузариши достонҳои ҳамосию паҳлавонӣ ва ҷангӣ ба достонҳои романтикӣ-лирикӣ шинохта шудааст, зеро дар достони «Вису Ромин», бо он ки лирикист, ҷо-ҷо аз корзор ва ҷангу пайкор ҳам сухан меравад. Тавре адабиётшинос А. Афсаҳзод ишора менамояд, «дар достонҳои Низомӣ баёни саргузаштҳои ошиқонаи қаҳрамонҳо бо тамоми сӯзу доғ, кайфияту лаззат ва гиру дори онҳо ҷойи аввалро мегирад». «Искандарнома» барои ифодаи афкори фалсафӣ - ирфонии шоир дар симои шахсиятҳои таърихӣ эҷод гардидааст.

Дар достонҳои «Панҷ ганҷ» як чизи ҷолиби диққат он аст, ки онҳо дар заминаи таърихӣ бо ороиши бадеӣ суруда шудаанд. Хусрави Парвиз, Баҳром, Искандари Мақдунӣ асосан чеҳраҳои таърихӣ ҳастанд, ки баъди Фирдавсӣ Низомӣ ба онҳо дастдарозӣ намудаву дар ин замина достонҳои баландпояи дархурди замон офаридааст. Андешаҳои Низомии Ганҷавӣ агарчи реша ба умқи таърих доранд, баёнгари ҳоланду бар манфиъати инсонҳо нигаронида шудаанд. Аз ин лиҳоз суханвари асил бо роҳи эҷоди бадеъ рафта, дар достонҳои «Хамса», ки тибқи баҳодиҳии низомишиносон аз шоҳасарҳои адабиёти форс-тоҷик мебошад, бо офаридани

симоҳои хотирмони афсонаву таърих сарбаландона ба аҳдофи худ расидааст.

Симоҳои Хусрави Парвиз, Фарҳоди Кӯҳкан, Маҷнун (Қайс), Искандари Мақдунӣ, Ширин, Меҳинбону, Нӯшоба, Лайлӣ, Баҳром, Фитна, духтари шоҳи Рус ва амсоли инҳо, ки Низомӣ устокоронаву пурҷозибаву хотирмон ба риштаи тасвир кашидааст, имрӯз ҳам дорои аҳаммияти баланди эстетикию ахлоқӣ мебошанд.

Тавре ки аз номи достонҳои «Хамса» бармеояд, хамирмояи онҳо ишқ будааст, ишқе омехта бо саъю амал, кӯшишу ҳаракат, бурду бохт, ишқи қаҳрамонию корнамоиҳо дар омехтагӣ ба ишқи парвардгор ва ғ., ки аз мавзӯъҳои асили адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Шоири хушбаёну рангинхаёл «Ба қавли худаш ҷаҳонро салои ишқ дардода, шӯре дар ниҳоди оламу одам афканд, ба дилҳо завқи тапиш ва ба дидаҳо лаззати дидани дунёи ишқу зебоӣ бахшид» (Зоҳир Аҳрорӣ). Низомӣ дар баёни тасвири пуробуранги ишқ ва ҷилваву тобишҳои гуногуни он бо ҳама паҳлӯҳои зиндагисозаш, аз ҷузъ то ба кулл, бесобиқа мебошад. Дар ҳар достони суханвари асил, вобаста ба симоҳои офаридаи ӯ, ишқ меҳвари асосӣ ва дар атрофи ишқ амалҳои неку бади ҷаҳонгирию ҷаҳондорӣ, ҳокимию ҳукмронӣ, зулму тааддӣ, некию некӯкорӣ, умуман хислатҳои ҳамидаву рафторҳои разилонаи инсонҳо, бешу ками зиндагӣ, ҳушёр будан дар байни ҳамнавъон хеле хуб равшан мегардад. Хусусан симоҳои занони офаридаи Низомӣ дар «Панҷ ганҷ» хоса, аҷиб, диққатҷалбкунандаву омӯзанда ва имрӯз ҳам дар давлатдорӣ, сари қудрат будан, соҳибхонагӣ, дили покизаву қудрату ҷасорати мардӣ доштан, ба манфиати ҷомеъа зиндагӣ карда тавонистан короянд. Ширин дар баробари зебову писанди дили ошиқони баландпоя будан дастпарвари аммааш Меҳинбону ва ҷойгузини ӯву сарвари як кишвар мебошад, ки аз фазилати баланду ақли расои зану тавони вай дар ҳукуматдорӣ далолат мекунад. Нӯшоба низ дар ҳукмронӣ ҳампояи Ширин аст. Вай бо ҷасорати мардонаи худ гӯё панҷаи Искандари Ҷаҳонгирро метобад. Искандар аз ҷасорати Нӯшоба ончунон ҳайратзада аст, ки пеши зан чӣ кор карданашро надониста қавли мардона медиҳад, ки вай ва сипоҳиёнаш на ин ки ба кишвари тобеъи Нӯшоба зиён намерасонад, балки ҳозир аст ҳамеша дар тангдастию нобарориҳо дастгиру мададгораш бошад. Лайлӣ чӣ? Лайлӣ

ҳам то вопасин нафасҳои зиндагӣ дар ишқи аввал устувору ҷоннисор аст. Дар симои Лайлӣ ошиқ шудан ва поси онро нигоҳ дошта тавонистани як зани мутеъу фармонбардори даврони торики феодалӣ ҷасорати бузург дониста мешавад. Низомӣ аз забони симои офаридааш мегӯяд:

*Лайлӣ будам, валек акнун*
*Маҷнунтарам аз ҳазор Маҷнун.*

Дар достони «Ҳафт пайкар» қиссаи канизак Фитна бо Баҳромшоҳ хеле ҷолиб буда, иборат аз ду қисмат аст: қисмати аввал кини Баҳромшоҳ ба канизаки дӯстдоштааш ва қисмати дувум баъди иштибоҳи худро дар нисбати канизакаш Фитна дарк намудани Баҳромшоҳ меҳри ӯ бар Фитна мебошад. Дигарбора навозиш ёфтани Фитна аз он шаҳодат медиҳад, ки канизаки шоҳ ахлоқи баланд ва тану ҷони покиза дорад. Вай бо азму талош ва хирадмандию зиракӣ дар навбати аввал дили сарҳанги шоҳро ёфта, зинда мемонад, дар навбати сонӣ бо шикебоӣ ва амали худ саҳву хатои шаҳро ислоҳ менамояд. Дар ниҳоди ин қисса ва қиссаҳои дигари дар достони «Ҳафт пайкар» омада андешаҳои ҷолиби ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии Ҳаким Низомӣ ниҳуфтааст. Ба андешаи мусаннифи «Хамса» занон қодиранд қавлу амал дошта бошанд, неку бади зиндагиро дарк намонд, заҳмати ҷонкоҳи зиндагиро бар дӯш бардоранд ва дар қатори мардони мард ҷомеъаи солиму осуда созанд ва ғ.

Маҳорати симоофарии Низомӣ дар «Хамса» ҳамчунон дар забони салису равон ва тарзи баёни ӯ мушоҳида мегардад. Он чи ба ин суханвар равонию зебоӣ бахшидааст, тарзи баёнест, ки пуропур аз санъатҳои лафзию маънавист. Шоир дар интихобу истифодаи алфоз, калимаҳои муносиб, эҷоду корбасти таркиботи бадеъ ва хушоянди алоқаманд бо симоҳои достонҳояш аз худ маҳорати устодона нишон дода, дар чеҳранигорию хислатофарӣ дар мақоми алоҳида аст. Илова бар ин хатти суҷети достонҳои «Хамса» тақозо намудаанд, ки шоир забону лаҳни ҳамафаҳмро шевотару гӯшнавозтару пургунҷоийштар намуда, ба соҳибони ин забони ноб баргардонад. Агар ба забон ва замони «Хамса»-и Низомӣ таваҷҷӯҳи амиқ равад, мебинем, ки дар он калимаву таркибу ибороти бегона, бахусус арабӣ, хеле кам ва ба нудрат истифода шудааст. Адабиётшиноси эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо

ба тавон ва маҳорати сухангустарии Низомӣ баҳои дархурди заҳмати ӯ дода, навишта буд: «Низомӣ аз шоиронест, ки бешак бояд ӯро дар шумори аркони шеъри форсӣ ва аз устодони мусаллами ин забон донист. Вай аз он сухангӯёнест, ки монанди Фирдавсю Саъдӣ тавонист ба эҷод ё такмили сабку равияи хосе тавфиқ ёбад... Вай дар интихобу корбурди алфозу калимоти муносиб ва эҷоди таркиботи хоси тоза ва ихтироъи маъонию мазомини наву дилписанд дар ҳар мавриди ва тасвири ҷузъиёт ва неруи тахайюлу диққат дар васфу эҷоди роеъ ва резакорӣ дар тасвири табиату ашхосу аҳвол ва ба кор бурдани ташбеҳоту истиъороти матбӯъу нав дар шумори касонест, ки баъд аз худ назире наёфтааст».

Дастовардҳои Низомӣ дар «Хамса» аз ҳар ҷониб; ҳам сохтани сюҷети ба достонҳо алоқаманд, ҳам пайдарҳамии муҳтаво, ҳам офаридани симоҳои барҷастаи хотирмон, ҳам забону баёни ширин ва ғ. осон ба даст наомадаанд. Балки он ҳама натиҷаи донишу биниши зиёду андешаҳои амиқ, заҳмати пайваста, машаққатҳову ҷоннисориҳои худи ӯст, ки мегӯяд:

*Бад-ин дилфиребӣ суханҳои бикр*
*Ба сахтӣ тавон зодан аз роҳи фикр.*
*Сухан гуфтани бикр ҷон суфтан аст,*
*На ҳар кас сазои сухан гуфтан аст.*

Ҳифзи сухани ноб, покиза нигоҳ доштани он, дар вақти эҷоди осори адабӣ мӯҷазбаёнӣ, ҳақиқати зиндагиро ба василаи гавҳари сухан баён намудан, ҷавонмардӣ ва хайрандеширо тараннум кардан ва ғ. «Хамса»-и Низомии Ганҷавиро аз ҳар ҷиҳат дилнишин, ҷозибанок, хонданӣ ва ҳамзамон махзани бегазанди андешаҳои баланди ахлоқӣ гардонидааст. Ва бояд ёдрас шуд, ки ҳадафи Низомӣ аз эҷоди «Хамса» афсонапардозию ишқноманависӣ набуд, балки дар партави маснависароӣ нишон додани сабақҳои таърих ба ҳамзамонону баъдинагон ва панду андарзи зиндагӣ додан ба инсонҳост. Масалан, барои ӯ қиссаи шӯрангези Ширин афсона нест, балки шоир дар ин симо аз ҷавонмаргии қаҳрамони асари худ ёд карда, вайро ба ҳамсари аввалаш Офоқ, модари Муҳаммад, шабеҳ медонад:

*Ту, к-аз ибрат бад-ин афсона монӣ,*
*Чӣ пиндорӣ, магар афсона хонӣ!*

*Ба ҳукми он, ки он камзиндагонӣ*
*Чу гул барбод шуд рӯзи ҷавонӣ,*
*Сабукрав чун бути қибчоқи ман буд,*
*Ту пиндорӣ, ки худ Офоқи ман буд.*

Аз ин рӯ, ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ пеш аз ҳама бояд аз зовияи ахлоқу ҳикмат нигоҳ кард, ки барои ҷомеъаи ҳамаи давру замонҳо ва халқияту миллатҳо корояст. Беҳуда нест, ки ин шоҳасари адабиёти форс-тоҷик ба забонҳои зиёди дунё, пеш аз ҳама ба забони озарбойҷонӣ, ки зодгоҳу мадфани шоир Озарбойҷони имрӯза аст, тарҷума гардидаву мавриди истифодаи ҷомеъаи васеъи хонандагон қарор дорад. Матни ҳозирро пешкаши хонандагони иззатманд намуда, умед бар он дорем, ки эшон аз ин китоби саршори маъонии бикру андешаҳои пухта манфиъат меҷӯянду судҳо бармедоранд. Дар охир ба дӯстони арҷманд, донишмандони сухансанҷ Ҳоҷӣ Мурод, Гулназар, Зиё Абдулло, Асрори Раҳмонфар барои ҳамкории судмандашон дар тасҳеҳи матни ҳозир изҳори сипос менамоем.

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ,***
***Мубашшир Акбарзод***

# *МАХЗАНУ-Л-АСРОР*

# МАХЗАНУ-Л- АСРОР

Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим
Ҳаст калиди дари ганҷи ҳаким.
Фотиҳаи фикрату хатми сухун
Номи Худой аст, ба ӯ хатм кун,
Пешвуҷуди ҳамаояндагон,
Бешбақои ҳама пояндагон.
Собиқасолори ҷаҳони қидам,
Мурсалапайванди гулӯи қалам.
Пардакушои фалаки пардадор,
Пардагии пардашиносони кор.
Мубдаъи ҳар чашма, ки ҷудеш ҳаст,
Мухтариъи ҳар чӣ вуҷудеш ҳаст.
Лаъли тирози камари офтоб,
Ҳуллагари хоку ҳулибанди об.
Парваришомӯзи дарунпарварон,
Рӯзбарорандаи рӯзих(в)арон
Муҳракаши риштаи борики ақл,
Равшании дидаи торики ақл.
Доғниҳи носиядорони пок,
Тоҷдиҳи тахтнишинони хок.
Хомкуни пухтаи тадбирҳо,
Узрпазирандаи тақсирҳо.
Шаҳнаи ғавғои ҳаросандагон,
Чашмаи тадбири шиносандагон.
Аввалу охир ба вуҷуди сифот,
Ҳасткуну несткуни коинот.
Бо ҷабаруташ, ки ду олам кам аст,
Аввали мо, охири мо як дам аст.
Кист дар ин доираи дерпой,
К-ӯ лиман-ул-мулк занад ҷуз Худой?
Буду набуд, он чи баланд асту паст,
Бошаду ин низ набошад, ки ҳаст.
Парваришомӯхтагони азал
Мушкили ин кор накарданд ҳал,
К-аз азалаш илм, чӣ дарёст ин,
То абадаш мулк, чӣ саҳрост ин?
Аввали ӯ аввали беибтидост,
Охири ӯ охири беинтиҳост.
Равзаи таркиби туро ҳур аз ӯст,
Наргиси бинои туро нур аз ӯст.

Кашмакаши ҳар чӣ дар ӯ зиндагист,
Пеши худовандии ӯ бандагист.
Ҳар чӣ ҷуз ӯ ҳаст, бақоеш нест,
Ӯст муқаддас, ки фаноеш нест.
Миннат ӯрост ҳазоростин
Бар камари кӯҳу кулоҳи замин.
То камараш дар тутуқи нур буд,
Хор зи гул, най зи шакар дур буд.
Чунки ба ҷудаш карам обод шуд,
Банди вуҷуд аз адам озод шуд.
Дар ҳаваси ин ду-се вайронадеҳ
Кори фалак буд гираҳ дар гиреҳ,
То накушод ин гираҳи ваҳмсӯз,
Зулфи шаб эмин нашуд аз дасти рӯз.
Чун гуҳари икди фалак дона кард,
Ҷаъди шаб аз гарди адам шона кард.
З-ин ду-се чанбар, ки бар афлок зад,
Ҳафт гираҳ бар камари хок зад.
Кард қабо ҷуббаи хуршеду моҳ
З-ин ду кулаҳвор сапеду сиёҳ.
Заҳраи меғ аз дили дарё кушод,
Чашмаи Хизр аз лаби хазро кушод.
Ҷоми саҳар дар гили шабранг рехт,
Ҷуръаи он дар даҳани санг рехт.
З-оташу обе, ки ба ҳам даршикаст,
Пиҳи дуру гурдаи ёқут баст.
Хуни дили хок зи буҳрони бод
Дар ҷигари лаъли ҷигаргун ниҳод.
Боғи сахоро чу фалак тоза кард,
Мурғи суханро фалаковоза кард.
Нахли забонро рутаби нӯш дод,
Дурри суханро садафи гӯш дод.
Парданишин кард сари хобро,
Кисвати ҷон дод тани обро.
Зулфи замин дар бари олам фиканд,
Холи асӣ бар рухи одам фиканд.
Рӯи зар аз сурати хорӣ бишуст,
Ҳайзи гул аз абри баҳорӣ бишуст.
Занги ҳаворо ба кавокиб сутурд,
Ҷони сабоpo ба раёҳин супурд.
Хуни ҷаҳон дар ҷигари гил гирифт,
Набзи хирад дар маҷаси дил гирифт.

Ханда ба ғамхорагии лаб кашонд,
Зуҳра ба хунёгарии шаб нишонд.
Нофи шаб аз мушкфурӯшони ӯст,
Моҳи нав аз ҳалқабагӯшони ӯст.
Пои суханро, ки дароз аст даст,
Санги саропардаи ӯ сар шикаст.
Ваҳми тиҳипой басе раҳ набашт,
Ҳам зи дараш дасттиҳӣ бозгашт.
Роҳ басе рафту замираш наёфт,
Дида басе ҷустуназираш наёфт.
Ақл даромад, ки талаб кардамаш,
Тарки адаб буд, адаб кардамаш.
Ҳар кӣ фитод аз сари паргори ӯ,
Ҷумла чу мо ҳаст талабгори ӯ.
Сидранишинон суи ӯ пар зананд,
Аршравон низ ҳамин дар зананд.
Гар сари чарх аст, пур аз тавқи ӯст
В-ар дили хок аст, пур аз шавқи ӯст.
Зиндаи номи ҷабаруташ аҳад,
Пояи тахти малакуташ абад.
Хоси наволаш нафаси хастагон,
Пайки равонаш қадами бастагон.
Дил, ки зи ҷон нисбати покӣ кунад,
Бар дари ӯ даъвии хокӣ кунад.
Рустаи хоки дари ӯ донаест,
К-аз гули боғаш Ирам афсонаест.
Хоки Низомӣ, ки ба таъйиди ӯст,
Мазрааи донаи тавҳиди ӯст.

## МУНОҶОТИ АВВАЛ ДАР СИЁСАТ ВА ҚАҲРИ ЯЗДОН

Эй ҳама ҳастӣ зи ту пайдо шуда,
Хоки заиф аз ту тавоно шуда.
Зернишини аламат коинот,
Мо ба ту қоим, чу ту қоим ба зот.
Ҳастии ту сурату пайванд не,
Ту ба касу кас ба ту монанд не.
Он чи тағайюр напазирад, туӣ,
В-он ки намурдасту намирад, туӣ.
Мо ҳама фонию бақо бас туrост,
Мулки таолову тақаддус туrост.

Хок ба фармони ту дорад сукун,
Қуббати хазро ту кунӣ бесутун.
Ҷуз ту фалакро хами чавгон кӣ дод,
Деги ҷасадро намаки ҷон кӣ дод?!
Чун қидамат бонг бар аблақ занад,
Ҷуз ту кӣ ёрад, ки «аналҳақ» занад?!
Рафтӣ, агар н-омадӣ ороми ту,
Тоқати ишқ аз кашиши номи ту.
То карамат роҳи ҷаҳон баргирифт.
Пушти замин бори гарон баргирифт.
Гар на зи пушти карамат зода буд,
Нофи замин аз шикам афтода буд.
Икди парастиш зи ту гирад низом,
Ҷуз ба ту-бар ҳаст парастиш ҳаром.
Ҳар кӣ на гӯёй ту, хомӯш беҳ,
Ҳар чӣ на ёди ту, фаромӯш беҳ.
Соқии шаб дасткаши ҷоми туст,
Мурғи саҳар дастхуши номи туст.
Парда барандозу бурун ой фард,
Гар манам, он парда ба ҳам дарнаворд.
Аҷзи фалакро ба фалак вонамой,
Икди ҷаҳонро зи ҷаҳон вокушой.
Насх кун ин ояти айёмро,
Масх кун ин сурати аҷромро.
Ҳарфи забонро ба қалам боздеҳ,
Воми заминро ба адам боздеҳ!
Зулматиёнро буна бенур кун,
Ҷавҳариёнро зи араз дур кун!
Курсии шашгӯша ба ҳам даршикан,
Минбари нуҳпоя ба ҳам дарфикан!
Ҳуққаи Маҳ бар гили ин муҳра зан,
Санги Зуҳал бар қадаҳи Зуҳра зан!
Дона кун ин икди шабафрӯзро,
Пар шикан ин мурғи шабу рӯзро.
Аз замӣ ин пуштаи гил бартарош,
Қолиби як хишт замин, гӯ мабош!
Гарди шаб аз ҷабҳаи гардун бирез,
Ҷабҳа бияфт, ахбия, гӯ, бармахез!
То кай аз ин роҳи нави рӯзгор?!

Пардаи он роҳи қадимӣ биёр!
Тарҳ барандозу бурун кун, бурун
Гардани чарх аз ҳаракоту сукун!
Об бирез оташи бедодро,
Зертар аз хок нишон бодро!
Дафтари афлокшиносон бисӯз,
Дидаи хуршедпарастон бидӯз.
Сифр кун ин бурҷ зи ҷирми ҳилол,
Боз кун ин парда зи мушти хаёл.
То ба ту иқрори худоӣ диҳанд,
Бар адами хеш гувоӣ диҳанд.
Ғунча камар баста, ки мо бандаем,
Гул ҳама тан ҷон, ки ба ту зиндаем.
Бедият аст, он ки ту хун резияш,
Бебадал аст, он ки ту овезияш.
Манзили шабро ту дароз оварӣ,
Рӯзи фурӯрафта ту боз оварӣ.
Гарчи кунӣ қаҳр басе рози мо,
Рӯи шикоят на касеро зи мо.
Равшании ақл ба ҷон додаӣ,
Чошнии дил ба забон додаӣ.
Чарх равиш, қутб субот аз ту ёфт,
Боғи вуҷуд Оби Ҳаёт аз ту ёфт.
Ғамзаи насрин на зи боди сабост,
К-аз асари хоки туаш тӯтиёст.
Пардаи савсан, ки масобеҳи туст,
Ҷумла забон аз паи тасбеҳи туст.
Банда Низомӣ, ки якегӯи туст,
Дар ду ҷаҳон хоки сари кӯи туст.
Хотираш аз маърифат обод кун,
Гарданаш аз доми ғам озод кун!

## МУНОҶОТИ ДУВУМ
## ДАР БАХШИШ ВА АВФИ ЯЗДОН

Эй ба азал будаву нобуда мо
В-эй ба абад мондаву фарсуда мо.
Давр ҷанибаткаши фармони туст,
Суфти фалак ғошиягардони туст.
Ҳалқазани хонабадӯши туем,
Чун дари ту ҳалқабагӯши туем.

Доғи ту дорему саги доғдор
Менапазиранд шаҳон дар шикор.
Ҳам ту пазирӣ, ки зи боғи туем,
Қумрии тавқу саги доғи туем.
Бетамаъем аз ҳама созандае,
Ҷуз ту надорем навозандае.
Аз паи туст ин ҳама уммеду бим,
Ҳам ту бибахшою бибахш, эй карим.
Чораи мо соз, ки бедоварем,
Гар ту биронӣ, ба кӣ рӯй оварем?
Ин чӣ забону чӣ забонронӣ аст,
Гуфтаву ногуфта пушаймонӣ аст.
Дил зи куҷо в-ин пару бол аз куҷо?
Ман киву таъзими ҷалол аз куҷо?
Ҷон ба чӣ дил роҳ дар ин баҳр кард,
Дил ба чӣ густохӣ аз ин чашма х(в)ард.
Дар сифатат гунг фурӯ мондаем,
«Ман арафаллоҳ» фурӯ хондаем.
Чун хиҷилем аз сухани хоми хеш,
Ҳам ту биёмурз ба инъоми хеш,
Пеши ту гар бе сару по омадем,
Ҳам ба умеди ту, Худо, омадем.
Ёр шав, эй мӯниси ғамхорагон,
Чора кун, эй чораи бечорагон.
Қофила шуд, вопасии мо бибин,
Эй каси мо, бекасии мо бибин.
Бар кӣ панохем, туӣ беназир,
Дар кӣ гурезем, туӣ дастгир.
Ҷуз дари ту қибла нахоҳем сохт,
Гар нанавозӣ ту, кӣ хоҳад навохт?
Даст чунин пеш кӣ дорад, ки мо
Зорӣ аз ин беш кӣ дорад, ки мо?
Даргузар аз ҷурм, ки хоҳандаем,
Чораи мо кун, ки паноҳандаем.
Эй шарафи номи Низомӣ ба ту,
Хоҷагии ӯст ғуломӣ ба ту.
Нузли таҳийят ба забонаш расон,
Маърифати хеш ба ҷонаш расон!

## ДАР НАЪТИ РАСУЛИ АКРАМ

Тахтаи аввал, ки «алиф» нақш баст,
Бар дари маҳҷубаи Аҳмад нишаст.
Ҳалқаи «ҳе»-ро к-«алиф» иқлим дод,
Тавқ зи «дол»-у камар аз «мим» дод.
Лоҷарам, ӯ ёфт аз он «мим»- «дол»
Доираи давлату хатти камол.
Буд дар ин гунбади фирӯзахишт
Тозатурунҷе зи сарои биҳишт.
Расми турунҷ аст, ки дар рӯзгор
Пеш диҳад мева, пас орад баҳор.
«Кунту набиян» чу алам пеш бурд,
Хатми нубувват ба Муҳаммад супурд.
Маҳ, ки нигиндони забарҷад шудаст,
Хотами ӯ муҳри Муҳаммад шудаст.
Гӯши ҷаҳон халқакаши «мим»-и ӯст,
Худ ду ҷаҳон ҳалқаи таслими ӯст.
Хоҷаи массоҳу Масеҳаш ғулом,
Он-т Башир, ин-т Мубашшир ба ном.
Уммии гӯё ба забони фасеҳ,
Аз «алиф»-и Одаму «мим»-и Масеҳ.
Ҳамчу «алиф» рост ба аҳду вафо,
Аввалу охир шуда бар анбиё.
Нуқтаи равшантари паргоркун,
Нуқтаи паргортарини сухун.
Аз  сухани ӯ адаб овозае
В-аз камари ӯ фалак андозае.
Кибри ҷаҳон гарчи ба сар барнакард,
Сар ба ҷаҳон ҳам ба ҷаҳон дарнакард.
Исматиён дар ҳарамаш пардагӣ,
Исмат аз ӯ ёфта парвардагӣ.
Турбаташ аз дида ҷиноятситон,
Ғурбаташ аз Макка ҷибоятситон.
Хомушии ӯ сухани дилфурӯз,
Дӯстии ӯ ҳунари айбсӯз.
Фитна фурӯ куштан аз ӯ дилпазир,
Фитна шудан низ бар ӯ ногузир.
Бар ҳама сархайлу сари хайр буд,
Қутби гаронсанг сабуксайр буд.
Шамъи илоҳӣ зи дил афрӯхта,
Дарси азал то абад омӯхта.

Чашмаи хуршед, ки мӯҳтоҷи ӯст,
Ним ҳилол аз шаби меъроҷи ӯст.
Тахтнишини шаби меъроҷ буд,
Тахтнишони камару тоҷ буд.
Дода фарохӣ нафаси тангро,
Наъл зада хинги шабоҳангро.
Аз паи бозомаданаш пойбаст,
Мавкибиёни сухан аблақ ба даст.
Чун таки аблақ ба тамомӣ расид,
Ғошиядорӣ ба Низомӣ расид.

## ДАР МЕЪРОҶ

Нимшабон, к-он малики Нимрӯз
Кард равон машъали гетифурӯз,
Нуҳ фалак аз дида аморӣ-ш кард,
Зуҳраву маҳ машъалдорӣ-ш кард.
Кард раҳо дар ҳарами коинот,
Ҳафт хату чор ҳаду шаш ҷиҳот.
Рӯз шуда бо қадамаш дар видоъ,
З-омаданаш омада шаб дар самоъ.
Дидаи ағёр гаронхоб шуд,
К-ӯ сабук аз хоб инонтоб шуд.
Бо қафаси қолиб аз ин домгоҳ
Мурғи дилаш рафта ба оромгоҳ.
Мурғи парандохта, яъне малак,
Хирқа дарандохта, яъне фалак.
Мурғи илоҳӣ-ш қафаспар шуда,
Қолибаш аз қалб сабуктар шуда.
Гом ба гом ӯ чӣ таҳаррук намуд,
Мил ба милаш ба табаррук рабуд.
Чун ду ҷаҳон дида бар ӯ дошанд,
Сар зи паи саҷда фурӯ доштанд,
Пояш аз он поя, ки сар пеш дошт,
Марҳала бар марҳала сад беш дошт.
Рахши баландохураш афканд паст,
Ғошияро бар китифи ҳар кӣ баст.
Баҳри замин кон шуду ӯ гавҳараш,
Бурд сипеҳр аз паи тоҷи сараш,
Гавҳари шабро ба шаби анбарин
Гови фалак бурда зи гови замин.

Ӯ ситада пешкаши он сафар
Аз Саратон тоҷу зи Ҷавзо камар.
Хӯша, к-аз ӯ сунбули тар сохта,
Сунбуларо бар Асад андохта.
То шаби ӯро чӣ қадар қадр ҳаст,
Зуҳраи шаб санги тарозу ба даст.
Санги варо карда тарозу суҷуд,
З-он ки ба миқдори тарозу набуд.
Рехта нӯш аз дари сисанбарӣ
Бар думи ин ақраби нилуфарӣ.
Чун зи камон тири шакарзахма рехт,
Заҳр зи бузғолаи хонаш гурехт.
Юсуфи далвӣ шуда чун офтоб,
Юнуси ҳутӣ шуда чун далви об.
То ба ҳамал тахт Сурайё зада,
Лашкари гул хайма ба саҳро зада.
Аз гули он равзаи боғи рафеъ
Рубъи замин ёфта ранги рабеъ.
Ушри адаб хонда зи сабъи само,
Узри қидам хоста аз анбиё.
Ситри кавокиб қадамаш медарид,
Сифти малоик аламаш мекашид.
Нофи шаб оганда зи мушки лабаш,
Наъли маҳ афканда суми маркабаш.
Дар шаби торик бад-он иттифоқ
Барқ шуда пӯяи пои Буроқ.
Кабкваш-он бози кабӯтарнамой
Фохтарав гашт ба фарри ҳумой.
Сидра шуда судраи пероҳанаш,
Арш гиребон зада дар доманаш.
Шаб шуда рӯз, ин-т наҳоре шигарф,
Гул шуда сарв, ин-т баҳоре шигарф.
З-он гулу з-он наргис, к-он боғ дошт,
Наргиси ӯ сурмаи «мозоғ» дошт.
Чун гул аз ин пояи фирӯзафарш
Даст ба даст омад то соқи арш.
Ҳамсафаронаш сипар андохтанд,
Бол шикастанду пар андохтанд.
Ӯ ба таҳайюр чу ғарибони роҳ
Ҳалқазанон бар дари он боргоҳ.
Парданишинон, ки дараш доштанд,
Ҳавдаҷи ӯ яктана бигзоштанд.

Рафт бад-он роҳ, ки ҳамраҳ набуд,
Ин қадамаш з-он қадам огаҳ набуд.
Ҳар кӣ ҷуз ӯ бар дари он роз монд,
Ӯ ҳам аз омезиши худ бозмонд.
Бар сари ҳастӣ қадамаш тоҷ буд,
Арш бад-он моида муҳтоҷ буд.
Чун ба ҳама ҳарф қалам даркашид,
З-остии арш алам баркашид.
То тани ҳастӣ дами ҷон мешумурд,
Хоҷаи ҷон роҳ ба тан месупурд.
Чун бунаи арш ба поён расид,
Кори дилу ҷон ба дилу ҷон расид.
Тан ба гуҳархонаи аслӣ шитофт,
Дида чунон шуд, ки хаёлаш наёфт.
Дида, ки нури азалӣ боядаш,
Сар ба хаёлот фурӯ н-оядаш.
Роҳи қидам пеши қадам даргирифт,
Пардаи хилқат зи миён баргирифт.
Кард, чу раҳ рафт зи ғоят фузун,
Сар зи гиребони табиат бурун.
Ҳимматаш аз ғояти равшандилӣ
Омада дар манзили беманзилӣ.
Ғайрат аз ин парда миёнаш гирифт,
Ҳайрат аз он гӯша иронаш гирифт.
Парда дарандохта дасти висол,
Аз дари таъзими сарои ҷалол.
Пои шуд-омад ба сар андохта,
Ҷон ба тамошо назар андохта.
Рафт, вале заҳмати пое надошт,
Ҷаст, вале рухсати ҷое надошт,
Чун сухан аз худ бадар омад тамом,
То суханаш ёфт қабули салом.
Ояти нуре, ки заволаш набуд,
Дид ба чашме, ки хаёлаш набуд.
Дидани ӯ беаразу ҷавҳар аст,
К-аз аразу ҷавҳар азонсӯтар аст.
Мутлақ аз он ҷо, ки писандиданист,
Дид Худорову худодид нест.
Диданаш аз дида набояд ниҳуфт,
Кӯрии он кас, ки надида бигуфт.
Дид паямбар на ба чашми дигар,
Балки бад-ин чашми сар ин чашми сар,

Дидани он парда маконе набуд,
Рафтани он роҳ замоне набуд.
Ҳар кӣ дар он парда назаргоҳ ёфт,
Аз ҷиҳати беҷиҳатӣ роҳ ёфт.
Ҳаст, валекин на муқаррар ба ҷой,
Ҳар кӣ чунин нест, набошад Худой.
Куфр бувад, нафйи суботаш макун,
Ҷаҳл бувад, вақфи ҷиҳоташ макун!
Хӯрд шаробе, ки ҳақ омехта,
Ҷуръаи он дар гили мо рехта.
Лутфи азал бо нафасаш ҳамнишин,
Раҳмати ҳақ нозкаш, ӯ нозанин.
Лаб ба шакарханда биёроста,
Умматй худро ба дуо хоста.
Ҳимматаш аз ганҷ тавонгар шуда,
Ҷумлаи мақсуд муяссар шуда.
Пуштқавӣ гашта аз он боргоҳ,
Рӯй даровардa бад-ин коргоҳ.
З-он сафари ишқ ниёз омада,
Дар нафасе рафтаву боз омада.
Эй суханат муҳри забонҳои мо,
Бӯи ту ҷондоруи ҷонҳои мо.
Даври сахоро ба тамомӣ расон,
Хатми суханро ба Низомӣ расон!

## НАЪТИ АВВАЛ

Шамсаи нуҳ маснади ҳафт ахтарон,
Хатми русул, хотами пайғамбарон.
Аҳмади мурсал, ки хирад хоки ӯст,
Ҳар ду ҷаҳон бастаи фитроки ӯст.
Тозатарин сунбули саҳрои ноз,
Хосатарин гавҳари дарёи роз.
Сунбули ӯ Сунбулаи рӯзтоб,
Гавҳари ӯ лаългари офтоб.
Хандаи хуш з-он назадӣ шаккараш,
То набарад оби садаф гавҳараш.
Гавҳари ӯ чун дили санге нахаст,
Санг чаро гавҳари ӯро шикаст?
Кард ҷудо санги маломатгараш
Гавҳаре аз раҳгузари гавҳараш.

Ёфт фарохӣ гуҳар аз дурҷи танг,
Нест аҷаб зодани гавҳар зи санг.
Оре, аз он ҷо ки дили санг буд,
Хушкии савдо-ш дар оҳанг буд.
Кай шуда ин санг муфарриҳгазой,
Гар нашудӣ дуршикану лаълсой?!
Сими дият буд магар сангро,
К-омаду ҳаст он даҳани тангро.
Ҳар гуҳаре, к-аз даҳани санг хост,
Бо лабаш аз ҷумлаи дандон баҳост.
Гавҳари сангин, ки замин кони ӯст,
Кай дияти гавҳари дандони ӯст?
Фатҳ ба дандондияташ ҷонканон,
Аз буни дандон шуда дандонканон.
Чун даҳан аз санг ба хуноба шуст,
Номи карам кард ба худ-бар дуруст.
Аз буни дандон сари дандон гирифт,
Дод ба шукрона, ками он гирифт.
З-орзуи дошта дандон гузошт,
К-аз ду ҷаҳон хеҷ ба дандон надошт.
Дар сафи новардгаҳи лашкараш
Даст алам буду забон ханҷараш.
Ханҷари ӯ сохта дандоннисор,
Хун набувад ханҷари дандонадор.
Ин ҳама чӣ, то карамаш бинигаранд,
Хор ниҳанд, аз гули ӯ бар х(в)аранд.
Боғ пур аз гул, сухани хор чист?
Ришта пур аз муҳра, думи мор чист?
Бо думи товус ками зоғ гир,
Бо дами булбул тарафи боғ гир!
Табъи Низомӣ, ки бад-ӯ чун гул аст,
Бар гули ӯ нағзнаво булбул аст.

## НАТЪИ ДУВУМ

Эй тани ту поктар аз ҷони пок,
Рӯҳи ту парвардаи «рӯҳӣ фидок».
Нуқтагаҳи хонаи раҳмат туӣ,
Хонабари нуқтаи заҳмат туӣ.
Роҳравони арабиро ту моҳ,
Тоҷварони аҷамиро ту шоҳ.

Раҳ ба ту ёбанду ту раҳдеҳ наӣ,
Меҳтари деҳ худ туву дар деҳ наӣ.
Чун ту каримон, ки тамошо кунанд,
Рустии танҳо на ба танҳо кунанд.
Аз сари хоне, ки рутаб х(в)ардаӣ,
Аз паи мо залла чӣ овардаӣ?
Лаб бикушо, то ҳама шаккар хӯранд,
З-оби даҳонат рутаби тар хӯранд.
Эй шаби гесӯи ту рӯзи наҷот,
Оташи савдои ту Оби Ҳаёт.
Ақл шуда шефтаи рӯи ту,
Силсилаи шефтагон мӯи ту.
Чарх зи тавқи карамат бандае,
Субҳ зи хуршеди рухат хандае.
Олами тар домани хушк аз ту ёфт,
Нофи замин нофаи мушк аз ту ёфт.
Аз асари хоки ту мушкинғубор
Пайкари он бум шуда мушкбор.
Хоки ту аз боди Сулаймон беҳ аст,
Равза чӣ гӯям, ки зи ризвон беҳ аст.
Каъба, ки саҷҷодаи такбири туст,
Ташнаи ҷуллоби табошири туст.
Тоҷи туву тахти ту дорад ҷаҳон,
Тахт замин омаду тоҷ осмон.
Соя надорӣ ту, ки нури маҳӣ,
Рав ту, ки худ сояи нураллаҳӣ.
Чор алам рукни мусулмоният,
Панҷ дуо навбати султоният.
Хоки залилон шуда гулшан ба ту,
Чашми ғарибон шуда равшан ба ту.
То қадамат дар шаби гесӯфишон
Бар сари гардун шуда доманкашон,
Пурзару дур гашта зи ту доманаш,
Хиштаки зар сӯзани пероҳанаш.
Дар садафи субҳ ба дасти сафо
Ғолияи бӯи ту сояд сабо.
Лоҷарам он ҷо, ки сабо тохта,
Лашкари анбар алам андохта.
Бӯй, к-аз он анбари ларзон диҳӣ,
Гар ба ду олам диҳӣ, арзон диҳӣ.
Сидра зи ороиши судрат зиҳест,
Арш дар айвони ту курсиниҳест.

Равзани ҷонат, чу бувад субҳтоб,
Зарра бувад арш дар он офтоб.
Гарна зи субҳ оина берун фитод,
Нури ту бар хоки замин чун фитод?
Эй ду ҷаҳон, зери замин аз чӣ?
Ганҷ наӣ, хокнишин аз чӣ?
То ту ба хок андарӣ, эй ганҷи пок,
Шарт бувад ганҷ супурдан ба хок.
Ганҷи туро фақри ту вайрона бас,
Шамъи туро зилли ту парвона бас.
Чархи муқаввас ҳадафи роҳи туст,
Чанбари далваш расани чоҳи туст.
Ин дутарафгарди сапеду сиёҳ
Роҳи туро пайк зи пайкони роҳ.
Ақл шафоҷӯю табибаш туӣ,
Моҳ сафарсозу ғарибаш туӣ.
Хезу шаби мунтазирон рӯз кун,
Табъи Низомӣ тарабафрӯз кун.

## НАЪТИ СЕВУМ

Эй маданибурқаъу маккиниқоб,
Соянишин чанд бувад офтоб?
Гар маҳӣ, аз меҳр ту мӯе биёр
В-ар гулӣ, аз боғ ту бӯе биёр!
Мунтазиронро ба лаб омад нафас,
Эй зи ту фарёд, ба фарёд рас!
Сӯи Аҷам рон, манишин дар Араб,
Зардаи рӯз инаку шабдези шаб.
Мулк баророю ҷаҳон тоза кун,
Ҳар ду ҷаҳонро пур аз овоза кун!
Сикка ту зан, то умаро кам зананд,
Хутба ту хон, то хутабо дам зананд.
Хоки ту бӯе ба вилоят супурд,
Боди нифоқ омаду он бӯй бурд.
Бозкаш ин маснад аз осудагон,
Ғусл деҳ ин минбар аз олудагон.
Хонаи ғӯланд, бипардозашон,
Дар ғуладони адам андозашон.
Кам кун аҷре, ки зиёдат х(в)аранд,
Хос кун иқтоъ, ки ғоратгаранд.

Мо ҳама ҷисмем, биё, ҷон ту бош,
Мо ҳама мӯрем, Сулаймон ту бош.
Аз тарафе рахнаи дин мекунанд
В-аз дигар атроф камин мекунанд.
Шаҳна туӣ, қофила танҳо чарост,
Қалб ту дорӣ, алам он ҷо чарост?
Ё Алие дар сафи майдон фирист,
Ё Умаре дар раҳи шайтон фирист.
Шаб ба сари моҳи ямонӣ дарор,
Сар чу маҳ аз бурди ямонӣ барор.
Бо ду-се дар банди камарбанд бош,
Камзани ин камзадаи чанд бош.
Понсаду панҷоҳ бас айёми хоб,
Рӯз баланд аст, ба маҷлис шитоб!
Хез, бифармой Сирофилро,
То бидамад ин ду-се қандилро!
Хилватии пардаи асрор шав,
Мо ҳама хуфтем, ту бедор шав!
З-офати ин хонаи офатпазир
Даст баровар, ҳамаро даст гир!
Ҳар чӣ ризои ту ба ҷуз рост нест,
Бо ту касеро сари вохост нест.
Гар назар аз роҳи иноят кунӣ,
Ҷумла муҳиммот кифоят кунӣ.
Доира бинмой ба ангушти даст,
То ба ту бахшида шавад, ҳар чӣ ҳаст.
Бо ту тасарруф кӣ кунад вақти кор
Аз паи омурзиши миште ғубор?!
Аз ту яке парда барандохтан
В-аз ду ҷаҳон хирқа дарандохтан.
Мағзи Низомӣ, ки хабарҷӯи туст,
Зиндадил аз ғолияи бӯи туст.
Аз нафасаш бӯи вафое бибахш,
Мулки Фаридун ба гадое бибахш.

## НАЪТИ ЧАҲОРУМ

Эй гуҳари тоҷи фиристодагон,
Тоҷдиҳи гавҳари озодагон.
Ҳар чӣ зи бегонаву хайли туанд,
Ҷумла дар ин хона туфайли туанд.

Аввали байт арчи ба номи ту баст,
Номи ту чун қофия охир нишаст.
Ин деҳи вайрон, чу ишорат расид,
Аз туву Одам ба иморат расид.
Он чи бад-ӯ хона навоин бувад,
Хишти пасин в-оби нахустин бувад.
Одаму Нӯҳӣ, на беҳ аз ҳар дуӣ,
Мурсилаи як гиреҳ аз ҳар дуӣ.
Одам аз он дона, ки шуд хайзадор,
Тавба шудаш гулшакари хушгувор.
Тавбаи дил дар чаманаш бӯи туст,
Гулшакараш хоки сари кӯи туст.
Дил зи ту чун гулшакари тавба х(в)ард,
Гулшакар аз гулшакарӣ тавба кард.
Гӯи қабуле зи азал сохтанд,
Дар сафи майдони дил андохтанд.
Одами навзахма даромад ба пеш,
То барад он гӯй ба чавгони хеш.
Борагияш чун ақиби хӯша рафт,
Гӯй фурӯ монду фаро гӯша рафт.
Нӯҳ, ки лабташна ба Ҳайвон расид,
Чашма ғалат карду ба тӯфон расид.
Маҳди Бироҳим, чӣ рой уфтод,
Нимраҳ омад,  ду-се ҷой уфтод.
Чун дили Довуд нафас танг дошт,
Дархури ин зер бам оҳанг дошт.
Дошт Сулаймон адаби худ нигоҳ,
Мамлакатолуда наҷуст ин кулоҳ.
Юсуф аз он чоҳ аёне надид,
Ҷуз расану далв нишоне надид.
Хизр инон з-ин сафари хушк тофт,
Домани худ таршудаи чашма ёфт.
Мӯсӣ аз ин ҷом тиҳӣ дид даст,
Шиша ба куҳпояи «арнӣ» шикаст.
Азми Масеҳо на ба ин дона буд,
К-ӯ зи дарун туҳматии хона буд.
Ҳам ту фалак тарҳ дарандохтӣ,
Соя бар ин кор барандохтӣ.
Муҳр шуд ин нома ба унвони ту,
Хатм шуд ин хутба ба даврони ту.

Хезу бех аз чарх мадоре бикун,
Ӯ накунад кори ту, коре бикун!
Хатти фалак хиттаи майдони туст,
Гӯи замин дар хами чавгони туст.
То зи адам гарди фано барнахост,
Метаку метоз, ки майдон турост.
Кист фано, к-об зи ҷомат барад,
Ё адами сифла, ки номат барад.
Пои адам дар адам овора кун,
Дасти фаноро ба фано пора кун!
Эй нафасат нутқи забонбастагон,
Марҳами савдои ҷигархастагон,
Ақл ба шаръи ту зи дарёи хун
Киштии ҷон бурд ба соҳил дарун.
Қиблаи нӯҳ чарх ба кӯят дар аст,
Абҳари шашрӯза ба мӯят дар аст.
Мулк чу мӯят ҳама дар ҳам шавад,
Гар сари мӯе зи сарат кам шавад.
Беқалам аз пӯст бурунхон туӣ,
Бесухан аз мағз дарундон туӣ.
З-он назад ангушти ту бар ҳарф пой,
То нашавад ҳарфи ту ангуштсой.
Ҳарфи ҳама халқ шуд ангуштрас,
Ҳарфи ту бе заҳмати ангушти кас.
Писти шакар гашт ғубори дарат,
Писташу уннob шуда шаккарат.
Як кафи писти ту ба саҳрои ишқ
Барги чиҳилрӯза тамошои ишқ.
Тозатарин субҳи наҷотӣ маро,
Хоки туам, к-Оби Ҳаётӣ маро.
Хоки ту худ равзаи ҷони ман аст,
Равзаи ту ҷону ҷаҳони ман аст.
Хоки ту дар чашми Низомӣ кашам,
Ғошия бар дӯши ғуломӣ кашам.
Бар сари он равзаи чун ҷони пок
Хезам чун боду нишинам чу хок,
То чу сарон ғолияи тар кунанд,
Хоки маро ғолияи сар кунанд.

## ДАР МАДҲИ МАЛИК ФАХРУДДИН БАҲРОМШОҲ ИБНИ ДОВУД

Ман, ки дар ин доираи даҳрбанд
Чун гираҳи нуқта шудам шаҳрбанд,
Дастраси пойкушоӣ-м нест,
Соя, вале фарри ҳумоӣ-м нест.
Пой фурӯ рафта бад-ин хок-дар,
Бо фалакам даст ба фитрок-дар.
Фарқ ба зери қадам андохтам
В-аз сари зону қадаме сохтам.
Гашта зи бас равшании рӯи ман
Оинаи дил сари зонуи ман.
Ман, ки ба ин оина пардохтам,
Оинаи дида дарандохтам.
То зи кадом оина тобе расад,
Ё зи кадом оташам обе расад?
Чун назари ақл ба рои дуруст
Гирди ҷаҳон даст баровард чуст,
Дид аз он моя, ки дар ҳиммат аст,
Поядиҳеро, ки валинеъмат аст.
Шоҳи қавитолеи фирӯзчанг,
Гулбуни ин равзаи фирӯзранг,
Хизри сикандарманиши чашмарой,
Қутби расадбанди Миҷастикушой.
Он ки зи мақсуди вуҷуд аввал аст
В-ояти мақсуд бад-ӯ мунзал аст.
Шоҳи фалактоҷи сулаймоннигин,
Мафхари офоқ-малик Фахридин,
Нисбати довудии ӯ карда чуст,
Бар шарафаш номи Сулаймон дуруст.
Рояти Исҳоқ аз ӯ олӣ аст,
Зиддаш агар ҳаст, симоилӣ аст,
Якдилаи шашҷиҳату ҳафтгоҳ,
Нуқтаи нуҳ доира-Баҳромшоҳ.
Он ки зи баҳромии ӯ вақти зӯр
Гӯр бувад баҳраи Баҳроми Гӯр.
Мафхари шоҳон ба тавонотарӣ,
Номвари даҳр ба донотарӣ.
Хоскуни мулки ҷаҳон бар умум,
Ҳам малики Армману ҳам шоҳи Рум.

Салтанатавранги хилофатсарир
Румситонандаи Абхозгир.
Олиму одилтари аҳли вуҷуд,
Муҳсину мукримтари абнои ҷуд.
Дин фалаку давлати ӯ ахтар аст,
Мулк садаф, хоки дараш гавҳар аст.
Чашмаву дарёст ба моҳию дур,
Чашмаи осудаву дарёи пур.
Бо кафаш ин чашмаи симобрез
Хонда чу симоб гурезогурез.
Хандазанон аз камараш лаъли ноб
Бар камари лаълкаши офтоб.
Офати ин панҷараи лоҷвард
Панҷа дар ӯ зад, ки дар ӯ панҷа кард.
Кӯси фалакро ҷарасаш бишканад,
Шишаи маҳро нафасаш бишканад.
Хубсароғозтар аз хуррамӣ,
Нексаранҷомтар аз мардумӣ.
Ҷоми сахоро, ки кафаш соқӣ аст,
Боқӣ бодо, ки ҳамин боқӣ аст.

## ДАР ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Эй шарафи гавҳари одам ба ту,
Равшании дидаи олам ба ту.
Чарх, ки як пушт зафарсози туст,
Нуҳ шикам обистани як нози туст.
Гӯши ду моҳӣ забару зери ту,
Шуд садафи гавҳари шамшери ту.
Маҳ, ки ба шаб теғ дарандохта-ст,
Бо сари теғат сипар андохта-ст.
Чашмаи теғи ту чу оби Фурот
Рехта қарробаи Оби Ҳаёт.
Ҳар кӣ ба тӯфони ту хобаш барад
В-ар ба масал Нӯҳ шуд, обаш барад.
Ҷоми ту Кайхусрави Ҷамшедҳуш,
Рӯи ту парвонаи хуршедкуш.
Шердилӣ кун, ки далерафканӣ,
Шер, хато гуфтам, шерафканӣ.
Чарх зи шерони чунин бешае
Аз ту кунад бештар андешае.

Он дилу он заҳра киро дар масоф,
К-аз дилу аз заҳра занад бо ту лоф?!
Ҳар чӣ ба зери фалаки азрақ аст,
Дасти муроди ту бар ӯ мутлақ аст.
Дастнишон аст туро чанд кас,
Дастнишини ту фаришта-сту бас.
Давр ба ту хотами даврон набишт,
Бод ба хоки ту Сулаймон набишт.
Эзад, к-ӯ дод ҷавонию мулк,
Мулк туро дод, ту дониву мулк.
Хок ба иқболи ту зар мешавад,
Заҳр ба ёди ту шакар мешавад.
Май, ки Фаридун накунад бо ту нӯш,
Риштаи Заҳҳок бад орад зи дӯш.
Меҳӯр май, мутрибу соқӣ-т ҳаст,
Ғам чӣ хӯрӣ? Давлати боқӣ-т ҳаст.
Мулкҳифозию салотинпаноҳ,
Соҳиби шамшерию соҳибкулоҳ.
Гарчи ба шамшери салобатпазир
Тоҷситон омадию тахтгир,
Чун хулафо ганҷфишонӣ кунӣ,
Тоҷ диҳӣ, тахтситонӣ кунӣ.
Ҳаст сари теғи ту болои тоҷ,
Аз маликон чун наситонӣ хироҷ?
Тахтбар он сар, ки бар ӯ пои туст,
Бахтвар он дил, ки дар ӯ ҷои туст.
Ҷуғд ба даври ту ҳумоӣ кунад,
Сар, ки расад пеши ту, поӣ кунад.
Мункири маъруфи ҳидоятшуда
Аз ту шикоят ба шикоят шуда.
Дар суми рахшат зи заминрост бех,
Хасми ту чун наъл шуда чормех.
Ҳафт фалак бо гуҳарат ҳуққае,
Ҳашт биҳишт аз аламат шуққае.
Ҳар кӣ на дар ҳукми ту бошад сараш,
Бар сараш афсор шавад афсараш.
Дар ҳама фан соҳиби як фан туӣ,
Ҷони ду олам ба яке тан туӣ.
Гӯши сахоро адабомӯз кун,
Шамъи суханро нафасафрӯз кун.
Хилъати гардун ба ғуломӣ фирист,
Бӯи қабулӣ ба Низомӣ фирист.

Гарчи сухан фарбиҳу ҷонпарвар аст,
Чунки ба хони ту расад, лоғар аст.
Бе гуҳару лаъл шуд ин баҳру кон,
Гавҳараш аз каф диҳу лаъл аз даҳон.
В-он ки ҳасуд аст, бар ӯ бе дареғ
Лаъл зи пайкон диҳу гавҳар зи теғ.
Чун фалакат толеи масъуд дод,
Оқибати кори ту маҳмуд бод!
Сохтаву сӯхта дар роҳи ту,
Сохта ман, сӯхта бадхоҳи ту.
Фатҳи ту сар чун алам афрохта,
Хасми ту сар чун қалам андохта.

## ДАР МАҚОМУ МАРТАБАТИ ИН НОМА

Ман, ки сарояндаи ин навгулам,
Боғи туро нағмасаро булбулам.
Дар раҳи ишқат нафасе мезанам,
Бар сари кӯят ҷарасе мезанам.
Орияти кас напазируфтаам,
Он чи дилам гуфт, бигӯ, гуфтаам.
Шуъбадаи тоза барангехтам,
Ҳайкале аз қолиби нав рехтам.
Субҳдаме чанд адаб омӯхтам,
Пардаи сеҳри саҳарӣ дӯхтам.
Мояи дарвешию шоҳи дар ӯ,
Махзани асрори илоҳӣ дар ӯ.
Бар шакари ӯ нанишаста магас,
На магаси ӯ шакаролуди кас.
Нӯҳ дар ин баҳр сипар бифканад,
Хизр дар ин чашма сабӯ бишканад.
Бар ҳама шоҳон зи паи ин ҷамол
Қуръа задам, номи ту омад ба фол.
Нома ду омад зи ду номусгоҳ,
Ҳар ду мусаҷҷал ба ду Баҳромшоҳ.
Он заре аз кони куҳан рехта
В-ин дуре аз баҳри нав ангехта.
Он ба дар оварда зи Ғазнӣ алам
В-ин зада бар сиккаи румӣ рақам.
Гарчи дар он сикка сухан чун зар аст,
Сиккаи зарри ман аз он беҳтар аст.

Гар кам аз он шуд бунаву бори ман,
Беҳтар аз он аст харидори ман.
Шева ғариб аст, машав номуҷиб,
Гар бинавозӣ-ш, набошад ғариб,
К-ин сухани растатар аз нақши боғ
Ориятафрӯз нашуд чун чароғ.
Ӯст дар ин деҳ зи деҳ ободтар,
Тозатар аз чарху куҳанзодтар.
Ранг надорад зи нишоне, ки ҳаст,
Рост наёяд ба забоне, ки ҳаст.
Хони туро ин ду навола сухун
Дастнакарда-ст, бар ӯ даст кун.
Гар намакаш ҳаст, бихур, нӯш бод
В-арна, зи ёди ту фаромӯш бод!
Бо фалак он шаб, ки нишинӣ ба хон,
Пеши ман афкан қадаре устухон,
К-охир, лофи сагият мезанам,
Дабдабаи бандагият мезанам.
Аз маликоне, ки вафо дидаам,
Бастани худ бар ту писандидаам.
Хидматам охир ба вафое кашад,
Ҳам сари ин ришта ба ҷое кашад.
Гарчи бад-ин даргаҳи пояндагон
Рӯй ниҳоданд ситояндагон,
Пеши Низомӣ ба ҳисоб истанд,
Ӯ дигар аст, ин дигарон кистанд?
Ман, ки дар ин манзилашон мондаам,
Марҳалае пештарак рондаам.
Теғ зи алмоси забон сохтам,
Ҳар кӣ пас омад, сараш андохтам.
Теғи Низомӣ, ки сарандоз шуд,
Кунд нашуд, гарчи куҳансоз шуд.
Гарчи худ ин пояи беҳамсарист,
Пои маро ҳамсари болотарист.
Авҷ баланд аст, дар ӯ мепарам,
Бошад, к-аз ҳиммати худ бар х(в)арам,
То магар аз равшании рои ту
Сар ниҳам он ҷо, ки бувад пои ту.
Гарди ту гирам, ки ба гардун расам,
То нарасонӣ ту маро, чун расам?!
Буд басечам, ки дар ин як-ду моҳ
Тоза кунам аҳди заминбӯси шоҳ.

Гарчи дар ин ҳалқа, ки пайвастаанд,
Роҳи бурун омаданам бастаанд,
Пеши ту аз баҳри фузун омадан,
Хостам аз пӯст бурун омадан.
Боз чу дидам, ҳама раҳ шер буд,
Пешу пасам дашнаву шамшер буд,
Лек дар ин хиттаи шамшербанд
Бар ту кунам хутба ба бонги баланд.
Оби сухан бар дарат афшондаам,
Рег манам, ин ки ба ҷо мондаам.
Заррасифат пеши ту, эй офтоб,
Бод дуои саҳарам мустаҷоб!
Гашта дилам баҳри гуҳаррези ту,
Гавҳари ҷонам камаровези ту.
То шабу рӯз аст, шабат рӯз бод,
Гавҳари шоҳӣ-т шабафрӯз бод.
Ин сарият бод ба некахтарӣ,
Беҳтар бод он сарият з-ин сарӣ.

## ГУФТОР ДАР ФАЗИЛАТИ СУХАН

Ҷунбиши аввал, ки қалам баргирифт,
Ҳарфи нахустин зи сухан даргирифт.
Пардаи хилват чу барандохтанд,
Ҷилвати аввал ба сухан сохтанд.
То сухан овозаи дил дарнадод,
Ҷон тан озода ба гил дарнадод.
Чун қалам омад-шудан оғоз кард,
Чашми ҷаҳонро ба сухан боз кард.
Бе сухан овозаи олам набуд,
Ин ҳама гуфтанду сухан кам набуд.
Дар луғати ишқ сухан ҷони мост,
Мо суханем, ин талал айвони мост.
Хатти ҳар андеша, ки пайвастаанд,
Бар пари мурғони сухан бастаанд.
Нест дар ин куҳнаи навхезтар
Мӯйшикофе зи сухан тезтар.
Аввали андеша, пасини шумор
Ҳам сухан аст, ин сухан ин ҷо бидор!
Тоҷварон тоҷвараш хондаанд
В-он дигарон он дигараш хондаанд.

Гаҳ ба навои аламаш баркашанд,
Гаҳ ба нигори қаламаш даркашанд.
Ӯ зи алам фатҳнамояндатар
В-аз қалам иқлимкушояндатар.
Гарчи сухан худ нанамояд ҷамол,
Пеши парастандаи муште хаёл.
Мо, ки назар бар сухан афкандаем,
Мурдаи ӯему бад-ӯ зиндаем.
Сардпаён оташ аз ӯ тофтанд,
Гармравон об дар ӯ ёфтанд.
Ӯст дар ин деҳ зи деҳ ободтар,
Тозатар аз чарху куҳанзодтар.
Ранг надорад зи нишоне, ки ҳаст,
Рост наёяд ба забоне, ки ҳаст.
То сухан он ҷо ки барорад алам,
Ҳарф зиёд асту забон низ ҳам.
Гарна сухан риштаи ҷон тофтӣ,
Ҷон сари ин ришта куҷо ёфтӣ?
Мулки табиат ба сухан х(в)ардаанд,
Муҳри шариат ба сухан кардаанд,
К-он сухани мову зари хеш дошт,
Ҳар ду ба саррофи сухан пеш дошт,
К-аз сухани тозаву зарри куҳан
Гӯй, чӣ беҳ? Гуфт: – Сухан беҳ, сухан!
Пайки сухан раҳ ба сари хеш бурд,
Кас набарад, он чи сухан пеш бурд.
Сими сухан зан, ки дирам хоки ӯст,
Зар чӣ саг аст? Оҳуи фитроки ӯст.
Садрнишинтар зи сухан нест кас,
Давлати ин мулк суханрост бас.
Ҳар чӣ на дил, бехабар аст аз сухан,
Шарҳи сухан бештар аст аз сухан.
То сухан аст, аз сухан овоза бод,
Номи Низомӣ ба сухан тоза бод!

## БАРТАРИИ СУХАНИ МАНЗУМ АЗ МАНСУР

Чунки насахта сухани сарсарӣ
Ҳаст бари гавҳариён гавҳарӣ,

Нукта нигаҳ дор, бибин, чун бувад
Нукта, ки санҷидаву мавзун бувад.
Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд.
Хоса калиде, ки дари ганҷрост,
Зери забон марди сухансанҷрост.
Он ки тарозуи сухан сахта кард,
Бахтваронро ба сухан пахта кард.
Булбули аршанд суханпарварон,
Боз чӣ монанд ба он дигарон.
З-оташи фикрат чу парешон шаванд,
Бо малак аз ҷумлаи хешон шаванд.
Пардаи розе, ки суханпарварист,
Сояе аз пардаи пайғамбарист.
Пешу пасе баст сафи кибриё,
Пас шуаро омаду пеш анбиё.
Ин ду назар маҳрами як дӯстанд,
Ин ду чу мағз, он ҳама чун пӯстанд.
Ҳар рутабе, к-аз сари ин хон бувад,
Он на сухан, порае аз ҷон бувад.
Ҷони тарошида ба минқори гил,
Фикрати хоида ба дандони дил.
Чашмаи ҳикмат, ки сухандонӣ аст,
Обшуда з-ин ду-се якнонӣ аст.
Он ки дар ин парда навоеш ҳаст,
Хуштар аз ин ҳуҷра сароеш ҳаст.
Бо сари зонуи вилоятситон
Сар нaниҳад бар сари ҳар остон.
Чун сари зону қадами дил кунад,
Дар ду ҷаҳон даст ҳамоил кунад.
Ояд фарқаш ба саломи қадам,
Ҳалқасифат пову сар орад ба ҳам.
Дар хами он ҳалқа, ки чусташ кунад,
Ҷон шиканад, боз дурусташ кунад.
Гоҳе аз он ҳалқаи зонуқарор
Ҳалқа ниҳад гӯши фалакро ҳазор.
Гоҳ бад-ин ҳуққаи фирӯзаранг
Муҳра яке даҳ бадар орад зи чанг.
Чун ба сухан гарм шавад маркабаш,
Ҷон ба лаб ояд, ки бибӯсад лабаш.
Аз паи лаъле, ки барорад зи кон,
Рахна кунад байзаи ҳафт осмон.

Нисбати фарзандии абёти чуст
Бар падари табъ бидорад дуруст.
Хидматаш орад фалаки чанбарӣ,
Боз раҳад з-офати хидматгарӣ.
Ҳам нафасаш роҳати ҷонҳо шавад,
Ҳам суханаш муҳри забонҳо шавад.
Ҳар кӣ нигорандаи ин пайкар аст,
Бар суханаш зан, ки суханпарвар аст.
Муштарии сеҳри сухан хонамаш,
Зуҳраи ҳорутшикан донамаш.
Ин буна, к-оҳанги саворон гирифт,
Пояи хор аз сари хорон гирифт.
Рои маро ин сухан аз ҷой бурд,
К-оби суханро суханорой бурд.
Меваи дилро, ки ба ҷоне диҳанд,
Кай бувад обе, ки ба ноне диҳанд.
Эй фалак, аз дасти ту чун растаанд,
Ин гираҳое, ки камар бастаанд.
Кор шуд аз даст, ба ангушти пой
Ин гираҳ аз кори сухан вокушой.
Симкашоне, ки ба зар мурдаанд,
Сиккаи ин сим ба зар бурдаанд.
Ҳар кӣ ба зар сиккаи чун рӯз дод,
Санг ситад, дурри шабафрӯз дод.
Лоҷарам ин қавм, ки донотаранд,
Зертаранд, арчи ба болотаранд.
Он ки сараш заркаши султон кашид,
Бозпасин луқма зи оҳан чашид.
В-он ки чу симоб ғами зар нахӯрд,
Нуқра шуду оҳани Санҷар нахӯрд.
Чун суханат шаҳд шуд, арзон макун,
Шаҳди суханро магасафшон макун!
То надиҳандат, маситон, гар вафост,
То нанишанд, магӯ, гар дуост.
То накунад шаръ туро номдор,
Номзади шеър машав, зинҳор!
Шеър туро сидранишонӣ диҳад,
Салтанати мулки маъонӣ диҳад.
Шеъри ту аз шаръ бад-он ҷо расад,
К-аз камарат соя ба Ҷавзо расад.
Шеър барорад ба амирӣ-т ном,
К-аш-шуарои умаро-ул-калом.

Чун фалак аз пой нашояд нишаст,
То сухане чун фалак орӣ ба даст.
Бар сифати шамъ сарафканда бош,
Рӯз фурӯ мурдаву шаб зинда бош.
Чун таки андеша ба гармӣ расид,
Тундрави чарх ба нармӣ расид.
Беҳ, ки сухан дерписанд оварӣ,
То сухан аз дасти баланд оварӣ.
Ҳар чӣ дар ин парда нишонат диҳанд,
Гар написандӣ, беҳ аз онат диҳанд.
Сина макан, гар гуҳар орӣ ба даст,
Беҳтар аз он ҷӯй, ки дар сина ҳаст.
Ҳар кӣ алам бар сари ин роҳ бурд,
Гӯй зи хуршеду так аз моҳ бурд.
Гар нафасаш гармравӣ ҳам накард,
Як нафас аз гармравӣ кам накард.
Дар таки фикрат, ки равиш гарм дошт,
Бурд фалакро, вале озарм дошт.
Борагӣ аз шаҳпари Ҷибрил сохт,
Бодзан аз боли Сирофил сохт.
Пайсипари кас макун ин киштаро,
Бозмадеҳ сар ба кас ин риштаро.
Суфраи анҷир шудӣ сифрвор,
Гар ҳама мурғе будӣ анҷирхор.
Ман, ки дар ин шева мусиб омадам,
Диданӣ арзам, ки ғариб омадам.
Шеър ба ман савмаабунёд шуд,
Шоирӣ аз мастаба озод шуд.
Зоҳиду роҳиб суи ман тохтанд,
Хирқаву зуннор дарандохтанд.
Сурхгуле ғунчамисолам ҳанӯз,
Мунтазири боди шамолам ҳанӯз.
Гар бинамоям сухани тозаро,
Сури қиёмат кунам овозаро.
Ҳар чӣ вуҷуд аст зи нав то куҳан,
Фитна шавад бар мани ҷодусухан.
Санъати ман бурда зи ҷоду шикеб,
Сеҳри ман афсуни малоикфиреб.
Бобили ман Ганҷаи ҳорутсӯз,
Зуҳраи ман хотири анҷумфурӯз.
Зуҳраи ин мантиқи мизонӣ аст,
Лоҷарамаш мантиқи рӯҳонӣ аст.

Сеҳри ҳалолам саҳари қут шуд,
Насхкуни нусхаи Ҳорут шуд.
Шакли Низомӣ, ки хаёли ман аст,
Ҷонвар аз сеҳри ҳалоли ман аст.

## ДАР ТАВСИФИ ШАБ ВА ШИНОХТАНИ ДИЛ

Чун сипар андохтани офтоб
Гашт заминро сипарафкан бар об,
Гашт ҷаҳон аз нафасаш тангтар
В-аз сипари ӯ сипараш рангтар.
Бо сипар афкандани ӯ лашкараш
Теғ кашиданд ба қасди сараш.
Гов, ки хармуҳра бад-ӯ даркашанд,
Чунки бияфтад, ҳама ханҷар кашанд.
Тифли шаб оҳехт чу дар доя даст,
Зангулаи рӯз фаро пош баст.
Аз паи савдои шаб андешанок,
Сохта маъҷуни муфарриҳ зи хок.
Хок шуда боди Масеҳои ӯ,
Об зада оташи савдои ӯ.
Шарбату ранҷур ба ҳам сохта,
Хонаи савдо шуда пардохта.
Рехта ранҷур яке тоси хун,
Гашта зи сар то қадам анқосгун.
Ранги дарунӣ шуда берунншишин,
Гуфта қазо «кона мин-ал-кофирин».
Ҳар нафасе аз сари таннозие
Бозии шаб сохта шаббозие.
Гаҳ қасаби моҳ гуломез кард,
Гоҳ дафи Зуҳра дирамрез кард.
Ман ба чунин шаб, ки чароғе надошт,
Булбули он равза, ки боғе надошт.
Хуни ҷигар бо сухан омехтам,
Оташ аз оби ҷигар ангехтам.
Бо суханам чун сухане чанд рафт,
Бе касам андеша дар ин панд рафт.
Ҳотифи хилват ба ман овоз дод,
Вом чунон кун, ки тавон боз дод.
Об дар ин оташи покат чарост,
Бод ҷанибаткаши хокат чарост?

Хоки таборанда ба тобут бахш,
Оташи тобанда ба ёқут бахш.
Тир маафкан, ки ҳадаф рои туст,
Миқраа кам зан, ки фарас пои туст.
Ғофил аз ин беш нашояд нишаст,
Бар дари дил рез, гар обет ҳаст.
Дар хами ин хум, ки кабуде хуш аст,
Қиссаи дил гӯ, ки суруде хуш аст.
Дур шав аз роҳзанони ҳавос,
Роҳи ту дил донад, дилро шинос,
Аршравоне, ки зи тан растаанд,
Шаҳпари Ҷибрил ба дил бастаанд,
В-он ки инон аз ду ҷаҳон тофта-ст,
Қут зи дарюзаи дил ёфта-ст.
Дил агар ин муҳраи обу гил аст,
Хар ҳам аз иқболи ту соҳибдил аст.
Зинда ба ҷон, худ ҳама ҳайвон бувад,
Зинда ба дил бош, ки умр он бувад.
Дидаву гӯш аз ғараз афзуниянд,
Коргари пардаи беруниянд.
Пунба дароганда чу гул гӯши ту,
Наргиси чашм обилаи ҳуши ту.
Наргису гулро чӣ парастӣ ба боғ,
Эй зи ту ҳам наргису ҳам гул ба доғ.
Дида, ки оинаи ҳар нокас аст,
Оташи ӯ оби ҷавонӣ бас аст.
Табъ, ки бо ақл ба даллолагист,
Мунтазири накди чиҳилсолагист.
То ба чиҳил сол, ки болиғ шавад,
Харҷи сафарҳо-ш муболиғ шавад.
Ёр кунун боядат, афсун махон,
Дарси чиҳилсолагӣ акнун махон!
Даст баровар зи миён, чора ҷӯй,
Ин ғами дилро дили ғамхора ҷӯй!
Ғам махур, албатта, ки ғамхор ҳаст,
Гардани ғам бишкан, агар ёр ҳаст.
Бенафасеро, ки забуни ғам аст,
Ёрии ёрон мададе муҳкам аст.
Чун нафасе гарм шавад бо ду кас,
Нест шавад сад ғам аз он як нафас.
Субҳи нахустин чу нафас барзанад,
Субҳи дувум бонг бар ахтар занад.

Пештарин субҳ ба хорӣ расад,
Гарна пасин субҳ ба ёрӣ расад.
Аз ту наёяд ба туӣ ҳеҷ кор,
Ёр талаб кун, ки барояд зи ёр.
Гарчи ҳама мамлакате хор нест,
Ёр талаб кун, ки беҳ аз ёр нест!
Ҳаст зи ёре ҳамаро ногузир,
Хоса зи ёре, ки бувад дастгир.
Ин ду-се ёре, ки ту дорӣ, таранд,
Хушктар аз ҳалқаи дар бар даранд.
Даст даровез ба фитроки дил,
Оби ту бошад, ки шавӣ хоки дил.
Чун малик-ул-арш ҷаҳон офарид,
Мамлакати сурату ҷон офарид.
Дод ба тартиби адаб резише,
Сурату ҷонро ба ҳам омезише.
З-ин ду ҳамогӯш дил омад падид,
Он халафе, к-ӯ ба хилофат расид.
Дил, ки бар ӯ хутбаи султонӣ аст,
Акдаши ҷисмонию рӯҳонӣ аст.
Нури адимат зи суҳайли дил аст,
Сурату ҷон ҳар ду туфайли дил аст.
Чун сухани дил ба димоғам расид,
Равғани мағзам ба чароғам расид.
Гӯш дар ин ҳалқа забон сохтам,
Ҷон ҳадафи ҳотифи ҷон сохтам.
Чарбзабон гашта аз он фарбиҳӣ,
Табъ зи шодӣ пуру аз ғам тиҳӣ.
Рехтам аз чашмаи чашм оби сард,
К-оташи дил оби маро гарм кард.
Даст баровардам аз он дастбанд,
Роҳзанон оҷизу ман зӯрманд.
Дар таки он роҳи думанзил шудам,
То ба яке так ба дари дил шудам.
Ман суи дил рафтаву ҷон сӯи лаб,
Нимаи умрам шуда то нимшаб.
Бар дари мақсураи рӯҳониям,
Гӯй шуда қомати чавгониям.
Гӯй ба даст омада чавгони ман,
Домани ман гашта гиребони ман.
Пой зи сар сохтаву сар зи пой,
Гӯйсифат гаштаву чавгоннамой.

Кори ман аз дасту ман аз х(в)ад шуда,
Сад зи яке дида, яке сад шуда.
Ҳамсафарон ҷоҳилу ман навсафар,
Ғурбатам аз бекасиям талхтар.
Раҳ на, к-аз он дар битавонам гузашт,
Пои дарун нею сари бозгашт.
Чунки дар он нақб забонам гирифт,
Ишқ нақибона инонам гирифт.
Ҳалқа задам, гуфт: – Бад-ин вақт кист?
Гуфтам: – Агар бор диҳӣ, одамист.
Пешравон парда барандохтанд,
Пардаи таркиб дарандохтанд.
Лоҷарам аз хостарини сарой
Бонг даромад, ки – «Низомӣ, дарой».
Хостарин маҳрами он дар шудам,
Гуфт: – «Дарун ой»! Даруntар шудам.
Боргаҳе ёфтам афрӯхта,
Чашми бад аз дидани он дӯхта.
Ҳафт халифа ба яке хона-дар,
Ҳафт ҳикоят ба як афсона-дар.
Мулк аз он беш, ки афлокрост,
Давлатиё хок, ки он хокрост,
Дар нафасободи дами нимсӯз
Садрнишин гашта шаҳи Нимрӯз.
Сурхсаворе ба абад пеши ӯ,
Лаълқабое зафарандеши ӯ.
Талхҷавоне, язаке дар шикор,
Зертар аз вай сияҳе дурдхор.
Қасди камин карда камандафкане,
Сим зиреҳ сохта рӯинтане.
Ин ҳама парвонаву дил шамъ буд,
Ҷумла парокандаву дил ҷамъ буд.
Ман ба қаноат шуда меҳмони дил,
Ҷон ба наво дода ба султони дил.
Чун аламӣ лашкари дил ёфтам,
Рӯи худ аз оламиён тофтам.
Дил ба забон гуфт, ки эй безабон,
Мурғ талаб, бигзар аз ин ошён.
Оташи ман маҳрами ин дуд нест,
К-он намак, ин пора намаксуд нест.
Соям аз ин сарв тавонотар аст,
Поям аз ин поя ба болотар аст.

Ганҷаму дар кисаи Қорун наям,
Бо ту наям в-аз ту ба берун наям.
Мурғи лабам бо нафаси гарми ӯ,
Парри забон рехта аз шарми ӯ.
Сохтам аз шарми сарафкандагӣ
Гӯши адаб ҳалқакаши бандагӣ.
Хоҷа дили аҳди маро тоза кард,
Номи Низомӣ фалаковоза кард.
Чунки надидам зи риёзат гузир,
Гаштам аз он хоҷа риёзатпазир.

## ХИЛВАТИ АВВАЛ ДАР ПАРВАРИШИ ДИЛ

Ройизи ман чун адаб оғоз кард,
Аз гираҳи нуҳ фалакам боз кард.
Гарчи гираҳ дар гираҳаш буд ҷой,
Барнагирифт аз сари ин ришта пой.
То сари ин ришта ба ҷое расид,
К-он гиреҳ аз ришта бихоҳад бурид.
Хоҷа маалқисса, ки дар банди мост,
Гарчи Худо нест, худованди мост.
Шаҳнаи роҳу ду ҷаҳони ман аст,
Гарна, чаро дар ғами ҷони ман аст?
Гарчи басе соз надорад зи ман,
Шафқати худ бознадорад зи ман,
Гашт чу ман беадаберо ғулом,
Он адабомӯз маро кард ром,
Аз чу мане сар ба ҳазимат набурд,
Суҳбати хокӣ ба ғанимат шумурд.
Рӯзе аз ин Мисри Зулайхопаноҳ
Юсуфие карду бурун шуд зи чоҳ.
Чашми шаб аз хоб чу бардӯхтанд,
Чашми чароғи саҳар афрӯхтанд.
Субҳ чароғи фалакафрӯз шуд,
Куҳлии шаб қирмизии рӯз шуд.
Хоҷа гиребони чароғе гирифт,
Дасти ману домани боғе гирифт.
Доманам аз хори ғам осуда кард,
То ба гиребон ба гул олуда кард.

Ман чу лаби лола шуда ханданок,
Ҷома ба сад ҷой чу гул карда чок.
Лола дили хеш ба ҷонам супурд,
Гул камари худ ба миёнам супурд.
Гаҳ чу май олуда ба хун омадам,
Гаҳ чу гул аз парда бурун омадам.
Гул ба гулу шох ба шох аз шитоб,
Мешудам эдун, ки шавад нашви об.
То алами ишқ ба ҷое расид,
К-аз тарабе бӯи вафое расид.
Нуктаи боде ба забони фасеҳ
Зиндадилам кард чу боди Масеҳ.
Зери замин рехт аморӣ-мро,
Так ба сабо дод саворӣ-мро.
Гуфт: – «Фуруд ою зи худ дам мазан
В-арна, фуруд орамат аз хештан».
Ман, ки бар он об чу киштӣ шудам,
Сокин аз он боди биҳиштӣ шудам.
Об равон буд, фуруд омадам,
Ташназабон бар лаби рӯд омадам.
Чашмае афрӯхтатар з-офтоб,
Хизр ба хазрош надида ба хоб.
Хобгаҳе буд суманзори ӯ,
Хобкунон наргиси бедори ӯ.
Доираи хатти сипеҳраш мақом,
Ғолияи бӯи биҳишташ ғулом.
Гул зи гиребони суман карда ҷой,
Хоркашон домани гул зери пой.
Оҳуву рӯбоҳ дар он марғзор
Нофа ба гул додаву нифа ба хор.
Тӯтӣ аз он гул, ки шакарханда буд,
Бар сари сабзӣ-ш пар афканда буд.
Тозагиё тӯтии шаккарбадаст,
Оҳувакон аз шакараш шермаст.
Ҷилвагар аз хиҷлаи гулҳо шамол,
Гулшакар аз шохи гиёҳо ғизол.
Хайрии маншур мураккаб шуда,
Мирваҳаи анбари ашҳаб шуда.
Сурмаи бинанда чу наргиснамош,
Савсани афъӣ чу зумаррадгиёш.
Қофилазан ёсуману гул ба ҳам,
Қофиягӯ қумрию булбул ба ҳам.

Савсани якрӯзаи Исозабон
Дода ба субҳ аз кафи Мӯсо нишон.
Фохта фарёдкунон субҳгоҳ,
Фохтагун карда фалакро ба оҳ,
Бод нависанда ба дасти умед
Қиссаи гул бар вараќи мушкбед.
Гаҳ ба саломи чаман омад баҳор,
Гаҳ ба сипос омад гул пеши хор.
Турки суман хайма ба саҳро зада,
Моҳича хайма ба Сурайё зада.
Лола ба оташгаҳи роз омада,
Чун муғи ҳинду ба намоз омада.
Ҳиндуваки лолаву турки суман
Саҳли Араб буду Суҳайли Яман.
Авраќи боғ аз алами сурху зард
Панҷараҳо сохта аз лоҷвард.
Об зи нармӣ шуда қоқумнамой,
Турфа бувад қоқуми санҷобсой.
Шох зи нури фалак ангехта,
Дар қадами соя дирам рехта.
Соя сухангӯ ба лаби офтоб,
Зинда шуда рег зи тасбеҳи об.
Настаран аз бӯсаи сунбул базахм,
Аз мижаи ғунча лаби гул базахм.
Таркаши хайрӣ тиҳӣ аз тири хор,
Гоҳ сипар хоста, гаҳ зинҳор.
Сеҳрзада бед, ба ларза танаш
Миҷмари лола шуда дудафканаш.
Хост паридан чаман аз чобукӣ,
Хост чакидан суман аз нозукӣ.
Най ба шакарханда бурун омада,
Зардаи гул наъл ба хун омада.
Он гули худрой, ки худрӯй буд,
Аз нафаси бод сухангӯй буд.
Сабзтар аз барги турунҷ осмон,
Омада нуринҷ ба даст он замон.
Чун фалак он ҷо алам ороста,
Сабза ба гуштӣ-ш бадар хоста.
Ҳар гираҳ аз риштаи он сабзхон
Ҷони замин буду дили осмон.
Ахтари сарсабз магар бомдод,
Гуфт заминро, ки сарат сабз бод!

Ё фалак он ҷо гузар оварда буд,
Сабза ба беҷода гарав карда буд.
Чашма дурахшандатар аз чашми ҳур,
То барад аз чашмаи хуршед нур.
Сабза бар он чашма вузӯ сохта,
Шукри вузӯ кардаву пардохта.
Мурғ зи гул бӯи Сулаймон шунид,
Нолаи довудӣ аз он баркашид.
Чангули дурроҷ ба хуни тазарв
Силсила овехта дар пои сарв.
Маҳзари маншурнависони боғ
Фатвии булбул шуда бар хуни зоғ.
Бум, к-аз он бум шуда пайкараш,
Сирри дилаш гашта қазои сараш.
Боди ямонӣ ба Суҳайли насим
Сохта кимухти заминро адим.
Лола зи таъҷил, ки биштофта,
Аз тапиши дил хафақон ёфта.
Сояи шамшоди шамоилпараст
Сӯи дили лола фурӯ бурда даст.
Нохуни симинсумани субҳфом
Бурда зи шаб нохунаи шаб тамом.
Субҳ, ки шуд Юсуфи зарринрасан
Чоҳканон дар занахи ёсуман,
Зардқасаб хок ба расми ҷуҳуд,
К-об чу Мӯсо Яди байзо намуд.
Хок ба он об даво сохта,
Ҳар чӣ фурӯ бурда, барандохта.
Нури саҳар ёфта майдон фарох,
Сояравиро ба сабо дода шох.
Соя газида лаби хуршедро,
Шона зада бод сари бедро.
Сояву нур аз алами шохсор
Рақскунон бар тарафи ҷӯйбор.
Уд шуд он хор, ки мақсуд буд,
Оташи гул миҷмари он уд буд.
Гардани гул минбари булбул шуда,
Зулфи бунафша камари гул шуда.
Мурғ зи Довуд хушовозтар,
Гул зи Низомӣ шакарандозтар.

## САМАРАИ ХИЛВАТИ АВВАЛ

Бод никоб аз тарафе баргирифт,
Хоҷа сабук ошиқӣ аз сар гирифт.
Гулнафасе дид шакархандае,
Бар гулу шаккар нафасафкандае.
Фитнаи он моҳи қасабдӯхта
Хирмани маҳро чу қасаб сӯхта.
То камар аз зулф зиреҳ бофта,
То қадам аз фарқ намак ёфта.
Дидани ӯ чун намакангез шуд,
Ҳар кӣ дар ӯ дид, намакрез шуд.
То намакаш бо шакар омехта,
Шаккари шириннамакон рехта.
Тӯтии боғ аз шакараш шармсор,
Чун сари тӯтӣ занахаш тавқдор.
З-он занахе гирд чу норинҷи х(в)аш,
Ғабғаби симин чу турунҷе ба каш.
Мастнавозе чу гули бӯстон,
Тавбафиребе чу мули дӯстон.
Лаб табаривор табархун ба даст,
Мағзи табарзад ба табархун шикаст.
Сурхгуле сабзтар аз найшакар,
Хушкнаботе ҳама ҷуллоби тар.
Холи чу удаш, ки ҷигарсӯз буд,
Ғолиясои садафи рӯз буд.
Аз ғами он донаи холи сиёҳ
Ҷумлаи тан хол шуда рӯи моҳ.
Ҷазъ зи хуршед ҷигарсӯзтар,
Лаъл зи маҳтоб шабафрӯзтар.
Аз бунаи дил, ки ба фарсанг дошт,
Роҳ чу майдони даҳан танг дошт.
З-он дили сахташ, ки ҷигархора гашт,
Бар ҷигари ман дили ман пора гашт.
Лаб ба сухан, ханда ба шаккарх(в)арӣ,
Рух ба дуо, ғамза ба афсунгарӣ.
Баста чу ҳуққа даҳани муҳрадор,
Роҳгузар монда яке муҳрвор.
Ишқ чу он ҳуққаву он муҳра дид,
Булъаҷабӣ карду бисоте кашид.
Кисаи сурат зи миёнам кушод,
Тавқи тан аз гардани ҷонам кушод.

Кори ман аз тоқати ман даргузашт,
К-Оби Ҳаётам зи даҳан баргузашт.
Ақли азиматгари мо дев дид,
Нуқраи он кор ба оҳан кашид.
Дил, ки ба шодӣ ғами дил мегирифт,
Чашмаи хуршед ба гил мегирифт.
Мӯниси ғамхораи ғам вай бувад,
Чорагари майзада ҳам май бувад.
Эй ба тапиш носият аз доғи ман,
Бехабар аз сабзаву аз боғи ман.
Сабза фалак буду назар тоби ӯ,
Боғ саҳар буду сиришк оби ӯ.
В-он ки рухаш пардагии хос буд,
Оинаи сурати ихлос буд.
Баски сарам бар сари зону нишаст,
То сари ин ришта биёмад ба даст.
Ин сафар аз роҳи яқин рафтаам,
Роҳ чунин рав, ки чунин рафтаам.
Маҳрами ин роҳ наӣ, зинҳор,
Кори Низомӣ ба Низомӣ гузор!

## ХИЛВАТИ ДУВУМ ДАР ИШРАТИ ШАБОНА

Хоҷа яке шаб ба таманнои ҷинс
Зад ду-се дам бо ду-се абнои ҷинс.
Ёфт шабе чун саҳар ороста
Хостаҳои ба дуо хоста.
Маҷлисе афрӯхта чун Навбаҳор,
Ишрате осудатар аз рӯзгор.
Оҳи бухур аз нафаси равзанаш
Шаҳрдиҳи Юсуфу пероҳанаш.
Шаҳнаи шаб хуни асас рехта,
Бар шакараш парри магас рехта.
Пардашиносон ба наво дар шигарф,
Парданишинон ба вафо дар шигарф.
Пои Суҳайл аз сари натъи адим
Лаълфишон бар сари дурри ятим.
Шамъ ҷигар чун ҷигари шамъ сӯхт,
Оташи дил чун дили оташ фурӯхт.
Дар табақи миҷмари маҷлисфурӯз
Уд шакарсозу шакар удсӯз.

Шиша зи гуллоб шакар мефишонд,
Шамъ ба дасторча зар мефишонд.
Аз паи нуқлони маи бӯсахез
Чашму даҳон шаккару бодомрез.
Шаккару бодом ба ҳам нуктасоз,
Зуҳраву Миррих ба ҳам ишқбоз.
Ваъда ба дарвозаи гӯш омада,
Ханда ба дарюзаи нӯш омада.
Нифаи рӯбаҳ чу паланге ба зер,
Нофаи оҳу шуда занҷири шер.
Ёр гиребонкашу доманкашон,
Остӣ аз ракс ҷавоҳирфишон.
Шамъ чу соқӣ қадаҳи май ба даст,
Ташт майолудаву парвона маст.
Хоб чу парвона пар андохта,
Шамъ ба шукрона сар андохта.
Пардагии Зуҳра дар он парда чуст
Захма шикаста ба адои дуруст.
Хобрабоянда димоғ аз димоғ,
Нурситоянда чароғ аз чароғ.
Он чи ҳама умр касе ёфта,
Ҳамнафасе дар нафасе ёфта.
Нузлфиристанда замон то замон
Дил ба дилу тан ба тану ҷон ба ҷон.
Гуфтӣ аз он ҳуҷра, ки пардохтанд,
Рахти адам дар адам андохтанд.
Мурғи тараб нома ба пар боз баст,
Ҳафт пари мурғи Сурайё шикаст.
Оташи мурғи саҳар аз бобзан
Бар ҷигари хушнамакон обзан.
Мурғ гаронхобтар аз субҳгоҳ,
Пои фалак бастатар аз дасти моҳ.
Ҳалқаи дар-пардаи бегонагон,
Зулфи парӣ-ҳалқаи девонагон.
Дар хами он ҳалқа дили Муштарӣ
Тангтар аз ҳалқаи ангуштарӣ,
Тохтан оварда паризодагон
Ҳамчу парӣ бар дили озодагон.
Бар раҳи дил шохи суман кошта,
Хор ба нӯги мижа бардошта,
Меваи дил найшакари ҳаддашон,
Гулбуни ҷон норвани қаддашон.

Фундуқаи шаккару бодоми танг
Сабзхат аз пистаи уннобранг.
Дар шаби хат сохта сеҳри ҳалол
Бобилии ғамзаву ҳиндуи хол.
Ҳар нафас аз ғамзаву холе чунон
Гашта ҷаҳон Бобилу Ҳиндустон.
Чун назаре чанд писандида рафт,
Дил ба зиёратгарии дида рафт.
Ғамза забонтезтар аз хорҳо,
Ҷаъд гиреҳгиртар аз корҳо.
Шасти карашма чу камондор шуд,
Тир наяндохта бар кор шуд.
Боди Масеҳ аз нафаси дил дамид,
Оби Ҳаёт аз даҳани гил чакид.
Гул чу суман ғолия дар гӯш дошт,
Маҳ чу фалак ғошия бар дӯш дошт,
Чун руху лаб шаккару бодом рехт.
Гул ба ҳимоят ба шакар даргурехт,
Ҳар назаре ҷони ҷаҳоне шуда,
Ҳар мижа бутхонаи ҷоне шуда.
Зулфи сияҳ бар сари сими сапед
Мушкфишон бар варақи мушкбед.
Ғабғаби симин, ки камар баст аз об,
Қавси кузаҳ шуд зи тафи офтоб.
Зулф Бироҳиму рух оташгараш,
Чашм Симоилу мижа ханҷараш.
Оташ аз ин дастаи райҳон шуда,
Ханҷар аз он наргиси фаттон шуда.
Бӯса чу май мояи афкандагӣ,
Лаб чу Масеҳо нафаси зиндагӣ.
Хай ба рухи чун гулу насрин шуда,
Хирмани маҳ хӯшаи Парвин шуда.
Боз шуда кӯи гиребони ҳур,
Хатти саҳар ёфта туғрои нур.
Ҳиммати хосону дили омиён
Шефта з-он нур чу сарсомиён,
Ғамза мунодӣ, ки даҳан хаста буд,
Чашм сухангӯ, ки забон баста буд.
Май чу гул ороиши иқлим шуд,
Ҷом чу наргис зари дар сим шуд.
Ақл дар он доира сармаст монд,
Оқибат аз сабр тиҳидаст монд.

Дар даҳан аз ханда, ки роҳе набуд,
Тоқатро тоқати оҳе набуд.
Сабр дар он парда наво танг дошт,
Фитна сари зер дар оҳанг дошт.
Ёфта дар нағмаи Довуд соз,
Қиссаи Маҳмуду ҳадиси Аёз.
Шеъри Низомӣ шакарафшон шуда,
Вирди ғизолони ғазалхон шуда.

## САМАРАИ ХИЛВАТИ ДУВУМ

Умр бар он арши азалбофта
Он чи шуда, боз бадал ёфта.
Гӯш дар он номаи таҳятрасон,
Дида дар он саҷдаи таҳётхон.
Тангдил аз хандаи туркон шакар,
Сурмабар аз чашми ғизолон назар.
Турки қасабпӯши ман он ҷо чу моҳ
Карда диламро чу қасаб рахнагоҳ.
Маҳ, ки ба шаб даст барафшонда буд,
Он шаб то рӯз фурӯ монда буд.
Новаки ғамзаш чу сабукпар шудӣ,
Ҷон ба заминбӯса баробар шудӣ.
Шамъ зи нураш мижа пурашк дошт,
Чашми чароғ обила аз рашк дошт.
Ҳар ситаме, к-ӯ ба ҷафо даргирифт,
Дил ба табаррук ба вафо баргирифт.
Гаҳ шуда ӯ сабзаву ман ҷӯи об,
Гаҳ шуда ман гозуру ӯ офтоб.
З-он рутаб он шаб, ки баре доштам,
Бехабарам, гар хабаре доштам,
К-он маҳи нав, к-ӯ камар аз нур дошт,
Моҳи нав аз шефтагон дур дошт.
Шефтаи шефтаи хеш буд,
Рағбате аз ман сад аз ӯ беш буд.
Дил ба таманно, ки чӣ будӣ зи рӯз,
Гар шаби моро нашудӣ пардасӯз.
Имшаб агар ҷуфти саломат шудӣ,
Ҳамнафаси рӯзи қиёмат шудӣ.
Равшании он шаби чун офтоб
Ҷӯям бисёру набинам ба хоб.

Ҷуз ба чунон шаб, тарабам хуш набуд,
То шаби хуш кард, шабам хуш набуд.
З-он ҳама шаб ё раб-ё раб кунам,
Бу, ки шабе ҷилваи он шаб кунам.
Рӯзи сафед он на шаби доҷ буд,
Буд шаб, аммо шаби меъроҷ буд.
Моҳ, ки бар лаъли фалак кон канад,
Дар ғами он шаб ҳама шаб ҷон кунад.
Рӯз, ки шаб душманияш мазҳаб аст,
Ҳам ба таманнои чунон як шаб аст.
Ман шуда фориғ, ки зи роҳи саҳар
Теғзанон субҳ даромад зи дар.
Оташи хуршед зи мижгони ман
Об равон кард бар айвони ман.
Абр ба боғ омада бозикунон,
Ҷомаи хуршед намозикунон.
Ҳавзаи ин чашма, ки хуршед баст,
Чун ману ту чанд сабӯро шикаст.
Чарх ситора зада бар сими ноб,
Зарри тило аз вараҷи офтоб.
Субҳи гаронхусп сабукхез шуд,
Дашна ба даст аз паи хунрез шуд.
Ман зи масофаш сипар андохта,
Ҷон сипари дашнаи ӯ сохта.
Дар паи ҷонам саҳар аз ҷӯй ҷаст,
Ташнакушӣ карду бар ӯ пул шикаст.
Бонг баромад зи хароботи ман,
К-эй саҳар, ин аст мукофоти ман?
Пештарак з-ин ки касе доштам,
Шамъи шабафрӯз басе доштам.
Он шабу он шамъ намондам, чӣ суд,
Нест чунон шуд, ки ту гӯӣ, набуд.
Неш дар он зан, ки зи ту нӯш х(в)ард,
Пашм дар он каш, ки туро пунба кард.
Хомкушӣ кун, ки савоб он бувад,
Сӯхтани сӯхта осон бувад.
Субҳ чу дар гиряи ман бингарист,
Бар шафақ аз шафқати ман хун гирист.
Сӯхта шуд хирмани рӯз аз ғамам,
Чашмаи хуршед фусурд аз дамам.
Бо ҳама заҳрам фалак уммед дод,
Мори шабам муҳраи хуршед дод.

Чун асари нури саҳар ёфтам,
Бехабарам, гарчи хабар ёфтам.
Ҳар кӣ дар ин маҳди равон роҳ ёфт,
Бештар аз нури саҳаргоҳ ёфт.
Эй зи хиҷолат ҳама шабҳои ту
Рӯсияҳ аз рӯзи тарабҳои ту.
Ман, ки аз ин шаб сифате кардаам,
Он сифат аз маърифате кардаам.
Шаб сифати пардаи танҳоӣ аст,
Шамъ дар ӯ гавҳари биноӣ аст.
Уду гулобе, ки бар ӯ баста шуд,
Нолаву ашки ду-се дилхаста шуд.
В-он ҳама хубӣ, ки дар он садр буд,
Нури хаёлоти шаби қадр буд.
Маҳрами ин пардаи зангинаворд
Кист дар ин пардаи зангорх(в)ард?
Субҳ, ки парвонагӣ омӯхта-ст,
Хуштар аз он шамъ наяфрӯхта-ст.
Кӯш, к-аз он шамъ ба доғе расӣ,
То чу Низомӣ ба чароғе расӣ!

## МАҚОЛАТИ АВВАЛ ДАР ОФАРИНИШИ ОДАМ

Аввал, к-ин ишқпарастӣ набуд,
Дар адам овозаи ҳастӣ набуд.
Муқбиле аз катми адам соз кард,
Сӯи вуҷуд омаду дар боз кард.
Бозпасин тифли паризодагон
Пештарини башаризодагон.
Он ба хилофат аламороста,
Чун алам афтодаву бархоста.
Аллама Одам сифати поки ӯ,
Хаммара тина шарафи хоки ӯ.
Он ба гуҳар ҳамқадару ҳамсафӣ,
Ҳам маҳаку ҳам зару ҳам сайрафӣ.
Шоҳиди навфитнаи афлокиён,
Навхати фардоинаи хокиён.
Ёрии ӯ соъиди ҷонро нигор,
Соъидаш аз ҳафт фалак ёрадор.
Он зи ду гаҳвора барангехта,
Мағзи ду гавҳар ба ҳам омехта.

Пешкаши хилъати зиндониён,
Мӯҳтасибу соқии рӯҳониён.
Сарҳади хилқат шуда бозори ӯ,
Бикрии қудрат шуда дар кори ӯ.
Тифли чиҳилрӯзаи кажмажзабон,
Пири чиҳилсола бар ӯ дарсхон.
Хубхате ишқнабишт омада,
Гулбуне аз боғи биҳишт омад.
Нуре аз он дида, ки бинотар аст,
Мурғе аз он шоҳ, ки болотар аст.
З-ӯ шуда мурғони фалак доначин,
З-он ҳамаро омада сар бар замин.
Ӯ ба яке дона зи роҳи карам
Ҳулла дарандохтаву ҳиля ҳам.
Омада дар доми чунин донае,
Камтар аз овозаи шукронае.
З-он ба дуоҳо ба вуҷуд омада,
Ҷумлаи олам ба суҷуд омада.
Бар дари он қиблаи ҳар дидае
Саҳв шуда саҷдаи шӯридае.
Гашта гулафшони вай аз ҳашт боғ,
Бар ҳама гулбаргу бар Иблис доғ.
Бе ту нишотеш дар андом не,
Дар Ирамаш як нафас ором не.
Тоқати он кори киёӣ надошт,
К-аз ғами кори ту раҳоӣ надошт.
Гармии гандум ҷигараш тофта,
Чун дили гандум ба ду бишкофта.
З-орзуи мо, ки шуда нав бар ӯ,
Гандум хӯрдан ба яке ҷав бар ӯ.
Ӯ ки чу гандум сару пое надошт,
Бе замию санг навое надошт.
То нафиканданд, наруст он умед,
То нашикастанд, нашуд рӯсафед.
Гандумгун гашта адимаш чу коҳ,
Ёфта ҷавдона чу кимухти моҳ.
Чун ҷаву гандум шуда хокозмой,
Дар ғами ту, эй ҷави гандумнамой.
Хӯрдани он гандуми номардумаш
Карда бараҳна чу дили гандумаш.
Он ҳама хорӣ, ки зи бадхоҳ бурд,
Якдилии гандумаш аз роҳ бурд.

Гандуми сахт аз ҷигар афсурдагист,
Хурдии ӯ мояи бехурдагист.
Мардум чун хӯрдани ӯ соз кард,
Аз сар то пой даҳан боз кард.
Эй ба ту сарриштаи ҷон гум шуда,
Доми ту он донаи гандум шуда.
Қурси ҷавин мешикану мешикеб,
То нахурӣ гандуми одамфиреб.
Пайки дилӣ, пайрави шайтон мабош,
Шери амирӣ, саги дарбон мабош.
Чирк нашояд зи адими ту шуст,
То накунӣ тавбаи Одам дуруст.
Узр беҳ онро, ки хатое расид,
К-Одам аз он узр ба ҷое расид.
Чун зи паи дона ҳаваснок шуд,
Муқтаъи ин мазрааи хок шуд.
Дид, ки дар дона тамаъ хом кард,
Хештан афкандаи ин дом кард.
Об расонд ин гули пажмурдаро,
Зад ба Сарандеб саропардаро.
Рӯсияҳ аз ин гунаҳ он ҷо гурехт,
Бар сари он хок сиёҳӣ бирехт.
Муддате аз нили хуми осмон
Нилгарӣ кард ба Ҳиндустон.
Чун кафаш аз нили гунаҳ шуста шуд,
Нилгиё дар қадамаш руста шуд.
Турки хитоӣ шуда, яъне чу моҳ,
Зулфи Хито барзада зери кулоҳ.
Чун дилаш аз тавба латофат гирифт,
Мулки заминро ба хилофат гирифт.
Тухми вафо дар замии адл кишт,
Вақфии он мазраа бар мо навишт,
Ҳар чӣ бад-ӯ хозими фирдавс дод,
Ҷумла дар ин ҳуҷраи шашдар ниҳод.
Бар хур аз ин моя, ки судаш турост,
Киштанаш ӯрову дурудаш турост.
Нолаи уд аз нафаси миҷмар аст,
Ранҷи хар аз роҳати полонгар аст.
Кори туро бе ту чу пардохтанд,
Номзади лутф туро сохтанд.
Киштии гул бош ба мавҷи баҳор,
То нашавӣ лангари бустон чу хор.

Роҳ ба дил шав, чу бидидӣ хазон,
К-об ба дил мешавад оташ ба ҷон.
Сурати шерӣ, дили шерӣ-т нест.
Гарчи дилат ҳаст, далерӣ-т нест.
Шер тавон баст зи нақши сарой,
Лек ба сад чӯб наҷунбад зи ҷой.
Хилъати афлок намезебадат,
Хокию ҷуз хок намезебадат.
Толеъи корат ба забунӣ - дар аст,
Дил ба ками ғам ба фузунӣ - дар аст.
В-арна чаро кард сипеҳри баланд
Шаҳркушое чу туро шаҳрбанд?
Доиракирдор миёнбаста бош,
Дар фалакӣ, бо фалак оҳиста бош!
Тезтакӣ пешаи оташ бувад,
Боз намонӣ зи так, он х(в) аш бувад,
Обсифат бошу сабуктар бирон,
К-оби сабук ҳаст ба қимат гарон.
Гавҳари тан дар тунукӣ ёфтанд,
Қимати ҷон дар сабукӣ ёфтанд.
Бод сабукрӯҳ бувад дар тавоф
Худ ту гаронҷонтарӣ аз кӯҳи Қоф.
Гарна фиребандаи рангӣ чу хор,
Рух чу бунафша ба суи худ мадор.
Хона мусаққал ҳама ҷо рӯи туст,
Аз паи он дидаи ту сӯи туст.
Гарчи пазирандаи ҳар ҳад шудӣ,
Аз ҳама чун ҳеҷ муҷаррад шудӣ.
Ошиқи хешӣ туву суратпараст,
З-он чу сипеҳр оина дорӣ ба даст.
Гар ҷави санге намаки худ чашӣ,
Доман аз ин бенамакӣ даркашӣ.
Зулм раҳо кун, ба вафо даргурез,
Халқ чӣ бошад? Ба Худо даргурез!
Некии ӯ бину бар он кор кун,
Бар бадии хештан иқрор кун!
Чун ту хиҷилвор барорӣ нафас,
Фазл кунад раҳмати фарёдрас.

## ДОСТОНИ ПОДШОҲИ НАВМЕД ВА ОМУРЗИШ ЁФТАНИ Ӯ

Додгаре дид ба раъйи савоб
Сурати бедодгареро ба хоб.
Гуфт:– Худо бо туи золим чӣ кард,
Дар шабат аз рӯзи мазолим чӣ кард?
Гуфт:– Чу бар ман ба сар омад ҳаёт,
Дарнигаридам ба ҳама коинот,
То ба ман уммеди ҳидоят кирост,
Ё ба Худо чашми иноят кирост?
Дар дили кас шафқате аз ман набуд,
Ҳеҷ касеро ба карам зан набуд.
Ларза дарафтод ба ман-бар чу бед,
Рӯй хиҷил гаштаву дил ноумед.
Тарҳ ба ғарқоб дарандохтам,
Такя ба омурзиши Ҳақ сохтам,
К-эй мани мискин ба ту-дар шармсор,
Аз хиҷилон даргузару даргузор,
Гарчи зи фармони ту бигзаштаам.
Рад макунам, к-аз ҳама рад гаштаам.
Ё адаби ман ба шароре бикун,
Ё ба хилофи ҳама коре бикун!
Чун хиҷилам дид зи ёрирасон,
Ёрии ман кард каси бекасон.
Файзи карамро суханам даргирифт,
Бори ман афканду маро баргирифт.
Ҳар нафасе, к-он ба надомат бувад,
Шаҳнаи ғавғои қиёмат бувад.
Ҷумла нафасҳои ту, эй бодсанҷ,
Кайли зиён асту тарозуи ранҷ.
Кайли зиён солу маҳат буда гир,
Ин маҳу ин сол бипаймуда гир.
Монда тарозуи ту бе сангу дур,
Кайл тиҳӣ гаштаву паймона пур.
Санги замӣ санги тарозу макун.
Муҳраи гил муҳраи бозу макун!
Як дирам аст, он чи бад-ӯ бандаӣ,
Як нафас аст, он чи бад-ӯ зиндаӣ.
Ҳар чӣ дар ин парда ситонӣ, бидеҳ,
Худ наситон, то битавонӣ, бидеҳ,

То бувад он рӯз, ки бошад беҳӣ,
Гарданат озоду даҳонат тиҳӣ.
Воми ятимон набувад доманат,
Боркаши пирзанон гарданат.
Бозҳил ин фарши куҳанпударо,
Тарҳ кун ин домани олударо.
Ё чу ғарибон паи раҳтӯша гир,
Ё чу Низомӣ зи ҷаҳон гӯша гир!

## МАҚОЛАИ ДУВУМ ДАР АНДАРЗИ ШОҲ ВА МУҲОФИЗАТИ АДЛ

Эй малики ҷонварон рои ту
В-эй гуҳари тоҷварон пои ту.
Гар маликӣ, хонаи шоҳӣ талаб
В-ар гуҳарӣ, тоҷи илоҳӣ талаб!
З-он суи олам, ки дигар роҳ нест,
Ҷуз ману ту, ҳеҷ кас огоҳ нест.
З-он азалӣ нур, ки парвардаанд,
Дар ту зиёдат назаре кардаанд.
Накди ғарибию ҷаҳон шаҳри туст,
Накди ҷаҳон як ба як аз баҳри туст.
Мулк бад-ин кору киёӣ туро ст,
Сина кун, ин синакушоӣ туро ст.
Даври ту аз доира берунтар аст,
Аз ду ҷаҳон қадри ту афзунтар аст.
Оинадор аз паи он шуд саҳар,
То ту рухи хеш бибинӣ магар.
Ҷунбиши ин маҳд, ки меҳроби туст,
Тифлсифат аз паи хушхоби туст.
Мурғи дилу Исии ҷон ҳам туӣ,
Чун ту касе гар бувад, он ҳам туӣ.
Синаи хуршед, ки пуроташ аст,
Рӯи ту мебинад, аз он дилх(в)аш аст.
Маҳ, ки шавад коста чун мӯи ту,
Ханда занад, чун нигарад рӯи ту.
Олам хуш хур, ки зи кас кам наӣ,
Ғусса махур, бандаи олам наӣ.
Бо ҳама чун хоки замин паст бош
В-аз ҳама чун бод тиҳидаст бош!
Хок тиҳӣ беҳ, на даромехта,
Гард бувад хоки барангехта.

Дил ба Худо барниҳу хурсандие,
Ин-т ҷудогона худовандие.
Гӯ, хабари дину диёнат куҷост,
Мо ба куҷоему амонат куҷост?
Он дил, к-аз дин асараш додаанд,
З-он суи олам хабараш додаанд.
Чораи дин соз, ки дунё-т ҳаст,
То магар он низ биёрӣ ба даст.
Дин чу ба дунё битавонӣ харид,
Кун-макуни дев набояд шунид.
Меравад аз ҷавҳари ин каҳрабо
Ҳар ҷави санге ба мане кимиё.
Санг бияндозу гуҳар меситон,
Хоки замин медиҳу зар меситон.
Он ки туро тӯшаи раҳ медиҳад,
Аз ту яке хоҳаду даҳ медиҳад.
Беҳтар аз ин мояситонет нест,
Суд кун охир, ки зиёнет нест.
Кори ту парвардани дин кардаанд,
Додгарон кор чунин кардаанд.
Додгарӣ маслиҳатандешаест,
Растан аз ин қавм меҳин пешаест.
Шаҳру сипаҳро чу шавӣ некхоҳ,
Неки ту хоҳад ҳама шаҳру сипоҳ.
Хонабари мулк ситамкорӣ аст,
Давлати боқӣ зи камозорӣ аст.
Оқибате ҳаст, биё пеш аз он
Кардаи худ бину бияндеш аз он.
Роҳати мардум талаб, озор чист?
Ҷуз хиҷилӣ ҳосили ин кор чист?
Маст шуда ақл ба хушхоб-дар,
Киштии тадбир ба ғарқоб-дар.
Мулки заифон ба каф оварда гир,
Моли ятимон ба ситам х(в)арда гир.
Рӯзи қиёмат, ки бувад доварӣ,
Шарм надорӣ, ки чӣ узр оварӣ?
Рӯй ба дин кун, ки қавипуштӣ аст,
Пушт ба хуршед, ки зардуштӣ аст.
Лӯъбати зарних шуд ин гӯи зард,
Чун зани ҳоиз паи лӯъбат магард.
Ҳар чӣ дар ин пардаи нуҳмехӣ аст,
Бозии ин лӯъбати зарнихӣ аст.

Бод дар ӯ дам чу Масеҳ аз димоғ,
Бозраҳон равғани худ з-ин чароғ!
Чанд чу парвона пар андохтан,
Пеши чароғе сипар андохтан?!
Пора кун ин пардаи исигарой,
То пари Исӣ-т бирӯяд зи пой.
Ҳар кӣ чу Исо раги онро гирифт,
Аз сари инсоф ҷаҳонро гирифт.
Расми ситам нест ҷаҳон ёфтан,
Мулк ба инсоф тавон ёфтан.
Ҳар чӣ на адл аст, чӣ додат диҳад?
В-он чи на инсоф, ба бодат диҳад.
Адл баширест хирадшодкун,
Коргаре мамлакатободкун.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор.

## ҲИКОЯТИ НӮШЕРВОН БО ВАЗИРИ ХУД

Сайдкунон маркаби Нӯшервон
Дур шуд аз кавкабаи хусравон.
Мӯниси хусрав шуда дастуру бас,
Хусраву дастуру дигар ҳеҷ кас.
Шоҳ дар он ноҳияти сайдёб
Дид деҳе, чун дили душман хароб.
Танг ду мурғ омада дар якдигар
В-аз дили шаҳ қофияшон тангтар.
Гуфт ба дастур, чӣ дам мезананд,
Чист сафире, ки ба ҳам мезананд?
Гуфт вазир: – Эй малики рӯзгор,
Гӯям агар, шаҳ бувад омӯзгор.
Ин ду наво н-аз паи ромишгарист,
Хутбае аз баҳри заношавҳарист.
Духтаре ин мурғ ба он мурғ дод,
Ширбаҳо хоҳад аз ӯ бомдод.
К-ин деҳи вайрон бигузорӣ ба мо,
Низ чунин чанд супорӣ ба мо?
Он дигараш гуфт, к-аз ин даргузар,
Ҷаври малик бину бирав, ғам мах(в)ар!
Гар малик ин аст, на бас рӯзгор,
З-ин деҳи вайрон диҳамат сад ҳазор.

Дар малик ин лафз чунон даргирифт,
К-оҳ бароварду фиғон даргирифт.
Даст ба сар барзаду лахте гирист,
Ҳосили бедод ба ҷуз гиря чист?
З-ин ситам ангушт ба дандон газид,
Гуфт:– Ситам бин, ки ба мурғон расид.
Ҷавр нигар, к-аз ҷиҳати хокиён
Ҷуғд нишонам бадали мокиён.
Эй мани ғофил шуда дунёпараст!
Баски занам бар сар аз ин кор даст.
Моли касон чанд ситонам ба зӯр,
Ғофилам аз мурдану фардои гӯр.
То каю кай дастдарозӣ кунам,
Бо сари худ бин, ки чӣ бозӣ кунам?
Мулк бад-он дод маро кирдгор,
То накунам, он чи наёяд ба кор.
Ман, ки мисамро ба зар андудаанд,
Мекунам онҳо, ки нафармудаанд.
Номи худ аз зулм чаро бад кунам?
Зулм кунам, вой, ки бар х(в)ад кунам!
Беҳтар аз ин дар дилам озарм бод,
Ё зи Худо, ё зи худам шарм бод!
Зулм шуд имрӯз тамошои ман,
Вой ба расвоии фардои ман!
Сӯхтанӣ шуд тани беҳосилам,
Сӯзад аз ин ғусса дилам бар дилам.
Чанд ғубори ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон рехтан?!
Рӯзи қиёмат зи ман ин турктоз
Боз бипурсанду бипурсанд боз.
Шармзадам, чун нанишинам хиҷил,
Сангдилам, чун нашавам тангдил?!
Бингар, то чанд маломат барам,
К-ин хиҷилиро ба қиёмат барам.
Бори ман аст, он чи маро борагист,
Чораи ман бар ман бечорагист.
З-ин гуҳару ганҷ, ки натвон шумурд,
Сом чӣ бардошт? Фаридун чӣ бурд?
То ман аз ин амру вилоят ки ҳаст,
Оқибатуламр чӣ орам ба даст?
Шоҳ дар он бора чунон гарм гашт,
К-аз нафасаш наъли фарас нарм гашт.

Чунки ба лашкаргаҳу роят расид,
Бӯи навозиш ба вилоят расид.
Ҳолӣ аз он хитта қалам баргирифт,
Расми баду роҳи ситам баргирифт.
Дод бигустарду ситам дарнабашт,
То нафаси охир аз он барнагашт.
Баъди басе гардиши бахтозмой
Ӯ шуда в-овозаи адлаш бачой.
Ёфта дар хиттаи соҳибдилӣ
Сиккаи номаш рақами одилӣ.
Оқибате нексаранчом ёфт,
Ҳар кӣ дари адл зад, ин ном ёфт.
Умр ба хушнудии дилҳо гузор,
То зи ту хушнуд бувад кирдгор.
Сояи хуршедсаворон талаб,
Ранчи худу роҳати ёрон талаб!
Дардситонӣ куну дармондиҳӣ,
То-т расонанд ба фармондиҳӣ.
Гарм шав аз меҳру зи кин сард бош,
Чун маҳу хуршед чавонмард бош!
Ҳар кӣ ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.
Гунбади гарданда зи рӯи қиёс
Ҳаст ба некию бадӣ ҳақшинос.
Тоат кун, рӯй битоб аз гуноҳ,
То нашавӣ чун хичилон узрхоҳ.
Ҳосили дунё чу яке соат аст,
Тоат кун, к-аз ҳама беҳ тоат аст.
Узр маёвар, на ҳиял хостанд,
Ин сухан аст, аз ту амал хостанд.
Гар ба сухан кор муяссар шудӣ,
Кори Низомӣ ба фалак баршудӣ.

## МАҚОЛАТИ СЕВУМ ДАР ҲАВОДИСИ ОЛАМ

Як нафас, эй хочаи доманкашон,
Остие бар ҳама олам фишон.
Ранча машав, роҳати ранчур бош,
Соате аз муҳташамӣ дур бош!
Ҳукм чу бар оқибатандешӣ аст,
Муҳташамӣ бандаи дарвешӣ аст.

Мулки Сулаймон маталаб, к-он куҷост,
Мулк ҳамон аст, Сулаймон куҷост?
Ҳаҷла ҳамон аст, ки Азро-ш баст,
Базм ҳамон аст, ки Вомиқ нишаст.
Ҳаҷлаву базм инак танҳо шуда,
Вомиқ афтодаву Азро шуда.
Соли ҷаҳон гарчи басе даргузашт,
Аз сари мӯяш сари мӯ кам нагашт.
Хок ҳамон хасми қавигардан аст,
Чарх ҳамон золими гарданзан аст.
Суҳбати гетӣ кӣ таманно кунад?
Бо кӣ вафо кард, ки бо мо кунад?
Хок шуд, он кас ки бар ин хок зист,
Хок чӣ донад, ки дар ин хок чист?
Ҳар варақе чеҳраи озодаест,
Ҳар қадаме фарқи маликзодаест.
Мо, ки ҷавонӣ ба ҷаҳон додаем,
Пир чароем, к-аз ӯ зодаем.
Сом, ки симурғи писаргир дошт,
Буд ҷавон, гарчи писар пир дошт.
Гунбади пӯянда, ки поянда нест,
Ҷуз ба хилофи ту гароянда нест.
Гаҳ малики ҷонваронат кунад,
Гоҳ гили кӯзагаронат кунад.
Ҳаст бар ин фарши дурангомада
Ҳар касе аз кор ба танг омада.
Гуфта гурӯҳе, ки ба саҳро-даранд,
К-эй хунук, онон ки ба дарё-даранд.
В-он ки ба дарё дури сахтикаш аст,
Наъл дар оташ, ки биёбон х(в)аш аст.
Одамӣ аз ҳодиса беғам наянд,
Бар тару бар хушк мусаллам наянд.
Фарз шуд ин қофила бардоштан,
З-ин буна бигзаштану бигзоштан.
Ҳар кӣ дар ин ҳалқа фурӯ мондааст,
Шаҳрбурункардаву деҳронда аст.
Роҳраверо, ки амон медиҳанд,
Дар адам аз дур нишон медиҳанд.
Мулк раҳо кун, ки ғурурат диҳад,
Зулмати ин соя чӣ нурат диҳад?
Умр ба бозича ба сар мебарӣ,
Бозӣ аз андоза бадар мебарӣ.

Гардиши ин гунбади бозичаранг
Н-аз паи бозича гирифт ин диранг.
Бештар аз мартабаи оқилӣ
Ғафлат хуш буд, хушо ғофилӣ!
Чун назари ақл ба ғоят расид,
Давлати шодӣ ба ниҳоят расид.
Ғофил будан на зи фарзонагист,
Ғофилӣ аз ҷумлаи девонагист.
Ғофилӣ, маншин, вароқе мехарош,
Гар нанависӣ, қаламе метарош.
Сар макаш аз суҳбати соҳибдилон,
Даст мадор аз камари муқбилон!
Хор, ки ҳамсуҳбатии гул кунад,
Ғолия дар домани сунбул кунад.
Рӯзи қиёмат, ки барот оваранд,
Бодияро дар арасот оваранд,
К-эй ҷигаролуди забонбастагон,
Обиҷигархӯрдаи дилхастагон,
Реги туро Оби Ҳаёт аз куҷо?
Бодияву файзи Фурот аз куҷо?
Рег занад нола, ки хун х(в)ардаам,
Рег марезед, на хун кардаам!
Бар сари хоне намаке рехтам,
Бо ҷигаре чанд баромехтам.
То чу ҳамоғӯши ғаюрон шавам,
Маҳрами дастинаи ҳурон шавам.
Ҳукм чу бар ҳукми сиришташ кунанд,
Мутриби халхоли биҳишташ кунанд.
Ҳар кӣ кунад суҳбати нек ихтиёр,
Ояд рӯзеш зарурат ба кор.
Суҳбати некон зи ҷаҳон дур гашт,
Хони асал хонаи занбӯр гашт.
Давр нигар, к-аз сари номардумӣ
Барҳазар аст одамӣ аз одамӣ.
Маърифат аз одамиён бурдаанд
В-одамиёнро зи миён бурдаанд.
Чун фалак аз аҳди Сулаймон барист,
Одамӣ он аст, ки акнун парист.
Бо нафаси ҳар кӣ даромехтам,
Маслиҳат он буд, ки бигрехтам.
Сояи кас фарри ҳумое надошт,
Суҳбати кас бӯи вафое надошт.

Тухми адаб чист? Вафо коштан,
Ҳаққи вафо чист? Нигаҳ доштан.
Барзгар он дона, ки мепарварад,
Ояд рӯзе, ки аз ӯ бар х(в)арад.

## ҲИКОЯТИ СУЛАЙМОН БО ДЕҲҚОН

Рӯзе аз он ҷо, ки фароғе расид,
Боди Сулаймон ба чароғе расид.
Мамлакаташ рахт ба саҳро ниҳод,
Тахт бар ин тахтаи мино ниҳод.
Дид ба навъе, ки дилаш пора гашт,
Барзгаре пир дар он содадашт.
Хона зи муште ғала пардохта,
Дар ғаладони карам андохта,
Донафишон гашта ба ҳар гӯшае,
Руста зи ҳар донаи ӯ хӯшае.
Пардаи он дона, ки деҳқон кушод,
Мантиқи мурғон зи Сулаймон кушод.
Гуфт:– Ҷавонмард шав, эй пирмард,
К-ин қадарат буд, бибояст х(в)ард.
Дом наӣ, донафишонӣ макун,
Бо чу мане мурғзабонӣ макун.
Бел надорӣ, гили саҳро махор,
Об наёбӣ, ҷави деҳқон макор.
Мо, ки ба серобзамин коштем,
З-он чи бикиштем, чӣ бардоштем,
То ту дар ин мазрааи донасӯз
Ташнаву бе об чӣ орӣ ба рӯз?
Пир бад-ӯ гуфт: – Маранҷ аз ҷавоб,
Фориғам аз парвариши хоку об.
Бо тару бо хушк маро нест кор,
Дона зи ман, парвариш аз кирдгор.
Оби ман инак арақи пушти ман,
Бели ман инак сари ангушти ман.
Нест ғами мулку вилоят маро,
То манам, ин дона кифоят маро.
Он ки башорат ба х(в)адам медиҳад,
Дона яке ҳафтсадам медиҳад.
Дона ба анбозии шайтон макор!
То зи яке ҳафтсад ояд ба бор.

Донаи шоиста бибояд нахуст,
То гираҳи хӯша кушояд дуруст.
Ҳар назареро, ки барафрӯхтанд,
Ҷома ба андозаи тан дӯхтанд.
Рахти Масеҳо накашад ҳар харе,
Маҳрами давлат набувад ҳар саре.
Каркадане гардани пиле х(в)арад,
Мӯр зи пои малахе нагзарад.
Баҳр ба сад рӯд шуд оромгир,
Ҷӯй ба як сел барорад нафир.
Ҳаст дар ин доираи лоҷвард
Мартабаи мард ба миқдори мард.
Давлатие бояд соҳибдиранг,
К-аз қадаре бор наёяд ба танг.
Ҳар нафасе ҳавсалаи ноз нест,
Ҳар шикаме ҳомилаи роз нест.
Боз нагӯям, ки зи хомӣ бувад,
Боркашӣ кори Низомӣ бувад.

## МАҚОЛАТИ ЧАҲОРУМ ДАР ҲУСНИ РИОЯТИ ШОҲ БО РАИЯТ

Эй сипар афканда зи мардонагӣ,
Ғӯли ту байғулаи бегонагӣ.
Ғарра ба мулкӣ, ки вафоеш нест,
Зинда ба умрӣ, ки бақоеш нест.
Пайсипари ҷуръаи майхорагон,
Дастхуши бозии сайёрагон.
Мусҳафу шамшер бияндохта,
Ҷому сурохӣ ивазаш сохта.
Оинаву шона гирифта ба даст,
Чун зани раъно шуда гесупараст.
Робиа бо робиъи он ҳафтмард
Гесуи худро бинигар, то чӣ кард.
Эй ҳунар аз мардии ту шармсор,
Аз ҳунари бевазане шарм дор!
Чанд кунӣ даъвии мардафканӣ,
Кам зану кам зан, ки кам аз як занӣ.
Гардани ақл аз ҳунар озод нест,
Ҳеҷ ҳунар хубтар аз дод нест.
Тоза шуд ин обу на дар ҷӯи туст,
Нағз шуд ин холу на бар рӯи туст.

Чарх наӣ, маҳзари некӣ писанд,
Нек дарандеш зи чархи баланд,
Ҷуз гуҳари нек набояд намуд,
Суд тавон кард бад-ин моя, суд.
Нест муборак ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон рехтан.
Рафт басе даъвӣ аз ин пештар,
То ду-се ҳиммат ба ҳам ояд магар?
Дод кун, аз ҳиммати мардум битарс,
Нимшаб аз тири тазаллум битарс!
Ҳиммат аз он ҷо ки назарҳо кунад,
Хор мадораш, ки асарҳо кунад.
Ҳиммати олудаи он як-ду мард
Бо тани Маҳмуд, бибин, то чӣ кард?
Ҳиммати чандин нафаси беғубор
Бо ту, бибин, то чӣ кунад рӯзгор?
Роҳравоне, ки малоикпаянд,
Дар раҳи кашф аз кашафе кам наянд.
Теғи ситам дур кун аз роҳашон,
То нахурӣ тири саҳаргоҳашон.
Додгарӣ шарти ҷаҳондорӣ аст,
Шарти ҷаҳон, бин, ки ситамкорӣ аст.
Ҳар кӣ дар ин хона шабе дод кард,
Хонаи фардои худ обод кард.

## ДОСТОНИ ПИРЗАН БО СУЛТОН САНҶАР

Пирзанеро ситаме даргирифт,
Даст заду домани Санҷар гирифт.
К-эй малик, озарми ту кам дидаам
В-аз ту ҳамасола ситам дидаам.
Шаҳнаи маст омада дар кӯи ман,
Зад лагаде чанд фарорӯи ман.
Бегунаҳ аз хона ба рӯям кашид,
Мӯйкашон бар сари кӯям кашид.
Дар ситамободи забонам ниҳод,
Муҳри ситам бар дари хонам ниҳод.
Гуфт:– «Фалон нимшаб, эй кӯжпушт,
Бар сари кӯи ту фалонро кӣ кушт?»
Хонаи ман ҷуст, ки хунӣ куҷост,
Эй шаҳ, аз ин беш забунӣ куҷост?

Шаҳна бувад маст, ки он хун кунад,
Арбада бо пирзане чун кунад?
Ратлзанон дахли вилоят баранд,
Пирзанонро ба ҷиноят баранд.
Он ки дар ин зулм назар дошта-ст,
Ситри ману адли ту бардошта-ст.
Кӯфта шуд синаи маҷрӯҳи ман,
Ҳеҷ намонд аз ману аз рӯҳи ман.
Гар надиҳӣ доди ман, эй шаҳрёр,
Бо ту равад рӯзи шумор ин шумор.
Доварӣ, дод намебинамат
В-аз ситам озод намебинамат.
Аз маликон қуввату ёрӣ расад,
Аз ту ба мо, бин, ки чӣ хорӣ расад!
Моли ятимон ситадан кор нест,
Бигзар, к-ин одати аҳрор нест.
Бар палаи пирзанон раҳ мазан,
Шарм бидор аз палаи пирзан.
Бандаию даъвии шоҳӣ кунӣ,
Шоҳ наӣ, чунки табоҳӣ кунӣ?
Шоҳ, ки тартиби вилоят кунад,
Ҳукми раият ба риоят кунад,
То ҳама сар бар хати фармон ниҳанд,
Дӯстияш дар дилу дар ҷон ниҳанд.
Оламро зеру забар кардаӣ,
То туӣ, охир, чӣ ҳунар кардаӣ.
Давлати туркон, ки баландӣ гирифт,
Мамлакат аз додписандӣ гирифт.
Чунки ту бедодгарӣ парварӣ,
Турк наӣ, ҳиндуи ғоратгарӣ!
Маскани шаҳрӣ зи ту вайрона шуд,
Хармани деҳқон зи ту бедона шуд.
З-омадани марг шуморе бикун,
Мерасадат даст, ҳисоре бикун.
Адли ту қандили шабафрӯзи туст,
Мӯниси фардои ту имрӯзи туст.
Пирзанонро ба сухан шод дор
В-ин сухан аз пирзане ёд дор.
Даст бидор аз сари бечорагон,
То нахурӣ ёсиҷи ғамхорагон.
Чанд занӣ тир ба ҳар гӯшае?
Ғофилӣ аз тӯшаи бетӯшае.

Фатҳи ҷаҳонро ту калид омадӣ,
Н-аз паи бедод падид омадӣ.
Шоҳ бад-онӣ, ки ҷафо кам кунӣ,
Гар дигарон реш, ту марҳам кунӣ!
Расми заифон ба ту нозиш бувад,
Расми ту бояд, ки навозиш бувад.
Гӯш ба дарюзаи анфос дор,
Гӯшанишине ду-серо пос дор!
Санҷар, к-иқлими Хуросон гирифт,
Кард зиён, к-ин сухан осон гирифт.
Дод дар ин давр барандохта-ст,
Дар пари симурғ ватан сохта-ст.
Шарм дар ин торами азрақ намонд,
Об дар ин хоки муаллақ намонд.
Хез, Низомӣ, зи ҳад афзун гирӣ,
Бар дили хунобшуда хун гирӣ!

## МАҚОЛАТИ ПАНҶУМ ДАР ВАСФИ ПИРӢ

Рӯзи хуши умр ба шаб х(в)аш расид,
Хок ба бод, об ба оташ расид.
Субҳ баромад, чӣ шавӣ масти хоб,
К-аз сари девор гузашт офтоб.
Бигзар аз ин пай, ки ҷаҳонгирӣ аст,
Ҳукми ҷавонӣ макун, ин пирӣ аст.
Хушк шуд он дил, ки зи ғам реш буд,
К-он намакаш нест, к-аз ин пеш буд.
Шефта шуд ақлу табаҳ гашт рой,
Обила шуд дасту замин гашт пой.
Бо ту заминро сари бахшоиш аст,
Пой фурӯ каш, гаҳи осоиш аст.
Нест дар ин покию олудагӣ
Хуштар аз осудагӣ осудагӣ.
Чашмаи маҳтоби ту сардӣ гирифт,
Лолаи сероби ту зардӣ гирифт.
Мӯй ба мӯят зи Ҳабаш то Тароз
Тозию турк омада дар турктоз.
Пири думӯе, ки шабу рӯзи туст,
Рӯзи ҷавонӣ адабомӯзи туст,
К-аз ту ҷавонтар ба ҷаҳон чанд буд,
Худ нашавад пир, дар ин банд буд.

Парраи гул боди хазонӣ-ш бурд,
Омада пирию ҷавонӣ-ш бурд.
Айби ҷавонӣ напазируфтаанд,
Пирию сад айб, чунин гуфтаанд.
Давлат агар давлати Ҷамшедӣ аст,
Мӯи сапед ояти навмедӣ аст.
Мӯи сапед аз аҷал орад паём,
Пушти хам аз марг расонад салом.
Мулки ҷавонию накӯӣ кирост,
Нест маро, ё раб, гӯӣ кирост?!
Рафт ҷавонӣ ба тағофул ба сар,
Ҷои дареғ аст, дареғе бих(в)ар.
Гумшудаи ҳар кӣ чу Юсуф бувад,
Гум шуданаш ҷои таассуф бувад.
Фориғӣ аз қадри ҷавонӣ, ки чист,
То нашавӣ пир, надонӣ, ки чист.
Шоҳиди боғ аст дарахти ҷавон,
Пир шавад, бишканадаш боғбон.
Гарчи ҷавонӣ ҳама худ оташ аст,
Пирӣ талх асту ҷавонӣ х(в)аш аст.
Шохи тар аз баҳри гули навбар аст,
Ҳезуми хушк аз паи хокистар аст.
Мӯи сияҳ ғолияи сар бувад,
Санги сияҳ сайрафии зар бувад.
Аҳди ҷавонӣ ба сар омад, махусп,
Шаб шуду инак саҳар омад, махусп.
Оташи табъи ту чу кофур х(в)ард,
Мушки туро табъ чу кофур кард.
Чунки ҳаво сард шавад як-ду моҳ,
Барфи сафед оварад абри сиёҳ.
Гозурӣ аз рангразӣ дур нест,
Кулбаи хуршеду Масеҳо якест.
Гозуркорӣ сифати об шуд,
Рангразӣ пешаи маҳтоб шуд.
Рангхар аст ин кураи лоҷвард,
Исӣ аз он рагразӣ пеша кард.
Чунки ҳаворо ҷаве аз ранг нест,
Ҷумла ҳаворо ба ҷаве санг нест.
Чун шабу чун рӯз дурангӣ мадор,
Сурати румӣ, рухи зангӣ мадор.
То пай аз ин зангию румӣ туроcт,
Доғи ҷаҳулию залумӣ туроcт.

Дар камари кӯҳ зи хӯи дуранг
Пуштбурида-ст миёни паланг.
То чу арӯсони дарахт аз қиёс
Гоҳ қасаб пӯшию гоҳе палос.
Дорӣ аз ин хӯи мухолиф басеч,
Гармию сад ҷуббаву сардию ҳеч.
Он хуру он пӯш чу шеру паланг,
К-оварӣ онро ҳамасола ба чанг.
То шикаме нону даме об ҳаст,
Кафча макун бар сари ҳар коса даст.
Нон агар оташ нанишонад зи ту,
Обу гиёро кӣ ситонад зи ту?
З-он ки занӣ нони касонро сало,
Беҳ, ки хурӣ чун хари Исо гиё.
Оташи ин хоки хуми бодгард
Нон надиҳад, то набарад оби мард.
Гарна дар ин дахмаи зиндониён
Бетабиш аст оташи рӯҳониён.
Гургдаме Юсуфи ҷонаш чарост?
Шердиле гурбаи хонаш чарост?
Аз паи муште ҷави гандумнамой
Донаи дил чун ҷаву гандум масой!
Нонхуриш аз синаи худ кун чу об,
В-аз дили худ соз чу оташ кабоб.
Хок хуру нони бахилон махур,
Хок наӣ, захми залилон махур.
Бар дилу дастат ҳама хоре бизан,
Тан мазану даст ба коре бизан.
Беҳ, ки ба коре бикунӣ дастх(в)аш,
То нашавӣ пеши касон дасткаш.

## ДОСТОНИ ПИРИ ХИШТЗАН

Дар тарафи Шом яке пир буд,
Чун парӣ аз халқ тарафгир буд.
Пираҳани худ зи гиё бофтӣ,
Хишт задӣ, рӯзӣ аз он ёфтӣ.
Теғзанон чун сипар андохтанд,
Дар лаҳад аз хишт сипар сохтанд.
Ҳар кӣ ҷуз он хишт ниқобаш набуд,
Гарчи гунаҳ дошт, азобаш набуд.

Пир яке рӯз дар ин кору бор
Кор фаропеш дарафзуд кор.
Омад аз он ҷо, ки қазо соз кард,
Хубҷавоне сухан оғоз кард,
К-ин чӣ забунию чӣ афкандагист,
Коҳу гил ин пешаи харбандагист,
Хезу мазан бар сипари хок теғ,
К-аз ту надоранд яке нон дареғ.
Қолаби ин хишт дар оташ фикан,
Хишти нав аз қолаби дигар бизан!
Чанд кулӯхе ба такаллуф кунӣ,
Дар гилу обе чӣ тасарруф кунӣ?
Хештан аз ҷумлаи пирон шумор,
Кори ҷавонон ба ҷавонон гузор!
Пир бад-ӯ гуфт:– «Ҷавонӣ макун,
Даргузар аз кору гаронӣ макун!
Хиштзанӣ пешаи пирон бувад,
Боркашӣ кори асирон бувад.
Даст бад-ин пеша кашидам, ки ҳаст,
То накашам пеши ту як рӯз даст.
Дасткаши кас наям аз баҳри ганҷ,
Дасткаше мехурам аз дастранҷ.
Аз паи ин ризқ ваболам макун,
Гар на чунин аст, ҳалолам макун!»
Аз сухани пир маломатгараш
Гирён-гирён бигузашт аз бараш.
Пир бад-ин васф ҷаҳондида буд,
К-аз паи ин кори писандида буд.
Чанд, Низомӣ, дари дунйӣ занӣ?
Хезу дари дин зан, агар мезанӣ!

## МАҚОЛАТИ ШАШУМ ДАР ЭЪТИБОРИ МАВҶУДОТ

Лӯъбатбозе паси ин парда ҳаст,
Гарна, бар ӯ ин ҳама лӯъбат кӣ баст?
Дидаи дил маҳрами ин парда соз,
То чӣ бурун ояд аз ин парда боз?
Дар паси ин пардаи зангоргун
Ориятонанд зи ғоят бурун.
Гавҳари чашм аз адаб афрӯхта,
Бар карами хидмати дил дӯхта.

Ҳеҷ дар ин нуктаи паргор нест,
К-аз хати ин доира бар кор нест.
Ин ду-се маркаб, ки ба зин кардаанд,
Аз паи мо дастгузин кардаанд.
Пештар аз ҷунбиши ин тозагон
Навсафарону кухановозагон.
Пойгаҳи ишқ на мо кардаем,
Дасткаши ишқ на мо х(в)ардаем.
Дар ду ҷаҳон айбу ҳунар бастаанд,
Ҳар ду ба фитроки ту барбастаанд.
Нест ҷаҳонро чу ту ҳамхонае,
Мурғи заминро зи ту беҳ донае.
Бигзор аз ин мурғи табиатхарош,
Бар сари ин мурғ чу симурғ бош!
Мурғи қафаспар, ки Масеҳои туст,
Зери ту пар дораду болои туст.
Ё зи қафас чангули ӯ кун ҷудо,
Ё қафаси хеш бад-ӯ кун раҳо,
То буна чун сӯи вилоят барад,
Дар пари хешат ба ҳимоят барад.
Чун гузарӣ з-ин ду-се даҳлези хок,
Лавҳи туро аз ту бишӯянд пок.
Хатми сапедию сиёҳӣ шавӣ,
Маҳрами асрори илоҳӣ шавӣ.
Саҳл шавӣ бар қадами анбиё,
Аҳл шавӣ дар ҳарами кибриё.
Роҳи ду олам, ки ду манзил шуда-ст,
Ними раҳи як нафаси дил шуда-ст.
Он ки асоси ту бар ин гил ниҳод,
Каъбаи ҷон дар ҳарами дил ниҳод.
Нақши қабул аз дили равшан пазир,
Гарди гилеми сияҳи тан магир.
Сурмакаши дидаи наргис сабост,
Рангрази ҷомаи мис кимиёст.
Тан чӣ бувад? Резиши муште гил аст,
Ҳам дилу ҳам дил, ки сухан дар дил аст.
Бандаи дил бош, ки султон шавӣ,
Хоҷаи ақлу малики ҷон шавӣ.
Нармии дил металабӣ нифавор,
Нофасифат тан ба дуруштӣ супор.
Эй ки туро беҳ зи хашин ҷома нест,
Ҳукм бар абрешиму бодома нест.

Хубии оҳу зи хашинпӯстист,
Рикҳаш аз он номзади дӯстист.
Мушк бувад дар хашин оромгир,
Гашт пароканда, чу пӯшад ҳарир.
Гар шакарӣ, бо нафаси танг соз
В-ар гуҳарӣ, бо садафи санг соз.
Гоҳ чу шаб лаъли саҳаргоҳ бош,
Гаҳ чу саҳар захмгаҳи оҳ бош.
Бори ано каш ба шаби қиргун,
Ҳар чӣ ано беш, иноят фузун.
З-аҳли вафо ҳар кӣ ба ҷое расид,
Бештар аз роҳи аное расид.
Нузли бало офияти анбиёст,
В-он чи туро офият ояд, балост.
Захми бало марҳами худбинӣ аст,
Талхии май мояи ширинӣ аст.
Ҳорисии аждарҳо ганҷрост,
Хозинии роҳатҳо ранҷрост.
Сарв шав, аз банди худ озод бош,
Шамъ шав, аз хӯрдани худ шод бош.
Ранҷ зи фарёдбарӣ соҳат аст,
Дар ақиби ранҷ басе роҳат аст.
Чарх набандад гираҳе бар сарат,
То накушояд гираҳе дигарат.
Дар сафаре, к-он раҳи озодӣ аст,
Шаҳнаи ғам пешрави шодӣ аст.

## ДОСТОНИ САГУ САЙЁД ВА РӮБОҲ

Сайдгаре буд аҷаб тезбин,
Бодияпаймою мароҳилгузин.
Шерсаге дошт, ки чун бӯ гирифт,
Сояи хуршед ба оҳу гирифт.
Саҳмзада каркадан аз гарданаш,
Гӯр зи дандони гавазнафканаш.
Дар сафараш мӯнису ёр омада,
Чанд шабонрӯз ба кор омада.
Буд дили меҳрфурӯзаш бад-ӯ,
Поси шабу рӯзии рӯзаш бад-ӯ.
Гашт гум он шерсаг аз шермард,
Мард бар он дил, ки ҷигар гурба х(в)ард,

Гуфт:– «Дар ин раҳ, ки миёнҷӣ қазост,
Пои сагеро сари шере баҳост.
Гарчи дар ин ғам ҷигар аз ҷон гирифт,
Ҳам ҷигари хеш ба дандон гирифт».
Собирие, к-он на ба ӯ буд, кард,
Ҳар ҷави сабраш дираме суд кард.
Танзкунон рӯбаҳе омад зи дур,
Гуфт:– «Сабурӣ макун, эй носабур».
Мешунавам, к-он ба ҳунар так намонд,
Бод бақои ту, гар он саг намонд!
Дӣ, ки зи пеши ту ба нахчир шуд,
Тезтакӣ карду адамгир шуд.
Ин ки саг имрӯз шикори ту кард,
То ду маҳат бас бувад, эй шермард.
Хезу кабобе ба дили хеш деҳ,
Мағз ту хур, пӯст ба дарвеш деҳ».
Чарбхуриш буд туро пеш аз ин,
Рӯбаҳи фарбеҳ нахурӣ беш аз ин.
Эминӣ аз равғани аъзои мо,
Раст мизоҷи ту зи сафрои мо.
Дурӣ аз ӯ, ин чӣ вафодорӣ аст?!
Ғам нахӯрӣ, ин чӣ ҷигархорӣ аст?!
Сайдгараш гуфт:– «Шаб обистан аст,
Ин ғами якрӯза барои ман аст.
Шод бар онам, ки дар ин дайри танг
Шодию ғам ҳарду надорад диранг.
Ин ҳама мирию ҳама бандагӣ
Ҳаст дар ин қолаби гардандагӣ.
Анҷуму афлок ба гаштан-даранд,
Роҳату меҳнат ба гузаштан-даранд.
Шоддилам, з-он ки дили ман ғамист,
К-омадани ғам сабаби хуррамист.
Гурги маро ҳолати Юсуф расид,
Гург наям, ҷома нахоҳам дарид.
Гар ситадандаш зи ман, эй ҳиласоз,
Бо чу ту сайде ба ман оранд боз.
Ӯ ба сухан-дар, ки баромад ғубор,
Гашт саг аз пардаи гард ошкор.
Омаду гирдаш ду-се ҷавлон гирифт,
Нифаи рӯбоҳ ба дандон гирифт».
Гуфт:– «Бад-ин хурда, ки дер омадам,
Рӯбаҳ донад, ки чу шер омадам.

Тавқи ман овезиши дини ту шуд,
Кандаи рӯбоҳ яқини ту шуд».
Ҳар кӣ яқинаш ба иродат кашад,
Хотами кораш ба саодат кашад.
Роҳи яқин ҷӯй зи ҳар ҳосиле,
Нест мубороктар аз ин манзиле.
Пой ба рафтори яқин сар шавад,
Санг ба пиндори яқин зар шавад.
Гар қадамат шуд ба яқин устувор,
Гард зи дарё, нам аз оташ барор!
Ҳар кӣ яқинро ба таваккул сиришт,
Бар карам-ур-ризқ илаллаҳ навишт.
Пашшаи хону магаси кас нашуд,
Ҳар чӣ ба пеш омадаш, аз пас нашуд.
Рӯзии ту боз нагардад зи дар,
Кори Худо кун, ғами рӯзӣ мах(в)ар.
Бар дари ӯ шав, ки аз инон беҳ ӯст,
Рӯзӣ аз ӯ хоҳ, ки рӯзидеҳ ӯст.
Аз ману ту ҳар кӣ бад-он даргузашт,
Ҳеҷ касе бе ғаразе во нагашт.
Аҳли яқин тоифаи дигаранд,
Мо ҳама поем, гар эшон саранд.
Чун сари саҷҷода бар об афкананд,
Ранги асал бар маи ноб афкананд.
Умр чу якрӯза қарорат надод,
Рӯзии садсола чӣ бояд ниҳод?!
Сурати моро, ки амал сохтанд,
Қисмати рӯзӣ ба азал сохтанд.
Рӯзӣ аз он ҷо-т фиристодаанд,
Он хурӣ ин ҷо, ки туро додаанд.
Гарчи дар ин халқ басе ҷаҳд кард,
Бештар аз рӯзии худ кас нах(в)ард.
Ҷаҳд бад-ин кун, ки бар ин аст аҳд,
Рӯзию давлат нафизояд ба ҷаҳд.
То шавӣ аз ҷумлаи олам азиз,
Ҷаҳди ту мебояду тавфиқ низ.
Ҷаҳди Низомӣ нафасе буд сард,
Гармии тавфиқ ба чизеш кард.

## МАҚОЛАТИ ҲАФТУМ ДАР ФАЗИЛАТИ ОДАМӢ БАР ҲАЙВОНОТ

Эй ба замин-бар чу фалак нозанин,
Нозкашат ҳам фалаку ҳам замин.
Кори ту з-он ҷо, ки хабар доштӣ,
Бартар аз он шуд, ки ту пиндоштӣ.
Аввал аз он доя, ки парвардаӣ,
Шир нахурдӣ, ки шакар х(в)ардаӣ.
Некуият бояд, к-афзун бувад,
Некуӣ афзунтар аз ин чун бувад?
К-аз сари он хома, ки хоридаанд,
Нағз нигорет нигоридаанд,
Риштаи ҷон бар ҷигарат бастаанд,
Гавҳари тан бар камарат бастаанд.
Беҳ, ки заифӣ, ки дар ин марғзор
Оҳуи фарбеҳ надавад бо низор.
Ҷонвароне, ки ғуломи туанд,
Мурғи алафхораи доми туанд.
Чун ту ҳумоӣ, шарафи кор бош.
Кам хуру кам гӯю камозор бош!
Ҳар кӣ ту бинӣ зи сапеду сиёҳ,
Бар сари корест дар ин коргоҳ.
Ҷуғд, ки шум аст ба афсона-дар,
Булбули ганҷ аст ба вайрона-дар.
Ҳар чӣ дар ин парда нишонеш ҳаст,
Дархури тан қимати ҷонеш ҳаст.
Гарчи зи баҳри ту ба гавҳар каманд,
Чун ту ҳама гавҳарии оламанд.
Бешу камеро, ки кашӣ дар шумор,
Ранҷ ба қадри дияташ чашм дор.
Неку бади мулк ба кори туанд,
Дар баду нек оинадори туанд.
Кафш диҳӣ, боздиҳандат кулоҳ,
Парда дарӣ, парда дарандат чу моҳ.
Хезу макун пардадарӣ субҳвор,
То чу шабат ном бувад пардадор.
Пардаи занбӯр гули сурӣ аст
В-они ту ин пардаи занбӯрӣ аст.
Чанд парӣ чун магас аз баҳри қут
Дар даҳани ин танаи анкабут?

Пардагиёне, ки ҷаҳон доштанд,
Рози ту дар парда ниҳон доштанд.
Аз раҳи он парда фузун омадӣ,
Лоҷарам аз парда бурун омадӣ.
Дил, ки на дар парда, видоъаш макун,
Ҳар чӣ на дар парда, самоъаш макун.
Шӯъбадабозӣ, ки дар ин парда ҳаст,
Бар сарат ин парда ба бозӣ набаст.
Даст ҷуз ин парда ба ҷое мазан,
Хориҷ аз ин парда навое мазан,
Бишнав аз ин пардаву бедор шав,
Хилватии пардаи асрор шав.
Ҷисматро поктар аз ҷон кунӣ,
Чунки чиҳил рӯз ба зиндон кунӣ.
Мард ба зиндон шараф орад ба даст,
Юсуф аз ин рӯй ба зиндон нишаст.
Қадри дилу пояи ҷон ёфтан,
Ҷуз ба риёзат натавон ёфтан.
Сими табоеъ ба риёзат шумор,
Зарри табиат ба риёзат барор,
То зи риёзат ба мақоме расӣ,
К-ат ба касе даркашад ин нокасӣ.
Тавсании табъ чу ромат шавад,
Сиккаи ихлос ба номат шавад.
Ақлу табиат, ки туро ёр шуд,
Қиссаи оҳангару аттор шуд,
К-ин зи табиш обиларӯят кунад
В-он зи нафас ғолиябӯят кунад.
Дар бунаи табъ наҷот андакест,
Дар қафаси марг ҳаёт андакест.
Ҳар чӣ хилофомади одат бувад,
Қофиласолори саодат бувад.
Сар зи ҳаво тофтан аз сарварист,
Тарки ҳаво қувваи пайғамбарист.
Гар нафасе нафс ба фармони туст,
Кафш биёвар, ки биҳишт они туст.
Аз ҷараси нафс баровар ғирев,
Бандаи дин бош, на муздури дев.
Дар ҳарами дин ба ҳимоят гурез,
То раҳӣ аз кашмакаши растахез.
З-оташи дӯзах, ки чунон ғолиб аст,
Бӯи набӣ шаҳнаи Бутолиб аст.

Ҳаст ҳақиқат назари муқбилон,
Диръи паноҳандаи равшандилон.

## ДОСТОНИ ФАРИДУН БО ОҲУ

Субҳдаме бо ду-се аҳли дарун
Рафт Фаридун ба тамошо бурун.
Чун ба шикор омад дар марғзор,
Оҳуваке дид Фаридуншикор.
Гардану гӯше зи хусумат barӣ,
Чашму сурине ба шафоатгарӣ.
Гуфтӣ аз он ҷо, ки назар ҷуста буд,
Аз назари шоҳ бурун ҷаста буд.
Шоҳ бад-он сайд чунон сайд шуд,
К-аш ҳамагӣ бастаи он қайд шуд.
Рахш бар ӯ чун ҷигараш гарм кард,
Пушти камон чун шикамаш нарм кард.
Тир ба он поя аз ӯ даргузашт,
Рахш ба он пӯя ба гардаш нагашт.
Гуфт ба тир:– «Он пари кина-т куҷост?
Гуфт ба рахш:– «Он таки дина-т куҷост?
Ҳар ду дар ин бора на пасбораед,
Хурдаи он хурди гиёхораед».
Тир забон шуд ҳама, к-эй марзбон,
Ҳаст назаргоҳи ту ин безабон.
Дар кафани диръи ту ҷавлон занад,
Бар сари диръи ту кӣ пайкон занад?
Хуш набувад бо назари меҳтарон
Бар дафи ӯ ҷуз кафи хунёгарон.
Доғи баландон талаб, эй ҳушманд,
То шавӣ аз доғи баландон баланд.
Сурати хидмат сифати мардумист,
Хидмат кардан шарафи одамист.
Нест бари мардуми соҳибназар
Хидмате аз аҳд писандидатар.
Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун!
Ганҷнишин мор, ки дарвеш нест,
Аз сар то дум камаре беш нест.
Аз паи он гашт фалак тоҷи сар,
К-аз сари хидмат ҳама тан шуд камар.

Ҳар кӣ зимоми ҳунаре мекашад,
Дар раҳи хидмат камаре мекашад.
Шамъ, ки ӯ хоҷагии нур ёфт,
Аз камари хидмати занбӯр ёфт.
Хез, Низомӣ, ки на барбастаӣ,
Аз паи хидмат чӣ камар бастаӣ?

## МАҚОЛАТИ ҲАШТУМ ДАР БАЁНИ ОФАРИНИШ

Пештар аз пештарони вуҷуд,
К-об нахӯрданд зи дарёи ҷуд,
Дар кафи ин мулк ясоре набуд,
Дар раҳи ин хок ғуборе набуд.
Ваъдаи таъхир ба сар н-омада,
Лӯъбате аз парда бадар н-омада.
Рӯзу шаб овезиши пастӣ надошт,
Ҷону тан омезиши ҳастӣ надошт.
Кашмакаши ҷавр дар аъзо ҳанӯз,
Кун-макуни адл на пайдо ҳанӯз.
Файзи карам кард мувосои хеш,
Қатрае афканд зи дарёи хеш.
Ҳолӣ аз он қатра, ки омад бурун,
Гашт равон ин фалаки обгун.
З-оби равон гард барангехтанд,
Ҷавҳари ту з-он араз омехтанд.
Чунки ту бархезӣ аз ин коргоҳ,
Бошад бархоста гарде зи роҳ.
Эй хунук, он дам, ки ҷаҳон бе ту буд,
Нақши ту бе сурату ҷон бе ту буд.
Чашми фалак фориғ аз ин ҷустуҷӯй,
Гӯши замин раста аз ин гуфтугӯй.
То ту дар ин раҳ наниҳодӣ қадам,
Шукр басе дошт вуҷуд аз адам.
Фориғ аз обистаният рӯзу шаб
Номия иннину табиат азаб.
Боғи ҷаҳон заҳмати хоре надошт,
Хоки саросема ғуборе надошт.
Толеи Ҷавзо, ки камарбаста буд,
Аз варами рагзаданат раста буд.
Маҳ, ки сияҳрӯй шудӣ дар замин,
Ташти ту расво-ш накардӣ чунин.

Зуҳра ҳанӯз об дар ин гил нарехт,
Шаҳпари Ҳорут ба Бобил нарехт.
Аз ту муҷаррад замию осмон,
Ту ба канору ғами ту дар миён.
То ба ту туғрои ҷаҳон тоза гашт,
Гунбади пирӯза пуровоза гашт.
Аз бадии чашми ту кавкаб нараст,
Кавкабаи маҳди кавокиб шикаст.
Буд маҳу сол зи гардиш барӣ,
То ту накардӣ-ш таарруфгарӣ.
Рӯи ҷаҳон, к-оинаи пок шуд,
З-ин нафасе чанд халалнок шуд.
Машъалаи субҳ ту бурдӣ ба шом,
Козибу содиқ ту ниҳодӣ-ш ном,
Хоки замин дар даҳани осмон
То ки чаро пеши ту бандад миён.
Бар фалакат меваи ҷон гуфтаанд,
Мешунаваш, к-он ба забон гуфтаанд.
Тоҷи ту афсӯс, ки аз сар беҳ аст,
Ҷул зи сагу тӯбра аз хар беҳ аст.
Лоф басе шуд, ки дар ин лофгоҳ
Бар ту ҷаҳоне ба ҷаве хоки роҳ.
Худ ту кафе хок ба ҷоне диҳӣ,
Як ҷав каҳгил ба ҷаҳоне диҳӣ.
Эй зи ту болои замин зери ранҷ,
Ҷои ту ҳам зери замин беҳ чу ганҷ.
Равғани мағзи ту, ки симобӣ аст,
Сард бад-ин фундуқи санҷобӣ аст.
То-т чу фундуқ накунад хона танг,
Бигзар аз ин фундуқи санҷобранг.
Рӯзу шаб аз қоқуму қундуз ҷудост,
Ин далаи песа палангаждаҳост.
Гурба най, дастдарозӣ макун,
Бо далаи деҳ далабозӣ макун!
Шер танида-ст дар ин раҳ луоб,
Сар чу гавазнон чӣ ниҳӣ сӯи об?
Гар фалакат ишваи обе диҳад,
То нафиребӣ, ки саробе диҳад.
Тез марон, к-оби фалак дидаӣ,
Оби даҳан хур, ки намак дидаӣ.
То нашавӣ ташна, батадбир бош,
Сӯхтахирман чу табошир бош!

Юсуфи ту то забари чоҳ буд,
Мисри илоҳӣ-ш назаргоҳ буд.
Зардрух аз чархи кабуд омадӣ,
Чунки бад-ин чоҳ фуруд омадӣ.
Ин ҳама сафрои ту бо рӯи зард,
Сиркаи абрӯи ту коре накард.
Пиҳи ту чун равғани садсола буд,
Сиркаи даҳсола бар абрӯ чӣ суд?
Хуни падар дида дар ин ҳафтхон,
Об марез аз паи ин ҳафт нон.
Оташ дар хирмани х(в)ад мезанӣ,
Давлати худро ба лагад мезанӣ.
Метаку метоз, ки майдон турост,
Кор бифармой, ки фармон турост.
Ин ду-се рӯзе, ки шудӣ ҷомгир,
Хуш хуру хуш хуфту хуш ором гир!
Ҳам ба ту бар сахт ҷафо кардаанд,
З-он расанат суст раҳо кардаанд.
Кунда шуда пову миён гашта кӯз,
Сӯхтаи равғани хешӣ ҳанӯз.
Лоҷарам ин ҷо дағали матбахӣ,
Рӯзи қиёмат алафи дӯзахӣ.
Пуршуда гир ин шикам аз обу нон,
Эй сабук, он гоҳ набошӣ гарон.
Гар ба хуриш беш касе зистӣ,
Ҳар кӣ басе хӯрд, басе зистӣ.
Умр кам аст, аз паи он пурбаҳост,
Қимати умр аз камии умр хост.
Кам хуру бисёрии роҳат нигар,
Беш хуру беш ҷароҳат нигар!
Ақли ту бо хӯрд чӣ бозор дошт?
Ҳирс туро бар сари ин кор дошт.
Ҳирси ту аз фитна бувад ношикеб,
Бигзар аз ин аблаҳи зиракфиреб.
Ҳирси туро ақл бад-он додаанд,
К-он нахурӣ, ки-т нафиристодаанд.
Тарсам аз ин пеша, ки пешат кунад,
Рангпазирандаи хешат кунад.
Ҳар баду неке, ки дар ин маҳзаранд,
Рангпазирандаи якдигаранд.

## ДОСТОНИ МЕВАФУРӮШ ВА РӮБОҲ

Мевафурӯше, ки Яман ҷо-ш буд,
Рӯбаҳаке хозини коло-ш буд.
Чашми адаб бар сари раҳ доштӣ,
Кулбаи баққол нигаҳ доштӣ.
Кисабуре чанд шигарфе намуд,
Ҳеҷ шигарфеш намекард суд.
Дида ба ҳам зад, чу шитобаш гирифт,
Хуфту ба хуфтан раги хобаш гирифт.
Хуфтани он гург чу рӯбаҳ бидид,
Хоб дар ӯ омаду сар даркашид.
Кисабур он хоб ғанимат шумурд,
Омаду аз киса ғанимат бибурд.
Ҳар кӣ дар ин роҳ кунад хобгоҳ,
Ё сараш аз даст равад, ё кулоҳ.
Хез, Низомӣ, на гаҳи хуфтан аст,
Вақти ба тарки ҳамагӣ гуфтан аст.

## МАҚОЛАТИ НУҲУМ ДАР ТАРКИ ШУУНОТИ ДУНЯВӢ

Эй зи шаби васл гаронмоятар,
В-аз алами субҳ сабуксоятар,
Соясифат чанд нишинӣ ба ғам?
Хез, ки барпой накӯтар алам.
Чун маликон азми шуд-омад кунанд,
Нақли буна пештар аз х(в)ад кунанд.
Гар маликӣ, азми раҳ оғоз кун,
З-ин банавотар сафаре соз кун!
Пештар аз худ буна берун фирист,
Тӯшаи фардои худ акнун фирист.
Хонаи занбӯр пур аз ангабин,
Аз паи он аст, ки шуд пешбин.
Мӯр, ки мардона сафе мекашад,
Аз паи фардо алафе мекашад.
Одами ғофил на агар кӯр нест,
Камтар аз он наҳлу аз ин мӯр нест.
Ҳар кӣ ҷаҳон хоҳад, к-осон хурад,
Тобистон барги зимистон хурад.
Ҷуз ману ту ҳар кӣ дар ин тоатанд,
Сайрафии гавҳари як соатанд.

Ҳиммати кас оқибатандеш нест,
Биниши кас то нафасе беш нест.
Манзили мо, к-аз фалакаш бешӣ аст,
Манзилати оқибатандешӣ аст.
Нест ба ҳар навъ, ки бинам басе,
Оқибатандештар аз мо касе.
Оқибатандешӣ аз он хуштар аст,
Қомати вақт арчи зи ҷон хуштар аст,
Мо, ки зи соҳибхабарони дилем,
Гавҳарием, арчи зи кони гилем.
З-омаданӣ омада моро асар
В-аз шуданиҳо шуда соҳибхабар.
Хонда ба ҷонрезаи андешанок
Абҷади нуҳ мактаб аз ин лавҳи хок.
Кас на ба ин доғ, ту будию ман,
Навбари ин боғ ту будию ман.
Хоки ту он рӯз, ки мебехтанд,
Аз паи маъҷуни дил омехтанд.
Хоки ту омехтаи ранҷҳост,
Дар дили ин хок басе ганҷҳост.
Қимати ин хок ба воҷиб шинос,
Хоксипосӣ бикун, эй носипос!
Манзили худ бин, ки кадом аст роҳ
З-омадану рафтан аз ин ҷойгоҳ.
З-омадани ин сафарат рой чист,
Боз шудан ҳикмат аз ин ҷой чист?
Аввал, к-ин мулк ба номат набуд
В-ин деҳи вайрона мақомат набуд.
Фарри ҳумои малакӣ доштӣ,
Авҷи ҳавои фалакӣ доштӣ.
Гарчи пари ишқи ту ғоят надошт,
Роҳи абад низ ниҳоят надошт.
Монда шудӣ, қасди замин сохтӣ,
Соя бар ин обу гил андохтӣ.
Боз чу танг оӣ аз ин тангной,
Домани хуршед кашӣ зери пой.
Гарчи муҷаррад шавӣ аз ҳар касе,
Бар сари он низ намонӣ басе.
Ҷуз ба тараддуд сару корет нест,
Бар сари як ришта қарорет нест.
Муфлиси бахшанда туӣ гоҳи ҷуд,
Тозаву дерина туӣ дар вуҷуд.

Бигзар аз ин модари фарзандкуш,
Он чи падар гуфт, бад-он дор ҳуш!
Дар падари худ нигар, эй содамард,
Суннати ӯ гиру нигар, то чӣ кард!
Мунтазири роҳат натвон нишаст,
К-он ба чунин умр наёяд ба даст.
Гар нафасе табънавоз омадӣ,
Умри ба бозӣ шуда боз омадӣ.
Ғам хуру бингар, зи кадомин гилӣ,
Шод нишаста ба кадомин дилӣ.
Он ки бад-ӯ гуфт фалак, шод бош,
Он на манам в-он на ту, озод бош!
Мо зи паи ранҷ падид омадем,
Н-аз ҷиҳати гуфтушунид омадем.
Бо ситаду дод ҷаҳоне, ки ҳаст,
Рост надорем ба ҷоне, ки ҳаст.
З-омаданат ранг чаро чун май аст,
К-омаданеро шудане дар пай аст.
То каю то кай бувад ин рӯзгор,
Омадану рафтани беихтиёр?
Шак на дар он шуд, ки адам ҳеҷ нест,
Шак ба вуҷуд аст, ки ҳам ҳеҷ нест.
Тез мапар, чун ба диранг омадӣ,
Зуд марав, дер ба чанг омадӣ.
Вақт биёяд, ки раворав зананд,
Сиккаи мо бар дирами нав зананд.
Тоза кунанд ин гили афкандаро,
Боз ҳам оранд парокандаро.
Эй ки аз ин рӯз наӣ шармсор
Охир, аз он рӯз яке шарм дор.
Ин ҳама меҳнат, ки фаропеши мост,
Ин-т сабуро, ки дили реши мост.
Маркаби ин бодия дин асту бас,
Чораи ин кор ҳамин асту бас.
Сахтии раҳ бину машав сустрон,
Сустгумонӣ макун, эй сахтҷон!
Оинаи ҷаҳд фаропеш дор,
Дарнигару поси рухи хеш дор!
Узр зи худ дору қабул аз Худо,
Ҷумла зи таслими қадар дармаё!

## ДОСТОНИ ЗОҲИДИ ТАВБАШИКАН

Масҷидие бастаи офот шуд,
Мӯътакифи кӯи харобот шуд.
Май ба даҳан бурду чу май мегирист,
К-эй мани бечора, маро чора чист?
Мурғи ҳаво дар дилам ором кард,
Донаи тасбеҳ маро дом кард.
Каъба маро раҳзани авқот буд,
Хонаи аслӣ-м харобот буд.
Толеъ бад буду бадахтар шудам,
Номзади кӯи қаландар шудам.
Чашми адаб зери ниқоб аз ман аст,
Кӯи харобот хароб аз ман аст.
Танг ҷаҳон бар мани маҳҷур бод,
Гарди ман аз домани ман дур бод.
Гар на қазо буд, ману лот кай?
Масҷидию кӯи харобот кай?
Ҳиммат аз он ҷо, ки назар карда буд,
Гуфт ҷавоне, ки дар он парда буд,
К-ин равиш аз роҳи қазо дур дор!
Чун ту қазоро ба ҷаве сад ҳазор.
Бар дари узр ою гунаҳро бишӯй,
Он гаҳ аз ин гуна ҳадисе бигӯй.
Чун ту равӣ, узрпазират баранд
В-арна худ оянду асират баранд.
Сабза чаридан забари хок бас,
Найшакари сабзи ту афлок бас.
То набарад хобат, аз ӯ гӯша кун,
Андаке аз баҳри адам тӯша кун!
Хуш набувад дида ба хуноб-дар,
Зиндаву мурда ба яке хоб-дар.
Дин, ки туро дид чунин масти хоб,
Чеҳра ниҳон кард ба зери ниқоб.
Хез, Низомӣ, ки малик барнишаст,
Нимшаб ин ҷо чӣ шавӣ пойбаст!

# МАҚОЛАТИ ДАҲУМ ДАР НАМУДОРИ ОХИРУЗЗАМОН

Эй фалак, оҳистатар, ин давр чанд,
В-эй замӣ, осудатар, ин ҷавр чанд?!
Аз паси ҳар шомгаҳе чоштест,
Охири бардошт фурӯдоштест.
Дар табақоти замӣ афканда бим,
Зилзилат-ус-соату шайъун азим.
Шефтани хок сиёсат намуд,
Ҳалқаи занҷири фалакро бисуд.
Бод тани шефта дар ҳам шикаст,
Шефта занҷир бихоҳад гусаст.
Бо кӣ гарав баст замин, к-аз миён
Боз кушояд камари осмон?
Шом зи рангу саҳар аз бӯй раст,
Чарх зи чавгон, замӣ аз гӯй ҷаст.
Хок дари чархи барин мезанад,
Чарх миёнбаста замин мезанад.
Ҳодисаи чарх камин баркушод,
Як ба як андоми замин баркушод.
Пири фалак хирқа бихоҳад дарид,
Муҳраи гил ришта бихоҳад бурид.
Чарх ба зер ояду якто шавад,
Чархзанон хок ба боло шавад.
Раста шавад ҳар ду сар аз дарди мо,
Пок шавад ҳар ду раҳ аз гарди мо.
Ҳам фалак аз шуғли ту сокин шавад,
Ҳам замӣ аз макри ту эмин шавад.
Шарм гирифт анҷуму афлокро,
Чанд парастанд кафе хокро?
Морсифат шуд фалаки ҳалқавор,
Хок хӯрад мор саранҷоми кор.
Эй ҷигари хок ба хун аз шумо,
Кист дар ин хок бурун аз шумо?
Хок дар ин хунбараи ғам чарост,
Ранги хумаш азрақи мотам чарост?
Гар натавонед камин сохтан,
Ин гил аз ин хум бадар андохтан,
Доман аз ин хунбараи дуднок,
Пок бишӯед ба ҳафт обу хок.

Хирқаи анҷум зи фалак баркашед,
Хатти харобӣ ба ҷаҳон даркашед.
Бар сари хок аз фалаки тезгашт
Воқиае тез бихоҳад гузашт.
Таъбияеро, ки дар ӯ корҳост,
Ҷунбиши афлок намудорҳост.
Сар биҷаҳад, чунки бихоҳад шикаст
В-ин ҷаҳиш имрӯз дар ин хок ҳаст.
Душмани туст ин садафи мушкранг,
Дида пур аз гавҳару дил пурнаҳанг.
Ин на садаф, гавҳари дарёӣ аст
В-ин на гуҳар, маъдани биноӣ аст.
Ҳар кӣ дар ӯ дид, димоғаш фусурд,
Дида чу афъӣ ба зумаррад супурд,
Лоҷарамаш нури назар ҳеҷ нест,
Дида ҳазор асту басар ҳеҷ нест.
Роҳи адамро announced написандидаӣ,
З-он ки ба чашми дигарон дидаӣ.
Поятро дарди саре мерасон,
Раҳ натавон рафт ба пои касон.
Гар ба фалак баршавад аз зарру зӯр,
Гӯр бувад баҳраи Баҳроми Гӯр.
Дарнатавон баст аз ин кӯй дар,
Барнатавон кард аз ин бом сар.
Бош дар ин хонаи зиндониён,
Равзану дар баста чу бухрониён.
Чанд ҳадиси фалаку ёди ӯ,
Хок тиҳӣ бар сари пурбоди ӯ!
Аз фалаку роҳи Миҷарраш маранҷ,
Коҳкашеро ба яке ҷав масанҷ.
Барпар аз ин гунбади дӯлобранг,
То раҳӣ аз гардиши паргори танг.
Ваҳм, ки бориктарин риштаест,
З-ин раҳи борик хиҷилгаштаест.
Оҷизии ваҳми хиҷилрӯй бин,
Мӯй ба мӯй ин раҳи чун мӯй бин!
Бар сари мӯӣ, сари мӯе магир!
В-арна бурун ой чу мӯй аз хамир.
Чун беҳ аз ин моя ба даст оварӣ,
Бад бувад ин ҷо, ки нишаст оварӣ,

Пуштаи ин гил чу вафодор нест,
Рӯй бад-ӯ маслиҳати кор нест.
Ҳар кулаҳе ҷои сарафкандагист,
Ҳар камар олудаи сад бандагист.
Ҳар ҳунаре таънаи шаҳре дар ӯ,
Ҳар шакаре заҳмати захре дар ӯ.
Оташи субҳе, ки дар ин матбах аст,
Ним шароре зи тафи дӯзах аст.
Маҳ, ки чароғи фалакӣ шуд танаш,
Ҳаст зи дарюзаи хур равғанаш.
Абр, ки ҷондоруи пажмурдагист,
Ҳам қадаре балғами афсурдагист.
Об, ки осоиши ҷонҳо дар ӯст,
Киштӣ донад, чӣ зиёнҳо дар ӯст.
Хонаи пурайб шуд ин коргоҳ,
Худ накунад ҳеҷ ба айбаш нигоҳ.
Чашм фурӯ бастаӣ аз айби хеш,
Айби касонро шуда оина пеш.
Айбнамоӣ макун оинавор,
То нашавӣ аз нафасе айбдор.
Ё бадар афкан ҳунар аз ғайби хеш,
Ё бишикан оинаи айби хеш.
Дида зи айби дигарон кун фароз,
Сурати худ бину дар ӯ айб соз.
Дар ҳама чизе ҳунару айб ҳаст,
Айб мабин, то ҳунар орӣ ба даст.
Менатавон ёфт ба шаб-дар чароғ,
Дар қафаси рӯз тавон дид зоғ.
Дар пари товус, ки зарпайкар аст,
Сарзаниши пой кучо дарх(в)ар аст.
Зоғ, ки ӯро ҳама тан шуд сиёҳ,
Дида сапед аст, дар ӯ кун нигоҳ.

## ДОСТОНИ ИСО

Пои Масеҳо, ки ҷаҳон менабашт,
Бар сари бозорчае мегузашт.
Гургсаге бар гузар афтода дид,
Юсуфаш аз чаҳ бадар афтода дид.
Бар сари он ҷефа гурӯҳе назор
Бар сифати каргаси мурдорхор.

Гуфт яке:– «Ваҳшати ин дар димоғ
Тирагӣ орад чу нафас дар чароғ».
В-он дигаре гуфт:– «На бас ҳосил аст,
Кӯрии чашм асту балои дил аст».
Ҳар кас аз он парда навое намуд,
Бар сари он ҷифа ҷафое намуд.
Чун ба сухан навбати Исо расид,
Айб раҳо карду ба маъно расид.
Гуфт:– «Зи нақше, ки дар айвони ӯст,
Дур ба сапедӣ на чу дандони ӯст.
В-он ду-се тан карда зи биму умед
З-он садафи сӯхта дандон сапед».
Айби касон мангару эҳсони хеш,
Дида фурӯ кун ба гиребони хеш.
Оина рӯзе, ки бигирӣ ба даст,
Худ шикан он рӯз, машав худпараст,
Хештанорой машав чун баҳор,
То накунад дар ту тамаъ рӯзгор.
Ҷомаи айби ту тунук риштаанд,
З-он ба ту нуҳ парда фурӯ ҳиштаанд.
Чист дар ин ҳалқаи ангуштарӣ,
К-он набувад тавқи ту, чун бингарӣ.
Гар на сагӣ, тавқи Сурайё макаш,
Гар на харӣ, бори Масеҳо макаш.
Кист фалак? Пиршуда бевае,
Чист ҷаҳон? – Дудзада мевае.
Ҷумлаи дунё зи куҳан то ба нав,
Чун гузаранда-ст, наярзад ба ҷав.
Андуҳи дунё махур, эй хоҷа, хез!
Гар ту хурӣ, бахши Низомӣ бирез!

## МАҚОЛАТИ ЁЗДАҲУМ ДАР БЕВАФОИИ ДУНЁ

Хезу бисоти фалакӣ дарнаворд,
З-он ки вафо нест дар ин тахтанард.
Нақши мурод аз дари васлаш маҷӯй!
Хислати инсоф зи хаслаш маҷӯй!
Пой дар ин баҳр ниҳодан, ки чӣ?
Бор дар ин мавҷ кушодан, ки чӣ?
Боз ба бат гуфт, ки саҳро хуш аст,
Гуфт:– «Шабат хуш, ки маро ҷо хуш аст».

Эй ки дар ин киштии ғам ҷои туст,
Хуни ту дар гардани колои туст.
Бор дарафкан, ки азобат диҳад,
Нон надиҳад, то ки ба обат диҳад.
Кунҷи амон нест дар ин хокдон,
Мағзи вафо нест дар ин устухон.
Нест яке зарра ҷаҳон нозкаш,
Пой зи анбозии ӯ бозкаш!
Он чи дар ин моидаи хиргаҳист,
Косаи олудаву хони тиҳист.
Ҳар кӣ дар ӯ дид, даҳонаш бидӯхт,
Ҳар кӣ бад-ӯ гуфт, забонаш бисӯхт.
Ҳеҷ на дар маҳмилу чандин ҷарас,
Ҳеҷ на дар косаву чандин магас.
Ҳар кӣ аз ин коса як ангушт х(в)ард,
Косаи сар ҳалқаи ангушт кард.
Нест ҳамасола дар ин деҳ савоб
Фитнаи андешаву ғавғои хоб.
Хилвати худ соз адамхонаро,
Бозгузор ин деҳи вайронаро.
Равзани ин хона раҳо кун ба дуд,
Хонафурӯшӣ ба зан охир чӣ суд?
Даст ба олам чӣ даровардаӣ?
Н-аз шиками худ бадар овардаӣ!
Хат ба ҷаҳон даркашу беғам бизӣ,
Дур шав аз давру мусаллам бизӣ!
Роҳи ту дур омаду манзил дароз,
Барги раҳу тӯшаи манзил бисоз!
Хоса дар ин бодияи девсор,
Дӯзахи маҳҷуркуши ташнахор,
К-оби ҷигар Чашмаи Ҳайвони ӯст,
Чашмаи хуршед намакдони ӯст.
Шӯраи ӯ бенамаконро шароб,
Шӯри намак дида дар ӯ чун кабоб.
Об наю з-ин намаки обгун
Заҳраи дил обу дили заҳра хун.
Раҳ, ки дил аз дидани ӯ хун шавад,
Қофилаи табъ дар ӯ чун шавад?
Дар тафи ин бодияи девлох
Хонаи дил тангу ғами дил фарох.
Ҳар кӣ дар ин бодия бо табъ сохт,
Чун ҷигар афсурду чу заҳра гудохт.

То чӣ кунӣ ин гили дӯзахсиришт,
Хезу бидеҳ дӯзаху бистон биҳишт.
То шавад ин ҳайкали хокӣ ғубор,
Пой ба поят сипарад рӯзгор.
Оқибатат, чун ки ба мардум кунад,
Даст ба дастат зи миён гум кунад.
Чунки суи хок бувад бозгашт,
Бар сари ин хок чӣ бояд гузашт?!
Зери кафи пои касеро масой,
К-ӯ чу ту судаст басе зери пой.
Кас ба ҷаҳон-дар зи ҷаҳон ҷон набурд,
Ҳеҷ кас ин руқъа ба поён набурд.
Пой манеҳ бар сари ин хор, хез!
Хештан аз хор нигаҳ дор, хез!
Он чи мақоми ту набошад муқим,
Бимгаҳе шуд, чӣ кунӣ ҷои бим?
Манзили фонист, қарораш мабин,
Боди хазонист, баҳораш мабин.

## ДОСТОНИ МӮБАДИ СОҲИБНАЗАР

Мӯбаде аз кишвари Ҳиндустон
Раҳгузаре кард суи бӯстон.
Марҳалае дид мунаққашработ,
Мамлакате ёфт музавварбисот.
Ғунча ба хун баста чу гардун камар,
Лолаи камумр зи худ бехабар.
Аз чаман ангехта гул ранг-ранг,
В-аз шакар омехта май танг-танг.
Гул чу сипар хастаи пайкони хеш,
Бед ба ларза шуда бар ҷони хеш.
Зулфи бунафша расани гарданаш,
Дидаи наргис дирами доманаш.
Лола гуҳарсудаву фирӯза гул,
Якнафаса лолаву якрӯза гул.
Муҳлаташон як нафасе беш не,
Ҳеҷ касе ақибатандеш не.
Пир чу з-он равзаи мину гузашт,
Баъди маҳе чанд бад-он сӯ гузашт.
З-он гулу булбул, ки дар он боғ дид,
Нолаи муште зағану зоғ дид.

Дӯзахе афтода ба ҷои биҳишт,
Қайсари он қаср шуда дар куништ.
Сабза ба таҳлил бухоре шуда,
Дастаи гул пуштаи хоре шуда.
Пир дар он тезравон бингарист,
Бар ҳама хандиду ба худ-бар гирист.
Гуфт, ба ҳангоми намояндагӣ,
Ҳеҷ надорад сари пояндагӣ.
Ҳар чӣ сар аз хокию обӣ кашад,
Оқибаташ сар ба харобӣ кашад.
Беҳ зи харобӣ чу дигар кӯй нест,
Ҷуз ба харобӣ шуданам рӯй нест.
Чун назар аз биниши тавфиқ сохт,
Орифи худ гашту Худоро шинохт.
Сайрафии гавҳари он роз шуд,
То ба адам сӯи гуҳар боз шуд.
Эй ки мусулмонию габрет нест,
Чашмаию қатраи абрет нест.
Камтар аз он мӯбади ҳинду мабош,
Тарки ҷаҳон гӯю ҷаҳон гӯ, мабош!
Чанд чу гул хирасарӣ сохтан,
Сар ба кулоҳу камар афрохтан?!
Хезу раҳо кун камари гул зи даст,
К-ӯ камари хеш ба хуни ту баст.
Ҳаст кулоҳу камар офоти ишқ,
Ҳарду гарав кун ба хароботи ишқ.
Гаҳ кулаҳат хоҷагии гил диҳад,
Гаҳ камарат бандагии дил диҳад.
Кӯш, к-аз ин хоҷағуломӣ раҳӣ,
Ё чу Низомӣ зи Низомӣ раҳӣ.

## МАҚОЛАТИ ДУВОЗДАҲУМ ДАР ВИДОЪИ МАНЗИЛИ ХОК

Хезу видоъе бикун айёмро,
Аз паси доман фикан ин домро.
Мамлакате беҳтар аз ин соз кун,
Хуштар аз ин ҳуҷра даре боз кун.
Чун дилу чашмат ба раҳ овард сар,
Нолаву ашке ба раҳ овард бар.
То ба яке нам, ки бар ин гил занӣ,
Лофи валинеъматии дил занӣ.

Гар шутурӣ, ракс кун андар раҳил
В-арна маяфкан даба дар пои пил.
Чунки туро маҳрамм як мӯй нест,
Ҷуз ба адам рой задан рӯй нест.
Табънавозону зарифон шуданд,
Бо кӣ нишинӣ, ки ҳарифон шуданд.
Гарчи басе табъзарифӣ кунад
Бо ту ба танҳо кӣ ҳарифӣ кунад?
Беҳ, ки биҷӯяд дили парҳезнок
Равшании об дар ин тирахок.
То нарасад тафриқаи роҳ пеш,
Тафриқа кун ҳосили маълуми хеш.
Рахт раҳо кун, ки гаронрав касӣ,
К-аз сабукӣ зуд ба манзил расӣ.
Бар фалак ой, ар талаби дил кунӣ,
То ту дар ин хона чӣ ҳосил кунӣ?
Чун шудаӣ бастаи ин домгоҳ,
Рахна кунаш, то бидарой ба роҳ,
К-ин хати пайваста ба ҳам-дар чу «мим»
Раҳ надиҳад, то накунандаш дуним.
Захмагаҳи чархи мунаққат мабош,
Аз хати ин доира дар хат мабош.
Гар зи хати рӯзу шаб афзун шавӣ,
Аз хати ин доира берун шавӣ.
То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеҷ кор.
Дар ҳама коре, ки гарой, нахуст
Рахнаи берун шуданаш кун дуруст.
Шарт бувад дида ба раҳ доштан,
Хештан аз чоҳ нигаҳ доштан.
Рахна кун ин хонаи селобхез,
То бувадат фурсати роҳи гурез.
Рӯбаҳи якфан нафаси саг шунид,
Хона дусӯрох ба воҷиб гузид.
В-огаҳияш не, ки шавад роҳгир
Дудаи ин гунбади рӯбоҳгир.
Ин чӣ нишотест, к-аз ӯ хушдилӣ?
Ғофилӣ аз худ, ки зи худ ғофилӣ.
Аҳд чунон шуд, ки дар ин тангной
Тангдил оию шавӣ боз ҷой.
Гар шиканӣ аҳди илоҳӣ кунун,
Ҷони ту аз уҳда кай ояд берун?

Роҳ чунон рав, ки зи ҷон дидаӣ,
Бар ду ҷаҳон зан, ки ҷаҳон дидаӣ.
Зер мабин, то нашавӣ поятарс,
Пас манигар, то нашавӣ соятарс.
Тӯша зи дин бар, ки иморат кам аст,
Об зи чашм ор, ки раҳ бенам аст.
Ҳам ба садаф деҳ гуҳари покро,
Бозраҳу бозраҳон хокро.
Даври фалак чун ту басе ёр гашт,
Дастқавитар зи ту бисёр гашт.
Булъаҷабӣ соз дар ин душманӣ,
То-ш замоне ба замин афканӣ.
Ӯ, ки дар ин поя ҳунарпеша нест,
Аз сипару теғи вай андеша нест.
Мор махон, к-ин расани печ-печ
Бо кашиши ишқи ту ҳеч аст, ҳеч.
Дар ғами ин шиша чӣ бояд нишаст,
К-аш ба яке санг тавонӣ шикаст.
Симкушон, к-оташи зар куштаанд,
Душмани худро ба шакар куштаанд.
То битавон, аз дили донишфурӯз
Душмани худро ба гуле куш чу рӯз.

## ДОСТОНИ ДУ ҲАКИМИ МУТАНОЗЕЪ

Бо ду ҳаким аз сари ҳамхонагӣ
Шуд сухане чанд зи бегонагӣ.
Лофи манӣ буду туӣ барнатофт,
Мулк яке буду дуӣ барнатофт.
Ҳақ ду нашояд, ки яке бишнаванд,
Сар ду набояд, ки яке бидраванд.
Ҷои ду шамшер ниёме кӣ дид?
Базми ду Ҷамшедмақоме кӣ дид?
Дар тамаъ он буд ду фарзонаро,
К-аз ду яке хос кунад хонаро.
Чун асабият камари кин гирифт,
Хона зи пардохтан оин гирифт.
Ҳар ду ба шабгир навое заданд,
Хонафурӯшона салое заданд,
К-аз сари нософтагӣ бигзаранд,
Сохтаи хеш ду шарбат х(в)аранд,

То кӣ дар ин поя қавидилтар аст,
Шарбати заҳри кӣ ҳалоҳилтар аст?
Мулки ду ҳикмат ба яке фан диҳанд,
Ҷони ду сурат ба яке тан диҳанд.
Хасми нахустин қадаре заҳр сохт,
К-аз афинӣ санги сияҳро гудохт.
Дод бар ӯ, к-ин маи ҷонпарвар аст,
Заҳр мадораш, ки беҳ аз шаккар аст.
Шарбати ӯро ситад он шермард,
Заҳр ба ёди шакар осон бих (в)ард.
Нӯшгиё пухту бад-ӯ дарнишаст,
Раҳгузари заҳр ба тарёк баст.
Сӯхт чу парвонаву пар бозёфт,
Шамъсифат боз ба маҷлис шитофт.
Аз чамани боғ яке гул бичид,
Хонд фусунею бар он гул дамид.
Дод ба душман зи паи қаҳр ӯ
Он гули пуркортар аз заҳр ӯ.
Душман аз он гул, ки фусунхон бидод,
Тарс бар ӯ чира шуду ҷон бидод.
Он ба илоҷ аз тани худ заҳр бурд
В-ин ба яке гул зи таваҳҳум бимурд.
Ҳар гули рангин, ки ба боғи замист,
Қатрае аз хуни дили одамист.
Боғи замона, ки баҳораш туӣ,
Хонаи ғам дон, ки нигораш туӣ.
Санг дар ин хоки мутаббақ нишон,
Хок бар ин оби муаллақ фишон.
Бигзар аз ин обу хаёлоти ӯ,
Барпар аз ин хоку хароботи ӯ.
Бар маҳу хуршед маёвар вуқуф,
Маҳ хуру хуршед шикан чун кусуф,
К-ин маҳи заррин, ки дар ин хиргаҳ аст,
Ғӯли раҳи ишқи Халилуллаҳ аст.
Рӯзи туро субҳ ҷигарсӯз кард,
Чархат аз он рӯз бад-ин рӯз кард.
Гар дили хуршедфурӯз оварӣ,
Рӯзе аз ин рӯз ба рӯз оварӣ.
Ашк фишон, то ба гулоби умед
Бистурад ин лавҳи сиёҳу сафед.
То чу амалсанҷи саломат шавӣ,
Чарби тарозуи қиёмат шавӣ.

Дин, ки қавӣ дорад бозу-тро,
Рост кунад ақли тарозу-тро.
Ҳеҷ ҳунарпешаи озодмард
Дар ғами дине ғами дунё нах(в)ард.
Чунки ба дунёст таманно туро,
Дин ба Низомӣ диҳу дунё туро.

## МАҚОЛАТИ СЕЗДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ ҶАҲОН

Пирии олам нигару тангияш,
То нафиребӣ ба ҷавонрангияш.
Бар кафи ин пир, ки барноваш аст,
Дастаи гул менигарӣ в-оташ аст.
Чашма сароб аст, фиребаш мах(в)ар,
Қибла салиб аст, намозаш мабар.
З-ин ҳама гул бар сари хоре наӣ,
Гар ҳама ҳастанд, ту боре наӣ.
Чун бибурӣ, з-ончи тамаъ кардаӣ,
Он барӣ аз хона, ки овардаӣ.
Чун буна дар баҳри қиёмат баранд,
Бедирамон ҷон ба саломат баранд.
Хоҳ бинеҳ мояву хоҳӣ бибоз,
К-он чи диҳанд, аз ту ситонанд боз.
Хонаи доду ситад аст ин ҷаҳон,
К-ин бидиҳад холию бистонад он.
Гарчи яке кирми бирешимгар аст,
Боз яке кирми бирешимх(в)ар аст.
Шамъ кун ин зардгули ҷаъфарӣ,
То чу чароғ аз гули худ бар х(в)арӣ.
Тан бишикан, нуҳдарие, гӯ, мабош,
Зар бификан, шашсарие, гӯ, мабош!
Пои карам бар сари зар неҳ, на даст,
То-т нахонанд чу гул зарпараст.
Зар, ки бар ӯ сиккаи мақсуд нест,
Он зару зарних ба нисбат якест.
Дӯстии зар чу ба сони зар аст,
Дар думи товус ҳамон пайкар аст.
Сиккаи зар чунки ба оҳан баранд,
Подшаҳон бештар оҳангаранд.
Сохт аз ӯ ҳиммати Қорун кулоҳ,
Аз сари он рахна фурӯ шуд ба чоҳ.

Бори ту шуд, то-ш сари туст ҷой,
Борагият шуд, чу ниҳӣ зери пой.
Додани зар гар ҳама ҷон додан аст,
Носитадан беҳтар аз он додан аст.
Дарситадан ҳирси ҷаҳонат диҳад,
Даршудан осоиши ҷонат диҳад.
Он ки ситонию бияфшонияш,
Беҳтар аз он нест, ки настонияш.
Зар чу ниҳӣ, равғани сафрогар аст,
Чун бихурӣ, меваи сафробар аст.
Зар, ки зи машриқ бадар афшондаанд,
Бехабарон мағрибияш хондаанд.
Мағрибу он қавм саходушмананд,
Машриқу аҳлаш ба сахо равшананд.
Ҳар чӣ диҳад машриқии субҳи бом,
Мағрибии шом ситонад ба вом.
Волии ҷони ҳама конҳо зар аст,
Ноиби дасти ҳама мурғон пар аст.
Он зари румӣ, ки ба санги Димишқ
Рост бароядд ба тарозуи ишқ,
Гарчи фурӯзандаву зебанда аст,
Хок бар ӯ кун, ки фиребанда аст.
Кист, ки ин дузд кулоҳаш набурд
В-офати ин ғӯл зи роҳаш набурд.

## ДОСТОНИ ҲОҶӢ ВА СӮФӢ

Каъбараве азми раҳ оғоз кард,
Қоидаи каъбаравон соз кард.
З-ончи фузун аз ғарази кор дошт,
Маблағе як бадраи динор дошт.
Гуфт:– «Фалон сӯфии озодмард,
К-остӣ аз олам кӯтоҳ кард,
Дар дилам ояд, ки диёнат дар ӯст,
Дар кас агар нест амонат, дар ӯст».
Рафту ниҳонӣ-ш фаро хона бурд,
Бадраи динор ба сӯфӣ супурд.
Гуфт: – «Нигаҳ дор дар ин парда роз,
То чу ман оям, ба ман орӣ-ш боз».
Хоҷа раҳи бодияро даргирифт,
Шайх зари орияро баргирифт.
Ё раб, зинҳор, ки худ чанд буд,
То дили дарвеш дар он банд буд.

Гуфт:– «Ба зар кори худ оростам.
Ёфтам он ганҷ, ки мехостам».
Зуд хурам, то накунад бастагӣ,
Он чи Худо дод ба оҳистагӣ.
Боз кушод аз гиреҳ он бандро,
Доди тараб дод шабе чандро.
Ҷумлаи он зар, ки бари хеш дошт,
Базли шикам карду шикам пеш дошт.
Даст бад-он ҳуққаи динор кард,
Зулфи бутон ҳалқаи зуннор кард.
Хирқаи шайхона шуда шох-шох,
Тангдилӣ мондаву узре фарох.
Сайд чунон хӯрд, ки доғаш намонд,
Равғане аз бахри чароғаш намонд.
Ҳоҷии мо чун зи сафар гашт боз,
Кард бар он ҳиндуи худ турктоз.
Гуфт:– «Биёвар ба ман, эй тезҳуш!»
Гуфт:– «Чӣ?» – Гуфто:– «Зар». Гуфто:– «Хамуш!»
Дар карам овезу раҳо кун илоҷ,
Аз деҳи вайрон кӣ ситонад хироҷ?
Сарф шуд он бадра ҳаво дар ҳаво,
Муфлису бадра зи куҷо то куҷо?
Ғорате аз турк набурда-ст кас,
Рахт ба ҳинду насупурда-ст кас.
Рукнии ту рукни диламро шикаст,
Хурдам аз он хурда, ки бар ман нишаст.
Мол ба сад ханда ба тороҷ дод,
Рафту ба сад гиря ба пой истод.
Гуфт:– «Карам кун, ки пушаймон шудем,
Кофар будему мусулмон шудем».
Табъи ҷаҳон аз халал обистан аст,
Гар халале рафт, хато бар ман аст.
То карамаш гуфт ба сад растахез:
– «Хез, ки дарвеш ба пой аст, хез!»
Симхудо чун ба Худо боз гашт,
Симкушӣ карду аз он даргузашт.
Носиҳи худ шуд, ки бад-ин дар мапеч,
Ҳеч надорад, чӣ ситонам зи ҳеч?
З-ӯ чӣ ситонам, ки ҷаве несташ,
Ҷуз гаравидан гараве несташ?
Он чи аз он мол дар ин сӯфӣ аст,
«Мим»-и мутаввақ, «алиф»-и куфӣ аст.

Гуфт:– «Нахоҳӣ, ки ваболат кунам,
В-ончи ҳаром аст, ҳалолат кунам».
Даст бидор, эй чу фалак зарқсоз,
З-остии кӯтаҳу дасти дароз.
Ҳеҷ дил аз ҳирсу ҳасад пок нест,
Мӯътамаде бар сари ин хок нест.
Дин саранакдест, ба шайтон мадеҳ,
Ёраи Фағфур ба сагбон мадеҳ.
Гар диҳӣ, эй хоҷа, ғаромат турост,
Моя зи муфлис натавон бозхост.
Манзили айб аст, ҳунартӯша рав,
Домани дин гиру фарогӯша рав.
Чарх на бар бедирамон мезанад,
Қофилаи мӯҳташамон мезанад.
Шаҳнаи ин роҳ чу ғоратгар аст,
Муфлисӣ аз мӯҳташамӣ беҳтар аст.
Дидам аз он ҷо, ки ҷаҳонбинӣ аст,
К-офати занбӯр зи ширинӣ аст.
Шер магар талх бад-он гашт х(в)ад,
К-аз паси маргаш нахурад дому дад.
Шамъ зи бархостанӣ барнишаст,
Маҳ зи тамомӣ талабидан шикаст.
Бод, ки бо хок ба гургоштист,
Эмин аз ин роҳ зи нодоштист.
Мурғи шамарро магар огоҳӣ аст,
К-офати моҳӣ дирами моҳӣ аст.
Зар, ки тарозуи ниёзи ту шуд,
Фотиҳаи панҷ намози ту шуд.
Пок нагардӣ зи раҳи ин ниёз,
То чу Низомӣ нашавӣ покбоз.

## МАҚОЛАТИ ЧАҲОРДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ ҒАФЛАТ

Эй шуда хушнуд ба якборагӣ,
Чун хару говӣ ба алафхорагӣ.
Фориғ аз ин маркази хуршедгард,
Ғофил аз ин доираи лоҷвард.
Аз паи соҳибхабарон аст кор,
Бехабаронро чӣ ғами рӯзгор?

Бар сари кор ой, чаро хуфтаӣ?
Кор чунон кун, ки пазируфтаӣ.
Маст чӣ хусбӣ, ки камин кардаанд,
Коршиносон на чунин кардаанд.
Барнигар, ин пуштаи ғам пеш бин,
Дарнигару оҷизии хеш бин.
Ақли ту пирест, фаромӯшкор
То зи ту ёд орад, ёдаш биёр.
Гар шарафи ақл набудӣ туро,
Номи кӣ бурдӣ, кӣ ситудӣ туро?
Ақл Масеҳост, аз ӯ сар макаш,
Гар на харӣ, хар ба ваҳал дармакаш.
Ё зи раҳи ақл бирав, нур гир,
Ё зи дараш домани худ дур гир.
Маст макун ақли адабсозро,
Тӯъмаи гунҷишк макун бозро.
Май, ки ҳалол омада дар ҳар мақом,
Душмании ақли ту кардаш ҳаром.
Май кӣ бувад, к-оби ту дар ҷоми ӯст,
Ақл шуд он чашма, ки он номи ӯст.
Гарчи май андӯҳи ҷаҳонро барад,
Он махур, эй хоҷа, ки онро барад.
Май намаке дон ҷигаромехта,
Бар ҷигари бенамакон рехта.
Гар хабарат бояд, чизе мах(в)ар,
К-аз ҳама чизет кунад бехабар.
Бехабар он мард, ки чизе чашид,
К-аш қалами бехабарӣ даркашид.
Милкаши чашми хаёлот шав,
Кунданиҳи пои харобот шав.
Эй чу «алиф» ошиқи болои хеш,
Илфи ту бо ваҳшати савдои хеш.
Гар «алифӣ», мурғи парафканда бош,
Гар на чу «бе» ҳарфи сарафканда бош.
Чун «алиф» оростаи маҷлисӣ,
Ҳеҷ надорӣ чу «алиф», муфлисӣ!
Хор наӣ, к-авҷгарой кунӣ,
Беҳ, ки чу гул бесарупой кунӣ.
Тифл наӣ, пой ба бозӣ макаш,
Умр наӣ, сар ба дарозӣ макаш.
Рӯз ба охир шуду хуршед дур,
Соя шавад беш, чу кам гашт нур.

Рӯз шунидам, чу ба поён шавад,
Сояи ҳар чиз дучандон шавад.
Сояпарастӣ чӣ кунӣ ҳамчу боғ,
Сояшикан бош чу нури чароғ.
Гар ту зи худ соя тавонӣ бурид,
Айби ту чун соя шавад нопадид.
Сoянишинӣ на фани ҳар кас аст,
Сoянишин Чашмаи Ҳайвон бас аст.
Эй забару зер сару пои ту,
Зерузабартар зи фалак рои ту.
Субҳ бад-он медиҳадат ташти зар,
То ту зи худ даст бишӯӣ магар.
Чунки дар ин ташт шавӣ ҷомашӯй,
Об зи сарчашмаи хуршед ҷӯй.
Қурсаи хуршед, ки собуни туст,
Шӯхкани ҷомаи пурхуни туст.
Азбас оташ, ки табиат фишонд,
Дар ҷигари умри ту обе намонд.
Гар танат аз чирки ғараз пок нест,
Зар на ҳама сурх бувад, бок нест.
Гар сухан аз покии унсур шавад,
Меъдаи дӯзах зи куҷо пур шавад?
З-оташи танҳо на, ки аз гарму сард,
Ростии мард бувад диръи мард.
Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.
Гар чу тарозу шудаӣ росткор,
Ростии дил ба тарозу гумор.
Ҳар ҷаву ҳар ҳабба, ки бозуи ту
Кам кунад аз кайлу тарозуи ту,
Ҳаст якояк ҳама бар ҷои хеш,
Рӯзи пасин ҷумла биёранд пеш.
Бо ту намоянд ниҳонӣ-тро,
Камдиҳию бешситонӣ-тро.
Худ макун ин теғи тарозу равон,
Гарна фузун медиҳу кам меситон.
Гул зи каҷӣ хор дар оғӯш ёфт,
Найшакар аз ростӣ он нӯш ёфт.
Ростӣ он ҷо, ки алам барзанад,
Ёрии Ҳақ даст ба ҳам барзанад.

## ДОСТОНИ ПОДШОҲИ ЗОЛИМ БО МАРДИ РОСТГӮЙ

Подшаҳе буд раиятшикан
В-аз сари ҳуҷҷат шуда ҳаҷҷоҷфан.
Ҳар чӣ ба таърих шаб аз рӯз зод,
Бар дили ӯ дарс шудӣ бомдод.
Рафт яке пеши малик субҳгоҳ
Розкушояндатар аз субҳу моҳ.
Аз камар андӯхта шаббозие,
В-аз саҳар омӯхта ғаммозие.
Гуфт:– «Фалон пир туро дар ниҳуфт
Хиракушу золиму хунрез гуфт».
Шуд малик аз гуфтаи ӯ хашмнок,
Гуфт:– «Ҳамакнун кунам ӯро ҳалок».
Натъ бияфканду бар ӯ рег рехт,
Дев зи девонагияш мегурехт.
Шуд ба бари пир ҷавоне чу бод,
Гуфт:– «Малик бар ту ҷиноят ниҳод.
Пир вузӯ карду кафан баргирифт,
Пеши малик рафту сухан даргирифт.
Даст ба ҳам суд шаҳи тезрой,
В-аз сари кин дид суи пушти пой.
Гуфт:– «Шунидам, ки сухан рондаӣ,
Кинакашу хиракушам хондаӣ!
Огаҳӣ аз мулки сулаймониям,
Деви ситамкора чаро хониям?»
Пир бад-ӯ гуфт:– «На ман хуфтаам,
З-ончи ту гуфтӣ, батарат гуфтаам.
Пиру ҷавон бар хатар аз кори ту,
Шаҳру деҳ озурда зи пайкори ту.
Ман, ки чунин айбшумори туам,
Дар баду нек оинадори туам.
Оина чун нақши ту бинмуд рост,
Худ шикан, оина шикастан хатост.
Ростиям бину ба ман дор ҳуш,
Гар на чунин аст, ба дорам бикуш».
Пир чу бар ростӣ иқрор кард,
Ростияш дар дили шаҳ кор кард.
Чун малик аз ростияш пеш дид,
Ростии ӯ, кажии хеш дид.

Гуфт:– «Ҳануту кафанаш баркашед,
Ғолияву хилъати мо даркашед».
Аз сари бедодгарӣ гашт боз,
Додгаре гашт раиятнавоз.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Дар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растгор,
Ростӣ аз ту, зафар аз кирдгор.
Гар сухани рост бувад ҷумла дур,
Талх бувад, талх, ки алҳаққу мур.
Чун ба сухан ростӣ орӣ ба ҷой,
Носири гуфтори ту бошад Худой.
Табъи Низомию дилаш ростанд,
Кораш аз ин ростӣ оростанд.

## МАҚОЛАТИ ПОНЗДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ РАШКБАРОН

Ҳар нафас ин пардаи чобукрақиб
Бозие аз парда барорад ғариб.
Натъ пур аз захмаву раққос не,
Баҳр пур аз гавҳару ғаввос не.
Аз дираму давлату аз тоҷу теғ
Нест дареғ, ар ту нахоҳӣ дареғ.
Гар расадат дам ба дами Ҷабраил,
Нест қазо мумсику қудрат бахил.
З-он буна чандон ки барӣ, дигар аст,
Дахли вай аз харҷи ту афзунтар аст.
Пой дар ин раҳ ниҳу рафтор бин,
Ҳалқаи ин дар зану асрор бин.
Сангаш ёқуту гиё кимиёст,
Гар нашиносӣ ту, ғаромат кирост?
Дасти тасарруф қалам ин ҷо шикаст,
К-ин ҳама ганҷина дар ин парда ҳаст.
Ҳар дам аз ин боғ баре мерасад,
Нағзтар аз нағзтаре мерасад.
Риштаи дилҳо, ки дар ин гавҳар аст,
Мурсала аз мурсала зеботар аст.
Роҳравон, к-аз паси якдигаранд,
Тоифа аз тоифа зиректаранд.
Ақл шараф ҷуз ба маонӣ надод,
Қадр ба пирию ҷавонӣ надод.

Санг шунидам, ки чу гардад куҳан,
Лаъл шавад, мухталиф аст ин сухан.
Ҳар чӣ куҳантар, батаранд ин гурӯҳ,
Ҳеҷ на, ҷуз бонг, чу бонуи кӯҳ.
Он ки туро дида бувад ширхор,
Шири ту заҳреш бувад ногувор.
Дар куҳан инсофи тавон кам бувад,
Пир ҳавохоҳи ҷавон кам бувад.
Гул, ки нав омад, ҳама роҳат дар ӯст,
Хор куҳан шуд, ки ҷароҳат дар ӯст.
Аз навӣ ангур бувад тӯтиё
В-аз куҳанӣ мор шавад аждаҳо.
Ақл, ки шуд косаи сар ҷои ӯ,
Мағзи куҳан нест пазирои ӯ.
Он ки расадномаи ахтар гирифт,
Ҳукм зи тақвими куҳан баргирифт.
Пирсагоне, ки чу шерон чаранд,
Гургсифат нофи ғизолон даранд.
Гар кунам андеша зи гургони пир,
Юсуфиям бину ба ман бармагир.
Захми тунукзахмаи пирон х(в)аш аст,
Оби ҷавонӣ чӣ кунам, к-оташ аст?
Гарчи ҷавонӣ ҳама фарзонагист,
Ҳам на яке шох зи девонагист.
Ёсумане чанд, ки бедӣ кунанд,
Даъвии ҳинду ба сапедӣ кунанд.
Ман, ки чу гул ганҷфишонӣ кунам,
Даъвии пирӣ ба ҷавонӣ кунам.
Худманишӣ кори халақ кардан аст,
Хасмии худ ёрии ҳақ кардан аст.
Он маҳи навро, ки ту дидӣ ҳилол,
Бадр ниҳаш ном, чу гирад камол.
Нахл чу бар пояи боло расад,
Даст чунон каш, ки ба хурмо расад.
Дона, ки тарҳ аст фарогӯшае,
Дона махонаш, чу шавад хӯшае.
Ҳавза, ки дарё шавад аз оби ҷӯй,
То ба ҳамон чашм набинӣ дар ӯй.
Шаб чу бибаст он ҳама чашм аз саҳар,
Рӯз дар ӯ дид ба чашми дигар.
Душмани доно, ки паи ҷон бувад,
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад.

Най манигар, к-аз чӣ гиё мерасад,
Дар шакараш бин, ки куҷо мерасад.
Дил ба ҳунар деҳ, на ба даъвипараст,
Сайди ҳунар бош, ба ҳар ҷо, ки ҳаст.
Оби садаф гарчи фаровон бувад,
Дур зи яке қатраи борон бувад.
Баски бибояд дилу ҷон тофтан,
То гуҳаре тоҷнишон тофтан.
Ҳар аламеро, ки қазо нав кунад,
Ҳифзи ту бояд, ки раворав кунад.
Барнашикастанд ҳанӯз ин работ,
Дарнанаваштанд ҳанӯз ин бисот.
Мӯҳтасиби сунъ машав зинҳор,
То нахурӣ дуррае иблисвор.
Ҳар кӣ на бар ҳукми вай иқрор кард,
Чарх сараш дар сари ин кор кард.

## ДОСТОНИ МАЛИКЗОДАИ ҶАВОН БО ДУШМАНОНИ ПИР

Қисса шунидам, ки дар ақсои Марв
Буд маликзода ҷавоне чу сарв.
Музтариб аз давлатиёни диёр,
Мулк бар ӯ шефта чун рӯзгор.
Тозагияшро куҳанон дар ситез,
Пурхатар ӯ з-он хатари нимхез.
Як шаб аз он фитна бар андеша хуфт,
Дид, ки пиреш дар он ҳол гуфт,
К-эй маҳи нав, бурҷи куҳанро бикан
В-эй гули нав, шохи куҳанро бизан.
То ба ту бар мулк муқаррар шавад,
Айши ту аз хӯи ту хуштар шавад.
Шаҳ чу сар аз хоби гарон баргирифт,
Он ду-се танро зи миён баргирифт.
Тоза бино карду куҳан дарнавашт,
Мулк бар он тозамалик тоза гашт.
Рахнакуни мулк сарафканда беҳ,
Лашкари бадаҳд пароканда беҳ.
Сар накашад шоҳи нав аз сарвбун,
То назанӣ гардани шохи куҳун.
То нашавад баста лаби ҷӯйбор,
Панҷаи даъвӣ накушояд чанор.

То накунӣ раҳгузари чашма пок,
Об назояд зи дилу чашми хок.
Бо ту бурун аз ту дарунпарварест,
Гӯши туро нек насиҳатгарест.
Як нафас он теғ барор аз ғилоф,
Чанд ғилофаш кунӣ, эй бархилоф?!
Он нафас аз ҳуққаи ин хок нест,
Ин ҳақи он ҳамнафаси пок нест.
Пеши чунин кас ҳамагӣ пеш каш,
Номи карам бар ҳамаи хеш каш.
Давлатиён, к-обу дирам ёфтанд,
Давлати боқӣ зи карам ёфтанд.
Тухми карам кишти саломат бувад,
Чун бирасад, барги қиёмат бувад.
Ё раб, аз он ганҷ, ки эҳсони туст,
Нақди Низомӣ сара кун, к-они туст.

## МАҚОЛАТИ ШОНЗДАҲУМ ДАР ЧОБУКРАВӢ

Эй ба насиме алам афрохта,
Пеши ғуборе алам андохта.
Деҳ наю дарвозаи деҳқон зада,
Мулк наю тахти Сулаймон зада.
Теғ наӣ, захми беандоза чист?
Кӯс наӣ, ин ҳама овоза чист?
Чун даҳани теғ дирамрез бош,
Чун шиками кӯс тиҳихез бош.
Мекашадат дев, на афкандаӣ,
Даст мадеҳ, мурда наӣ, зиндаӣ.
Пеши муғе пушт салибӣ макун,
Даъвии шамшери хатибӣ макун.
Хутбаи давлат ба фасеҳе расад,
Атсаи Одам ба Масеҳе расад.
Ҳар кӣ чу парвона даме х(в)аш занад,
Яктана бар лашкари оташ занад,
Як-ду нафас хуш зану ҷоне бигир,
Хирқа дарандозу ҷаҳоне бигир.
Бахшиши ту чарбрабое, ки ҳаст,
Нест худое, ба Худое, ки ҳаст.
Шер шав, аз гурбаи матбах матарс,
Талқ шав, аз оташи дӯзах матарс.

Гар дағалӣ, бош бар оташ ҳалол
В-ар зару ёқутӣ, аз оташ манол.
Чанд ғурур, эй дағали хокдон,
Чанд манӣ, эй ду-се ман устухон?!
Пештар аз мо дигарон будаанд,
К-аз талаби ҷоҳ наёсудаанд.
Ҳосили он ҷоҳ, бибин, то чӣ буд,
Суд буд, аммо ба зиён шуд, чӣ суд?
Гар ту заминреза чу хуршеду моҳ,
Пой ниҳӣ бар фалак аз қадру ҷоҳ.
Гарчи аз он доира дер уфтӣ,
Чунки заминӣ, на ба зер уфтӣ.
То сари худро набурӣ турравор,
Пой дар ин турра манеҳ зинҳор.
Мурғ най, барнатавонӣ парид,
То накашӣ ҷон, натавонӣ расид.
Бо фалак аз роҳи шигарфӣ дарой,
То-т шигарфона дарафтад ба пой.
Бода ту хӯрдӣ, гунаҳи заҳр чист?
Ҷурм ту кардӣ, халали даҳр чист?
Даҳрнакӯҳӣ макун, эй некмард,
Даҳр ба ҷои ману ту бад накард.
Ҷаҳд басе карду шигарфӣ басе,
То кунад аз мо ба такаллуф касе.
Чун ману ту ҳечкасони деҳем,
Беҳуда бар даҳр чӣ товон ниҳем?
То набувад ҷавҳари лаъл обдор,
Мӯҳри қабулаш нанихад шаҳрёр.
Санг басе дар тарафи олам аст,
Он чи аз ӯ лаъл шавад, он кам аст.
Хору суман ҳар ду ба нисбат гиёст,
Ин хасаки дидаву он тӯтиёст.
Гарчи наёбӣ мадади оби ҷӯй,
Аз гули аслӣ наравад рангу бӯй.
Об гирифтам, латаф афзун кунад,
Хору хасакро ба суман чун кунад?
Гарна бад-ин қоида будӣ қарор,
Қалб шудӣ қоидаи рӯзгор.
Кори бадавлат на ба тадбири мост,
То ба ҷаҳон давлати рӯзӣ кирост?
Мард зи бедавлатӣ афтад ба хок,
Давлатиёнро ба ҷаҳон-дар чӣ бок?

Зинда бувад толеи давлатпараст,
Бандаи давлат шав, ҳар ҷо ки ҳаст.
Мулк ба давлат на маҷозӣ диҳанд,
Давлати касро на ба бозӣ диҳанд.
Гирди сари давлатиён чарх соз,
То шавӣ аз чарх задан бениёз.
Бо ду-се камзан машав оромгир,
Муқбили айём шаву ном гир.
Бахтвар аз толеи ҷавзо барой,
Ҷавз шикан, он гаҳу бахт озмой.
Гар дари давлат занӣ, афтода шав,
Аз гираҳи кори ҷаҳон сода шав.
Содадил аст об, ки дилх(в)аш расид,
В-аз гираҳе уд бар оташ расид.
Пайрави дил бошу мадеҳ дил ба кас,
Худ тани ту заҳмати роҳи ту бас.
Чанд занӣ даст ба шохи дигар,
К-оҳи маро давлат аз ин бештар.
Ҷумлаи олам ту гирифтӣ, равост,
Чун бигузорӣ, талабидан чарост?
Ҳирс биҳил, к-ӯ раҳи тоат занад,
Гардани ҳирси ту қаноат занад.
Маркази ин гунбади фирӯзаранг
Бар ту фарох асту бар андеша танг.
Ё макун андеша, ба чанг овараш,
Ё ба як андеша ба танг овараш.
Маърифате дар гили одам намонд,
Аҳли диле дар ҳама олам намонд.
Дар ду ҳунарномаи ин нуҳ дабир
Нест яке сурати маънипазир.
Дӯстӣ аз душмани маънӣ маҷӯй,
Оби ҳаёт аз дами афъӣ маҷӯй.
Душмани доно, ки ғами ҷон бувад,
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад.

## ДОСТОНИ КӮДАКИ МАҶРӮҲ

Кӯдаке аз ҷумлаи озодагон
Рафт бурун бо ду-се ҳамзодагон.
Пояш аз он пӯя даромад зи даст,
Меҳри дилу муҳраи пушташ шикаст.

Шуд нафаси он ду-се ҳамсоли ӯ
Тангтар аз ҳодисаи ҳоли ӯ.
Он ки варо дӯсттарин буд, гуфт:
– «Дар буни чоҳеш бибояд ниҳуфт,
То нашавад роз чу рӯз ошкор,
То нашавем аз падараш шармсор».
Оқибатандештарин кӯдаке
Душмани ӯ буд дар эшон яке.
Гуфт: - «Ҳамоно ки дар ин ҳамраҳон
Сурати ин ҳол намонад ниҳон.
Чунки маро з-ин ҳама душман ниҳанд,
Туҳмати ин воқиа бар ман ниҳанд».
Зӣ падараш рафту хабардор кард,
То падараш чораи он кор кард.
Ҳар кӣ дар ӯ ҷавҳари доноӣ аст,
Бар ҳама чизеш тавоноӣ аст.
Банди фалакро кӣ тавонад кушод?
Он ки бар ӯ пой тавонад ниҳод.
Чун зи каму беши фалак даргузашт,
Кори Низомӣ зи фалак баргузашт.

## МАҚОЛАТИ ҲАФТДАҲУМ ДАР ПАРАСТИШУ ТАҶРИД

Эй зи Худо ғофилу аз хештан,
Дар ғами ҷон мондаву дар ранҷи тан.
Ин ману мангӯ, ки дар ин қолаб аст,
Ҳеҷ магӯ, ҷунбиши ӯ то лаб аст.
Чун хами гардун ба ҷаҳон дармапеч
В-онҷи на они ту, ба он дармапеч.
Зӯри ҷаҳон беш зи бозуи мост,
Санги вай афзун зи тарозуи мост.
Қувваи кӯҳе зи ғуборе махоҳ,
Оташи деге зи шароре махоҳ.
Ҳар камаре, к-он ба ризо баста шуд,
То абад аз хидмати тан раста шуд.
Ҳирс рибохораи маҳрумӣ аст,
Тоҷи ризо бар сари маҳкумӣ аст.
Кисабуронанд дар ин раҳгузар,
Ҳар кӣ тиҳикисатар, осудатар.
Муҳташамӣ, дарди саре мепазир
В-арна, бирав, домани ифлос гир.

Кӯсаи камриш диле дошт танг,
Ришкашон дид ду касро ба ҷанг.
Гуфт:– «Рухам гарчи забонифаш аст,
Эминам аз ришканон ҳам х(в)аш аст».
Маслиҳати кор дар он дидаанд,
К-аз ту хару бори ту бибридаанд.
То ту чу Исо ба дари дил расӣ,
Бехару бебор ба манзил расӣ.
Муъминӣ, андешаи габрӣ макун,
Дар тунукӣ кӯшу ситабрӣ макун.
Мавҷи ҳалок аст, сабуктар шитоб,
Ҷон бибару бор дарафкан ба об.
Беҳ, ки тиҳимағзу хароб истӣ,
То чу каду бар сари об истӣ.
Қадр ба бехӯрдиюхобӣ дар аст,
Ганҷи бузургон ба харобӣ дар аст.
Мурдаи мурдор наӣ чун заған,
Зоғ шаву пой ба хун дармазан!
Гар тани бехун шудаӣ чун нигор,
Эминӣ аз заҳмати мурдорхор.
Хун ҷигаре дон, ба шаробе шуда,
Оташе аз шарм ба обе шуда.
То қадаре қуввати хун бишканӣ,
Зарбати оҳан хурӣ, гар оҳанӣ.
Хӯ мабар аз хурд ба якборагӣ,
Хурда нигаҳ дор ба камхорагӣ.
Шер зи кам хӯрдани худ саркаш аст,
Хирахурӣ қоидаи оташ аст.
Рӯз ба як қурса чу хурсанд гашт,
Равшании чашми хирадманд гашт.
Шаб, ки сабӯҳӣ на ба ҳангом кард,
Хуни зиёдаш сияҳандом кард.
Ақл зи бисёрхурӣ кам шавад,
Дил чу сипарғам сипари ғам шавад.
Ақли ту ҷонест, ки ҷисмаш туӣ,
Ҷони ту ганҷе, ки тилисмаш туӣ.
Кай диҳад ин ганҷ туро равшанӣ,
То ту тилисми дари ӯ нашканӣ?!
Хок ба номуътамадӣ гашт фош,
Суҳбати номуътамаде, гӯ, мабош!
Гар ҳама умрат ба ғам орад ба сар,
Аз паи ту ғам нахӯрад, ғам мах(в)ар.

Гуфт:– «Ба зангӣ падар: - Ин ханда чист?
Бар сияҳе чун ту бибояд гирист».
Гуфт:– «Чу ҳастам зи ҷаҳон ноумед,
Рӯй сияҳ беҳтару дандон сафед.
Нест аҷаб ханда зи рӯи сиёҳ,
К-абри сияҳ барқ надорад нигоҳ.
Чун ту надорӣ сари ин шаҳрбанд,
Барқ шаву бар ҳама олам биханд.
Хандаи тӯтӣ лаби шаккар шикаст,
Қаҳқаҳаи пур даҳани кабк баст.
Ханда, ки аз дил накушояд гиреҳ,
Гиря аз он хандаи бевақт беҳ.
Сӯхтану ханда задан барқвор
Кӯтаҳии умр диҳад чун шарор.
Бетараб ин хандаи чун шамъ чист?
Бас, ки бар ин ханда бибояд гирист.
То назанӣ хандаи дандоннамой,
Лаб ба гаҳи ханда ба дандон бихой.
Гиряи пур маслиҳати дида нест,
Хандаи бисёр писандида нест.
Гар куҳане бинию гар тозае,
Боядаш аз неку бад андозае.
Хезу ғаме мехуру хуш менишин,
Гоҳ чунон бояду гоҳе чунин.
Дар дили хуш нолаи дилсӯз ҳаст,
Бо шабаи шаб гуҳари рӯз ҳаст.
Ҳеҷ кас обе зи ҳавое нахӯрд,
К-аз паси он об қафое нахӯрд.
Ҳар бунаеро ҷарасе додаанд,
Ҳар шакареро магасе додаанд.
Дояи донои ту шуд рӯзгор,
Неку бади хеш бад-ӯ вогузор!
Гар диҳадат сирка, чу шира маҷӯш,
Хайри ту хоҳад, ту чӣ донӣ? – Хамӯш.
Собити ин роҳ муқиме бувад,
Ҳамсафари Хизр Калиме бувад.
Нози бузургон-т бибояд кашид,
То ба бузургӣ битавонӣ расид.
Ёри мусоид ба гаҳи нох(в)ашӣ
Домкашӣ кард, на доманкашӣ.

## ДОСТОНИ ПИРУ МУРИД

Раҳраве аз ҷумлаи пирони кор
Мешуду бо пир мурide ҳазор,
Пир дар он бодия як бод пок
Дод бизоат ба аминони хок.
Ҳар як аз он остие барфишонд,
То ҳама рафтанду яке шахс монд.
Пир бад-ӯ гуфт:– «Чӣ афтод рой,
К-он ҳама рафтанду ту мондӣ ба ҷой?»
Гуфт мурид: – «Эй дили ман ҷои ту,
Тоҷи сарам хоки кафи пои ту.
Ман на ба бод омадам аввалнафас,
То ба ҳамон бод шавам бозпас».
Мунтазири дод ба доде шавад,
В-омадаи бод ба боде шавад.
Зудраву зуднишин шуд ғубор,
З-он ба яке ҷой надорад қарор.
Кӯҳ ба оҳистагӣ омад ба ҷой,
Аз сари он аст чунин дерпой.
Пардадарӣ пешаи дунон бувад,
Боркаши кори сабурон бувад.
Боркашӣ зӯҳд шав, ар тар наӣ,
Бори табиат макаш, ар хар наӣ.
То хати зӯҳди ту музаввар нашуд,
Дида бад-ӯ тар шуду ӯ тар нашуд.
Зӯҳд, ки дар заркаши султон бувад,
Қиссаи занбилу Сулаймон бувад.
Шамъ, ки ҳар шаб ба зарафшонӣ аст,
Зери қабо зоҳиди пинҳонӣ аст.
Зӯҳд ғариб аст ба майхона-дар,
Ганҷ азиз аст ба вайрона-дар.
Зӯҳди Низомӣ, ки тирози х(в)аш аст,
Зернишини амали заркаш аст.

## МАҚОЛАТИ ҲАЖДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ ДУРӮЁН

Қалбзане чанд, ки бархостанд,
Қолибе аз қалби нав оростанд.
Чун шикам аз рӯй бикун пушташон
Ҳарф нигаҳ дор зи ангушташон.

Пеши ту аз нур мувофиқтаранд,
Дар пасат аз соя мунофиқтаранд.
Содатар аз шамъу кареҳтар зи уд,
Сода ба дидору кареҳ дар вуҷуд.
Ҷаврпазирони иноятгузор,
Айбнависони шикоятшумор.
Меҳр даҳан дар даҳан омӯхта,
Кина гиреҳ бар гиреҳ андӯхта.
Гарм, валек аз ҷигар афсурдатар,
Зинда, вале аз дили худ мурдатар.
Суҳбаташон бар маҳаки дил мазан,
Маст наӣ, пой дар ин гил мазан.
Хозини кӯҳанд, магӯ розашон,
Ғамз нахоҳӣ, мадеҳ овозашон.
Лофзанон, к-аз ту азизе шаванд,
Ҷаҳдкунон, к-аз ту ба чизе шаванд.
Чун бувад он сулҳ зи нодоштӣ,
Хашми Худо бод, бар он оштӣ.
Ҳар нафасе, к-он ғаразомез шуд,
Дӯстии душманиангез шуд.
Дӯстие, к-он зи тӯию манист,
Нисбати он дӯстӣ аз душманист.
Захри туро дӯст чӣ хонад? – Шакар,
Айби туро дӯст чӣ донад? – Ҳунар.
Дӯст бувад марҳами роҳатрасон,
Гарна, раҳо кун сухани нокасон.
Гурба бувад, к-аз сари ҳампӯстӣ
Баччаи худро хурад аз дӯстӣ,
Дӯст кадом? – Он ки бувад пардадор,
Пардадаранд ин ҳама чун рӯзгор.
Ҷумла бар он к-аз ту сабақ чун баранд,
Сиккаи корат ба чӣ афсун баранд?
Бо ту инонбастаи сурат шаванд,
Вақти зарурат ба зарурат шаванд.
Дӯстии ҳар кӣ туро равшан аст,
Чун дилат инкор кунад, душман аст.
Тан чӣ шиносад, ки туро ёр кист,
Дил бувад огаҳ, ки вафодор кист.
Як дил дорию ғами дил ҳазор,
Як гули пажмурдаву сад неши хор.
Мулк ҳазор асту Фаридун яке,
Ғолия бисёру димоғ андаке.

Парда дарад, ҳар чӣ дар ин олам аст,
Рози туро ҳам дили ту маҳрам аст.
Чун дили ту банд надорад бар он,
Банд чӣ хоҳӣ зи дили дигарон?
Гар на тунукдил шудаӣ в-ин хатост,
Рози ту чун рӯз ба саҳро чарост?
Гар дили ту н-аз тунукӣ роз гуфт,
Шиша, ки май хӯрд, чаро боз гуфт?
Чун бувад аз ҳамнафасе ногузир,
Ҳамнафасеро зи нафас во магир.
Пой ниҳодӣ чу дар ин доварӣ,
Кӯш, ки ҳамдаст ба даст оварӣ.
То нашиносӣ гуҳари ёри хеш,
Ёва макун гавҳари асрори хеш.

## ДОСТОНИ ҶАМШЕД БО ХОСАГИИ МАҲРАМ

Хосагие маҳрами Ҷамшед буд,
Хосатар аз моҳ ба хуршед буд.
Кори ҷавонмард бад-он даркашид,
К-аз ҳама олам маликаш баркашид.
Чун ба вусуқ аз дигарон гӯй бурд,
Шоҳ хазина ба дарунаш супурд.
Бо ҳама наздикии шоҳ он ҷавон
Дуртарӣ ҷуст чу тир аз камон.
Рози малик ҷони ҷавонмард суфт,
Бо касе ин роз наёраст гуфт.
Пирзане раҳ ба ҷавонмард ёфт,
Лолаи ӯ чун гули худ зард ёфт.
Гуфт, ки сарво, чӣ хазонхӯрдаӣ,
К-об зи ҷӯи маликон хӯрдаӣ?
Зард чароӣ, на ҷафо мекашӣ?
Тангдилӣ чист дар ин дилх(в)ашӣ?
Бар ту, ҷавон, гунаи пирӣ чарост?
Лолаи худрӯи ту хайрӣ чарост?
Шоҳи ҷаҳонро чу туӣ роздон,
Рух бикушо чун дили шоҳи ҷаҳон.
Сурх шавад рӯи раият зи шоҳ,
Хоса рухи хосагиёни сипоҳ.
Гуфт ҷавон:– «Рои ту з-ин ғофил аст,
Бехабарӣ, з-он чи маро дар дил аст.

Сабр маро ҳамнафаси дард кард,
Рӯи маро сабр чунин зард кард.
Шоҳ ниҳода-ст ба миқдори хеш
Дар дили ман гавҳари асрори хеш.
Ҳаст бузург, ончи дар ин дил ниҳод,
Рози бузургон натавонам кушод.
Дар суханаш дил на чунон бастаам,
К-аз сари кам кори забон бастаам.
З-он накунам бо ту сари ханда боз,
То зи забон барнапарад мурғи роз.
Гар зи дил ин роз на берун шавад,
Дил ниҳам онро, ки дилам хун шавад.
В-ар бикунам рози шаҳон ошкор,
Бахт хурад бар сари ман зинҳор».
Пирзанаш гуфт:– «Мабар номи кас,
Ҳамдами худ, ҳам дами худ дону бас.
Ҳеҷ касе маҳрами ин дам мадон,
Сояи худ маҳрами худ ҳам мадон.
Зард ба ин чеҳраи диноргун,
З-он ки шавад сурх ба ғарқоби хун.
Мешунавам ман, ки шабе чанд бор
Пеши забон гӯяд, сар зинҳор.
Сар талабӣ, теғзабонӣ макун,
Рӯз наӣ, розфишонӣ макун.
Марди фурӯбастазабон х(в)аш бувад,
Он саги девона забонкаш бувад.
Маслиҳати туст забон зери ком,
Теғ писандида бувад дар ниём».
Роҳати ин панд ба ҷонҳо-дар аст,
К-офати сарҳо ба забонҳо-дар аст.
То чу бунафша нафасат нашнаванд,
Ҳам ба забони ту сарат надраванд.
Дор дар ин ташт забонро нигоҳ,
То сарат аз ташт нагӯяд, ки оҳ.
Лаб макушой, арчи дар ӯ нӯшҳост,
К-аз паси девор басе гӯшҳост.
Бад машунав, вақти гаронгӯшӣ аст,
Зишт магӯ, навбати хомӯшӣ аст.
Чанд нависӣ? Қалам оҳиста дор,
Бар ту нависанд, забон баста дор.
Обсифат ҳар чӣ шунидӣ, бишӯй,
Оинасон ончи бидидӣ, магӯй.

Онҷи бибинанд ғаюрон ба шаб,
Бознагӯянд ба рӯз, эй аҷаб.
Лоҷарам ин гунбади анҷумфурӯз
Онҷи ба шаб дид, нагӯяд ба рӯз.
Гар ту дар ин парда адаб дидаӣ,
Рӯз магӯ, онҷи ба шаб дидаӣ.
Шаб, ки ниҳонхонаи ганҷинаҳост,
Дар дили ӯ ганҷи басе синаҳост.
Баркравоне, ки дарунпарваранд,
Онҷи бибинанд, аз ӯ бигзаранд.
Ҳар кӣ сар аз арш бурун мебарад,
Гӯй зи майдони дарун мебарад.
Чашму забоне, ки бурундӯстанд,
Аз сар мӯянду зи тан пӯстанд.
Ишқ, ки дар парда каромот шуд,
Чун бадар омад, ба харобот шуд.
Ин гирах аз риштаи дин кардаанд,
Панбаи ҳаллоҷ бад-ин кардаанд.
Ғунча, ки ҷон пардаи ин роз кард,
Чашмаи хун шуд, чу даҳан боз кард.
Кай даҳан ин мартаба ҳосил кунад,
Қиссаи дил ҳам даҳани дил кунад.
Ин хуриш аз косаи дил х(в)аш бувад,
Чун ба даҳон оварӣ, оташ бувад.
Ин-т фасоҳат, ки забонбастагист,
Ин-т шитобе,ки дар оҳистагист.
Равшании дил хабар онро диҳад,
К-ӯ даҳани худ дигаронро диҳад.
Он луғати дил, ки баёни дил аст,
Тарҷуматаш ҳам ба забони дил аст.
Гар дили хурсанди Низомӣ турост,
Мулки қаноат ба тамомӣ турост.

## МАҚОЛАТИ НУЗДАҲУМ ДАР ИСТИҚБОЛИ ОХИРАТ

Маҷлиси хилват нигар ороста,
Равшану хуш чун маҳи нокоста.
Шамъ фурӯзону шакар рехта,
Тахт зада, ғолия омехта.
Душмани ҷон аст туро рӯзгор,
Хештан аз дӯстияш вогузор.

Бин, ки ба занҷир каёнро кашид,
Ҳар кӣ дар ӯ дид, забонро кашид.
Бо туи дунёталаби дингузор
Бонг бароварда рақибони бор,
К-аз дари бедодгарон бозгард,
Гирди саропардаи ин роз гард.
Аз тафи ин бодия ҷӯшидаӣ,
Бар ту напӯшанд, ки пӯшидаӣ.
Сарднафас буд саги гармкин,
Рӯбаҳ аз он дӯхт магар пӯстин?
Дӯзахи гӯгирд шуд ин тирадашт,
Эй хунук он кас, ки сабуктар гузашт.
Оби даҳоне ба адаб гирд кун,
Дар тафи ин чашмаи гӯгирд кун.
Боз деҳ ин вомҳ фалакдодаро,
Тарҳ кун ин хоки заминзодаро.
Ҷумла барандоз ба устодие,
То ту фурӯ монию озодие.
Ҳар кӣ дар ин роҳ манӣ мекунад,
Бар ману ту роҳзанӣ мекунад.
Хасмии каждум батар аз аждаҳост,
К-ин зи ту пинҳон бувад, он бармалост.
Хона пур аз дузд, ҷавоҳир бипӯш,
Бодия пурғӯл, ба тасбеҳ кӯш.
Ғоратиёне, ки раҳи дил зананд,
Роҳ ба наздикии манзил зананд.
Тарсам аз он шаб, ки шабехун кунанд,
Хорат аз ин бодия берун кунанд.
Душмани хурд аст балои бузург,
Ғафлат аз ӯ ҳаст хатои бузург.
Бо адуи хурд машав хурдкин,
Хурд шавӣ, гар нашавӣ хурдбин.
Бо ҳама хурдӣ ба қадар моя зӯр
Милкаши баччаи шер аст мӯр.
Қофилаи барда ба манзил расид,
Киштии пургашта ба соҳил расид.
То-т набинанд, ниҳон шав чу хоб,
То-т наронанд, равон шав чу об.
Пой дар ин савмиа нанҳоданист,
Чун биниҳӣ, воситада доданист.
Гар наравӣ, дар ҷигарат хун ниҳанд,
Ротибат аз савмиа берун ниҳанд.

Гар сафар аз хок набудӣ ҳунар,
Чарх шабу рӯз накардӣ сафар.
То надарат дев гиребон-т, хез,
Домани дин гиру дар имон гурез.
Шаръ туро хонд, симоаш бикун,
Табъ туро нест, видоаш бикун.
Шаръ насимест, ба ҷонаш сипор,
Табъ ғуборе, ба ҷаҳонаш гузор.
Шаръ туро сохта райҳон ба даст,
Табъпарастӣ макун, ӯро параст.
Бар дари ҳар кас чу сабо дарматоз,
Бо дами ҳар хас чу ҳаво дармасоз.
Ин ҳама чун соя, ту чун нур бош,
Гар ҳама дорӣ, зи ҳама дур бош.
Чанбари туст ин фалаки чанбарӣ,
То ту аз ин чанбар сар чун барӣ?
Гар ба ту бар қисса кунад ҳоли хеш,
Ё хабаре гӯядат аз соли хеш,
Танг бувад ғори ту бо ғаври ӯ,
Ҳеҷ бувад умри ту бо даври ӯ.
Охири гуфтори ту хомӯшӣ аст,
Ҳосили кори ту фаромӯшӣ аст.
То ба ҷаҳон – дар нафасе мезанӣ,
Беҳ, ки дари ишқи касе мезанӣ.
К-ин ду нафас бо чу ту афтодае
Хуш набувад ҷуз ба чунон бодае.
Ҳеҷ қабое набурид осмон,
То ду кулаҳвор набурд аз миён.
Ҳар чӣ кунӣ, олами кофарситез
Бар ту нависад ба қаламҳои тез.
В-он чи кушоӣ зи дари иззу ноз,
Бар ту ҳамон дар бикушоянд боз.
Чашми ту гар пардаи таннозӣ аст,
Бо ту дар ин парда ҳамон бозӣ аст.
Неку бад онон, ки басе дидаанд,
Нек бидон, бад написандидаанд.
Ҳар кӣ раҳе рафт, нишоне бидод,
Ҳар кӣ баде кард, замоне бидод.
Сурат агар неку агар бад барӣ,
Номи ту он аст, ки бо х(в)ад барӣ.
Хор бувад номи гули хорпӯш,
Анбарном омада анбарфурӯш.

Қалб машав, то нашавӣ вақти кор
Ҳам зи худу ҳам зи Худо шармсор.
Бонг бар ин даври ҷигартоб зан,
Санг бар ин шишаи хуноб зан.
Раҷм кун ин лӯъбати шангарфро,
Дар қалами насх каш ин ҳарфро.
Даст бар ин қалъаи қалъӣ барор,
Пой дар ин аблақи хатлӣ дарор.
То фалак аз минбари нуҳхиргаҳӣ
Бар ту кунад хутбаи шоҳаншаҳӣ.
Кори ту бошад алам андохтан,
Кори ман аст ин алам афрохтан.
Одамиям, рафъи малак мекунам,
Даъвӣ аз он сӯи фалак мекунам.
Қиматам аз қоматам афзунтар аст,
Даврам аз ин доира берунтар аст.
Об наю баҳршукӯҳӣ кунам,
Ҷуғз наю ганҷпажӯҳӣ кунам.
Чун фалакам бар сари ганҷ аст пой,
Лоҷарамам сахт баланд аст ҷой.

## ДОСТОНИ ҲОРУНАРРАШИД БО ҲАҶҶОМ

Даври хилофат чу ба Ҳорун расид,
Рояти Аббос ба гардун расид.
Нимшабе пушт ба ҳамхоба кард,
Рӯй дар осоиши гармоба кард.
Мӯйтароше, ки сараш месутурд,
Мӯй ба мӯяш ба ғаме месупурд,
К-эй шуда огоҳ зи устодиям,
Хос кун имрӯз ба домодиям.
Хутбаи тазвиҷ пароканда кун,
Духтари худ номзади банда кун.
Табъи халифа қадаре гарм гашт,
Бозпазирандаи озарм гашт.
Гуфт:– «Ҳарорат ҷигараш тофта-ст,
Ваҳшате аз даҳшати ман ёфта-ст.
Бехудияш кард чунин ёфагӯй
В-арна накардӣ зи ман ин ҷустуҷӯй.
Рӯзи дигар нектараш озмуд,
Бар дирами қалб ҳамон сикка буд.

Таҷрибаташ кард чунин чанд бор,
Қоидаи мард нагашт аз қарор.
Кор чу беравнақӣ аз нур бурд,
Қисса ба дастурии дастур бурд,
К-аз қалами мӯйтароше дуруст
Бар сарам ин омаду ин сир ба туст.
Мансаби домодии ман боядаш,
Тарки адаб бин, ки чӣ фармоядаш.
Дар даҳанаш ханҷару дар даст теғ,
Сар ба ду шамшер супорам дареғ.
Ҳар гаҳ, к-ояд чу қазо бар сарам,
Санг занад бар ману бар гавҳарам».
Гуфт вазир:– «Эминӣ аз рои ӯ,
Бар сари ганҷ аст магар пои ӯ?»
Чунки расад бар сарат он содамард,
Гӯ:– «Зи қадамгоҳи нахустин бигард».
Гар бичахад, гардани ғарро бизан
В-арна қадамгоҳи нахустин бикан.
Мири мутеъ аз сари тавъе, ки буд,
Ҷой бадал кард ба навъе, ки буд.
Чун қадам аз манзили аввал бурид,
Гунаи ҳаҷҷом дигаргуна дид.
Камсухане дид, даҳандӯхта,
Чашму забоне адабомӯхта.
То қадамаш бар сари ганҷина буд,
Сурати шоҳӣ-ш бар оина буд.
Чун қадам аз ганҷи тиҳӣ соз кард,
Кулбаи ҳаҷҷомии худ боз кард.
Зуд қадамгоҳаш бишкофтанд,
Ганҷ ба зери қадамаш ёфтанд.
Ҳар кӣ қадам бар сари ганҷе ниҳод,
Чун ба сухан омад, ганҷе кушод.
Ганҷи Низомӣ, ки тилисмафкан аст,
Синаи софию дили равшан аст.

## МАҚОЛАТИ БИСТУМ ДАР ВАҚОҲАТИ АБНОИ АСР

Мо, ки ба худ даст барафшондаем,
Бар сари хоке чӣ фурӯ мондаем.
Суҳбати ин хок туро хор кард,
Хок чунин таъбия бисёр кард.

Умр ҳама рафту бапасгустарем,
Қофила аз қофила вопастарем.
Ин ду фаришта шуда дар банди мо,
Дев зи бадномии пайванди мо.
Гармрави сард чу гулхангарем,
Сард паи гарм чу хокистарем.
Нури дилу равшании сина ку?
Роҳату осоиши порина ку?
Субҳ шабоҳанги қиёмат дамид,
Шуд алами субҳ равон нопадид.
Хандаи ғафлат ба даҳон даршикаст,
Орзуи умр ба ҷон даршикаст.
Аз кафи ин хок ба афсунгарӣ
Чораи он соз, ки ҷон чун барӣ?
Барпар аз ин дом, ки хунхораест,
Зиракӣ аз баҳри чунин чораест.
Гург зи рӯбоҳ бадандонтар аст,
Рӯбаҳ аз он раст, ки беҳдонтар аст.
Ҷаҳд бар он кун, ки вафоро шавӣ,
Худ напарастию Худоро шавӣ.
Хоки диле шав, ки вафое дар ӯст
В-аз гули инсоф гиёе дар ӯст.
Ҳар ҳунаре, к-он зи дил омӯхтанд,
Дар зеҳи мансуҷи вафо дӯхтанд.
Гар ҳунаре дар тани мардум бувад,
Чун написандӣ, гуҳаре гум бувад.
Гар бихисандӣ-ш, дигарсон шавад,
Чашмаи он об дучандон шавад.
Мардуми парварда ба ҷон парваранд,
Гар ҳунаре дар тарафе бингаранд.
Хоки замин ҷуз ба ҳунар пок нест,
Ин ҳунар имрӯз дар ин хок нест.
Гар ҳунаре сар зи миён барзанад,
Беҳунаре даст бад-он дарзанад.
Кори ҳунарманд ба ҷон оваранд,
То ҳунарашро ба зиён оваранд.
Ҳамли риёзат ба тамошо кунанд,
Нисбати андеша ба савдо кунанд.
Номи карам сохта муште зиён,
Исми вафо бандагие ройгон.
Гуфта сахоро қадаре ришханд,
Хонда суханро тарафе лурканд.

Нақши вафо бар сари ях мезананд,
Бар маҳу хуршед занах мезананд.
Гар нафасе марҳами роҳат бувад,
Бар дили ин қавм ҷароҳат бувад.
Гар зи лабе шарбати ширин чашанд,
Даст ба ширина ба рӯяш кашанд.
Бар ҷигари пухтаи анҷирфом
Сирка фурӯшанд чу ангури хом.
Чашми ҳунарбин на касеро дуруст,
Ҷуз халалу айб надонанд ҷуст.
Ҳосили дарё на ҳама дур бувад,
Як ҳунар аз табъи касе пур бувад.
Даҷла бувад қатрае аз чашми кӯр,
Пои малах пур бувад аз дасти мӯр.
Айбхаранд ин ду-се номусгар,
Беҳунару бар ҳунар афсусгар.
Тиратар аз гавҳари гил дар гиланд,
Талхтар аз ғуссаи дил бар диланд.
Дуд шаванд, ар ба димоғе расанд,
Бод шаванд, ар ба чароғе расанд.
Ҳоли ҷаҳон бин, ки саронаш киянд,
Номзади номваронаш киянд?
Ин ду-се бадноми куҳан маҳди хеш
Мешиканандам ҳама чун аҳди хеш.
Ман ба сифат чун маҳи гардун шавам,
Нашканам, ар бишканам, афзун шавам.
Ранҷ гирифтам, зи ҳад афзун баранд,
Бо фалак ин руқъа ба сар чун баранд?
Бар сухани тозатар аз боғи рӯҳ,
Мункири дерина чу асҳоби Нӯҳ.
Эй, алами Хизр, ғазое бикун,
В-эй, нафаси Нӯҳ, дуое бикун.
Дил, ки надорад сари бедодашон,
Бод фаромуш, кунад ар ёдашон.
Бо бадашон, к-он на ба андозаест,
Хомушии ман қавиовозаест.
Ҳуққа пуровоз ба як дур бувад,
Гунг шавад, чун шикамаш пур бувад.
Хунбараи нима барорад хурӯш,
Лек чу пур гардад, гардад хамӯш.
Гар пурӣ аз дониш, хомӯш бош,
Тарки забон гӯю ҳама гӯш бош!

## ДОСТОНИ БУЛБУЛ БО БОЗ

Дар чамани боғ чу гулбун шукуфт,
Булбуле бо боз даромад ба гуфт,
К-аз ҳама мурғон туӣ хомӯшсор,
Гӯй чаро бурдаӣ, охир, биёр.
То ту лаби баста кушодӣ нафас,
Як сухани нағз нагуфтӣ ба кас.
Манзили ту дастгаҳи санҷарӣ,
Туъмаи ту синаи кабки дарӣ.
Ман, ки ба як чашмзад аз кони ғайб
Сад гуҳари нағз барорам зи ҷайб,
Туъмаи ман кирми шикоре чарост,
Хонаи ман бар сари хоре чарост?
Боз бад-ӯ гуфт:– «Ҳама гӯш бош,
Хомушиям бингару хомӯш бош.
Ман ки шудам коршинос андаке,
Сад кунаму боз нагӯям яке.
Рав, ки туӣ шефтаи рӯзгор,
З-он ки яке накнию гӯӣ ҳазор.
Ман ки ҳама маъниям, ин сайдгоҳ
Синаи кабкам диҳаду дасти шоҳ.
Чун ту ҳама захми забонӣ тамом,
Кирмхуру хорнишин, вассалом».
Хутба чу бар номи Фаридун кунанд,
Гӯш бар овози духул чун кунанд?
Субҳ, ки бо бонги хурӯс асту бас,
Хандае аз роҳи фусус асту бас.
Чарх, ки дар маърази фарёд нест,
Ҳеҷ сар аз чанбараш озод нест.
Бармакаш овозаи назми баланд,
То чу Низомӣ нашавӣ шаҳрбанд.

## АНҶОМИ КИТОБ

Саббаҳакаллоҳу сабоҳ, эй дабир,
Чун қалам аз даст шудам, даст гир,
К-ин намат аз чарх фузунӣ кунад,
Бо қаламам бӯқаламунӣ кунад.
З-ин ҳама алмос, ки бигдохтам,
Кизлике аз баҳри малик сохтам.

К-оҳани шамшерам дар санг буд,
Кӯраи оҳангариям танг буд.
Давлат агар ҳамдамие сохтӣ,
Умр бад-ин низ напардохтӣ.
Дар дилам ояд, ки гунаҳ кардаам,
К-ин варақе чанд сияҳ кардаам.
Он чи дар ин ҳаҷлаи хиргоҳӣ аст,
Ҷилвагари чанд саҳаргоҳӣ аст.
З-ин бара мехур, чӣ хурӣ дудҳо,
Оташ дарзан ба намаксудҳо.
Пеш рав, оҳистагие пеша кун,
Гар кунӣ андеша, ба андеша кун.
Ҳар сухане, к-аз адабаш дурӣ аст,
Даст бар ӯ мол, ки дастурӣ аст.
В-он чи на аз илм барорад алам,
Гар манам он ҳарф, дар ӯ каш қалам.
Гар на дар ӯ доди сухан додаме,
Шаҳр ба шаҳраш нафиристодаме.
Ин тарафам кард сухан пойбаст
Ҷумлаи атрофи маро зери даст.
Гуфт замона, на заминӣ, биҷунб,
Ҳамчу замин чанд нишинӣ, биҷунб.
Бикри маъонӣ-м, ки ҳамто-ш нест,
Ҷома ба андозаи боло-ш нест.
Нимтане то сари зону-ш ҳаст,
Аз паи он бар сари зону нишаст.
Боядаш аз ҳулла қад оростан,
То адабаш бошад бархостан.
Аз назари ҳар куҳану тозае
Ҳосили ман чист, ҷуз овозае.
Гармии ҳангомаву зар ҳеҷ не,
Заҳмати бозору дигар ҳеҷ не.
Ганҷа гиреҳ карда гиребони ман,
Бе гираҳе ганҷи Ироқ они ман.
Бонг баровард ҷаҳон, к-эй ғулом,
Ганҷа кадом асту Низомӣ кадом?
Шукр, ки ин нома ба унвон расид,
Пештар аз умр ба поён расид.
Кард Низомӣ зи паи зевараш
Ғарқаи гавҳар зи қадам то сараш.

Бод муборак гуҳарафшони ӯ,
Бар малике, к-ин гуҳар аст они ӯ.
Мурғи қалам нома ба парвоз кард,
Бар сари қиртос ду пар боз кард.
Пой зи сар карду зи лаб дур фишонд,
«Махзани асрор» ба поён расонд.
Буд ҳақиқат зи шумори дуруст
Бисту чорум зи рабеъи нахуст.
Аз гаҳи ҳиҷрат шуда то ин замон
Понсаду ҳафтоду ду афзун бар он.

# *ХУСРАВУ ШИРИН*

## ХУСРАВУ ШИРИН

Худовандо, дари тавфиқ бикшой,
Низомиро раҳи таҳқиқ бинмой.
Диле деҳ, к-ӯ яқинатро бишояд,
Забоне, к-офаринатро сарояд.
Мадеҳ нохубро бар хотирам роҳ,
Бидор аз нописандам даст кӯтоҳ.
Дарунамро ба нури худ барафрӯз,
Забонамро санои худ даромӯз.
Ба довудӣ диламро тоза гардон,
Забурамро баландовоза гардон.
Арӯсеро, ки парвардам ба ҷонаш,
Муборакрӯй гардон дар ҷаҳонаш.
Чунон, к-аз хонданаш фаррух шавад рой,
Зи мушкафшонданаш Халлух шавад ҷой.
Саводаш дидаро пурнур дорад,
Самоъаш мағзро маъмур дорад.
Муфарриҳномаи дилҳо-ш хонанд,
Калиди банди мушкилҳо-ш донанд.
Маониро бад-ӯ деҳ сарбаландӣ
Саодатро бад-ӯ кун нақшбандӣ.
Ба чашми шоҳ ширин кун ҷамолаш,
Ки худ бар номи Ширин аст фолаш.
Насиме аз иноят ёри ӯ кун,
Зи файзат қатрае дар кори ӯ кун.
Чу файёзи иноят кард ёрӣ,
Биёр, эй кони маънӣ, то чӣ дорӣ.

## ДАР ТАВҲИДИ БОРӢ

Ба номи он,ки ҳастӣ ном аз ӯ ёфт,
Фалак ҷунбиш,замин ором аз ӯ ёфт.
Худое, к-офариниш дар суҷудаш
Гувоҳе мутлақ омад бар вуҷудаш.
Таъолаллаҳ яке бемислу монанд,
Ки хонандаш худовандон Худованд.
Фалакбарпойдору анҷумафрӯз,
Хирадро бе миёнҷӣ ҳикматомӯз.
Ҷавоҳирбахши фикратҳои борик,
Барӯзорандаи шабҳои торик.
Ғамушодинигору биму уммед,
Шабурӯзофарину моҳу хуршед.

Нигаҳдорандаи болову пастӣ,
Гуво бар ҳастии ӯ ҷумла ҳастӣ.
Вуҷудаш бар ҳама мавҷуд қоҳир,
Нишонаш бар ҳама бинанда зоҳир.
Кавокибро ба қудрат корфармой,
Табоеъро ба санъат гавҳаророй.
Саводи дидаи борикбинон,
Аниси хотири хилватнишинон.
Худованде, ки чун номаш бихонӣ,
Наёбӣ дар ҷавобаш лантаронӣ.
Наёяд подшоҳе з-ӯ-т беҳтар,
Варо кун бандагӣ, ҳам ӯ-т беҳтар.
Барои ҳар чӣ дар гетӣ, асосест,
Бурун аз ҳар чӣ дар фикрат, қиёсест,
Ба ҷустуҷӯи ӯ бар боми афлок
Дарида ваҳмро наълайни идрок.
Хирад дар ҷустанаш ҳушёр бархост,
Чу дonистaш, намедонад чап аз рост.
Шиносоӣ-ш бар кас нест душвор,
Валекин ҳам ба ҳайрат мекашад кор.
Назар дидаш, чу нақши хеш бардошт,
Пас он гоҳе ҳиҷоб аз пеш бардошт.
Мубарро ҳукмаш аз зудею дере,
Муназзаҳ зоташ аз болову зере.
Ҳуруфи коинот ар бозҷӯӣ,
Ҳама дар тусту ту дар лавҳи ӯӣ.
Чу гул садпора кун худро дар ин боғ,
Ки натвон тандуруст омад бад-ин доғ.
Ту з-он ҷо омадӣ, к-ин ҷо давидӣ,
Аз ин ҷо даргузар, к-он ҷо расидӣ.
Тарозуи ҳама эзидшиносе
Чӣ бошад ҷуз далеле ё қиёсе!
Қиёси ақл то он ҷост бар кор,
Ки сонеъро далел ояд падидор.
Мадеҳ андешаро з-ин пештар роҳ,
Ки ё кӯҳ оядат дар пеш, ё чоҳ.
Чу донистӣ, ки маъбуде туро ҳаст,
Бидор аз ҷустуҷӯи чуну чӣ даст.
Зи ҳар шамъе, ки ҷӯӣ рӯшноӣ,
Ба ваҳдонияташ ёбӣ гувоӣ.
Гаҳ аз хоке чу гул ранге барорад,
Гаҳ аз обе чу мо нақше нигорад.

Хирад бахшид, то ӯро шиносем,
Басорат дод, то ҳам з-ӯ ҳаросем.
Фиканд аз ҳайъати нуҳ ҳарфи афлок
Руқуми ҳандасӣ бар тахтаи хок.
Наботи рӯҳро об аз ҷигар дод,
Чароғи ақлро пиҳ аз асар дод.
Ҷиҳатро шаш гиребон дар сар афканд,
Заминро чор гавҳар дар бар афканд.
Чунон кард офаринишро ба оғоз,
Ки пай бурдан надонад кас бад-он роз.
Чунонаш дар наворд орад саранҷом,
Ки натвонад задан фикрат дар он гом.
Нашояд бозҷуст аз худ худоӣ,
Худоӣ бартар аст аз кадхудоӣ.
Бифарсояд ҳама фарсуданиҳо,
Ҳам ӯ қодир бувад бар буданиҳо.
Чу бахшояндаву бахшандаи ҷуд
Нахустин мояҳоро кард мавҷуд,
Ба ҳар моя нишоне дод аз ихлос,
Ки ӯро дар амал коре бувад хос.
Якеро дод бахшиш, то расонад,
Якеро кард мумсик,то ситонад.
На бахшанда хабар дорад зи додан,
На он кас, к-ӯ пазируфт аз ниҳодан.
На оташро хабар, к-ӯ ҳаст сӯзон,
На об огаҳ, ки ҳаст аз ҷон фурӯзон.
Худовандӣ-ш бо кас муштарак нест,
Ҳама ҳаммоли фармонанду шак нест.
Киро заҳра зи ҳаммолони роҳаш,
Ки тахлите кунад дар боргоҳаш?
Бисанҷад хоку мӯе барнадорад,
Биёрад боду бӯе барнадорад.
Зиҳӣ қудрат, ки дар ҳайратфузудан
Чунин тартибҳо донад намудан!

## ДАР ИСТИДЛОЛИ НАЗАР ВА ТАВФИҚИ ШИНОХТ

Хабар дорӣ, ки сайёҳони афлок
Чаро гарданд гирди маркази хок?
Дар ин меҳробгаҳ маъбудашон кист
В-аз ин омад-шудан мақсудашон чист?

Чӣ мехоҳанд аз ин маҳмил кашидан,
Чӣ меҷӯянд аз ин манзил буридан ?
Чаро ин собит аст, он мунқалибном,
Кӣ гуфт инро биҷунб, онро биёром?
Қабо баста чу гул дар тозарӯӣ,
Парастишро камар бастанд гӯӣ.
Маро ҳайрат бар он овард сад бор,
Ки бандам дар чунин бутхона зуннор.
Вале чун кард ҳайрат тезгомӣ,
Иноят бонг барзад, к-эй Низомӣ!
Машав фитна бар ин бутҳо, ки ҳастанд,
Ки ин бутҳо на худро мепарастанд.
Ҳама ҳастанд саргардон чу паргор,
Падидорандаи худро талабгор.
Ту низ охир ҳам аз дасти баландӣ,
Чаро бутхонаеро дар набандӣ?
Чу Иброҳими бобат ишқ мебоз,
Вале бутхонаро аз бут бипардоз!
Назар бар бут ниҳӣ, суратпарастӣ,
Қадам бар бут ниҳӣ, рафтию растӣ.
Намудоре, ки аз маҳ то ба моҳист,
Тилисме бар сари ганҷи илоҳист.
Тилисми бастаро бо ранҷ ёбӣ,
Чу бикшоӣ, ба зераш ганҷ ёбӣ.
Табоеъро якояк мил даркаш,
Бад-ин хубӣ хирадро нил даркаш.
Мабин дар нақши гардун, к-он хаёл аст,
Кушудан банди ин мушкил муҳол аст.
Маро бар сирри гардун раҳбаре нест,
Ҷуз он к-ин нақш, донам, сарсарӣ нест.
Агар донистанӣ будӣ худ ин роз,
Яке з-ин нақшҳо дардодӣ овоз.
Аз ин гарданда гунбадҳои пурнур
Ба ҷуз гардиш чӣ шояд дидан аз дур?
Дуруст он шуд, ки ин гардиш ба корест,
Дар ин гардандагӣ ҳам ихтиёрест.
Бале, дар табъи ҳар донандае ҳаст,
Ки бо гарданда гардонандае ҳаст.
Аз он чарха, ки гардонад зани пир,
Қиёси чархи гарданда ҳамон гир.
Агарчи аз халал ёбӣ дурусташ,
Нагардад, то нагардонӣ нахусташ.

Чу гардонад варо дасти хирадманд,
Бад-он гардиш бимонад соате чанд.
Ҳамедун даври гардун з-ин қиёс аст,
Шиносад, ҳар кӣ ӯ гардуншинос аст.
Агар н-орад намудори худоӣ
Дар устурлоби фикрат рӯшноӣ,
На з-абрӯ ҷастан ояд номаи нав,
На аз осори нохун ҷомаи нав.
Бад-ӯ ҷӯӣ, биёбӣ аз шабаҳ нур,
Наёбӣ, чун на з-ӯ ҷӯӣ, зи маҳ нур.
Зи ҳар нақше, ки бинмуд ӯ ҷамоле,
Гирифтанд ахтарон з-он нақш фоле.
Яке даҳ дона ҷав меҳроб карда,
Яке санге ду устурлоб карда.
Зи гардишҳои ин чархи сабукрав
Ҳамон ояд, к-аз он сангу аз он ҷав.
Магӯ з-аркон падид оянд мардум,
Чунон, к-аркон падид оянд аз анҷум,
Ки қудратро ҳаволат карда бошӣ,
Ҳаволатро ба олат карда бошӣ.
Агар таквин ба олат шуд ҳаволат,
Чӣ олат буд дар таквини олат?
Агарчи обу хоку боду оташ
Кунанд омад-шуде бо якдигар х(в)аш,
Ҳаме то з-ӯ хати фармон наёяд,
Ба шахси ҳеҷ пайкар ҷон наёяд.
На ҳар к-эздпараст, Эзад парастад,
Чу худро қибла созад, х(в)ад парастад.
Зи худ баргаштан аст эздпарастӣ,
Надорад рӯз бо шаб ҳамнишастӣ.
Худо аз обидон онро гузинад,
Ки дар роҳи Худо худро набинад.
Низомӣ, ҷоми васл он гаҳ кунӣ нӯш,
Ки бар ёдаш кунӣ худро фаромӯш.

## ОМУРЗИШ ХОСТАН

Худоё, чун гили моро сириштӣ,
Васиқатномае бар мо навиштӣ,
Ба мо ту хидмати худ арз кардӣ,
Ҷазои он ба худ-бар фарз кардӣ.

Чу мо бо заъфи худ дар банди онем,
Ки бигзорем хидмат,то тавонем.
Ту бо чандон иноятҳо, ки дорӣ,
Заифонро куҷо зоеъ гузорӣ?
Бад-ин уммедҳои шох дар шох
Карамҳои ту моро кард густох.
В-агарна мо кадомин хок бошем,
Ки аз девори ту ранге тарошем?!
Халосӣ деҳ, ки рӯй аз худ битобем,
Ба хидмат карданат тавфиқ ёбем.
Зи мо худ хидмате шоиста н-ояд,
Ки шодурвони иззатро бишояд.
Вале чун бандагӣ-мон гӯшгир аст,
Зи хидмат бандагонро ногузир аст.
Агар хоҳӣ ба мо хат даркашидан,
Зи фармонат кӣ ёрад сар кашидан?
В-агар гардӣ зи муште хок хушнуд,
Туро набвад зиён, моро бувад суд.
Дар он соат, ки мо монему ҳӯе,
Зи бахшоиш фурӯ магзор мӯе.
Биёмурз аз атои хеш моро,
Каромат кун лиқои хеш моро.
Ман он хокам, ки мағзам донаи туст,
Бад-ин шамъӣ дилам парвонаи туст.
Туӣ, к-аввал зи хокам офаридӣ,
Ба фазлам з-офариниш баргузидӣ.
Чу рӯй афрӯхтӣ, чашмам барафрӯз,
Чу неъмат додиям, шукрам даромӯз.
Ба сахтӣ сабр деҳ, то пой дорам,
Дар осонӣ макун фармӯшкорам.
Шиносо кун ба ҳикматҳои хешам,
Барафкан бурқаи ғафлат зи пешам.
Ҳидоятро зи ман парвоз мастон,
Чу аввал додӣ, охир бозмастон.
Ба тақсире, ки аз ҳад беш кардам,
Хиҷолатро шафеъи хеш кардам.
Ба ҳар саҳве,ки дар гуфторам афтад,
Қалам даркаш, к-аз ин бисёрам афтад.
Раҳе дорам ба ҳафтоду ду хинҷор,
Аз он як раҳ гулу ҳафтоду ду хор.
Ақидамро дар он раҳ каш иморӣ,
Ки ҳаст он роҳ роҳи растгорӣ.

Туро ҷӯям, зи ҳар накше, ки донам,
Ту мақсудӣ, зи ҳар ҳарфе, ки хонам.
Зи саргардонии туст ин, ки пайваст
Ба ҳар ноаҳлу аҳле мезанам даст.
Ба азми хидматат бардоштам пой,
Гар аз раҳ ёва гаштам, роҳ бинмой.
Ният бар Каъба оварда-ст ҷонам,
Агар дар бодия мирам, надонам.
Ба ҳар неку баде, к-андар миёна-ст,
Карам бар туст в-он дигар баҳона-ст.
Якеро пой бишкастию хондӣ,
Якеро болу пар додию рондӣ.
Надонам, то мани мискин кадомам,
Зи маҳрумону мақбулон чӣ номам.
Агар диндораму гар бутпарастам,
Биёмурзам, ба ҳар навъе, ки ҳастам.
Ба фазли хеш кун фазле маро ёр,
Ба адли худ макун бо феъли ман кор.
Надорад феъли ман он зӯри бозу,
Ки бо адли ту бошад ҳамтарозу.
Бале, аз феъли ман фазли ту беш аст,
Агар бинвозиям, бар ҷои хеш аст.
Ба хидмат хос кун хурсандиямро,
Ба кас магзор ҳоҷатмандиямро.
Чунон дорам, ки дар нобуду дар буд
Чунон бошам,к-аз ӯ бошӣ ту хушнуд.
Фароғам деҳ зи кори инҷаҳонӣ,
Чу афтад кор бо ту, худ ту донӣ.
Манеҳ беш аз кашиш тимор бар ман.
Ба қадри зӯри ман неҳ бор бар ман.
Чароғамро зи файзи хеш деҳ нур,
Сарамро з-остони худ макун дур.
Дили масти маро ҳушёр гардон,
Зи хоби ғафлатам бедор гардон.
Чунон хусбон, чу ояд вақти хобам,
Ки гар резад гулам, монад гулобам.
Забонамро чунон рон бар шаҳодат,
Ки бошад хатми корам бар саодат.
Танамро дар қаноат зиндадил дор,
Мизоҷамро ба тоат мӯътадил дор.
Чу ҳукме ронд хоҳӣ ё қазое,
Ба таслим офарин дар ман ризое.

Димоғи дардмандамро даво кун,
Давош аз хоки пои Мустафо кун.

## ДАР НАЪТИ РАСУЛИ АКРАМ (С)

Муҳаммад, к-офариниш ҳаст хокаш,
Ҳазорон офарин бар ҷони покаш.
Чароғафрӯзи ҷони аҳли биниш,
Тирози коргоҳи офариниш.
Сару сарҳанг майдони вафоро,
Сипаҳсолору сархайл анбиёро.
Мураққаъбаркаши нармодае чанд,
Шафоатхоҳи корафтодае чанд.
Раёҳинбахши боғи субҳгоҳӣ,
Калиди махзани ганҷи илоҳӣ.
Ятимонро навозиш дар насимаш,
Аз он ҷо ном шуд дурри ятимаш.
Ба маънӣ – кимиёи хоки одам,
Ба сурат – тӯтиёи чашми олам.
Сарои шаръро чун чор ҳад баст,
Бино бар чор девори абад баст.
Зи шаръи худ нубувватро навӣ дод,
Хирадро дар паноҳаш пайравӣ дод.
Асоси шаръи ӯ хатми ҷаҳон аст,
Шариатҳо бад-ӯ мансух аз он аст.
Ҷавонмарде раҳиму тунд чун шер,
Забонаш гаҳ калиду гоҳ шамшер.
Аёзе хос в-аз хосон гузида,
Зи масъудӣ ба маҳмудӣ расида.
Худояш теғи нусрат дода дар чанг,
К-аз оҳан нақш донад баст бар санг.
Ба мӯъҷиз бадгумононро хиҷил кард,
Ҷаҳоне сангдилро тангдил кард.
Чу гул бар обрӯи дӯстон шод,
Чу сарв аз обхӯрди олам озод.
Фалакро дода сарваш сабзпӯшӣ,
Амома-ш бодро анбарфурӯшӣ.
Зада дар мавкиби султон савораш
Ба навбат чор навбат чор ёраш.
Сарири аршро наълайни ӯ тоҷ,
Амини ваҳю соҳибсирри меъроҷ,

Зи чоҳе бурда маҳдеро ба анҷум,
Зи хоке карда деверо ба мардум.
Халил аз хайлтошони сипоҳаш,
Калим аз човушони боргоҳаш.
Ба ранҷу роҳаташ дар кӯҳу ғоре
Ҳарам морею маҳрам сусморе.
Гаҳе дандон ба дасти санг дода,
Гаҳе лаб бар сари санге ниҳода.
Лабу дандон-ш аз он дар санг зад чанг,
Ки дорад лаълу гавҳар ҷой дар санг.
Сари дандонканашро зери чанбар
Фалак дандонканон оварда бар дар.
Басар дар хобу дил дар истиқомат,
Забонаш умматигӯ то қиёмат.
Ман он ташналаби ғамноки ӯям,
Ки ӯ оби ману ман хоки ӯям.
Ба хидмат кардаам бисёр тақсир,
Чӣ тадбир, эй набиюллаҳ, чӣ тадбир?
Кунам дархосте з-он равзаи пок,
Ки як хоҳиш кунӣ дар кори ин хок.
Барорӣ даст аз он бурди ямонӣ,
Намоӣ дастбурд он гаҳ, ки донӣ,
К-Илоҳӣ, бар Низомӣ кор бикшой,
Зи нафси кофараш зуннор бикшой.
Дилаш дар махзани осоиш овар,
Бар он бахшуданӣ бахшоиш овар.
Агарчи ҷурми ӯ кӯҳи гарон аст,
Туро дарёи раҳмат бекарон аст.
Биёмурзаш, равономурзӣ, охир,
Худоӣ, ройгономурзӣ, охир!

## ДАР СОБИҚАИ НАЗМИ КИТОБ

Чу толеъ мавкиби давлат равон кард,
Саодат рӯй дар рӯи ҷаҳон кард.
Халифатвор нури субҳгоҳӣ
Ҷаҳон бистад сапедӣ аз сиёҳӣ.
Фалакро чатр буд, султон бибоист,
Ки, алҳақ, чатр бе султон нашоист!
Даровrouting мурғони дуҳулсоз
Саҳаргаҳ панҷ навбатро ба овоз.

Бад-ин тахти равон бо ҷоми Ҷамшед
Ба султонӣ бaромад номи хуршед.
Зи давлатхонаи ин ҳафт фағфур
Суханро тозатар карданд маншур.
Туғоншоҳи сухан бар мулк шуд чир,
Қарохони қаламро дод шамшер.
Бад-ин шамшер ҳар к-ӯ кор кам кард,
Қалам шамшер шуд, дасташ қалам кард.
Ман аз нохуфтани шаб маст монда,
Чу шамшере қалам дар даст монда,
Бад-ин дил, к-аз кадомин дар дароям,
Кадомин ганҷро сар баркушоям.
Чӣ тарз орам, ки арз орад забонро,
Чӣ баргирам, ки даргирад ҷаҳонро.
Даромад давлат аз дар, шод дар рӯй,
Ҳазорам бӯсаи хуш дод бар рӯй,
Ки кор омад бурун аз қолаби танг,
Калидатро кушоданд оҳан аз санг.
Чунин фармуд шоҳаншоҳи олам,
Ки ишқе нав барор аз роҳи олам,
Ки соҳибҳолатон якбора мурданд,
Зи бесӯзӣ ҳама чун ях фусурданд.
Фалакро аз сари ханҷарзабонӣ
Тарошидӣ зи сар мӯи маъонӣ.
Уторидро қалам мисмор кардӣ,
Паранди Зуҳра бар тан хор кардӣ.
Чу Исо рӯҳро дарсе даромӯз,
Чу Мӯсо ишқро шамъе барафрӯз.
Зи ту пирӯза бар хотам ниҳодан,
Зи мо муҳри сулаймонӣ кушодан.
Гарат хоҳем кардан ҳақшиносӣ,
Нахоҳӣ кардан охир носипосӣ.
В-агар бо ту дами носоз гирем,
Чу Фирдавсӣ зи муздат бозгирем,
Тавонӣ муҳри ях бар зар ниҳодан,
Фуқоъеро тавонӣ сар кушодан.
В-агар чун муқбилон давлат парастӣ,
Тамаъро мил даркаш, бозрастӣ.
Дилам чун дид давлатро ҳамовоз,
Зи давлат кард бар давлат яке ноз,
Ки вақти ёрӣ омад, ёрие кун,
Дар ин хунхӯрданам ғамхорие кун.

Зи ман фарбеҳтарон,к-ин ҷинс гуфтанд,
Ба бозуи мулук ин лаъл суфтанд.
Ба давлат доштанд андешаро пос,
Нашояд лаъл суфтан ҷуз ба алмос.
Суханҳое зи рифъат то Сурайё
Ба асбоби муҳайё шуд муҳайё.
Манам рӯй аз ҷаҳон дар гӯша карда,
Кафе писти ҷавин рахтӯша карда.
Чу море бар сари ганҷе нишаста,
Зи шаб то шаб ба гирде рӯза баста.
Чу занбӯре, ки дорад хонаи танг,
Дар он хона бувад ҳалвои садранг,
Ба фарри шаҳ, ки рӯзирези шох аст,
Карам гар танг шуд, рӯзӣ фарох аст.
Чу хоҳам, мурғам аз равзан дарояд,
Замин бишкофаду моҳӣ бароядд,
Аз он давлат, ки бод аъдош бар ҳеҷ
Ба ҳиммат ёрие хоҳам, дигар ҳеҷ.
Басо коро,ки шуд равшантар аз моҳ,
Ба ҳиммат, хоса ҳиммат ҳиммати шоҳ.
Гар аз дунё вуҷӯҳе нест дар даст,
Қаноатро саодат бод, к-он ҳаст!

## ДАР СИТОИШИ ТУҒРИЛ АРСЛОН

Чу султони ҷавон, шоҳи ҷавонбахт,
Ки бархурдор бод аз тоҷу аз тахт,
Сарирафрӯзи иқлими маъонӣ,
Вилоятгири мулки зиндагонӣ.
Паноҳи мулк, шоҳаншоҳ Туғрил,
Худованди ҷаҳон, султони одил.
Малик Туғрил, ки дорои вуҷуд аст,
Сипеҳри давлату дарёи ҷуд аст,
Ба султонӣ ба тоҷу тахт пайваст,
Ба ҷои Арслон бар тахт биншаст.
Ман ин ганҷинаро дар мекушодам,
Бинои ин иморат мениҳодам,
Муборак буд толеъ, нақш бастам,
Фалак гуфто муборак боду ҳастам.
Бад-ин толеъ, ки ҳаст ин нақшро фол,
Маро чун нақши худ некӯ кунад ҳол.

Чу нақш аз толеи султон намояд,
Чу султон гар ҷаҳонгир аст, шояд.
Аз ин пайкар,ки маъшуқи дил омад,
Ба кам муддат фароғат ҳосил омад.
Диранг аз баҳри он афтод дар роҳ,
Ки то аз шуғлҳо фориғ шавад шоҳ.
Ҳабашро зулф бар Тамғоч бандад,
Тирози Шуштар дар Чоч бандад.
Ба бози чатр анқоро бигирад,
Ба тоҷи зар Сурайёро бигирад.
Шукӯҳаш чатр бар гардун расонад,
Самандаш кӯҳ аз Ҷайҳун ҷаҳонад.
Ба фатҳи ҳафт кишвар сар барорад,
Сари нуҳ чархро дар чанбар орад.
Гаҳаш Хоқон хироҷи Чин фиристад,
Гаҳаш Қайсар газити дин фиристад.
Биҳамдиллаҳ, ки бо қадри баландаш
Камоле дарнаёбад ҷуз сипандаш.
Ман аз шафқат сипанди модарона
Ба дуди субҳдам кардам равона.
Ба шарти он ки гар бӯе диҳад х(в)аш,
Ниҳад бар номи ман наъле бар оташ.
Бад-он лафзи баланди гавҳарафшон,
Ки ҷони олам асту олами ҷон,
Атобакро бигӯяд, к-эй ҷаҳонгир,
Низомӣ в-онгаҳе сад гуна тақсир,
Наёмад вақти он, к-ӯро навозем?
Зикорафтодаеро кор созем?
Ба чашме чашми ин ғамгин кушоем?
Ба абрӯяш аз абрӯ чин кушоем?
Ситию Меҳситиро бар ғазалҳо
Шабе сад ганҷ бахшӣ дар масалҳо.
Гар ӯро хирмане аз мо кушояд,
Зи мо, валлаҳ,ки як ҷав кам наёяд.
Зи мулки мо, ки давлатрост бунёд,
Чӣ бошад, гар харобе гардад обод?
Чунин гӯяндае дар гӯша то кай,
Сухандоне чунин бетӯша то кай?
Аз он шуд хонаи хуршед маъмур,
Ки торикони оламро диҳад нур.

Сахои абр аз он омад ҷаҳонгир,
Ки дар тифлӣ гиёҳеро диҳад шир.
Кунун умрест, к-ин мурғи сухансанҷ
Ба шукри неъмати мо мебарад ранҷ.
Нахӯрда ҷоме аз майхонаи мо,
Кунад аз шукрҳо шукронаи мо.
Шафеъе чун ману чун ӯ ғуломе
Чу ту Кайхусраве камтар зи ҷоме.
Низомӣ, чист ин густохрӯӣ,
Ки бо давлат кунӣ густохгӯӣ!
Худованде, ки чун Хоқону Фағфур
Ба сад ҳоҷат даре бӯсандаш аз дур.
Чӣ узр орӣ ту, эй хокитар аз хок,
Ки гӯёӣ дар ин хатти хатарнок.
Яке узр аст, к-ӯ дар подшоҳӣ
Сифат дорад зи даргоҳи илоҳӣ.
Бад-он дар ҳар кӣ болотар, фурӯтар,
Касе к-афкандатар, густохрӯтар.
Набинӣ барқ, к-оҳанро бисӯзад,
Чароғи пирзан чун барфурӯзад?
Ҳамон дарё, ки мавҷаш саҳмнок аст,
Гулеро боғу боғеро ҳалок аст.
Сулаймон аст шаҳ, бо ӯ дар ин роҳ
Гаҳе моҳӣ сухан гӯяд, гаҳе моҳ.
Дабиронро ба оташгоҳи саббок
Гаҳе зар дар ҳисоб ояд, гаҳе хок.
Худоё, то ҷаҳонро обу ранг аст,
Фалакро давру гетиро диранг аст,
Ҷаҳонро хоси ин соҳибқирон кун,
Фалакро ёри ин гетиситон кун!
Муматтаъ дораш аз бахту ҷавонӣ,
Зи ҳар чизаш фузун деҳ зиндагонӣ.
Мабодо давлат аз наздики ӯ дур,
Мабодо тоҷро бе фарқи ӯ нур!
Фарохӣ бод аз иқболаш ҷаҳонро,
Зи чатраш сарбаландӣ осмонро.
Муқими ҷовидонӣ бод ҷонаш,
Ҳарими зиндагонӣ остонаш.

## ДАР СИТОИШИ АТОБАКИ АЪЗАМ ШАМСУДДИН АБӮҶАЪФАР МУҲАММАД ИБНИ ЭЛДИГИЗ

Ба фаррухфолию фирӯзмандӣ
Суханро додам аз давлат баландӣ.
Тирози офарин бастам қаламро,
Задам бар номи шоҳаншаҳ рақамро.
Сару сархайли шоҳон, шоҳи офоқ
Чу абрӯ бо саре ҳам ҷуфту ҳам тоқ.
Малик аъзам Атобак довари давр,
Ки афканд аз ҷаҳон овозаи ҷавр.
Абӯҷаъфар Муҳаммад, к-аз сари ҷуд
Хуросонгир хоҳад шуд чу Маҳмуд.
Ҷаҳонгир офтоби оламафрӯз,
Ба ҳар буқъа қиронсозу қаринсӯз.
Далел он, к-офтоби хосу ом аст.
Ки Шамсуддини-вад-дунёш ном аст.
Чунон чун шамс, к-анҷумро диҳад нур,
Диҳад моро саодат, чашми бад дур!
Дар он бахшиш, ки раҳмат ом карданд,
Ду соҳибро Муҳаммад ном карданд.
Яке хатми нубувват гашта зоташ,
Яке хатми мамолик бар ҳаёташ.
Яке бурҷи Арабро то абад моҳ,
Яке мулки Аҷамро ҷовидон шоҳ.
Яке динро зи зулм озод карда,
Яке дунё ба адл обод карда.
Зиҳӣ номе,ки кард аз чашмаи нӯш
Ду оламро ду «мим»-аш ҳалқа дар гӯш.
Зи рашки номи ӯ олам дуним аст,
Ки оламро яке, ӯро ду мим аст.
Ба туркони қалам бе насхи тороҷ
Яке «мим»-аш камар бахшад, яке тоҷ.
Ба нури тоҷбахшӣ чун дурахш аст,
Бад-ин таъйид номаш тоҷбахш аст.
Чу тавфе сӯи ҷуд орад вуҷудаш,
Зи Ҷудӣ бугзарад тӯфони ҷудаш.
Фалак бо ӯ киро гӯяд, ки бархез,
Ки ҳаст ин қоимафкан қоимовез.
Муҳит аз шарми ҷудаш зери афлок
Ҷабинворе арақ шуд бар сари хок.

Чу дарё дур диҳад бе талхрӯӣ,
Гуҳар бахшад чу кон бе тангхӯӣ.
Ба бориш теғи ӯ чун оҳанин меғ,
Калиди ҳафт кишвар номи он теғ.
Ҷиҳат шаш тоқи ӯ бар дӯш дорад,
Фалак нуҳ ҳалқа ҳам дар гӯш дорад.
Ҷаҳон чун модарон гашта мутеъаш,
Ба номи адл зода чун рабеъаш.
Хабарҳое, ки берун аз асир аст,
Ба кашфи хотир ӯро дар замир аст.
Кадомин илм, к-ӯ дар дил надорад,
Кадом иқбол, к-ӯ ҳосил надорад?
Ба сарпанҷа чу шерони далер аст,
Бад-ин шерафканӣ, ё раб, чӣ шер аст?!
На бо шерӣ касеро ранҷа дорад,
На аз шерон касе ҳампанҷа дорад.
Синон-ш аз мӯй борикӣ сутурда,
Зи чашми мӯйбинон мӯй бурда.
Зи ҳар миқроза, к-ӯ чун субҳ ронда,
Адӯ чун меғ дар микроз монда.
Зи ҳар шамшер, к-ӯ чун барқ ҷаста,
Мухолиф чун шафақ дар хун нишаста.
Самандаш дар шитобоҳанги бешӣ
Фалакро ҳафт майдон дода пешӣ.
Замин зери инонаш говриш аст,
Агарчи ҳамъинони говмеш аст.
Кулаҳ бар чарх дорад, фарқ бар моҳ,
Кулаҳдорӣ чунин бояд, зиҳӣ, шоҳ!
Ҳама олам гирифт аз некроӣ,
Чунин бошад, бале, зилли худоӣ.
Сиёҳию сапедӣ ҳар чӣ ҳастанд,
Гузашт аз Кирдгор, ӯро парастанд.
Зиреҳпӯшони дарёи шикангир
Ба фарқи душманаш пӯянда чун тир.
Тарафдорони кӯҳи оҳанинчанг
Ба раҷми ҳосидаш бардошта санг.
Гулӯи хасми вай сангиндароест,
Чу миқнотис аз он оҳанрабоест.
Нашуд ғофил зи хасм, огоҳӣ ин аст,
Нахусбад, шарти шоҳаншоҳӣ ин аст.

Атобак Элдигиз шоҳи ҷаҳонгир,
Ки зад бар чор кишвар чор такбир,
Ду оламро бад-ин як ҷон супурда-ст,
Чу ҷонаш ҳаст, натвон гуфт мурда-ст.
Ҷаҳон зинда бад-ин соҳибқирон аст,
Дар ин шак нест, к-ӯ ҷони ҷаҳон аст.
Ҷуз ин як сар надорад шахс олам,
Мабодо, к-аз сараш мӯе шавад кам.
Кас аз модар бад-ин давлат назода-ст,
Ҳабаш то Чин бад-ин давлат кушода-ст.
Фиканда дар Ироқ ӯ бода дар ҷом,
Фитода ҳайбаташ дар Руму дар Шом.
Салиби Зангро бар тораки Рум
Ба дандони зафар хоида чун мум.
Сипоҳи Румро гар тарк шуд пеш,
Ба ҳиндитеғ карда ҳиндуи хеш.
Шикористони ӯ Абхозу Дарбанд,
Шабехунаш ба Хоразму Самарқанд.
Зи Ганҷа фатҳи Хузистон кӣ карда-ст?
Зи Уммон то ба Исфоҳон кӣ х(в)арда-ст?
Мамирод ин фурӯғ аз рӯи ин моҳ,
Маяфтод ин кулоҳ аз фарқи ин шоҳ!
Ҳар он чизе ки ӯро нест мақсуд,
Ба оташ сӯхта, гар ҳаст худ уд!
Ҳар он кас, к-аз ҷаҳон бо ӯ занад сар,
Дар об афтод, агар худ ҳаст шаккар!
Ҳар он хотир, ки ӯро з-он ғубор аст,
Хазон бодо, агар худ навбаҳор аст!
Ҳар он шахсе, ки ӯро ҳаст аз ӯ ранҷ,
Ба зери хок бод, ар худ бувад ганҷ!

## ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Зиҳӣ дорандаи авранги шоҳӣ,
Ҳаволатгоҳи таъйиди илоҳӣ.
Паноҳи салтанат, пушти хилофат,
Зи теғат то адам мӯе масофат.
Фаридуни дувум, Ҷамшеди сонӣ,
Ғалат гуфтам, ки ҳашв аст ин маъонӣ.
Фаридун буд тифле говпарвард,
Ту болиғдавлатӣ, ҳам шеру ҳам мард.

Ситад Ҷамшедро ҷон мори Заҳҳок,
Туро ҷон бахшад аждарҳои афлок.
Гар эшон доштандӣ тахт бо тоҷ,
Ту тоҷу тахт мебахшӣ ба муҳтоҷ.
Кунад ҳар паҳлаве хусравнишонӣ,
Ту худ ҳам хусравӣ, ҳам паҳлавонӣ.
Сулаймонро нигин буду туро дин,
Сикандар дошт оина, ту оин.
Надиданд, он чи ту дидӣ зи айём,
Сикандар з-оина, Ҷамшед аз ҷом.
Зиҳӣ, мулки ҷавонӣ хуррам аз ту,
Асоси зиндагонӣ муҳкам аз ту!
Агар сад тахт худ бар пушти пил аст,
Чу бе нақши ту бошад, тахти нил аст.
Ба теғи оҳанин олам гирифтӣ,
Ба заррин ҷом ҷои Ҷам гирифтӣ.
Ба оҳан чун фароҳам шуд хазина,
Аз оҳан вақф кун бар обгина.
Ба дастурӣ ҳадисе чанд кӯтоҳ
Бихоҳам гуфт, агар фармон диҳад шоҳ.
Ман аз сеҳри саҳарпайкони роҳам,
Ҷарасҷунбони ҳорутони шоҳам.
Нахустин мурғ будам ман дар ин боғ,
Гарам булбул кунӣ кунят в-агар зоғ.
Ба арзи бандагӣ дер омадам, дер
В-агар дер омадам, шер омадам, шер.
Чӣ хуш гуфт ин сухан пири ҷаҳонгард,
Ки «дер ою дуруст ой», эй ҷавонмард.
Дар ин андеша будам муддате чанд,
Ки нузле созам аз баҳри худованд.
Набудам тӯҳфаи Чиполу Фағфур,
Ки пеш орам, заминро бӯсам аз дур.
Бад-ин муште хаёли фикратангез
Бисоти бӯсаро кардам шакаррез.
Агарчи мӯр қурбонро нашояд,
Малах нузли Сулаймонро нашояд.
Набуд обе ҷуз ин дар мағзи меғам
В-агар будӣ,набудӣ ҷон дареғам.
Ба зарра офтоберо кӣ гирад,
Ба гунҷишке уқоберо кӣ гирад?!

Чӣ суд афсуси ман, к-аз кадхудоӣ
Ҷуз ин мӯе надорам дар киёӣ.
Ҳадиси он ки чун дил гоҳу бегоҳ
Мулозим нестам дар ҳазрати шоҳ,
Набошад бар малик пӯшида розам,
Ки ман ҷуз бо дуо бо кас насозам.
Низомӣ акдаше хилватнишин аст,
Ки ниме сирка, ниме ангубин аст.
Зи табъи тар кушода чашмаи нӯш,
Ба зӯҳди хушк баста бор бар дӯш.
Даҳони зӯҳдам арчи хушк хонист,
Лисони ратбам Оби Зиндагонист.
Чу мушк аз нофи узлат бӯ гирифтам,
Ба танҳоӣ чу анқо хӯ гирифтам.
Гули базм аз чу ман хоре наёяд,
Зи ман ғайр аз дуо коре наёяд.
Надонам кард хидматҳои шоҳӣ,
Магар лахте суҷуди субҳгоҳӣ.
Руунат дар димоғ, аз дом тарсам,
Тамаъ дар дил, зи кори хом тарсам.
Тамаъро хирқа бархоҳам кашидан,
Руунатро қабо хоҳам даридан.
Ману ишқе муҷаррад бошам он гоҳ,
Биёсоям, чу муфрад бошам он гоҳ,
Сари худро ба фитрокат супорам,
Зи фитрокат чу давлат сар барорам.
Гарам дур афканӣ, дар бӯсам аз дур
В-агар бинвозиям, нурун ало нур.
Ба як ханда, гарат бояд, чу маҳтоб,
Шабафрӯзӣ кунам чун кирми шабтоб.
Чу давлат ҳар киро додӣ ба худ роҳ,
Набиштӣ бар сараш ё мир, ё шоҳ.
Чу чашми субҳ дар ҳар кас, ки дидӣ,
Палоси зулмат аз вай даркашидӣ.
Ба ҳар кишвар, ки чун хуршед рондӣ,
Заминро бадра-бадра зар фишондӣ.
Зарафшонат ҳамасола чунин бод,
Чу теғат ҳисни ҷонат оҳанин бод.
Ҷаҳон берун мабод аз ҳукму роят,
Замин холӣ мабод аз хоки поят!

Сарат зери кулоҳи хусравӣ бод,
Ба хусравзодагон пуштат қавӣ бод.
Ба ҳар манзил, ки мушкафшон кунӣ роҳ,
Мунаввар бош чун хуршеду чун моҳ!
Ба ҳар ҷониб, ки рӯй орӣ ба тақдир
Рикобат бод чун давлат ҷаҳонгир!
Ҷанобат бар ҳама офоқ мансур,
Сипоҳат қоҳиру аъдот мақҳур!

## ДАР МАДҲИ ШОҲ МУЗАФАРУДДИН ҚИЗИЛАРСЛОН

Сабук бош, эй насими субҳгоҳӣ,
Тафаззул кун бад-он фурсат, ки хоҳӣ.
Заминро бӯса деҳ дар базми шоҳе,
Ки дорад бар Сурайё боргоҳе.
Ҷаҳонбахш офтоби ҳафт кишвар,
Ки дину давлат аз вай шуд музаффар.
Шаҳи Машриқ, ки Мағрибро паноҳ аст,
Қизилшаҳ, к-афсараш болои моҳ аст.
Чу Маҳдӣ гарчи шуд Мағриб висоқаш,
Гузашт аз сарҳади Машриқ ятоқаш.
Нигинаш гар ниҳад як нақш бар мум,
Хироҷ аз Чин ситонад, ҷизя аз Рум.
Агар хоҳад, ба оби теғи гулранг
Барорад рӯди Рус аз чашмаи Занг.
Гараш бояд, ба як фатҳи илоҳӣ
Фурӯ шӯяд зи Ҳиндустон сиёҳӣ.
Зи бими вай, ки ҷавр аз давр бурдаст,
Чу барқ ар фитнае зодаст, мурдаст.
Чу абр аз ҷудҳои бедареғаш
Ҷаҳон равшан шуда монанди теғаш.
Сахои абр чун бикшояд аз банд,
Ба сад таррӣ фишонад қатрае чанд,
Бибахшад дасти ӯ сад баҳри гавҳар,
Ки дар бахшиш нагардад нохунаш тар.
Ба хуршедӣ сарираш ҳаст мавсуф,
Ба маҳ-бар карда маъруфӣ-ш маъруф.
Замин ҳафт асту гар ҳафтод будӣ,
Агар хокаш набудӣ, бод будӣ.
Зуҳал гар нестӣ ҳиндуи ин ном,
Бад- ин пирӣ дарафтодӣ аз ин бом.

Арасро дар биёбон ҷӯш бошад,
Чу дар дарё расад, хомӯш бошад.
Агар душман расонад сар ба афлок,
Бад-ин даргаҳ чӣ бӯсад ҷуз сари хок?
Агар сад кӯҳ дарбандад ба бозу,
Набошад санг бо зар ҳамтарозу.
Аз он мансух, к-ӯро давр додаст,
Ба чор аркон камарбанде фитодаст.
В-аз он хилъат, ки иқболаш буридаст,
Ба ҳафт ахтар кулаҳворе расидаст.
В-аз он оташ, ки алмосаш фурӯзад,
Адӯ гар оҳанин бошад, бисӯзад.
Чу дев аз оҳанаш душман гурезад,
Ки бар ҳар шахс афтад, барнахезад.
Зи теғе, к-ончунон гардан гузорад,
Чӣ хорад хасм, агар гардан нахорад?
Зукол аз дуди хасмаш уд гардад,
Ки Миррих аз занаб масъуд гардад.
Ҳаёташ бо Масеҳо ҳамрикоб аст,
Сабӯҳаш то қиёмат дар ҳисоб аст.
Ба обу ранг теғаш бурда тафзил,
Чу нилуфар ҳам аз Даҷла, ҳам аз Нил.
Ба ҳар ҳоҷат, ки халқ оғоз карда,
Даре дорад чу дарё боз карда.
Кас аз дарёи фазлаш нест маҳрум,
Зи дарвеши Хазар то мунъими Рум.
Паи мӯрест аз кин то ба меҳраш,
Сари мӯест аз сар то сипеҳраш.
Ҳар он мӯре, ки ёбад бар дараш бор,
Сулаймонеш бояд навбатидор.
Ҳар он пашша, ки бархезад зи роҳаш,
Сари Намруд зебад боргоҳаш.
Зи нофи нукта номаш мушк резад,
Чу сунбул хӯрд, аз оҳу мушк хезад.
Зи идрокаш Уторид хӯшачин аст,
Магар худ номи хонаш хӯша з-ин аст.
Чу бар дарё занад теғи палолак,
Ба моҳӣ гов гӯяд «кайфа ҳолак?»
Гар аз наълаш ҳилол андоза гирад,
Фалакро ҳалқа дар дарвоза гирад.

Замираш корвонсолори ғайб аст,
Тавоноро зи доноӣ чӣ айб аст?
Ба маҷлис гар маю соқӣ намонад,
Чу боқӣ монад ӯ, боқӣ намонад!
Аз он уҳда, ки дар сар дорад ин аҳд,
Бад-ин Маҳдӣ тавон растан аз ин маҳд.
Агар тӯфони боди саҳмнок аст,
Сулаймоне чунин дорад, чӣ бок аст?
Агар худ мори Заҳҳоке занад неш,
Чу дар хайли Фаридунӣ, маяндеш.
Бар аҳли рӯзгор аз ҳар қироне
Наёмад бе ситамкоре замоне.
Зи хусфи ин қирон моро чӣ бим аст,
Ки доро додгар, довар надим аст.
Қиронеро, ки бо ин дод бошад,
Чу фол аз бод бошад, бод бошад.
Ҷаҳон аз даргаҳаш токе камин аст,
Бар ин тоқ осмон чун обгин аст.
Бар он авҷ аз чу мо гарде чӣ хезад,
Ки абр он ҷо расад, обаш бирезад.
Бар он даргаҳ чу фурсат ёбӣ, эй бод,
Биёр ин хоҷатоши хешро ёд.
Заминбӯсӣ кун аз роҳи ғуломӣ,
Чунон гӯ, к-инчунин гӯяд Низомӣ,
Ки гар будам зи хидмат дур якчанд,
Набудам фориғ аз шуғли Худованд.
Чу шуд пардохта дар силки авроқ,
Мусаҷҷал шуд ба номи шоҳи офоқ.
Чу донистам, ки ин Ҷамшеди сонӣ,
Ки бодаш то қиёмат зиндагонӣ,
Агар барги гуле бинад дар ин боғ,
Ба номи шоҳи офоқаш кунад доғ.
Маро ин раҳнамунӣ бахт фармуд,
Ки то шаҳ бошад аз ман- банда хушнуд.

## ҲИКОЯТ

Шунидастам, ки давлатпешае буд,
Ки бо юсуфрухеш андешае буд.
Чунон дар кори он дилдор дил баст,
Ки аз тимори кори хештан раст.

Чунон дар дил нишонд он дилситонро,
Ки бо ҷонаш мусалсал кард ҷонро.
Гараш сад боғ бахшидандӣ аз нур,
Набурдӣ миннати як хӯша ангур.
Чу додандӣ гуле бар дасти ёраш,
Рух аз шодӣ шудӣ чун навбаҳораш.
Ба ҳукми он ки ёр ӯро чу ҷон буд,
Мудом аз шодии ӯ шодмон буд.
Муроди шаҳ, ки мақсуди ҷаҳон аст,
Биъайниҳ бо бародар ҳамчунон аст.
Мабод ин дурҷи давлатро наварде,
Маяфтод андар ин нӯшоб гарде!
Ҷамолаш бод доим оламафрӯз,
Шабаш Меъроҷ боду рӯз Наврӯз!
Ба қадри он ки бод аз зулфи мушкин
Гаҳе Ҳиндустон созад, гаҳе Чин,
Ҳама туркони Чин боданд ҳинду-ш,
Мабод аз чиниён чине бар абрӯ-ш!
Ҳасудаш бастаи банди ҷаҳон бод,
Чу гардад дӯст, басташ парниён бод!
Мутеъашро замӣ пурбод гаштӣ,
Чу ёғӣ гашт, бодаш тез ду́штӣ!
Чунин нузле, ки ёбӣ пурмаъонӣ-ш,
Муборак бод бар ҷону ҷавонӣ-ш!

## ДАР ПАЖӮҲИШИ ИН КИТОБ

Маро чун ҳотифи дил дид дамсоз,
Баровард аз равоқи ҳиммат овоз,
Ки биштоб, эй Низомӣ, зуд, дер аст,
Фалак бадаҳлу олам зудсер аст.
Баҳоре нав барор аз чашмаи нӯш,
Суханро дастбофе тоза дарпӯш.
Дар ин манзил ба ҳиммат соз бардор,
Дар ин парда ба вақт овоз бардор.
Камин созанд, агар бевақт ронӣ,
Сар андозанд, агар бевақт хонӣ.
Забон бикшой чун гул рӯзаке чанд,
К-аз ин карданд савсанро забонбанд.
Сухан пӯлод кун чун сиккаи зар,
Бад-ин сикка дирамро сикка мебар.

Нахуст оҳангарӣ бо теғ бинмой,
Пас он гаҳ сайқалиро кор фармой.
Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро нашояд.
Суханро саҳл бошад назм додан,
Бибояд лек бар назм истодан.
Сухан бисёр дорӣ, андаке кун,
Якеро сад макун, садро яке кун.
Чу об аз эътидол афзун ниҳад гом,
Зи серобӣ ба ғарқ орад саранҷом.
Чу хун дар тан зи одат беш гардад,
Сазои гӯшмоли неш гардад.
Сухан кам гӯй, то бар кор гиранд,
Ки дар бисёр бад бисёр гиранд.
Туро бисёр гуфтан гар салим аст,
Магӯ бисёр, дашноме азим аст,
Сухан ҷон асту ҷондоруи ҷон аст.
Магар чун ҷон азиз аз баҳри он аст.
Ту мардум бин, ки чун бе рою ҳушанд.
Ки ҷонеро ба ноне мефурӯшанд.
Сухан гавҳар шуду гӯянда ғаввос,
Ба сахтӣ дар каф ояд гавҳари хос.
Зи гавҳар суфтан устодон ҳаросанд,
Ки қиматмандии гавҳар шиносанд.
Набинӣ, вақти суфтан марди ҳаккок
Ба шогирдон диҳад дурри хатарнок.
Агар ҳушёр, агар махмур бошӣ,
Чунон зӣ, к-аз таарруз дур бошӣ.
Ҳазорат мушрифи беҷомагӣ ҳаст,
Ба сад афғон кашида сӯи ту даст.
Ба ғафлат бармаёвар як нафасро,
Мадон ғофил зи кори хеш касро.
Насиҳатҳои ҳотиф чун шунидам,
Чу ҳотиф рӯй дар хилват кашидам.
Дар он хилват, ки дил дарёст он ҷо,
Ҳама сарчашмаҳо он ҷост, он ҷо.
Ниҳодам такягоҳ афсонаеро,
Биҳиште кардам оташхонаеро.
Чу шуд наққоши ин бутхона дастам,
Ҷуз ороиш бар ӯ нақше набастам.
Агарчи дар сухан, к-Оби Ҳаёт аст,
Бувад ҷоиз, ҳар он ч-аз мумкинот аст.

Чу битвон ростиро дарҷ кардан,
Дурӯғеро чӣ бояд харҷ кардан?!
Зи кажгӯӣ суханро қадр кам гашт,
Касе, к-ӯ ростгӯ шуд, мӯҳташам гашт.
Чу субҳи содиқ омад ростгуфтор,
Ҷаҳон дар зар гирифташ мӯҳташамвор.
Чу сарв аз ростӣ барзад аламро.
Надид андар хазон торочи ғамро.
Маро чун «Махзану-л-асрор» ганҷе,
Чӣ бояд, дар ҳавас паймуд ранҷе?
Валекин дар ҷаҳон имрӯз кас нест,
Ки ӯро дар ҳаваснома ҳавас нест.
Ҳавас пухтам ба ширindasткоре,
Ҳаваснокони ғамро ғамгусоре.
Чунон нақши ҳавас бастам бар ӯ пок,
Ки ақл аз хонданаш гардад ҳаваснок.
На дар шохе задам чун дигарон даст,
Ки бар вай ҷуз рутаб чизе тавон баст.
Ҳадиси Хусраву Ширин ниҳон нест
В-аз он ширинтар, алҳақ, достон нест.
Агарчи достоне дилписанд аст,
Арӯсе дар виқоя шаҳрбанд аст.
Баёзаш дар гузориш нест маъруф,
Ки дар Бардаъ саводаш буд мавқуф.
Зи таърихи куҳансолони он бум,
Маро ин ганҷнома гашт маълум.
Куҳансолони ин кишвар, ки ҳастанд,
Маро бар шиққаи ин шуғл бастанд.
Наёрад дар қабулаш ақл сустӣ,
Ки пеши оқилон дорад дурустӣ.
На пинҳон, бар дурустӣ-ш ошкор аст,
Асарҳое, к-аз эшон ёдгор аст:
Асоси Бесутуну шакли Шабдиз
Ҳамэдун дар Мадоин кохи Парвиз.
Ҳаваскории он Фарҳоди мискин,
Нишони ҷӯи ширу қасри Ширин.
Ҳамон Шаҳрӯду оби хушгувораш,
Бинои Хусраву ҷои шикораш,
Ҳадиси Борбад бо сози даҳруд,
Ҳамон оромгоҳи шаҳ ба Шаҳрӯд.
Ҳакиме, к-ин ҳикоят шарҳ кардаст,
Ҳадиси ишқ аз эшон тарҳ кардаст.

Чу дар шаст уфтодаш зиндагонӣ,
Хаданг афтодаш аз шасти ҷавонӣ.
Ба ишқе-дар, ки шаст омад писандаш,
Сухан гуфтан наёмад судмандаш.
Нагуфтам, ҳар чӣ доно гуфт аз оғоз,
Ки фаррух нест гуфтан гуфтаро боз.
Дар он ҷузве, ки монд аз ишқбозӣ,
Сухан рондам, ният бар марди ғозӣ.

## СУХАНЕ ЧАНД ДАР ИШҚ

Маро, к-аз ишқ беҳ н-ояд шиоре,
Мабодо, то зиям, ҷуз ишқ коре!
Фалак ҷуз ишқ меҳробе надорад,
Ҷаҳон бе хоки ишқ обе надорад.
Ғуломи ишқ шав, к-андеша ин аст,
Ҳама соҳибдилонро пеша ин аст.
Ҷаҳон ишқ асту дигар заркрсозӣ,
Ҳама бозист, илло ишқбозӣ.
Агар бе ишқ будӣ ҷони олам,
Кӣ будӣ зинда дар даврони олам?
Касе, к-аз ишқ холӣ шуд, фусурдаст,
Гараш сад ҷон бувад, бе ишқ мурдаст.
Агар худ ишқ ҳеҷ афсун надонад,
На аз савдои хешат вораҳонад?!
Машав чун хар ба хӯрду хоб хурсанд,
Агар худ гурба бошад, дил дар ӯ банд.
Ба ишқи гурба гар худгир бошӣ,
Аз он беҳтар, ки бо худ шер бошӣ.
Нарӯяд тухми кас бе донаи ишқ,
Кас эмин нест ҷуз дар хонаи ишқ,
Зи сӯзи ишқ беҳтар дар ҷаҳон чист,
Ки бе ӯ гул нахандид, абр нагрист.
Ҳамон габрон, ки бар оташ нишастанд,
Зи ишқи офтоб оташпарастанд.
Мабин дар дил, ки ӯ султони ҷон аст,
Қадам дар ишқ неҳ, к-ӯ ҷони ҷон аст.
Ҳам аз қибла сухан гӯяд, ҳам аз Лот,
Ҳамаш Каъба хазина, ҳам харобот.
Агар ишқ уфтад дар синаи санг,
Ба маъшуқӣ занад дар гавҳаре чанг,

Ки миғнотис агар ошиқ набудӣ,
Бад-он шавқ оҳанеро чун рабудӣ?
В-агар ишқе набудӣ бар гузаргоҳ,
Набудӣ каҳрабо ҷӯяндаи коҳ.
Басе сангу басе гавҳар ба ҷоянд,
На оҳанро, на каҳро мерабоянд.
Ҳар он ҷавҳар, ки ҳастанд аз адад беш,
Ҳама доранд майли маркази хеш.
Гар оташ дар замин манфаз наёбад,
Замин бишкофаду боло шитобад.
В-агар обе бимонад дар ҳаво дер,
Ба майли табъ ҳам роҷеъ шавад зер.
Табоеъ ҷуз кашиш коре надонанд,
Ҳакимон ин кашишро ишқ хонанд.
Гар андеша кунӣ аз роҳи биниш,
Ба ишқ аст истода офариниш.
Гар аз ишқ осмон озод будӣ,
Куҷо ҳаргиз замин обод будӣ?
Чу ман бе ишқ худро ҷон надидам,
Диле бифрӯхтам, ҷоне харидам.
Зи ишқ офоқро пурдуд кардам,
Хирадро дида хоболуд кардам.
Камар бастам ба ишқ ин достонро,
Салои ишқ дардодам ҷаҳонро.
Мабодо баҳраманд аз вай хасисе
Ба ҷуз хушхонею зебонависе.
Зи ман нек омад ин, ар бад нависанд,
Ба музди ман гуноҳи х(в)ад нависанд.

## УЗРАНГЕЗӢ ДАР НАЗМИ КИТОБ

Дар он муддат, ки ман дарбаста будам,
Сухан бо осмон пайваста будам,
Гаҳе бурҷи кавокиб мебуридам,
Гаҳе ситри малоик медаридам,
Ягона дӯсте будам худоӣ,
Ба сад дил карда бо ҷон ошноӣ,
Таассуброо камар дарбаста чун шер,
Шуда бар ман сипар, бар хасм шамшер,
Дари дунё ба дониш банд карда,
Зи дунё дил бад-ин хурсанд карда.

Шабе дарҳам шуда чун ҳалқаи зар,
Ба нуқра накра зад бар ҳалқаи дар.
Даромад саргирифта – саргирифта,
Итобе сахт бо ман даргирифта,
Ки, аҳсант, эй ҷаҳондори маъонӣ,
Ки дар мулки сухан соҳибқиронӣ,
Пас аз панҷоҳ чилла дар чиҳил сол,
Мазан панҷа дар ин ҳарфу варақ мол.
Дар ин рӯза чу ҳастӣ пойбарҷой,
Ба мурдорустухоне рӯза макшой.
Накарда орзу ҳаргиз туро банд,
Ки дунёро набудӣ орзуманд.
Чу дорӣ дар синони нӯки хома
Калиди қуфли чандин ганҷнома,
Мисеро зар барандудан ғараз чист?
Зар андар сими тар, з-ин метавон зист.
Чаро чун ганҷи Қорун хокбаҳрӣ?
На устоди сухангӯёни даҳрӣ?
Дари тавҳид зан, к-овоза дорӣ,
Чаро расми муғонро тоза дорӣ?
Сухандонон дилатро мурда донанд,
Агарчи Зандхонон зинда хонанд.
Зи шӯриш кардани он талхгуфтор
Турушрӯӣ накардам ҳеҷ дар кор.
Зи ширинкории Ширини дилбанд
Фурӯ хондам ба гӯшат нуктае чанд.
В-аз он дебо, ки мебастам тирозаш,
Намудам нақшҳои дилнавозаш.
Чу соҳибсанг дид он нақши Артанг,
Фурӯ монд аз сухан чун нақш бар санг.
Бад-ӯ гуфтам:– «Зи хомӯшӣ чӣ ҷӯӣ,
Забонат ку, ки аҳсанте бигӯӣ»?
Ба сад таслим гуфт:– Эй ман ғуломат,
Забонам вақф бар тасбеҳи номат»!
Чу бишнидам зи Ширин достонро,
Зи ширинӣ фурӯ бурдам забонро.
Чунин сеҳре ту донӣ ёд кардан,
Бутеро Каъбае бунёд кардан.
Магар ширин бад-он кардӣ даҳонам,
Ки дар ҳалқам шакар гардад забонам.

Агар хӯрдам забонро ман шакарвор,
Забони чун туе бодо шакарбор.
Ба поён бар, чу ин раҳ баркушодӣ,
Тамомаш кун, чу бунёдаш ниҳодӣ!
Дар ин гуфтан зи давлат ёрият бод,
Барумандию бархурдорият бод!
Чаро гаштӣ дар ин байғӯла побаст,
Чунин накди ироқӣ бар кафи даст?
Рикоб аз шаҳрбанди Ганҷа бикшой,
Инони шер дорӣ, панҷа бикшой.
Фарас берун фикан, майдон фарох аст,
Ту сарсабзию давлат сабзшох аст.
Замона нағзгуфторе надорад
В-агар дорад, чу ту боре надорад.
Ҳумоӣ кун, барафкан соз бар кор,
Вилоятро ба чуғде чанд маспор.
Чароғанд ин ду-се парвонаи хеш,
Падидор омада дар хонаи хеш.
Ду манзил гар шаванд аз шаҳри худ дур,
Набинӣ ҳеҷ касро равнақу нур.
Ту он хуршеди нурониқиёсӣ,
Ки Машриқ то ба Мағриб рӯшиносӣ.
Чу ту ҳолӣ ниҳодӣ пой дар пеш,
Ба кунҷе ҳар касе гирад сари хеш.
Ҳам офоқи ҳунар ёбад ҳисоре,
Ҳам иқлими сухан бинад саворе.
Ба тундӣ гуфтам, эй бахти баландам,
На ту қассобию ман гӯспандам.
Мадам дам, то чароғи ман намирад,
Ки дар Мӯсо дами Исо нагирад.
Ба ҳашве чандам оташ бармаяфрӯз,
Ки ман худ чун чароғам хештансӯз.
Ман он шиша-м, ки гар бар ман занӣ санг ,
Зи ному кунятам гирад ҷаҳон нанг.
Мисе бинӣ, заре бар вай кашида,
Ба мурдоре гулобе бардамида.
Набинӣ ҷуз ҳавои хеш қутам,
Ба ҷуз боде наёбӣ дар бурутам.
Фалак дар толеам шере намудаст,
Валекин шери пашминам, чӣ суд аст?

На он шерам, ки бо душман бароям,
Маро он бас, ки ман бо ман бароям.
Нишоте пеш аз ин буд, он қидам рафт.
Ғуруре, к-аз ҷавонӣ буд, ҳам рафт.
Ҳадиси кӯдакию худпарастӣ
Раҳо кун, к-он хаёле буду мастӣ.
Чу умр аз сӣ гузаштат ё худ аз бист,
Намешояд дигар чун ғофилон зист.
Нишоти умр бошад то чиҳил сол
Чиҳилсола фурӯ резад пару бол.
Пас аз панҷаҳ набошад тандурустӣ,
Басар кундӣ пазирад, пой сустӣ.
Чу шаст омад, нишаст омад падидор,
Чу ҳафтод омад, олат афтад аз кор.
Ба ҳаштоду навад чун даррасидӣ,
Басо сахтӣ, ки аз гетӣ кашидӣ.
В-аз он ҷо гар ба сад манзил расонӣ,
Бувад марге ба сурат зиндагонӣ.
Агар сад сол монӣ в-ар яке рӯз,
Бибояд рафт аз ин кохи дилафрӯз.
Пас, он беҳтар, ки худро шод дорӣ,
Дар он шодӣ Худоро ёд дорӣ.
Ба вақти хушдилӣ чун шамъи пуртоб
Даҳан пурханда дорӣ, дида пуроб.
Чу субҳ он равшанон аз гиря растанд,
Ки барқи хандаро бар лаб бибастанд.
Чу бе гиря нашояд буд хандон,
В-аз ин ханда нашояд баст дандон,
Биёмӯзам туро, гар кор бандӣ,
Ки бе гиря замоне хуш бихандӣ.
Чу хандон гардӣ аз фархундафолӣ,
Бихандон тангдастеро ба моле.
Набинӣ офтоби осмонро,
К-аз он хандад, ки хандонад ҷаҳонро.

## ОҒОЗИ ДОСТОН

Чунин гуфт он сухангӯи куҳанзод,
Ки будаш достонҳои куҳан ёд,
Ки чун шуд моҳи Кисро дар сиёҳӣ,
Ба Ҳурмуз дод тахти подшоҳӣ.

Ҷаҳонафрӯз Ҳурмуз дод мекард,
Ба доди худ ҷаҳон обод мекард.
Ҳамон расми падар бар ҷой медошт,
Диҳиш бар дасту дин бар пой медошт.
Насабро дар ҷаҳон пайванд мехост,
Ба қурбон аз Худо фарзанд мехост.
Ба чандин назру қурбонаш Худованд
Нарина дод фарзанде, чӣ фарзанд!
Гиромӣ дурре аз дарёи шоҳӣ,
Чароғе равшан аз нури илоҳӣ.
Муборактолиъе, фаррухсарире,
Ба толеъ тоҷдоре, тахтгире.
Падар дар хусравӣ дида тамомаш,
Ниҳода Хусрави Парвиз номаш.
Аз он шуд номи он шаҳзода Парвиз,
Ки будӣ доим аз ҳар кас паровез.
Гирифта дар ҳарираш доя чун мушк,
Чу марвориди тар дар пунбаи хушк.
Рухе аз офтоб андӯҳкуштар,
Шакархандидане аз субҳ хуштар.
Чу майли шаккараш дар шир диданд,
Ба ширу шаккараш мепарвариданд.
Ба базми шоҳаш оварданд пайваст
Ба сони дастаи гул даст бар даст.
Чу кор аз маҳд бо майдон фитодаш,
Ҷаҳон аз дӯстӣ дар ҷон ниҳодаш.
Ба ҳар соле, ки давлат мефузудаш,
Хирад таълими дигар менамудаш.
Чу солаш панҷ шуд, дар ҳар шигифтӣ
Тамошо кардию ибрат гирифтӣ.
Чу сол омад ба шаш, чун сарв меруст,
Русуми шаш ҷиҳатро боз меҷуст.
Чунон машҳур шуд дар хубрӯӣ,
Ки мутлақ Юсуфи Миср аст гӯӣ.
Падар тартиб кард омӯзгораш,
Ки то зоеъ нагардад рӯзгораш.
Бар ин гуфтор-бар бигзашт якчанд,
Ки шуд дар ҳар ҳунар Хусрав ҳунарманд.
Чунон қодирсухан шуд дар маъонӣ,
Ки баҳре гашт дар гавҳарфишонӣ.

Фасеҳе, к-ӯ сухан чун об гуфтӣ,
Сухан бо ӯ ба устурлоб гуфтӣ.
Чу аз борикбинӣ мӯй месуфт,
Ба борикӣ сухан чун мӯй мегуфт,
Пас аз нуҳсолагӣ мактаб раҳо кард,
Ҳисоби ҷанги шеру аждаҳо кард.
Чу бар даҳсолагӣ афканд бунёд,
Сари сисолагон медод бар бод.
Ба сарпанҷа шудӣ бо панҷаи шер,
Сутунеро қалам кардӣ ба шамшер.
Ба тир аз мӯй бикшодӣ гиреҳро,
Ба найза ҳалқа бирбудӣ зиреҳро.
Дар он омоҷ, к-ӯ кардӣ камон боз,
Зи табли Зуҳра кардӣ таблаки боз.
Касе, к-ӯ даҳ камон ҳолӣ кашидӣ,
Камонашро ба ҳаммолӣ кашидӣ.
Зи даҳ душман камандаш хомтар буд,
Зи нуҳ қабза хадангаш томтар буд.
Будӣ, гар худ будӣ деви сапеде,
Ба пеши бедбаргаш барги беде.
Чу барқи найзаро бар санг рондӣ,
Синон дар синаи хоро нишондӣ.
Чу умр омад ба ҳадди чордаҳ сол,
Баромад мурғи донишро пару бол.
Назар дар ҷустаниҳои ниҳон кард,
Ҳисоби неку бадҳои ҷаҳон кард.

## СИФАТИ БУЗУРГУМЕД

Бузургуммед марде буд доно,
Бузургуммед аз ақлу тавоно.
Замин ҷав-ҷав шуда дар зери пояш,
Фалакро ҷав ба ҷав паймуда рояш.
Ба даст оварда асрори ниҳонӣ,
Калиди ганҷҳои осмонӣ.
Талаб кардаш ба хилват шоҳзода,
Забон чун теғи ҳиндӣ баркушода.
Ҷавоҳир ҷуст аз он дарёи фарҳанг,
Ба чанг оварду зад бар доманаш чанг.
Дили равшан ба таълимаш барафрӯхт
В-аз ӯ бисёр ҳикматҳо даромӯхт.

Зи паргори Зуҳал то маркази хок,
Фурӯ хонд офаринишҳои афлок.
Ба андак умр шуд дарёдаруне
Ба ҳар фанне, ки гуфтӣ, зуфунуне.
Дил аз ғафлат ба огоҳӣ расидаш,
Қадам бар пояи шоҳӣ расидаш.
Чу пайдо шуд бар он ҷосуси асрор
Ниҳониҳои ин гарданда паргор,
Зи хидмат хуштараш н-омад ҷаҳоне,
Набудӣ фориғ аз хидмат замоне.
Ҷаҳондор аз ҷаҳонаш дӯсттар дошт,
Ҷаҳон чӣ б-вад? Зи ҷонаш дӯсттар дошт!
Зи баҳри ҷондарозӣ-ш аз ҷаҳон шоҳ
Зи ҳар дасте дарозӣ кард кӯтоҳ.
Мунодиро нидо фармуд дар шаҳр,
Ки вой он кас, ки ӯ бар кас кунад қаҳр.
Агар аспе чарад дар киштзоре,
Агар ғасбе равад бар мевадоре,
В-агар кас рӯи номаҳрам бибинад,
Ҳамон дар хонаи турке нишинад,
Сиёсатро зи ман гардад сазовор,
Бар ин савгандҳое хӯрд бисёр.
Чу шаҳ дар адли худ нанмуд сустӣ,
Падид омад ҷаҳонро тандурустӣ.
Харобӣ дошт аз кори ҷаҳон даст,
Ҷаҳон аз дасткори ин ҷаҳон раст.

## ИШРАТИ ХУСРАВ ДАР МАРҒЗОР ВА СИЁСАТИ ҲУРМУЗ

Қазоро аз қазо як рӯз шодон
Ба саҳро рафт Хусрав бомдодон.
Тамошо карду сайд афканд бисёр,
Деҳе хуррам зи дур омад падидор,
Ба гирдогирди он деҳ сабзаи нав,
Бар он сабза бисот афканда Хусрав.
Маи сурх аз нишоти сабза мех(в)ард,
Чунин то пушт бинмуд ин гули зард.
Чу хуршед аз ҳисори лоҷвардӣ
Алам зад бар сари девори зардӣ,
Чу султон дар ҳазимат уд месӯхт,
Аламро медариду чатр медӯхт.

Инони якрикобӣ зер мезад,
Дудастӣ бо фалак шамшер мезад,
Чу оҷиз гашт аз ин хоки ҷигартоб,
Чу нилуфар сипар афканд бар об.
Маликзода дар он деҳ хонае хост,
Зи сармастӣ дар ӯ маҷлис биёрост,
Нишаст он шаб ба нӯшонӯши ёрон,
Сабӯҳӣ кард бо шабзиндадорон.
Самоъи арғанунӣ гӯш мекард,
Шароби арғавонӣ нӯш мекард.
Сурохиро зи май пурханда медошт,
Ба май ҷону ҷаҳонро зинда медошт.
Магар, к-аз тавсанонаш бадлигоме
Даҳан бар киштае зад субҳи боме,
В-аз ин ғуриғуломе низ чун қанд
Зи ғӯра кард ғорат хӯшае чанд.
Саҳаргаҳ, к-офтоби оламафрӯз
Сари шабро ҷудо кард аз тани рӯз,
Ниҳод аз ҳавсала зоғи сияҳпар
Ба зери парри тӯтӣ хояи зар.
Шаб ангишти сиёҳ аз пушт бардошт,
Зи ҳарфи хокиён ангушт бардошт,
Тане чанд аз гаронҷонон, ки донӣ,
Хабар бурданд сӯи шаҳ ниҳонӣ,
Ки Хусрав дӯш берасмӣ намудаст,
Зи шоҳаншаҳ наметарсад, чӣ суд аст?!
Малик гуфто: -- «Намедонам гуноҳаш»,
Бигуфтанд он, ки бедод аст роҳаш.
Самандаш киштзори сабзро х(в)ард,
Ғуломаш ғӯраи деҳқон табаҳ кард.
Шаб аз дарвеш бистад ҷои тангаш,
Ба номаҳрам расид овози чангаш.
Гар ин бегонае кардӣ, на фарзанд,
Бибурдӣ хонумонашро худованд.
Занад бар ҳар раге фассод сад неш,
Вале дасташ биларзад бар раги хеш.
Малик фармуд, то ханҷар кашиданд,
Таковар маркабашро пай буриданд.
Ғуломашро ба соҳибғӯра доданд,
Гулоберо ба обе шӯра доданд.
Дар он хона, ки он шаб буд рахташ,
Ба соҳибхона бахшиданд тахташ.

Пас он гаҳ нохуни чангӣ шикастанд,
Зи рӯи чангаш абрешим гусастанд.
Сиёсат бин, ки мекарданд аз ин пеш,
На бо бегона, бо дурдонаи хеш.
Куҷо он адлу он инсофсозӣ,
Ки бо фарзанд аз ин сон рафт бозӣ?
Ҷаҳон з-оташпарастӣ шуд чунон гарм,
Ки бодо з-ин мусулмонӣ туро шарм!
Мусулмонем мо, ӯ габрном аст,
Гар ин габрӣ, мусулмонӣ кадом аст?
Низомӣ, бар сари афсона шав боз,
Ки мурғи бандро талх омад овоз.

## ШАФЕЪ АНГЕХТАНИ ХУСРАВ ПИРОНРО ПЕШИ ПАДАР

Чу Хусрав дид, к-он хорӣ бар ӯ рафт,
Ба кори хештан лахте фурӯ рафт.
Дурусташ шуд, ки ҳар-ч ӯ кард, бад кард,
Падар подоши ӯ бар ҷои х(в)ад кард.
Ба сар барзад зи дасти хештан даст
В-аз он ғам соате аз пой наншаст.
Шафеъ ангехт пирони куҳунро,
Ки назди шаҳ баранд он сарвбунро.
Магар шоҳ он шафоат дарпазирад,
Гуноҳи рафтаро бар вай нагирад.
Кафан пӯшиду теғи тез бардошт,
Ҷаҳон фарёди растохез бардошт.
Ба пӯзиш пеш мерафтанд пирон,
Пас-андар шоҳзода чун асирон.
Чу пеши тахт шуд, нолид ғамнок,
Ба расми муҷримон ғалтид бар хок,
Ки шоҳо, беш аз инам ранҷ манмой,
Бузургӣ кун, ба хурдон-бар бибахшой.
Бад-ин Юсуф мабин, к-олудагург аст,
Ки бас хурд аст, агар ҷурмаш бузург аст.
Ҳанӯзам бӯи шир ояд зи дандон,
Машав дар хуни ман чун шер хандон.
Иноят кун, ки ин саргашта фарзанд
Надорад тоқати хашми Худованд.
Агар ҷурмест, инак, теғу гардан,
Зи ту куштан, зи ман таслим кардан,

Ки барги ҳар ғаме дорам дар ин роҳ,
Надорам барги нохушнудии шоҳ.
Бигуфт ину дигар раҳ бар сари хок
Чу соя сар ниҳод он гавҳари пок.
Чу диданд он гурӯҳон бурдборӣ,
Ҳама бигристанд, алҳақ, ба зорӣ.
В-аз он гиря, ки зорӣ бар маҳ афтод,
Зи гиря ҳой-ҳуе бар шаҳ афтод,
Ки тифле хурд бо он нозанинӣ
Кунад дар кор аз ин сон хурдабинӣ.
Ба фарзанде, ки давлат бад нахоҳад,
Ҷуз иқболи падар бо х(в)ад нахоҳад.
Чӣ созад бо ту фарзандат, биёндеш,
Ҳамон бинад зи фарзандон паси хеш,
Ба неку бад машав дар банди фарзанд,
Ниёбат худ кунад фарзанди фарзанд.
Чу Ҳурмуз дид, к-он фарзанди муқбил
Мудовои равону меваи дил.
Бад-он фарзонагӣ в-оҳистароист,
Бидонист ӯ, ки он фарри худоист.
Сараш бӯсиду шафқат беш кардаш,
Валиаҳди сипоҳи хеш кардаш.
Аз он ҳазрат чу берун рафт Хусрав,
Ҷаҳон дар мулк дод овозаи нав.
Рухаш симои адл аз дур медод,
Ҷаҳондорӣ зи рӯяш нур медод.

## БА ХОБ ДИДАНИ ХУСРАВ НИЁИ ХЕШ АНӮШЕРВОНРО

Чу омад зулфи шаб дар атрсоӣ,
Ба торикӣ фурӯ шуд рӯшноӣ,
Бурун омад зи парда сеҳрсозе
Шашандозе ба ҷои шишабозе.
Ба тоатхона шуд Хусрав, камар баст,
Ниёиш кард Яздонрову биншаст.
Ба бархурдорӣ омад хоби нӯшин,
Ки бар нохӯрда буд аз хоби дӯшин.
Ниёи хештанро дид дар хоб,
Ки гуфт: -- «Эй тозахуршеди ҷаҳонтоб!

Агар шуд чор мавлои азизат,
Башорат медиҳам бар чор чизат:
Яке, чун туршии он ғӯра х(в)ардӣ,
Чу ғӯра з-он турушрӯӣ накардӣ,
Диломе туро дар бар нишинад,
К-аз ӯ ширинтаре даврон набинад.
Дувум, чун маркабатро пай буриданд
В-аз он бар хитирот гарде надиданд,
Ба даст орӣ чунон шоҳона тахте,
Ки бошад рост чун заррин дарахте.
Ба шабранге расӣ, Шабдиз номаш,
Ки сарсар дарнаёбад гарди гомаш.
Савум, чун шаҳ ба деҳқон дод тахтат
В-аз он тундӣ нашуд шӯрида бахтат.
Чаҳорум, чун сабурӣ кардӣ оғоз
Дар он парда, ки мутриб гашт бесоз,
Навосозе диҳандат Борбад ном,
Ки бар ёдаш гуворад заҳр дар ҷом.
Ба ҷои санг хоҳӣ ёфтан зар,
Ба ҷои чор муҳра чор гавҳар».
Маликзода чу гашт аз хоб бедор,
Парастиш кард Яздонро дигар бор.
Забонро рӯзу шаб хомӯш медошт,
Намудори ниёро гӯш медошт.
Ҳама шаб бо хирадмандон нахуфтӣ,
Ҳикоят бозпурсидию гуфтӣ.

## ҲИКОЯТ КАРДАНИ ШОПУР АЗ ШИРИН ВА ШАБДИЗ

Надиме хос будаш, ном Шопур,
Ҷаҳон гашта зи Мағриб то Лаҳовур.
Зи наққошӣ ба Монӣ мужда дода,
Ба рассомӣ-дар Уқлидус кушода.
Қаламзан чобуке, суратгаре чуст,
Ки бе килк аз хаёлаш нақш меруст.
Чунон дар лутф будаш обдастӣ,
Ки бар об аз латофат нақш бастӣ.
Замин бӯсид пеши тахти Парвиз,
Фурӯ гуфт ин суханҳои диловез,

Ки гар фармон диҳад шоҳи ҷаҳонам,
Бигӯям садяк, аз чизе, ки донам.
Ишорат кард Хусрав, к-«эй ҷавонмард,
Бигӯ гарму макун ҳангомаро сард.
Забон бикшод Шопури сухангӯй,
Суханро баҳра дод аз рангу аз бӯй,
Ки то гетист, гетӣ банда бодат,
Замона солу маҳ фархунда бодат!
Ҷамолатро ҷавонӣ ҳамнафас бод,
Ҳамеша бар муродат дастрас бод!
Ғамин бод он, ки ӯ шодат нахоҳад,
Хароб он кас, ки ободат нахоҳад!
Басе гаштам дар ин хиргоҳи шашток
Шигифтиҳо басе дидам дар офоқ,
Аз он бӯи куҳистон манзиле чанд,
Ки бошад фурзаи дарёи Дарбанд,
Зане фармондиҳ аст аз насли шоҳон,
Шуда ҷӯши сипоҳаш то Сипоҳон.
Ҳама иқлими Аррон то ба Арман
Муқаррар гашта бар фармони он зан.
Надорад ҳеҷ марзе бе хироҷе,
Ҳама дорад, магар тахтею тоҷе.
Ҳазораш қалъа бар кӯҳи баланд аст,
Хазинашро Худо донад, ки чанд аст.
Зи ҷинси чорпо чандон, ки хоҳӣ,
Ба афзунӣ фузун аз мурғу моҳӣ.
Надорад шӯю дорад комронӣ,
Ба шодӣ мегузорад зиндагонӣ.
Зи мардон бештар дорад сутургӣ,
Меҳинбону-ш хонанд аз бузургӣ.
Шамиро ном дорад он ҷаҳонгир,
Шамироро Меҳинбону-ст тафсир.
Нишасти хешро дар ҳар ҳавое,
Ба ҳар фасле муҳайё карда ҷое.
Ба фасли гул ба Муқон аст ҷояш.
Ки то сарсабз бошад хоки пояш.
Ба тобистон шавад бар кӯҳи Арман,
Хиромад гул ба гул, хирман ба хирман.
Ба ҳангоми хазон ояд ба Абхоз,
Кунад дар ҷустани нахҷир парвоз.

Зимистонаш ба Бардаъ майл чир аст,
Ки Бардаъро ҳавои гармсер аст.
Чаҳораш фасл аз ин сон дар шумор аст,
Ба ҳар фасле ҳавояш ихтиёр аст.
Нафас як-як ба шодӣ мешуморад,
Ҷаҳон хуш-хуш ба бозӣ мегузорад.
Дар ин зиндонсарои печ дар печ
Бародарзодае дорад, дигар ҳеч.

## ВАСФИ ҶАМОЛИ ШИРИН

Паридухте, парибигзор моҳе,
Ба зери миқнаа соҳибкулоҳе.
Шабафрӯзе чу маҳтоби ҷавонӣ,
Сияҳчашме чу Оби Зиндагонӣ.
Кашида қомате чун нахли симин,
Ду зангӣ бар сари нахлаш рутабчин.
Зи бас к-овард ёд он нӯшлабро,
Даҳон пуроби шаккар шуд рутабро.
Ба марвориди дандонҳои чун нур
Садафро оби дандон дода аз дур.
Ду шаккар чун ақиқи обдода,
Ду гесӯ чун каманди тобдода.
Хами гесӯ-ш тоб аз дил кашида,
Ба гесӯ сабзаро бар гил кашида.
Шуда гарм аз насими мушкбезаш
Димоғи наргиси беморхезаш.
Фусунгар карда бар худ чашми х(в)адро,
Забон баста ба афсун чашми бадро.
Ба сеҳре, к-оташи дилҳо кунад тез,
Лабашро сад забон, ҳар сад шакаррез.
Намак дорад лабаш дар ханда пайваст,
Намак ширин набошад, в-они ӯ ҳаст.
Ту гӯӣ бинияш теғест аз сим,
Ки кард он теғ себеро ба ду ним.
Зи моҳаш сад қасабро рахна ёбӣ,
Чу моҳаш рахнае бар рух наёбӣ.
Ба шамъаш-бар басе парвона бинӣ,
Зи нозаш сӯи кас парво набинӣ.
Сабо аз зулфи рӯяш ҳуллапӯш аст,
Гаҳе қоқум, гаҳе қундузфурӯш аст.

Муваккал карда бар ҳар ғамза ғунҷе,
Занах чун себу ғабғаб чун турунҷе.
Рухаш тақвими анҷумро зада роҳ,
Фишонда даст бар хуршеду бар моҳ.
Ду пистон чун ду симин нори навхез,
Бар он пистон гули бустон дирамрез.
Зи лаълаш бӯсаро посух нахезад,
Ки лаъл ар вокушояд, дур бирезад,
Ниҳода гардан оҳу гарданашро,
Ба оби чашм шуста доманашро.
Ба чашми оҳувон он чашмаи нӯш
Диҳад шерафканонро хоби харгӯш.
Ҳазор оғӯшро пур карда аз хор,
Як оғӯш аз гулаш ночида дайёр.
Шабе сад кас фузун бинад ба хобаш,
Набинад кас шабе чун офтобаш.
Гар андоза зи чашми хеш гирад,
Бар оҳуе сад оҳу беш гирад.
Зи рашки наргиси масташ хурӯшон
Ба бозори Ирам райҳонфурӯшон.
Ба идорой абрӯи ҳилолӣ
Надидаш кас, ки ҷон наспурд ҳолӣ.
Ба ҳайрат монда Маҷнун дар хаёлаш,
Ба қоим ронда Лайлӣ бо ҷамолаш.
Ба фармоне, ки хоҳад халкро кушт,
Ба дасташ даҳ қалам, яъне даҳ ангушт.
Маҳ аз хубӣ-ш худро хол хонда,
Шаб аз холаш китоби фол хонда.
Зи гӯшу гарданаш лӯлӯ хурӯшон,
Ки раҳмат бар чунон лӯлӯфурӯшон!
Ҳадисею ҳазор ошӯби дилбанд,
Лабею сад ҳазорон бӯса чун қанд.
Сари зулфе зи нозу дилбарӣ пур,
Лабу дандоне аз ёқуту аз дур.
Аз он ёқуту он дурри шакарханд
Муфарриҳ сохта савдоие чанд.
Ҳунар саргашта бар рӯи чу моҳаш,
Дилу ҷон фитна бар зулфи сиёҳаш.
Ҳунар фитна шуда бар ҷони покаш,
Набишта уҳдаи анбар ба хокаш.

Рухаш насрину бӯяш низ насрин,
Лабаш ширину номаш низ Ширин.
Шакарлафзон рухашро нӯш хонанд,
Валиаҳди Меҳинбону-ш хонанд.
Парируӯён, к-аз он кишвар амиранд,
Ҳама дар хидматаш фармонпазиранд.
Зи меҳтарзодагони моҳпайкар
Бувад дар хидматаш ҳафтод духтар.
Ба хубӣ ҳар яке ороми ҷоне,
Ба зебоӣ диловези ҷаҳоне.
Ҳама ороста бо руду ҷоманд,
Чу маҳ манзил ба манзил мехироманд.
Гаҳе бар хирмани маҳ мушк пӯшанд,
Гаҳе дар хирмани гул бода нӯшанд.
Зи бурқаъ нестшон бар рӯй банде,
Ки н-орад чашмзахм он ҷо газанде.
Ба хубӣ дар ҷаҳон ёре надоранд,
Ба гетӣ ҷуз тараб коре надоранд.
Чу бошад вақти зӯр, он зӯрмандон
Кананд аз шер чанг, аз пил дандон.
Ба ҳамла ҷони оламро бисӯзанд,
Ба новак чашми кавкабро бидӯзанд.
Агар ҳури биҳиштӣ ҳаст машҳур,
Биҳишт аст он тараф в-он лӯъбатон ҳур.
Меҳинбону, ки он иқлим дорад,
Басе з-ин гуна зарру сим дорад.

## СИФАТИ ШАБДИЗ

Бар охур баста дорад раҳнаварде,
К-аз ӯ дар так наёбад бод гарде.
Сабақ бурда зи ваҳми файласуфон,
Чу мурғобӣ натарсад з-оби тӯфон.
Ба як сафро,ки бар хуршед ронда,
Фалакро ҳафт майдон боз монда.
Ба гоҳи кӯҳкандан оҳанинсум,
Гаҳи дарёбуридан хайзарондум.
Замонагардишу андешарафтор,
Чу шаб корогаҳу чун субҳ бедор.
Ниҳода номи он шабранг Шабдиз,
Бар ӯ ошиқтар аз мурғи шабовез.

Яке занҷири зар пайваста дорад,
Бад-он занҷир пояш баста дорад.
На ширинтар зи Ширин халқ дидам,
На чун Шабдиз шабранге шунидам.
Чу баргуфт ин сухан Шопури ҳушёр,
Фароғат хуфта гашту ишқ бедор.
Якояк меҳр бар Ширин ниҳоданд,
Бад-он ширинзабон иқрор доданд,
Ки устоде, ки дар Чин нақш бандад,
Писандида бувад, ҳар ч-ӯ писандад.
Чунон ошуфта шуд Хусрав бад-он гуфт,
К-аз он савдо наёсуду намехуфт.
Ҳама рӯз ин ҳикоят бозмеҷуст,
Ҷуз ин тухм аз димоғаш барнамеруст.
Дар ин андеша рӯзе чанд мебуд,
Ба хушкафсонае хурсанд мебуд.
Чу кор аз даст шуд, дасте баровард,
Сабуриро ба сар вое даровард.
Ба хилват достони хондаро хонд,
Басе з-ин достон бо вай сухан ронд.
Бад-ӯ гуфт:-- «Эй бакоромад вафодор,
Ба кор оям кунун, к-аз даст шуд кор.
Чу бунёде бад-ин хубӣ ниҳодӣ,
Тамомаш кун, ки марде устодӣ.
Магӯ шаккар, ҳикоят мухтасар кун,
Чу гуфтӣ, сӯи Хузистон гузар кун.
Туро бояд шудан чун бутпарастон,
Ба даст овардан он бутро ба дастон.
Назар кардан, ки дар дил дод дорад,
Сари пайванди мардумзод дорад?
Агар чун мум нақше мепазирад,
Бар ӯ зан муҳри мо, то нақш гирад.
В-ар оҳандил бувад, маншину баргард,
Хабар деҳ, то накӯбам оҳани сард».

## РАФТАНИ ШОПУР ДАР АРМАН БА ТАЛАБИ ШИРИН

Замин бӯсид Шопури сухандон,
Ки доим бод Хусрав шоду хандон!
Ба чашми нек бинодаш накӯхоҳ,
Мабодо чашми бадро сӯи ӯ роҳ!

Чу бар шоҳ офарин кард он ҳунарманд,
Ҷавобаш дод, к-эй гетихудованд,
Чу ман нақши қаламро даркашам ранг,
Кашад Монӣ қалам дар нақши Аржанг.
Биҷунбад нақш, к-ӯро ман кунам сар,
Бипаррад мурғ, к-ӯро ман кунам пар.
Мадор аз ҳеҷ навъе гард бар дил,
Ки бошад гард бар дил дард бар дил.
Ба чора кардани корончунонам,
Ки ҳар бечорагиро чора донам.
Ту хушдил бошу ҷуз шодӣ маяндеш,
Ки ман якдил гирифтам кор дар пеш.
Нагирам дар шудан як лаҳза ором,
Зи гӯрон так, зи мурғон пар кунам вом.
Нахусбам, то нахусбонам саратро,
Наёям, то наёрам дилбаратро.
Чу оташ гар зи оҳан созад айвон,
Чу гавҳар гар шавад дар санг пинҳон,
Бурун-ш орам ба нерӯю ба найранг,
Чу оташ з-оҳану чун гавҳар аз санг.
Гаҳе бо гул, гаҳе бо хор созам,
Бибинам кору пас бо кор созам.
Агар давлат бувад, к-орам ба дасташ,
Чу давлат худ кунам Хусравпарасташ.
В-агар донам, ки оҷиз гаштам аз кор,
Кунам боре шаҳаншаҳро хабардор.
Сухан чун гуфта шуд, гӯянда бархост,
Басечи роҳ кард аз ҳар даре рост.
Бурандараҳ биёбон дар биёбон
Ба кӯҳистони Арман шуд шитобон,
Ки он хубон чу анбӯҳ омадандӣ,
Ба тобистон дар он кӯҳ омадандӣ.
Чу Шопур омад он ҷо, сабза нав буд,
Раёҳинро шақоиқ пешрав буд.
Гирифта сангҳои лоҷвардӣ
Зи кисватҳои гул сурхию зардӣ.
Кашида бар сари ҳар кӯҳсоре
Зумуррадгун бисоте марғзоре.
Зи Ҷурми кӯҳ то Майдони Буғро
Кашида хатти гул туғро ба туғро.

Дар он меҳроб, к-ӯ рукни Ироқ аст,
Камарбанди сутуни Иншироқ аст,
Зи хоро буд дайре Солкарда,
Кашишоне бад-ӯ дар солх(в)арда.
Фуруд омад бад-он дайри куҳансол,
Бар он оин, ки бошад расми абдол.

## ДАР НАЖОДИ ШАБДИЗ

Бад-ӯ руҳбони фарҳангӣ чунин гуфт,
Ба вақти он ки дурҳои дарӣ суфт,
Ки:- зери домани ин дайр ғорест,
Дар ӯ санге сияҳ, гӯӣ, саворест.
Зи дашти рамгала дар ҳар қироне
Ба гушн ояд таковар модиёне.
Зи садфарсангӣ ояд бар дари ғор,
Дар ӯ сунбад чу дар сӯрохи худ мор.
Бад-он санги сияҳ рағбат намояд,
Ба рағбат хештан бар санг сояд.
Ба фармони Худо з-ӯ гушн гирад,
Худо гуфтӣ, шигифтӣ дил пазирад.
Ҳар он курра, к-аз он тухмаш бувад бор,
Зи даврон так барад в-аз бод рафтор.
Чунин гӯяд ҳам эдун марди фарҳанг,
Ки Шабдиз омадаст аз насли он санг.
Кунун з-он дайр агар санге бичӯӣ,
Наёбӣ, гирдбодаш бурд гӯӣ.
В-аз он курсӣ, ки хонанд Иншироқаш,
Саре бинӣ фитода зери соқаш.
Ба мотамдории он кӯҳи гулранг
Сияҳҷома нишаста як ҷаҳон санг.
Ба хашме, к-омада бар санглохаш,
Шукуфавор карда шох-шохаш.
Фалак, гӯӣ, шуд аз фарёди ӯ маст,
Ба сангистони ӯ-дар шиша бишкаст.
Худоро, гарчи ибратҳост бисёр,
Қиёматро бас ин ибрат намудор.
Чу андар чорсад сол аз каму беш
Расад кӯҳе чунонро инчунин пеш.
Ту бар лахте кулӯхи обх(в)арда
Чаро̄й такяи ҷовид карда?!

Низомӣ, з-ин намат дар достон печ,
Ки аз ту нашнаванд ин достон ҳеч!

## НАМУДАНИ ШОПУР СУРАТИ ХУСРАВРО БОРИ АВВАЛ

Чу мушкин ҷаъди шабро шона карданд,
Чароғи рӯзро парвона карданд.
Ба зери тахтанарди обнусӣ
Ниҳон шуд каъбатайни сандарусӣ.
Баромад Муштарӣ маншур бар даст,
Ки шоҳ аз банду Шопур аз бало раст.
Дар он дайри куҳан фарзона Шопур
Фурӯ осуд, к-аз раҳ буд ранҷур.
Дурустӣ хост аз пирони он дайр,
Ки буданд огаҳ аз чархи куҳансайр,
Ки фардо ҷои он хубон кадом аст,
Кадомин обу сабзишон мақом аст?
Хабар додандаш он фарзона пирон
Зи нузҳатгоҳи он иқлимгирон,
Ки дар поёни ин кӯҳи гаронсанг
Чамангоҳест, гирдаш бешаи танг.
Саҳаргоҳ он саҳисарвони сармаст
Бад-он мушкинчаман хоҳанд пайваст.
Чу шуд даврони санҷобию шақдӯз,
Самури шаб ниҳуфт аз қоқуми рӯз.
Сар аз Албурз барзад курси хуршед,
Ҷаҳонро тоза кард оини Ҷамшед.
Пагаҳтар з-он бутони ишратангез
Миён дарбаст Шопури саҳархез.
Бар он сабза шабехун кард пешӣ,
Ки бо он сурхгулҳо дошт хешӣ.
Ҳуҷаста коғазе бигрифт дар даст,
Биъайниҳ сурати Хусрав дар ӯ баст.
Ба он сурат чу санъат кард лахте,
Бидусонид бар соқи дарахте.
В-аз он ҷо чун парӣ шуд нопадидор,
Расиданд он париӯён паривор.
Ба сарсабзӣ бар он сабза нишастанд,
Гаҳе шамшоду гаҳ гул даста бастанд.
Гаҳ аз гулҳо гулоб ангехтандӣ,
Гаҳ аз ханда табарзад рехтандӣ.

Арӯсоне заношӯинадида,
Ба ковин аз ҷаҳон худро харида.
Нишаста ҳар яке чун дӯст бо дӯст,
Намегунҷид кас чун ғунча дар пӯст.
Май оварданду дар май дил нишонданд,
Гул оварданду бар гил мефишонданд.
Ниҳода бода бар каф моҳу анҷум,
Ҷаҳон холӣ зи деву девмардум.
Ҳама тан шаҳват он покизагонро,
Чунон к-оин бувад дӯшизагонро.
Чу маҳрам буд ҷой аз чашми ағёр,
Зи мастӣ рақсашон овард дар кор.
Гаҳ ин медод бар гулҳо дуруде,
Гаҳ он мегуфт бо булбул суруде.
Надонистанд ҷуз шодӣ шуморе,
На ҷуз хуррамдилӣ диданд коре.
Дар он ширинлабон рухсори Ширин
Чу моҳе буд гирди моҳ Парвин.
Ба ёди меҳрбонон айш мекард,
Гаҳе медод бода, гоҳ меҳ(в)ард.
Чу худбин шуд, ки дорад сурати моҳ,
Бар он сурат фитодаш чашм ногоҳ.
Ба хубон гуфт, к-он сурат биёред,
Кӣ кардаст ин рақам? Пинҳон мадоред!
Биёварданд сурат пеши дилбанд,
Бар он сурат фурӯ шуд соате чанд.
На дил медод аз ӯ дил баргирифтан,
На мешоисташ андар бар гирифтан.
Ба ҳар дидоре аз вай маст мешуд,
Ба ҳар ҷоме, ки хӯрд, аз даст мешуд.
Чу медид, аз ҳавас мешуд дилаш суст,
Чу мекарданд пинҳон, бозмеҷуст.
Нигаҳбонон битарсиданд аз он кор,
К-аз он сурат шавад Ширин гирифтор.
Дариданд аз ҳам он нақши гузинро,
Ки ранг аз рӯй бурдӣ нақши Чинро.
Чу Ширин номи сурат бурд, гуфтанд,
Ки он тимсолро девон ниҳуфтанд.
Паризод аст, аз ин саҳро гурезем,
Ба саҳрои дигар афтему хезем.

Аз он миҷмар чу оташ гарм гаштанд,
Сипанде сӯхтанду даргузаштанд.
Кавокибро ба дуд оташ нишонданд,
Ҷанибатро ба дигар дашт ронданд.

## НАМУДАНИ ШОПУР СУРАТИ ХУСРАВРО БОРИ ДУВУМ

Чу барзад бомдодон бӯри гулранг
Ғубори оташин аз наъл бар санг,
Кушод аз ганҷ дар ҳар кунҷ розе,
Чу дарё гашт ҳар кӯҳе тирозе.
Дигар раҳ буд, пешин рафта Шопур
Ба пешоҳанги он бикрони чун ҳур,
Ҳамон тимсоли аввал соз карда,
Ҳамон коғаз баробар боз карда,
Расиданд он бутон бо дилнавозӣ,
Дар он сабза чу гул карданд бозӣ.
Зада бар моҳ ханда, бар қасаб роҳ
Паранди он қасабпӯшони чун моҳ.
Нишоте нимрағбат менамуданд,
Ба тадриҷ андак-андак мефузуданд.
Чу дар бозӣ шуданд он лӯъбатон боз,
Замона кард лӯъбатбозӣ оғоз.
Дигарбора чу Ширин дида бар кард,
Дар он тимсоли рӯҳонӣ назар кард,
Ба парвоз андаромад мурғи ҷонаш,
Фурӯ баст аз сухан гуфтан забонаш.
Бувад сармастро хобе кифоят,
Гили намдидаро обе кифоят.
Ба ёрон бонг барзад, к-ин чӣ ҳол аст?
Ғалат мекард худро, к-ин хаёл аст.
Ба сарве з-он саҳисарвон бифармуд,
Ки он сурат биёвар назди ман зуд.
Бирафт он моҳу он сурат ниҳон кард,
Ба гил хуршед пинҳон чун тавон кард?!
Бигуфт:-- «Ин дар парӣ бармекушояд,
Парӣ з-ин сон басе бозӣ намояд».
В-аз он ҷо рахт барбастанд ҳолӣ,
Зи гулҳо сабзаро карданд холӣ.

## НАМУДАНИ ШОПУР СУРАТИ ХУСРАВРО БОРИ СЕВУМ

Шабоҳангом, к-ин анқои фартут
Шикам пур кард аз ин як дона ёқут,
Ба дашти Анҷарак ором карданд,
Ба нӯшонӯш май дар ҷом карданд.
Дар он саҳро фурӯ хуфтанд сармаст,
Раёҳин зери пою бода бар даст.
Чу рӯз аз домани шаб сар баровард,
Замона тоҷи заррин бар сар овард.
Бар он пирӯзатахт он тоҷдорон
Раҳо карданд май бар ҷуръакорон.
В-аз он ҷо то дари дайри «Парисӯз»
Париданд он парирӯён ба як рӯз.
Дар он минуи миногун чамиданд,
Фалакро ришта дар мино кашиданд.
Бисоте сабз чун ҷони хирадманд,
Ҳавое мӯътадил чун меҳри фарзанд,
Насиме хуштар аз боди биҳиштӣ,
Заминро дур, ба дарё гул бикиштӣ.
Шақоиқ сангро бутхона карда,
Сабо ҷаъди чаманро шона карда.
Мусалсал гашта бар гулҳои ҳумрӣ
Навои булбулу овози қумрӣ.
Паранда мурғакон густох-густох,
Шамоил бар шамоил, шох бар шох.
Ба ҳар гӯша ду мурғак гӯш бар гӯш,
Зада бар гул салои нӯш бар нӯш.
Бад-он гулшан расид он нақшпардоз,
Ҳамон нақши нахустин кард оғоз.
Парипайкар чу дид он сабзаи х(в)аш,
Ба май биншаст бо ҷамъе париваш.
Дигар раҳ дид чашми меҳрубонаш
Дар он сурат, ки буд ороми ҷонаш,
Шигифтӣ монд аз он найрангсозӣ,
Гузашт андешаи кораш зи бозӣ.
Дили саргаштаро дунбол бардошт,
Ба пои худ шуд, он тимсол бардошт.
Дар он оина дид аз худ нишоне,
Чу худро ёфт, бехуд шуд замоне.

Чунон шуд дар сухан носоз гуфтан,
К-аз он гуфтан нашояд бозгуфтан.
Луоби анкабутони магасгир
Ҳумоеро, нигар, чун кард нахчир!
Дар он чашма, ки девон хона карданд,
Париро бин, ки чун девона карданд!
Ба чора ҳар куҷо тадбир созанд,
На мардум, девро нахчир созанд.
Чу он гулбаргрӯён бар сари хок
Гули садбаргро диданд ғамнок,
Бидонистанд, к-он кори парӣ нест,
Аҷаб корест, коре сарсарӣ нест.
Аз он беша пушаймонӣ гирифтанд,
Бар он сурат санохонӣ гирифтанд,
Ки сарбозӣ кунему ҷон фишонем,
Магар, к-аҳволи сурат боздонем.
Чу Ширин дид, к-эшон ростгӯянд,
Ба чора рост кардан чораҷӯянд,
Ба ёрӣ хостан бинмуд зорӣ,
Ки ёронро зи ёрон аст ёрӣ.
Туро аз ёр нагзирад ба ҳар кор,
Худой аст, он ки бемисл асту беёр.
Басо коро, ки аз ёрӣ барояд,
Бибояд ёр, то коре барояд.
Бад-он бутпайкарон гуфт он гуландом,
К- аз ин пайкар шудам бесабру ором.
Биё, то ин ҳадис аз кас напӯшем,
Бад-ин тимсоли нӯшин бода нӯшем.
Дигарбора нишот оғоз карданд,
Май оварданду ишрат соз карданд.
Паёпай шуд ғазалҳои фироқӣ,
Баромад бонги нӯшонӯши соқӣ.
Бути ширин набиди талх дар даст,
Аз он талхию ширинӣ ҷаҳон маст.
Ба ҳар навбат, ки май бар лаб ниҳодӣ,
Заминро пеши сурат бӯса додӣ.
Чу мастӣ ошиқиро тангтар кард,
Сабурӣ дар замон оҳанги дар кард.
Якеро з-он бутон биншонд дар роҳ,
Ки ҳар касро, ки бинӣ бар гузаргоҳ,

Назар кун, то дар ин сомон чӣ пӯяд
В-аз ин сурат бипурсаш, то чӣ гӯяд.
Басе пурсида шуд пинҳону пайдо,
Намешуд сирри он сурат ҳувайдо.
Тани Ширин гирифт аз ранҷ сустӣ,
К-аз он сурат надодаш кас дурустӣ.
Дар он андӯҳ мепечид чун мор,
Фишонд аз ҷазъҳо лӯлӯи шаҳвор.

## ПАЙДО ШУДАНИ ШОПУР

Баромад ногаҳ он мурғи фусунсоз,
Ба оини муғон бинмуд парвоз.
Чу Ширин дид дар симои Шопур,
Нишони ошноӣ додаш аз дур.
Ба Шопур он зан ӯро бад наяфтод,
Рақам зад, гарчи бар коғаз наяфтод,
Ишорат кард, к-он муғро бихонед
В-аз ин дар қиссае бо ӯ биронед.
Магар донад,ки ин сурат чӣ ном аст,
Чӣ оин дораду ҷояш кадом аст?
Парасторон ба рафтан роҳ руфтанд,
Ба кеҳбад ҳоли сурат бозгуфтанд.
Фусуне зери лаб мехонд Шопур
Чу наздике, ки аз коре бувад дур.
Чу пои сайдро дар доми худ дид,
Дар он ҷунбиш салоҳ ороми худ дид,
Ба посух гуфт, к-ин дур суфтанӣ нест
В-агар ҳаст, аз сари по гуфтанӣ нест!
Парасторон бари Ширин давиданд,
Бигуфтанд, он чи аз кеҳбад шуниданд,
Чу Ширин ин сухан з-эшон ниюшид,
Зи гармӣ дар ҷигар хунаш биҷӯшид.
Равона шуд чу симин кӯҳ дарҳол,
Дарафканда ба кӯҳ овози халхол.
Бари Шопур шуд бесабру сомон,
Ба қомат чун саҳисарве хиромон.
Бару бозу чу буллӯрин ҳисоре,
Сару гесӯ чу мушкин навбаҳоре.
Каманде карда гесӯ-ш аз тани хеш,
Фиканда дар куҷо? – Дар гардани хеш.

Зи ширинкории он нақши ҷаммош
Фурӯ баста забону дасти наққош.
Рухи чун лӯъбаташ дар дилнавозӣ
Ба лӯъбатбози худ мекард бозӣ.
Дилашро бурда буд он ҳиндуи чуст,
Ба туркӣ рахти ҳиндуро ҳамеҷуст.
Зи ҳинду ҷустани он турктозаш
Ҳама туркон шуда ҳиндуи нозаш.
Ниқоб аз гӯши гавҳаркаш кушода,
Чу гавҳар гӯш бар дарё ниҳода.
Лабею сад намак, чашмею сад ноз,
Ба расми кеҳбадон дардодаш овоз,
Ки бо ман як замон чашмошно бош,
Макун бегонагӣ, як дам маро бош!
Чу он найрангсоз овоз бишнид,
Диранг овардан он ҷо маслиҳат дид.
Забондон мардро з-он наргиси маст
Забоне монду он дигар шуд аз даст.
Саноҳои парирух бар забон ронд,
Парӣ биншасту ӯро низ биншонд.
Бипурсидаш, ки чунӣ в-аз куҷоӣ,
Ки бинам дар ту ранги ошноӣ?
Ҷавобаш дод марди кордида,
Ки ҳастам некубадбисёрдида.
Худой аз ҳар нишебу ҳар фарозе
Напӯшидаст бар ман ҳеҷ розе.
Зи ҳадди Бохтар то буми Ховар
Ҷаҳонро гаштаам кишвар ба кишвар.
Замин бигзор, к-аз маҳ то ба моҳӣ
Хабардорам зи ҳар маънӣ, ки хоҳӣ.
Чу Ширин ёфт он густохрӯӣ,
Бад-ӯ гуфто:-- «Дар ин сурат чӣ гӯӣ?»
Ба посух гуфт рангомез Шопур,
Ки бод аз рӯи хубат чашми бад дур!
Ҳикоятҳои ин сурат дароз аст
В-аз ин сурат маро дар парда роз аст.
Якояк ҳар чӣ медонам, сару пой
Бигӯям бо ту, гар холӣ бувад ҷой.
Бифармуд он санам, то он буте чанд
Банотуннаъшвор аз ҳам пароканд.

Чу холӣ дид майдон, он сухандон
Дарафканд аз сухан гӯе ба майдон,
Ки ҳаст ин сурати покизапайкар
Нишони офтоби ҳафт кишвар.
Сикандармавкибе, доросаворе,
Зи Дорову Сикандар ёдгоре.
Ба хубӣ-ш осмон хуршед хонда,
Заминро тухме аз Ҷамшед монда.
Шаҳаншаҳ Хусрави Парвиз, к-имрӯз
Шаҳаншоҳӣ бад-ӯ гаштаст пирӯз.
В-аз ин шева суханҳое барангехт,
Ки аз ҷонпарварӣ бо ҷон даромехт.
Сухан мегуфту Ширин ҳуш дода,
Бад-он гуфтори ширин гӯш дода,
Ба ҳар нукта фурӯ мешуд замоне,
Дигар раҳ боз меҷусташ нишоне.
Суханро зери парда ранг медод,
Ҷигар мехӯрду лаъл аз санг медод.
Аз ӯ Шопур дигар роз нанҳуфт,
Суханро ошкоро карду пас гуфт:
-- «Парирӯё, ниҳон медорӣ асрор,
Сухан дар шиша мегӯӣ паривор.
Чаро чун гул занӣ дар пӯст ханда?
Сухан бояд чу шаккар пӯстканда!
Чу мехоҳӣ, ки ёбӣ рӯи дармон,
Макун дард аз табиби хеш пинҳон!»
Бути занҷирмӯй аз гуфтани ӯ
Барошуфт, эй хушо ошуфтани ӯ!
Вале чун ишқ домангир будаш,
Дигар бор аз раҳи узр озмудаш.
Ҳарифе ҷинс диду хона холӣ,
Табақпӯш аз табақ бардошт ҳолӣ.
Ба густохӣ бари Шопур бифшаст,
Дари тунги шакарро муҳр бишкаст,
Ки эй кеҳбад, ба ҳаққи кирдгорат,
Ки эмин кун маро дар зинҳорат.
Ба ҳукми он ки бас шӯридакорам,
Чу зулфи худ диле шӯрида дорам.
Дар ин сурат бад-ин сон меҳр бастам,
Ки гӯӣ рӯзу шаб суратпарастам.
Ба кор ой андар ин корам ба як чиз,
Ки рӯзе ман ба кор оям туро низ.

Чу ман дар гӯши ту пардохтам роз,
Ту низ ар нуктае дорӣ, дарандоз.
Фусунгар дар ҳадиси чораҷӯӣ
Фусуне беҳ надид аз ростгӯӣ.
Чу ёра дастбӯсӣ рояш афтод,
Чу халхоли зар андар пояш афтод,
Ба сад савганд гуфт:-- «Эй шамъи ёрон,
Сазои тахту фахри тоҷдорон,
Зи шаб бадхоҳи ту торикбинтар,
Зи моҳи нав дилат борикбинтар,
Ба ҳаққи он, ки дар зинҳори ӯям,
Ки чун зинҳор дорӣ, рост гӯям.
Ман он суратгарам, к-аз нақши паргор
Зи Хусрав кардам ин сурат намудор.
Ҳар он сурат, ки суратгар нигорад,
Нишон дорад, валекин ҷон надорад.
Маро суратгарӣ омӯхтастанд,
Қабои ҷон дигар ҷо дӯхтастанд.
Чу ту бар сурати Хусрав чунинӣ,
Бибин, то чун бувад, к-ӯро бибинӣ?!
Ҷаҳоне бинӣ аз нур офарида,
Ҷаҳон нодида, аммо нури дида.
Шигарфе, чобуке, чусте, далере,
Ба меҳр оҳу, ба кина тундшере.
Гуле бе офати боди хазонӣ,
Баҳоре тоза бар шохи ҷавонӣ.
Ҳанӯзаш гирди гул норуста шамшод,
Зи савсан сарви ӯ чун савсан озод.
Ҳанӯзаш парри яғлиқ дар уқоб аст,
Ҳанӯзаш барги нилуфар дар об аст.
Ҳанӯзаш офтоб аз абр пок аст,
Зи абру офтоб ӯро чӣ бок аст?!
Ба як бӯй аз Ирам сад дар кушода,
Ба ду рух моҳро ду рух ниҳода.
Бар адҳам зин ниҳад, Рустамниҳод аст,
Ба май хӯрдан нишинад, Кайқубод аст.
Шабе, к-ӯ ганҷбахширо диҳад дод,
Кулоҳи ганҷи Қорунро барад бод.
Сухан гӯяд, дур аз марҷон барорад,
Занад шамшер, шер аз ҷон барорад.
Чу дарҷунбад рикоби қутбвораш,
Инондуздӣ кунад бод аз ғубораш.

Насаб гӯӣ, баномэзид, зи Ҷамшед,
Ҳасаб пурсӣ, биҳамдиллаҳ, чу хуршед.
Ҷаҳон, бо мавкибаш раҳ танг дорад,
Алам болои ҳафт авранг дорад.
Чу зар бахшад, шутур бояд ба фарсанг,
Чу вақти оҳан ояд, вой бар санг!
Чу дорад дашнаи пӯлодро пос,
Бисунбонад зиреҳ в-ар, бошад алмос.
Чу бошад навбати шамшербозӣ,
Хатибонро диҳад шамшери ғозӣ.
Қадамгоҳаш заминро хаста дорад,
Шитобаш чархро оҳиста дорад.
Фалак бо ӯ ба майдон кундшамшер,
Ба гашташ низ гаҳ болову гаҳ зер.
Ҷамолашро, ки базморои ид аст,
Ҳунар аслию зебоӣ мазид аст.
Ба иқболаш дил истиқбол дорад,
Чу ҳаст иқболи кор, иқбол дорад.
Бад-ин фарру ҷамол он оламафрӯз
Ҳавои ишқи ту дорад шабу рӯз.
Хаёлатро шабе дар хоб дидаст,
Аз он шаб ақлу ҳуш аз вай рамидаст.
На май нӯшад, на бо кас ҷом гирад,
На шаб хусбад, на рӯз ором гирад.
Ба ҷуз Ширин нахоҳад ҳамнафасро,
Бад-ин талхӣ мабодо айш касро!
Маро қосид бад-ин хидмат фиристод,
Ту донӣ, неку бад, кардам туро ёд».
Аз ин дар гуна-гуна дур ҳамесуфт,
Сухан чандон ки медонист, мегуфт.
В-аз он ширинсухан Ширини мадҳуш
Ҳамехӯрд он суханҳо хуштар аз нӯш.
Бад-он омад, ки сад бор афтад аз пой,
Ба санъат хештан медошт бар ҷой.
Замоне буду гуфт:– «Эй марди ҳушёр,
Чӣ медонӣ кунун тадбири ин кор?»
Бад-ӯ Шопур гуфт:– «Эй рашки хуршед,
Дилат осуда боду умр ҷовид!
Савоб он шуд, ки накшоӣ ба кас роз,
Кунӣ фардо суи нахчир парвоз.
Чу мардон барнишин бар пушти Шабдиз,
Ба нахчир ою аз нахчир бигрез!

Нахоҳад кас туро доман кашидан,
На дар Шабдизи шабранге расидан.
Ту чун сайёра мешав мил дар мил,
Ман оям, гар тавонам худ ба таъҷил».
Яке ангуштарӣ аз дасти Хусрав
Бад-ӯ биспурд, к-ин баргиру мерав.
Агар дар роҳ бинӣ шоҳи навро,
Ба шоҳи нав намо ин моҳи навро.
Самандашро ба заррин наъл ёбӣ,
Зи сар то по либосаш лаъл ёбӣ.
Кулаҳ лаълу қабо лаълу камар лаъл,
Рухаш ҳам лаъл бинӣ, лаъл дар лаъл.
В-агарна аз Мадоин роҳ мепурс,
Раҳи мушкуи шоҳаншоҳ мепурс.
Чу раҳ ёбӣ ба ақсои Мадоин,
Равон бинӣ хазоин бар хазоин.
Маликро ҳаст мушкуе чу Фархор,
Дар он мушку канизонанд бисёр.
Бад-он мушкуи мушкогин фуруд ой,
Канизонро нигини шоҳ бинмой.
Дар он гулшан чу сарв озод мебош,
Чу шохи меваи тар шод мебош.
Тамошои ҷамоли шоҳ мекун,
Муродатро ҳисоб он гоҳ мекун.
В-агар ман бо туам чун соя бо тоҷ,
Бад-ин андарз роят нест муҳтоҷ.
Аз он ҷо рафт ҷону дил пуруммед,
Бимонд он моҳро танҳо чу хуршед.
Давиданд он шигарфон сӯи Ширин,
Банотуннаъшро карданд Парвин.
Бифармуд ахтаронро моҳи тобон,
К-аз он манзил шаванд он шаб шитобон.
Ба наъли тозиёни кӯҳпайкар
Кунанд он кӯҳро чун кони гавҳар.
Равон карданд маҳд он дилнавозон,
Чу маҳ тобону чун хуршед тозон.
Сухангӯён сухангӯён ҳама роҳ
Ба сар бурданд раҳро то ватангоҳ.
Аз он гуфтан баросуданд якчанд,
Дили Ширин фурӯ монда дар он банд.
Шабе, к-аз шаб ҷаҳон пурдуд карданд,
Ҷаҳонро дида хоболуд карданд,

Паранди сабз бар хуршед бастанд,
Гулеро дар миёни бед бастанд,
Ба бону гуфт Ширин, к-эй ҷаҳонгир,
Бурун хоҳам шудан фардо ба нахчир.
Яке фардо бифармо, эй худованд,
Ки то Шабдизро бикшояд аз банд.
Бар ӯ биншинаму саҳро навардам,
Шабонгаҳ сӯи хидмат бозгардам.
Меҳинбону ҷавобаш дод, к-эй моҳ,
Ба ҷои маркабе сад мулк дархоҳ,
Ба ҳукми он ки ин шабранг Шабдиз
Ба гоҳи пӯя бас тунд асту бас тез,
Чу раъди тунд бошад дар ғуридан,
Чу боди тез бошад дар вазидан,
Мабодо, к-аз сари тундию тезӣ
Кунад дар зери об оташситезӣ.
В-агар бар вай нишастан ногузир аст,
На шаб зеботар аз бадри мунир аст.
Лагоми паҳлавонӣ бар сараш кун,
Ба зери худ риёзатпарвараш кун.
Рухи гулчеҳра чун гулбарг бишкуфт,
Замин бӯсиду хидмат карду хуш хуфт.

## ГУРЕХТАНИ ШИРИН АЗ НАЗДИ МЕҲИНБОНУ БА МАДОИН

Чу барзад бомдодон хозини Чин
Ба дурҷи гавҳарин - бар қуфли заррин,
Бурун омад зи дурҷ он нақши чинӣ,
Шуданро карда бо худ нақшбандӣ.
Бутони Чин ба хидмат сар ниҳоданд,
Ба сони сарв бар пой истоданд.
Чу Ширин дид рӯи меҳрубонон,
Ба чарбӣ гуфт бо ширинзабонон,
Ки Бисмиллаҳ, ба саҳро мехиромам,
Магар бисмил шавад мурғе ба домам.
Бутон аз сар сароғуч боз карданд,
Дигаргун хидматашро соз карданд.
Ба кирдори кулаҳдорони чун нӯш
Қабо бастанд бикрони қасабпӯш,
Ки расме буд, к-он саҳрохиромон
Ба сайд оянд бар расми ғуломон.

Ҳама дар гирди Ширин ҳалқа бастанд,
Чу ҳолӣ барнишаст ӯ, барнишастанд.
Ба саҳрое шуданд аз саҳни айвон
Ба сарсабзӣ чу Хизр аз Оби Ҳайвон.
Дар он саҳро равон карданд раҳвор
В-аз он саҳро ба саҳроҳои бисёр.
Шуданд он равзаи ҳурони дилкаш
Ба саҳрое чу мину хурраму х(в)аш.
Замин аз сабза нузҳатгоҳи оҳу,
Ҳаво аз мушк пур, холӣ зи оҳу.
Саранҷом аспро парвоз доданд,
Инони худ ба маркаб боз доданд.
Бути лашкаршикан бар пушти Шабдиз
Саворе тунд буду маркабе тез.
Чу маркаб гарм кард аз пеши ёрон,
Бурун афтод аз он ҳамтаксаворон.
Гумон карданд, к-асбаш сар кашидаст,
Надонистанд, к-ӯ сар даркашидаст.
Басе чун соя дунболаш давиданд,
Зи соя даргузар, гардаш надиданд.
Ба ҷустан то ба шаб дамсоз гаштанд,
Ба навмедӣ ҳам охир бозгаштанд.
Зи шоҳи хеш ҳар як дур монда,
Ба тан ранҷа, ба дил ранҷур монда,
Ба даргоҳи Меҳинбону шабонгоҳ
Шуданд он ахтарон бе талъати моҳ.
Ба дида пеши тахташро бируфтанд,
Ба талхӣ ҳоли Ширин бозгуфтанд,
Ки сайёра чӣ шаббозӣ намудаш,
Таки тайёра чун андар рабудаш.
Меҳинбону чу бишнид ин суханро,
Сало дардод ғамҳои куҳанро.
Фуруд омад зи тахти хеш ғамнок,
Ба сар-бар хоку сар ҳам бар сари хок.
Аз он ғам дастҳо бар сар ниҳода,
Зи дида сели тӯфон баркушода.
Зи Ширин ёди беандоза мекард,
Бад-ӯ сӯги бародар тоза мекард.
Ба оби чашм гуфт:– «Эй нозанин моҳ,
Зи ман чашми бадат бирбуд ногоҳ.
Гуле будӣ, ки бод аз борат афканд,
Надонам, бар кадомин хорат афканд.

Чӣ афтодат, ки меҳр аз мо буридӣ,
Кадомин меҳрубон бар мо гузидӣ?
Чу оҳу з-ин ғазолон сер гаштӣ,
Гирифтори кадомин шер гаштӣ?
Чу моҳ аз ахтарони худ ҷудоӣ,
На хуршедӣ, чунин танҳо чароӣ?
Куҷо сарви ту, к-аз ҷонам чаман дошт,
Ба ҳар шохе раге бо ҷони ман дошт?
Рухат моҳ аст, то худ бар кӣ тобад,
Манаш гум кардаам, то худ кӣ ёбад?»
Ҳама шаб то ба рӯз ин навҳа мекард,
Ғамаш бар ғам фузуду дард бар дард.
Чу меҳр омад бурун аз чоҳи Бежан,
Шуд аз нураш ҷаҳонро дида равшан,
Ҳама лашкар ба хидмат сар ниҳоданд,
Ба навбатгоҳи фармон истоданд,
Ки гар бону бифармояд, ба шабгир
Паи Ширин биронем асп чун тир.
Меҳинбону ба рафтан майл нанмуд,
На худ рафту на касро низ фармуд.
Чу дар хоб ин балоро буд дида,
Ки будӣ бозе аз дасташ парида.
Чу ҳасрат хӯрд аз парвози он боз,
Ҳамон боз омадӣ бар дасти ӯ боз.
Бад-эшон гуфт: «Агар мо бозгардем
В-агар бо осмон ҳамроз гардем,
Нашуд мумкин, ки дар ҳеҷ обх(в)арде
Биёбем аз паи Шабдиз гарде.
Нашояд шуд паи мурғи парида,
На дунболи шикори домдида.
Кабӯтар чун парид аз каф, чӣ нолӣ,
Ки во бурҷ ояд, ар бошад ҳалолӣ.
Бале, чандон шикебам дар фироқаш,
Ки барқе ёбам аз наъли бuроқаш.
Чу з-он гумгаштаганҷ огоҳ гардам,
Дигар раҳ бо тараб ҳамроҳ гардам.
Ба ганҷина супорам ганҷро боз,
Бад-ин шукрона гардам ганҷпардоз».
Сипаҳ чун посухи бону шуниданд,
Беҳ аз фармонбарӣ коре надиданд.
В-аз он сӯи дигар Ширин ба Шабдиз
Ҷаҳонро менавашт аз баҳри Парвиз.

Чу сайёра шитобоҳанг мебуд,
Зи раҳ рафтан ба рӯзу шаб наёсуд.
Қабо дарбаста бар шакли ғуломон,
Ҳамешуд деҳ ба деҳ, сомон ба сомон.
Набуд эмин зи душман гоҳу бегоҳ,
Ба кӯҳу дашт мешуд роҳу бероҳ.
Раванда кӯҳро чун бод меронд,
Ба так-дар бодро чун кӯҳ мемонд.
Напӯшад бар ту он афсонаро роз,
Ки дар роҳе зане шуд ҷодуисоз.
Яке оинаву он шона афканд,
Ба афсуне ба роҳаш кард дар банд.
Фалак ин оина в-он шонаро ҷуст,
К-аз ин кӯҳ омаду з-он беша барруст.
Зане, к-ӯ шонаву оина бифканд,
Зи сахтӣ шуд ба кӯҳу беша монанд.
Шуда Ширин дар он роҳ аз бас андӯҳ
Ғуборолуди чандин бешаву кӯҳ.
Рухаш симои камрахтӣ гирифта,
Мизоҷи нозукаш сахтӣ гирифта,
Нишон меҷусту мерафт он дилафрӯз
Чу моҳи чордаҳшаб чордаҳ рӯз.
Ҷанибатро ба як манзил намемонд,
Хабарпурсон-хабарпурсон ҳамеронд.
Таковар дастбурд аз бод мебурд,
Заминро даври чарх аз ёд мебурд.

## АНДОМ ШУСТАНИ ШИРИН ДАР ЧАШМАИ ОБ

Сапедадам чу дам барзад сапедӣ,
Сиёҳӣ хонд ҳарфи ноумедӣ,
Ҳазорон наргис аз чархи ҷаҳонгард
Фурӯ шуд, то баромад як гули зард.
Шитобон кард Ширин борагиро,
Ба талхӣ дод ҷон якборагиро.
Падид омад чу мину марғзоре,
Дар ӯ чун Оби Ҳайвон чашмасоре.
Зи шарми оби он рахшанда хонӣ
Шуда дар зулмат Оби Зиндагонӣ.
Зи ранҷи роҳ буд андом хаста,
Ғубор аз пой то сар барнишаста.

Ба гирди чашма ҷавлон зад замоне,
Даҳ андар даҳ надид аз кас нишоне.
Фуруд омад, ба як сӯ борагӣ баст,
Раҳи андеша бар наззорагӣ баст.
Чу қасди чашма кард он чашмаи нур,
Фалакро об дар чашм омад аз дур.
Суҳайл аз шаъри шаккаргун баровард,
Нафир аз шиърии гардун баровард.
Паранди осмонгун бар миён зад,
Шуд андар обу оташ дар ҷаҳон зад.
Фалакро кард кӯҳлипӯши Парвин,
Мувассил кард нулуфар ба насрин.
Ҳисораш нил шуд, яъне шабонгоҳ
Зи чархи нилгун сар барзад он моҳ.
Тани симин-ш меғалтид дар об,
Чу ғалтад қоқуме бар рӯи санҷоб.
Аҷаб бошад, ки гулро чашма шӯяд,
Ғалат гуфтам, ки гул бар чашма рӯяд.
Дар об андохта аз гесувон шаст,
На моҳӣ, балки моҳ оварда дар даст.
Зи мушк ороиши кофур карда,
Зи кофураш ҷаҳон кофур х(в)арда.
Магар дониста буд аз пешдидан,
Ки меҳмоне наваш хоҳад расидан.
Дар оби чашмасор он шаккари ноб
Зи баҳри меҳмон месохт ҷуллоб.

## ДИДАНИ ХУСРАВ ШИРИНРО ДАР ЧАШМАСОР

Сухангӯянда пири порсихон
Чунин гуфт аз мулуки порсидон,
Ки чун Хусрав ба Арман кас фиристод
Ба пурсиш кардани он сарви озод,
Шабу рӯз интизори ёр медошт,
Умеди ваъдаи дидор медошт.
Ба шому субҳ андар хидмати шоҳ
Камар мебаст чун хуршеду чун моҳ.
Чу тахторой шуд тарфи кулоҳаш,
Зи шодӣ тоҷи сар мехонд шоҳаш.
Гиромӣ буд бар чашми ҷаҳондор,
Чунин то чашмзахм афтод дар кор,

Ки аз пӯлодкорӣ хасми хунрез
Дирамро сикка зад бар номи Парвиз,
Ба ҳар шаҳре фиристод он дирамро,
Бишӯронид аз он шоҳи Аҷамро.
Зи бими сиккаву нерӯи шамшер
Ҳаросон шуд куҳангург аз ҷавоншер.
Чунин пиндошт он мансубаро шоҳ,
Ки Хусрав бохт он шатранҷ ногоҳ.
Бар он дил шуд, ки лаъбе чанд созад,
Бигирад шоҳи навро, банд созад.
Ҳисобе баргирифт аз рӯи тадбир,
Набуд огаҳ зи бозиҳои тақдир,
Ки натвон роҳи Хусравро гирифтан,
На дар уқда маҳи навро гирифтан.
Чу ҳар к-ӯ ростӣ дар дил пазирад,
Ҷаҳон гирад, ҷаҳон ӯро нагирад.
Бузургуммед аз ин маънӣ хабар ёфт,
Шаҳи навро ба хилват ҷусту дарёфт.
Ҳикоят кард, к-ахтарро вабол аст,
Маликро бо ту қасди гӯшмол аст.
Бибояд зуфт рӯзе чанд аз ин пеш
Шитоб овардану бурдан сари хеш.
Магар, к-ин оташат бедуд гардад,
Ваболи ахтарат масъуд гардад.
Чу Хусрав дид, к-ошӯби замона
Ҳалокашро ҳамесозад баҳона,
Ба мушку рафт пеши мушкмӯён,
Васият карда бо он моҳрӯён,
Ки мехоҳам хиромидан ба нахчир,
Ду ҳафта бешу кам з-ин кохи дилгир.
Шумо хандону хуррамдил нишинед,
Тараб созеду рӯи ғам набинед.
Гар ояд норпистоне дар ин боғ,
Чу товусе нишаста бар пари зоғ,
Фуруд оред, к-он меҳмон азиз аст,
Шумо моҳеду хуршед он каниз аст.
Бимонедаш, ки то беғам нишинад,
Тараб месозаду шодӣ гузинад.
В-агар танг ояд аз мушкуи хазро,
Чу Хизр оҳанг созад сӯи саҳро,
Дар он саҳро, ки ӯ хоҳад, битозед,
Биҳиштирӯйро қасре бисозед.

Бад-он сурат, ки дил додаш гувой̣,
Хабар медод аз илҳоми худой̣.
Чу гуфт ин қисса, берун рафт чун бод
Сулаймонвор бо ҷамъе паризод.
Заминкан кӯҳи худро гарм карда,
Суи Арман заминро нарм карда.
Зи бими шоҳ мешуд дил пур аз дард,
Ду манзилро ба як манзил ҳамекард.
Қазоро, аспашон дар роҳ шуд суст,
Дар он манзил, ки он маҳ мӯй мешуст.
Ғуломонро бифармуд истодан,
Сутуронро улуфа барниҳодан.
Тани танҳо зи наздики ғуломон
Суи он марғзор омад хиромон.
Тавофе зад дар он фирӯзагулшан,
Миёни гулшан обе дид равшан.
Чу товусе уқобе бозбаста,
Тазарве бар лаби Кавсар нишаста.
Гиёро зери наъл оҳиста месуфт,
Дар он оҳистагӣ оҳиста мегуфт:
– «Гар ин бут ҷони ман будӣ, чӣ будӣ
В-ар ин асп они ман будӣ, чӣ будӣ?»
Набуд огаҳ, ки он шабрангу он моҳ
Ба бурҷи ӯ фуруд оянд ногоҳ.
Басо маъшуқ, к-ояд маст бар дар,
Сабал дар дида бошад, хоб дар сар.
Басо давлат, ки ояд бар гузаргоҳ,
Чу мард огаҳ набошад, гум кунад роҳ.
Зи ҳар сӯ кард бар одат нигоҳе,
Назар ногаҳ дарафтодаш ба моҳе.
Чу лахте дид, аз он дидан хатар дид,
Ки беш ошуфта шуд, то бештар дид.
Арӯсе дид чун моҳе муҳайё,
Ки бошад ҷои он маҳ бар Сурайё.
На моҳ, оинаи симобдода,
Чу моҳи Нахшаб аз симоб зода.
Дар оби нилгун чун гул нишаста,
Паранде нилгун то ноф баста.
Ҳама чашма зи ҷисми он гуландом
Гули бодому дар гул мағзи бодом.
Ҳавосил чун бувад дар об чун ранг,
Ҳамон равнақ дар ӯ аз обу аз ранг.

Зи ҳар сӯ шохи гесӯ шона мекард,
Бунафша бар сари гул дона мекард.
Агар зулфаш ғалат мекард коре,
Ки дорам дар буни ҳар мӯй море,
Ниҳон бо шоҳ мегуфт аз буногӯш,
Ки мавлои туам, ҳон, ҳалқабаргӯш.
Чӣ ганҷе буд, ганҷаш кимиёсанҷ,
Ба бозӣ зулфи ӯ чун мор бар ганҷ.
Фусунгар морро нагрифта дар мушт,
Гумон бурдӣ, ки морафсойро кушт.
Калид аз дасти бустонбон фитода,
Зи бустон нори пистон дар кушода.
Диле, к-он нори ширинкор дида,
Зи ҳасрат гашта чун нори кафида.
Бад-он чашма, ки ҷои моҳ гашта,
Аҷаб бин, к-офтоб аз роҳ гашта.
Чу бар фарқ об меандохт аз даст,
Фалак бар моҳ марворид мебаст.
Танаш чун кӯҳи барфин тоб медод,
Зи ҳасрат шоҳро барфоб медод.
Шаҳ аз дидори он буллӯри дилкаш
Шуда хуршед, яъне дил пуроташ.
Фишонд аз дида борони саҳобӣ,
Ки толеъ шуд қамар дар бурҷи обӣ.
Суманбар ғофил аз наззораи шоҳ,
Ки сунбул баста буд бар наргисаш роҳ.
Чу моҳ омад бурун аз абри мишкин,
Ба шоҳаншаҳ даромад чашми Ширин.
Ҳумое дид бар пушти тазарве,
Ба болои хаданге руста сарве.
Зи шарми чашми ӯ-дар чашмаи об
Ҳамеларзид чун дар чашма маҳтоб.
Ҷуз ин чора надид он чашмаи қанд,
Ки гесӯро чу шаб бар маҳ пароканд.
Абир афшонд бар моҳи шабафрӯз,
Ба шаб хуршед мепӯшид дар рӯз.
Саводе бар тани симин зад аз бим,
Ки хуш бошад саводи нақш бар сим.
Дили Хусрав бар он тобанда маҳтоб
Чунон, чун зар даромезад ба симоб,
Вале чун дид, к-аз шери шикорӣ
Ба ҳам даршуд гавазни марғзорӣ,

Забунгирӣ накард он шернахчир,
Ки набвад шери сайдафкан забунгир.
Ба сабре, к-оварад фарҳанг дар ҳуш,
Нишонд он оташи ҷӯшандаро ҷӯш.
Ҷавонмардӣ хушомадро адаб кард,
Назаргоҳаш дигар ҷое талаб кард.
Ба гирди чашма дилро дона мекошт,
Назар ҷои дигар бегона медошт.
Ду гулбун, к-аз ду чашма хор диданд,
Ду ташна, к-аз ду об озор диданд,
Ҳам онро рӯзи аввал чашма зад роҳ,
Ҳам ин аз чашмае афтод дар чоҳ.
Сари чашма кушояд ҳар касе рахт,
Ба чашма нарм гардад тӯшаи сахт.
Ҷуз эшонро, ки рахт аз чашма бурданд,
Зи нармиҳо ба сахтиҳо супурданд,
Набинӣ чашмае, к-аз оташи дил
Надорад ташнаеро пой дар гил.
На хуршеди ҷаҳон, к-ин чашмаи хун
Бад-ин кор аст гардон гирди гардун.
Чу шаҳ мекард махро пардадорӣ,
Ки хотун бурд натвон бе иморӣ.
Бурун омад парирух чун парӣ тез,
Қабо пӯшида шуд бар пушти Шабдиз.
Ҳисобе кард бо худ, к-ин ҷавонмард,
Ки зад бар гирди ман чун чарх новард,
Шигифт ояд маро, гар ёри ман нест,
Дилам чун бурд, гар дилдори ман нест?
Шунидам, лаъл дар лаъл аст конаш,
Агар дилдори ман шуд, ку нишонаш?
Набуд огаҳ, ки шоҳон ҷомаи роҳ
Дигаргуна кунанд аз бими бадхоҳ.
Ҳавои дил раҳаш мезад, ки бархез,
Гули худро бад-ин шаккар баромез.
Гар он сурат буд, ин рахшанда ҷон аст,
Хабар буд ону ин боре аён аст.
Дигар раҳ гуфт, аз ин раҳ рӯй бартоб,
Раво набвад намозе дар ду меҳроб.
Зи як даврон ду шарбат х(в)ард натвон,
Ду соҳибро парастиш кард натвон.
В-агар ҳаст ин ҷавон он нозанин шоҳ,
На ҷои пурсиш аст ӯро дар ин роҳ.

Маро беҳ, к-аз даруни парда бинад,
Ки бар бепардагон гарде нишинад.
Ҳанӯз аз парда берун нест ин кор,
Зи парда чун бурун оям ба якбор?
Уқоби хешро дар пӯя пар дод,
Зи наълаш гову моҳиро хабар дод.
Так аз боди сабо пешӣ гирифта,
Ба ҷунбиш бо фалак хешӣ гирифта.
Париро мегирифт аз гармхезӣ,
Ба чашми дев дармешуд зи тезӣ.
Пас аз як лаҳза Хусрав бозпас дид,
Ба ҷуз худ, нокасам, гар ҳеҷ кас дид.
Зи ҳар сӯ кард маркабро равона,
На дил диду на дилбар дар миёна.
Фуруд омад аз он чашма замоне,
Зи ҳар сӯ ҷуст аз он гавҳар нишоне.
Шигифт омад дилашро, к-инчунин тез
Бад ин зудӣ куҷо рафт он диловез?
Гаҳе сӯи дарахтон дид густох,
Ки гӯӣ мурғ шуд, паррид бар шох.
Гаҳе дида ба оби чашма мешуст,
Чу моҳӣ моҳро дар об меҷуст.
Замоне пул бар оби чашм бастӣ,
Гаҳе бар оби чашма пул шикастӣ.
Зи чашмаш бурда он чашма сиёҳӣ,
Дар ӯ ғалтид чун дар чашма моҳӣ.
Чунон нолид, к-аз бас нолиши ӯ
Пушаймон шуд сипеҳр аз молиши ӯ.
Маҳу Шабдизро дар боғ меҷуст,
Ба чашме бозу чашме зоғ меҷуст.
Зи ҳар сӯ ҳамлабар чун бози нахчир,
Ки зоғе кард бозашро гаравгир.
Аз он зоғи сабукпар монда пурдоғ,
Ҷаҳон торик бар вай чун пари зоғ.
Шуда зоғи сияҳ бози сапедаш,
Дарахти хор гашта мушкбедаш.
Зи бедаш гурбабед анҷир карда,
Сиришкаш тухми беданҷир карда.
Хамида бедаш аз савдои хуршед,
Бале, расм аст чавгон кардан аз бед.
Баровард аз ҷигар сӯзанда оҳе,
Ки оташ дар чу ман мардумгиёҳе.

Баҳоре ёфтам, з-ӯ бар нах(в)ардам,
Фуроте дидаму лаб тар накардам.
Ба нодонӣ зи гавҳар доштам чанг,
Кунун мебоядам бар сар задан санг.
Гуле дидам, начидам бомдодаш,
Дареғо, чун шаб омад, бурд бодаш.
Дар обе наргисе дидам шукуфта,
Чу обе хуфта в-аз ӯ об хуфта.
Шунидам, к-об хуфтад, зар шавад хок,
Чаро симоб гашт он сарви чолок?
Ҳумое бар сараш медод соя,
Сарирамро зи гардун кард поя.
Бар он соя чу маҳ доман фишондам,
Чу соя, лоҷарам, бесанг мондам.
Намадзинам нагардад хушк аз ин хун,
Батар з-инам, батар з-ин, чун бувад, чун?!
Бурун омад гуле аз чашмаи об,
Намегӯям ба бедорӣ, ки дар хоб.
Кунун, к-он чашмаро бо гул набинам,
Чу хор он беҳ, ки бар оташ нишинам.
Кӣ фармудам, ки рӯй аз маҳ бигардон,
Чу бахт омад ба роҳат, раҳ бигардон?
Кадомин дев табъамро бар ин дошт,
Ки аз боғи Ирам бигзашту бигзошт?
Ҳама ҷое шикебоӣ ситудаст,
Ҷуз ин як ҷо, ки сайд аз ман рабудаст.
Чу барқ аз ҷон чароғе барфурӯзам,
Шикеби хомро бар вай бисӯзам.
Агар ман хӯрдаме з-он чашма обе,
Набоистӣ зи дил кардан кабобе.
Насиҳат бин, ки он ҳинду чӣ фармуд,
Ки чун моле биёбӣ, зуд хур, зуд!
Дар ин боғ аз гули сурху гули зард
Пушаймонӣ нахӯрд он кас, ки бар х(в)ард.
Ману з-ин пас ҷигар дар хун кашидан,
Зи дил пайкони ғам берун кашидан.
Занам чандон тапонча бар сару рӯй,
Ки ё раб, ё рабе хезад зи ҳар мӯй.
Магар, к-осудатар гардад дар ин дард,
Танӯри оташам қадре шавад сард,
Ки ҷуз гавҳар набошад дар канорам,
Зи баҳри дида чандон дур биборам,

Кай осуда шавад, то хун нарезад
Касе, к-ӯро зи хун омос хезад?
Замоне гашт гирди чашма нолон,
Ба гиря дастҳо бар чашм молон.
Замоне бар замин афтод мадҳуш,
Гирифт он чашмаро чун гул дар оғӯш.
Аз он сарви равон, к-аз чанг рафта,
Зи сарваш обу аз гул ранг рафта.
Саҳисарваш фитода бар сари хок,
Шуда ларзон чунон, к-аз бод хошок.
Ба дил гуфто, гар ин маҳ одамӣ буд,
Куҷо охир қадамгоҳаш замӣ буд?
В-агар буд ӯ парӣ, душвор бошад,
Парӣ бар чашмаҳо бисёр бошад.
Ба кас натвон намуд ин довариро,
Ки Хусрав дӯст медорад парӣро.
Маро з-ин кор коме барнахезад,
Парӣ пайваста аз мардум гурезад.
Ба ҷуфти мурғи обӣ боз кай шуд?
Парӣ бо одамӣ дамсоз кай шуд?
Сулаймонам бибояд ном кардан,
Пас он гоҳе парӣро ром кардан.
Аз ин андеша лахте боз мегуфт,
Ҳикоятҳои дилпардоз мегуфт.
Ба навмедӣ дил аз дилхоҳ бардошт,
Ба дорулмулки Арман роҳ бардошт.

## РАСИДАНИ ШИРИН БА МУШКӮИ ХУСРАВ ДАР МАДОИН

Фалак чун корсозиҳо намояд,
Нахуст аз парда бозиҳо намояд.
Ба деҳқоне чу ганҷе дод хоҳад,
Нахуст аз ранҷбурдаш ёд хоҳад.
Агар хору хасак дар раҳ намонад,
Гулу шамшодро қимат кӣ донад?
Бибояд доғи дурӣ рӯзаке чанд,
Пас аз дурӣ хуш ояд меҳру пайванд.
Чу Ширин аз бари Хусрав ҷудо шуд,
Зи наздикӣ ба дурӣ мубтало шуд,
Ба пурсиш-пурсиш аз даргоҳи Парвиз
Ба мушкуи Мадоин ронд Шабдиз.

Ба оини арӯсӣ шӯй ҷуста
В-аз оини арӯсӣ рӯй шуста,
Фуруд омад, рақибонро нишон дод,
Дарун шуд, боғро сарви равон дод.
Чу диданд он шигарфон рӯи Ширин,
Газиданд аз ҳасад лабҳои ширин.
Ба расми хусравӣ бинвохтандаш,
Зи Хусрав ҳеҷ вонашнохтандаш.
Ҳамегуфтанд:– «Хусрав бо накӯӣ
Ба оташ хостан рафтаст, гӯӣ».
Биёвард оташе чун субҳ дилкаш,
В-аз он оташ ба дилҳо дарзад оташ,
Пас он гаҳ ҳоли ӯ дидан гирифтанд,
Нишонаш бозпурсидан гирифтанд,
Ки чунӣ в-аз куҷоию чӣ номӣ,
Чӣ аслию чӣ мурғӣ в-аз чӣ домӣ?
Парирух з-он бутон парҳез мекард,
Дурӯғе чандро сар тез мекард,
Ки шарҳи ҳоли ман лахте дароз аст,
Ба ҳозир гаштани Хусрав ниёз аст.
Чу Хусрав дар шабистон ояд аз роҳ,
Шуморо худ кунад з-ин қисса огоҳ,
Валек ин асбро доред беранҷ,
Ки ҳаст ин асбро қимат басе ганҷ.
Чу баргуфт ин сухан меҳмони танноз,
Нишонданд он канизонаш ба сад ноз.
Фишонданд оби гул бар чеҳраи моҳ,
Бибастанд асбро бар охури шоҳ.
Дигаргун зеваре карданд созаш,
Зи дур бастанд бар дебо тирозаш.
Гули васлаш ба боғи ваъда бишкуфт,
Фурӯ осуду эмин гашту хуш хуфт.
Рақибоне, ки мушку доштандӣ,
Шакарлаброканиз ангоштандӣ.
Шакарлаб бо канизон низ месохт,
Канизона бад-эшон нард мебохт.

## ТАРТИБ КАРДАНИ КӮШК БАРОИ ШИРИН

Чу Ширин дар Мадоин маҳд бинҳод,
Зи ширинлаб табақҳо шаҳд бикшод.

Пас аз моҳе, к-аз осоиш асар ёфт,
Зи берун рафтани Хусрав хабар ёфт,
Ки аз бими падар шуд сӯи нахчир
В-аз он ҷо сӯи Арман кард тадбир.
Ба дард омад дилаш з-он бедавоӣ,
Ки кораш дошт, алҳақ, бенавоӣ.
Чунин то муддате дар хона мебуд,
Зи бесабрӣ дилаш девона мебуд.
Ҳақиқат шуд варо, к-он як савора,
Ки мекард андар ӯ чандон назора,
Ҷаҳонорой Хусрав буд, к-аз роҳ
Назар мекард чун хуршед дар моҳ.
Басе аз хештан бар хештан зад,
Фурӯ хурд он тағобунрову тан зад.
Сабурӣ кард рӯзе чанд дар кор,
Намуд он гаҳ, ки хоҳам гашт бемор.
Маро қасре ба хуррам марғзоре
Бибояд сохтан бар кӯҳсоре,
Ки кӯҳистониям, гулзорпарвард,
Шуд аз гармӣ гули сурхам гули зард.
Бад-ӯ гуфтанд бутрӯёни дамсоз,
Ки эй шамъи бутон,чун шамъ магдоз!
Туро солори мо фармуд ҷое
Муҳайё сохтан дар хуш ҳавое.
Агар фармон диҳӣ, то корфармой
Ба кӯҳистон туро пайдо кунад ҷой?
Бигуфт:– «Оре, бибояд сохтан зуд
Чунон қасре, ки шоҳаншоҳ фармуд».
Канизоне, к-аз ӯ дар рашк монданд,
Ба хилват марди банноро бихонданд,
Ки ҷодуест ин ҷо кордида,
Зи кӯҳистони Бобил наврасида.
Заминро гар бигӯяд, к-эй замин, хез,
Ҳаво бинӣ гирифта рез бар рез.
Фалакро низ агар гӯяд, биёром!
Бимонад то қиёмат бар яке гом.
Зи мо қасре талаб кардаст ҷое,
К-аз он сӯзандатар набвад ҳавое.
Бад-он то мардум он ҷо кам шитобанд,
Зи ҷоду ҷодуиҳо дарнаёбанд,
Бад-ин ҷоду шабехуне аҷаб кун,
Ҳавое ҳар чӣ нохуштар талаб кун.

Бисоз он ҷо чунон қасре, ки бояд,
Зи мо дархост кун музде, ки шояд».
Пас он гаҳ аз хазу дебову динор
Вуҷуҳи харҷ додандаш ба харвор.
Чу банно шод гашт аз ганҷ бурдан,
Ҷаҳонпаймой шуд дар ранҷ бурдан.
Талаб мекард ҷое дур аз анбӯҳ,
Ҳаволӣ бар ҳаволӣ, кӯҳ бар кӯҳ.
Ба даст овард ҷое гарму дилгир,
К-аз ӯ тифле шудӣ дар ҳафтае пир.
Ба даҳ фарсанг аз Кирмоншаҳон дур,
На аз Кирмоншаҳон, бал аз ҷаҳон дур.
Бад-он ҷо рафту он ҷо коргаҳ сохт,
Ба дӯзах-дар чунон қасре бипардохт,
Ки донад, ҳар кӣ он ҷо асб тозад,
Ки ҳуреро чунон дӯзах насозад.
Чу аз шаб гашт мушкин рӯи он аср,
Зи мушку рафт Ширин сӯи он қаср.
Канизе чанд бо ӯ норасида,
Хиёнаткории шаҳват надида.
Дар он зиндонсарои танг мебуд,
Чу гавҳар шаҳрбанди санг мебуд.
Ғами Хусрав рақиби хеш карда,
Дари дил бар ду олам пеш карда.

## РАСИДАНИ ХУСРАВ БА АРМАН НАЗДИ МЕҲИНБОНУ

Чу Хусрав дур шуд з-он чашмаи об,
Зи чашми обрезаш дур шуд хоб.
Ба ҳар манзил, к-аз он ҷо дуртар гашт,
Зи навмедӣ дилаш ранҷуртар гашт.
Дигар раҳ шодмон мешуд ба уммед,
Ки барн-омад ҳанӯз аз кӯҳ хуршед.
Чу ман з-ин раҳ ба машриқ мешитобам,
Магар хуршеди равшанро биёбам.
Чу гул бар марзи кӯҳистон гузар кард,
Насимаш марзбононро хабар кард.
Амалдорон баробар медавиданд,
Зару дебо ба хидмат мекашиданд.
Бутоне дид базмафрӯзу дилбанд,
Ба равшанрӯи Хусрав орзуманд.

Хуш омад бо бутон пайвандаш он ҷо,
Маҳом афтод рӯзе чандаш он ҷо.
Аз он ҷо сӯи Муқон сар бадар кард,
Зи Муқон сӯи Бохарзон гузар кард.
Меҳинбону чу з-ин ҳолат хабар ёфт,
Ба хидмат кардани шоҳона биштофт.
Ба истиқболи шоҳ овард парвоз,
Сипоҳе сохта бо баргу бо соз.
Гиромӣ нузлҳои хусравона
Фиристод аз адаб сӯи хазона.
Зи дебову ғулому гавҳару ганҷ
Дабиронро қалам дар хат шуд аз ранҷ.
Фуруд омад ба даргоҳи ҷаҳондор,
Ҷаҳондораш навозиш кард бисёр.
Ба зери тахти шаҳ курсӣ нишонданд,
Нишаст ӯву дигар қавм истоданд.
Шаҳаншаҳ бозпурсидаш, ки чунӣ,
Ки бодат дам ба дам айше фузунӣ?
Ба меҳмонӣ-т овардам гаронӣ,
Мабодат дарди сар з-ин меҳмонӣ!
Меҳинбону чу дид он дилнавозӣ,
Зи хидмат дод худро сарфарозӣ.
Нафас бикшод чун боди саҳаргоҳ,
Фурӯ хонд офаринҳо дархури шоҳ.
Бад-он толеъ, ки пушташро қавӣ кард,
Паноҳаш боргоҳи хусравӣ кард.
Яке ҳафта ба навбатгоҳи Хусрав
Равон мекард ҳар дам тӯҳфаи нав.
Пас аз як ҳафта рӯзе, к-ончунон рӯз
Надидаст офтоби оламафрӯз,
Ба сарсабзӣ нишаста шоҳ бар тахт,
Чу султоне, ки бошад чокараш бахт,
Зи марзангӯш хатти нав дамида,
Басе дилро чу турра сар бурида,
Бисоти шаҳ зи яғмои ғуломон
Чу боғе пурсаҳисарви хиромон,
Ба ҷӯш омад сухан дар коми ҳар кас,
Ба мавлоӣ баромад номи ҳар кас,
Ба ромиш сохтан бе дафъ шуд кор,
Ба ҳоҷат хостан бе манъ шуд ёр,

Меҳинбону замин бӯсиду барҷаст,
Ба Хусрав гуфт:– «Моро ҳоҷате ҳаст,
Ки дорулмулки Бардаъро навозӣ,
Зимистоне дар он ҷо айш созӣ.
Ҳавои гармсер аст он тарафро,
Фарохиҳо бувад обу алафро».
Иҷобат кард Хусрав, гуфт:– «Бархез,
Ту мерав, к-омадам ман аз қафо низ.
Сапедадам зи лашкаргоҳ Хусрав
Суи боғи сапед омад раворав.
Ватан хуш буд, рахт он ҷо кашиданд,
Маликро тоҷу тахт он ҷо кашиданд.
Зи ҳар сӯ хаймаҳо карданд бар пой,
Гирифтанд аз ҳаволӣ ҳар касе ҷой.
Меҳинбону ба даргоҳи ҷаҳонгир
Накард аз шарти хидмат ҳеҷ тақсир.
Шаҳ он ҷо рӯзу шаб ишрат ҳамекард,
Маи талху ғами Ширин ҳамех(в)ард.

## МАҶЛИСИ БАЗМИ ХУСРАВ ВА БОЗОМАДАНИ ШОПУР

Яке шаб аз шаби Наврӯз хуштар,
Чӣ шаб, к-аз рӯзи ид андӯҳкуштар.
Самоъи хиргаҳӣ дар хиргаҳи шоҳ,
Надиме чанд мавзунтабъу дилхоҳ.
Мақолатҳои ҳикмат боз карда,
Суханҳои мазоҳик соз карда.
Ба гирдогирди хиргоҳи каёнӣ
Фурӯ ҳишта намадҳои алонӣ.
Дама бар дар кашида теғи фӯлод,
Сари номаҳрамонро дода бар бод.
Даруни хиргаҳ аз бӯи хуҷаста
Бухури уду анбар килла баста.
Набиди хушгувору ишрати х (в)аш
Ниҳода манқали заррин бар оташ.
Зуголи арманӣ бар оташи тез,
Сиёҳоне чу зангӣ ишратангез.
Чу мушки нофа дар нашви гиёҳе
Пас аз сурхӣ ҳамегирад сиёҳӣ.
Чаро он мушкбеди удкирдор
Шавад баъд аз сиёҳӣ сурхрухсор?

Сияҳро сурх чун кард озарангӣ,
Чу болои сиёҳӣ нест ранге?
Магар, к-аз рӯзгор омӯхт найранг,
Ки аз мӯи сиёҳи мо барад ранг.
Ба боғи шӯъла-дар деҳқони ангишт
Бунафша медуруду лола мекишт.
Сияҳ пӯшида чун зоғони куҳсор,
Гирифта хуни худ дар ною минқор.
Уқобе тири худ карда пари хеш,
Сияҳморе фиканда муҳра дар пеш.
Маҷусимиллате ҳиндустонӣ,
Чу Зардушт омада дар Зандхонӣ.
Дабире аз Ҳабаш рафта ба Булғор,
Ба шангарфӣ мидоде карда бар кор.
Зимистон гашта чун райҳон аз ӯ х(в)аш,
Ки райҳони зимистон омад оташ.
Сурохӣ чун хурӯсе соз карда,
Хурӯсе, к-ӯ ба вақт овоз карда.
Зи рашки он хурӯси оташинтоҷ
Гаҳе тайҳу бар оташ, гоҳ дурроҷ.
Равон гашта ба нуқлони кабобӣ,
Гаҳе кабки дарӣ, гаҳ мурғи обӣ.
Турунҷу себ лаб бар лаб ниҳода,
Чу дар заррин сурохӣ лаълбода.
Зи наргис в-аз бунафша саҳни хиргоҳ
Гулистоне ниҳода дар назаргоҳ.
Зи бас норинҷу нори маҷлисафрӯз
Шуда дар ҳуққабозӣ боди Наврӯз,
Ҷаҳонро тозатар доданд рӯҳе,
Ба сар бурданд субҳе бо сабӯҳе.
Зи чанг абрешими дастоннавозон
Дарида пардаҳои ишқбозон.
Суруди паҳлавӣ дар нолаи чанг
Фиканда сӯзи оташ дар дили санг.
Камонча оҳи мӯсивор мезад,
Муғаннӣ роҳи мусиқор мезад.
Ғазал бардошта ромишгари руд,
Ки падруд,эй нишоту айш, падруд!
Чӣ хуш боғест боғи зиндагонӣ,
Гар эмин будӣ аз боди хазонӣ.
Чӣ хуррам кох шуд кохи замона,
Гараш будӣ асоси ҷовидона!

Аз он сард омад ин кохи диловез,
Ки чун ҷо гарм кардӣ, гӯядат:– «Хез!»
Чу ҳаст ин дайри хокӣ сустбунёд,
Ба бодаш дод бояд зуд, бар бод!
Зи фардову зи дӣ касро нишон нест,
Ки рафт он аз миён в-ин дар миён нест.
Як имрӯз аст моро нақди айём,
Бар ӯ ҳам эътимоде нест то шом.
Биё, то як даҳан пурханда дорем,
Ба май ҷону ҷаҳонро зинда дорем.
Ба тарки хоб мебояд шабе гуфт,
Ки зери хок мебояд басе хуфт.

## ОГОҲӢ ДОДАНИ ШОПУР ХУСРАВРО АЗ ШИРИН

Малик сармасту соқӣ бода дар даст,
Навои чанг мешуд шаст бар шаст.
Даромад гулрухе чун сарви озод
Зи дилдорони Хусрав бо дили шод,
Ки бар дарбор хоҳад банда Шопур,
Чӣ фармоӣ? Дарояд ё шавад дур?
Зи шодӣ хост ҷастан Хусрав аз ҷой,
Дигар раҳ ақлро шуд корфармой.
Бифармудаш даровардан ба даргоҳ,
Зи дилгармӣ ба ҷӯш омад дили шоҳ,
Ки буд дил дар бараш з-уммеду аз бим
Ба шамшери хатар гашта ба ду ним.
Ҳамеша чашм бар раҳ, дил дуним аст,
Балои чашм бар роҳе азим аст.
Агарчи ҳеҷ ғам бе дарди сар нест,
Ғаме аз чашм барроҳӣ батар нест.
Мабодо ҳеҷ касро чашм бар роҳ.
К-аз ӯ рух зард гардад, умр кӯтоҳ.
Даромад нақшбанди монавидаст,
Заминро нақшҳои бӯса барбаст.
Замин бӯсиду худ бар ҷой мебуд,
Ба расми бандагон бар пой мебуд.
Гиромӣ кардаш аз тамкини худ шоҳ,
Нишонд ӯрову холӣ кард хиргоҳ.

Бипурсид аз нишони кӯҳу дашташ,
Шигифтиҳо, ки буд аз саргузашташ.
Дуо бардошт аввал марди ҳушёр,
Ки шаҳро зиндагонӣ бод бисёр!
Музаффар бод бар душман сипоҳаш,
Маяфтод аз сари давлат кулоҳаш!
Муродаш бо саодат раҳсипар бод,
Зи нав ҳар рӯзаш иқболе дигар бод!
Ҳадиси бандаро дар чорасозӣ
Бисоте ҳаст бо лахте дарозӣ.
Чу шаҳ фармуд гуфтан, чун нагӯям,
Ризои шоҳ ҷӯям, чун наҷӯям?
В-аз аввал то ба охир он чи донист,
Фурӯ хонд, он чи хондан метавонист,
Аз он пинҳон шудан чун мурғ аз анбӯҳ
В-аз он пайдо шудан чун чашма дар кӯҳ.
Ба ҳар чашма шудан ҳар субҳгоҳе
Баровардан муқаннаъвор моҳе.
В-аз он сурат ба сурат боз х(в)ардан
Ба афсун фитнаеро фитна кардан.
В-аз он чун ҳиндувон бурдан зи роҳаш,
Фиристодан ба Туркистони шоҳаш.
Сухан чун з-он баҳори нав баромад,
Хурӯше бехуд аз Хусрав баромад.
Ба хоҳиш гуфт, к-он хуршедрухсор
Бигӯ, то чун ба даст омад дигар бор?
Муҳандис гуфт:– «Кардам ҳушёрӣ,
Дигар иқболи хусрав кард ёрӣ.
Чу чашми тиргар ҷосус гаштам,
Ба дуккони камонгар баргузаштам.
Ба даст овардам он сарви равонро,
Бути сангиндили симинмиёнро.
Чӣ дидам? Тезрое, тозарӯе,
Масеҳе баста дар ҳар тори мӯе,
Ҳама рух гул чу бодома зи нағзӣ,
Ҳама тан дил чу бодоми думағзе.
Миёне ёфтам, к-аз соқ то рӯй
Ду оламро гиреҳ баста ба як мӯй.
Даҳоне карда бар тангӣ-ш зӯре,
Чу хузистонӣ андар чашми мӯре.

Набӯсида лабаш бар ҳеҷ ҳастӣ,
Магар оинаро, он ҳам ба мастӣ.
Накарда дасти ӯ бо кас дарозӣ
Магар бо зулфи худ, в-он ҳам ба бозӣ.
Басе лоғартар аз мӯяш миёнаш,
Басе ширинтар аз номаш даҳонаш.
Агарчи фитнаи олам шуд он моҳ,
Чу олам фитна шуд бар сурати шоҳ.
Чу маҳро дил ба рафтан тез кардам,
Пас он гаҳ чораи Шабдиз кардам.
Раванда моҳро бар пушти шабранг
Фиристодам ба чандин рангу найранг.
Ман ин ҷо муддате ранҷур мондам,
Бад-ин узр аз рикобаш дур мондам.
Кунун донам, ки он сахтикашида
Ба мушкуи малик бошад расида».
Шаҳ аз дилдодагӣ дар бар гирифташ,
Қадам то фарқ дар гавҳар гирифташ.
Сипосашро тирози остин кард,
Бар ӯ бисёр-бисёр офарин кард.
Ҳадиси чашмаву сар шустани моҳ
Дурустӣ дод қавлашро бари шоҳ.
Малик низ он чи дар раҳ дид, яксар
Якояк бозгуфт аз хайру аз шар.
Ҳақиқат гашташон, к-он мурғи дамсоз
Ба ақсои Мадоин карда парвоз.
Қарор он шуд, ки дигарбора Шопур
Чу парвона шавад дунболи он нур.
Зумуррадро суи кон оварад боз,
Раёҳинро ба бустон оварад боз.

## РАФТАНИ ШОПУР ДИГАР БОР БА ТАЛАБИ ШИРИН

Хушо мулко, ки мулки зиндагонист!
Беҳо рӯзо, ки он рӯзи ҷавонист!
На ҳаст аз зиндагӣ хуштар шуморе,
На аз рӯзи ҷавонӣ рӯзгоре.
Ҷаҳонхусрав, ки солори ҷаҳон буд,
Ҷавон буду аҷаб хушдил ҷавон буд!

Нахурдӣ беғино як ҷуръа бода,
На бе мутриб шудӣ табъаш кушода.
Муғанниро, ки поранҷе надодӣ,
Ба ҳар дастон кам аз ганҷе надодӣ.
Ба ишрат буд рӯзе бода дар даст,
Меҳинбону даромад шоду биншаст.
Малик ташрифи хоси хеш додаш,
Зи дигар вақтҳо дил беш додаш.
Чу омад вақти хон, Дорои олам
Зи мӯбад хост расми боҷбарсам.
Ба ҳар хӯрде, ки Хусрав дастгаҳ дошт,
Ҳадиси боҷбарсамро нигаҳ дошт.
Ҳисоби боҷбарсамончунон аст,
Ки ӯ бар чошнигирӣ нишон аст.
Иҷозат бошад аз фармони мӯбад,
Хуришҳоро, ки ин нек асту он бад.
Ба май хӯрдан нишонд он гаҳ меҳонро,
Ҳам он фархунда бонуи ҷаҳонро.
Ба ҷоми хос май мех(в)ард бо ӯ,
Сухан аз ҳар даре мекард бо ӯ.
Чу аз ҷоми набиди талх шуд маст,
Ҳикоятро ба Ширин бозпайваст.
Зи Ширин қиссаи оворагӣ кард,
Ба дил шодӣ, ба лаб ғамхорагӣ кард,
Ки бонуро бародарзодае буд,
Чу гул хандон, чу сарв озодае буд,
Шунидам, к-адҳами тавсан кашидаш,
Чу анқо кард аз ин ҷо нопадидаш.
Маро аз хона пайке омад имрӯз,
Хабар овард аз он моҳи дилафрӯз,
Гар ин ҷо як-ду ҳафта бозмонам,
Бар он азмам, ки ҷояш бездонам.
Фиристам қосиде, то бозаш орад,
Ба сони мурғ дар парвозаш орад.
Меҳинбону чу кард ин қиссаро гӯш,
Фурӯ монд аз сухан бесабру беҳуш.
Ба хидмат бар замин ғалтид чун хок,
Хурӯше баркашид аз дил шағабнок,
Ки он дур ку, ки гар бинам ба хобаш,
На дар доман, ки дар дарёи обаш,

Ба нӯки чашмаш аз дарё барорам,
Ба ҷон биспорамаш, пас ҷон супорам?!
Пас он гаҳ бӯса зад бар маснади шоҳ,
Ки маснадбӯс бодат Зуҳраву Моҳ!
Зи моҳӣ то ба моҳ афсарпарастат,
Зи Машриқ то ба Мағриб зердастат!
Ман он гаҳ гуфтам, ӯ ояд фаро даст,
Ки иқболи малик дар банда пайваст.
Чу иқболи ту бо мо сар дарорад,
Чунин бисёр сайд аз дар дарорад.
Агар қосид фиристад сӯи ӯ шоҳ,
Маро бояд зи қосид кардан огоҳ.
Ба ҳукми он ки Гулгуни сабукхез
Бад-ӯ бахшам зи ҳамзодони Шабдиз,
Ки бо Шабдиз кас ҳамтак набошад,
Ҷуз ин Гулгун, агар бадраг набошад.
Агар Шабдиз бо моҳи тамом аст,
Ва ҳамроҳӣ-ш Гулгун тезгом аст.
В-агар Шабдиз набвад монда бар ҷой,
Ба ҷуз Гулгун кӣ дорад зери ӯ пой?
Малик фармуд, то он рахши манзур
Баранд аз охури ӯ сӯи Шопур.
В-аз он ҷо яктана Шопур бархост,
Дуаспа роҳ рафтанро биёрост.
Суи мулки Мадоин рафт пӯён,
Гиромӣ моҳро як моҳ ҷӯён.
Ба мушку-дар набуд он моҳрухсор,
Маалқисса, ба қаср омад дигар бор.
Дари қасри нигорин зад замоне,
Кас омад, додаш аз Хусрав нишоне.
Дарун бурдандаш аз дар шодмона,
Ба хилватгоҳи он шамъи замона.
Чу сар дар қасри Ширин кард Шопур,
Уқубатборае дид аз ҷаҳон дур.
Нишаста гавҳаре дар байзаи санг,
Биҳиштипайкаре дар дӯзахи танг.
Рухаш чун лаъл шуд з-он гавҳари пок,
Намозаш- бар ду рух молид бар хок.
Саноҳо кард бар рӯи чу моҳаш,
Бипурсид аз ғаму тимори роҳаш,

Ки чун будию чун растӣ зи бедод,
Ки аз бандат набуд ин банда озод?
Умедам ҳаст, к-ин сахтӣ пасин аст,
Дилам з-ин пас ба шодӣ-бар яқин аст.
Яқин медон, ки гар сахтӣ кашидӣ,
Аз он сахтӣ ба осонӣ расидӣ.
Чӣ ҷой аст ин, ки бас дилгир ҷой аст?
Кӣ зад роят, ки бас шӯридарой аст?
Дар ин зулмат вилоят чун диҳад нур?
Бад-ин дӯзах қаноат чун кунад ҳур?
Магар як узр ҳаст, он низ ҳам ланг,
Ки ту лаълию бошад лаъл дар санг.
Чу нақши Чин дар он наққоши Чин дид,
Калиди коми худ дар остин дид.
Ниҳод аз шармнокӣ даст бар рух,
Сипосаш бурду бозаш дод посух,
Ки гар ғамҳои дида бар ту хонам,
Ситамҳои кашида бар ту ронам,
На дар гуфт ояду на дар шунидан,
Қалам бояд ба ҳарфаш даркашидан.
Бад-он мушку, ки фармудӣ, расидам,
Дар ӯ муште маломатдида дидам.
Ба ҳам карда канизе чанд ҷаммош
Ғуломи вақти худ, к-эй хоҷа, хуш бош!
Чу Зуҳра баркушода дасту бозу
Баҳои хеш дида дар тарозу.
Чу ман будам арӯсе порсоӣ,
Аз он муште ҷалаб ҷустам ҷудоӣ.
Дили худ бар ҷудоӣ рост кардам,
В-аз эшон кӯшке дархост кардам.
Дилам аз рашк пурхуноб карданд,
Бад-ин ибратгаҳам партоб карданд.
Сабурободи ман гашт ин сияҳсанг,
Ки аз талхӣ чу сабр омад сияҳранг.
Чу карданд ихтиёр ин ҷои дилгир,
Зарурат сохт мебояд, чӣ тадбир?
Пас он гаҳ гуфт Шопураш, ки бархез,
Ки фармон инчунин додаст Парвиз!
В-аз он гулхан бар он Гулгун нишондаш,
Ба гулзори муроди шоҳ рондаш.

Чу зин бар пушти Гулгун баст Ширин,
Ба пӯя даст бурд аз Моҳу Парвин.
Бад-он паррандагӣ зераш ҳумое,
Паре мебаст дар ҳар зери пое.
В-аз он сӯ Хусрав андар кор монда,
Дилаш дар интизори ёр монда,
Агарчи офати умр интизор аст,
Чу сар бо васл дорад, саҳл кор аст.
Чӣ хуштар з-он ки баъд аз интизорӣ
Ба уммеде расад уммедворе?

## ОГОҲИИ ХУСРАВ АЗ МАРГИ ПАДАР

Нишаста шоҳ рӯзе нимҳушёр
Ба уммеде, ки гардад бахт бедор.
Даромад қосиде аз раҳ ба таъҷил,
Зи Ҳиндустон ҳикоят кард бо пил.
Мижа чун коси чинӣ нам гирифта,
Миён чун мӯи зангӣ хам гирифта.
Ба хатти Чину Занг овард маншур,
Ки шоҳи Чину Занг аз тахт шуд дур.
Кушод ин туркхӯ чархи каёнӣ
Зи ҳиндуи ду чашмаш посбонӣ.
Ду марворидаш аз мино буриданд,
Ба ҷои ришта дар сӯзан кашиданд.
Ду лӯъбатбозро бепарда карданд,
Раҳи сурма ба мил озурда карданд.
Чу Юсуф гум шуд аз девони додаш,
Замона доғи яъқубӣ ниҳодаш.
Ҷаҳон чашми ҷаҳонбинаш туро дод,
Ба ҷои найза дар дасташ асо дод.
Чу солори ҷаҳон чашм аз ҷаҳон баст,
Ба солорӣ туро бояд миён баст.
Зи наздикони тахти хусравонӣ
Набишта ҳар яке ҳарфи ниҳонӣ,
Ки, зинҳор, омаданро кор фармой,
Ҷаҳон аз даст шуд, таъҷил бинмой.
Гарат сар дар гил аст, он ҷо машӯяш,
В-агар лаб дар сухан, бо кас магӯяш.
Чу Хусрав дид, к-айём он амал кард,
Каманд афканду шодурвон бадал кард,

Дурусташ шуд, ки ин даврони бадаҳд,
Бақам бо  нил дорад, сирка бо шаҳд.
Ҳавои хонаи хокӣ чунин аст,
Гаҳе занбӯру гоҳе ангубин аст.
Амал бо азл дорад, меҳр бо кин,
Турушталхест бо ҳар чарбу ширин.
Зи регаш нест эмин ҳеҷ ҷӯе,
Мусаллам нест аз сангаш сабӯе.
Чу дар банди вуҷудӣ, роҳи ғам гир,
Фароғат боядат, роҳи адам гир.
Буна чун ҷон ба боди пок барбанд,
Дари зиндонсарои хок барбанд.
Ҷаҳон ҳиндуст, то рахтат нагирад,
Магираш суст, то сахтат нагирад.
Дар ин дуккон наёбӣ ришта тое,
Ки набвад сӯзи неш андар қафое.
Кӣ ошомад кадуе об аз ӯ сард,
К-аз истисқо нагардад чун каду зард?
Дарахт он гаҳ бурун орад баҳоре,
Ки бишкофад сари ҳар шохсоре.
Фалак, то нашканад пушти дутое,
Ба кас надҳад яке ҷав мӯмиёе.
Чу бе мурдан кафан дар кас напӯшанд,
Беҳ, ар мардум чу кирм атлас напӯшанд.
Чу бояд шуд бад-он гулгуна мӯҳтоҷ,
Ки гардад бар дари гармоба тороҷ,
Либосе пӯш чун хуршеду чун моҳ,
Ки бошад то ту бошӣ, бо ту ҳамроҳ.
Барафшон доман аз ҳар хон, ки дорӣ,
Қаноат кун бад-ин як нон, ки дорӣ.
Ҷаҳоно, чанд аз ин бедод кардан,
Маро ғамгину худро шод кардан?
Ғамин дорӣ маро, шодат нахоҳам!
Харобам хоҳӣ, ободат нахоҳам!
Ту он гандумнамои ҷавфурӯшӣ,
Ки дар гандум ҷави пӯсида пӯшӣ.
Туро бас бод аз ин гандумнамоӣ,
Маро з-ин даъвии сангосиёӣ!

Ҳамон беҳтар, ки шаб то шаб дар ин чоҳ
Ба қурсе ҷав кушоям рӯза чун моҳ.
Низомӣ, чун Масеҳо шав тарафдор,
Ҷаҳон бигзор бар муште алафхор.
Алафхорӣ куниву харсаворӣ,
Пас он гаҳ нузли Исо чашм дорӣ!
Чу хар, то зинда бошӣ, бор мекаш,
Ки бошад гӯшти хар дар зиндагӣ х(в)аш.

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ХУСРАВ БА ҶОИ ПАДАР

Чу шуд маълум, к-аз ҳукми илоҳӣ
Ба Ҳурмуз-бар табаҳ шуд подшоҳӣ,
Ба фаррухтар замон шоҳи ҷавонбахт,
Ба дорулмулки худ шуд бар сари тахт.
Дилаш гарчи ба Ширин мубтало буд,
Ба тарки мамлакат гуфтан хато буд.
Зи як сӯ мулкро бар кор медошт,
Зи дигар сӯ назар бар ёр медошт.
Ҷаҳонро аз иморат дод ёрӣ,
Вилоятро зи фитна растагорӣ.
Зи бас, к-афтодагонро дод медод,
Ҷаҳонро адли Нушервон шуд аз ёд.
Чу аз шуғли вилоят бозпардохт,
Дигарбора ба нӯшу ноз пардохт.
Шикору айш кардӣ шому шабгир,
Набудӣ як замон бе ҷому нахчир.
Чу ғолиб шуд ҳавои дилситонаш,
Бипурсид аз рақибон достонаш.
Хабар доданд, к-акнун муддате ҳаст,
К-аз ин қаср он нигорин рахт барбаст.
Намедонем Шопураш куҷо бурд,
Чу шоҳаншоҳ нафармудаш, чаро бурд?
Шаҳ аз найранги ин гарданда дӯлоб
Аҷаб дармонду оҷиз шуд дар ин боб.
Зи Ширин бар тариқи ёдгорӣ
Таки Шабдиз кардаш ғамгусорӣ.
Ба ёди моҳ бо Шабранг месохт,
Ба уммеди гуҳар бо санг месохт.

## БОЗОВАРДАНИ ШОПУР ШИРИНРО ПЕШИ МЕҲИНБОНУ

Чу Ширинро зи қаср овард Шопур,
Маликро ёфт аз меъодгаҳ дур.
Фуруд овардаш аз Гулгуни раҳвор,
Ба гулзори Меҳинбону дигар бор.
Чаманро сарв доду равзаро ҳур,
Фалакро офтобу дидаро нур.
Парасторону наздикону хешон,
Ки буданд аз паи Ширин парешон,
Чу дидандаш, заминро бӯса доданд,
Замин гаштанду дар пояш фитоданд.
Басе шукру басе шукрона карданд,
Ҷаҳоне вақфи оташхона карданд.
Меҳинбону, нашояд гуфт, чун буд,
Ки аз шодӣ зи шодирвон бурун буд.
Чу пире, к-ӯ ҷавонӣ бозёбад,
Бимирад, зиндагонӣ бозёбад,
Сараш дар бар гирифт аз меҳрбонӣ,
Ҷаҳон аз сар гирифташ зиндагонӣ.
На чандон дилхушиву меҳр додаш,
Ки дар сад байт битвон кард ёдаш.
Зи ганҷи хусравию мулки шоҳӣ
Фидо кардаш, ки «Мекун ҳар чӣ хоҳӣ!»
Шиканҷи шарм дар мӯяш наёвард,
Ҳадиси рафта бар рӯяш наёвард.
Ҷу медонист, к-он найрангсозӣ
Далеле равшан аст аз ишқбозӣ.
Дигар, к-аз шаҳ нишонҳо буд дида
В-аз он симинбарон лахте шунида.
Сари хум бар маи ҷӯшида медошт,
Ба гил хуршедро пӯшида медошт.
Дилаш медод, то фармон пазирад,
Қавидил гардаду дармон пазирад.
Навозишҳои беандоза кардаш,
Ҳамон аҳди нахустин тоза кардаш.
Ҳамон ҳафтод лӯъбатро бад-ӯ дод,
Ки то бозӣ кунад бо лӯъбатон шод.
Дигар раҳ чархи лӯъбатбоз дасте
Ба бозӣ бурд бо лӯъбатпарасте.

Чу Ширин боздид он духтаронро,
Зи маҳ пироя дод он ахтаронро.
Ҳамон лаҳву нишот андеша карданд,
Ҳамон бозори пешин пеша карданд.

## ГУРЕХТАНИ ХУСРАВ АЗ БАҲРОМИ ЧӮБИН

Калиди фатҳро дандон падид аст,
Ки рои оҳанин зарринкалид аст.
Зи сад шамшерзан рои қавӣ беҳ,
Зи сад қолаб кулоҳи хусравӣ беҳ.
Ба рое лашкареро бишканӣ пушт,
Ба шамшере яке то даҳ тавон кушт,
Чу огаҳ гашт Баҳроми қавирой,
Ки Хусрав шуд ҷаҳонро корфармой,
Сараш савдои тоҷи хусравӣ дошт,
Ба даст овард, чун рои қавӣ дошт.
Дигар, к-ин тӯҳматаш бар табъ раҳ кард,
Ки Хусрав чашми Ҳурмузро табаҳ кард.
Набуд огаҳ, ки чун Юсуф шавад дур,
Фироқ аз чашми Яъқубе барад нур.
Ба ҳар кас номаи пӯшида бинвишт,
Бар эшон кард нақши хубро зишт.
К-аз ин кӯдак ҷаҳондорӣ наояд,
Падаркуш подшоҳиро нашояд.
Бар ӯ як ҷуръа май ҳамранги озар,
Гиромитар зи хуни сад бародар.
Бибахшад кишваре бо бонги руде,
Зи мулке дӯсттар дорад суруде.
Зи гармӣ раҳ ба кори худ надонад,
Зи хомӣ ҳеҷ неку бад надонад.
Ҳанӯз аз ишқбозӣ гармдоғ аст,
Ҳанӯзаш шӯри Ширин бар димоғ аст,
Аз ин шӯхи сарафган сар битобед,
Ки чун сар шуд, сари дигар наёбед.
Ҳамон беҳтар, ки ӯро банд созем,
Чунин бо обу оташ чанд созем?
Магар, к-аз банди мо панде пазирад,
В-агарна чун падар мурд, ӯ бимирад.
Шумо гиред роҳашро ба шамшер,
Ки инак ман расидам тунд чун шер.

Ба тадбире чунин он шери кинхоҳ
Раиятро бурун овард бар шоҳ,
Шаҳаншаҳ бахтро саргашта медид,
Раиятро зи худ баргашта медид.
Ба зар иқболро пурзӯр медошт,
Ба кӯрӣ душманонро кӯр медошт.
Чунин то хасм лашкар дар сар овард,
Раият дасти истило баровард.
Зи бепуштӣ чу оҷиз гашт Парвиз,
Зи рӯи тахт шуд бар пушти Шабдиз.
Дар он ғавғо, ки тоҷ ӯро гиреҳ буд,
Саре бурд аз миён, к-аз тоҷ беҳ буд.
Каёнӣ тоҷро бе тоҷвар монд,
Ҷаҳонро бар ҷаҳонҷӯе дигар монд.
Чу шоҳаншаҳ зи бозиҳои айём
Баҳоим рехт бо шамшери Баҳром,
Ба шамшери хилоф ин натъи хунрез
Ба ҳар хона, ки шуд, додаш шаҳ ангез.
Ба сад найрангу дастон роҳу бероҳ
Ба Озарбойҷон овард бунгоҳ.
В-аз он ҷо сӯи Муқон кард манзил,
Муғона ишқи он бутхона дар дил.

## БА ҲАМ РАСИДАНИ ХУСРАВУ ШИРИН ДАР ШИКОРГОҲ

Чунин гӯяд ҷаҳондида сухангӯй,
Ки чун мешуд дар он саҳро ҷаҳонҷӯй,
Шикоре чун шакар мезад зи ҳар сӯ,
Баромад гарди Ширин аз дигар сӯ.
Ки бо ёрони ҷаммош он дилафрӯз
Ба азми сайд берун омад аз рӯз.
Ду сайдафкан ба як ҷо бозх(в)арданд,
Ба сайди якдигар парвоз карданд.
Ду тирандоз чун сарви ҷавона
Зи баҳри якдигар карда нишона.
Ду ёр аз ишқи худ махмур монда,
Ба ишқ-андар зи ёрон дур монда.
Якеро дасти шоҳӣ тоҷ дода,
Яке сад тоҷро тороҷ дода.
Якеро сунбул аз гул баркашида,
Якеро гирди гул сунбул дамида.

Яке марғули анбар баста бар гӯш,
Яке мушкин каманд афганда бар дӯш.
Яке аз тавқи худ маҳро шикаста,
Яке маҳро зи ғабғаб тавқ баста.
Назар бар якдигар чандон ниҳоданд,
Ки об аз чашми якдигар кушоданд.
На аз Ширин ҷудо мегашт Парвиз,
На аз Гулгун гузар мекард Шабдиз.
Тариқи дӯстиро соз ҷустанд,
Зи якдигар нишонҳо бозҷустанд.
Чу номи ҳам шуниданд он ду чолок,
Фитоданд аз сари зин бар сари хок.
Гузашта соате сар баргирифтанд,
Замин аз ашк дар гавҳар гирифтанд.
Баоинтар бипурсиданд х(в)адро,
Фурӯ гуфтанд лахте неку бадро.
Сухан бисёр буд, андеша карданд,
Ба кам гуфтан сабурӣ пеша карданд.
Ҳаворо бар замин чун мурғ бастанд,
Чу мурғе бар ханданги зин нишастанд.
Инон аз ҳар тараф барзад саворе,
Парирӯе расид аз ҳар каноре.
Маҳу хуршедро диданд нозон,
Қирон карда ба бурҷи ишқбозон.
Фиканда ишқашон оташ ба дил-дар,
Фарас дар зерашон чун хар ба гил-дар.
Дар эшон хира шуд ҳар кас, ки метохт,
Ки Хусравро зи Ширин бознашнохт.
Хабар доданд мӯре чанд пинҳон,
Ки ин Билқис гашту он Сулаймон.
Зи ҳар сӯ лашкари нав мерасиданд.
Ба гирди ҳар ду саф бармекашиданд.
Чу лашкар ҷамъ шуд бар парраи кӯҳ,
Замин бар гов менолид аз анбӯҳ.
Ба Хусрав гуфт Ширин, к-эй худованд,
На ман, чун ман ҳазорат банда дар банд.
Зи тоҷат осмонро баҳрамандӣ,
Заминро зери тахтат сарбаландӣ.
Агарчи дар басити ҳафт кишвар
Ҷаҳон хоси ҷаҳондор аст яксар,

Бад-ин наздикӣ аз бахшидаи шоҳ.
Височе ҳаст моро бар гузаргоҳ,
Агар ташрифи шаҳ моро навозад,
Камар бандад раҳӣ, гардан фарозад.
Агар бар фарши мӯре бигзарад пил,
Фитад афтодаеро ҷома дар нил.
Малик гуфто:– «Чу меҳмон мепазирӣ,
Ба ҷон оям,агар ҷон мепазирӣ».
Суҷуд овард Ширин дар сипосаш,
Саноҳо гуфт афзун аз қиёсаш.
Дуаспа пеши бону кас фиристод,
Зи меҳмон бурдани шоҳаш хабар дод.
Меҳинбону чу аз кор огаҳӣ ёфт,
Бар асбоби ғараз шоҳаншаҳӣ ёфт.
Ба истиқбол шуд бо нузлу асбоб,
Нисор афшонд бар хуршеду маҳтоб.
Фуруд овард Хусравро ба кохе,
Ки тӯбӣ буд аз он фиравс шохе,
Сарое бар сипеҳраш сарфарозӣ,
Ду майдонаш фарохию дарозӣ.
Фиристодаш ба дасти узрхоҳон,
Чунон нузле, ки бошад расми шоҳон.
На чандонаш хазина пешкаш кард,
Ки битвон дар ҳисобаш дастх(в)аш кард.
Маликро ҳар замон дар кори Ширин
Чу ҷон ширин будӣ бозори Ширин.

## АНДАРЗ ВА САВГАНД ДОДАНИ МЕҲИНБОНУ ШИРИНРО

Чу деҳқон дона дар гил пок резад,
Зи гил гар дона хезад, пок хезад.
Чу гавҳар пок дорад мардуми пок,
Кай олуда шавад дар домани хок.
Меҳинбону, ки покӣ дар гуҳар дошт,
Зи ҳоли Хусраву Ширин хабар дошт.
Дарандешид аз он ду ёри дилкаш,
Ки чун созад ба ҳам хошоку оташ.
Ба Ширин гуфт, к-эй фарзона фарзанд,
На бар ман, бар ҳама хубон худованд.
Яке нози тую сад мулки шоҳӣ,
Яке мӯи ту в-аз маҳ то ба моҳӣ.

Саодат хоҷатоши сояи ту,
Салоҳ аз ҷумлаи пероян ту.
Ҷаҳонро аз ҷамолат рӯшноӣ,
Ҷамолат дар панохи порсоӣ.
Ту ганҷе сарбамӯҳрӣ нобисуда,
Баду неки ҷаҳон ноозмуда.
Ҷаҳон найрангҳо донад намудан,
Ба дур дуздидану ёқут судан.
Чунонам дар дил ояд, к-ин ҷаҳонгир
Ба пайванди ту дорад рою тадбир.
Гар ин соҳибҷаҳон дилдодаи туст,
Шикоре бас шигарф афтодаи туст.
Валекин гарчи бинӣ ношикебаш,
Набинам, гӯш дорӣ бар фиребаш.
Набояд, к-аз сари ширинзабонӣ
Хурад ҳалвои ширин ройгонӣ.
Фурӯ монад туро олудаи хеш,
Ҳавои дигаре гирад фаро пеш.
Чунон зӣ бо рухи хуршеднураш,
Ки пеш аз нон наяфтӣ дар танӯраш.
Шунидам, даҳ ҳазораш хубрӯянд,
Ҳама шаккарлабу занҷирмӯянд.
Дилаш чун з-он ҳама гулҳо бихандад
Чӣ гӯӣ, дар гуле чун меҳр бандад?
Бале, гар даст бар гавҳар наёбад,
Сар аз гавҳар харидан барнатобад.
Чу бинад некаҳду некномат,
Зи ман хоҳад ба оине тамомат.
Фалакро порсоӣ бар ту гардад,
Ҷаҳонро подшоӣ бар ту гардад.
Чу ту дар гавҳари худ пок бошӣ,
Ба ҷои захри ӯ тарёк бошӣ.
В-агар дар ишқ бо ту даст ёбад,
Туро ҳам ғофилу ҳам маст ёбад,
Чу Вис аз некномӣ дур гардӣ,
Ба зиштӣ дар ҷаҳон машҳур гардӣ.
Гар ӯ моҳ аст, мо низ офтобем,
В-агар Кайхусрав аст, Афросёбем.
Паси мардон шудан мардӣ набошад,
Зан он беҳ, к-аш ҷавонмардӣ набошад.

Басо гулро, ки нағзу тар гирифтанд,
Бияфкананд, чун бӯ баргирифтанд.
Басо бода, ки дар соғар кашиданд,
Ба ҷуръа рехтандаш, чун чашиданд.
Ту худ донӣ, ки вақти сарфарозӣ
Заношӯӣ беҳ аст аз ишқбозӣ.
Чу Ширин гӯш кард ин панди чун нӯш,
Ниҳод он пандро чун ҳалқа дар гӯш.
Дилаш бо он сухан ҳамдостон буд,
Ки ӯро низ дар хотир ҳамон буд.
Ба ҳафт авранги равшан хӯрд савганд,
Ба равшанномаи гетихудованд,
Ки гар хун гирям аз ишқи ҷамолаш,
Нахоҳам шуд магар ҷуфти ҳалолаш!
Чу бону дид он савгандхорӣ,
Падид омад дилашро устуворӣ.
Ризо додаш, ки дар майдону дар кох
Нишинад бо малик густох-густох,
Ба шарти он ки танҳоӣ наҷӯяд,
Миёни ҷамъ гӯяд, он чӣ гӯяд.

## ЧАВГОН БОХТАНИ ХУСРАВ БО ШИРИН

Дигар рӯзина, к-аз субҳи ҷаҳонтоб
Тило шуд лаъл бар лӯлӯи хушоб,
Язакдоре зи лашкаргоҳи хуршед
Инон афканд бар Бирҷису Ноҳид.
Ҳамон як шахс, к-инро соз карда,
Ҳамон анҷумгарӣ оғоз карда.
Чу шери мода он ҳафтод духтар
Суи Ширин шуданд ошӯб дар сар.
Ба мардӣ ҳар яке Исфандёре,
Ба тир андохтан Рустамсаворе.
Ба чавгон худ чунон чолок буданд,
Ки гӯй аз чанбари гардун рабуданд.
Хаданги таркаш андар сарв бастанд,
Чу сарве бар хаданги зин нишастанд.
Ҳама бурқаъ фурӯ ҳиштанд бар моҳ,
Равон гаштанд сӯи хидмати шоҳ.

Бурун шуд ҳоҷиби шаҳ, борашон дод,
Шаҳаншаҳ дил ба ҷон дар корашон дод.
Навозиш кард Ширинрову бархост,
Нишондаш пеши худ бар ҷониби рост.
Чӣ дид? Алҳақ, бутоне шӯху дилбанд,
Сарое пуршакар, шаҳре пур аз қанд.
В-аз он ғофил, ки зӯру заҳра доранд,
Ба майдон аз саворӣ баҳра доранд.
Зи баҳри ирзи он мушкинниқобон
Ба нузҳат сӯи майдон шуд шитобон.
Чу дар бозигаҳи майдон расиданд,
Парирӯён зи шодӣ мепариданд.
Равон шуд ҳар маҳе чун офтобе,
Падид омад зи ҳар кабке уқобе.
Чу Хусрав дид, к-он мурғони дамсоз
Чаманро сохтанду сайдро боз,
Ба Ширин гуфт:– «Ҳон, то рахш тозем,
Бар ин паҳна замоне гӯй бозем.
Маликро гӯй дар чавгон фиканданд,
Шигарфон шӯр дар майдон фиканданд.
Зи чавгон гашта бедистон ҳама роҳ,
Замин з-он бед сандал суда бар моҳ.
Ба ҳар гӯе, ки бурдӣ бодро бед,
Шикастӣ дар гиребон гӯи хуршед.
Зи як сӯ моҳ буду ахтаронаш,
Зи дигар сӯ шаҳу фармонбаронаш.
Гавазну шер бозӣ менамуданд,
Тазарву боз ғорат мерабуданд.
Гаҳе хуршед бурдӣ гӯю гаҳ моҳ,
Гаҳе Ширин гарав додӣ, гаҳе шоҳ.
Чу ком аз гӯю чавгон баргирифтанд,
Тавофе гирди майдон даргирифтанд.
Ба Шабдезу ба Гулгун гирди майдон
Чу рӯзу шаб ҳамекарданд ҷавлон.
В-аз он ҷо сӯи саҳро рон кушоданд,
Ба сайд андохтан ҷавлон кушоданд.
На чандон сайди гуногун фиканданд,
Ки ҳаддаш дар ҳисоб ояд, ки чанданд.
Ба захми найзаҳо ҳар нозанине
Найистон карда бар гӯрон замине.

Ба нӯки тир ҳар хотунсаворе
Фурӯ дода зи оҳу марғзоре.
Малик з-он модашерони шикорӣ
Шигифтӣ монда дар чобуксаворӣ.
Ки ҳар як буд дар майдон ҳумое,
Ба даъвигоҳи нахчир аждаҳое.
Малик медид дар Ширин ниҳонӣ,
К-аз он сайдаш чӣ орад армуғоне.
Сурину чашми оҳу дид ногоҳ,
Ки пайдо шуд ба сайд афкандани шоҳ,
Ғизоле маст шамшере гирифта,
Ба ҷои оҳуе шере гирифта.
Аз он нахчирпардози ҷаҳонгир
Ҷаҳонгире чу Хусрав гашт нахчир.
Чу товуси фалак бигрехт аз боғ,
Ба гулчидан ба боғ омад сияҳзоғ,
Шуданд аз ҷилва товусон гусаста,
Ба парри зоғрангон барнишаста.
Ҳама дар ошёнҳо рух ниҳуфтанд,
Зи ранҷи мондагӣ то рӯз хуфтанд.
Дигар рӯз остонбӯсон давиданд,
Ба даргоҳи малик саф баркашиданд.
Ҳамон чавгону гӯй оғоз карданд,
Ҳамон нахчир кардан соз карданд.
Дар ин карданд моҳе умри худ сарф,
В-аз ин ҳирфат наяфканданд як ҳарф.
Малик фурсат талаб мекард бисёр,
Ки бо Ширин кунад як нукта бар кор.
Наёмад фурсате бо ӯ падидаш,
Ки дар банди таваққуф буд калидаш.
Шабонгаҳ, к-он шакарлаб бозмегашт,
Ҳумои ишқ бепарвоз мегашт.
Шаҳаншаҳ гуфт, к-эй бар некувон шоҳ,
Ҷамолат чашми давлатро назаргоҳ!
Биё, то бомдодон з-аввали рӯз
Шавем аз гунбади пирӯза пирӯз.
Май орему нишот андеша гирем,
Тараб созему шодӣ пеша гирем.
Агар шодем, агар ғамгин дар ин дайр,
Наем эмин зи даврони куҳансайр.

Чу мебояд шудан з-ин дайр ночор,
Нишот аз ғам беҳу шодӣ зи тимор.
Ниҳод ангушт бар чашм он париваш,
Заминро бӯса доду кард шабх(в)аш.
Малик бар ваъдаи моҳи шабафрӯз
Дар ин фикрат, ки фардо чун шавад рӯз.

## СИФАТИ БАҲОР ВА АЙШИ ХУСРАВУ ШИРИН

Чу пири сабзпӯши осмонӣ
Зи сабза баркашад субҳи ҷавонӣ,
Ҷавононрову пиронро дигар бор
Ба сарсабзӣ дарорад сурхгулзор.
Гул аз гул тахти ковусӣ барорад,
Бунафша парри товусӣ барорад.
Басо мурғо, ки ишқовоза гардад,
Басо ишқи куҳан, к-он тоза гардад.
Чу хуррам шуд ба Ширин ҷони Хусрав,
Ҷаҳон мекард аҳди хуррамӣ нав.
Чу аз хуррамбаҳору хуррамӣ дӯст
Ба гулҳо бардарид аз хуррамӣ пӯст,
Гул аз шодӣ алам дар боғ мезад,
Сипоҳи фохта бар зоғ мезад.
Суман соқию наргис ҷом дар даст,
Бунафша дар хумору сурхгул маст.
Сабо бурқаъ фиканда содагонро,
Сало дардода корафтодагонро.
Шамол ангехта ҳар сӯ хурӯше,
Зада бар говчашме пилгӯше.
Замин натъи шақоиқпӯш гашта,
Шақоиқ маҳди марзангӯш гашта.
Саҳисарв аз чаман қомат кашида,
Зи ишқи лола пероҳан дарида.
Бунафша тоби зулф афканда бар дӯш,
Кушода бод насринро баногӯш.
Арӯсони раёҳин даст бар рӯй,
Шигарфони шукуфта шона дар мӯй.
Ҳаво бар сабза гавҳарҳо гусаста,
Зумуррадро ба марворид баста.
Намуда нофи хок обистаниҳо,
Зи ноф оварда берун рустаниҳо.

Ғизоли ширмаст аз дилнавозӣ
Ба гирди сабза бо модар ба бозӣ.
Тазарвон бар раёҳин пар фишонда,
Раёҳин дар тазарвон пар нишонда.
Зи ҳар шохе шукуфта навбаҳоре,
Гирифта ҳар гуле бар каф нисоре.
Навои булбулу овои дурроҷ
Шикеби ошиқонро дода тороҷ.
Чунин фасле бад-ин ошиқнавозӣ
Хато бошад,хато бе ишқбозӣ.
Хиромон Хусраву Ширин шабу рӯз
Ба ҳар нузҳатгаҳе шоду дилафрӯз.
Гаҳе хӯрданд май дар марғзоре,
Гаҳе чиданд гул дар кӯҳсоре.
Раёҳин бар раёҳин бода дар даст,
Ба Шаҳруд омаданд он рӯз сармаст.
Ҷанибат бар лаби Шаҳруд бастанд,
Ба бонги руду ромишгар нишастанд.
Ҳаловатҳои Ширини шакарханд
Найи Шаҳрудро карда найи қанд.
Ҳамон равнақ зи хубӣ-ш он тарафро,
Ки аз борони найсонӣ садафро.
Абир арзон зи ҷаъди мушкбезаш,
Шакар қурбони лаъли шаҳдхезаш.
Зи бас ханда, ки шаҳдаш бар шакар зад,
Ба Хузистон шуд афғони табарзад.
Қади чун сарваш аз девони шоҳӣ
Ба гулбун дода ташрифи сипоҳӣ.
Чу гул бар наргисаш карда назора,
Ба дандон карда худро пора-пора.
Суман, к-аз хоҷагӣ бар гул задӣ дӯш,
Ғуломи он буногӯш аз буни гӯш.

## ШЕР КУШТАНИ ХУСРАВ ДАР БАЗМГОҲ

Малик азми тамошо кард рӯзе,
Назаргоҳаш чу Ширин дилфурӯзе.
Касеро, к-ончунон дилхоҳ бошад,
Ҳама ҷое тамошогоҳ бошад!
Зи сабза ёфтанд оромгоҳе,
Ки ҷуз савсан наруст аз вай гиёҳе,

Дар ин саҳни биҳиштӣ ҷой карданд,
Маликро боргаҳ барпой карданд.
Канизону ғуломон гирди хиргоҳ,
Сурайёвор гирди хирмани моҳ.
Нишаста Хусраву Ширин ба як ҷой,
Зи дур овехта дурӣ ба як пой.
Суроҳиҳои лаъл аз дасти соқӣ
Ба ханда гуфт:– «Бод ин айш боқӣ!»
Шаробу ошиқӣ ҳамдаст гашта,
Шаҳаншаҳ з-ин ду май сармаст гашта.
Баромад тунд шери бешапарвард,
Ки аз дунбол мезад бар ҳаво гард.
Чу бадмастон ба лашкаргаҳ дарафтод,
В-аз ӯ лашкар ба якдигар барафтод.
Фароз омад ба гирди боргаҳ танг,
Ба тундӣ кард сӯи Хусрав оҳанг.
Шаҳ аз мастӣ шитоб овард бар шер,
Ба якто пираҳан бе диръу шамшер.
Камонкаш кард муште то буногӯш,
Чунон бар шер зад, к-аз шер шуд ҳуш.
Бифармудаш пас он гаҳ сар буридан
Зи гардан пӯсташ берун кашидан.
В-аз он пас расми шоҳон шуд, ки пайваст,
Бувад дар базмгаҳшон теғ бар даст.
Агарчи шерпайкар буд Парвиз,
Малик буду малик бошад гаронхез.
Зи мастӣ кард бо шер он далерӣ,
Ки номи мастӣ омад шергирӣ.
Ба дастовези шерафкандани шоҳ
Маҷоли дастбӯсӣ ёфт он моҳ.
Даҳон аз бӯса чун ҷуллоб тар кард,
Зи бӯса дасти шаҳро пуршакар кард.
Малик бар тунги шаккар мӯҳр бишкаст,
Ки шаккар дар даҳон бояд, на дар даст.
Лабаш бӯсиду гуфт:– «Ин ангубин аст»,
Нишон додаш, ки ҷои бӯса ин аст.
Нахустин пайк бурдӣ шаккарин ҷом,
Ки аз Хусрав ба Ширин бурд пайғом.
Агарчи кард сад ҷоми дигар нӯш,
Нашуд ҷоми нахустинаш фаромӯш.
Мае, к-аввал қадаҳ ҷом оварад пеш,
Зи сад ҷоми дигар дорад баҳо беш.

Май аввал ҷоми софихез бошад,
Ба охир ҷоми дурдомез бошад.
Гуле, к-аввал барорад тарфи ҷӯяш,
Фузун бошад зи сад гулзор бӯяш.
Дуре, к-аввал шикам бошад садафро,
Зи лӯлӯ бишканад бисёр сафро.
Зи ҳар хӯрде, ки таъми нӯш дорад,
Ҳаловат бештар сарҷӯш дорад.
Ду ошиқ чун чунон шарбат чашиданд,
Инон пайваста аз заҳмат кашиданд.
Чу як дам ҷои холӣ ёфтандӣ,
Чу ширу май ба ҳам бишкофтандӣ.
Чу дузде, к-ӯ ба гавҳар даст ёбад,
Пас он гаҳ посбонро маст ёбад,
Ба чашме поси душман доштандӣ,
Ба дигар чашм райҳон коштандӣ.
Чу фурсат даркашидӣ хасмро мил,
Рабудандӣ яке бӯса ба таъҷил.
Санам то шармгин будию ҳушёр,
Набудӣ бар лабаш симурғро бор.
Дар он соат, ки аз май маст гаштӣ,
Ба бӯса бо малик ҳамдаст гаштӣ.
Чунон тангаш кашидӣ шаҳ дар оғӯш,
Ки кардӣ қоқумашро парниёнпӯш.
Зи бас, к-аз гоз нилаш баркашидӣ,
Зи барги гул бунафша бардамидӣ.
Зи шарми он кабудиҳо-ш бар моҳ,
Ки маҳро худ кабуд омад гузаргоҳ.
Агар ҳушёр, агар сармаст будӣ,
Сапедобаш чу гул дар даст будӣ.

## АФСОНА ГУФТАНИ ХУСРАВУ ШИРИН ВА ШОПУРУ ДУХТАРОН

Фурӯзанда шабе равшантар аз рӯз,
Ҷаҳон равшан ба маҳтоби шабафрӯз.
Шабе боди Масеҳо дар димоғаш,
На он боде, ки биншонад чароғаш.
Зи торикӣ дар он шаб як нишон буд,
Ки Оби Зиндагӣ дар вай ниҳон буд.

Саводе на бар он шабгун иморӣ,
Ҷуз он исмат, ки бошад пардадорӣ.
Сабо гард аз ҷабини ҷон зудуда,
Ситора субҳро дандон намуда.
Шабе буд аз дари мақсудҷӯӣ,
Мурод он шаб зи модар зод гӯӣ.
Аз ин сӯ Зуҳра дар гавҳаргусастан,
В-аз он сӯ маҳ ба марворид бастан.
Замин дар мушк паймудан ба харвор,
Ҳаво дар ғолия судан садафвор.
Зи мушкафшонии боди тарабнок
Абиромез гашта нофаи хок.
Димоғи олам аз боди баҳорӣ
Ҳаворо сохта уди қиморӣ.
Самои Зуҳра шабро даргирифта,
Маҳи якҳафта нисфе баргирифта.
Сурайё бар надимӣ хос гашта,
Аторуд бар уфуқ раққос гашта,
Ҷарасҷунбонии мурғони шабхез
Ҷарасҳо баста дар мурғи шабовез.
Даду дом аз нишоти донаи хеш
Ҳама мутриб шуда дар хонаи хеш.
Агарчи мухталифовоз буданд,
Ҳама бо сози шаб дамсоз буданд.
Малик бар тахти Афридун нишаста,
Дил андар қиблаи Ҷамшед баста,
Фурӯғи рӯи Ширин дар димоғаш,
Фароғат дода аз шамъу чароғаш.
Насими сабзаву бӯи раёҳин
Паём оварда аз Хусрав ба Ширин,
К-аз ин хуштар шабе хоҳад расидан?
В-аз ин шодобтар бӯе дамидан?
Чаро чандин висол аз дур бинем,
Агар нурем, то дар нур бинем.
В-агар хунем, хунат чун наҷӯшад
В-агар ҷӯшад, ба ман-бар чанд пӯшад?
Ҳавое мӯътадил, чун хуш нахандем,
Танӯре гарм, нон чун дарнабандем?
На ҳар рӯзе зи нав рӯяд баҳоре,
На ҳар соат ба дом ояд шикоре.

Ба ақл он беҳ, ки рӯзӣ хӯрда бошад,
Ки бешак кори карда, карда бошад.
Басо нон, к-аз паи сайёд бурданд,
Чу дидӣ, моҳию мурғон-ш хӯрданд.
Масал зад гург, чун рӯбаҳ дағо буд,
Талаб ман кардаму рӯзӣ туро буд.
Аз ин фикрат, ки бо он моҳ мерафт,
Чу моҳ он офтоб аз роҳ мерафт.
Дигар раҳ девро дар банд медошт,
Фаришташ бар сари савганд медошт.
Аз ин сӯ тахти шоҳаншаҳ ниҳода,
Вашоқе чанд бар пой истода.
Ба хидмат пеши тахти шоҳ Шопур,
Чу пеши ганҷи бодовард, ганҷур.
В-аз он сӯ офтоби бутпарастон
Нишаста гирди ӯ даҳ норпистон:
Фарангису Суҳайли сарвболо,
Аҷабнӯшу Фалакнозу Ҳумайло,
Ҳумоюну Сумантурку Паризод,
Хутанхотуну Гавҳармулку Дилшод.
Гулобу лаълро бар кор карда,
Зи лаълӣ рӯй чун гулнор карда.
Чу мастӣ хони шарм аз пеш бардошт,
Хирад роҳи висоқи хеш бардошт.
Малик фармуд, то ҳар дилситоне
Фурӯ гӯяд ба навбат достоне.
Нишаста лаълдорони қасабпӯш
Қасаб бар моҳ баста,лаъл бар гӯш.
Зи ғамза тиру аз абрӯ камонсоз,
Ҳама борикбину ростандоз.
Зи шаккар ҳар яке тунге кушода,
Зи Ширин бар шакар тангӣ ниҳода.

## МАСАЛ ГУФТАНИ ДУХТАРОНИ ШИРИН

Фарангис аввалин маркаб равон кард,
Ки давлат дар замин ганҷе ниҳон кард.
Аз он давлат Фаридуне хабар дошт,
Заминро боз кард,он ганҷ бардошт.
Суҳайли симтан гуфто:– «Тазарве
Ба бозе буд дар поёни сарве.

Фуруд омад яке шоҳин ба шабгир,
Тазарви нозанинро кард нахчир».
Аҷабнӯши шакарпосух чунин гуфт,
Ки анбарбӯ гуле дар боғ бишкуфт.
Биҳиштӣ мурғе омад сӯи гулзор,
Рабуд он анбарин гулро ба минқор.
Аз он беҳ достоне зад Фалакноз,
Ки моро буд як чашм аз ҷаҳон боз.
Ба мо чашме дигар кард ошноӣ,
Дубеҳ бинад зи чашме рӯшноӣ.
Ҳумайло гуфт:– «Обе буд равшан,
Равон гашта миёни сабзгулшан.
Ҷавоншере баромад ташна аз роҳ,
Бад-он чашма даҳон тар кард ногоҳ».
Ҳумоюн гуфт:– «Лаъле буд конӣ
Зи ғоратгоҳи байёъон ниҳонӣ,
Даромад давлати шоҳӣ ба тороҷ,
Ниҳод он лаълро бар гӯшаи тоҷ».
Сумантурки суман баргуфт:– «Як рӯз
Ҷудо гашт аз садаф дурри шабафрӯз.
Фалак дар иқди шоҳӣ банд кардаш,
Ба ёқуте дигар пайванд кардаш».
Паризоди парирух гуфт:– «Моҳе
Ба бозӣ буд дар нахчиргоҳе.
Баромад офтобе з-осмон беш,
Кашид он моҳро дар чанбари хеш».
Хутанхотун чунин гуфт аз сари ҳуш,
Ки танҳо буд шамшоде қасабпӯш.
Бар-ӯ пайваст ногаҳ сарве озод,
Ки хуш бошад ба як ҷо сарву шамшод.
Забон бикшод Гавҳармулки дилбанд,
Ки Зуҳра низ танҳо буд якчанд.
Саодат баркушод иқболро даст,
Қирони Муштарӣ дар Зуҳра пайваст.

## МАСАЛ ГУФТАНИ ШОПУР

Чу омад дар сухан навбат ба Шопур,
Суханро тоза кард аз ишқ маншур,
Ки Ширин ангубине буд дар ҷом,
Шаҳаншаҳ равғани ӯ шуд саранҷом.

Ба рангомезии санъат ман онам,
Ки дар ҳалвои эшон заъфаронам.
Пас он гаҳ кардашон дар паҳлавӣ ёд,
Ки аҳсан-т, эй ҷаҳонпаҳлав, ду ҳамзод!
Ҷаҳонро ҳар ду чун равшан дурахшед,
Зи якдигар мабурреду малахшед!

## МАСАЛ ГУФТАНИ ШИРИН

Сухан чун бар лаби Ширин гузар кард,
Ҳаво пурмушку саҳро пуршакар кард.
Зи шарм андар замин медиду мегуфт,
Ки дил беишқ буду ёр беҷуфт.
Чу Шопур омад андар чораи кор,
Диламро пора кард он пораи кор.
Қазои ишқ агарчи сарнабишт аст,
Маро ин сарнабишт ӯ дарнабиштаст.
Чу сарришта суи ин нақши зебост,
Зи сурхӣ нақши рӯям нақши дебост.
Маро, к-аз дасти Хусрав нуқлу ҷом аст,
На Кайхусрав, Панохусрав ғулом аст.
Сарам аз сояи ӯ тоҷвар бод,
Надимаш бахту давлат роҳбар бод!

## МАСАЛ ГУФТАНИ ХУСРАВ

Чу давр омад ба Хусрав гуфт:– «Боре
Сияҳшере буд андар марғзоре.
Гавазне бар раҳи шер ошён кард,
Расан дар гардани шери жиён кард.
Ман он шерам, ки Ширинам ба нахчир
Ба гардан барниҳод аз зулф занҷир.
Агар Ширин набошад дастгирам,
Чу шамъ аз тобиши боде бимирам.
В-агар шери жиён ояд ба ҳарбам,
Чу Ширин сӯи ман бошад, бичарбам».
Ҳарифон ҷинсу ёрон аҳл буданд,
Ба ҳар ҳарфе, ки мешуд, даст суданд.
Дили маҳрам бувад чун тахтаи хок,
Бар ӯ дасте занӣ,ҳолӣ шавад пок.

Дигар раҳ табъи Ширин гармтар гашт,
Дилаш дар кори Хусрав нармтар гашт.
Қадаҳ пурбода карду лаъл пурнӯш,
Ба Хусрав дод, к-инро нӯш кун, нӯш.
Бихӯр, к-ин ҷоми ширин нӯш бодат,
Ба ҷуз Ширин ҳама фармӯш бодат!
Малик чун гул шудӣ ҳар дам шукуфта,
Аз он лаъли насуфта лаъл суфта.
Гаҳе гуфт:– «Эй қадаҳ, шаб рахт бандад,
Ту бигрӣ талх, то Ширин бихандад».
Гаҳе гуфт:– «Эй саҳар манмой дандон,
Маханд, офоқро бар ман махандон».
Ба дасти он бутони маҷлисафрӯз
Сипеҳр ангуштарӣ мебохт то рӯз.
Бибурд ангуштарӣ чун субҳ, бархост,
Ки бар бонги хурӯс ангуштарӣ хост.
Бутон чун ёфтанд аз хуррамӣ баҳр,
Шуданд аз соҳати саҳро суи шаҳр.
Ҷаҳон хӯрданду як ҷав ғам нах (в)арданд,
Зи шодӣ коҳбарге кам накарданд.
Чу омад шишаи хуршед бар санг,
Ҷаҳон бар халқ шуд чун шишаи танг,
Дигар раҳ шишаи май баргирифтанд,
Чу шиша бодаҳо бар сар гирифтанд.
Ба он шишадилон аз турктозӣ
Фалакро пеша гашта шишабозӣ.
Ба май хӯрдан тараброо тоза карданд,
Ба ишрат ҷони шабро тоза карданд.
Ҳамон афсонаи дӯшина гуфтанд,
Ҳамон лаъли парандӯшина суфтанд.
Дили Хусрав зи ишқи ёр пурҷӯш,
Ба ёди нӯшлаб мекард май нӯш.
Маи рангин, зиҳӣ товуси бемор,
Лаби Ширин,зиҳӣ хурмои бехор!
Ниҳода бар яке каф соғари мул,
Гирифта бар дигар каф дастаи гул.
Аз он май хӯрду з-он гул бӯй бардошт,
Паи дил ҷустани дилҷӯй бардошт.
Шароби талх дар ҷонаш асар кард,
Ба ширинӣ суи Ширин назар кард.

Ба ғамза гуфт бо ӯ нуктае чанд,
Ки буд аз бӯса лабҳоро забон банд.
Ҳам аз роҳи ишоратҳои фаррух
Ҳадиси хештанро ёфт посух.
Суханҳо дар карашма мениҳуфтанд,
Ба нӯки ғамза гуфтанд, он чи гуфтанд.
Ҳама шаб посбонӣ пеша карданд,
Басе шабро дар ин андеша карданд.
Зи гармӣ рӯи Хусрав хай гирифта,
Сабӯҳи хуррамиро пай гирифта,
Ки Ширинро чӣ гуна маст ёбад,
Бар он тунги шакар чун даст ёбад?
Намеафтод фурсат дар миёна,
Ки тири Хусрав афтад бар нишона.
Дили шодаш ба дидори дилафрӯз
Тараб мекарду хуш мебуд то рӯз.
Чу бар шабдизи шаб гулгуни хуршед
Ситом афканд чун гулбарг бар бед,
Маҳу хуршед дил дар сайд бастанд,
Ба Шабдизу ба Гулгун барнишастанд,
Шуданд аз марзи Муқон сӯи Шаҳрӯд,
Бино карданд шаҳре аз маю руд.
Гаҳе бар гирди шат бастанд занҷир,
Зи мурғу моҳӣ афканданд нахчир.
Гаҳе бар фурзаи нӯшоби Шаҳрӯд
Ҷаҳон пурнӯш карданд аз маю руд.
Гаҳе ронданд сӯи дашти Мандур,
Тиҳӣ карданд дашт аз оҳуву гӯр.
Бад-ин сон рӯзҳо тадбир карданд,
Гаҳе ишрат, гаҳе нахчир карданд.
Арӯси шаб чу нақш афканд бар даст,
Ба шаҳророӣ анҷум килла барбаст.
Арӯси шоҳ низ аз ҳаҷла бархост,
Ба рӯи хештан маҷлис биёрост.
Арӯсони дигар бо ӯ шуда ёр,
Ҳама маҷлис арӯсу шоҳ бекор.
Шакар бисёру бодом андаке буд,
Кабӯтар беҳаду шоҳин яке буд.
Ҳама бар ёди Хусрав май гирифтанд,
Паёпай хушдилиро пай гирифтанд.

Шабе бе руду ромишгар набуданд,
Замоне бе маю соғар набуданд.
Маю маъшуқу гулзору ҷавонӣ,
Аз ин хуштар набошад зиндагонӣ!
Тамошои гулу гулзор кардан,
Маи лаъл аз кафи дилдор х(в)ардан,
Ҳамоил дастҳо дар гардани ёр,
Дарахти норван печида бар нор,
Ба дасте домани ҷонон гирифтан,
Ба дигар даст набзи ҷон гирифтан,
Гаҳе ҷустан ба ғамза чорасозӣ,
Гаҳе кардан ба бӯса нардбозӣ,
Гаҳ овардан баҳори нав дар оғӯш,
Гаҳе бастан бунафша бар баногӯш,
Гаҳе дар гӯши дилбар роз гуфтан,
Гаҳе ғамҳои дилпарвоз гуфтан,
Ҷаҳон ин асту ин худ дар ҷаҳон нест
В-агар ҳаст, эй аҷаб, ҷуз як замон нест!

## ОЗУРДАНИ ХУСРАВ АЗ ШИРИН ВА РАФТАН БА ҶОНИБИ РУМ

Шабе аз ҷумла шабҳои баҳорӣ
Саодат рух намуду бахт ёрӣ.
Шуда шаб равшан аз маҳтоб чун рӯз,
Қадаҳ бардошта моҳи шабафрӯз.
Дар он маҳтоби равшантар зи хуршед
Шуда бода равон дар сояи бед.
Сафири мурғу нӯшонӯши соқӣ
Зи дилҳо бурда андӯҳи фироқе.
Шамома бо шамоил роз мегуфт,
Сабо тафсири оят бозмегуфт.
Саҳисарве равон бар ҳар каноре,
Зи ҳар сарве шукуфта навбаҳоре.
Яке бар ҷои соғар даф гирифта,
Яке гуллобдон бар каф гирифта.
Чу давре чанд рафт аз ҷоми нӯшин,
Гарон шуд ҳар саре аз хоби дӯшин.
Ҳарифон аз нишастан маст гаштанд,
Ба рафтан бо малик ҳамдаст гаштанд.

Хумори сиқиён афтода дар тоб,
Димоғи мутрибон печида дар хоб.
Муҳайё маҷлисе бе гарди ағёр,
Ба ном эзид гуле бе заҳмати хор!
Шаҳ аз роҳи шикебоӣ гузар кард,
Шикори орзуро тангтар кард.
Сари зулфи гиреҳгири дилором
Ба даст оварду раст аз дасти айём.
Лабаш бӯсиду гуфт:– «Эй ман ғуломат,
Бидеҳ дона, ки мурғ омад ба доmат.
Ҳар он ч-аз умри пешин рафт, гӯ, рав,
Кунун рӯз аз нав асту рӯзӣ аз нав.
Ману ту, ҷуз ману ту кист ин ҷо?
Ҳазар кардан зи баҳри чист ин ҷо?
Яке соат мани дилсӯзро бош,
Агар рӯзе будӣ, имрӯзро бош.
Ба сони мевадори нобарӯманд,
Умеди мову тақсири ту то чанд?
Агар худ пуле аз санги кабуд аст,
Чу беоб аст, пул з-он рӯи рӯд аст.
Саги қассобро дар паҳлӯи меш
Ҷигар бошад, валек аз паҳлуи хеш.
Басо абре, ки бандад киллаи мушк,
Ба ишва боғи деҳқонро кунад хушк.
Басо шӯразамин, к-аз обнокӣ
Даҳони ташнагонро кард хокӣ.
Чӣ бояд заҳр дар ҷоме ниҳодан,
Зи ширинӣ бар ӯ номе ниҳодан?
Ба тарки лӯлӯи тар чун тавон гуфт,
Ки лӯлӯро ба таррӣ беҳ тавон суфт?
Бара дар ширмастӣ хӯрд бояд,
Ки чун пухта шавад, гургаш рабояд.
Кабӯтарбачча чун ояд ба парвоз,
Зи чанги шаҳ фитад дар чангули боз.
Ба сарпанҷа машав чун шер сармаст,
Ки моро панҷаи шерафкане ҳаст.
Гавазни кӯҳ агар гарданфароз аст,
Каманди чораро бозу дароз аст.
Гар оҳуи биёбон гармхез аст,
Сагони шоҳро так низ тез аст.

Мазан чандин гиреҳ бар зулфу холат,
Закоте деҳ қазогардони молат.
Чу нили хешро ёбӣ харидор,
Агар дар Нил бошӣ, боз кун бор».

## ПОСУХИ ШИРИН

Шакарпосух ба лутф овоз додаш,
Ҷавобе чун табарзад боздодаш,
Ки фаррух н-ояд аз чун ман ғуборе,
Ки ҳамтахтӣ кунад бо тоҷдоре.
Хари худро чунон чобук набинам,
Ки бо тозисаворе барнишинам.
Наям чандон шигарф андар саворӣ,
Ки орам пой дар шери шикорӣ.
Агар нозе кунам, мақсудам он аст,
Ки дар гармӣ шакар хӯрдан зиён аст.
Чу з-ин гармӣ баросоем якчанд,
Маро шаккар муборак, шоҳро қанд.
В-аз ин пас бар ақиқ алмос медошт,
Зумуррадро ба афъӣ пос медошт.
Сараш гар саркаширо раҳнамун буд,
Тақозои дилаш, ё раб, ки чун буд?!
Шуда аз сурхрӯӣ тез чун хор,
Хушо хоре, ки орад сурхгул бор!
Ба ҳар мӯе, ки тундӣ дошт чун шер,
Ҳазорон мӯи қоқум дошт дар зер.
Камони абруяш гар шуд гиреҳгир,
Карашма бар ҳадаф меронд чун тир.
Синон дар ғамза, к-омад навбати ҷанг,
Ба ҳар ҷанге-дараш сад оштӣ ранг.
Намак дар ханда, к-ин лаброп макун реш,
Ба ҳар лафзи «макун»-дар сад «бикун» беш.
Қасаб бар рух, ки гар нӯшам ниҳон аст,
Буногӯшам ба хӯрда дар миён аст.
Аз ин сӯ ҳалқаи лаб карда хомӯш,
Зи дигар сӯ ниҳода ҳалқа дар гӯш.
Ба чашме ноз беандоза мекард,
Ба дигар чашм узре тоза мекард.
Чу сар печид, гесӯ маҷлис орост,
Чу рух гардонд, гардан узри он хост.

Чу Хусравро ба хоҳиш гармдил ёфт,
Мурувватро дар он бозӣ хиҷил ёфт.
Намуд андар ҳазимат шоҳро пушт,
Ба гӯгирди сафед оташ ҳамекушт.
Бад-он пуштӣ чу пушташ монд вопас,
Ки рӯи шоҳ пуштибони ман бас.
Ғалат гуфтам, намудаш тахтаи оҷ,
Ки шаҳро низ бояд тахт бо тоҷ.
Ҳисоби дигар он будаш дар ин кӯй,
Ки пуштам низ меҳроб аст чун рӯй.
Дигар ваҷҳ он, ки гар ваҷҳе шуд аз даст,
Аз он равшантарам ваҷҳе дигар ҳаст.
Чӣ хуш нозест нози хубрӯён,
Зи дидарондаро дар дида ҷӯён.
Ба чашме тирагӣ кардан, ки бархез,
Ба дигар чашм дил додан, ки магрез.
Ба сад ҷон арзад он рағбат, ки ҷонон –
Нахоҳам гӯяду хоҳад ба сад ҷон.

## ПОСУХ ДОДАНИ ХУСРАВ ШИРИНРО

Чу Хусрав дид, к-он моҳи ниёзӣ
Нахоҳад кардан ӯро чорасозӣ,
Ба густохӣ даромад, к-эй дилором,
Гувожа чанд хоҳӣ зад, биёром.
Чу май хӯрдию май додӣ ба ман бор,
Чаро бояд, ки ман мастам, ту ҳушёр?
Ба ҳушёрӣ машав бо ман, ки мастӣ,
Чу ман бедил наӣ? Ҳаққо, ки ҳастӣ!
Туро ин кабкбишкастан чӣ суд аст,
Ки бози ишқ кабкатро рабудаст?
В-агар хоҳӣ, ки дар дил роз пӯшӣ,
Шикебат бод, то бо дил бикӯшӣ.
Ту низ андар ҳазимат бӯқ мезан,
Зи чоҳе хайма бар Айюқ мезан,
Дар ин савдо, ки бо шамшери тез аст,
Силоҳи гарданафрозон гурез аст.
Ту худ донӣ, ки дар шамшербозӣ
Ҳалоки сар бувад гарданфарозӣ.
Дилат гарчи ба дилдорӣ накӯшад,
Бигӯ, то ишварангӣ мефурӯшад.

Бигӯяд, дӯстам в-ар х(в)ад набошад,
Маро нек афтад, ӯро бад набошад.
Басе фол аз сари бозича бархост,
Чу ахтар мегузашт, он фол шуд рост.
Чи некӯ фол зад соҳибмаонӣ,
Ки худро фоли некӯ зан, чу донӣ.
Бад ояд фол, чун бошӣ бадандеш,
Чу гуфтӣ нек, нек ояд фаро пеш.
Маро аз лаъли ту бӯсе тамом аст,
Ҳалолам кун, ки он низам ҳаром аст.
В-агар хоҳӣ, ки лаб з-ин низ дӯзам,
Бад-ин гармӣ на, к-он гоҳе бисӯзам.
Аз он тарсам, ки фардо рух харошӣ,
Ки чун ман ошиқеро кушта бошӣ.
Туро ҳам хуни ман доман бигирад,
Ки хуни ошиқон ҳаргиз намирад.
Гирифтам, рои дамсозӣ надорӣ,
Ба бӯсе ҳам сари бозӣ надорӣ?
Надорам заҳраи бӯси лабонат,
Чӣ бӯсам? Остин ё остонат?
Нагӯям, бӯсаро мирӣ ба ман деҳ,
Лабатро чошнигирӣ ба ман деҳ.
Бидеҳ як бӯса, то даҳ воситонӣ,
Аз ин беҳ чун бувад бозоргонӣ?!
Чу бозургони сад хирвор қандӣ,
Беҳ, ар бо ман ба қанде дар набандӣ.
Чу бикшой,кушояд банд бар ту,
Фурӯ бандӣ, фурӯ банданд бар ту.
Чу саққо оби чашма беш резад,
Зи чашма, к-об хезад, беш хезад.
Дар оғӯшат кашам чун об дар меғ,
Маро ҷонӣ ту, бо ҷон чун занам теғ?
Сари зулфи ту чун ҳиндуи нопок
Ба рӯзи пок рахтамро барад пок.
Ба дуздӣ ҳиндуятро гар нагирам,
Чу ҳинду дузди нофармонпазирам.
Агарчи дузд бо сад даҳра бошад,
Чу бонгаш барзанӣ, безаҳра бошад.
Набуррад дузди ҳиндуро касе даст,
Ки бо дуздӣ ҷавонмардӣ-ш ҳам ҳаст.

Каманди зулфи худ дар гарданам банд,
Ба сайди лоғар имшаб бош хурсанд.
Ту дилхар бош, то ман ҷон фурӯшам,
Ту соқӣ бош, то ман бода нӯшам.
Шаби васлат лабе пурханда дорам,
Чароғи ошноӣ зинда дорам.
Ҳисоби ҳалқа хоҳад кард гӯшам,
Ту мехар банда, то ман мефурӯшам.
Шумори бӯса хоҳад буд корам,
Ту медеҳ бӯса, то ман мешуморам.
Биё, то аз дари давлат дароем,
Чу давлат хуш баромад, хуш бароем.
Як имшаб тоза дорем ин нафасро,
Ки бар фардо вилоят нест касро.
Ба нақд имшаб чу бо ҳам созгорем,
Назар бар насяи фардо чӣ дорем?
Макун бозӣ бад-он зулфи шикангир,
Ба ман бозӣ кун имшаб, дасти ман гир.
Ба ҷон омад дилам, дармони ман соз,
Канори худ ҳисори ҷони ман соз.
Зи ҷон ширинтарӣ, эй чашмаи нӯш,
Сазад, гар гирамат чун ҷон дар оғӯш.
Чу шаккар гар сарат бӯсам в-агар пой,
Ҳама ширинтар ояд ҷоят аз ҷой.
Ҳама тан дар ту ширинӣ ниҳуфтанд,
Ба кам коре туро Ширин нагуфтанд.
Дар ин шодӣ беҳ, ар ғамгин набошӣ,
На Ширин бошӣ, ар ширин набошӣ.

## ПОСУХИ ШИРИН ХУСРАВРО

Шакарлаб гуфт:– «Аз ин зинҳорхорӣ
Пушаймон шав, макун безинҳорӣ,
Ки шаҳро бад бувад зинҳор х(в)ардан,
Бад омад дар ҷаҳон бад кор кардан.
Маҷӯй обе, ки обамро бирезад,
Махоҳ он ком, к-аз ман барнахезад,
К-аз ин мақсуд бемақсуд гардам,
Ту оташ гаштаӣ, ман уд гардам.
Маро беишқ худ дил меҳрбон буд,
Чу ишқ омад, фасурда чун тавон буд?

Гар аз бозори ишқ андоза гирам,
Ба ту ҳар дам нишоте тоза гирам,
Валекин нард бо худ бохт натвон,
Ҳамеша бо хушӣ дарсохт натвон.
Ҷаҳон ниме зи баҳри шодкомист,
Дигар нима зи баҳри некномист.
Чӣ бояд табъро бадром кардан,
Ду некӯномро бадном кардан?
Ҳамон беҳтар, ки аз худ шарм дорем,
Бад-ин шарм аз Худо озарм дорем.
Зан афкандан набошад мардроӣ,
Худафкан бош, агар мардӣ намоӣ.
Ман он ширин дарахти обдорам,
Ки ҳам ҳалвову ҳам ҷуллоб дорам.
Нахуст аз ман қаноат кун ба ҷуллоб,
Ки ҳалво ҳам ту хоҳӣ хӯрд, маштоб.
Ба аввал шарбат аз ҳалво маяндеш,
Ки ҳалво пас бувад, ҷуллоб дар пеш.
Чу моро қанду шаккар дар даҳон аст,
Ба Хузистон чӣ бояд дарзадан даст?
Зулоли об чандоне бувад х(в)аш,
К-аз ӯ битвон нишонд ошӯби оташ.
Чу об аз сар гузашт, ояд зиёне
В-агар худ бошад Оби Зиндагонӣ.
Гар ин дил чун ту ҷононро нахоҳад,
Диле бошад, ки ӯ ҷонро нахоҳад.
Вале табкардаро ҳалво чашидан
Наярзад солҳо сафро кашидан».

## ЛОБА КАРДАНИ ХУСРАВ ПЕШИ ШИРИН

Малик чун дид, к-ӯ дар кор хом аст,
Забонаш тавсан асту табъ ром аст,
Ба лоба гуфт, к-эй моҳи ҷаҳонтоб,
Итоби дӯстон ноз аст, бартоб.
Савоб ояд, раво дорӣ, писандӣ,
Ки вақти дастгирӣ даст бандӣ?
Давидам, то ба ту дасте дарорам,
Ба даст орам туро, дасте барорам.
Чу мебинам кунун, зулфат маро баст,
Ту дар даст омадӣ, ман рафтам аз даст.

Нагӯям, дар вафо савганд бишкан,
Хуморамро ба бӯсе чанд бишкан.
Асиреро ба ваъда шод мекун,
Муборак мурдае озод мекун.
Зи боғи васл пургул кун канорам,
Чу донӣ, к-аз фироқат бар чӣ хорам.
Магар з-он гул гулоболуд гардам,
Ба бӯй аз гулситон хушнуд гардам.
Ту сармасту сари зулфи ту дар даст,
Агар хушдил нишинам, ҷои он ҳаст.
Чу бо ту май хӯрам, чун каш набошам,
Туро бинам, чаро дилх(в)аш набошам?
Камар заррин бувад, чун бо ту бандам,
Даҳан ширин шавад, чун бо ту хандам.
Гар аз ман мебурӣ чун мӯҳра аз мор,
Ман аз гул бозмемонам, ту аз хор.
Гар аз дарди сари ман мешавӣ фард,
Ман аз сар дур мемонам, ту аз дард.
Ҷигар хур, к-аз ту беҳ ёре надорам,
Зи ту хуштар ҷигархоре надорам.
Маро гар рӯи ту дилкаш набошад,
Дилам бошад, валекин х(в)аш набошад.
Агар дида шавад бар ту бадалгир,
Бувад дар дида кас, лекин ба тасғир.
В-агар ҷон гардад аз рӯят инонтоб,
Бувад ҷонро арӯсӣ, лек дар хоб.
Итобе гар бувад моро аз ин пас,
Миёнҷӣ дар миёна мӯи ту бас.
Чу лахте қиссаҳои хуш фурӯ гуфт,
Гирифта зулфи дилбар, хуш фурӯ хуфт.

## ДАМИДАНИ РӮЗ

Фалак чун ҷоми ёқутин равон кард,
Зи ҷуръа хокро ёқутсон кард,
Малик бархост, ҷоми бода дар даст,
Ҳанӯз аз бодаи дӯшина сармаст.
Ҳамон савдо гирифта доманашро,
Ҳамон оташ расида хирманашро.
Ҳавои гарм буду оташи тез,
Намекард аз гиёҳи хушк парҳез.

Гирифт он норпистонро чунон сахт,
Ки деборо фурӯ банданд бар тахт.
Басе кӯшид Ширин, то ба сад зӯр
Қазои шер гашт аз паҳлуи гӯр.
Маликро гарм дид аз беқарорӣ,
«Макун, - гуфто, - бад-ин сон гармкорӣ.
Чӣ бояд хештанро гарм кардан,
Маро дар рӯи худ бешарм кардан?
Чу ту гармӣ кунӣ, некӯ набошад,
Гуле, к-ӯ гарм шуд, хушбӯ набошад.
Чу бошад гуфтугӯи хоҷа бисёр,
Ба густохӣ падид ояд парастор.
Ба гуфтан бо парасторон чӣ кӯшӣ?
Сиёсат бояд ин ҷо ё хамӯшӣ.
Сутури подшоҳӣ то бувад ланг,
Ба душворӣ мурод ояд фаро чанг.
Чу рӯзи бенавоӣ бар сар ояд,
Муродат худ ба зӯр аз дар дарояд.
Набошад ҳеҷ ҳушёрӣ дар он маст,
Ки ғул бар пой дорад, ҷом дар даст.
Ту давлат ҷӯ, ки ман худ ҳастам, инак,
Ба даст ор он, ки ман дар дастам, инак.
Нахоҳам нақши бедавлат намудан,
Ману давлат ба ҳам хоҳем будан.
Зи давлатдӯстӣ ҷон бар ту резам,
Наям душман, ки аз давлат гурезам.
Тараб кун, чун дари давлат кушодӣ,
Махур ғам, чун ба рӯзи нек зодӣ.
Нахуст иқбол в-он гаҳ ком ҷустан,
Нашояд ганҷ бе ором ҷустан.
Ба сабре метавон коме харидан,
Ба ороме дилороме харидан.
Забон – он гаҳ сухан, чашм – он гаҳе нур,
Нахуст ангур в-он гаҳ оби ангур.
Ба гармӣ кори оқил бех нагардад,
Ба так, донӣ, ки буз фарбеҳ нагардад.
Дар ин оворагӣ н-ояд баруманд,
Ки созам бо муроди шоҳ пайванд.
Агар бо ту ба ёрӣ сар дарорам,
Ман он ёрам, ки аз корат барорам.

Ту мулки подшоҳиро ба даст ор,
Ки ман бошам, агар давлат бувад ёр,
Гарат бо ман хуш ояд ошноӣ,
Ҳаметарсам, ки аз шоҳӣ бароӣ.
В-агар хоҳӣ ба шоҳӣ бозпайваст,
Дареғо ман, ки бошам рафта аз даст!
Ҷаҳон дар насли ту мулке қадим аст,
Ба дасти дигарон айбе азим аст.
Ҷаҳон он кас барад, к-ӯ баршитобад,
Ҷаҳонгирӣ таваққуф барнатобад.
Ҳама чизе зи рӯи кадхудоӣ
Сукун бартобад, илло подшоӣ.
Агар дар подшоҳӣ бингарӣ тез,
Сабақ бурдаст аз азми сабукхез.
Ҷавонӣ дориву шериву шоҳӣ,
Сариву бо сарӣ соҳибкулоҳӣ.
Вилоятро зи фитна пой бикшой,
Яке раҳ дастбурди хеш бинмой.
Бад-ин ҳинду,ки рахтатро гирифта-ст,
Ба туркӣ тоҷу тахтатро гирифта-ст,
Ба теғ озурда кун таркиби ҷисмаш,
Магар ботил кунӣ сози тилисмаш,
Ки дасти хусравон дар ҷустани ком
Гаҳе бо теғ бояд, гоҳ бо ҷом.
Зи ту як теғ танҳо баргирифтан,
Зи шаш ҳадди ҷаҳон лашкар гирифтан.
Камар бандад фалак дар ҷанг бо ту,
Дарандозад ба душман санг бо ту.
Маро низ ар бувад, дасте намоям
В-агарна дар дуо дасте кушоям».

## РАФТАНИ ХУСРАВ АЗ ПЕШИ ШИРИН

Маликро гарм кард он оташи тез,
Чунон к-аз хашм шуд бар пушти Шабдиз.
Ба тундӣ гуфт:– «Ман рафтам, шабат х(в)аш,
Гарам дарё ба пеш ояд, гар оташ.
Худо донад, к-аз оташ барнагардам,
Зи дарё низ мӯе тар нагардам.
Чӣ пиндорӣ, ки хоҳам хуфт аз ин пас?
Ба тарки хоб хоҳам гуфт аз ин пас!

Заминро пили боло канд хоҳам,
Даба дар пои пил афканд хоҳам.
Шавам чун пилу н-орам сар ба болин,
На пиле, к-ӯ бувад пили сафолин.
Ба нодонӣ харе бурдам бар ин бом,
Ба доноӣ фуруд орам саранҷом.
Сабӯеро, ки донам сохт охир,
Тавонам бар замин андохт охир.
Маро бояд ба чашм оташ барафрӯхт,
Ба оташ сӯхтан бояд даромӯхт.
Маро ишқи ту аз афсар баровард,
Басо танро, ки ишқ аз сар баровард.
Маро гар шӯри ту дар сар набудӣ,
Сари шӯрида беафсар набудӣ.
Фикандӣ чун фалак дар сар камандам,
Раҳо кардӣ, чу кардӣ шаҳрбандам.
Нахустам бода додӣ, маст кардӣ,
Ба мастӣ-дар маро побаст кардӣ.
Чу гаштам маст, мегӯӣ, ки бархез,
Ба бадхоҳони ҳушёр андаровез.
Бале, хезам,даровезам ба бадҳоҳ,
Вале он гаҳ  ки берун оям аз чоҳ.
Бар он азмам, ки раҳ дар пеш гирам,
Шавам дунболи кори хеш гирам.
Бигирам панди ту дар ёд аз ин бор,
Бикӯшам, ҳар чӣ бодобод, аз ин бор.
Маро аз ҳоли худ огоҳ кардӣ,
Ба неку бад сухан кӯтоҳ кардӣ.
Ман аввал бас ҳумоюнбахт будам,
Ки ҳам бо тоҷу ҳам бо тахт будам.
Ба гирди олам овора-м ту кардӣ,
Чунин бадрӯзу бечора-м ту кардӣ.
Гарам нагрифтӣ андӯҳи ту фитрок,
Кадомин бодам овардӣ бад-ин хок?
Бале, то бо манат хуш буд якчанд,
Ҳадисат буд бо ман хуштар аз қанд.
Кунун, к-аз меҳри худ дурӣ-м додӣ,
Бибояд шуд, ки дастурӣ-м додӣ.
Ман аз кори шудан ғофил набудам,
Ки меҳмоне чунин баддил набудам.

Нишастам, то ҳаме хонам ниҳодӣ,
Равам, чун нон дар анбонам ниҳодӣ».
Пас он гаҳ пой бар гелӣ бияфшурд,
Зи роҳи Гелакон лашкар бадар бурд.
Дил аз Ширин ғуборангез карда,
Ба азми Рум рафтан тез карда.
Дар он раҳ рафтан аз ташвиши тороҷ,
Ба тарки тоҷ карда таркро тоҷ.
Зи бими теғи раҳдорони Баҳром
Зи раҳ рафтан набудаш як дам ором.
Уқоби чорпар, яъне ки дар зер,
Наҳанге дар миён, яъне ки шамшер.
Фарас меронд то руҳбони он дайр,
Ки ронд аз ахтарон бо ӯ басе сайр,
Бар он руҳбони дайр афтод роҳаш,
Ки доно хонд ғайбомӯзи шоҳаш.
Зи рояш рӯи давлатро барафрӯхт
В-аз ӯ бисёр ҳикматҳо биёмӯхт.
В-аз он ҷо то лаби дарё ба таъҷил
Дуаспа карда кӯче мил дар мил.
В-аз он ҷо низ якрон ронд яксар,
Ба Қустантания шуд сӯи Қайсар.
Азим омад, чу гашт он ҳол маълум,
Азимуррумро он фол дар Рум.
Ҳисоби толеъ аз иқбол кардаш,
Ба авни толеъ истиқбол кардаш.
Чу Қайсар дид, к-омад бар дараш бахт,
Бад-ӯ таслим кард он тоҷ бо тахт.
Чунон дар кеши Исо шуд бад-ӯ шод,
Ки духти хеш Марямро бад-ӯ дод.
Ду шаҳро дар зифофи хусравона
Фаровон шартҳо шуд дар миёна.
Ҳадиси он арӯсу шоҳи фаррух,
Ки аҳли Румро чун дод посух.
Ҳамон лашкар кашидан бо Ниётус
Чунон оростан чун парри товус.
Нагӯям, чун дигар гӯяндае гуфт,
Ки ман бедорам, ар пӯяндае хуфт.
Чу ман нархи касонро бишканам соз,
Касе нархи маро ҳам бишканад боз.

## ЛАШКАР КАШИДАНИ ХУСРАВ БА ҶАНГИ БАҲРОМ ВА ЗАФАР ЁФТАН

Чу рӯзе чанд шоҳ он ҷо тараб кард,
Ба ёрӣ хостан лашкар талаб кард.
Сипоҳе дод Қайсар бешумораш,
Ба зар чун зар муҳайё кард кораш.
Зи бас лашкар, ки бар Хусрав шуд анбӯҳ,
Равон шуд рӯи ҳомун кӯҳ дар кӯҳ.
Чу кӯҳи оҳанин аз ҷой ҷунбид,
Замин гуфтӣ, ки сар то пой ҷунбид.
Чиҳил-панҷаҳ ҳазорон марди корӣ
Гузин кард аз ялони корзорӣ.
Шабехун карду омад сӯи Баҳром,
Зиреҳро ҷома карду хӯдро ҷом.
Чу огаҳ гашт Баҳроми ҷаҳонгир,
Ба ҷанг омад, чу шер ояд ба нахчир.
Вале чун бахт рӯбоҳӣ намудаш,
Зи шерию ҷаҳонгирӣ чӣ судаш?
Ду лашкар рӯ ба рӯ ханҷар кашиданд,
Ҷаноҳу қалбро саф баркашиданд.
Таранги тиру чокочоки шамшер
Дарида мағзи пилу заҳраи шер.
Ғиреву кӯс дода мурдаро гӯш,
Димоғи зиндагонро бурда аз ҳуш.
Суми аспон зи оташ наъл баста,
Зи хун баргустувонҳо лаъл баста.
Саҳили тозиёни оташинҷӯш
Заминро рехта симоб дар гӯш.
Саворон теғи барқафшон кашида,
Ҳузаброн сар ба сар дандон кашида.
Аҷал бар ҷон каминсозӣ намуда,
Қиёматро яке бозӣ намуда.
Синон бар синаҳо сар тез карда,
Ҷаҳонро рӯзи растохез карда.
Зи бас найза, ки бар сар беша баста,
Ҳазиматро раҳи андеша баста.
Дар он беша на гӯр аз шер мараст,
На шер аз хӯрдани шамшер мараст.
Чунон мешуд ба зери диръҳо тир,
Ки зери пардаи гул боди шабгир.

Уқобони хаданги хунсиришта
Бароти каргасон бар пар навишта.
Зиреҳбурҳои аз заҳр обдода
Зиреҳпӯшони кинро хоб дода,
Зи мавҷи хун, ки бар мешуд ба Айюқ,
Пур аз хун гашта тосакҳои манҷуқ.
Ба сӯги найзаҳои сарфитода
Сабо гесӯи парчамҳо кушода.
Ба марги сарварони сарбурида
Замин ҷайб, осмон доман дарида.
Ҳамоил дарфиканда ҳар касе зер,
Яке шамшеру дигар захми шамшер.
Фурӯ баста дар он ғавғои туркон
Зи бонги нои туркӣ нои туркон.
Ҳарири сурхи байрақҳо кушода
Наистоне буд оташдарфитода.
На чандон теғ шуд бар хун шитобон,
Ки бошад регу санг андар биёбон.
На чандон тир шуд бар тарк резон,
Ки резад барг вақти баргрезон.
Ниҳода тахти шаҳ бар пушти пиле,
Кашида теғ гирдогирд миле.
Бузургуммед пеши пили сармаст
Ба соатсанҷӣ устурлоб дар даст,
Назар мекарду он фурсат ҳамеҷуст,
Ки бозори мухолиф кай шавад суст.
Чу вақт омад,маликро гуфт: - «Биштоб,
Муборак толеъ аст ин лаҳза, дарёб!
Ба натъи кина-бар чун пай фишурдӣ,
Дарафкан пилу шаҳрух зан, ки бурдӣ».
Малик дар чунбиш омад бар сари пил,
Суи Баҳром шуд ҷӯшанда чун Нил.
Бар ӯ зад пилпои хештанро,
Ба пои пил бурд он пилтанро.
Шикаст афтод бар хасми ҷаҳонсӯз,
Ба фаррухфол Хусрав гашт пирӯз.
Зи хун чандон равон шуд ҷӯй дар ҷӯй,
Ки хун мерафту сар мебурд чун гӯй.
Каманди румиён бар шакли занҷир,
Чу мӯи зангиён гашта гиреҳгир.

Ба ҳиндитеғ ҳар касро, ки диданд,
Сараш чун турраи ҳинду буриданд.
Димоғ ошуфта шуд баҳромиёнро
Чунон к-аз равшанӣ сарсомиёнро.
Зи чандоне халоиқ кас нараста,
Магар Баҳрому баҳре чанд хаста.
Зи шерӣ кардани Баҳрому зӯраш,
Ҷаҳон афканд чун Баҳроми Гӯраш.
Ҳар он сурат, ки худро чашмзад ёфт,
Зи чашми нек дидан чашми бад ёфт.
Надидам кас, ки худро диду нашкаст,
Дуруст он монд, к-ӯ аз чашми худ раст.
Чу аз Хусрав инон печид Баҳром,
Ба коми душманон шуд кому ноком.
Ҷаҳон хирман басе донад чунин сӯхт,
Мушаъбидро набояд бозӣ омӯхт.
Кадомин сарвро дод ӯ баландӣ,
Ки бозаш ҳам надод аз дардмандӣ?
Кадомин сурхгулро, к-ӯ бипарвард,
Надодаш оқибат ранги гули зард?
Ҳама луқма шакар натвон фурӯ бурд,
Гаҳе софӣ тавон хӯрдан, гаҳе дурд.
Чу шодирову ғамро ҷой рӯбанд,
Ба ҷое сар, ба ҷое пой кӯбанд.
Ба ҷое сози мутриб баркашад соз,
Ба ҷое мӯягар бардорад овоз.
Ҳар овозе, ки ҳаст аз созу аз сӯз,
Дар ин гунбад, ки мебинӣ ба як рӯз,
Танӯре сахт гарм аст ин алафхор,
Ту хоҳӣ, пургулаш кун, хоҳ пурхор.
Ҷаҳон бар аблақе тавсан савор аст.
Лагад хӯрдан аз ӯ ҳам дар шумор аст.
Фалак бар сабзхинге тундхез аст,
Зи роҳаш ақлро ҷои гурез аст.
Нашояд бар касе кард устуворӣ,
Ки нанмудаст бо кас созгорӣ.
Чу бар Баҳроми Чӯбин тунд шуд бахт,
Ба Хусрав монд ҳам шамшеру ҳам тахт.
Сӯи Чин шуд бар абрӯ чин сиришта,
Изо ҷоал қазо бар сар навишта.
Ситам танҳо на бар чун ӯ касе рафт,
Дар ин парда чунин бозӣ басе рафт.

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ХУСРАВ БОРИ ДУВУМ

Чу сар баркард моҳ аз бурҷи моҳӣ,
Маҳи Парвиз шуд дар бурҷи шоҳӣ.
Зи Савраш Зуҳра в-аз Харчанг Бирҷис
Саодат дода аз таслису тасдис.
Зи паргори Ҳамал хуршеди манзур
Ба Далв андар фиганда бар Зуҳал нур.
Уторид карда з-аввал хатти Ҷавзо,
Суи Миррихи шерафкан тамошо.
Занаб Миррихро мекарда дар кос,
Шуда чашми Зуҳал ҳамкосаи рос.
Бад-ин толеъ, к-аз ӯ пирӯз шуд бахт,
Малик биншаст бар пирӯзагун тахт.
Баровард аз сапедӣ то сиёҳӣ,
Зи мағриб то ба машриқ номи шоҳӣ.
Чу шуд кори мамолик барқарораш,
Қавитар гашт рӯз аз рӯзгораш.
Кашид аз хок тахте бар Сурайё,
Дар ӯ гавҳар ба киштӣ, дур ба дарё.
Чунон, к-аз бас гуҳарҳои ҷаҳонтоб
Ба шаб тобандатар будӣ зи маҳтоб,
Бар он тахти муборак шуд чу шерон,
Муборакбод гуфтандаш далерон.
Ҷаҳон хуррам шуд аз нақши нигинаш,
Фурӯ хонд офариниш офаринаш.
Зи акси ончунон равшанҷанобе
Хуросонро дарафзуд офтобе.
Шуд овози нишоту шодкомӣ
Зи Марви Шоҳҷон то Балхи Бомӣ.
Чу фаррух шуд бад-ӯ ҳам тахту ҳам тоҷ,
Даромад ғамзаи Ширин ба тороҷ.
На он ғамро зи дил шоист рондан,
На ғампардозро шоист хондан.
Ба ҳукми он ки Марямро нигаҳ дошт,
К-аз ӯ бар авҷи Исо пойгаҳ дошт.
Агарчи подшоҳӣ буду ганҷаш,
Зи беёрӣ паёпай буд ранҷаш.
Намегӯям тараб ҳосил намекард,
Тараб мекард, лек аз дил намекард.

Гаҳе қасди набиди хом кардӣ,
Гаҳе аз гиря май дар ҷом кардӣ.
Гаҳе гуфтӣ ба дил, к-эй дил, чӣ хоҳӣ
Зи олам? Ошиқӣ ё подшоҳӣ?
Ки ишқу мамлакат н-ояд ба ҳам рост,
Аз ин ҳар ду яке мебоядат хост.
Чӣ хуш гуфтанд шерон бо палангон,
Ки хар курра кунад ё роҳи Зангон.
Маро бо мамлакат гар ёр будӣ,
Дилам з-ин мулк бархурдор будӣ.
Бихаррам, гар фурӯшад бахти бедор,
Ба сад мулки Хутан як мӯи дилдор.
Шабе дар боғ будам хуфта бо ёр,
Ба болин барнишаста бахти бедор.
Чу бахтам хуфту ман бедор гаштам,
Бад-ин сон бедилу беёр гаштам.
Куҷо он нав ба нав маҷлис ниҳодан,
Биҳишти ошиқонро дар кушодан?
Нишастан бо парирӯёни чун нӯш,
Шаҳаншоҳи парирӯён дар оғӯш?
Куҷо Ширину он ширинзабонӣ,
Ба ширинӣ чу оби зиндагонӣ?
Куҷо он айшу он шабҳо нахуфтан,
Ҳама шаб то саҳар афсона гуфтан?
Куҷо он тоза гулбарги шакарбор,
Шакар чидан зи гулбаргаш ба харвор?
Арӯсиро бад-он рӯинҳисорӣ
Зи бозу сохтан симин иморӣ?
Гаҳаш чун гул ниҳодан рӯй бар рӯй,
Гаҳаш бастан чу сунбул мӯй бар мӯй?
Гаҳе мастӣ шикастан бар хумораш,
Гаҳе пинҳон кашидан дар канораш?
Гаҳе хӯрдан мае чун хуни бадхоҳ,
Гаҳе такя задан бар маснади моҳ?
Суханҳое, ки гуфтам, ё шунидам,
Хаёле буд ё хобе, ки дидам.
Маро гӯянд, хандон шав чу хуршед,
Ки андуҳ барнатобад ҷои Ҷамшед.
Даҳан пурхандаи хуш чун тавон кард,
Дар ӯ ё ханда гунҷад ё дами сард?

Киро ҷӯям, киро хонам ба фарёд?
Баҳоре буду бирбудаш зи ман бод.
Хаёл аз ноҷавонмардӣ ҳама рӯз
Ба ишва мефизояд бар дилам сӯз.
Зи бехасмӣ гар афзун гашт ганҷам,
Зи беёрӣ дарафзуда-ст ранҷам.
Ман он мурғам,ки афтодам ба ноком
Зи пашмин хона дар абрешимин дом.
Чу ман сӯи гулистон рой дорам,
Чӣ суд, ар банди зар бар пой дорам?
На банд аз пой мешояд буридан,
На бо ин банд мешояд паридан.
Ғами як тан маро худ нотавон кард,
Ғами чандин кас охир чун тавон х(в)ард?
Маро бояд, ки сад ғамхор бошад,
Чу ман сад ғам хӯрам, душвор бошад.
Зи хар баргираму бар худ ниҳам бор,
Харонро ханда меояд бад-ин кор.
Маҳу хуршедро бар фарши хокӣ
Зи ҷамъият расид ин тобнокӣ.
Парокандадилам, бенур аз онам,
Наям маҷмӯъ, дилранҷур аз онам.
Ситора низ ҳам райҳони боғанд,
Парокананд, аз он ноқис чароғанд.
Шарора з-он надорад партави шамъ,
Ки ин нури парокандасту он ҷамъ.
Нахоҳад дил, ки тоҷу тахт гирам,
Нахоҳам ман, ки бо дил сахт гирам.
Дили торикрӯзамро шаб омад,
Тани беморхезамро таб омад.
Намешуд муш дар сӯрохи каждум,
Ба ёрӣ ҷойрӯбе баст бар дум.
Сиёҳак буд зангӣ худ ба дидор,
Ба сурхӣ мезанад, чун гашт бемор.
Дигар раҳ бонг бар худ зад ба тундӣ,
Ки бо давлат нашояд кард кундӣ.
Чу давлат ҳаст, бахт ором гирад,
Зи давлат бо ту ҷонон ҷом гирад.
Сар аз давлат кашидан сарварӣ нест,
Ки бо давлат касеро доварӣ нест.

Кас аз бедавлатӣ коме наёбад,
Беҳ аз давлат фалак номе наёбад.
Ба давлат ёфтан шояд ҳама ком,
Чу дона ҳаст, мурғ ояд фаро дом.
Ту гандум кор, то ҳастӣ бар орад,
Гиё худ дар миён дасте барорад.
Ба ҳар коре-дар аз давлат бувад нур,
Ки бод аз кори мо бедавлатӣ дур!
Басе бархонд аз ин афсона бо дил,
Чу ишқ омад, куҷо сабру куҷо дил?
Сабурӣ кард бо ғамҳои дурӣ,
Ҳам охир шодмон шуд з-он сабурӣ.

## НОЛИДАНИ ШИРИН ДАР ҶУДОИИ ХУСРАВ

Чунин дар дафтар овард он сухансанҷ,
Ки бурд аз устодӣ дар сухан ранҷ,
Ки чун Ширин зи Хусрав бозпас монд,
Дилаш дар банду ҷонаш дар ҳавас монд.
Зи бодоми тар оби гул барангехт,
Гулобе бар гули бодом мерехт,
Ба сони гӯсфанди кушта бар ҷой
Фурӯ афтода, мезад даст бар пой.
Тан аз бетоқатӣ пардохта зӯр,
Дил аз тангӣ шуда чун дидаи мӯр.
Ҳаво бар бод дода хирманашро,
Гирифта хуни дида доманашро.
Чу зулфи хеш беором гашта,
Чу мурғе пойбанди дом гашта.
Шуда з-андешаи ҳиҷрони ёраш
Зи баҳри дида пургавҳар канораш.
Гаҳе аз пой меафтод чун маст,
Гаҳ аз бедод мезад даст бар даст.
Дилаш ҳарроқаи оташзане дошт,
Бад-он оташ сари дудафкане дошт.
Магар дудаш равад з-он сӯ, ки дил буд,
Ки афтад бар сари пӯшидаҳо дуд.
Кушода риштаи гавҳар зи дида,
Мижа чун ришта дар гавҳар кашида.

Зи хоб эмин, ҳавасҳои димоғаш,
Зи бехобӣ шуда чашму чароғаш.
Даҳан хушку лаб аз гуфтор баста,
Зи дида бар сари гавҳар нишаста.
Саҳисарваш чу барги бед ларзон,
Шуда з-ӯ нофа косид, нифа арзон.
Замоне бар замин афтод ғамнок,
Зи мушкинҷаъд мушк афшонд бар хок.
Чу насрин баркушода нохуне чанд,
Ба насрин барги гул аз лола меканд,
Гаҳе бар шаккар аз бодом зад об,
Гаҳе хойид фундуқро ба унноб.
Гаҳе чун гӯй ҳар сӯ медавидӣ,
Гаҳе бар ҷой чун чавгон хамидӣ.
Намак дар дидаи бехоб мекард,
Зи наргис лоларо сероб мекард.
Дарахте баршуда чун гунбади нур,
Гудозон гашт чун дар об кофур.
Баҳоре тоза чун рахшанда маҳтоб,
Зи ҳам бигсуст чун бар хок симоб.
Шабехуни ғам омад бар раҳи дил,
Шикаст афтод бар лашкаргаҳи дил.
Каминсозони меҳнат барнишастанд,
Язакдорони тоқатро шикастанд.
Зи бунгоҳи ҷигар то қалби сина
Ба ғорат шуд хазина бар хазина.
Ба сад ҷаҳд аз миён султони ҷон раст,
Валек он гаҳ, ки хидматро миён баст.
Гаҳе дилро ба нафрин ёд кардӣ,
Зи дил чун бедилон фарёд кардӣ.
Гаҳе бо бахт гуфтӣ, к-эй ситамгор,
Накардӣ, то туӣ, з-ин зишттар кор.
Муродеро, ки дил бар вай ниҳодӣ,
Ба даст овардию аз даст додӣ.
Фурӯ шуд ногаҳон поят ба ганҷе,
Зи даст афшондияш бе пойранҷе.
Баҳореро, ки дар бар вай кушодӣ,
Рабудӣ гул, ба дил хораш ниҳодӣ.
Чароғе, к-аз ҷаҳонаш баргузидӣ,
Туро доданду бодаш дардамидӣ.

Ба Оби Зиндагонӣ даст кардӣ,
Ниҳон шуд лоҷарам, к-аз вай нах(в)ардӣ.
Зи матбах баҳра ҷуз оташ набудат
В-аз он оташ нишоти х(в)аш набудат.
Аз он оташ баромад дудат акнун,
Пушаймонӣ надорад судат акнун.
Гаҳе фаррух суруши осмонӣ
Дилаш додӣ, ки ёбӣ комронӣ.
Гаҳе деви ҳавас мебурдаш аз роҳ
Ки мебоист рафтан бар паи шоҳ.
Чу бисёре дар ин меҳнат ба сар бурд,
Ҳам охир з-он миён киштӣ бадар бурд.
Ба сад зорӣ зи хоки роҳ бархост,
Зи бас хорӣ шуда бо хоки раҳ рост.
Ба даргоҳи Меҳинбону гузар кард,
Зи кори шоҳ бонуро хабар кард.
Дили бону мувофиқ шуд дар ин кор,
Насиҳат карду пандаш дод бисёр,
Ки собир шав дар ин ғам рӯзаке чанд,
Намонад ҳеҷ кас ҷовид дар банд.
Набояд тездавлат буд чун гул,
Ки оби тезрав зуд афканад пул.
Чу гӯй афтону хезон беҳ бувад кор,
Ки ҳар кас, к-ӯ фитад, хезад дигар бор.
Нарӯяд ҳеҷ тухме, то нагандад,
На коре баркушояд, то набандад.
Мурод он беҳ, ки дер ояд фаро даст,
Ки ҳар кас зудхур шуд, зуд шуд маст.
Набояд роҳрав, к-ӯ зуд ронад.
Ки ҳар к-ӯ зуд ронад, зуд монад.
Харе, к-ӯ шаст ман баргирад осон,
Зи шасту панҷ ман набвад ҳаросон.
Набинӣ абр, к-ӯ тундӣ намояд,
Бигиряд сахту он гаҳ баркушояд.
Бибояд сохтан бо сахтӣ акнун,
Кӣ донад кори фардо чун бувад, чун?
Басе дар кори Хусрав ранҷ дидӣ,
Басе хориву душворӣ кашидӣ.
Агар суде нахӯрдӣ з-ӯ, зиён нест,
Бувад нохӯрда яхнӣ, бок аз он нест.

Чу вақт ояд, ки об ояд фаро зер,
Намонад давлатат дар корҳо дер.
Бад аз нек он гаҳе ояд падидат,
Ки қуфл аз кор бикшояд калидат.
Басе дебо, ки ёбӣ сурху зардаш,
Кабуду азрақ ояд дар навардаш.
Басо дурҷо, ки бинӣ гардфарсой,
Бувад ёқут ё пирӯзаро ҷой.
Чу бону з-ин сухан лахте фурӯ гуфт,
Бути бесабр шуд бо собирӣ ҷуфт.
В-аз ин дар низ Шопури хирадманд
Ба кор овард бо ӯ нуктае чанд.
Дилашро дар сабурӣ банд карданд,
Ба ёди Хусраваш хурсанд карданд.
Шикебо шуд дар ин ғам рӯзгоре,
На дар тан дил, на дар давлат қароре.

## ВАСИЯТ КАРДАНИ МЕҲИНБОНУ ШИРИНРО

Меҳинбону дилаш додӣ шабу рӯз,
Бад-он, то нашканад моҳи шабафрӯз.
Яке рӯзаш ба хилват пеши худ хонд,
Ки умраш остин бар давлат афшонд.
Калиди ганҷҳо додаш, ки баргир,
Ки пешат мурд хоҳад модари пир.
Даромад кори андомаш ба сустӣ,
Ба беморӣ кашид аз тандурустӣ,
Чу рӯзе чанд бар вай ранҷ шуд чир,
Тан аз ҷон сер шуд, ҷон аз ҷаҳон сер.
Ҷаҳон аз ҷони ширинаш ҷудо кард,
Ба Ширин ҳам ҷаҳон, ҳам ҷон раҳо кард.
Фурӯ рафт офтобаш дар сиёҳӣ,
Буна дар хок бурд аз тахти шоҳӣ.
Чунин аст офаринишро вилоят,
Ки бошад ҳар баҳореро ниҳоят.
Наёмад шишае аз санг дар даст,
Ки боз он шишаро ҳам санг нашкаст.
Фиғон з-ин чарх, к-аз найрангсозӣ
Гаҳе шиша кунад, гаҳ шишабозӣ.

Ба аввал аҳд занбӯр ангабин кард,
Ба охир аҳд боз он ангабин х в)ард.
Бад-ин қолаб, ки бодаш дар кулоҳ аст,
Машав ғарра, ки муште хоки роҳ аст.
Зи боде, к-ӯ кулоҳ аз сар кунад дур,
Гиёҳ осуда бошад, сарв ранҷур.
Бад-ин хон, к-ӯ бино бар бод дорад,
Машав ғарра, ки бад бунёд дорад.
Чӣ мепечӣ дар ин доми гулӯпеч.
Ки ҷавзе пуда бинӣ дар миён ҳеч.
Чу рӯбоҳону харгӯшон манеҳ гӯш
Ба рӯбаҳбозии ин хобхаргӯш.
Басо шери шикору гурги ҷангӣ,
Ки шуд дар зери ин рӯбаҳпалангӣ.
Назар кардам зи рӯи таҷрибат, ҳаст
Хушиҳои ҷаҳон чун хориши даст.
Ба аввал дастро хориш х(в)аш афтад,
Ба охир даст бар даст оташ афтад.
Ҳамэдун ҷоми гетӣ хушгувор аст,
Ба аввал мастию охир хумор аст.
Раҳо кун ғам, ки дунё ғам наярзад,
Макун шодӣ, ки шодӣ ҳам наярзад.
Агар хоҳӣ ҷаҳон дар пеш кардан,
Шикамворе нахоҳӣ беш х(в)ардан.
Гарат сад ганҷ ҳаст, ар як дирам нест,
Насибат з-ин ҷаҳон ҷуз як шикам нест.
Ҳаме то пой дорад тандурустӣ,
Зи сахтиҳо нагирад табъ сустӣ.
Чу баргардад мизоҷ аз истиқомат,
Ба душворӣ ба даст ояд саломат.
Даҳон чандон намояд нӯшханде,
Ки ёбад дар табиат нӯшмандӣ.
Чу гирад ноумедӣ мардро гӯш,
Кунад роҳи раҳоиро фаромӯш.
Ҷаҳон заҳр асту хӯи талхнокаш,
Ба камхӯрдан тавон раст аз ҳалокаш.
Машав пурхора чун кирмон дар ин гӯр,
Ба кам хӯрдан камар дарбанд чун мӯр.
Зи кам хӯрдан касеро таб нагирад,
Зи пур хӯрдан ба рӯзе сад бимирад.

Ҳаром омад алаф тороҷ кардан,
Ба дору табъро мӯҳтоҷ кардан.
Чу бошад хӯрдани нон гулшакарвор,
Набошад табъро бо гулшакар кор.
Чу гулбун ҳар чӣ бигзорӣ, бихандад,
Чу хӯрдӣ, гар шакар бошад, бигандад.
Чу дунёро нахоҳӣ, чанд ҷӯӣ,
Бад-ӯ пӯӣ, бади ӯ чанд гӯӣ?
Ғами дунё касе дар дил надорад,
Ки дар дунё чу мо манзил надорад.
Дар ин саҳро касе , к-ӯ ҷойгир аст,
Зи муште обу нонаш ногузир аст.
Макун дилтангӣ, эй шахсат гиле танг,
Ки бад бошад гиле тангу диле танг.
Ҷаҳон аз номи он кас нанг дорад,
Ки аз баҳри ҷаҳон дил танг дорад.
Ғами рӯзӣ махур, то рӯз монад,
Ки худ рӯзирасон рӯзӣ расонад.
Фалак бо ин ҳама номусу найранг
Шабу рӯз аблақе дорад куҳанланг.
Бар ин аблақ, ки омад-шуд гузинад,
Чу ин омад фуруд, он барнишинад.
Дар ин селоби ғам, к-аз мо падар бурд,
Писар чун зинда монад, чун падар мурд!
Касе, к-ӯ хуни ҳиндуе бирезад,
Чу ворис бошад, он хун барнахезад.
Чӣ фарзандӣ ту бо ин турктозӣ,
Ки ҳиндуи падаркушро навозӣ.
Бизан тире бар ин кӯжи камонпушт,
Ки чандин пушт бар пушти туро кушт.
Фалакро то камон бе зеҳ нагардад,
Шикори кас дар ӯ фарбеҳ нагардад.
Гавазнеро, ки раҳ бар шер бошад,
Гиё дар зери по шамшер бошад.
Ту эмин чун шудӣ бар мондани хеш,
Ки дорӣ бод дар пас, чоҳ дар пеш.
Мабош эмин, ки ин дарёи хомӯш
Накарда-ст одамихӯрдан фаромӯш.
Кадомин рабъро бинӣ рабеъе,
К-аз он буқъа бурун н-ояд бақеъе?!

Ҷаҳон он беҳ, ки доно талх гирад,
Ки ширинзиндагонӣ талх мирад.
Касе, к-аз зиндагӣ бо дарду доғ аст,
Ба вақти марг хандон чун чароғ аст.
Сароне, к-аз чунин сар пурфусӯсанд,
Чу гул гарданзанонро даст бӯсанд,
Агар воиз бувад, гӯяд, ки чун коҳ
Ту бифкан, то манаш бардорам аз роҳ,
В-агар зоҳид бувад, садмарда кӯшад,
Ки ту берун кунӣ, то ӯ бипӯшад.
Чу н-омад дар ҷаҳон поянда чизе
Ҳама мулки ҷаҳон н-арзад пашизе.
Раҳоварди адам раҳтӯшаи хок
Сиришти софӣ омад гавҳари пок.
Чунин гуфтанд доноёни ҳушёр,
Ки неку бад ба марг ояд падидор.
Басо зан ном, к-он ҳо мард ёбӣ,
Басо мардо, ки рӯяш зард ёбӣ.
Худовандо, чу ояд пой бар санг,
Фитад киштӣ дар он гирдобаи танг,
Низомиро ба осоиш расонӣ,
Бибахшию ба бахшоиш расонӣ!

## НИШАСТАНИ ШИРИН БА ПОДШОҲӢ

Чу бар Ширин муқаррар гашт шоҳӣ,
Фурӯғи мулк бар маҳ шуд зи моҳӣ.
Ба инсофаш раият шод гаштанд,
Ҳама зиндониён озод гаштанд.
Зи мазлумони олам ҷавр бардошт,
Ҳама оини ҷавр аз давр бардошт.
Зи ҳар дарвозае бардошт боҷе,
Наҷуст аз ҳеҷ деҳқоне хироҷе.
Мусаллам кард шаҳру русторо,
Ки беҳтар дошт аз дунё дуоро.
Зи адлаш боз бо теҳу шуда хеш,
Ба як ҷо об хӯрда гург бо меш.
Раият ҳар чӣ буд аз дуру пайванд,
Ба дину доди ӯ хӯрданд савганд.
Фароҳӣ дар ҷаҳон чандон асар кард,
Ки як дона ғала сад бештар кард.

Ният чун нек бошад подшоро,
Гуҳар хезад ба ҷои гул гиёро.
Дарахти бадният хӯшидашох аст,
Шаҳи некӯниятро пай фарох аст.
Фарохиҳову тангиҳои атроф
Зи адли подшоҳи худ занад лоф.
Зи чашми подшоҳ афтод рое,
Ки бадрой кунад дар подшоӣ.
Чу Ширин аз шаҳаншаҳ бехабар буд,
Дар он шоҳӣ дилаш зеру забар буд.
Агарчи давлати кайхусравӣ дошт,
Чу мадҳушон сари саҳроравӣ дошт.
Хабар пурсид аз ҳар корвоне,
Магар, к-орандаш аз Хусрав нишоне.
Чу огаҳ шуд, ки шоҳи муштарибахт
Расонид аз замин бар осмон тахт,
Зи ганҷафшонию гавҳарнисорӣ
Ба ҷой овард расми дӯстдорӣ.
Валек аз кори Марям тангдил буд,
Ки Марям дар таассуб сангдил буд.
Маликро дода буд дар Рум савганд,
Ки бо кас дарнасозад меҳру пайванд.
Чу Ширин аз чунин талхӣ хабар ёфт,
Нафасро з-ин ҳикоят талхтар ёфт.
Зи дилкӯрӣ ба кори дил фурӯ монд,
Дар он меҳнат чу хар дар гил фурӯ монд.
Дар он як сол, к-ӯ фармондиҳӣ кард,
На мурғе, балки мӯреро наёзард.
Дилаш чун чашми шӯхаш хуфтагӣ дошт,
Ҳама кораш чу зулф ошуфтагӣ дошт.
Ҳаметарсид, к-аз шӯридаройӣ
Кунад номуси адлаш бевафоӣ.
Ҷуз он чора надид он сарви чолок,
К-аз он даъвӣ кунад девони худ пок.
Кунад танҳоравӣ дар кори Хусрав,
Ба танҳоӣ хурад тимори Хусрав.
Набуд аз рои сусташ пойбарҷой,
Ки бедил буду бедил ҳаст берой.
Ба мавлое супурд он подшоҳӣ,
Дилаш сер омад аз соҳибкулоҳӣ.

## ОМАДАНИ ШИРИН БА МАДОИН

Ба Гулгуни раванда рахт барбаст,
Зада Шопур дар фитроки ӯ даст.
В-аз он хубон, чу дар раҳ пой бифшурд,
Канизе чандро бо хештан бурд,
Ки дар ҳар ҷой бо ӯ ёр буданд,
Ба ранҷу роҳаташ ғамхор буданд.
Басе бардошт аз дебову динор,
Зи ҷинси чорпоён низ бисёр.
Зи гову гӯсфанду аспу уштур
Чу дарё карда кӯҳу даштро пур.
В-аз он ҷо сӯи қаср омад ба таъҷил,
Паси ӯ чорпоён мил дар мил.
Дигар раҳ дар садаф шуд лӯълуи тар,
Ба санги хештан дардод гавҳар.
Ба ҳури ҳиндувон омад хазина,
Ба сангистони ғам рафт обгина.
Аз он дурри хушоб он санги сӯзон
Чу оташгоҳи мӯбад шуд фурӯзон.
Зи рӯи ӯ, ки буд хуррам баҳоре,
Шуд он оташкада чун лолазоре.
Зи гармӣ, к-он ҳаво дар кори ӯ буд,
Ҳаво, гуфтӣ, ки гармидори ӯ буд.
Малик донист, к-омад ёр наздик,
Бидид уммедро дар кор наздик.
Зи Марям буд дар хотир ҳаросаш,
Ки Марям рӯзу шаб медошт посаш.
Ба маҳд оварданаш рухсат намеёфт,
Ба рафтан низ ҳам фурсат намеёфт.
Ба пайғоме қаноат кард аз он моҳ,
Ба боде дил ниҳод аз хоки он роҳ.
Набудӣ як замон бе ёди дилдор
В-аз он андеша мепечид чун мор.

## ОГАҲИИ ХУСРАВ АЗ МАРГИ БАҲРОМИ ЧӮБИН

Чу шоҳаншоҳи субҳ омад бар авранг,
Сипоҳи Рум зад бар лашкари Занг.
Баромад Юсуфе нориҷ дар даст,
Турунҷи маҳ Зулайховор бишкаст.

Шуд аз чашми фалак найрангсозӣ,
Кушод абрӯйҳо дар дилнавозӣ.
Дари пирӯзагун гунбад кушоданд,
Ба пирӯзӣ ҷаҳонро мужда доданд.
Замона эмин аз ғавғову фарёд,
Замин осуда аз ташнеъу бедод.
Ба фоли фарруху перояи нав
Ниҳода хусравонӣ тахти Хусрав.
Саропарда ба сидра сар кашида,
Самотине ба гардун баркашида.
Ситода Қайсару Хоқону Фағфур
Як омоҷ аз бисоти пешгаҳ дур,
Ба ҳар гӯша муҳайё карда ҷое,
Бар ӯ зону зада кишвархудое.
Тарафдорон,ки саф дар саф кашиданд,
Зи ҳайбат пушти пои хеш диданд.
Касе, к-аш дар дил омад сар буридан,
Наёраст аз сиёсат боздидан.
Зи бас гавҳар камарҳои шабафрӯз
Дари густохбинӣ баста бар рӯз.
Қабо баста камардорони чун пил,
Камарбанде зада миқдори даҳ мил.
Дар он саф, к-оташ аз бим об гаштӣ,
Сухан гар зар будӣ, симоб гаштӣ,
Нишаста Хусрави Парвиз бар тахт,
Ҷавонфарру ҷавонтабъу ҷавонбахт.
Дурӯя гирди тахти подшоиш
Кашида саф ғуломони сароиш.
Зи хомӯшӣ дар он зарринапаргор
Шуда нақши ғуломон нақши девор.
Заминро зери тахт ором дода,
Ба расми хос бори ом дода.
Ба фатҳулбоби давлат бомдодон
Зи дар пайке даромад сахт шодон.
Замин бӯсиду гуфто:– «Шодмон бош,
Ҳамеша дар ҷаҳон шоҳи ҷаҳон бош!
Ту зарринбаҳра бош аз тахти заррин,
Ки чӯбинбаҳра шуд Баҳроми Чӯбин.
Нишот аз хонаи Чӯбин бурун тохт,
Ки Чӯбин хона аз душман бипардохт».

Шаҳаншаҳ аз дили сангини айём
Масал зад бар тани чӯбини Баҳром,
Ки то бар мо замона чӯбзан буд,
Фалак чӯбакзани чӯбинатан буд.
Чу чӯби давлати мо шуд баровар,
Маҳи Чӯбина чӯбин шуд ба Ховар.
На ин Баҳром, агар Баҳроми Гӯр аст,
Саранҷом аз ҷаҳонаш бахра гӯр аст.
Агар Баҳроми Гӯре рафт аз ин дом,
Биё, то бингарӣ сад гӯри Баҳром.
Ҷаҳон то дар ҷаҳон ёрӣ-ш мекард,
Таманнои ҷаҳондорӣ-ш мекард.
Куҷо он шер, к-аз шамшергирӣ
Чу мастон кард бо мо шергирӣ?
Куҷо он теғ, к-оташ дар ҷаҳон зад,
Тапонча бар дирафши ковиён зад.
Басо фарзонаро, к-ӯ шерзод аст,
Фиреби хокиён бар бод додаст.
Басо гурги ҷавон, к-аз рӯбаҳи пир
Ба афсун баста шуд дар доми нахчир.
Аз он бар гург рӯбаҳрост шоҳӣ,
Ки рӯбаҳ дом бинад, гург моҳӣ.
Басо шаҳ, к-аз фиреби ёфагӯён
Хусуматро шавад бевақт ҷӯён.
Саранҷом аз шитоби хомтадбир
Ба ҷои парниён бар дил ниҳад тир.
Зи мағрурӣ кулоҳ аз сар шавад дур,
Мабодо кас ба зӯри хеш мағрур!
Чароғ арчи зи равған нур гирад,
Басе бошад, ки аз равған бимирад.
Хуришҳоро намак рӯ тоза дорад,
Намак бояд, ки низ андоза дорад.
Махӯр чандон, ки хурмо хор гардад,
Гувориш дар даҳон мурдор гардад.
Чунон хур, к-аз заруратҳои ҳолат
Ҳароми дигарон бошад ҳалолат.
Муқимеро, ки ин дарвоза бояд,
Ғаму шодишро андоза бояд.
Маҷӯ болотар аз даврони худ ҷой,
Макаш беш аз гилеми хештан пой.

Чу дарё бармазан мавҷе, ки дорӣ,
Мапар болотар аз авҷе, ки дорӣ.
Ба қадри шуғли худ бояд задан лоф,
Ки зардӯзӣ надонад бӯрёбоф.
Чӣ некӯ достоне зад ҳунарманд:
– «Ҳалила бо ҳалила, қанд бо қанд».
На фаррух шуд ниҳоди нав ниҳодан,
Раҳу расми куҳан барбод додан.
Ба қандили қадимон-дар задан санг,
Ба колои ятимон-бар задан чанг.
Ҳар он, к-ӯ кишт тухме, кишта бар дод,
На ман гуфтам, ки дона з-ӯ хабар дод.
На ҳар тухме дарахте рост рӯяд,
На ҳар руде суруде рост гӯяд.
Ба сарҳангӣ ҳамоил кардани теғ
Басо маҳро, ки пӯшад чеҳра дар меғ,
Ту хунрезе мабин, к-ӯ шер гирад,
Ки хунаш гирад, арчи дер гирад.
Аз ин аблақсавори нимзангӣ,
Ки дар зер аблақе дорад дурангӣ,
Мабош эмин, ки бо хӯи паланг аст,
Куҷо якдил шавад, к-охир дуранг аст?
Ситам дар мазҳаби давлат раво нест,
Ки давлат бо ситамкор ошно нест.
Харе дар коҳдон афтод ногоҳ,
Нагӯям вой бар хар, вой бар коҳ!
Магас бар хони ҳалво кай кунад пушт,
Ба анҷире ғуробе чун тавон кушт?
Ба сими дигарон заррин макун кох,
К-аз ин дин рахна гардад,киса сӯрох.
Нигаҳ дор андар ин ошуфта бозор
Кудини гозур аз норинҷи аттор.
Машав хомуш, чу кор афтад ба зорӣ,
Ки бошад хомушӣ навъе зи ёрӣ.
Шунидастам, ки дар занҷири омон
Яке будаст аз ин ошуфтаномон.
Чу бо ӯ сохтӣ ноболиғе ҷанг,
Ба болиғтар касе бардоштӣ санг.
Бипурсиданд, к-аз тифлон хурӣ хор,
Зи пирон кин кашӣ, чун бошад ин кор?

Ба ханда гуфт:– «Агар пирон нахананданд,
Куҷо тифлон ситамкорӣ писананданд?
Чу даст аз пой нохушнуз бошад,
Ба ҷурми пой сар маъхуз бошад.
Ба ҷабборӣ мабин дар ҳеҷ дарвеш,
Ки ӯ ҳам мӯҳташам бошад бари хеш.
Зи айби некмардум дида бардӯз,
Ҳунар дидан зи чашми бад маёмӯз.
Ҳунар бинад чу айб ин чашми ҷосус,
Ту чашми зоғ бин, на пои товус.
Туро ҳарфе ба сад тазвир дар мушт,
Манеҳ бар ҳарфи кас беҳуда ангушт.
Ба айби хеш як дида намоӣ,
Ба айби дигарон сад-сад кушоӣ.
На кам з-оинаӣ дар айбҷӯӣ,
Ба оина раҳо кун сахтрӯӣ.
Ҳифози оина ин як ҳунар бас,
Ки пеши кас нагӯяд ғайбати кас.
Чу соя рӯсиёҳ он кас нишинад,
Ки вопас гӯяд, он-ч аз пеш бинад.
Нашояд дид хасми хешро хурд,
Ки нард аз хомдастон кам тавон бурд.
Машав ғарра бар он харгӯши зарфом,
Ки бар ханҷар нигорад марди рассом,
Ки чун шерон бад-он ханҷар ситезанд,
Бад-ӯ хуни басе харгӯш резанд.
Дар оби нармрав мангар ба хорӣ,
Ки тундояд гаҳи зинҳорхорӣ.
Бар оташ дил манеҳ,к-ӯ рух фурӯзад,
Ки вақтояд, ки сад хирман бисӯзад.
Ба густохӣ мабин дар хандаи шер,
Ки на дандон намояд, балки шамшер.
Ҳар он кас,к-ӯ занад лофи далерӣ,
Зи ҷанги шер ёбад номи шерӣ.
Чу кинхоҳӣ зи Хусрав кард Баҳром,
Зи кини хусравон Хусрав шудаш ном.
Беҳ, ар бо кам зи худ худро насанҷӣ,
К-аз афкандан в-аз афтодан биранҷӣ.
Ситеза бо бузургон беҳ тавон бурд,
Ки аз ҳамдастии хурдон шавӣ хурд.

Наҳанг он беҳ, ки дар дарё ситезад,
К-аз оби хурд моҳӣ хурд хезад».
Чу Хусрав гуфт бисёре дар ин боб,
Бузургон рехтанд аз дидагон об.
Фуруд омад зи тахт он рӯз дилтанг,
Равон карда зи наргис оби гулранг.
Се рӯз андӯҳ хӯрд аз баҳри Баҳром,
На бо тахт ошно мешуд, на бо ҷом.

## БАЗМОРОИИ ХУСРАВ

Чаҳорум рӯз маҷлис тоза карданд,
Ғиноҳоро баландовоза карданд.
Ба бахшидан даромад дасти дарё,
Замин гашт аз ҷавоҳир чун Сурайё.
Малик чун шуд зи нӯши соқиён маст,
Ғами дидори Ширин бурдаш аз даст,
Талаб фармуд кардан Борбадро
В-аз ӯ дармонталаб шуд дарди х(в)адро.

## СӢ ЛАҲНИ БОРБАД

Даромад Борбад чун булбули маст,
Гирифта барбате чун об дар даст.
Зи сад дастон, ки ӯро буд дар соз,
Гузида кард сӣ лаҳни хушовоз.
Зи белаҳнӣ бад-он сӣ лаҳни чун нӯш,
Гаҳе дил додию гаҳ бистадӣ ҳуш
Ба барбат чун сари захма даровард,
Зи руди хушк бонги тар даровард.

А в в а л – **Ганҷи бодоворд**
Чу бод аз «Ганҷи бодоворд» рондӣ,
Зи ҳар боде лабаш ганҷе фишондӣ.

Д у в у м – **Ганҷи гов**
Чу «Ганҷи гов»-ро кардӣ навосанҷ,
Барафшондӣ замин ҳам гову ҳам ганҷ.

С е в у м – **Ганҷи сӯхта**
Зи «Ганҷи сӯхта» чун сохтӣ роҳ,
Зи гармӣ сӯхтӣ сад ганҷро оҳ.

Ч а ҳ о р у м – **Шодурвони марворид**
Чу «Шодурвони марворид» гуфтӣ,
Лабаш гуфтӣ, ки марворид суфтӣ.

П а н ҷ у м – **Тахти тоқдисӣ**
Чу «Тахти тоқдисӣ» соз кардӣ,
Биҳишт аз тоқҳо дар боз кардӣ.

Шашум ва ҳафтум – **Ноқусӣ ва Аврангӣ**
Чу «Ноқусӣ»-ю «Аврангӣ» задӣ соз,
Шудӣ авранг чун ноқус аз овоз.

Ҳ а ш т у м – **Ҳуққаи Ковус**
Чу қанд аз «Ҳуққаи Ковус» додӣ,
Шакар колои ӯро бӯс додӣ.

Н у ҳ у м – **Моҳ бар кӯҳон**
Чу лаҳни «Моҳ бар кӯҳон» кушодӣ,
Забонаш моҳ бар кӯҳон ниҳодӣ.

Д а ҳ у м – **Мушкдона**
Чу баргуфтӣ навои «Мушкдона»,
Хутан гаштӣ зи бӯи мушк хона.

Ё з д а ҳ у м – **Ороиши хуршед**
Чу зад з-«Ороиши хуршед» роҳе,
Дар ороиш будӣ хуршед моҳе.

Д у в о з д а ҳ у м - **Нимрӯз**
Чу гуфтӣ «Нимрӯз»-и маҷлисафрӯз,
Хирад бехуд будӣ то нимаи рӯз.

С е з д а ҳ у м – **Сабз дар сабз**
Чу бонги «Сабз дар сабзаш» шунидӣ,
Зи боғи зард сабза бардамидӣ.

Ч а ҳ о р д а ҳ у м – **Қуфли румӣ**
Чу «Қуфли румӣ» овардӣ дар оҳанг,
Кушодӣ қуфли ганҷ аз Рум то Занг.

П о н з д а ҳ у м – **Сарвистон**
Чу бар дастони «Сарвистон» гузаштӣ,
Сабо соле ба сарвистон нагаштӣ.

Ш о н з д а ҳ у м – **Сарви саҳӣ**
В-агар «Сави саҳӣ»-ро соз додӣ,
Саҳисарваш ба хун хат боздодӣ.

Ҳ а ф д а ҳ у м – **Нӯшинбода**
Чу «Нӯшинбода»-ро дар парда бастӣ,
Хумори бодаи нӯшин шикастӣ.

Ҳ а ж д а ҳ у м – **Ромиши ҷон**
Чу кардӣ «Ромиши ҷон»-ро равона,
Зи ромиш ҷон фидо кардӣ замона.

Н у з д а ҳ у м – **Нози Наврӯз**
Чу дар парда кашидӣ «Нози Наврӯз»,
Ба наврӯзи нишастӣ давлат он рӯз.

Б и с т у м – **Мушкуя**
Чу бар «Мушкӯя» кардӣ мушкмолӣ,
Ҳама мушку шудӣ пурмушк ҳолӣ.

Б и с т у я к у м – **Меҳргонӣ**
Чу нав кардӣ навои «Меҳргонӣ»,
Бибурдӣ ҳуши халқ аз меҳрубонӣ.

Б и с т у д у в у м – **Мурвои нек**
Чу бар «Мауои нек» андохтӣ фол,
Ҳама нек омадӣ мурвои он сол.

Б и с т у с е в у м – **Шабдиз**
Чу дар шаб баргирифтӣ роҳи «Шабдиз»,
Шудандӣ ҷумлаи офоқ шабхез.

Б и с т у ч а ҳ о р у м – **Шаби фаррух**
Чу бар дастон «Шаби фаррух» кашидӣ,
Аз он фархундатар шаб кас надидӣ.

Б и с т у  п а н ҷ у м – **Фаррухрӯз**
Чу ёраш рои «Фаррухрӯз» гаштӣ,
Замона фарруху фирӯз гаштӣ.

Б и с т у  ш а ш у м – **Ғунчаи кабки дарӣ**
Чу кардӣ «Ғунчаи кабки дарӣ» тез,
Бибурдӣ ғунчаи кабки диловез.

Б и с т у  ҳ а ф т у м – **Нахчиргон**
Чу бар «Нахчиргон» тадбир кардӣ,
Басе чун Зӯҳраро нахчир кардӣ.

Б и с т у  ҳ а ш т у м – **Кини Сиёвуш**
Чу захма рондӣ аз «Кини Сиёвуш»,
Пур аз хуни сиёвушон шудӣ гӯш.

Б и с т у  н у ҳ у м – **Кини Эраҷ**
Чу кардӣ «Кини Эраҷ»-ро сароғоз,
Ҷаҳонро кини Эраҷ нав шудӣ боз.

С и ю м – **Боғи Ширин**
Чу кардӣ «Боғи Ширин»-ро шакарбор,
Дарахти талхро ширин шудӣ бор.

Навоҳое бад-ин сон ромишангез
Ҳамезад Борбад дар пардаи тез.
Ба гуфти Борбад, к-аз бор беҳ гуфт
Забони Хусраваш сад бор «зеҳ!» гуфт.
Чунон буд расми он бадри мунаввар,
Ки бар ҳарза бидодӣ бадраи зар.
Ба ҳар парда, ки ӯ бинвохт он рӯз,
Малик ганҷе дигар пардохт он рӯз.
Ба ҳар парда, ки ӯ барзад навое,
Малик додаш пур аз гавҳар қабое.
Зиҳӣ лафзе, ки гар бар тангдастӣ
«Зиҳ»-е гуфтӣ, зиҳе заррин бибастӣ.
Дар ин даврон гарат з-ин беҳ писанданд,
Зиҳе пашмин ба гардан во набанданд.
Зи олиҳимматӣ гардан барафроз,
Таноби ҳарза аз гардан бияндоз.

Ба хурсандӣ тамаъро дида бардӯз,
Зи чун ман-қатра дарёӣ даромӯз,
Ки чандин ганҷ бахшидам ба шоҳе
В-аз он хирман наҷустам барги коҳе.
Ба бебаргӣ суханро рост кардам,
На ӯ доду на ман дархост кардам.
Маро ин бас, ки пур кардам ҷаҳонро,
Валинеъмат шудам дарёву конро.
Низомӣ, гар зеҳи заррин басе ҳаст,
Зеҳи ту зӯҳд шуд, магзораш аз даст.
Бад-ин зеҳ гар гиребонро тирозӣ,
Кунӣ бар гарданон гарданфарозӣ.

## ШАФОАТ КАРДАНИ ХУСРАВ ПЕШИ МАРЯМ АЗ ШИРИН

Чу бадр аз ҷайби гардун сар баровард,
Замин атфи ҳилолӣ бар сар овард,
Зи маҷлис дар шабистон рафт Хусрав,
Шуда савдои Ширин дар сараш нав.
Чу баргуфтӣ зи Ширин саргузаште,
Даҳони Марям аз ғам талх гаштӣ.
Дар он мастӣ нишаста пеши Марям,
Дами Исо бар ӯ мехонд ҳар дам,
Ки Ширин гарчи аз ман дур беҳтар,
Зи реши ман намак маҳҷур беҳтар.
Вале донам, ки душманком гашта-ст,
Ба гетӣ-дар ба ман бадном гашта-ст.
Чу ман бинвозаму дорам азизаш,
Савоб ояд, ки бинвозӣ ту низаш.
Иҷозат деҳ, к-аз он қасраш биёрам,
Ба мушкуи парасторон супорам.
Набинам рӯи ӯ, гар боз бинам,
Пуроташ бод чашми нозанинам.
Ҷавобаш дод Марям, к-эй ҷаҳонгир,
Шукӯҳат чун кавокиб осмонгир.
Халифатро ҷаҳон бар дар ниҳода,
Фалак бар хатти ҳукмат сар ниҳода.
Агар ҳалвои тар шуд номи Ширин,
Нахоҳад шуд фуруд аз ком ширин.

Туро беранҷ ҳалвое чунин нарм,
Биринҷи сардро то кай кунӣ гарм?
Рутаб хур, хор нодидан туро суд,
Ки бас ширин бувад ҳалвои бедуд.
Маро бо ҷодуе ҳамҳуққа созӣ,
Ки барсозад зи Бобил ҳуққабозӣ?
Ҳазор афсона аз бар беш дорад,
Ба таннозӣ яке дар пеш дорад.
Туро бифребаду моро кунад дур,
Ту з-ӯ розӣ шавӣ,ман аз ту маҳҷур.
Ман афсунҳои ӯро нек донам,
Чунин афсонаҳоро нек хонам.
Басо зан, к-ӯ сад аз панҷаҳ надонад,
Уторидро ба зарқ аз раҳ биронад.
Занон монанди райҳони сафоланд,
Дарунсӯ хубсу берунсӯ ҷамоланд.
Нашояд ёфтан дар ҳеҷ барзан
Вафо дар аспу дар шамшеру дар зан.
Вафо мардист, бар зан чун тавон баст,
Чу зан гуфтӣ, бишӯ аз мардумӣ даст.
Басе карданд мардон чорасозӣ,
Надиданд аз яке зан ростбозӣ.
Зан аз паҳлӯи чап, гӯянд, бархост,
Маҷӯй аз ҷониби чап ҷониби рост.
Чӣ бандӣ дил дар он дур аз Худое,
К-аз ӯ ҳосил надорӣ ҷуз балое?
Агар ғайрат барӣ, бодард бошӣ
В-агар беғайратӣ, номард бошӣ.
Бирав, танҳо дам аз шодӣ баровар,
Чу савсан сар ба озодӣ баровар.
Пас он гаҳ бар забон овард савганд,
Ба ҳуши зираку ҷони хирадманд,
Ба тоҷи Қайсару тахти шаҳаншоҳ,
Ки гар Ширин бад-ин кишвар кунад роҳ,
Ба гардан барниҳам мушкин расанро,
Баровезам зи ҷаврат хештанро.
Ҳамон беҳ, к-ӯ дар он водӣ нишинад,
Ки ҷуғд он беҳ, ки ободӣ набинад».
Яқин шуд шоҳро, чун Марям ин гуфт,
Ки ҳаргиз дарнасозад ҷуфт бо ҷуфт.

Суханро аз дари дигар буне кард,
Навозиш менамуду сабр мекард.
Суи Хусрав шудӣ пайваста Шопур,
Ба сад ҳилат паёме додӣ аз дур.
Ҷавобаш ҳам ниҳонӣ бозбурдӣ,
Зи хунхоре ба ғамхора супурдӣ.
Аз он бозича ҳайрон гашт Ширин,
Ки бе ӯ чун шикебад шоҳ чандин.
Дилаш донист, к-он н-аз бевафоист,
Шикебаш бар салоҳи подшоист.

## ФИРИСТОДАНИ ХУСРАВ ШОПУРРО БА ТАЛАБИ ШИРИН

Шафоат кард рӯзе шаҳ ба Шопур,
Ки то кай бошам аз дилдори худ дур?
Биёр он моҳро як шаб дар ин бурҷ,
Ки пинҳон дорамаш чун лаъл дар дурҷ.
Ман аз баҳри салоҳи давлати хеш
Наёрам рағбате кардан бад-ӯ беш,
Ки тарсам, Марям аз бас ношикебӣ
Чу Исо баркашад худро салибе.
Ҳамон беҳтар, ки бо он моҳи дилдор
Ниҳуфта дӯстӣ варзам паривор.
Агарчи сӯхта поям зи роҳаш,
Чу дасти сӯхта дорам нигоҳаш.
Гар ин шӯх он парирухро бибинад,
Шавад деву бар деве нишинад.
Пазируфтори фармон гашт наққош,
Ки бандам нақши Чинро дар ту, хуш бош!
Ба қаср омад чу дарёи пур аз ҷӯш,
Ки бошад мавҷи он дарё ҳама нӯш.
Ҳикоят кард бо Ширин сароғоз,
Ки вақт омад, ки бар давлат кунӣ ноз.
Маликро дар шикорат рахш тунд аст,
Валек аз Марямаш шамшер кунд аст.
Аз он ӯро чунин озарм дорад,
Ки аз паймони Қайсар шарм дорад.
Биё, то яксавора барнишинем,
Раҳи мушкуи Хусрав баргузинем.
Тараб месоз бо Хусрав ниҳонӣ,
Сар ояд хасмро давлат, чу донӣ.

## ИТОБ КАРДАНИ ШИРИН БА ШОПУР

Бути танҳонишин, моҳи тиҳирав,
Тиҳӣ аз хештан, танҳо зи Хусрав,
Ба тундӣ барзад овозе ба Шопур,
Ки аз худ шарм дор, эй аз Худо дур!
Магӯ чандин, ки мағзамро бируфтӣ,
Кифоят кун, тамом аст, он чи гуфтӣ.
На ҳар гавҳар, ки пеш ояд, тавон суфт,
На ҳар ч-он бар забон ояд, тавон гуфт.
На ҳар обе, ки пеш ояд, тавон х(в)ард,
На ҳар ч-аз даст бархезад, тавон кард.
Наёмад ҳеҷ аз инсофи ту ёдам,
Ба беинсофият инсоф додам.
Аз ин санъат Худо дурӣ диҳодат,
Хирад з-ин кор дастурӣ диҳодат!
Баровардӣ маро аз шаҳрёрӣ,
Кунун хоҳӣ, ки аз ҷонам барорӣ?!
Ман аз бедонишӣ дар ғам фитодам,
Шудам хушк аз ғам, андар нам фитодам.
Дар он ҷо гар замин будӣ яке сӯз,
Ба гесӯ руфтаме роҳаш шабу рӯз.
Хар аз дукони полонгар гурезад,
Чу бинад ҷавфурӯш, аз ҷой хезад.
Касодӣ чун кашам, гавҳарнажодам,
Нахонда чун равам, охир на бодам?
Чу з-оби ҳавз тар гашта-ст зинам,
Хато бошад, ки дар дарё нишинам.
Чӣ фармоӣ, диле бо ин харобӣ
Кунам бо аждаҳое ҳамниқобӣ?
Чу он даргоҳро дархур наяфтам,
Ба зӯр он беҳ, ки аз дар дарнаяфтам.
Бибин, то чанд бор ин ҷо фитодам,
Ба ғамхорию хорӣ дил ниҳодам.
Наяфтод он рафиқи беваforо,
Ки бифристад саломе хушк моро.
Ба як газ миқнаъа то чанд кӯшам,
Силеҳи мардумӣ то чанд пӯшам?
Раво набвад, ки чун ман заншуморе
Кулаҳдорӣ кунад бо тоҷдоре.
Қазои бад, нигар, к-омад маро пеш,
Намак бар хастагию хор бар реш.

Ба гул чидан будам, дар хор мондам,
Ба коре мешудам, дар бор мондам.
Чу худ бад кардам, аз кас чун хурӯшам,
Хатои худ зи чашми бад чӣ пӯшам?
Якеро гуфтам, ин ҷону ҷаҳон аст,
Ҷаҳон бистад, кунун дар банди ҷон аст.
На ҳар кас, к-оташе гӯяд забонаш,
Бисӯзонад тафи оташ даҳонаш.
Тарозуро ду сар бошад, на як сар,
Яке ҷав дар ҳисоб орад, яке зар.
Тарозуе, ки моро дод Хусрав,
Яке сар дорад, он ҳам низ пурҷав.
Дилам з-он ҷав, ки харборе надорад,
Ба ғайр аз хӯрданаш коре надорад.
Надонам ҷуз арӯсеро дар ин санг,
Ки аз гач  карда бошандаш ба найранг.
Арӯси гач шабистонро нашояд,
Турунҷи мум райҳонро нашояд.
Басе кардам шигарфиҳо, ки шояд,
Ки гӯям в-аз туям шарме наёяд.
Чӣ кард он раҳзани хунхораи ман
Ҷуз оташпорае дар бораи ман.
Ман инак зинда, ӯ бо ёри дигар,
Зи меҳр ангехта бозори дигар.
Агар худ рӯи ман рӯест аз санг,
Дар ӯ бинад, фурӯ резад аз ин нанг.
Гирифтам, сагсифат кардандам охир,
Ба шири саг напарвардандам охир?
Саг аз ман беҳ бувад, гар то тавонам,
Фиребашро чу саг аз дар наронам.
Шавам, пеши саг андозам дилеро,
Ки хоҳад сагдили беҳосилеро.
Дил он беҳ, к-ӯ бад-он кас во набинад,
Ки дар саг бинаду дар мо набинад.
Маро худ кошкӣ модар назодӣ
В-агар зодӣ, ба хӯрди саг бидодӣ.
Биё, то каҷ нашинам, рост гӯям,
Чӣ хориҳо, к-аз ӯ н-омад ба рӯям.
Ҳазорон парда бастам рост дар кор,
Ҳанӯзам пардаи каҷ медиҳад ёр.

Шуд обам в-ӯ ба мӯе тар наёмад,
Чунон, к-обе ба обе барнаёмад.
Чӣ гуна рост ояд раҳзанеро,
Ки резад обрӯи чун манеро?
Фарас бо ман чунон дар ҷанг ронда-ст,
Ки ҷои оштӣ ранге намонда-ст.
Чу моро нест пашме дар кулоҳаш,
Кашидам пашм дар хайлу сипоҳаш.
Зи бас сар зери ӯ бурдан хамидам,
Зи бас тори ғамаш худро надидам.
Дилам кӯр асту бинои гузинад,
Чӣ кӯридил , чӣ он кас, к-ӯ набинад?
Сарам мехораду парво надорам,
Ки дар ишқаш сари худро бихорам.
Забонам худ чунин пурзахм аз он аст,
Ки ҳар-ч-ӯ медиҳад, захми забон аст.
Сазад, гар бо ман ӯ ҳамдам набошад,
Зи кас бахтам набуд, з-ӯ ҳам набошад.
Бад-ин бахтам чун ӯ ҳамхоба бояд,
К-аз ӯ сарсомро гармоба пояд.
Дилам меҷусту донистам, к-аз айём
Зиёне дид хоҳам кому ноком.
Бале, ҳаст озмуда дар нишонҳо,
Ки ҳар, к-аш дил ҷаҳад, бинад зиёнҳо.
Кунунам меҷаҳад чашми гуҳарбор,
Чӣ хоҳам дид, бисмиллаҳ, дигар бор?!
Маро з-ин қаср берун гар биҳишт аст,
Набояд рафт, агарчи сарнабишт аст.
Гар ояд духтари Қайсар, на Шопур,
Аз ин қасраш ба расвоӣ кунам дур.
Ба дастон мефиребандам, на мастам,
Наёранд аз раҳи дастон ба дастам.
Агар ҳуши маро дар дил надонанд,
Ман он донам, ки дар Бобил надонанд.
Сар ин ҷо беҳ бувад саркаш, на он ҷо,
Ки наъл ин ҷост дар оташ, на он ҷо.
Агар Хусрав на, Кайхусрав бувад шоҳ,
Набошад карданаш сарпанҷа бо моҳ.
Беҳ, ар паҳлӯ кунад з-ин наргиси маст,
Ниҳад пешам чу савсан даст бар даст.

В-агар бо ҷӯши гармам барситезад,
Чунон ҷӯшам, к-аз ӯ ҷавшан бирезад.
Фиристам зулфро то як фан орад,
Шикебашро расан дар гардан орад.
Бигӯям ғамзаро, то вақти шабгир
Самандашро ба рақс орад ба як тир.
Зи гесӯ мушк бар оташ фишонам,
Чу удаш бар сари оташ нишонам.
Зи тоби зулфи хеш орам ба тобаш,
Фурӯ бандам ба сеҳри ғамза хобаш.
Хаёламро бифармоям, ки дар хоб
Бад-ин хокаш давонам тез чун об.
Маро бигзор, то гирям бад-ин рӯз,
Ту модармурдаро шеван маёмӯз.
Манам, к- аз ёди ӯ пайваста шодам,
Ки ӯ дар умрҳо н-орад ба ёдам.
Зи меҳрам гирди ӯ бӯе нагардад,
Ғами ман бар дилаш мӯе нагардад.
Гар он номеҳрбон аз меҳр сер аст,
Замона бар чунин бозӣ далер аст.
Шикебоӣ кунам чандон, ки як рӯз
Дарояд аз дари узр он дилафрӯз.
Каманди дил дар он саркаш чӣ печам,
Расан дар гардани оташ чӣ печам?
Заминам ман,  ба қадр ӯ осмонвор,
Заминро кай бувад бо осмон кор?
Кунад бо ҷинси худ ҳар ҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.
Нашояд бодро дар хок бастан,
На бо ҳам обу оташро нишастан.
Чу васлаш нест, аз ҳиҷрон чӣ тарсам?
Тане то зинда, аз зиндон чӣ тарсам?
Бувад сармоядоронро ғами бор,
Тиҳидаст эмин аст аз дузду таррор.
На он мурғам, ки бар ман кас ниҳад қайд,
На ҳар бозе тавонад карданам сайд.
Гар ояд Хусрав аз бутхонаи Чин,
Зи шӯристон наёбад шаҳди Ширин.
Агар Шабдизи тавсанро таке ҳаст,
Зи тезӣ низ Гулгунро раге ҳаст.

В-агар Марям дарахти қанд гаштаст,
Рутабҳои маро Марям сириштаст.
Гар ӯро даъвии соҳибкулоҳист,
Маро низ аз қасаб сарбанди шоҳист.
Нахоҳам кардан ин талхӣ фаромӯш,
Ки ҷон Ширин канад, Марям кунад нӯш.
Яке дур ҷусту дарё дар камин ёфт,
Яке сирка талаб кард, ангубин ёфт.
Ҳамасола набошад сина бар даст,
Ба ҳар ҷо гирдроне, гардане ҳаст.
Набудам ошиқ, ар будам ба тақдир,
Пушаймонам, хато кардам, чӣ тадбир?
Мазоҳе кардам, ӯ дархост пиндошт,
Дурӯғе гуфтам, ӯ худ рост пиндошт.
Дили ман ҳаст аз ин бозор безор,
Қасам хоҳӣ, ба додору ба дидор!
Суханро ришта бас борик риштам
В-агарчи дар шаби торик риштам.
Чунин то кай чу мум афсурда бошам,
Барафрӯзам, в-агарна мурда бошам.
Ба нафринаш нагӯям хайру шар ҳеч,
Худовандо, ту медонӣ, дигар ҳеч.
Лаб он касро диҳад, к-ӯро ниёз аст,
На дастерост ҳалво, к-он дароз аст.
Баҳореро, ки бар хокаш фишонӣ,
Аз он беҳ, к-аш барад боди хазонӣ.
Гирифтори сагон гаштан ба нахчир
Беҳ аз афсӯси шерони забунгир.
Биё, гӯ, гар манат бояд, чу мардон
Ба пои худ, касе ранҷа магардон.
Ҳижаброне, ки шерони шикоранд,
Ба пои худ паёми худ гузоранд.
Чу давлат пойбасти ӯст поям,
Ба пои дигарон хондан наёям.
Ба дӯши дигарон занбил соянд,
Ба дандони касон занҷир хоянд.
Чӣ тадбир аз паи тадбир кардан,
Нахоҳам хештанро пир кардан.
Ба пирӣ май хӯрам? Бодам қадаҳ хурд,
Ки ҳангоми раҳил охур занад курд.

Ба нодонӣ дарафтодам бад-ин дом,
Ба доноӣ бурун оям саранҷом.
Магар нашнидӣ аз ҷодуи ҷавзан,
Ки «донад дуди ҳар кас роҳи равзан».
Маро ин ранҷу ин тимор дидан
Зи дил бояд, на аз дилдор дидан.
Ҳама ҷо дузд аз бегона хезад,
Маро бингар,ки дузд аз хона хезад.
Ба афсун аз дили худ раст натвон,
Ки дузди хонаро дар баст натвон.
Чу кӯрон гар на лаъл аз санг пурсам,
Чаро деҳ бинаму фарсанг пурсам!
Дили ман дар ҳақи ман рои бад зад,
Ба дасти худ табар бар пои х(в)ад зад.
Диле дорам, к-аз ӯ ҳосил надорам,
Маро он беҳ, ки дил бо дил надорам.
Дилам золим шуду ёрам ситамкор,
Аз ин дил бедилам, з-ин ёр беёр.
Шудам дилшод рӯзе бо дилафрӯз,
Аз ин рӯз уфтодастам бад-ин рӯз.
Ғами рӯзӣ хурад ҳар кас, ба тақдир –
Чу ман ғамрӯзӣ афтодам, чӣ тадбир?
Ниҳон то кай кунам сӯзе ба сӯзе,
Ба сар то кай барам рӯзе ба рӯзе?
Маро, к-аз сабр кардан талх шуд ком,
Сазад, гар лӯъбати сабрам ниҳӣ ном.
Агар дурам зи ганҷу кишвари хеш,
На охир ҳастам озоди сари хеш?
Нашояд ҳукм кардан бар ду бунёд:
Яке бар бетамаъ, дигар бар озод.
В-аз он пас иқди лӯлӯ бар шакар зад,
Ба уннобу табарзад бонг барзад,
Ки гар шаҳ гӯяд, ӯро дӯст дорам,
Бигӯ, к-ин ишва н-ояд дар шуморам.
В-агар гӯяд бад-он субҳам ниёз аст,
Бигӯ, бедор маншин, шаб дароз аст.
В-агар гӯяд, ба Ширин кай расам боз,
Бигӯ, бо рӯзаи Марям ҳамесоз.
В-агар гӯяд, бад-он ҳалво кашам даст,
Бигӯ,рағбат ба ҳалво кам кунад маст.

В-агар гӯяд, кашам тангаш дар оғӯш,
Бигӯ, к-ин орзу бодат фаромӯш!
В-агар гӯяд, кунам з-он лаб шакаррез,
Бигӯ, дур аз лабат дандон макун тез.
В-агар гӯяд, бигирам зулфу холаш,
Бигӯ, то ҳо, нагирӣ, ҳо, мамолаш.
В-агар гӯяд ниҳам рух бар рухи моҳ,
Бигӯ, бо рух баробар чун шавад шоҳ?
В-агар гӯяд, рабоям з-он занах гӯй,
Бигӯ, чавгон хурӣ з-он зулф бар рӯй.
В-агар гӯяд, бихоям лаъли хандон,
Бигӯ, аз дур мехур оби дандон.
Гар аз фармони ман сар баргирояд,
Бигӯ, фармон фироқат рост шояд.
Фироқаш гар кунад густохбинӣ,
Бигӯ, бархезамат ё менишинӣ?
Висолаш гар бигӯяд, з-они ӯям,
Бигӯ, хомӯш биншин, то нагӯям».
Фурӯ мехонд аз ин муште фасона
Дар ӯ таҳдидҳои модагона.
Итобаш гарчи мезад шиша бар санг,
Ақиқаш нарх мебуррид дар ҷанг.
Чу бар Шопур тундӣ зад хумораш,
Зи ранҷи дил сабуктар гашт бораш.
Ба нармӣ гуфт, к-эй марди сухангӯй,
Сухан дар мағзи ту чун об дар ҷӯй.
Агар вақте кунӣ бар шаҳ саломе,
Бад-он ҳазрат расон аз ман паёме.
Ки Ширин гӯяд, эй бадмеҳри бадаҳд,
Куҷо он сӯҳбати ширинтар аз шаҳд?
Маро зан буд, к-аз ман барнагардӣ,
Харидори касе дигар нагардӣ.
Кунун дар худ хато кардӣ занамро,
Ки дар дил ҷой кардӣ душманамро.
Аз ин бедод дил дар дод бодат,
Зи оҳи талхи Ширин ёд бодат!
Чу бахти хуфта ёриро нашоӣ,
Чу даврон созгориро нашоӣ.
Бад-ин хорӣ маҷӯям, гар азизам,
Хати озодиям деҳ, гар канизам.

Туро ман ҳамсарам дар ҳамнишинӣ,
Ба чашми зердастонам чӣ бинӣ?
Чунин дар пояи зерам макун ҷой
В-агарна бар дарат боло ниҳам пой.
Ба пилпилдонаҳои ашки ҷӯшон
Давонам бар дари хешат хурӯшон.
Надорӣ ҷуз муроди хештан кор,
Набояд буд аз ин сон хештандор.
Чу ту дил бар муроди хеш дорӣ,
Муроди дигарон кай пеш дорӣ?
Маро то хор дар раҳ мешикастӣ,
Камон дар кори «деҳ»-«деҳ» мешикастӣ.
Ба хори талх Ширин буд густох,
Чу ширин шуд рутаб, хор аст бар шох.
Ба боғ афканданат полуд хунам,
Чу бар бигрифт боғ, аз дар бурунам.
Нагаштам з-оташат гарм, эй дилафрӯз,
Ба дудат кӯр мегардам шабу рӯз.
Ҷафо з-ин беш, к-андомам шикастӣ,
Чу номовар шудӣ, номам шикастӣ.
Амалдорон чу худро соз бинанд,
Ба маъзулон аз ин беҳ боз бинанд.
Ба маъзулӣ ба чашмам дарнишастӣ,
Чу омил гаштӣ, аз ман чашм бастӣ.
Ба оби дида киштӣ чанд ронам?
Висолатро ба ёрӣ чанд хонам?
Чу бе ёр омадӣ, ман будамат ёр,
Чу дар корӣ, набошад бо манат кор.
Чу корамро ба расвоӣ фикандӣ,
Сипар бар оби раъноӣ фикандӣ.
Бароти куштанамро соз додӣ,
Ба осеби фироқам боз додӣ.
Намонд аз ҷони ман ҷуз ришта тое,
Макаш, к-ин ришта сар дорад ба ҷое.
Мазан шамшер бар Ширини мазлум,
Туро он бас, ки рондӣ найза бар Рум.
Чу нақши коргоҳи румият ҳаст,
Зи румикори Арман дур кун даст.
Зи боғи Рум гул дорӣ ба хирман,
Макун тороҷи тахту тоҷи Арман.

Макун , к-аз гармӣ оташ зуд хезад,
В-аз оташ, тарсам, он гаҳ дуд хезад.
Ҳазор аз баҳри май хӯрдан бувад ёр,
Яке аз баҳри ғам хӯрдан нигаҳ дор.
Маро дар кори худ ранҷур дорӣ,
Кашӣ дар дому доман дур дорӣ.
Хасак бар домани даврон маяфшон,
Намак бар ҷони маҳҷурон маяфшон.
Туро дар базми шоҳон хуш барад хоб,
Зи бунгоҳи ғарибон рӯй бартоб.
Раҳо кун, то дар ин меҳнат, ки ҳастам,
Худои хештанро мепарастам.
Ба дом оварда гир, ин мурғро боз,
Дигарбора ба саҳро карда парвоз.
Марав роҳе, ки хар дар гил бимонад,
Зи корат бедилонро дил бимонад.
Мазан оташ дар ин ҷони ситамкаш,
Раҳо кун хонае аз баҳри оташ.
Дар ин оташ, ки ишқ афрӯхт бар ман,
Дареғо, ишқ хоҳад сӯхт хирман!
Ғамат бар ҳар рагам печид море,
Шикастам дар буни ҳар мӯй хоре.
На шаб хуспам, на рӯз осоишам ҳаст,
На аз ту зарраe бахшоишам ҳаст.
Сабурӣ чун кунам, умре чунин танг?
Ба манзил чун расам, пое чунин ланг?
Зи ашку оҳи ман дар ҳар шуморе
Бувад дарё наме, дӯзах шароре.
Дар ин дарё, к-ам оташ гашт киштӣ,
Маро ҳам дӯзахӣ хон, ҳам биҳиштӣ.
В-агарна бар дари дӯзах ниҳонӣ
Чаро меҷӯям оби зиндагонӣ?
Маро чун бад набошад ҳол бе ту?
Ки будам бо ту пор, имсол бе ту?
Туро хокест, хок аз дар гузашта,
Маро обест, об аз сар гузашта.
Бар оби дида киштӣ чанд ронам?
Висолатро ба ёрӣ чанд хонам?
Ҳама корам, ки бе ту нотамом аст,
Чунин хом аз таманноҳои хом аст.

Набинӣ, ҳар кӣ мирад, то намирад,
Умед аз зиндагонӣ барнагирад.
Хирад моро ба дониш раҳнамун аст,
Ҳисоби ишқ аз ин дафтар бурун аст.
Бар ин аблақ касе чобуксавор аст,
Ки дар майдони ишқ ошуфтакор аст.
Муфарриҳ сохтан фарзонагонрост,
Чу шуд пардохта, девонагонрост.
Ба ишқ-андар сабурӣ хомкорист,
Бинои ошиқӣ бар беқарорист.
Сабурӣ аз тариқи ишқ дур аст,
Набошад ошиқ он кас, к-ӯ сабур аст.
Бад-ин сон гарчи Ширин аст ранҷур,
Зи Хусрав бод доим ранҷу ғам дур!
Чу бар Шопур хонд ин достонро,
Сабук бӯсид Шопур остонро,
Ки аз тадбири мо рои ту беш аст,
Ҳама гуфтори ту бар ҷои хеш аст.
В-аз он пас гар дилаш андеша суфтӣ,
Сухан бо ӯ насанҷида нагуфтӣ.
Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан,
Чу зар санҷидан, он гаҳ харҷ кардан.

## ОҒОЗИ ИШҚИ ФАРҲОД

Парипайкар нигори парниёнпӯш,
Бути сангиндили симинбуногӯш,
Дар он водӣ, ки ҷое буд дилгир,
Нахӯрдӣ ҳеҷ хӯрде хуштар аз шир.
Гараш сад гуна ҳалво пеш будӣ,
Ғизо-ш аз модиёну меш будӣ.
Аз ӯ то чорпоён дуртар буд,
Зи шир овардан ӯро дарди сар буд,
Ки пиромуни он водӣ ба харвор
Ҳама харзаҳра буд чун заҳраи мор.
Зи чӯби заҳр чун чӯпон хабар дошт,
Чарогоҳи гала ҷои дигар дошт.
Дили Ширин ҳисоби шир мекард,
Чи фан созад, дар он тадбир мекард,
Ки шир овардан аз ҷое чунон дур
Парасторони ӯро дошт ранҷур.

Чу шаб зулфи сиёҳ афканд бар дӯш,
Ниҳод аз моҳи заррин ҳалқа дар гӯш,
Дар он ҳалқа, ки буд он моҳи дилсӯз,
Чу мори ҳалқа мепечид то рӯз.
Нишаста пеши ӯ Шопур танҳо,
Фурӯ карда зи ҳар навъе суханҳо.
Аз ин андеша, к-он сарви саҳӣ дошт,
Дили фарзона Шопур огаҳӣ дошт.
Чу гулрух пеши ӯ ин қисса баргуфт,
Ниюшанда чу барги лола бишкуфт.
Намозаш бурд чун ҳинду париро,
Сутудаш чун Уторид Муштариро,
Ки ҳаст ин ҷо муҳандис марде устод,
Ҷавоне, номи ӯ фарзона Фарҳод.
Ба вақти ҳандаса ибратнамое,
Миҷастидону уқлидускушое.
Ба теша чун сари санъат бихорад,
Заминро мурғ бар моҳӣ нигорад.
Ба санъат сурхгулро ранг бандад,
Ба оҳан нақши Чин бар санг бандад.
Ба пеша даст бӯсандаш ҳама Рум,
Ба теша санги хороро кунад мум.
Ба устоде чунин корат барояд,
Бад-ин чашма гул аз хорат барояд.
Бувад ҳар кор бе устод душвор,
Нахуст устод бояд, он гаҳе кор!
Шавад мард аз ҳисоб ангуштаригар,
Валек аз муму гил, н-аз оҳану зар.
Гарам фармон диҳӣ, фармон пазирам,
Ба даст оварданаш бар даст гирам,
Ки мо ҳар ду ба Чин ҳамзод будем,
Ду шогирд аз яке устод будем.
Чу ҳар моя, ки буд аз пеша бардошт,
Қалам бар ман фиканд,ӯ  теша бардошт».
Чу Шопур ин ҳикоятро ба сар бурд,
Ғами шир аз дили Ширин бадар бурд.
Чу рӯз оинаи хуршед дарбаст,
Шаби садчашм ҳар сад чашм барбаст.
Таҷассум кард Шопур он заминро.
Ба даст овард Фарҳоди гузинро.

Ба шодурвони Ширин бурд шодаш,
Ба расми хоҷагон курсӣ ниҳодаш.
Даромад Кӯҳкан монанди кӯҳе,
К-аз ӯ омад халоиқро шукӯҳе.
Чу як пил аз ситабрию баландӣ,
Ба миқдори ду пилаш зӯрмандӣ.
Рақибони ҳарам бинвохтандаш,
Ба воҷиб ҷойгоҳе сохтандаш.
Буруни парда Фарҳод истода,
Миён дарбаставу бозу кушода,
Дар андеша, ки лӯъбатбози гардун
Чӣ бозӣ орадаш з-он парда берун.
Ҷаҳон ногаҳ шабехунсозие кард,
Паси он парда лӯъбатбозие кард.
Ба ширинхандаҳои шаккаринсоз
Даромад шаккари Ширин ба овоз.
Ду қуфли шаккар аз ёқут бардошт
В-аз ӯ ёқуту шаккар қут бардошт.
Рутабҳое, ки нахлаш бор medод,
Рутабро гӯшмоли хор медод.
Ба нӯшободи он хурмои дар шир,
Шакар хонд ангабинро чошнигир.
Зи бас, к-аз домани лаб шаккар афшонд,
Шакар доман ба Хузистон барафшонд,
Шунидам номи ӯ Ширин аз он буд,
Ки дар гуфтан аҷаб ширинзабон буд.
Зи ширинӣ чӣ гӯям, ҳар чӣ хоҳӣ,
Бар овозаш бихуфтӣ мурғу моҳӣ.
Табарзадро чу лаб пурнӯш кардӣ,
Зи шаккар ҳалқаҳо дар гӯш кардӣ.
Дар он маҷлис, ки ӯ лаб баркушодӣ,
Набудӣ тан, ки ҳолӣ ҷон нададӣ.
Касеро к-он сухан дар гӯш рафтӣ,
Гар Афлотун будӣ, аз ҳуш рафтӣ.
Чу бигрифт он сухан Фарҳод дар гӯш,
Зи гармӣ хун гирифташ дар ҷигар ҷӯш.
Баровард аз ҷигар оҳе шағабнок,
Чу масруъе зи по афтод бар хок.
Ба рӯи хок меғалтид бисёр
В-аз он саркӯфтан печид чун мор.

Чу Ширин дид, к-он оромрафта
Диле дорад чу мурғ аз дом рафта,
Ҳам аз роҳи сухан шуд чорасозаш,
Бад-он дона ба дом овард бозаш.
Пас он гаҳ гуфт,к-эй донанда устод,
Чунон хоҳам, ки гардонӣ маро шод.
Муроди ман чунон аст, эй ҳунарманд,
Ки бикшоӣ дили ғамгинам аз банд.
Ба чобукдастию устодкорӣ
Кунӣ дар кори ин қаср устуворӣ.
Гала дур асту мо мӯҳтоҷи ширем,
Тилисме кун, ки шир осон бигирем.
Зи мо то гӯсфандон як-ду фарсанг
Бибояд канд ҷӯе муҳкам аз санг.
Ки чӯпононам он ҷо шир дӯшанд,
Парасторонам ин ҷо шир нӯшанд.
Зи ширин гуфтану гуфтори Ширин
Шуда ҳуш аз сари Фарҳоди мискин.
Суханҳоро шунидан метавонист,
Валекин фаҳм кардан менадонист.
Забонаш кард посухро фаромушт,
Ниҳод аз оҷизӣ бар дида ангушт.
Ҳикоят бозҷуст аз зердастон,
Ки мастам, кӯрдил бошанд мастон.
Надонам, к-ӯ чӣ мегӯяд, бигӯед,
Зи ман коме, ки меҷӯяд, биҷӯед.
Рақибон он ҳикоят баргирифтанд,
Суханҳое, ки рафт,аз сар гирифтанд,
Чу огаҳ гашт аз он андеша Фарҳод,
Фиканд он ҳукмро бар дида бунёд.
Дар он хидмат бағоят чобукӣ дошт,
Ки кори нозанинон нозукӣ дошт.
Аз он ҷо рафт берун теша дар даст,
Гирифт аз меҳрубонӣ пеша дар даст.
Чунон аз ҳам дарид андоми он бум,
Ки мешуд зери захмаш санг чун мум.
Ба теша рӯи хоро мехарошид,
Чу бед аз санг маҷро метарошид.
Ба ҳар теша, ки бар санг озмудӣ,
Ду ҳамсангаш ҷавоҳир музд будӣ.

Ба як моҳ аз миёни санги хоро
Чу дарё кард ҷӯе ошкоро.
Зи ҷои гӯсфандон то дари кох
Дурӯя сангҳо зад шох дар шох.
Чу кор омад ба охир, ҳавзае баст,
Ки ҳавзи Кавсараш бӯсид мар даст.
Чунон тартиб кард аз санг ҷӯе,
Ки дар дарзаш намегунҷид мӯе.
Дар он ҳавза, ки кард ӯ сангбасташ,
Равон шуд об, гуфтӣ, з-обдасташ.
Бино чандон тавонад буд душвор,
Ки банноро наёмад даст дар кор.
Агар сад кӯҳ бояд канд пӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чӣ чора, к-он банӣ Одам надонад,
Ба ҷуз мурдан, к-аз ӯ бечора монад!

## ОМАДАНИ ШИРИН БА ДИДАНИ ФАРҲОД

Хабар бурданд Ширинро, ки Фарҳод
Ба моҳе ҳавза басту ҷӯй бикшод.
Чунон, к-аз гӯсфандон шому шабгир
Ба ҳавз ояд ба пои хештан шир.
Биҳиштипайкар омад сӯи он дашт,
Ба гирди ҷӯи ширу ҳавз баргашт.
Чунон пиндошт, к-он ҳавзи гузида
Накарда-ст одамӣ, ҳаст офарида.
Бале, бошад зи кори одамӣ дур
Биҳишту ҷӯи ширу ҳавзаву ҳур.
Басе бар дасти Фарҳод офарин кард,
Ки «Раҳмат бар чунон кас, к-инчунин кард!»
Чу заҳмат дур шуд, наздик хондаш,
Зи наздикони худ бартар нишондаш.
Ки устодӣ-тро ҳақ чун гузорем,
Ки мо худ музди шогирдон надорем?
Зи гавҳар шабчароғе чанд будаш,
Ки иқди гӯш гавҳарбанд будаш.
Зи нағзӣ ҳар дуре монанди тоҷе
В-аз ӯ ҳар дона шаҳреро хироҷе.
Кушод аз гӯш бо сад узри чун нӯш,
Шафоат кард, к-ин бистону бифрӯш.

Чу вақт ояд, к-аз ин беҳ даст ёбем,
Зи ҳаққи хидматат сар барнатобем.
Бар он ганҷина Фарҳод офарин хонд,
Зи дасташ бистаду дар пояш афшонд.
В-аз он ҷо роҳи саҳро тез бардошт,
Чу дарё ашки саҳрорез бардошт.
Зи бими он ки кор аз нур мешуд,
Ба сад мардӣ зи мардум дур мешуд.

## ЗОРӢ КАРДАНИ ФАРҲОД АЗ ИШҚИ ШИРИН

Чу дил дар меҳри Ширин баст Фарҳод,
Баровард аз вуҷудаш ишқ фарёд.
Ба сахтӣ мегузашташ рӯзгоре,
Намеомад зи дасташ ҳеҷ коре.
На сабри он, ки дорад барги дурӣ,
На барги он, ки созад бо сабурӣ.
Фурӯ рафта дилашро пой дар гил,
Зи дасти дил надода даст бар дил.
Забон аз кору кор аз об рафта,
Зи тан нерӯ, зи дида хоб рафта.
Чу дев аз заҳмати мардум гурезон,
Фатон хезонтар аз бемори хезон.
Гирифта кӯҳу дашт аз беқарорӣ,
В-аз ӯ дар кӯҳу дашт афтод зорӣ.
Саҳисарваш чу шохи гул хамида,
Чу гул сад ҷой пероҳан дарида.
Зи гиря булбула в-аз нола булбул,
Гиреҳ бар дил зада чун ғунчаи гул.
Ғамашро дар ҷаҳон ғамхорае не,
Зи ёраш ҳеҷ гуна чорае не.
Дуто з-он шуд, ки аз раҳ хор меканд,
Чу хор аз пои худ мисмор меканд.
На аз хораш ғами доман даридан,
На аз теғаш ҳароси сар буридан.
Зи дурӣ гашта савдоӣ ба як бор,
Шуда дур аз шикебоӣ ба як бор.
Зи хун ҳар соат афшондӣ нисоре,
Падид овардӣ аз рух лолазоре.
Зи нола бар ҳаво чун килла бастӣ,
Фалакҳоро табақ дар ҳам шикастӣ.

Чу тифле ташна, к-обаш бояд аз ҷом
Надонад оброву дояро ном,
Зи гармӣ бурда ишқ ороми ӯро,
Ба ҷӯш оварда ҳафт андоми ӯро.
Расида оташи дил дар димоғаш,
Зи гармӣ сӯхта ҳамчун чароғаш.
Зи маҷрӯҳӣ дилаш сад ҷой сӯрох,
Равонаш бар ҳалоки хеш густох.
Балову ранҷро омоҷ гашта,
Бало з-андоза, ранҷ аз ҳад гузашта.
Чунон аз ишқи Ширин талх бигрист,
Ки шуд овози гиряш бист дар бист.
Дилаш рафта, қарору бахт мурда,
Паи дил медавид он рахтбурда.
Чунон дармерамид аз дӯст, душман,
Ки ҷоду аз сипанду дев аз оҳан.
Ғамаш доман гирифта в-ӯ ба ғам шод,
Чу ганҷе, к-аз харобӣ гардад обод.
Зи ғам тарсон ба ҳушёрию мастӣ,
Чу мор аз сангу гург аз чӯбдасте.
Дилаш нолону чашмаш зору гирён,
Ҷигар аз оташи ғам гашта бирён.
Илоҷи дарди бедармон надонист,
Ғами худро сару сомон надонист.
Фурӯ монда чунин танҳову ранҷур,
Зи ёрон мунқатеъ в-аз дӯстон дур.
Гирифта ишқи Ширинаш дар оғӯш,
Шуда пайванди Фарҳодаш фаромӯш.
На рухсат, к-аз ғамаш ҷоме фиристад,
На кас маҳрам, ки пайғоме фиристад.
Гар аз даргоҳи ӯ гарде расидӣ,
Ба ҷои сурма дар чашмаш кашидӣ.
В-агар дар роҳи ӯ дидӣ гиёе,
Бибӯсидию бархондӣ саное.
Ба сад талхӣ рух аз мардум ниҳуфтӣ,
Сухан ширин ҷуз аз Ширин нагуфтӣ.
Чунон пиндошт он дилдодаи маст,
Ки сӯзад ҳар киро, чун ӯ диле ҳаст.
Касе, к-аш оташе дар дил фурӯзад,
Ҷаҳон яксар чунон донад, ки сӯзад.

Чу бурдӣ номи он маъшуқи чолок,
Задӣ бар ёди ӯ сад бӯса бар хок.
Чу сӯи қасри ӯ наззора кардӣ,
Ба ҷои ҷома ҷонро пора кардӣ.
Чу ваҳшитавсан аз ҳар сӯ шитобон
Гирифта унс бо ваҳши биёбон.
Зи маъруфони ин доми забунгир
Бар ӯ гирд омада як дашт нахчир.
Яке болингаҳаш руфтӣ, яке ҷой,
Яке доман-ш бӯсидӣ, яке пой.
Гаҳе бо оҳувон хилват гузидӣ,
Гаҳе дар мавкиби гӯрон давидӣ.
Гаҳе ашки гавазнон дона кардӣ,
Гаҳе дунболи шерон шона кардӣ.
Ба рӯзаш оҳувон дамсоз буданд,
Гавазнонаш ба шаб ҳамроз буданд.
Намудӣ рӯзу шаб чун чарх новард,
Нахӯрдиву наёшомидӣ аз дард.
Бад-он ҳинҷор, к-аввал роҳ рафтӣ,
Агар раҳ ёфтӣ, як моҳ рафтӣ.
Агар будиш сад девор дар пеш,
Надидӣ, то накардӣ рӯи ӯ реш.
В-агар тире ба чашмаш дарнишастӣ,
Зи мадҳушӣ мижа бар ҳам набастӣ.
В-агар пеш омадӣ чоҳеш дар роҳ,
Зи бепарҳезӣ афтодӣ дар он чоҳ.
Дил аз ҷон баргирифта в-аз ҷаҳон сер,
Бало ҳамроҳ дар болову дар зер.
Шабеву сад дареғу нола то рӯз,
Дилеву сад ҳазорон ҳасрату сӯз.
Раҳ ар дар кӯю гар дар кох кардӣ,
Нафираш сангро сӯрох кардӣ.
Нишоте, к-аз ғами ёраш ҷудо кард,
Ба сад қаҳр он нишот аз дил раҳо кард.
Ғаме, к-он бо дилаш дамсоз мешуд,
Дуаспа пеши он ғам боз мешуд.
Адими рух ба хуни дида мешуст,
Суҳайли хешро дар дида меҷуст.
Нахуфт, арчанд хобаш мебибоист,
Ки дар бар дӯстон бастан нашоист.

Дил аз рахти худӣ бегона будаш,
Ки рахти дигаре дар хона будаш.
Аз он буд нақши ӯ шӯрида пайваст,
Ки нақши дигаре бар хештан баст.
Наёсуд аз давидан субҳ то шом,
Магар, к-аз хештан берун ниҳад гом.
Зи тан мехост, то дурӣ гузинад,
Магар бо дӯст дар як тан нишинад.
Набуд огаҳ, ки мурғаш дар қафас нест,
Ба майдон шуд малик, дар хона кас нест.
Чунон бо ихтиёри ёр дарсохт,
Ки аз худ ёри худро бознашнохт.
Агар дар нуру гар дар нор дидӣ,
Нишони ҳаҷру васли ёр дидӣ.
Зи ҳар нақше, ки ӯро омадӣ пеш,
Ба некахтар задӣ фоли дили хеш.
Касе дар ишқ фоли бад нагирад
В-агар гирад, барои х(в)ад нагирад.
Ҳар он нақше, ки ояд зишт ё хуб,
Кунад бар коми хеш он нақш мансуб.
Ба ҳар ҳафта шудӣ меҳмони он ҳур,
Ба дидоре қаноат кардӣ аз дур.
Дигар раҳ роҳи саҳро баргирифтӣ,
Ғами он дилситон аз сар гирифтӣ.
Шабонгоҳ омадӣ монанди нахчир
В-аз он ҳавза бихӯрдӣ шарбате шир,
Ҷуз он шир аз ҷаҳон х(в)арде набудаш,
Бурун з-он ҳавз новарде набудаш.
Ба шаб з-он ҳавзпоя ҳеҷ нагзашт,
Ҳама шаб гирди пои ҳавз мегашт.
Дар офоқ ин сухан шуд достоне,
Фитод ин достон дар ҳар забоне.

## ОГОҲӢ ЁФТАНИ ХУСРАВ АЗ ИШҚИ ФАРҲОД

Яке маҳрам зи наздикони даргоҳ
Фурӯ гуфт ин ҳикоят ҷумла бо шоҳ,
Ки Фарҳод аз ғами Ширин чунон шуд,
Ки дар олам ҳадисаш достон шуд.

Димоғашро чунон савдо гирифта-ст,
К-аз он савдо раҳи саҳро гирифта-ст.
Зи савдои ҷамоли он дилафрӯз
Бараҳнапову сар гардад шабу рӯз.
Дилам, гӯяд, ба Ширин дардманд аст,
Бад-он овоза овозаш баланд аст.
Ҳаросе, н-аз ҷавон дорад,на аз пир,
На аз шамшер метарсад,на аз тир.
Дилаш з-он моҳ бепайванд бинам,
Ба овозеш аз ӯ хурсанд бинам.
Зи бас, к-орад ба ёд он симтанро,
Фаромушкарда хоҳад хештанро.
Кунад ҳар ҳафта бар қасраш саломе,
Шавад розӣ, чу бинюшад паёме.
Малик чун кард гӯш ин достонро,
Ҳавас дар дил фузуд он дилситонро.
Ду ҳаммайдон ба ҳам беҳтар гироянд,
Ду булбул бар гуле хуштар сароянд.
Чу нақдеро ду кас бошад харидор,
Баҳои нақд беш ояд падидор.
Дили Хусрав ба навъе шодмон шуд,
Ки бо ӯ бедиле ҳамдостон шуд.
Ба дигар навъ ғайрат бурд бар ёр,
Ки соҳибғайраташ афзуд дар кор.
Дар он андеша оҷиз гашт рояш,
Ба ҳукми он ки дар гил будрояш.
Чу бар тан чира гардад дардмандӣ,
Фуруд ояд саҳисарв аз баландӣ.
Нашояд кард худро чораи кор,
Ки бемор аст рои марди бемор.
Сухан дар тандурустӣ тандуруст аст,
Ки дар сустӣ ҳама тадбир суст аст.
Табиб арчанд гирад набз пайваст,
Ба беморӣ ба дигар кас диҳад даст.

## РОЙ ЗАДАНИ ХУСРАВ ДАР КОРИ ФАРҲОД

Зи наздикони худ бо маҳраме чанд
Нишасту зад дар ин маънӣ даме чанд,
Ки бо ин марди савдоӣ чӣ созем,
Бад-ин мӯҳра чӣ гуна ҳуққа бозем?

Гараш монад бад-ӯ, корам табоҳ аст,
В-агар хунаш бирезам, бегуноҳ аст.
Басе кӯшидам андар подшоӣ,
Магар иде кунам бе рустоӣ,
Кунад бар ман кунун ид он маҳи нав,
Ки кард ошуфтаеро ёри Хусрав.
Хирадмандон чунин доранд посух,
Ки эй давлат ба дидори ту фаррух,
Камин мавлои ту соҳибкулоҳон,
Ба хоки пои ту савганди шоҳон,
Ҷаҳон андозаи умри дарозат,
Саодат ёри давлат корсозат!
Гар ин ошуфтаро тадбир созем,
На з-оҳан,к-аз зараш занҷир созем,
Ки савдоро муфарриҳ зар бувад зар,
Муфарриҳ худ ба зар гардад муяссар.
Нахусташ хонд бояд бо сад уммед,
Зарафшонӣ бар ӯ кардан чу хуршед.
Ба зар н-аз дилситон, к-аз дин барояд,
Бад-ин ширинӣ аз Ширин барояд.
Басо бино, ки аз зар кӯр гардад,
Бас оҳан, к-ӯ ба зар безӯр гардад.
Гараш натвон ба зар маъзул кардан,
Ба санге боядаш машғул кардан,
Ки то он рӯз, к-ояд рӯзи ӯ танг,
Гузорад умр дар пайкори он санг.

## ТАЛАБ КАРДАНИ ХУСРАВ ФАРҲОДРО

Чу шаҳ бишнид қавли анҷуманро,
Талаб фармуд кардан Кӯҳканро.
Даровардандаш аз дар чун яке кӯҳ,
Фитода аз пасаш халқе ба анбӯҳ.
Нишони меҳнат андар сар гирифта,
Раҳе бехеш андар бар гирифта.
Зи рӯяш гашта пайдо беқарорӣ,
Бар ӯ бигриста даврон ба зорӣ.
На дар Хусрав нигаҳ карду на дар тахт,
Чу шерон панҷа кард андар замин сахт.
Ғами Ширин чунон аз худ рабудаш,
Ки парвои худу Хусрав набудаш.

Малик фармуд, то бинвохтандаш,
Ба ҳар гоме нисоре сохтандаш.
Зи пой он пилболоро нишонданд,
Ба пояш пил боло зар фишонданд.
Чу гавҳар дар дили покаш яке буд,
Зи гавҳарҳо зару хокаш яке буд.
Чу меҳмонро наёмад чашм бар зар,
Зи лаб бикшод Хусрав ганҷи гавҳар.
Ба ҳар нукта, ки Хусрав соз медод,
Ҷавобаш ҳам ба нукта бозмедод.

## МУНОЗИРАИ ХУСРАВ БО ФАРҲОД

Нахустин бор гуфташ, к-аз куҷоӣ?
Бигуфт:– Аз дори мулки ошноӣ.
Бигуфт:– Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?
Бигуфт:– Андуҳ харанду ҷон фурӯшанд.
Бигуфто:– Ҷонфурӯшӣ дар адаб нест,
Бигуфт:– Аз ишқбозон ин аҷаб нест.
Бигуфт:– Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?
Бигуфт:– Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон.
Бигуфто:– Ишқи Ширин бар ту чун аст?
Бигуфт:– Аз ҷони ширинам фузун аст.
Бигуфто:– Ҳар шабаш бинӣ чу маҳтоб?
Бигуфт:– Оре, чу хоб ояд, куҷо хоб?!
Бигуфто:– Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?
Бигуфт:– Он гаҳ, ки бошам хуфта дар хок.
Бигуфто:– Гар хиромӣ дар сарояш?
Бигуфт:– Андозам ин сар зери пояш.
Бигуфто:– Гар кунам чашми туро реш?
Бигуфт:– Ин чашми дигар дорамаш пеш.
Бигуфто:– Гар касеш орад фаро чанг?
Бигуфт:– Оҳан хурад, в-ар худ бувад санг.
Бигуфто:– Гар наёбӣ сӯи ӯ роҳ?
Бигуфт:– Аз дур шояд дид дар моҳ.
Бигуфто:– Дурӣ аз маҳ нест дарх(в)ар,
Бигуфт:– Ошуфта аз маҳ дур беҳтар.
Бигуфто:– Гар бихоҳад, ҳар чӣ дорӣ?
Бигуфт:– Ин аз Худо хоҳам ба зорӣ.
Бигуфто:– Гар ба сар ёбиш хушнуд?
Бигуфт:– Аз гардан ин вом афканам зуд.

Бигуфто:– Дӯстиш аз табъ бигзор.
Бигуфт:– Аз дӯстон н-ояд чунин кор.
Бигуфт:– Осуда шав, к-ин кори хом аст,
Бигуфт:– Осудагӣ бар ман ҳаром аст.
Бигуфто:– Рав, сабурӣ кун дар ин дард,
Бигуфт:– Аз ҷон сабурӣ чун тавон кард?
Бигуфт:– Аз сабр кардан кас хиҷил нест,
Бигуфт:– Ин дил тавонад кард дил нест.
Бигуфт:– Аз ишқ корат сахт зор аст,
Бигуфт:– Аз ошиқӣ хуштар чӣ кор аст?
Бигуфто:– Ҷон мадеҳ, бас дил, ки бо ӯст,
Бигуфто:– Душмананд ин ҳар ду бе дӯст.
Бигуфто:– Дар ғамаш метарсӣ аз кас?
Бигуфт:– Аз меҳнати ҳиҷрони ӯ бас!
Бигуфто:– Ҳеҷ ҳамхобет бояд?
Бигуфт:– Ар ман набошам, низ шояд.
Бигуфто:– Чунӣ аз ишқи ҷамолаш?
Бигуфт:– Он кас надонад ҷуз хаёлаш.
Бигуфт:– Аз дил ҷудо кун ишқи Ширин!
Бигуфто:– Чун зиям бе ҷони ширин?
Бигуфт:– Ӯ они ман шуд, з-ӯ макун ёд,
Бигуфт:– Ин кай кунад бечора Фарҳод?
Бигуфт:– Ар ман кунам дар вай нигоҳе?
Бигуфт:– Офоқро сӯзам ба оҳе.
Чу оҷиз гашт Хусрав дар ҷавобаш,
Наёмад беш пурсидан савобаш.
Ба ёрон гуфт к-аз хокию обӣ
Надидам кас бад-ин ҳозирҷавобӣ.
Ба зар дидам, ки бо ӯ барнаёям,
Чу зарраш низ бар санг озмоям.
Кушод он гаҳ забон чун теғи пӯлод,
Фиканд алмосро бар санг бунёд.
Ки моро ҳаст кӯҳе бар гузаргоҳ,
Ки мушкил метавон кардан бад-ӯ роҳ.
Миёни кӯҳ роҳе канд бояд,
Чунон, к-омадшуди моро бишояд.
Бад-ин тадбир касро дастрас нест,
Ки кори тусту кори ҳеҷ кас нест.
Ба ҳаққи ҳурмати Ширини дилбанд,
К-аз ин беҳтар надонам хӯрд савганд,

Ки бо ман сар бад-ин ҳоҷат дарорӣ,
Чу ҳоҷатмандам, ин ҳоҷат барорӣ.
Ҷавобаш дод марди оҳанинчанг,
Ки бардорам зи роҳи Хусрав ин санг.
Ба шарти он ки хидмат карда бошам,
Чунин шарте ба ҷой оварда бошам.
Дили Хусрав ризои ман биҷӯяд,
Ба тарки шаккари Ширин бигӯяд.
Чунон дар хашм шуд Хусрав зи Фарҳод,
Ки ҳалқаш хост озурдан ба пӯлод.
Дигар раҳ гуфт, аз ин шартам чӣ бок аст,
Ки санг аст, он чи фармудам, на хок аст.
Агар хок аст, чун шояд буридан
В-агар буррад, куҷо шояд кашидан?
Ба гармӣ гуфт, к-оре шарт кардам
В-агар з-ин шарт баргардам, на мардам.
Миён дарбанду зӯри даст бикшой,
Бурун шав, дастбурди хеш бинмой.
Чу бишнид ин сухан Фарҳоди бедил,
Нишони кӯҳ ҷуст аз шоҳи «одил».
Ба кӯҳе кард Хусрав раҳнамудаш,
Ки хонад ҳар кас акнун Бесутунаш.
Ба ҳукми он ки санге буд хоро,
Ба сахтӣ рӯи он санг ошкоро.
Зи даъвигоҳи Хусрав бо диле х(в)аш
Равон шуд Кӯҳкан чун кӯҳи оташ.
Бар он кӯҳи камаркаш рафт чун бод,
Камар дарбасту захми теша бикшод.
Нахуст озарми он курсӣ нигаҳ дошт,
Бар ӯ тимсолҳои нағз бингошт.
Ба теша сурати Ширин бар он санг
Чунон барзад, ки Монӣ нақши Аржанг.
Пас он гаҳ аз синони тешаи тез,
Гузориш кард шакли шоҳу Шабдиз.
Бад-он сурат шунидӣ, к-аз ҷавонӣ
Ҷавонмарде чӣ кард аз меҳрбонӣ.
В-аз он дунба, ки омад пиҳпарвард,
Чӣ кард он пирзан бо он ҷавонмард?
Агарчи дунба бар гургон тала баст,
Ба дунба шермарде з-он тала раст.

Чу пиҳ аз дунба з-он сон дид бозӣ,
Ту бар дунба чаро пиҳ мегудозӣ?
Макун, к-ин меш дандон пир дорад,
Ба хӯрдан дунбаи дилгир дорад.
Чу бурҷи толеат н-омад занабдор,
Зи пас рафтан чаро бояд занабвор?!

## КӮҲ КАНДАНИ ФАРҲОД ВА ЗОРИИ Ӯ

Чу шуд пардохта Фарҳодро чанг
Зи сураткории девори он санг,
Наёсудӣ зи вақти субҳ то шом,
Буридӣ кӯҳ бар ёди дилором.
Ба кӯҳ андохтан букшод бозу,
Ҳамебуррид санге бе тарозу.
Ба ҳар хориш, ки бо он хора кардӣ,
Яке бурҷ аз ҳисораш пора кардӣ.
Ба ҳар захме зи пой афканд кӯҳе,
К-аз он омад халоиқро шикӯҳе.
Ба алмоси мижа ёқут месуфт,
Зи ҳоли хештан бо кӯҳ мегуфт,
Ки эй кӯҳ,арчи дорӣ санги хора,
Ҷавонмардӣ куну шав пора-пора.
Зи баҳри ман ту лахте рӯй бихрош,
Ба пеши захми сангинам сабук бош,
Вагарна ман ба ҳаққи ҷони ҷонон,
Ки то он дам, ки бошад бар танам ҷон,
Наёсояд танам з-озор бо ту,
Кунам ҷон бар сари пайкор бо ту!
Шабоҳангом, к-аз саҳрои андӯҳ
Расидӣ офтобаш бар сари кӯҳ,
Сиёҳӣ бар сапедӣ нақш бастӣ,
Алам бархостӣ, султон нишастӣ,
Шудӣ наздики он сурат замоне
Дар он санг аз гуҳар ҷустӣ нишоне.
Задӣ бар пои он сурат басе бӯс,
Баровардӣ зи ишқаш нола чун кӯс,
Ки эй меҳроби чашми нақшбандон,
Давобахши даруни дардмандон,
Бути симинтани сангиндили ман,
Ба ту гумраҳ шуда мискин дили ман.

Ту дар санге чу гавҳар пойбаста,
Ман аз санге чу гавҳар дилшикаста.
Замоне пеши ӯ бигристӣ зор,
Пас аз гиря намудӣ узри бисёр.
В-аз он ҷо баршудӣ бар пуштаи кӯҳ,
Ба пушт- андар гирифта бори андӯҳ.
Назар кардӣ суи қасри дилором,
Ба зорӣ гуфтӣ:– «Эй сарви гуландом,
Ҷигарполудаеро дил барафрӯз,
Зикорафтодаро коре даромӯз.
Муроди бемуродеро раво кун,
Умеди ноумедеро вафо кун.
Ту худ донам, ки аз ман ёд н-орӣ,
Ки ёре беҳтар аз ман ёд дорӣ.
Манам ёре, ки бар ёдат шабу рӯз
Ҷаҳон сӯзам ба фарёди ҷаҳонсӯз.
Туро то дил ба Хусрав шод бошад,
Ғарибе чун манат кай ёд бошад?!
Нишаста шод Ширин чун гули нав,
Шакаррезон ба ёди рӯи Хусрав.
Фидо карда чунин Фарҳоди мискин
Зи баҳри ҷони Ширин ҷони ширин.
Агарчи н-орӣ, эй бадри мунирам,
Пас аз ҳаҷҷеву умре дар замирам.
Ман аз ишқи ту, эй шамъи шабафрӯз,
Бад-ин рӯзам, ки мебинӣ, бад-ин рӯз.
Дар ин даҳлезаи тангофарида,
Вуҷуде дорам аз санг офарида.
Маро ҳам бахти бад доман гирифтаст,
Ки ин бадбахтӣ андар ман гирифтаст.
Агар на з-оҳану санг аст рӯям,
Вафо аз сангу оҳан чанд ҷӯям?
Макун з-ин беш хорӣ бар дили танг,
Ғариберо макуш чун мор дар санг.
Туро паҳлӯи фарбеҳ нест ноёб,
Ки дорӣ бар яке паҳлӯ ду қассоб.
Манам танҳо чунин бар пушта монда,
Зи нанги лоғарӣ нокушта монда.
Зи ишқат сӯзаму месозам аз дур,
Ки парвона надорад тоқати нур.

Аз он наздики ту мен-ояд ин хок,
Ки бошад кори наздикон хатарнок.
Ба ҳаққи он, ки ёре ҳақшиносам,
Ки ҷуз куштан манеҳ бар сар сипосам.
Магар, к-аз банди ғам бозам раҳонӣ,
Ки мурдан беҳ маро з-ин зиндагонӣ.
Ба рӯзи ман ситора бармаёёд,
Ба бахти ман кас аз модар мазоёд!
Маро модар дуо кардаст гӯӣ,
Ки аз ту дур бодо, ҳар чӣ ҷӯӣ.
Агар дар теғи даврон заҳмате ҳаст,
Чаро буррад туро нохун, маро даст.
В-агар бе майл шуд пистони гардун,
Чаро бахшад туро ширу маро хун?
Бад-он шире, ки аввал модарат дод,
Ки чун аз ҷӯи ман шире хурӣ шод,
Кунӣ ёдам ба шири шаккаролуд,
Ки дорад ташнаро шиӣру шакар суд!
Ба шире чун шубонон даст гирам,
Ки дар ишқи ту чун тифле ба ширам.
Ба ёд орам чу шири хушгуворон,
Фаромӯшам макун чун ширхорон.
Гарам шириние надҳӣ зи ҷомат,
Даҳон ширин ҳаме дорам зи номат.
Чу кас ҷуз ту надорам ёри ғамхор,
Маро бе ёру бе ғамхор магзор.
Забон тар кун, бихон ин хушклабро,
Ба рӯзи равшан ор ин тирашабро.
Ба донге гарчи ҳастам бо ту дарвеш,
Тавонгарвор ҷонро мекашам пеш.
Зи давлатмандии дарвеш бошад,
Ки бесармоя судандеш бошад.
Масӯз он дил, ки дилдораш ту бошӣ,
Зи гетӣ чораи кораш ту бошӣ.
Чу дар хубӣ ғариб афтодӣ, эй моҳ,
Ғарибонро фурӯ магзор дар роҳ,
Ту, к-имрӯз аз ғарибӣ бенасибӣ,
Битарс аз меҳнати рӯзи ғарибӣ.
Тамаъ дар зиндагонӣ баста будам,
Умед андар ҷавонӣ баста будам.

Аз он ҳар ду кунун навмед гаштам,
Балоро хонаи ҷовид гаштам.
Дареғо, ҳар чӣ дар олам рафиқ аст,
Туро то вақти сахтӣ ҳамтариқ аст.
Гаҳи сахтӣ таносой пазиранд,
Ту гӯӣ дасту эшон пой гиранд.
Махур хунам, ки хун хӯрдам зи баҳрат,
Ғарибам, охир, эй ман хоки шаҳрат.
Чӣ бад кардам, ки бо ман кина ҷӯӣ?
Бад афтад, гар баде кардам, нагӯӣ?
Хаёлатро парастишҳо намудам
В-агар ҷурме ҷуз ин дорам, ҷуҳудам!
Макун бо ёри якдил бевафоӣ,
Ки кас бо кас накард ин нохудоӣ.
Агар бодам, ту низ, эй сарви озод,
Саре чун бед дарҷубон ба ин бод.
В-агар хокам, ту эй ганҷи хатарнок,
Зиёратхонае барсоз аз ин хок.
Агар нагзорӣ, эй шамъи Тарозам,
Ки пиҳе дар чароғат мегудозам,
Чунонам куш, ки дур аз остонат
Рамиме бошам аз дастустухонат.
Манам дурроҷаи мурғони шабхез,
Ҳама шаб мӯнисам мурғи шабовез.
Шабе хоҳам, ки бинӣ зориямро,
Саҳархезию шаббедориямро.
Гар аз пӯлод дорӣ дил, на аз санг,
Бибахшоӣ бар ин маҷрӯҳи дилтанг.
Кашам ҳар лаҳза ҷавре нав-нав аз ту,
Ба як ҷав бар ту,эй ман ҷав-ҷав аз ту.
Ман афтода чунин чун гови ранҷур,
Ту мебинӣ, харак меронӣ аз дур.
Карам з-ин беш кун бо мурдаи хеш,
Макун бедод бар дилбурдаи хеш.
Ҳақиқат дон, маҷозӣ нест ин кор,
Ба кор оям, ки бозӣ нест ин кор.
Ман андар дасти ту чун коҳ пастам,
Вагарна кӯҳ оҷиз шуд зи дастам.
Чу ман дар зӯри даст аз кӯҳ бешам,
Чӣ бошад лашкаре чун кӯҳ пешам.

Агар ман теғ бар ҳайвон кунам тез,
На Шабдизам ҷаве санҷад, на Парвиз.
Зи Парвизу зи Ширину зи Фарҳод
Ҳама дар ҳарф панҷем, эй паризод.
Чаро чун номи ҳар як панҷ ҳарф аст,
Ба бурдан панҷаи Хусрав шигарф аст?
Надонам хасмро ғолибтар аз хеш,
Ки дар мағлубу ғолиб номи ман беш.
Валек идбори худро мешиносам
В-аз иқболи мухолиф меҳаросам.
Ҳам идборе аҷаб дар роҳ дорам,
Ки муқбилтар касе  бадхоҳ дорам.
Мабодо кас в-агарчи шоҳ бошад,
Ки ӯро муқбиле бадхоҳ бошад.
Аз он тарсам, ки дар пайкори ин кӯҳ
Гарав бар хасм монад, бар ман андӯҳ.
Маро он кас, ки ин пайкор фармуд,
Талабгори ҳалоки ҷони ман буд.
Дар ин сахтӣ маро шуд мурдан осон,
Ки ҷон дар ғусса дорам, ғусса дар ҷон.
Маро дар ошиқӣ корест мушкил,
Ки дил бар санг бастам, санг бар дил.
Ҳақиқат дон, маҷозӣ нест ин кор,
Ба кор оям, ки бозӣ нест ин кор!
Тавон худро ба сахтӣ сангдил кард,
Бад-ин сахтӣ на, к-оҳанро хиҷил кард.
Маро ишқат чу муми зард сӯзад,
Дилам бар хештан з-ин дард сӯзад.
Маро гар нуқраву зар нест дар бор,
Ки дар поят кашам харвор-харвор,
Рухи зардам кунад дар ашкборӣ,
Гаҳе заркӯбию гаҳ нуқракорӣ.
Зи савдои ту, эй шамъи ҷаҳонтоб,
На дар бедорӣ осудам, на дар хоб.
Агар бедорам, андӯҳ боядам х(в)ард
В-агар дар хобам,афзун бошадам дард.
Чу дар бедорию хоб инчунинам,
Паноҳе беҳ зи ту худро набинам.
Биё, к-аз мардумӣ ҷон бар ту резам,
На девам, к-охир аз мардум гурезам.

Касе дар банди мардум чун набошад,
Ки ӯ аз санг мардум метарошад?
Тарошам сангу ин пинҳониям нест,
Ки дар пеш аст, дар пешониям нест.
Касеро рӯ бо рӯ аз халқ бахт аст,
Ки чун оина пешониш сахт аст?
Бар он кас чун бибахшад нашви хокӣ,
Ки дорад чун бунафша шармнокӣ?
Зи бешармӣ касе, к-ӯ шӯхдидаст,
Чу наргис бо кулоҳи зар кашидаст.
Ҷаҳонро нест гарде пастар аз ман,
Набинӣ ҳеҷ кас бекастар аз ман.
На чандон дӯсте дорам диловез,
Ки гар рӯзе бияфтам, гӯядам, хез.
На чандонам касе дар хайл пайдост,
Ки гар мирам, кунад болини ман рост.
Манам танҳо дар ин андӯҳу ҷоне,
Фидо карда саре бар остоне.
Агар сад сол дар чоҳе нишинам,
Касе ҷуз оҳи худ боло набинам.
В-агар гардам ба кӯҳу дашт сад сол,
Ба ҷуз соя касам н-ояд ба дунбол.
Чӣ сагҷонам, ки бо ин дарднокӣ
Чу сагдорон давам хунию хокӣ.
Сагонро дар ҷаҳон ҷою маро не,
Гиёро бар замин пою маро не.
Палангонро ба кӯҳистон паноҳ аст,
Наҳангонро ба дарё ҷойгоҳ аст.
Мани бесанги хокӣ монда дилтанг,
На дар хокам дар осоиш, на дар санг.
Чу бар хокам набуд аз ғам ҷудоӣ,
Шавам дар хок, то ёбам раҳоӣ.
Бад-ин беравғанӣ мағзи димоғам
Ғами дил, бин, ки сӯзад чун чароғам.
Зи ман хокистаре монда дар ин дард,
Ба хокистар тавон оташ ниҳон кард?
Манам хоке чу бод аз ҷой рафта,
Нишот аз дасту зӯр аз пой рафта.
Агар пое ба даст орам дигар бор,
Ба доман даркашам чун нақши девор.

Чу нуқта зери паргор оварам рӯй,
Шавам, дар нақши девор оварам рӯй.
Ба сад девори сангин пешу пасро
Бибинам, то набинам нақши касро.
Набандам дил дигар дар сурати кас,
Аз ин суратпарастидан маро бас».
Чу з-ин сурат ҳадисе чанд рондӣ,
Дили мискин бар он сурат фишондӣ.
Чу шаб рӯй аз вилоят даркашидӣ,
Сипоҳи рӯз роят баркашидӣ.
Дигар бор он қиёматрӯзи шабхез
Ба захми кӯҳ кардӣ тешаро тез.
Ба шаб то рӯз гавҳарбор будӣ,
Ба рӯзаш сангсуфтан кор будӣ.
Мабодо кас бад-ин бехонумонӣ,
Бад-ин талхӣ чӣ бояд зиндагонӣ?
Ба ту боди ҳалокам медавонад,
Хато гуфтам, ки хокам медавонад.
Чу ту ҳастӣ, нагӯям, кистам ман,
Деҳ они туст,дар деҳ чистам ман?!
Нашояд гуфт, ман ҳастам, ту ҳастӣ,
Ки он гаҳ лозим ояд худпарастӣ.
Ба рафтан боз мекӯшам, чӣ суд аст,
Наёбам раҳ, ки пешоҳанг дуд аст.
Дар ин манзил, ки пой аз пӯя фарсуд,
Расидан дер мебинам, шудан зуд.
Ба рафтан маркабам бас тезгом аст,
Надонам, ҷои оромам кадом аст.
Чу аз ғам нестам як лаҳза озод,
Нахоҳам ҳеҷ касро дар ҷаҳон шод».
Дило, донӣ, ки доноён чӣ гуфтанд,
Дар он дарё, ки дурри ақл суфтанд:
– «Касе, к-ӯро бувад дар табъ сустӣ,
Нахоҳад ҳеҷ касро тандурустӣ».
Маро ишқ аз куҷо дарх(в)ард бошад,
Ки бар мӯе ҳазорон дард бошад.
Зи бас сангу зи бас гавҳар, ки мерехт,
Димоғаш санг бо гавҳар баромехт.
Ба гирди олам аз Фарҳоди ранҷур
Ҳадиси кӯҳ кандан гашт машҳур.

Зи ҳар букъа шуданд̣ӣ сангсоён,
Бимонданд̣ӣ дар ӯ ангуштхоён.
Зи сангу оҳанаш ҳайрон шуданд̣ӣ,
Дар он саргашта саргардон шуданд̣ӣ.

## РАФТАНИ ШИРИН БА КӮҲИ БЕСУТУН ВА САБҚАТ ШУДАНИ АСПИ ВАЙ

Муборак рӯзе аз хушрӯзгорон
Нишаста буд Ширин пеши ёрон.
Сухан мерафташон аз ҳар наварде
Чунон ояд зи ҳар гармеву сарде.
Яке айши гузашта ёд мекард,
Бад-он таърих дилро шод мекард.
Яке афсонаи оянда мехонд,
Ки шодӣ бештар хоҳем з-ин ронд.
Зи ҳар шева сухан, к-он дилнавоз аст,
Бигуфтанд, он чи вогуфтан дароз аст.
Сухан чун шуд мусалсал, оқибат кор
Сутуни Бесутун омад падидор.
Ба ханда гуфт бо ёрон дилафрӯз:
– «Алам бар Бесутун хоҳам зад имрӯз.
Бибинам, к-оҳанин бозуи Фарҳод
Чӣ гуна санг мебуррад ба пӯлод.
Магар з-он сангу оҳан рӯзгоре
Ба дилгармӣ фитад бар ман шароре».
Бифармуд аспро зин барниҳодан,
Сaборо маҳди заррин барниҳодан.
Набуд он рӯз Гулгун дар висоқаш,
Бар аспе дигар афтод иттифоқаш,
Бурун омад,чӣ гӯям, чун баҳоре
Ба зебоӣ чу яғмоӣ нигоре.
Равон шуд, наргисон пурхоб гашта,
Чу сад хирман гули сероб гашта.
Бад-он нозуктанию обдорӣ
Чу мурғе буд дар чобуксаворӣ.
Чунон чобукнишин буд он дилором,
Ки барҷастӣ ба зин миқдори даҳ гом.
Зи наълаш бар сабо мисмор мезад,
Заминро чун фалак паргор мезад.
Чу омад бо нисори мушку насрин
Бари он кӯҳи сангин кӯҳи симин.

Зи акси рӯи он хуршеди рахшон
Зи лаъл он сангҳо шуд чун Бадахшон.
Чу кӯҳе Кӯҳканро назди худ хонд
В-аз он ҷо кӯҳтан зӣ кӯҳкан ронд.
Ба ёди лаъли ӯ Фарҳоди ҷонкан
Кананда кӯҳро чун марди конкан.
Зи ёри сангдил харсанг мех(в)ард,
Валекин арбада бо санг мекард.
Иёри дастбурдашро дар он санг
Тарозуе наёмад рост дар чанг.
Ба шахси кӯҳпайкар кӯҳ меканд,
Ғаме дар пеш чун кӯҳи Дамованд.
Даруни санг аз он меканд модом,
Ки аз сангаш бурун меомад он ком.
Рухи хоро ба хуни лаъл мешуст,
Магар дар санги хоро лаъл меҷуст.
Чу аз лаъли лаби Ширин хабар ёфт,
Ба санги хора-дар, гуфтӣ, гуҳар ёфт.
Ба дасташ оҳан аз дил гармтар гашт,
Ба оҳан сангаш аз дил нармтар гашт.
Ба дасте сангро меканд чун гил,
Ба дигар даст мезад санг бар дил.
Дилашро ишқи он бут мехарошид,
Чу бут будаш, чаро бут метарошид?
Шакарлаб дошт бо худ соғаре шир,
Ба дасташ дод, к-ин бар ёди ман гир.
Ситад шир аз кафи Ширин ҷавонмард,
Ба ширинӣ, чӣ гӯям, чун шакар х(в)ард.
Чу Ширин соқие бошад ҳамоғӯш,
На шир, ар захр бошад ҳам, шавад нӯш!
Чу ошиқ маст гашт аз ҷоми боқӣ,
Зи маҷлис азми рафтан кард соқӣ.
Шуд андомаш гарон аз зар кашидан,
Фурӯ монд асбаш аз гавҳар кашидан.
На асб, ар кӯҳи зар будӣ надимаш,
Сақат гаштӣ ба зери кӯҳи симаш.
Чунин гӯянд, к-асби бодрафтор
Сақат шуд зери он ганҷи гуҳарбор.
Чу ошиқ дид, к-он маъшуқи чолок
Фурӯ хоҳад фитод аз бод бар хок,

Ба гардан асбро бо шаҳсавораш
Зи ҷо бардошт, осон кард кораш.
Ба қасраш бурд аз он сон нозпарвард,
Ки мӯе бар тани Ширин наёзард.
Ниҳодаш бар бисоти навбати гоҳ,
Ба навбатгоҳи хеш омад дигар роҳ.
Ҳамон оҳангарӣ бо хора мекард,
Ҳамон санге ба оҳанпора мекард.
Шуда бар кӯҳ кӯҳе бо дили танг,
Саре бар санг мезад бар сари санг.
Чу оҳу сабзае бар кӯҳ дида,
Зи шӯристон ба гӯристон рамида.

## ОГОҲИИ ХУСРАВ АЗ РАФТАНИ ШИРИН БА НАЗДИ ФАРҲОД

Ҷаҳонсолор Хусрав ҳар замоне
Ба чарбӣ ҷустӣ аз Ширин нишоне.
Ҳазораш бештар соҳибхабар буд,
Ки ҳар як бар сари коре дигар буд.
Гар ангуште задӣ бар бинӣ он моҳ,
Маликро як ба як кардандӣ огоҳ,
Дар он муддат, ки шуд Фарҳодро дид,
На кӯҳ, он қалъаи пӯлодро дид,
Хабар доданд солори ҷаҳонро,
Ки чун Фарҳод дид он дилситонро,
Даромад зӯри дасташро шукӯҳе,
Ба ҳар захме зи пой афканд кӯҳе.
Аз он соат нишоте даргирифтаст,
Зи санг оини сахтӣ баргирифтаст.
Бад-он оҳан, ки ӯ санг озмун кард,
Тавонад Бесутунро бесутун кард,
Куланге мезанад чун шери ҷангӣ,
Куланге, не, ки ӯ бошад куланге.
Бичарбад рӯбаҳ, ар чарбиш бошад,
В-агар бо гург ҳамҳарбиш бошад.
Чу аз динор гавро бештар бор
Тарозу сар бигардонад зи динор.
Агар монад бад-ин қувват яке моҳ,
Зи пушти кӯҳ берун оварад роҳ.
Малик бесанг шуд з-он санг суфтан,
Ки боисташ ба тарки лаъл гуфтан.

Ба пурсиш гуфт бо пирони ҳушёр:
– «Чӣ бояд сохтан тадбири ин кор?»
Чунин гуфтанд пирони хирадманд
Ки гар хоҳӣ, ки осон гардад ин банд,
Фурӯ кун қосидеро, к-аз сари роҳ
Бар ӯ гӯяд, ки Ширин мурд ногоҳ.
Магар якчанде афтад дасташ аз кор,
Диранге дар ҳисоб ояд падидор.
Талаб карданд нофарҷомгӯе,
Гиреҳпешоние, дилтангрӯе,
Чу қассоб аз ғазаб хунинишоне.
Чу наффот аз бурут оташфишоне.
Суханҳои бадаш таълим карданд,
Ба зар ваъда, ба оҳан бим карданд.
Фиристоданд сӯи Бесутунаш,
Шуда бар ноҳифозӣ раҳнамунаш.
Чу чашми шӯхи ӯ Фарҳодро дид,
Ба дасташ дашнаи пӯлодро дид,
Ба сони шери ваҳшӣ ҷаста аз банд,
Чу пили мастгашта кӯҳ меканд.
Дилаш дар кори Ширин гарм гашта,
Ба дасташ сангу оҳан нарм гашта.
Аз он оташ, ки дар ҷону ҷигар дошт,
На аз хешу на аз олам хабар дошт.
Ба ёди рӯи Ширин байт мегуфт,
Чу оташ теша мезад, кӯҳ месуфт.
Суи Фарҳод рафт он сангдил мард,
Забон букшоду худро тангдил кард,
Ки эй нодони ғофил, дар чӣ корӣ?
Чаро умре ба ғафлат мегузорӣ?
Бигуфто:– «Бар нишоти номи ёре
Кунам з-ин сон, ки бинӣ, дасткорӣ.
Чӣ ёр, он ёр, к-ӯ ширинзабон аст,
Маро сад бор ширинтар зи ҷон аст»,
Чу марди туршрӯи талхгуфтор
Дами ширин зи Ширин дид дар кор,
Баровард аз сари ҳасрат яке бод,
Ки Ширин мурду огаҳ нест Фарҳод.
Дареғо, ончунон сарви шағабнок,
Зи боди марг чун афтод бар хок,

Зи хокаш анбар афшонданд бар моҳ,
Ба оби дида шустандаш ҳама роҳ.
Ҳам охир бо ғамаш дамсоз гаштанд,
Супурдандаш ба хоку бозгаштанд.
Дар ӯ ҳар лаҳза теғе чанд мебаст,
Ба рӯяш дар дареғе чанд мебаст.
Чу гуфт он зулфу он хол, эй дареғо,
Забонаш чун нашуд лол, эй дареғо?
Касеро дил диҳад, к-ин роз гӯяд?
Набинад, в-ар бибинад, бозгӯяд?
Чу афтод ин сухан дар гӯши Фарҳод,
Зи тоқи кӯҳ чун кӯҳе дарафтод.
Баровард аз ҷигар оҳе чунон сард,
Ки гуфтӣ дурбоше бар ҷигар х(в)ард.
Ба зорӣ гуфт, к-овах, ранҷ бурдам,
Надида роҳате, дар ранҷ мурдам.
Агар сад гӯсфанд ояд фаро пеш,
Барад гург аз гала қурбони дарвеш.
Чӣ хуш гуфт он гулобӣ бо гулистон,
Ки ҳар ч-ат боз бояд дод мастон.
Фурӯ рафта ба хок он сарви чолок,
Чаро бар сар нарезам ҳар замон хок?
Зи гулбун рехта гулбарги хандон,
Чаро бар ман нагардад боғ зиндон?
Парида аз чаман кабки баҳорӣ,
Чаро чун абр нахрӯшам ба зорӣ?
Фурӯ мурда чароғи оламафрӯз,
Чаро рӯзам нагардад шаб бад-ин рӯз?
Чароғам мурд, бодам сард аз он аст,
Маҳам рафт,офтобам зард аз он аст.
Ба Ширин дар адам хоҳам расидан,
Ба як так то адам хоҳам давидан.
Салои дарди Ширин дар ҷаҳон дод,
Замин бар ёди ӯ бӯсиду ҷон дод.
Замона худ ҷуз ин коре надонад,
Ки андӯҳе диҳад, ҷоне ситонад.
Чу корафтода гардад бенавое,
Дараш даргирад аз ҳар сӯ балое.
Ба ҳар шохи гуле, к-ӯ дарзанад чанг,
Ба ҷои гул биборад бар сараш санг.

Чунон аз хушдилӣ бебаҳр гардад,
Ки дар комаш табарзад заҳр гардад.
Чунон танг ояд аз шӯридани бахт,
Ки барбояд гирифташ з-ин ҷаҳон рахт.
Инони умр аз ин сон дар нишеб аст,
Ҷавониро чунин по дар рикеб аст.
Касе ёбад зи даврон растгорӣ,
Ки бардорад иморат з-ин иморӣ.
Масеҳовор дар дайре нишинад,
Ки бо чандон чароғаш кас набинад,
Ҷаҳон дев асту вақти девбастан,
Ба хушхӯӣ тавон з-ин дев растан.
Макун дӯзах ба худ-бар хӯи бадро,
Биҳишти дигарон кун хӯи х(в)адро.
Чу дорад хӯи ту мардумсириштӣ,
Ҳам ин ҷову ҳам он ҷо дар биҳиштӣ.
Махусб, эй дида, чандон ғофилу маст,
Чу бедорон баровар дар ҷаҳон даст,
Ки чандон хуфт хоҳӣ дар дили хок,
Ки фармӯшат кунад даврони афлок.
Бад-ин панҷоҳсола ҳуққабозӣ,
Бад-ин як мӯҳра гил то чанд нозӣ?
На панҷаҳ сол, агар панҷаҳ ҳазор аст,
Сараш барнеҳ, ки ҳам нопойдор аст.
Нашояд оҳанинтар будан аз санг,
Бибин, то рег чун резад ба фарсанг.
Замин натъест, регаш чун нарезад,
Ки бар натъе чунин ҷуз хун нарезад.
Басо хуне, ки шуд бар хоки ин дашт,
Сиёвуше наруст аз зери ин тašт.
Ҳар он зарра, ки орад тундбоде,
Фаридуне бувад ё Кайқубоде.
Кафе гил дар ҳама рӯи замӣ нест,
Ки бар вай хуни чандин одамӣ нест.
Кӣ медонад, ки ин дайри куҳансол
Чӣ муддат дораду чун будаш аҳвол.
Ба ҳар сад сол давре гирад аз сар,
Чу он даврон шуд, орад даври дигар.
Намонад кас, ки бинад даври ӯро,
Бад-он, то дарнаёбад ғаври ӯро.

Ба рӯзе чанд бо даврон давидан,
Чӣ шояд дидану чӣ т-вон шунидан?
Зи ҷавру адл дар ҳар давр созест,
Дар ӯ донандаро пӯшида розест,
Намеҳоҳӣ, ки бинӣ ҷавр бар ҷавр,
Набояд гуфт рози давр бо давр.
Шабу рӯз аблақе шуд тунд, зинҳор,
Бад-ин аблақ инони хеш маспор.
Ба сад фан гар намоӣ зуфунунӣ
Нашояд бурд аз ин аблақ ҳарунӣ.
Чу гурба хештан то кай парастӣ,
Бияфкан аз бағал гурба, ки растӣ.
Фалак чандон, ки деги хокро пухт,
Нарафт аз хӯи ӯ хомӣ чу кимухт.
Қимористони чархи нимхоя
Басе пурмояро будаст моя.
Арӯси хок агар бадри мунир аст,
Ба дасти бод кун амраш, ки пир аст.
Магар хусфе ки хоҳад будан аз бод,
Талоқи амр хоҳад хокро дод.
Гар он бод ояду гар н-ояд имрӯз,
Ту бар хоке чунин машъал маяфрӯз.
Дар ин як мушт хок, эй хок дар мушт,
Гар афрӯзӣ чароғ аз ҳар даҳ ангушт,
Нашуд мумкин, ки ин хоки хатарнок
Бар ангушти бурида барканад хок.
Ту беандом аз ин андом сустӣ,
Ки гоҳе рахна дорад, гоҳ сустӣ,
Фуруд афтодан осон бошад аз бом,
Агар дар раҳ набошад касриандом
Набинӣ, марди беандом дар хоб
Наранҷад, гар фитад сад тири партоб.
Турунҷ аз дуди гӯгирд он надида,
Ки мо з-ин нӯҳ турунҷи норасида.
Чу Юсуф з-ин турунҷ аз сар натобӣ,
Чу норинҷ, аз Зулайхо захм ёбӣ.
Саҳаргаҳ маст шав, санге барандоз,
Зи норинҷу турунҷ ин хон бипардоз.
Бурун афкан буна з-ин дори нуҳдар,
Магар, к-эмин шавӣ з-ин мори нуҳсар.

Нафас, к-ӯ ҳоҷатоши зиндагонист,
Зи мо парвардаи боди хазонист.
Агар як дам занӣ бе ишқ, мурда-ст,
Ки бар мо як ба як дамҳо шумурда-ст.
Бибояд ишқро Фарҳод будан,
Пас он гоҳе ба мурдан шод будан.
Муҳандис дастаи пӯлодтеша
Зи чӯби нори тар кардӣ ҳамеша.
Зи баҳри он ки бошад дастгираш,
Ба даст- андар бувад фармонпазираш.
Чу бишнид ин суханҳои ҷигартоб,
Фарози кӯҳ кард он теша партоб.
Синон дар санг рафту даста дар хок,
Чунин гӯянд, хоке буд намнок.
Аз он даста баромад шӯшаи нор,
Дарахте гашту боре дод бисёр.
Аз он шӯша кунун гар нор ёбӣ,
Давои дарди ҳар бемор ёбӣ.
Низомӣ гар надид он норбунро,
Ба дафтар-дар чунин хонд ин сухунро.

## ТАЪЗИЯТНОМАИ ХУСРАВ БА ШИРИН АЗ РОҲИ ТАНЗ

Сароянда чунин афканд бунёд,
Ки чун дар ишқи Ширин мурд Фарҳод,
Дили Ширин ба дард омад зи доғаш,
Ки мурғе нозанин гум шуд зи боғаш.
Бар он озод сарви ҷӯйборӣ
Басе бигрист чун абри баҳорӣ.
Ба расми меҳтаронаш ҳулла барбаст,
Ба хокаш доду омад бод дар даст.
Зи хокаш гунбаде олӣ барафрохт,
В-аз он гунбад зиёратхонае сохт.
Хабар доданд Хусравро чапу рост,
Ки аз раҳ заҳмати он хор бархост.
Пушаймон гашт шоҳ аз кардаи хеш
В-аз он озор гашт озурдаи хеш.
Дарандешиду буд андешаро ҷой,
Ки бодафроҳро чун дорад ӯ пой.
Касе, к-ӯ бо касе бадсоз гардад,
Бад-ӯ рӯзе ҳамон бад бозгардад.

Дар ин ғам рӯзу шаб андеша мекард,
Аз ин андеша ҳам рӯзе қафо х(в)ард.
Дабири хосро наздики худ хонд,
Ки бар коғаз ҷавоҳир донад афшонд.
Гулаш фармуд дар шаккар сириштан,
Ба Ширин номае ширин навиштан.
Нахустин пайкари он нақши дилбанд
Тавалло карда бар номи Худованд.
Ба номи рӯшноибахши биниш,
Ки равшанчашм аз ӯ гашт офариниш,
Падидорандаи инсию ҷонӣ,
Асарҳои заминӣ в-осмонӣ.
Фалакро карда гардон бар сари хок,
Заминро ҷои гардишгоҳи афлок.
Пас аз номи Худову номи покон
Бароварда ҳадиси дарднокон,
Ки шоҳи некувон Ширини дилбанд,
Ки хонандаш шакархоён шакарханд,
Шунидам, к-аз паи ёре ҳаваснок
Ба мотам навбате зад бар сари хок.
Зи сунбул кард бар гул мушкбезӣ,
Зи наргис бар суман симобрезӣ.
Дуто кард аз ғамаш сарви равонро,
Ба нилуфар бадал кард арғавонро.
Суманро аз бунафша тавқ барбаст,
Рутабҳоро ба захми устухон хаст.
Ба лола тахтаи гулро тарошид,
Ба лӯълӯ гӯшаи маҳро харошид.
Паранди моҳро пайванд бикшод,
Зи рух бурқаъ, зи гесӯ банд бикшод.
Ҷаҳонро сӯхт аз фарёд кардан,
Ба зорӣ дӯстонро ёд кардан.
Чунин ояд зи ёрон шарти ёрӣ,
Ҳамин бошад нишони дӯстдорӣ.
Бар он ҳаммоли кӯҳафкан бибахшуд,
Ба сар зону, ба зону кӯҳ паймуд.
Ғарибе кушта беш арзад фиғоне,
Ҷаҳон гӯ, то бар ӯ гиряд ҷаҳоне.
Бад-ин сон ошиқе дар ғам бимирад,
Чун ӯ бод он, ки з-ӯ ибрат нагирад!

Ҳисоб аз кори ӯ дур аст моро,
Дил аз баҳри ту ранҷур аст моро.
Чу донам, сахт ранҷидӣ зи маргаш,
Ки мурду ҳам намегӯӣ ба таркаш.
Чаро боисташ аввал куштан аз дард,
Чу куштӣ, чанд хоҳӣ андуҳаш х(в)ард?
Ғамаш мехур, ки хунаш ҳам ту х(в)ардӣ,
Азизаш кун, ки хораш ҳам ту кардӣ.
Агар сад сол бар хокаш нишинӣ,
Аз ӯ хокитаре ҳаргиз набинӣ.
Чу хок ар сад ҷигар дорӣ ба дасте,
Наёбӣ мисли ӯ Ширинпарасте.
Валекин чун надорад гиря суде,
Чӣ бояд бе кабоб ангехт дуде?
Ба ғамхӯрдан накардӣ ҳеҷ тақсир,
Чӣ шояд кард бо торочи тақдир?
Бино бар марг дорад зиндагонӣ,
Нахоҳад зистан кас ҷовидонӣ.
Ту рӯзе в-ӯ ситора, эй дилафрӯз,
Фурӯ мирад ситора, чун шавад рӯз.
Ту субҳӣ в-ӯ чароғ, ар дил пазирад,
Чароғ он беҳ, ки пеш аз субҳ мирад.
Ту ҳастӣ шамъу ӯ парвонаи маст,
Чу шамъ ояд, равад парвона аз даст.
Ту боғӣ в-ӯ гиёҳе, к-аз ту хезад,
Гиёҳ он беҳ,ки ҳам дар боғ резад.
Ту оташтабъӣ, ӯ уди балокаш,
Бисӯзад уд, чун бифрӯзад оташ.
Агар мурғе парид аз гулситонат,
Парастад насри тоир з-осмонат.
В-агар шуд қатраи об аз сабӯят,
Басо Даҷла, ки сар дорад ба ҷӯят.
Чу монад бадр, гӯ, бишкан ҳилоле,
Чу хубӣ ҳаст з-ӯ кам гир холе.
Агар Фарҳод шуд, Ширин бимонод,
Чӣ бок аз зардгул, насрин бимонод!
Нависанда чу аз нома бипардохт,
Замин бӯсиду пеши Хусрав андохт.
Ба қосид дод Хусрав номаро зуд,
Ситад қосид, бибурд он ҷо, ки фармуд.

Чу Ширин дид, к-омад номаи шоҳ,
Рух аз шодӣ фурӯзон кард чун моҳ.
Се ҷо бӯсиду мӯҳри нома бардошт
В-аз ӯ як ҳарфро нохонда нагзошт.
Ҷигарҳо дид мушкандуд карда,
Табарзадҳои заҳролуд карда.
Қасабҳое дар ӯ печида сад мор,
Рутабҳое дар ӯ пӯшида сад хор.
Ҳама миқрозаҳои парниёнпӯш,
Ҳама заҳробҳои хуштар аз нӯш.
На сабри он, ки ин шарбат бинӯшад,
На ҷои он, ки аз тундӣ биҷӯшад.
Ба сахтиву ба ранҷ он ранҷу сахтӣ
Фурӯ хӯрд аз сари бедорбахтӣ.

## МУРДАНИ МАРЯМ

Дарандеш, эй ҳаким, аз кори айём,
Ки подоши амал бошад саранҷом.
Намонад зоеъ, ар нек аст, агар дун,
Камарбаста ба ин кор аст гардун.
Чу Хусрав бар фусӯси марги Фарҳод,
Ба Ширин ончунон талхӣ фиристод,
Чунон афтод тақдири илоҳӣ,
Ки бар Марям сар омад подшоҳӣ.
Чунин гӯянд, Ширин талхзаҳре
Ба хӯрдаш дод, аз он к-ӯ хӯрд баҳре.
В-агар мерост хоҳӣ, бигзар аз заҳр,
Ба заҳролуди ҳиммат бурдаш аз даҳр.
Ба ҳиммат ҳиндувон чун барситезанд,
Зи шохи хушк барги тар бирезанд.
Фусунсозон, ки аз маҳ мӯҳра созанд,
Ба чашмафсои ҳиммат ҳуққа бозанд.
Чу Марям рӯзаи Марям нигаҳ дошт,
Даҳон дарбаст аз он шаккар, ки шаҳ дошт,
Бираст аз чанги Марям шоҳи олам
Чунон к-обистанон аз ҷанги Марям.
Дарахти Марямаш чун аз бар афтод,
Зи ғам шуд чун дарахти Марям озод.
Валек аз баҳри ҷоҳу эҳтиромаш,
Зи мотам дошт оине тамомаш.

Нарафт аз ҳурматаш бар тахти шоҳӣ,
Напӯшид аз салабҳо ҷуз сиёҳӣ.
Чу Ширинро хабар доданд аз ин кор,
Ҳамаш гул дар ҳисоб афтоду ҳам хор.
Ба навъе шодмон гашт аз ҳалокаш,
Ки раст аз рашк бурдан ҷони покаш.
Ба дигар навъ ғамгин гашту дилсӯз,
Ки оқил буду метарсид аз он рӯз.
Зи баҳри хотири Хусрав яке моҳ
Зи шодӣ кард дасти хеш кӯтоҳ.
Пас аз моҳе, ки хор аз реш бархост,
Ҷаҳонро ин ғубор аз пеш бархост,
Дилаш тухми ҳавас фармуд киштан,
Ҷавоби номаи Хусрав навиштан.
Суханҳое,ки ӯро буд дар дил,
Фишонд аз тайрагӣ чун дона бар гил.

## ТАЪЗИЯТНОМАИ ШИРИН БА ХУСРАВ ДАР МАРГИ МАРЯМ АЗ РАҲИ БОДАФРОҲ

Нависанда чу бар коғаз қалам зад,
Ба тартиб он суханҳоро рақам зад.
Суханро аз ҳаловат кард чун қанд,
Сароғози суханро дод пайванд.
Ба номи подшоҳи подшоҳон,
Гуноҳомурзи муште узрхоҳон.
Худованде, ки моро корсоз аст,
Зи мову хидмати мо бениёз аст.
На пайкар, холиқи пайкарнигорон,
Ба ҳайрат з-ин шумор ахтаршуморон.
Замин то осмон, хуршед то моҳ,
Ба Туркистони фазлаш ҳиндуи роҳ.
Диҳад бе ҳаққи хидмат халқро қут,
Нигорад бе қалам дар санг ёқут.
Зи мурғу мӯр дар дарёву дар кӯҳ
Намонад ҷовидон касро дар андӯҳ.
Гаҳи неъмат диҳад нуқсонпазирӣ,
Кунад ҳангоми ҳайрат дастгирӣ.
Чу аз шукраш фаромушгор гардем,
Бимолад гӯш, то бедор гардем.

Ба ҳукми ӯст дар қонуни биниш
Тағайюрҳои ҳоли офариниш.
Гаҳе роҳат кунад қисмат, гаҳе ранҷ,
Гаҳе ифлос пеш орад, гаҳе ганҷ.
Ҷаҳонро нест коре ҷуз дурангӣ,
Гаҳе румӣ намояд, гоҳ зангӣ.
Гаҳ аз бедоди ин онро диҳад дод,
Гаҳ аз тимори он инро кунад шод.
Чӣ хуш гуфто Лаҳовардӣ ба Тӯсӣ,
Ки марги хар бувад сагро арӯсӣ.
На ҳар қисмат, ки пеш ояд, нишот аст,
На ҳар поя, ки зер афтад, бисот аст.
Чу рӯзибахши мо рӯзӣ чунин кард,
Гаҳе рӯзӣ даво бошад, гаҳе дард.
Хирадманд ӯ бувад, к-ӯ дар ҳама кор
Бисозад гоҳ бо гул, гоҳ бо хор.
Ҷаҳондори меҳин, хуршеди офоқ,
Ки зад бар фарқи ҳафт авранг шаш тоқ,
Ҷаҳон дорад ба зери подшоҳӣ
Сарию бо сарӣ соҳибкулоҳӣ.
Биҳишт аз ҳазраташ миъодгоҳест,
Зи боғи давлаташ тӯбӣ гиёҳест.
Дар ин даврон, ки маҳ то моҳӣ ӯрост,
Зи моҳӣ то ба моҳ огоҳӣ ӯрост,
Хабар дорад, ки рӯзу шаб дуранг аст,
Наволаш гаҳ шакар, гоҳе шаранг аст.
Дар ин сандалсарои обнӯсӣ
Гаҳе мотам бувад, гоҳе арӯсӣ.
Арӯси шоҳ агар дар зери хок аст,
Арӯсони дигар дорад, чӣ бок аст?
Фалак з-он дод бар рафтан далериш,
Ки буд огаҳ зи шоҳу зудсериш.
Аз ӯ беҳ гарчи шаҳро ҳамдаме нест,
Шаҳаншаҳ зудсер омад, ғаме нест.
Назар бар гулситоне дигар орад
В-аз ӯ беҳ дилситоне дар бар орад.
Дареғ он аст, к-он лӯъбат намонад
Вагарна ҳар кӣ монад, айш ронад.
Маранҷ, эй шоҳи нозукдил, бад-ин ранҷ,
Ки ганҷ аст он санам, дар хок беҳ ганҷ.

Махур ғам, к-одамӣ ғам барнатобад,
Чу ғам гуфтӣ, замин ҳам барнатобад.
Биранҷад нозанин аз ғам кашидан,
Насозад нозуконро ғам чашидан.
Инон он беҳ, ки аз Марям битобӣ,
Ки гар Исо шавӣ, гардаш наёбӣ.
Агар дар тахта рафт он нозанин ҷуфт,
Ба тарки тахти шоҳӣ чун тавон гуфт?
Ба май биншин, зи мижгон май чӣ резӣ,
Ғамат хезад, гар аз ғам барнахезӣ.
На ҳар кас пеши мире пеш мирад,
Бад-ин сахтӣ ғаме дар пеш гирад.
Ту зӣ, к-ӯ мурду ҳар, к-ӯ зод рӯзе,
Ба маргаш тан бибояд дод рӯзе.
Ба нолидан макун бар мурда бедод,
Ки мурда собирӣ хоҳад, на фарёд.
Чу кори колбад гирад табоҳӣ,
На дарвешӣ ба кор ояд, на шоҳӣ.
Зи баҳри чашмае махрӯшу махрош,
Зи файзи Даҷла гӯ як қатра кам бош!
Ба шодӣ бар лаби Шат ҷоми ҷам гир,
Куҳан занбиле аз Бағдод кам гир.
Дили нағнуда бе ӯ биғнаводат,
Чунон к-аз дида рафт, аз дил раводат!
Агар сарве шуд аз бустони олам,
Ту боқӣ мон, ки ҳастӣ ҷони олам.
Махур ғам, то тавонӣ, бода хур шод,
Мабодо, к-аз сарат мӯе барад бод!
Агар ҳастӣ шавад дур аз ту аз даст,
Биҳамдиллаҳ, чу ту ҳастӣ, ҳама ҳаст.
Ту дурқадрию дур танҳо накӯтар,
Ту лаълӣ, лаъл беҳамто накӯтар.
Ба танҳоӣ қаноат кун чу хуршед,
Ки ҳамсар ширк шуд дар роҳи Ҷамшед.
Агар бо мурғ бояд мурғро хуфт,
Ту симурғӣ, бувад симурғ беҷуфт.
Маранҷ, ар бо ту он гавҳар дарнамонад.
Сар он беҳтар, ки ӯ ҳамсар надорад,
Гуҳар он беҳ, ки ҳамгавҳар надорад.
Гар оҳуе зи саҳро рафт, бигзор,
Ки дар саҳро бувад з-ин ҷинс бисёр.

В-агар як дона рафт аз хирмани шоҳ,
Фидо бодаш фалак бо хирмани моҳ.
Гуле гар шуд, чӣ бояд хӯрд хоре,
Иваз бошад гулеро навбаҳоре.
Буте гар каср шуд, Кисро бимонод,
Ғами Марям махур, Исо бимонод!

## РАСИДАНИ НОМАИ ШИРИН БО ХУСРАВ

Чу Хусрав номаи Ширин фурӯ хонд,
Аз он ширинсухан оҷиз фурӯ монд.
Ба худ гуфто, ҷавоб аст ин, на ҷанг аст,
Кулӯхандозро подош санг аст.
Ҷавоби он чи боисташ даридан,[1]
Шунидам, он чи мебояд шунидан.
Дигарбора шуд аз Ширин шакархоҳ,
Ки ғавғои магас бархост аз роҳ.
Зи корошӯбии Марям баросуд,
Рутаб беустухон шуд, шамъ бедуд.
Чу Марям кард даст аз ҷашн кӯтоҳ,
Ҷаҳон чун ҷашни Марям гашт бар шоҳ.
Чу душман шуд, ҳама коре ба ком аст,
Яке об аз паси душман тамом аст.[2]
Ба Ширин чанд чарбиҳо фиристод,
Ба равған нарм кард оҳан зи пӯлод.
Бути фармонбараш фармон пазируфт,
Ки дарде дошт, к-он дармон пазируфт.
Ба Хусрав пеш аз онаш буд пиндор,
К-аз он некӯтараш бошад талабгор.
Фиристад маҳду дар ковинаш орад,
Ба маҳди худ арӯсоинаш орад.
Ба дафтарҳо итоб оғоз мекард,
Итобаш беш мешуд, ноз мекард.
Матои некуӣ бар кор медид,
Баҳо мекард, чун бозор медид.
Матоъ аз муштарӣ ёбад равоӣ,
Ба дида қадр гирад рӯшноӣ.

1. Яъне дар ҷавоби он номае, ки мебоист даронада партофта мешуд, он чи набояд шунавам, шунидам.

2.Яъне, пас аз душман дами обе дӯстро кифоят аст.

Зи баҳри суди худ ин панд бинюш,
Матое, к-он набихранд аз ту, мафрӯш.
Дар он дидаст давлат судмандӣ,
Ки чун ёбӣ равоӣ, дар набандӣ.
Малик дам доду Ширин дам намех(в)ард,
Зи нози хеш мӯе кам намекард.
Чу оҷиз гашт аз он нози ба харвор,
Ниҳод андешаро бар чораи кор,
Ки ёри меҳрубон орад фаро чанг,
Ба раҳворӣ хамеронад хари ланг.
Сару коре зи баҳри хеш гирад,
Сар аз коре дигар дар пеш гирад.
Зи ҳар қавме ҳикоят бозмеҷуст,
Нагирад марди зирак кори худ суст.

## СИФАТИ ДОДУ ДИҲИШИ ХУСРАВ

Ҷаҳонхусрав, ки то гардун кулаҳ баст,
Кулаҳдоре чун ӯ бар тахт наншаст.
Ба рӯзи бор, к-ӯро рой будӣ,
Ба пешаш панҷ саф бар пой будӣ.
Нахустин саф тавонгар дошт дар пеш,
Дувум саф буд ҳоҷатгору дарвеш.
Севум саф ҷои беморони безӯр,
Ҳама раста ба мӯе аз лаби гӯр.
Чаҳорум саф ба қавме муттасил буд,
Ки банди пояшон мисмори дил буд.
Сафи панҷум гунаҳкорони хунӣ,
Ки кас касро напурсидӣ, ки чунӣ?
Ба пеши хуниён з-уммедворӣ
Мисол оварда хатти растагорӣ.
Нидо бардошта дорандаи бор,
Ки «Ҳар саф пеши худ бинанд зинҳор!»
Тавонгар чун суи дарвеш дидӣ,
Шумори шукр бар худ беш дидӣ.
Чу дар бемор дидӣ чашми дарвеш,
Гирифтӣ бар саломат шукр дар пеш.
Чу дидӣ сӯи бандӣ марди бемор,
Ба озодӣ намудӣ шукри бисёр.
Чу бар хунӣ фитодӣ чашми бандӣ,
Кушодӣ лаб ба шукри беҳписандӣ.

Чу хунӣ дидӣ уммеди раҳоӣ,
Фузудӣ шамъи шукраш рӯшноӣ.
Дари Хусрав ҳамасола бад-ин дод
Чу Миср аз шукр будӣ шукробод.

## БА МАЙ НИШАСТАНИ ХУСРАВ БАР ТАХТИ ТОҚДИСӢ

Ба май биншаст рӯзе бар сари тахт,
Бад-ин ҳирфат ҳарифӣ кард бо бахт.
Ба гирдогирди тахти тоқдисаш
Даҳони тоҷдорон хоклесаш.
Ҳама тимсолҳои осмонӣ
Расад баста бар он тахти каёнӣ.
Зи мехи моҳ то хиргоҳи кайвон
Дар ӯ пардохта айвон бар айвон.
Кавокибро зи собит то ба сайёр
Дақоиқ бо дарач паймуда миқдор.
Ба тартиби гуҳарҳои шабафрӯз
Хабар дода зи сооти шабу рӯз.
Шиносое, ки анҷумро расад ронд,
Аз он тахт осмонро тахта бархонд.
Касе, к-ӯ тахти Хусрав дар назар дошт,
Ҳазорон ҷоми Кайхусрав зи бар дошт.
Чунин тахте, на тахте, к-осмоне,
Бар ӯ шоҳе, на шаҳ соҳибқироне.
Чу пиле, гар бувад пил одамирӯй,
Чу шер, ар шер бошад анбаринмӯй.
Замин то осмон роне кушода,
Сурайё то Саро хоне ниҳода.
Ирамро хушк буд дар маҷлисаш ҷом,
Фалакро ҳалқа буд бар даргаҳаш ном.
Бузургӣ боядат, дил дар сахо банд,
Сари киса ба барги гандано банд.
Дирамдоре, ки аз сахтӣ дарояд,
Сару кораш ба бадбахтӣ гирояд.
Ба шодӣ шуғли олам дарҷ мекун,
Хироҷаш меситону харҷ мекун.
Чунин медеҳ,чунон к-аш меситонӣ
В-агар бидҳиву настонӣ, ту донӣ.

Ҷаҳондорӣ ба танҳо кард натвон,
Ба танҳоӣ ҷаҳонро х(в)ард натвон.
Бидонад, ҳар кӣ ботадбир бошад,
Ки танҳохор танҳомир бошад.
Махур танҳо, гарат худ оби ҷӯй аст,
Ки танҳохур чу дарё талххӯй аст.
Бибояд хештанро шамъ кардан,
Ба кори дигарон по ҷамъ кардан.
Бибин, Қорун чӣ бурд аз ганҷи дунё
Наярзад ганҷи дунё ранҷи дунё!
Ба ранҷ ояд ба даст, ин худ салим аст,
Чу аз дастат равад, ранҷе азим аст.
Чу ояд, ганҷ бошад, чун шавад, ранҷ,
Тиҳидастӣ шараф дорад бад-ин ганҷ.
Малик Парвиз, к-аз Ҷамшед бигзашт,
Ба ганҷафшонӣ аз хуршед бигзашт.
Будаш бо ганҷдодан ханданокӣ,
Чу хокаш ганҷу ӯ чун ганҷ хокӣ.
Ду навбат хон ниҳодӣ субҳ то шом,
Хуриш бо коса додӣ, бода бо ҷом.
Кашида моида як мил дар мил,
Магасро гов додӣ, пашшаро пил.
Зи ҳалвоҳо, ки будӣ гирди хонаш,
Надонистӣ, чӣ хӯрдӣ меҳмонаш.
Зи гову гӯсфанду мурғу моҳӣ
Надонам чанд, чандоне ки хоҳӣ.
Чу базмаш бӯи хушро соз додӣ,
Сабо воми раёҳин боздодӣ.
Ба ҳангоми бухури уду анбар,
Хироҷи Ҳинд будӣ харҷи миҷмар.
Чу хӯрди хоси ӯ бар хон расидӣ,
Гувориш то ба Хузистон расидӣ.
Кабобе тар бихӯрдӣ нимаи рӯз,
Бар ӯ суда яке дурри шабафрӯз.
Зи бозургони Уммон дар ниҳонӣ
Ба даҳ ман зар харида зарри конӣ.
Шунидам, к-аз чунон дур бошад ором
Рутубатҳои аслиро дар андом.
Як аспи бӯри азрақчашми навзод
Муаттар карда чун райҳони Бағдод.

Зи шири модараш чӯпон бурида,
Ба шири гӯсфандаш парварида.
Бифармудӣ танӯре бастан аз сим,
Ки будӣ харҷи ӯ даҳли як иқлим.
Дар ӯ даҳ-понздаҳ ман уди чун мушк
Бисӯзондӣ ба ҷои ҳимаи хушк.
Чу бирён шуд, кабоби хонаш ин буд,
Танӯру отašу бирёнаш ин буд.
Ба хони зар ниҳодандӣ фаро пеш,
Ҳазору ҳафтсад мисқол кам- беш.
Бихӯрдӣ з-он навола луқмае чанд,
Чу мағзи пиставу полудаи қанд,
Назар кардӣ ба мӯҳтоҷони даргоҳ,
Куҷо чашмаш дарафтодӣ ба ногоҳ.
Бар ӯ бахшидӣ он заррина хонро,
Танӯру ҳар чӣ олат будӣ онро.
Зиҳӣ хоне, ки таббохони нураш
Чунин ноне баророанд аз танӯраш!
Дигар рӯзе, ки хони лоҷвардӣ
Гирифтӣ аз танӯри субҳ зардӣ,
Ҳамон пешина расм оғоз кардӣ,
Танӯру хоне аз нав соз кардӣ.
Ҳама рӯз ин шигифтӣ буд кораш,
Ҳама умр ин равиш буд ихтиёраш.
Чу вақт омад, намонд он подшоӣ,
Ба коре н-омад он кору каёӣ.
Шараф хоҳӣ, ба гирди муқбилон гард,
Ки зуд аз муқбилон муқбил шавад мард.
Чу бар сунбул чарад оҳуи тотор,
Насимаш бӯи мушк орад ба бозор.
Дигар оҳу, ки хошок аст х(в)ардаш,
Ба ҷои мушк хошок аст гардаш.
Падар, к-аз ман равонаш бод пурнур,
Маро пирона панде дод машҳур,
Ки «Аз бедавлатон бигрез чун тир,
Ватан дар кӯи соҳибдавлатон гир.
Чу сӯҳбат гар шабе бояд беҳ аз рӯз,
Чароғ аз машъали равшан барафрӯз.
Баҳои дур бузург аз баҳри ин аст,
К-аз аввал бо бузургон ҳамнишин аст.

## ШУНИДАНИ ХУСРАВ АВСОФИ ШАККАРИ ИСФАҲОНИРО

Ба оини ҷаҳондорон яке рӯз
Ба маҷлис буд шоҳи маҷлисафрӯз.
Ба азми дастбӯсаш Қоф то Қоф
Камар баста кулаҳдорони атроф.
Нишаста пеши тахташ ҷумла шоҳон,
Зи Чин то Руму аз Рай то Сипоҳон.
Зи солори Хутан то хусрави Занг
Ҳама бар ёди Хусрав бода дар чанг.
Чу давре чанд май дардод соқӣ,
Намонд аз шарми шоҳон ҳеҷ боқӣ.
Шаҳаншаҳ шармро бурқаъ барафканд,
Сухан лахте ба густохӣ дарафканд,
Ки хубоне ки дархурди фарешанд,
Зи олам дар кадомин буқъа бешанд?
Яке гуфто:– «Латофат Рум дорад,
Латаф ганҷ асту ганҷ он бум дорад».
Яке гуфт:– «Аз Хутан хезад накӯӣ,
Фасонаст он тараф дар хубрӯӣ».
Яке гуфт:– «Арман аст он буми обод,
Ки пайкарҳои ӯ бошад паризод».
Яке гуфто, ки дар ақсои Кашмир
Зи ширинӣ набошад ҳеҷ тақсир.
Яке гуфто:– «Сазои базми шоҳон
Шакар номест дар шаҳри Сипоҳон.
Ба шаккар-бар зи ширинӣ-ш бедод
В-аз ӯ шаккар ба Хузистон ба фарёд.
Ба зери ҳар лабаш сад ханда беш аст,
Лабашро чун шакар сад банда беш аст.
Қабо танг ояд аз сарваш чаманро,
Дирам вопас диҳад симаш суманро.
Рутаб пеши даҳонаш донарез аст,
Шакар бигзор к-ӯ худ хонахез аст.
Чу бардорад ниқоб аз гӯшаи моҳ,
Барояд нолаи сад Юсуф аз чоҳ.
Ҷуз ин айбе надорад он дилором,
Ки густохӣ кунад бо хосу бо ом.
Ба ҳар ҷое чу бод ором гирад,
Чу лола бо ҳама кас ҷом гирад.

Зи рӯи лутф бо кас дарнасозад,
Ки он кас хонумонро дарнабозад.
Касе, к-ӯро шабе гирад дар оғӯш,
Нагардад он шабаш ҳаргиз фаромӯш».
Маликро даргирифт он дилнавозӣ,
Асосе нав ниҳод аз ишқбозӣ.
Фарас, мехост, бар Ширин давонад,
Ба туркӣ ғорат аз турке ситонад.
Барад ширинии қанде ба қанде,
Кушояд мушкили банде ба банде.
Ба гавҳар пояи гавҳар шавад хурд,
Ба дебо оби деборо тавон бурд.
Сараш савдои бозори Шакар дошт,
Ки шаккар ҳам зи ширинӣ асар дошт.
На дил медодаш аз дил рондан ӯро,
На шоист аз Сипоҳон хондан ӯро.
Дар ин андеша собир буд як сол,
Нашуд воқиф касе бар ҳасби он ҳол.

## РАФТАНИ ХУСРАВ БА ИСФАҲОН ДАР ТАМАННОИ ШАККАР

Пас аз соле рикоб афшонд бар роҳ,
Суи мулки Сипоҳон ронд бунгоҳ.
Фуруд омад ба нузҳатгоҳи он бум,
Саводе дид беш аз кишвари Рум.
Гурӯҳе тозарӯю ишратафрӯз,
Ба гоҳи хушдилӣ равшантар аз рӯз,
Нишот оғоз карду бода мехӯрд,
Ғами он лӯъбати озода мехӯрд.
Ниҳуфта бозмепурсид ҷояш,
Ба даст овард ҳанҷори сарояш.
Шабе бархост танҳо бо ғуломе,
Зи бозори Шакар бархост коме.
Чу Хусрав бар сари кӯи Шакар шуд,
Сипоҳон қасри Ширини дигар шуд.
Ҳаловатҳои айш он аср медошт,
Ки Шаккар кӯю Ширин қаср медошт.
Ба дар-бар ҳалқа зад хомӯш-хомӯш,
Бурун омад ғуломе ҳалқадаргӯш.

Ҷавоне дид зеборӯй бар дар
Намудори ҷаҳондорӣ-ш дар сар.
Фуруд овардаш аз Шабдиз чун моҳ,
Фарасро ронд ҳолӣ бар алафгоҳ.
Чу меҳмонон ба айвонаш дарун бурд,
Бад-он меҳмон сар аз кайвон бурун бурд.
Малик чун бар бисоти кор биншаст,
Дурусте чандро бар кор бишкаст.
Иҷозат дод то Шаккар биёяд,
Ба меҳмон-бар зи лаб шаккар кушояд.
Бурун омад Шакар бо ҷоми ҷуллоб,
Даҳоне пуршакар, чашме пур аз хоб.
Шакарноме, ки шаккар резад, ӯ буд,
Наботе, к-аз Сипоҳон хезад, ӯ буд.
Зи гесӯ нофа-нофа мушк мебехт,
Зи ханда хона-хона қанд мерехт.
Чу Виса фитнае дар шаҳдбӯсӣ,
Чу доя ояте дар чоплусӣ.
Канизон доштӣ румию чинӣ,
К-аз эшон ҳеҷро мисле набинӣ.
Ҳама дар ними шаб наврӯз карда,
Ба кори айш дастомӯз карда.
Нишасту бода пеш овард ҳолӣ,
Буте, ё раб, чунону хона холӣ!
На май дар обгина, к-он суманбар
Дар оби хушк мекард оташи тар.
Гулоберо ба талхӣ роҳ медод,
Ба ширинӣ ба дасти шоҳ медод.
Нишаста шоҳи олам меҳтарона,
Шакар бардошта чун маҳ тарона.
Паёпай ратлҳо пуртоб мекард,
Маликро шаҳрбанди хоб мекард.
Чу нӯши бода аз лаб неш бардошт,
Шакар бархост, шамъ аз пеш бардошт.
Ба узре, к-он қабул афтод дар роҳ,
Бурун омад зи хилватхонаи шоҳ.
Канизеро, ки ҳамболои ӯ буд,
Ба ҳусну чобукӣ ҳамтои ӯ буд,
Дар ӯ пӯшид зарру зевари хеш,
Фиристоду гирифт он шаб сари хеш.

Малик чун дид, к-омад нозанинаш,
Ситад доди шакар аз ангубинаш.
Дар ӯ печиду он шаб коми дил ронд,
Ба масруъӣ – бар афсуне ғалат хонд.
Зи ширинӣ, ки он шамъи саҳар буд,
Гумон афтод ӯро, к-он Шакар буд.
Каниз аз кори Хусрав монд мадҳуш,
Ки ширин омадаш Хусрав дар оғӯш.
Фасона буд Хусрав дар накӯӣ,
Фусунгар буд вақти нағзгӯӣ.
Зи ҳар кас, к-ӯ ба боло сарварӣ дошт,
Сарею  гардане болотарӣ дошт.
Ба хушмағзӣ беҳ аз бодоми тар буд,
Ба ширинустухонӣ найшакар буд.
Шабе, к-асби нишоташ ланг рафтӣ,
Кам ин будӣ, ки сӣ фарсанг рафтӣ.
Ҳар он рӯзе, ки нисфе кам кашидӣ,
Чиҳил ман соғаре дар дам кашидӣ.
Чу субҳ омад, каниз аз ҷой бархост.
Ба дастон аз малик дастурие хост.
Ба наздики Шакар шуд кому ноком,
Ба Шаккар бозгуфт аҳволи бодом.
Ҳар он ч-аз шоҳ дид, ӯро хабар дод,
Ниҳониҳои хилватро бадар дод.
Бад-он то Шаккар огаҳ бошад аз кор,
Бигӯяд, ҳар чӣ пурсад з-ӯ ҷаҳондор.
Шакар бардошт шамъу дар шуд аз дар,
Ки хуш бошад ба як ҷо шамъу шаккар.
Малик пиндошт, к-он ҳамбистар ӯ буд,
Канизак шамъ дорад, Шаккар ӯ буд.
Бипурсидаш, ки то меҳмонпарастӣ,
Ба хилват бо чу ман меҳмон нишастӣ?
Ҷавобаш дод, к-эй аз меҳтарон тоқ,
Надидам мисли ту меҳмон дар офоқ.
Ҳама чизет ҳаст аз хубрӯӣ,
Зи шириншаккарию чарбгӯӣ.
Яке айб аст, агар н-ояд гаронат,
Ки бӯе дар намак дорад даҳонат.
Намак дар мардум орад бӯи покӣ,
Ту бо чандин намак чун бӯйнокӣ?

Ба савсанбӯй шаҳ гуфто:– «Чӣ тадбир?»
Суманбар гуфт:– «Соле савсану сир».
Малик чун рахт аз он бутхона барбаст,
Гирифт он пандро яксол дар даст.
Бар он афсона чун бигзашт соле,
Мизоҷи шаҳ шуд аз ҳоле ба ҳоле.
Ба зераш ром шуд даврони тавсан,
Баровардаш дарахти сир савсан.
Шабе бар одати порина бархост,
Ба Шаккар боз бозоре баророст.
Ҳамон ширинии порина дарёфт,
Ба ширинӣ расад, ҳар к-ӯ шакар ёфт.
Чу давре чанд рафт аз айшсозӣ,
Падид омад нишони бӯсу бозӣ.
Ҳамон ҷуфта ниҳод он симсоқаш,
Ба ҷуфте дигар аз худ кард тоқаш.
Малик нуқли даҳонолуда мехӯрд,
Ба уммеди шакар полуда мехӯрд.
Чу лашкар бар раҳил афтод шабро,
Малик пурсид боз он нӯшлабро,
Ки чун ман ҳеҷ меҳмоне расидат?
Бад-ин рағбат касе дар бар кашидат?
Ҷавобе шаккаринаш дод Шаккар,
Ки порам буд ёре чун ту дар бар.
Ҷуз он к-он шахсро бӯи даҳон буд,
Ту хушбӯӣ, аз ин беҳ чун тавон буд!
Малик гуфто:– «Чу бинӣ айби ҳар чиз,
Бибин айби ҷамоли хештан низ».
Бипурсидаш, ки айби ман кадом аст,
К-аз он айб ин накӯӣ зиштном аст?
Ҷавобаш дод, к-он айб аст машҳур,
Ки як соат зи наздикон наӣ дур.
Чу даври чарх бо ҳар кас бисозӣ,
Чу гетӣ бо ҳама кас ишқ бозӣ.
Нигорин мурғӣ, эй тимсоли чинӣ,
Чаро ҳар лаҳза бар шохе нишинӣ?
Ғилофи нозуке дорӣ, дареғӣ,
Ки ҳар соат кунӣ бозӣ ба теғе.
Ҷавобаш дод Шаккар, к-эй ҷавонмард,
Чӣ пиндорӣ, к-аз ин шаккар касе х(в)ард?

Ба satторе, ки сатри ӯст пешам,
Ки ман то зодаам, бар мӯҳри хешам.
На кас бо ман шабе дар парда хуфта-ст,
На дуррамро касе дар давр суфта-ст.
Канизони мананд инон, ки бинӣ,
Ки дар хилват ту бо эшон нишинӣ.
Бале, ман бошам он, к-аввал дароям,
Ба май биншинаму ишрат фазоям.
Вале он дилситон, к-ояд дар оғӯш,
На ман, чун ман буте бошад қасабпӯш.
Чу бишнид ин сухан шоҳ аз забонаш,
Бад-ин маънӣ гувоҳӣ дод ҷонаш.
Дуре, к-ӯро бувад мӯҳри худоӣ,
Диҳад носуфтагӣ бар вай гувоӣ.

## ТАФАҲҲУСИ ХУСРАВ ДАР КОРИ ШАККАР ВА ХОСТГОРИИ Ӯ

Чу барзад оташи Машриқ забона,
Малик чун об шуд з-он ҷо равона.
Бузургони Сипоҳонро талаб кард,
В-аз эшон пурсише з-он нӯшлаб кард.
Ба як рӯя ҳама шаҳри Сипоҳон
Шуданд он покдоманро гувоҳон,
Ки Шаккар ҳамчунон дар танги хеш аст,
Наёзурда гуле бар ранги хеш аст.
Матои хештан дар бор дорад,
Канизе чандро бар кор дорад.
Самандаш гарчи бо ҳар кас ба зин аст,
Синони дурбошаш оҳанин аст.
Аҷузон низ карданд устуворӣ,
Арӯсаш бикр буд андар иморӣ.
Маликро фаррух омад фоли ахтар,
Ки аз чандин магас чун раст шаккар.
Фиристод аз сарои хеш, хондаш,
Ба оини заношӯӣ нишондаш.
Насуфта дурри дарёишро суфт,
Нигини лаълро ёқут шуд ҷуфт.
Суи шаҳри Мадоин шуд дигар бор,
Шакар бо ӯ ба доманҳо шакарбор.

Ба Шаккар ишқи Ширин хор мекард,
Шакар ширинние бар кор мекард.
Чу бигрифт аз шакар хӯрдан дили шоҳ,
Ба нӯшободи Ширин шуд дигар роҳ.
Шакар дар тунги шаҳ тимор мехӯрд,
Зи нахлистони Ширин хор мехӯрд.
Шаҳ аз савдои Ширин шӯр дар сар,
Гудозон гашта чун дар об шаккар.
Чу шамъ аз дурии Ширин дар оташ,
Ки бошад айши мум аз ангабин х(в)аш.
Касе, к-аз ҷони ширин бозмонад,
Чӣ суд, ар дар даҳан шаккар фишонад?
Шакар ҳаргиз нагирад ҷои Ширин,
Бичарбад бар шакар ҳалвои ширин.
Чаман хок аст, чун насрин набошад,
Шакар талх аст, чун ширин набошад.
Магар ширину шаккар ҳаст яксон?
Зи най хезад шакар, ширинӣ аз ҷон.
Чу шамъи шаҳди Ширин барфурӯзад,
Шакар он ҷо ба миҷмар уд сӯзад.
Шакар гар чошнӣ дар ҷом дорад,
Зи ширинӣ ҳаловат вом дорад.
Зи ширинӣ бузургон ношикебанд,
Ба шаккар тифлу тӯтиро фиребанд.
Ҳар обе, к-он бувад ширин, бисозад,
Шакар чун обро бинад, гудозад.
Зи ширин то шакар фарқе аён аст,
Ки Ширин ҷону Шаккар ҷои ҷон аст.
Парирӯест Ширин дар иморӣ,
Паранди ӯ Шакар дар пардадорӣ.
Бидонад ин қадар, ҳар к-аш тамиз аст,
Ки шаккар баҳри ширинӣ азиз аст.
Дилаш мегуфт, Ширин боядам зуд,
Ки айшамро намедорад Шакар суд.
Ях аз буллӯр софитар ба гавҳар,
Хилоф он шуд, ки ин хушк асту он тар.
Дигар раҳ гуфт, нашкебам зи Ширин,
Чӣ бояд кард бо худ ҷанг чандин?
Гарам сангосиё бар сар бигардад,
Дил он дил нест, к-аз дилбар бигардад.

Ба сар гардам, нагардонам сар аз ёр.
Саре дорам мубоҳ аз баҳри ин кор.
Дигар раҳ гуфт, к-ин тадбир хом аст,
Сабурӣ кун, ки расвоӣ тамом аст.
Маро он беҳ, ки аз Ширин шикебам,
На тифлам, то ба ширинӣ фиребам.
Бибояд даркашидан милро мил,
Ки касро кор барн-ояд ба таъҷил.
Маро ширину шаккар ҳар ду дар ҷом,
Чаро бар ман ба талхӣ гардад айём?
Дилам бо ин рафиқон берафиқ аст,
Зи бас маллоҳиён киштӣ ғариқ аст.
Намехоҳӣ, ки зер афтӣ чу соя,
Машав бар нардбон ҷуз поя-поя.
Чунон роғиб машав бар ҷустани ком,
Ки аз ноёфтан ранҷӣ саранҷом.
Тамаъ кам дор, то гар беш ёбӣ,
Футӯҳе бар футӯҳи хеш ёбӣ.
Дил он беҳ, к-аз дари мардӣ дарояд,
Муроди мардум аз мардӣ барояд.
Ба сабрам кард бояд раҳнамунӣ,
Занӣ шуд бо занон кардан забунӣ.
Ба мардон-бар занӣ кардан ҳаром аст,
Зане кардан, занӣ кардан, кадом аст?!
Маро даъвӣ чӣ бояд кард шерӣ,
Ки оҳуе кунад бар ман далерӣ?
Агар худ гӯспанде ранду решам,
На бар пашми касон, бар пашми хешам.
Чу пилон рози худ бо кас нагуфтам,
Чу пила дар гилеми хеш хуфтам.
Чунон дар сар гирифт он турки танноз,
К-аз ӯ Хусрав на, Кайхусрав кашад ноз.
Чу курд ар дил ситонад, сина ҷӯяд
В-араш хона диҳӣ, ганҷина ҷӯяд.
Диламро гар фироқаш хун барорад,
Тамаъ бурду тамаъ тоун барорад.
Зи маъшуқа вафо ҷустан ғариб аст,
Нагӯяд кас, ки сикбо бар табиб аст.
Маро ҳар дам бар он орад ситезаш,
Ки хез, астағфируллаҳ, хун бирезаш.

Ман ин озор то кай дорам ӯро?
Чу озурдам, тамом озорам ӯро.
Ба Гелон-дар накӯ гуфт он накӯзан:
Маёзор, ар биёзорӣ, накӯ зан!
Мазан занро, вале чун барситезад,
Чунонаш зан, ки ҳаргиз барнахезад!
Дили шаҳ чораи он ғам надонист,
Ки рози хешро маҳрам надонист.
Дил он маҳрам бувад, к-аз хона бошад,
Дили бегона ҳам бегона бошад.
Чу дуздида нахоҳӣ донаи хеш,
Маҳил бегонаро дар хонаи хеш.
Чунон гӯ рози худ бо беҳтарин дӯст,
Ки пиндорӣ, ки душмантар касе ӯст.
Магӯ ногуфтанӣ дар пеши ағёр,
На бо ағёр, бо маҳрамтарин ёр!
Ба хилват низаш аз девор мепӯш,
Ки бошад дар паси деворҳо гӯш.
В-агар натвон, ки пинҳон дорӣ аз хеш,
Мадеҳ хотир бад-он, яъне маяндеш.
Маяндеш, он чи натвон гуфтанаш боз,
Ки н-андешида беҳ ногуфтанӣ роз.
Дар ин маҷлис чунон кун пардасозӣ,
Ки н-ояд шаҳна дар шамшербозӣ.
Суруде, к-он биёбонро нашояд,
Сазад, гар базми султонро нашояд.
Агар доно в-агар нодон бувад ёр,
Бизоатро ба кас бемӯҳр магзор.
Макун бо ҳеҷ бадмаҳзар нишасте,
Ки н-орад дар шукӯҳат ҷуз шикасте.
Дарахте кор, дар ҳар гил, ки корӣ,
К-аз ӯ он бар, ки киштӣ, чашм дорӣ.
Сухан дар фурҷае парвар, ки фарҷом
Зи вогуфтан туро некӯ шавад ном.
Агар сад ваҷҳи нек ояд фаро пеш,
Чу ваҷҳе бад бувад, з-он бад бияндеш.
Ба чашми душманон бин ҳарфи х(в)адро,
Бад-ин ҳирфат шиносӣ неку бадро.
Чу дӯзӣ сад қабо дар шодкомӣ,
Бидар пероҳане дар некномӣ.

## ТАНҲО МОНДАНИ ШИРИН ВА ЗОРӢ КАРДАНИ ВАЙ

Малик дониста буд аз рои пурнур,
Ки ғампардози Ширин аст Шопур.
Ба хидмат хонду кардаш хоси даргоҳ,
Зи танҳоӣ магар танг ояд он моҳ.
Чу танҳо монд моҳи сарвболо,
Фишонд аз наргисон лӯълуи лоло.
Ба танг омад шабе аз тангҳолӣ,
Ки буд он шаб бар ӯ монанди соле.
Шабе тира чу кӯҳе зоғ бар сар,
Гаронҷунбиш чу зоғе кӯҳ бар пар.
Шабе дамсард чун дилҳои бесӯз,
Барот оварда аз шабҳои берӯз.
Кашида дар уқобайни сиёҳӣ
Пару минқори мурғи субҳгоҳӣ.
Дуҳулзанро зада бар дастҳо мор,
Кавокибро шуда дар пойҳо хор.
Фитода посбонро чӯбак аз даст,
Ҷарасҷунбон харобу посбон маст.
Сиёсат бар замин доман ниҳода,
Замона теғро гардан ниҳода.
Заношӯӣ ба ҳам хуршеду маҳро,
Раҳим баста ба зодан субҳгаҳро.
Гирифта осмонро шаб дар оғӯш,
Шуда хуршедро Машриқ фаромӯш.
Ҷанубитолеонро байза дар об,
Шимолипайкаронро дида дар хоб.
Замин дар сар кашида чатри шоҳӣ,
Фурӯ осуда яксар мурғу моҳӣ.
Саводи шаб, ки бурд аз дидаҳо нур,
Банотуннаъшро карда зи ҳам дур.
Зи торикӣ ҷаҳонро банд бар пой,
Фалак чун қутб ҳайрон монда бар ҷой.
Ҷаҳон аз офариниш бехабар буд,
Магар, к-он шаб ҷаҳон ҷои дигар буд.
Сар афканда фалак дарёсифат пеш,
Зи доман дур фишонда бар сари хеш.
Ба дурдуздӣ ситора карда тадбир,
Фурӯ афтода ногаҳ дар хуми қир.
Бимонда дар хуми хокистаролуд
Аз оташхонаи даврони пурдуд.

Миҷарра бар фалак чун коҳ бар роҳ,
Фалак дар зери ӯ чун об дар коҳ.
Сурайё чун кафе ҷав буд ба тақдир,
Ки гардонад ба каф ҳиндузане пир.
На мӯбадро забони зандхонӣ,
На мурғонро нишоти парфишонӣ.
Бурида боли насрини паранда,
Чу воқеъ буд тоир парфиканда.
Ба ҳар гом аз барои нурпошӣ
Ситода зангие бо дурбоше.
Чароғи бевазанро нур мурда,
Хурӯси піразанро ғӯл хӯрда.
Шунидам, гар ба шаб деве занад роҳ,
Хурӯси хона бардорад «илаллоҳ».
Чӣ шаб буд он, ки бо сад деви чун қир
Хурӯсеро набуд овози такбир?!
Дили Ширин дар он шаб хира монда,
Чароғаш чун дили шаб тира монда.
Зи беморӣ дили Ширин чунон танг,
Ки мекард аз малолат бо ҷаҳон ҷанг.
Хуш аст ин достон дар шони бемор,
Ки шаб бошад ҳалоки ҷони бемор.
Бувад бемории шаб ҷонсупорӣ,
Зи беморӣ батар бемордорӣ.
Забон бикшоду гуфто:– «Эй замона,
Шаб аст ин ё балои ҷовидона?
Чӣ ҷои шаб, сияҳморест, гӯӣ,
Чу зангӣ одамихорест, гӯӣ.
Аз он гирён шудам, к-ин зангии тор
Чу зангӣ худ намехандад дигар бор.
Чӣ афтод, эй сипеҳри лоҷвардӣ,
Ки имшаб чун дигар шабҳо нагардӣ?
Магар дуди дили ман роҳ бастат,
Нафири ман хасак дар по шикастат?
На з-ин зулмат ҳамеёбам амоне,
На аз нури саҳар бинам нишоне.
Маро бингар, чӣ ғамгин дорӣ, эй шаб,
Надорам дин, агар диндорӣ, эй шаб!
Шабо, имшаб ҷавонмардӣ биёмӯз,
Маро ё зуд куш, ё зуд шав рӯз.

Чаро бар ҷой мондӣ чун сияҳмеғ,
Бар оташ меравӣ ё бар сари теғ?
Дуҳулзанро, гирифтам, даст бастанд,
На охир пои Парвинро шикастанд?!
Ман он шамъам, ки дар шабзиндадорӣ
Ҳама шаб мекунам чун шамъ зорӣ.
Чу шамъ аз баҳри он сӯзам бар оташ,
Ки бошад шамъ вақти сӯхтан х(в)аш.
Гиреҳ бин бар сарам чархи куҳанро,
Бибояд хонду хандид ин суханро.
Бихон, эй мурғ, агар дорӣ забоне,
Биханд, эй субҳ, агар дорӣ даҳоне.
Агар кофир наӣ, эй мурғи шабгир,
Чаро барноварӣ овози такбир?
В-агар оташ наӣ, эй субҳи равшан,
Чаро н-оӣ бурун бе сангу оҳан?»
Дар ин ғам буд дили парвонавораш,
Ки шамъи субҳ равшан кард кораш.

## ДАР СИТОИШИ СУБҲГОҲ

Накӯ мулкест мулки субҳгоҳӣ,
Дар он кишвар биёбӣ, ҳар чӣ хоҳӣ.
Касе, к-ӯ бар ҳисоби ганҷ раҳ ёфт,
Кушоиш дар калиди субҳгаҳ ёфт.
Ғаразҳоро ҳисор он ҷо кушоянд,
Калид он ҷост, кор он ҷо кушоянд.
Дар он соат, ки бошад нашви ҷонҳо,
Гули тасбеҳ рӯяд бар забонҳо.
Забони ҳар кӣ ӯ бошад барӯманд,
Шавад гӯё ба тасбеҳи Худованд.
Агар мурғи забон тасбеҳхон аст,
Чӣ тасбеҳ орад он, к-ӯ безабон аст?
Дар он ҳазрат, ки он тасбеҳ хонанд,
Забони безабонон низ донанд.

## НИЁИШ КАРДАНИ ШИРИН БА ЯЗДОНИ ПОК

Чу Ширин кимиёи субҳ дарёфт,
Аз он симобкорӣ рӯй бартофт,
Шикебоӣ-ш мурғонро пар афшонд,
Хурӯс «ассабру мифтоҳул фараҷ» хонд.

Шабистонро ба рӯи хештан руфт,
Ба зорӣ бо Худои хештан гуфт:
- Худовандо, шабамро рӯз гардон,
Чу рӯзам бар ҷаҳон пирӯз гардон.
Шабе дорам сиёҳ, аз субҳ навмед,
Дар ин шаб рӯсапедам кун чу хуршед.
Ғаме дорам ҳалоки шермардон,
Бар ин ғам чун нишотам чир гардон.
Надорам тоқати ин кӯраи танг,
Халосӣ деҳ маро чун лаъл аз ин санг.
Туӣ ёрираси фарёди ҳар кас,
Ба фарёди мани фарёдхон рас!
Надорам тоқати тимор чандин,
Ағиснӣ, ё ғиёсалмустағисин!
Ба оби дидаи тифлони маҳрум,
Ба сӯзи синаи пирони мазлум,
Ба болини ғарибон бар сари роҳ,
Ба таслими асирон дар буни чоҳ.
Ба довар-довари фарёдхоҳон,
Ба ё раб-ё раби соҳибгуноҳон,
Бад-он ҳуҷҷат, ки дилро банда дорад,
Бад-он оят, ки ҷонро зинда дорад,
Ба доманпокии динпарваронат,
Ба соҳибсиррии пайғамбаронат,
Ба мӯҳтоҷони дар бар халқ баста,
Ба маҷрӯҳони хун бар хун нишаста,
Ба дурафтодагон аз хонумонҳо,
Ба вопасмондагон аз корвонҳо.
Ба вирде, к-аз навомӯзе бараояд,
Ба оҳе, к-аз сари сӯзе барояд,
Ба райҳони нисори ашкрезон,
Ба Қуръону чароғи субҳхезон,
Ба нуре, к-аз халоиқ дар ҳиҷоб аст,
Ба инъоме, ки берун аз ҳисоб аст,
Ба тасдиқе, ки дорад роҳиби дайр,
Ба тавфиқе, ки бахшад воҳиби хайр,
Ба мақбулони хилватбаргузида,
Ба маъсумони олоишнадида,
Ба ҳар тоат, ки наздикат савоб аст,
Ба ҳар даъват, ки пешат мустаҷоб аст,

Бад-он оҳи пасин, к-аз арш пеш аст,
Бад-он номи маҳин, к-аз шарҳ беш аст,
Ки раҳме бар дили пурхунам овар,
В-аз ин ғарқоби ғам берунам овар.
Агар ҳар мӯи ман гардад забоне,
Шавад ҳар як туро тасбеҳхоне,
Ҳанӯз аз безабонӣ хуфта бошам,
Зи сад шукрат яке ногуфта бошам.
Ту он ҳастӣ, ки бо ту кистӣ нест,
Туӣ ҳаст, он дигар ҷуз нестӣ нест.
Туӣ дар пардаи ваҳдат ниҳонӣ,
Фалакро дода бар дар қаҳрамонӣ.
Худовандӣ-тро анҷому оғоз
Надонад аввалу охир касе боз.
Ба даргоҳи ту дар уммеду дар бим
Нашояд роҳ бурдан ҷуз ба таслим.
Фалак барбастию даврон кушодӣ,
Ҷаҳону ҷону рӯзӣ ҳар се додӣ.
Агар рӯзӣ диҳӣ в-ар ҷон ситонӣ,
Ту донӣ, ҳар чӣ хоҳӣ, кун, ту донӣ.
Ба тавфиқи туам з-ин гуна бар пой,
Бар он тавфиқ тавфиқе барафзой.
Чу ҳукме ронд хоҳӣ ё қазое,
Ба таслим офарин дар ман ризое.
Агарчи ҳар қазое, к-он ту ронӣ,
Мусаллам шуд ба маргу зиндагонӣ,
Мани ранҷур бетоқатиёрам,
Мадеҳ ранҷе,ки ман тоқат надорам.
Зи ман н-ояд ба воҷиб ҳеҷ коре,
Гар аз ман н-ояд, ояд аз ту боре.
Ба инъоми худам дил хуш кун ин бор,
Ки инъоми ту бар ман ҳаст бисёр.
Зи ту чун пӯшам ин рози ниҳонӣ
В-агар пӯшам, ту худ пӯшида донӣ.
Чу хоҳиш кард бисёр аз дили пок,
Чу оби чашми худ ғалтид бар хок.
Фарохӣ додаш Эзид дар дили танг,
Калидашро баровард оҳан аз санг.
Ҷавон шуд гулбуни давлат дигар бор,
Зи талхӣ раст Ширини шакарбор.
Ниёиш дар дили Хусрав асар кард,
Дилашро чун фалак зеру забар кард.

## РАФТАНИ ХУСРАВ СӮИ ҚАСРИ ШИРИН БА БАҲОНАИ ШИКОР

Чу олам барзад он зарриналамро,
К-аз ӯ тороҷ бошад хайли ғамро,
Маликро рағбати нахчир бархост,
Зи толеъ туҳмати тақсир бархост.
Ба фоле чун рухи Ширин ҳумоюн
Шаҳаншаҳ сӯи саҳро рафт берун.
Хурӯши кӯсу бонги ной бархост,
Замин чун осмон аз ҷой бархост.
Аламдорон алам боло кашиданд,
Далерон рахт дар саҳро кашиданд.
Бурун омад меҳини шаҳсаворон,
Пиёда дар рикобаш тоҷдорон,
Зи як сӯ даст бар зин баста Фағфур,
Зи дигар сӯ сипаҳсолор Қайсур.
Камар дарбаставу абрӯ кушода,
Кулоҳи кайқубодӣ каж ниҳода.
Ниҳода ғошияш хуршед бар дӯш,
Рикобаш карда маҳро ҳалқа дар гӯш.
Дирафши ковиёнӣ бар сари шоҳ
Чу лахте абр, к-афтад бар сари моҳ.
Камаршамшерҳои зарнигораш
Ба гирд андар шуда заррин ҳисораш.
Набуд аз теғҳо пермани шоҳ
Ба як майдон касеро пешу пас роҳ.
Дар он беша, ки буд аз тиру шамшер
Забони гов бурда заҳраи шер.
Даҳони дурбош аз ханда месуфт,
Фалакро «дурбош» аз дур мегуфт.
Саводи чатри заррин боз бар сар,
Чу бар мушкин ҳисоре бурҷе аз зар.
Гар афтодӣ сари як сӯзан аз меғ,
Набудӣ ҷои сӯзан ҷуз сари теғ.
Нафири човушон аз «дур шав, дур»
Зи гетӣ чашми бадро карда маҳҷур.
Тароқи микраъа бар хоку бар санг,
Адаб карда заминро чанд фарсанг.
Замин аз бори оҳан ҳам гирифта,
Ҳаворо аз раворав дам гирифта.

Ҷанибаткаш вушоқони сарой,
Равона сад-сад аз ҳар сӯ ҷудой.
Гиреви кӯсҳо бар кӯҳаи пил
Гирифта кӯҳу саҳро мил дар мил.
Зи ҳалқуми дароҳои дурафшон
Мушаббакҳои заррин анбарафшон.
Саду панҷоҳ саққо дар сипоҳаш
Ба оби гул ҳамешустанд роҳаш.
Саду панҷоҳ миҷмардори дилкаш
Фиканда бӯйҳои хуш дар оташ.
Ҳазорон тарфи заррин буд баста,
Ҳама мехи дурустакҳо шикаста.
Бад-он то ҳар куҷо, к-ӯ асп ронад,
Ба ҳар гоме дурустӣ бозмонад.
Ғарибе гар гузар кардӣ бар он роҳ,
Бидонистӣ, ки кард он ҷо гузар шоҳ.
Бад-ин оин чу берун омад аз шаҳр,
Ба истиқболаш омад гардиши даҳр.
Шуда бар орази лашкар ҷаҳон танг,
Ки шоҳаншаҳ куҷо медорад оҳанг?
Чунин фармуд хуршеди ҷаҳонгир,
Ки хоҳам кард рӯзе чанд нахчир.
Чу дар нолидан омад таблаки боз,
Даромад мурғи сайдафкан ба парвоз.
Равон шуд дар ҳаво бози сабукпар,
Ҷаҳон холӣ шуд аз кабку кабӯтар.
Яке ҳафта дар он кӯҳу биёбон
Нарастанд аз уқобайнаш уқобон.
Паёпай ҳар замон нахчир мекард,
Ба нахчире дигар тадбир мекард.
Буна дар як шикористон наменонд,
Шикорафкан, шикорафкан ҳамеронд.
В-аз он ҷо ҳамчунон бар дасти зерин
Рикоб афшонд сӯи қасри Ширин.
Ба якфарсангии қасри дилором
Фуруд омад чу бода дар дили ҷом,
Шаб аз анбар ҷаҳонро килла мебаст,
Зимистон буду боди сард меҷаст.
Замин, к-аз сардӣ оташ дошт дар зер,
Паранди обро мекард шамшер.

Агарчи ҷой бошад гармсерӣ,
Нашояд кард бо сармо далерӣ,
Малик фармуд, к-оташ барфурӯзанд,
Ба ман анбар, ба хирман уд сӯзанд.
Бухорангез шуд уди қиморӣ,
Ҳаво мекард худ кофурборӣ.
Ба осоиш тавоно шуд тани шоҳ,
Ғунуд аз аввали шаб то саҳаргоҳ.
Чу лаъли офтоб аз кон баромад,
Зи ишқи рӯз шабро ҷон баромад.
Фалак сармаст буд аз пӯя чун пил,
Хуноқи шаб кабудаш кард чун нил.
Табибони шафақ мудхал кушоданд,
Фалакро сурхӣ аз акҳал кушоданд.
Малик з-оромгаҳ бархост шодон,
Нишот оғоз кард аз бомдодон.
Набизе чанд хӯрд аз дасти соқӣ,
Намонд аз шодмонӣ ҳеҷ боқӣ.
Чу ошӯби набидаш дар сар афтод,
Тақозои муродаш дар бар афтод.
Бурун шуд масту бар Шабдиз биншаст,
Суи қасри нигорин ронд сармаст.
Дил аз мастӣ шуда раққос бо ӯ,
Ғуломе чанд хосулхос бо ӯ.
Хабар карданд Ширинро рақибон,
Ки инак, Хусрав омад бе нақибон.
Дили покаш зи нангу ном тарсид
В-аз он парвози беҳангом тарсид.
Ҳисори хешро дар дод бастан,
Рақибе чандро бар дар нишастан.
Ба дасти ҳар як аз баҳри нисораш
Яке хон зар, ки беҳад буд шумораш.
Зи миқрозию чинӣ бар гузаргоҳ
Яке майдон бисот афканд бар роҳ.
Ҳама раҳро тирози ганҷ бардӯхт,
Гулоб афшонду худ чун уд месӯхт.
Ба боми қаср баршуд чун яке моҳ,
Ниҳода гӯш бар дар, дида бар роҳ.
Зи ҳар нӯки мижа карда синоне,
Бар ӯ аз хун нишонда дидабоне.

Баромад гарде аз раҳ тӯтиёранг,
Ки равшанчашм аз ӯ шуд чашма дар санг.
Бурун омад зи дар он субҳи равшан,
Падид омад аз он гилхона гулшан.
Дар он машъал, ки бурд аз шамъҳо нур,
Чароғ ангушт бар лаб монда аз дур.
Хадангаш руста аз заррин хадангаш,
Ки шамшод об гашт аз обу рангаш.
Мурассаъ пайкаре дар нимаи дӯш,
Кулоҳи хусравӣ бар гӯшаи гӯш.
Рухе чун сурхгул навбардамида,
Хате чун ғолия гирдаш кашида.
Гирифта дастаи наргис ба дасташ,
Ба хушхобӣ чу наргисҳои масташ.
Гулаш зери арақ ғаввос гашта,
Тазарваш зери гул раққос гашта.
Камарбандон ба гирдаш даста баста,
Ба дасти ҳар як аз гул даста-даста.
Чу Ширин дид Хусравро чунон маст,
Зи пой афтоду шуд якбора аз даст.
Зи беҳушӣ замоне бехабар монд,
Ба ҳуш омад, ба кори хеш дармонд,
Ки гар нагзорам акнун дар вусоқаш,
Надорам тоқати захми фироқаш.
В-агар лахте зи тундӣ ром гардам,
Чу Виса дар ҷаҳон бадном гардам.
Бикӯшам, то хато пӯшида бошам,
Чу натвонам, на ман кӯшида бошам.
Чу шоҳ омад, нигаҳбонон давиданд,
Зар афшонданду дебоҳо кашиданд.
Басе нохуштаро, к-аз дар дароранд,
Сипеҳру давр бин, то дар чӣ коранд!
Малик бар фарши дебоҳои гулранг
Ҷанибат ронду сӯи қаср шуд танг.
Даре дид оҳанин дар санг баста,
Зи ҳайрат монд бар дар дилшикаста.
На рӯи он,ки аз дар бозгардад,
На рои он ки қуфландоз гардад.
Рақиберо ба назди хештан хонд,
Ки моро нозанин бар дар чаро монд?

Чӣ талхӣ дид Ширин дар ман, охир,
Чаро дар баст аз ин сон бар ман, охир?
Дарун шав, гӯ, на шоҳаншаҳ, ғуломе
Фиристода-ст наздикат паёме,
Ки меҳмоне ба хидмат мегирояд,
Чӣ фармоӣ, дарояд, ё наёяд?
Ту, к-андар лаб намак пайваста дорӣ,
Ба меҳмон-бар чаро дар баста дорӣ?
Дарам бикшой, к-охир подшоҳам,
Ба пои хештан узри ту хоҳам.
Ту худ донӣ, ки ман аз ҳеҷ рое
Надорам бо ту дар хотир хатое.
Бибояд бо манат дамсоз гаштан,
Туро нодида натвон бозгаштан.
В-агар хоҳӣ, ки ин ҷо кам нишинам,
Раҳо кун, к-аз сари поят бибинам.
Бад-ин зорӣ паёме шоҳ мегуфт,
Шакарлаб мешуниду оҳ мегуфт.
Канизе кордонро гуфтӣ он моҳ:
– «Ба хидмат хезу берун рав бари шоҳ.
Фалон шаштоқи деборо бурун бар,
Бизан бо тоқи ин айвон баробар.
Зи хору хора холӣ кун миёнаш,
Муаттар кун ба мушку заъфаронаш.
Бисоте гавҳарин дар вай бигустар,
Биёр он курсии шашпояи зар,
Бинеҳ аз пешгоҳу шиққа дарбанд,
Пас он гаҳ шоҳро, гӯ, к-эй худованд,
На турки ин саро, ҳиндуи ин бом
Шаҳаншаҳро чунин дода-ст пайғом.
Парастори ту Ширини ҳавасҷуфт,
Ба лафзи ман шаҳаншаҳро чунин гуфт,
Ки гар меҳмони моӣ, ноз манмой,
Ба ҳар ҷо, к-ат фурӯ орам, фуруд ой.
Савоб он шуд зи рӯи пешбинӣ,
Ки имрӯзе дар ин манзар нишинӣ.
Ман оям худ ба хидмат бар сари кох,
Замин бӯсам ба неруи ту густох.
Бигӯем, он чи моро гуфт бояд,
Чу гуфтем, он кунем он гаҳ, ки шояд.

Канизи кордон берун шуд аз дар,
Бурун бурд, он чи фармуд он суманбар.
Ҳама тартиб кард оини зарбафт,
Фуруд овард Хусраврову худ рафт.
Рухи Ширин зи хиҷлат гашта пурхай,
Ки нузли шоҳ чун созад паёпай.
Чу аз нузли зарафшонӣ бипардохт,
Зи ҷуллобу шакар нузле дигар сохт.
Ба дасти чошнигире чу маҳтоб
Фиристодаш зи шарбатҳои ҷуллоб.
Пас он гаҳ моҳро пероя барбаст,
Ниқоби офтоб аз соя барбаст.
Фурӯ пӯшид гулнорӣ паранде,
Бар ӯ ҳар шохи гесӯ чун каманде.
Каманде ҳалқавор афканда бар дӯш,
Зи ҳар ҳалқа ҷаҳоне ҳалқадаргӯш.
Ҳамоилпайкаре аз зарриконӣ,
Кашида бар паранде арғавонӣ.
Сароғӯше баромуда ба гавҳар,
Ба расми чиниён афканда бар сар.
Сияҳшаъре чу зулфи анбарафшон
Фуруд овехт бар моҳи дурафшон.
Бад-ин товускирдорӣ ҳумое
Равон шуд чун тазарве дар ҳавое.
Нишоти дилбарӣ дар сар гирифта,
Ниёзе дида, нозе даргирифта.
Суи девори қаср омад хиромон,
Замин бӯсид шаҳро чун ғуломон.
Кушод аз гӯш гавҳар, к-аш басе лаъл
Суми Шабдезро кард оташиннаъл.
Ҳама сад дона марвориди хушшоб
Ба фарқафшони Хусрав кард партоб.

## ДИДАНИ ХУСРАВ ШИРИНРО ВА СУХАН ГУФТАН БО ШИРИН

Чу Хусрав дид моҳи хиргаҳиро,
Чаман кард аз дил он сарви саҳиро.
Биҳиште дид дар қасре нишаста,
Биҳиштивор дар бар халқ баста.

Зи ишқи ӯ, ки ёре буд чолок,
Зи курсӣ хост афтодан суи хок.
Ба айёрӣ зи ҷои хеш барҷаст,
Баробар дасти худ бӯсиду биншаст.
Забон бикшод бо узре диловез,
Зи пурсиш кард бар Ширин шакаррез,
Ки доим тоза бош, эй сарви озод,
Сарат сабзу рухат сурху дилат шод!
Ҷаҳон равшан ба рӯи субҳхандат,
Фалак дар сояи сарви баландат!
Диламро тоза кард ин хуррамиҳо,
Хиҷил кардӣ маро аз мардумиҳо.
Зи ганҷу гавҳару мансуҷу дебо
Раҳам кардӣ чу маҳди хеш зебо.
Зи наълакҳои гӯши гавҳаровез
Фикандӣ лаълҳо дар наъли Шабдез.
Зи бас гавҳар, ки дар наълам кашидӣ,
Ба рух-бар риштаи лаълам кашидӣ.
Чунин бошад нисорафшони кӯят,
Ба рӯят шодам, эй шодӣ ба рӯят!
Ба ман дарсохтӣ чун шаҳд бо шир,
Зи хидматҳо накардӣ ҳеҷ тақсир.
Вале дар бастанат бар ман чаро буд,
Хато дидам, нигоро, ё хато буд?
Заминворам раҳо кардӣ ба пастӣ,
Ту рафтӣ чун фалак, боло нишастӣ.
Нагӯям, бар туам болоие ҳаст,
Ки дар ҷинси сухан раъноие ҳаст.
На меҳмони туам? Бар рӯи меҳмон
Чаро дар боядат бастан бар ин сон?
Нашояд баст дар бар меҳмоне,
Ки ҷуз ту несташ ҷону ҷаҳоне.
Каримоне, ки бо меҳмон нишинанд,
Ба меҳмон беҳтарак з-ин бозбинанд.
Магар моҳӣ ту ё ҳур, эй париваш,
Ки наздикат набошад омадан х(в)аш?

## ПОСУХ ДОДАНИ ШИРИН ХУСРАВРО

Ҷавобаш дод сарви лоларухсор,
Ки доим бод давлат бар ҷаҳондор!

Фалак банди камаршамшер бодат,
Тани пилу шукӯҳи шер бодат!
Саре, к-аз тавқи ту ҷӯяд ҷудоӣ,
Мабод аз банди бедодаш раҳоӣ!
Ба чашми нек бинодат накӯхоҳ,
Мабодо чашми бадро сӯи ту роҳ!
Мазан таъна, ки бар боло задӣ тахт,
Канизони туро боло бувад рахт.
Алам гаштам ба ту дар меҳрубонӣ,
Алам болои сар беҳтар, ту донӣ.
Ман он гардам, ки аз роҳи ту ояд,
Агар гарди ту боло рафт, шояд.
Ту ҳастӣ аз сари соҳибкулоҳӣ
Нишаста бар сарири подшоҳӣ.
Ман аз ишқат бароварда фиғоне
Ба боме-бар чу ҳиндупосбоне.
Ҷаҳондорон, ки туркон ом доранд,
Ба хидмат ҳиндуе бар бом доранд.
Ман он турки сияҳчашмам бар ин бом,
Ки ҳиндуи сапедам шуд маро ном.
В-агар болои маҳ бошад нишастам,
Шаҳаншаҳро камина зердастам.
Дигар гуфтӣ, ки онон к-арҷманданд,
Чунин бар рӯи меҳмон дар набанданд.
На меҳмонӣ, туӣ бози шикорӣ,
Тамаъ дорӣ ба кабки кӯҳсорӣ.
В-агар меҳмонӣ, инак додамат ҷой,
Ман инак чун канизон пеш бар пой.
Ба соҳибраддию соҳибқабулӣ
Нашояд кард меҳмонро фузулӣ.
Ҳадиси он ки «дар бастам», раво буд,
Ки сармаст омадан пешам хато буд.
Чу ман хилватнишин бошам, ту махмур,
Зи тӯҳмат раъйи мардум кай бувад дур?
Туро боист, пире чанд ҳушёр
Гузин кардан, фиристодан бад-ин кор.
Маро бурдан ба маҳди хусравоин,
Шабистонро ба ман кардан навоин.
Чу ман ширинсаворе зине арзад,
Арӯсе чун Шакар ковине арзад?

Ту мехоҳӣ магар, к-аз роҳи дастон
Ба нуқлонам хӯрӣ чун нуқли мастон?
Ба даст орӣ маро чун ғофилон маст,
Чу гул бӯе кунӣ, андозӣ аз даст.
Макун пардадарӣ дар маҳди шоҳон,
Туро он бас, ки кардӣ дар Сипоҳон.
Ту бо Шаккар тавонӣ кард ин шӯр,
На бо Ширин, ки бар Шаккар кунад зӯр.
Шакаррези туро Шаккар тамом аст,
Ки Ширин шаҳд шуд в-ин шаҳд хом аст.
Ду лахте буд дар як лахт бастанд,
Зи товуси дупар як пар шикастанд.
Ду дилбар доштан аз якдилӣ нест,
Дудил будан тариқи оқилӣ нест.
Сазовори Уторид шуд ду пайкар,
Ту хуршедӣ, туро як бурҷ беҳтар.
Раҳо кун номи Ширин аз лаби хеш,
Ки ширинӣ даҳонатро кунад реш.
Ту аз ишқи ману ман бениёзӣ,
Ба ман бозӣ кунӣ дар ишқбозӣ?
Мазан шамшер бар Ширини мазлум,
Туро он бас, ки бурдӣ найза дар Рум.
Чу султон шав, ки бо як гӯй созад,
На чун ҳинду, ки бо даҳ гӯй бозад.
Зи даҳгӯӣ ба даҳ сӯет новард,
Зи якгӯӣ ба як кӯе расад мард.
Маро аз рӯи ту як қибла дар пеш,
Туро қибла ҳазор аз рӯи ман беш.
Агар зеборухе рафт аз канорат,
Аз ӯ зеботар инак даҳ ҳазорат.
Туро мушкуи мушкин пурғизолон,
Маяфкан саг бар ин оҳуи нолон.
Зи дурандозии мушкуи шоҳам,
Ки дар зиндони ин дайр аст чоҳам.
Шавам дар хонаи ғамнокии хеш,
Нигаҳ дорам чу гавҳар покии хеш.
Гили саршӯй аз ин маънӣ, ки пок аст,
Ба сар бармекунандаш, гарчи хок аст.
Биёсояд ҳама шаб мурғу моҳӣ,
Наёсоям ман, аз ҷонам чӣ хоҳӣ?

Манам чун мурғи дар доме гирифта,
Даре дарбаставу боме гирифта.
Чу тӯтӣ сохта бо оҳанин банд,
Ба танҳоӣ чу анқо гашта хурсанд.
Ту дар хиргоҳу ман дар хонаи танг,
Туро рӯзӣ биҳишт омад, маро санг.
Чу ман бо захм хӯ кардам дар ин хор,
На марҳам бод дар олам, на гулзор!
Ду рӯзи умр, агар дод аст, агар дуд,
Чунон, к-аш бигзаронӣ, бигзарад зуд.
Бале, чун рафт бояд з-ин гузаргоҳ,
Зи хоро беҳ буридан, то зи хиргоҳ.
Бар ин тан, к-ӯ ҳамоил бар фалак баст,
Ба сарҳанге ҳамоил чун кунӣ даст?
Ба гӯре чун барӣ шер аз канорам,
Ки Ширинам, на охир ширхорам?
На он тифлам, ки аз ширинзабонӣ
Ба хурмое кулуҷамро ситонӣ.
Дар ин хирман, ки ту бар ту итоб аст,
Ба як ҷав бо манат соле ҳисоб аст.
Чу Зуҳра арғанунеро, ки созам,
Биёзорам нахуст, он гаҳ навозам.
Чу оташ гарчи охир нури покам,
Ба аввал навбат охир дуднокам.
Нахуст оташ диҳад чарх, он гаҳе об,
Ба ҳоли ташнагон дарбину дарёб.
Ба файёзе, ки бахшад бо рутаб хор,
Ки бе хорам наёяд кас рутабвор.
Рутаб бе устухон обе надорад,
Чу маҳ бе шаб бувад, тобе надорад.
Туро бисёр мебошад дар ин роҳ,
Валекин талху ман ширинам, эй шоҳ.
Басе ҳамсӯҳбатат бошад дар ин пӯст,
Валекин устухон, ман мағзам, эй дӯст.
Ту дар ишқи ман аз молию ҷоҳӣ
Чӣ дидӣ ҷуз худовандию шоҳӣ?
Кадомин соат аз ман ёд кардӣ?
Кадомин рӯзам аз худ шод кардӣ?
Кадомин ҷома бар ёдам даридӣ?
Кадомин хорӣ аз баҳрам кашидӣ?

Кадомин пайкро додӣ паёме?
Кадомин шаб фиристодӣ саломе?
Ту соғар мезадӣ бо дӯстон шод,
Қалам Шопур мезад, теша Фарҳод.

## ПОСУХ ДОДАНИ ХУСРАВ ШИРИНРО

Дигарбора ҷаҳондор аз сари меҳр
Ба гулрух гуфт, к-эй сарви чаманчеҳр,
Табархун бо саҳисарват қарин бод,
Табарзад бо табархун ҳамнишин бод!
Даҳони ҷуз ман аз ҷоми лабат дур,
Сари ҷуз ман зи тавқи ғабғабат дур!
Итобат гарчи заҳри ноб дорад,
Гузар бар чашмаи нӯшоб дорад.
Намегӯям, ки бар боло чароӣ,
Бало манмой, чун боло намоӣ.
Саҳисарви туро боло баланд аст,
Ба болотар шудан нодилписанд аст.
Нисореро, ки чашмам мефишонад,
Кадомин манҷаниқ он ҷо расонад?
Маро бар қаср каш як мил боло,
Нисори ашк бин як пил боло.
Чу бар ман ганҷи Қорун мефишондӣ,
Чу Қорунам чаро дар хок мондӣ?
Дил ин ҷо, дар куҷо хоҳам кушодан?
Тан ин ҷо, сар куҷо хоҳам ниҳодан?
Чу ҳалқа гар биёбам бар дарат бор,
Даратро ҳалқа мебӯсам фалаквор.
Шавам чун ҳалқаи дар тавқбардӯш,
Хато гуфтам, ки чун дар ҳалқадаргӯш.
Макун бар ман ҷафо, к-аз ҳеҷ роҳе
Надорам ҷуз вафодорӣ гуноҳе.
В-агар дорам гуноҳ, он дил раҳим аст,
Гуноҳи одамӣ расми қадим аст.
Ҳама тундӣ макун, лахте биёром,
Раҳо кун тавсанӣ, чун ман шудам ром.
Шубонӣ пеша кун, бигзор гургӣ,
Макун бо сарбузургон сарбузургӣ.
Нашояд хӯи бадро моя кардан,
Бузургонро чунин бепоя кардан.

Чу хок андохтӣ бар остонам,
На он гоҳет хокандоз хонам?
Магӯ, к-аз роҳи ман чун фитна бархез,
Чу бархезам, ту бошӣ фитнаангез.
Макун, к-ин зулмро парвоз бинӣ,
Гар аз ман не, зи гетӣ бозбинӣ.
На ҳар хоне, ки пеш ояд, тавон х(в)ард,
На ҳар ч-аз даст бархезад, тавон кард.
На ҳар дасте, ки теғи тез дорад,
Ба хуни халқ дастовез дорад.
Ман ин хорӣ зи х(в)ад бинам, на аз ту,
Гуноҳ аз бахти бад бинам, на аз ту.
Ҷарас бевақт ҷунбонид кӯсам,
Духул бевақт зад бонги хурӯсам.
В-агарна дар дама сӯзам, ки дидӣ,
Чунин рӯзе бад-ин рӯзам, ки дидӣ.
Ғалат гуфтам, ки ишқ аст ин, на шоҳӣ,
Набошад ишқ бе фарёдхоҳӣ.
Бикун, чандон ки хоҳӣ, ноз бар ман,
Мазан чун рондагон овоз бар ман.
Агар бар ман ба султонӣ кунӣ ноз,
Бигӯ, то хат ба мавлоӣ диҳам боз.
Агар гӯшам бигирӣ, то фурӯшӣ,
Кунам дар байъати байъат хамӯшӣ,
В-агар чашмам канӣ, сар пеш дорам,
Пас ин чашми дигар дар пеш дорам.
Камарбандӣ-тро бинам ба хунам,
Кулаҳдорӣ-тро донам, ки чунам.
Агар гардад сарам бар ханҷар аз ту,
Ба сар гардам,нагардонам сар аз ту.
Маро ҳам ҷон туӣ, ҳам зиндагонӣ,
Гар охир кас намедонад, ту донӣ.
Ба ҳушёриву мастӣ гоҳу бегоҳ
Накардам ҷуз хаёлатро назаргоҳ.
Касе ҷуз ман гар ин шарбат чашидӣ,
Сару кораш ба расвоӣ кашидӣ.
Ба хилват ҷома аз ғам медаридам,
Ба заҳмат ҷомаи нав мебуридам.
Бад-он то лашкар аз ман барнагардад,
Бинои подшоҳӣ дарнагардад.

На ринде будаам дар ишқи рӯят,
Ки танбӯре ба даст орам ба кӯят.
Ҷаҳондовар манам дар корсозӣ,
Ҷаҳондор аз куҷову ишқбозӣ?!
Вале чун номи зулфат мешунидам,
Ба тоҷу тахт бӯе мехаридам.
Ба тан бо дигаре хурсанд будам,
Зи дил то ҷон туро дар банд будам.
Ба фатвои кажӣ обе нах(в)ардам,
Бурун аз ростӣ коре накардам.
Агар гоме задам дар комронӣ,
Ҷавон будам, чунин бошад ҷавонӣ.

## ПОСУХ ДОДАНИ ШИРИН ХУСРАВРО

Дигар раҳ лӯъбати товуспайкар
Кушод аз дурҷи лӯълу тунги шаккар.
Равон кард аз ақиқ он нақши зебо,
Суханҳое нигоринтар зи дебо,
К-аз он афзун, ки даврони ҷаҳон аст,
Шабу рӯзу замину осмон аст,
Чаҳондовар ҷаҳондори ҷаҳон бод,
Замона ҳукмкаш, ӯ ҳукмрон бод!
Ба фаррошӣ кавокиб дар ҷанобаш,
Ба сарҳангӣ саодат дар рикобаш.
Маро дар дил зи Хусрав сад ғубор аст,
Зи шоҳӣ бигзар, он дигар шумор аст.
Ҳанӯзам нози давлат менамоӣ,
Ҳанӯз аз роҳи ҷабборӣ дароӣ.
Ҳанӯзат дар сар аз шоҳӣ ғурур аст,
Дареғо, к-ин ғурур аз ишқ дур аст.
Ту аз ишқи ману ман бениёзӣ,
Туро шоҳӣ расад ё ишқбозӣ.
Дар ин гармо, ки боди сард бояд,
Дил осон аст, бо дил дард бояд.
Ниёз орад касе, к-ӯ ишқбоз аст,
Ки ишқ аз бениёзон бениёз аст.
Насозад ошиқӣ бо сарфарозӣ,
Ки бозӣ барнатобад ишқбозӣ.
Ман он мурғам, ки бар гулҳо паридам,
Ҳавои гарми тобистон надидам.

Чу гул будам маликбонуи Сақлоб,
Кунун дижбонуи шиша-м чу ҷуллоб.
Чу сабза лаб ба шири барф шустам,
Чу гул бар чашмаҳои сард рустам.
Дар ин гӯри гилину қасри сангин
Ба уммеди ту кардам сабр чандин.
Чу зар полудам аз гармӣ кашидан,
Фусурдам чун ях аз сардӣ чашидан.
На дасте, к-ин ҷарас бар ҳам тавон зад,
На ғамхоре,  ки бо ӯ дам тавон зад.
Ҳама вақте туро пиндоштам ёр,
Ҳама ҷое туро хондам вафодор.
Ту ҳаргиз дар дилам ҷое накардӣ,
Чу дилдорон мудорое накардӣ.
Маро дигар зи куштан кай бувад бим,
Ки ҷон кардам ба шамшери ту таслим.
Тарозу бар замин чун ёбад оҳанг,
Ҳисобаш хок беҳтар донад аз санг.
Гарам ақле бувад, ҷое нишинам,
Вагарна бинам аз худ, он чи бинам.
Гар аз ман худ наёяд ҳеҷ коре,
Ки баршояд гирифт аз вай шуморе.
Занам чандон тазаллум дар замона,
Ки ҳам тире нишонам бар нишона.
Чаро бояд, ки чун ман сарви озод
Бувад дар банди меҳнат монда ношод?
Ҳанӯзам дар дил аз хубӣ тарабхост,
Ҳанӯзам дар сар аз шӯхӣ шағабхост.
Ҳанӯзам ҳиндувон оташпарастанд,
Ҳанӯзам чашм чун туркони мастанд.
Ҳанӯзам ғунчаи гул ношукуфта-ст,
Ҳанӯзам дурри дарёӣ насуфта-ст.
Ҳанӯзам лаб пуроби зиндагонист,
Ҳанӯзам об дар ҷӯи ҷавонист.
Рухам сархели туркони Тироз аст,
Камина хайлтошам кибру ноз аст.
Валинеъмат раёҳинро насимам,
Валиаҳди шакар дурри ятимам.
Чароғ аз нури ман парвона гардад,
Маҳи нав бинадам, девона гардад.

Ақиқ аз лаъли ман бар сар хурад санг,
Гули рӯям зи рӯи гул барад ранг.
Турунҷи ғабғабамро гар кунӣ ёд,
Занах бар худ занад норинҷи Бағдод.
Чу себи рух ниҳам бар дасти шоҳон,
Сабад вопас барад себи Сипоҳон.
Ба ҳар дур, к-аз лабу дандон бибахшам,
Диле бистонаму сад ҷон бибахшам.
Ман орам дар палангон сарфарозӣ,
Ғазолон аз ман омӯзанд бозӣ.
Гавазн аз ҳасрати ин чашми чолок
Зи мижгон заҳр полояд, на тарёк.
Гар оҳу як назар сӯи ман орад,
Хироҷи гарданам бар гардан орад.
Ба нозе Румро дар ҷустуҷӯям,
Ба бӯе бо Хутан дар гуфтугӯям.
Баҳор ангушткаш шуд дар накӯӣ,
Ҳар ангуштам дусад чун ӯст, гӯӣ.
Бад-ин таррӣ, ки дорад табъи маҳтоб,
Наёрад рехтан бар дасти ман об.
Чу ёқутам набизи хом гирад,
Ба ришват бо табарзад ҷом гирад.
Биҳишт аз қасри ман дорад басе нур,
Иёр аз нори пистонам барад ҳур.
Ба ғамза гарчи турке дилситонам,
Ба бӯса дилнавозӣ низ донам.
Зи бас к-овардаам дар чашмҳо нур,
Зи туркон тангчашмӣ кардаам дур.
Зи тангӣ кас ба чашмам дарнаёяд,
Касе бо тангчашмон барнаёяд.
Чу бар маҳ зулфро занҷир созам,
Басо шеро, к-аз ӯ нахчир созам.
Чу лаълам бо шакар новард гирад,
Ту мард ор он гаҳе, то мард гирад.
Шакар ҳамшираи дандони ман шуд,
Вафо ҳамшаҳрии паймони ман шуд.
Ҷаҳоне ноз дорад, сад ҷаҳон шарм,
Даре дар хашм дорад,сад дар озарм.
Лаби лаълам ҳамон шаккарфишон аст,
Сари зулфам ҳамон доманкашон аст.

Зи хушнуқлӣ, ки май дар ҷом резам,
Шакар дар домани бодом резам.
Агарчи нори симин гашт себам,
Ҳамон ошиқкуши оқилфиребам.
Рухам рӯзе, ки бифрӯзад ҷаҳонро,
Ба зарнихе фурӯшад арғавонро.
Зи раъноӣ, ки ҳаст, ин наргиси маст
Наёлояд ба хуни ҳар касе даст.
Чӣ шӯришҳо, ки ман дорам дар ин сар,
Чӣ мискинон, ки ман куштам бар ин дар!
Бирав, то бар ту накшоям ба хун даст,
Ки дар гардан басе хунам чунин ҳаст.
Нахӯрда захм, дасти рост бардор,
Ба дасти чап кунад ишқам чунин кор.
Ту сангиндил шудӣ, ман оҳанинҷон,
Чунин дилро нашояд ҷуз чунин ҷон.

## ПОСУХИ ХУСРАВ ШИРИНРО

Малик бори дигар гуфт:– «Эй дилафрӯз,
Ба гуфтан-гуфтан аз мо меравад рӯз.
Макун бо ман ҳисоби хубрӯӣ,
Ки сад раҳ хубтар з-онӣ, ки гӯӣ.
Фурӯғи чашмӣ, эй дурӣ зи ту дур,
Чароғи субҳӣ, эй нури ало нур.
Ба дарё монӣ аз гавҳарфишонӣ,
Вале оби ту – Оби Зиндагонӣ.
Ту дар оина дидӣ сурати хеш,
Ба чашми ман-дарӣ сад бор аз он беш.
Туро гар бар забон гӯям дилором,
Даҳонам пуршакар гардад бад-ин ном.
Гарат хуршед хонам, низ ҳастӣ,
Ки маҳро бар фалак равнақ шикастӣ.
Дили шаккар дар он таърих шуд танг,
Ки ёқути ту берун омад аз санг.
Саҳисарв он замон шуд дар чаман суст,
Ки симин нори ту бар норван руст.
Рутабро устухон он шаб шикастанд,
Ки хурмои лабатро нахл бастанд.
Ирамро сиккаи рӯят калид аст,
Висолат чун Ирам з-он нопадид аст.

Қамар дар некӯӣ дилдодаи туст,
Шакар мавлои мавлозодаи туст.
Гулат чун бо шакар ҳамхоб гардад,
Табарзадро даҳон пуроб гардад.
Ба ҳар маҷлис, ки шаҳдат хон дарорад,
Ба суратҳои мумин ҷон дарорад.
Садаф чун баркушояд комро ком,
Кунад дур вом аз он дандони дурфом.
Гар аз як мӯи худ ниме фурӯшӣ,
Бихаррам, гар ба иқлиме фурӯшӣ.
Бар-ин хубӣ, ки рӯят рашки моҳ аст,
Мабин дар худ, ки худбинӣ гуноҳ аст.
Мабодо чашми кас бар хубии хеш,
Ки захми чашм хубиро кунад реш.
Марез охир, чу бар ман подшоҳӣ,
Бад-ин сон хуни ман дар бегуноҳӣ.
Агар шоҳӣ, нишони гавҳарат ку?
В-агар ширинӣ, охир, шаккарат ку?
Раҳо кун ҷангу роҳи сулҳ бикшой,
Нифоқомез узре чанд бинмой.
На бад гуфтам, на бадгӯист корам
В-агар гуфтам, якеро сад ҳазорам.
Агарчи расми хубон тундхӯист,
Накӯӣ низ ҳам расми накӯест.
Худовандон агар тундӣ намоянд,
Ба раҳмат низ ҳам лахте гироянд.
Макун бедод бо ёри қадимӣ,
Ки гар тундӣ, нигоро, ҳам раҳимӣ.
Чу бод аз оташам то кай гурезӣ?
На ман хоки туам? Обам чӣ резӣ?
Зи ту бо он ки истеҳқоқ дорам,
Сар аз тавқи навозиш тоқ дорам.
Ҳама донандагонро ҳаст маълум,
Ки бошад мустаҳиқ пайваста маҳрум.
Маро то дил бувад, дилбар ту бошӣ,
Зи ҷон бигзар, ки ҷонпарвар ту бошӣ.
Гар аз банди ту худ ҷӯям ҷудоӣ,
Зи банди дил куҷо ёбам раҳоӣ?
Бас ин аспи ҷафо бар ман давондан,
Гаҳам дар хоку гаҳ дар хун нишондан,

Ба ширинӣ сало дар шаҳр додан,
Ба талхӣ посухе чун захр додан.
Маро саҳл аст, к-ин бор озмудам,
Муборак бод, бисёр озмудам.
Басо рахна, ки асли муҳкамиҳост,
Басо андуҳ, ки дар вай хуррамиҳост,
Ҷафо кардан на бас фархунда фолест,
Макун, к-имшаб шабе, охир, на солест.
Дилам хуш кун, ки ғамхор омадастам,
Туро хоҳам, бад-ин кор омадастам.
Чу шамъ аз пой наншинам бад-ин кор,
Ки чун ман ҳаст Ширинҷӯй бисёр.
Ҳамоно шамъ аз он бо оби дида-ст,
Ки ӯ низ аз лаби Ширин бурида-ст.
Гиреҳ бар дил чаро дорад наи қанд,
Магар,  к-ӯ низ Ширинрост дар банд?
Чаро нахли рутаб бар дил хурад хор,
Магар, к-ӯ ҳам ба Ширин шуд гирифтор?
Ҳамэдун шир агар ширин набудӣ,
Ба тифлӣ халқро таскин набудӣ.
Ба ширинӣ раванд ин як-ду мискин,
Ту ширинию эшон низ ширин».

## ПОСУХ ДОДАНИ ШИРИН БА ХУСРАВ

Зи роҳи посух он моҳи қасабпӯш
Зи шаккар кард шаҳро ҳалқа дар гӯш.
Кушод аз дурҷи гавҳар қуфли ёқут,
Рутабро қанд доду қандро қут.
Мисоле дод маҳро дар саворӣ,
Бароте мушкро дар пардадорӣ.
Сутуни сарвро рафтан даромӯхт,
Чу ғунча тез шуд, чун гул барафрӯхт.
Ба хидмат бӯса зад бар гӯшаи бом,
Ки бошад хишти пухта анбари хом.
Чу навбат дошт дар хидмат намудан,
Бурун зад навбате дар дил рабудан.
Нахустин гуфт, к-эй дорои олам,
Баровардa алам болои олам,
Зи Чин то Рум дар тавқеи номат
Қадархон бандаву Қайсар ғуломат.

На танҳо хоки ту хоқони Чин аст,
Чунинат чанд хокӣ бар замин аст.
Ҳар он полудае, к-ӯ худ бувад зард,
Ба чарбӣ ё ба ширинӣ тавон х(в)ард.
Ман он полудаи равғангузорам,
Ки ҷуз номе зи ширинӣ надорам.
Бале, то гаштам аз олам падидор,
Туро будам ба ҷону дил харидор.
На пай дар ҷустуҷӯи кас фишурдам,
На ҷуз рӯи ту касро саҷда бурдам.
Надидам дар ту бӯи меҳрубонӣ,
Ба ҷуз гарданкашию дилгаронӣ.
Ҳисоби орзуи хеш кардан,
Ба рӯи дигарон дар пеш кардан.
На ишқ ин, шаҳвате бошад ҳавоӣ,
Куҷо ишқу ту, эй фориғ, куҷоӣ?!
Маро пиле сазад, к-ӯро кунад банд,
Ту шоҳӣ, бар ту натвон байдақ афканд.
Ба меҳмони ғазоле чун шавад шер,
Зи гунҷишке уқобе кай шавад сер?
Ту гар сарвию ман пеши ту хошок,
На охир ҳар ду ҳастем аз яке хок?
Сипанду уд бар миҷмар яке дон,
Бухуру дуду хокистар яке дон.
Кабобе бояд ин хонро намаксуд,
Магас дар пои пилон кай кунад суд?
Забонат оташе хуш мефурӯзад,
Хуш он бошад, ки дегатро насӯзад.
Чу селе, к-омадӣ дар ҳавзи моҳӣ,
Муроди хештанро бурд хоҳӣ.
Зи тӯфони ту хоҳам кард парҳез,
Бар ин дар хоҳ биншин, хоҳ бархез.
Каманд афканданат бар қалъаи моҳ
Чӣ бояд, чун наёбӣ бар фалак роҳ?
Ба шаббозӣ фалакро дарнагирӣ,
Ба афсун моҳро дар бар нагирӣ.
Дури носуфтаро гар суфт бояд,
Сухан дар гӯши дарё гуфт бояд.
Бари боғи Ирам пӯшидашох аст,
Ғалат гуфтам, дари рӯзӣ фарох аст.

Шакар хоҳиву Ширин низ хоҳӣ,
Шикори моҳ кун ё сайди моҳӣ.
Ҳавои қасри Ширинат тамом аст,
Сари кӯи Шакар донӣ, кадом аст?!
Ман аз хуни ҷигар боридани хеш
Напардозам ба сар хоридани хеш.
Наёяд шаҳпарастӣ дигар аз ман,
Парасторе талаб чобуктар аз ман.
Ба ёди ман,ки бод ин ёд бадруд,
Наво хуш мезанӣ, гар нагсалад руд.
Ба тундӣ чанд гӯӣ бо асирон,
Ту мегӯ, то нависандат дабирон.
Зи ғам хӯрдан диле озод дорӣ,
Ба дам додан саре пурбод дорӣ.
Чӣ бояд бо ту хун хӯрдан ба соғар,
Ба ҳам фарбеҳ шудан чун меши лоғар?
Зи ту гар кори ман бад гашт, бигзор,
Худое ҳаст, к-ӯ некӯ кунад кор.
Ман обам, ном – оби зиндагонӣ,
Ту – оташ, номи он оташ – ҷавонӣ.
Нахоҳам, обу оташ дар ҳам афтад,
К-аз эшон фитнаҳо дар олам афтад.
Беҳ, ар то зинда бошам, гирди он кас
Нагардам, к-аз ман ӯро бас бувад бас.
Бирав, ҳам бо Шакар мекун шикоре,
Туро бо шаҳди ширин нест коре.
Шакарбӯсӣ лаби касро нашояд,
Магар дандон, ки ӯ хурдаш бихояд.
Ба Ширин бӯсаро бозор тез аст,
Ки ширинӣ лабашро хонахез аст.
Ба Ширин аз Шакар чандин мазан лоф,
Ки аз қассоб дур афтад қасаббоф.
Ду бошад манҷаниқ аз рӯи фарҳанг,
Яке абрешим андозад, яке санг.
Ба шаккар нашканад ширинии кас,
Лаби ширин бувад шаккаршикан бас!
Туро гар ногуворӣ буд аз ин пеш,
Зи Шаккар сохтӣ гулшаккари хеш.
Набинам ҳам дар ин вайрона водӣ,
Барангезам мунодӣ бар мунодӣ,

Ки бо Ширин чӣ бозӣ кард Парвез,
Арӯс ин ҷо, куҷо кард ӯ шакаррез.
Бас он як раҳ, ки дар дом уфтодам,
Ҳам аз нарху ҳам аз ном уфтодам.
Чу шуд дар номҳо номам шикаста,
Дари беномунангон бод баста!
Зи дарбастан рақибам раста бошад,
Хазина беҳ, ки ӯ дарбаста бошад.
Зи қанди ман самарҳо дар ҷаҳон аст,
Дари қасрам самарқандӣ аз он аст.
Агар бар дар кушодан нестам даст,
Тавонам бар ту аз гесӯ расан баст.
Гарам бояд, чу май дар ҷомат орам,
Ба зулфи чун расан бар бомат орам.
Вале бод аз расан поят рабуда-ст,
Расанбозӣ намедонӣ, чӣ суд аст?
Ҳамон беҳ, к-он чи ман дидам ба доғат,
Насӯзам равғани худ дар чароғат.
Зи ҷӯши хуни дил чун бозгуфтам,
Шабат хуш боду рӯзат хуш, ки рафтам.
Бигуфт ину чу сарв аз ҷой бархост,
Ҷабинро каҷ гирифту фарқро рост.
Паранд афшонд в-аз тарфи парандаш
Ҷаҳон пур шуд зи қолабҳои қандаш.
Бад-он оин, ки хубонро бувад даст,
Занахдон мекушоду зулф мебаст.
Ҷамоли хешро дар хаззу хоро
Ба пӯшидан ҳамекард ошкоро.
Гаҳе мекард насринро қасабпӯш,
Гаҳе мезад шақоиқ бар буногӯш.
Гаҳе бар фарқбанд ошуфта мебуд,
Гиреҳ мебасту бар маҳ мушк месуд.
Ба зевар рост кардан дер мешуд,
Ки пояш бар сари шамшер мешуд.
Зи некӯ кардани занҷири халхол
На некӯ кард бар занҷириён ҳол.
Зи гесӯ гаҳ камар мекарду гаҳ тоҷ,
Бад-он тоҷу камар шаҳ гашта мӯҳтоҷ.
Шақоиқ бастанаш бар гардани моҳ
Каманд андохта бар гардани шоҳ.

Дар он ҳалвопазӣ кард оташе нарм,
Ки ҳалворо бисӯзад оташи гарм.
Чу ҳар ҳафт, он чи боист аз накӯӣ,
Бикард он хубрӯй аз хубрӯӣ,
Ба шӯхӣ пушт бар шаҳ кард ҳолӣ,
Зи хуршед осмонро кард холӣ.
Дар он печиш, ки зулфаш тоб медод,
Суринаш соқро симоб медод,
Ба гесӯи расанвор аз паси пушт
Чу афъӣ ҳар киро медид, мекушт.
Булӯрин гарданаш дар тавқсозӣ
Бад-он мушкин расан мекард бозӣ.
Диле, к-аз ишқи он гардан ҳамемурд,
Расан дар гарданаш бо худ ҳамебурд.
Ба раъноӣ гузашт аз гӯшаи бом,
Зи шоҳ ором шуд, чун шуд дилором.
Басе додаш ба ҷони хеш савганд,
Ки то боз омад он раънои дилбанд.
Нишасту лӯълу аз наргис ҳамерехт,
Бад-он об аз ҷаҳон оташ барангехт.
Ба ҳар дастон,ки дил шояд рабудан,
Намуд, он ч-аз фусун бояд намудан.
Амалҳое, ки ошиқро кунад суст,
Аҷаб чуст ояд аз маъшуқаи чуст.

## ПОСУХ ДОДАНИ ХУСРАВ ШИРИНРО

Малик чун дид нози он ниёзӣ,
Сипар бифканд з-он шамшербозӣ.
Шикоятро ба ширинӣ ниҳон кард,
Зи ширинон шикоят чун тавон кард?
Ба Ширин гуфт, к-эй чашму чароғам,
Ҳумои гулшану товуси боғам,
Сарамро тоҷу тоҷамро сарирӣ,
Ҳам аз пой афканӣ, ҳам даст гирӣ.
Маро дилбар туву дилдорӣ аз ту,
Зи ту мастию ҳам ҳушёрӣ аз ту.
Надорам ҷуз туе, к-он ҷо кашам рахт,
На тоҷе беҳ зи ту, к-он ҷо занам тахт.
Гирифтам, к-аз ман озоре гирифтӣ,
Паи хунам чаро боре гирифтӣ?

Бад-ин дерӣ, ки оӣ дар канорам,
Бад-ин зудӣ макаш лахте ба дорам.
Накӯ гуфт ин сухан деҳқон ба Намруд,
Ки куштан дер бояд, коштан зуд.
Чӣ хоҳӣ? Узр ё ҷон? Ҳар ду инак,
Тавонӣ иду қурбон ҳар ду инак!
Макун нозе, ки бор орад ниёзат,
Навозиш кун, ки аз ҳад рафт нозат.
Ба навмедӣ диламро беш машкан,
Нишотамро чу зулфи хеш машкан.
Ғам аз ҳад рафту ғамхорам касе нест,
Туию дар ту ғамхорӣ басе нест.
Ғаме, к-он бо дили нолон шавад ҷуфт,
Ба ҳамсолону ҳамҳолон тавон гуфт.
Нашояд гуфт бо фориғдилон роз,
Мухолиф дарнасозад соз бо соз.
Фурӯ гир аз сари бор ин ҷарасро,
Ба осонӣ барор ин як нафасро.
Ҷаҳонро чун ману чун ту басе буд,
Бувад бо мо муқим, ар бо касе буд.
Аз ин дарвоза, к-ӯ болову зер аст,
Нахондастӣ, ки то дер аст, дер аст?
Фиреби дил бас аст, эй дилфиребам,
Навозиш кун, ки аз ҳад шуд шикебам.
Бисоз, эй дӯст, корамро, ки вақт аст,
Зи сар биншон хуморамро, ки вақт аст.
Бас аст ин тоқи абрӯ нокушодан,
Ба тоқӣ бо нитоқе вониҳодан,
Дари Фархор бар Фағфур бастан,
Ба Ҷӯи Мӯлиён-бар пул шикастан.
Ғами олам чаро бар худ ниҳодӣ,
Раҳо кун ғам, ки омад вақти шодӣ.
Ба рӯзи абр ғам хӯрдан савоб аст,
Ту шодӣ кун, ки имрӯз офтоб аст.
Шабехун бар шикаста чанд созӣ,
Гирифта бо гирифта чанд бозӣ?
На дониш бошад он касро, на фарҳанг,
Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.
Хирадманде, ки дар ҷанге ниҳад пой,
Бимонад оштиро дар миён ҷой.

Дар ин ҷанг оштирангӣ барангез,
Замоне тоза шав, то кай шавӣ тез?
Ба рӯи дӯстон маҷлис барафрӯз,
Ки то равшан шавад ҳам чашму ҳам рӯз.
Ба бустон омадам, то мева чинам,
Манеҳ хору хасак дар остинам.
Зи чашму лаб дар ин бустони пидром,
Гаҳе шаккар кушоӣ, гоҳ бодом.
Дар ин бустон маро гӯ, хезу бистон
Турунҷи ғабғабу норинҷи пистон.
Синони хашму тири таъна то чанд?
На ҷанг аст ин, дари пайкор дарбанд.
Ту, эй оҳусурин, н-аз бахри ҷангӣ,
Раҳо кун бар дадон хӯи палангӣ.
Фуруд ой аз сари ин кибру ин ноз,
Фурудовардаи худро маяндоз.
Дарандеш, арчи кабке нозанин аст,
Ки шоҳиневу шоҳе дар камин аст.
Ҳам охир дар канори пастам афтӣ,
Ба даст оиву ҳам дар дастам афтӣ.
Ҳамин бозӣ кунам бо зулфу холат,
Ки бо ман мекунад ҳар шаб хаёлат.
Чӣ кор афтода, к-ин коруфтода
Бад-ин дармонда чун бахт истода.
На бӯи шафқате дар сина дорӣ,
На ҳаққи сӯҳбати дерина дорӣ.
Гилеми хештанро ҳар кас аз об
Тавонад баркашид,эй дӯст, маштоб.
Чу дурат бинам аз дамсоз гаштан,
Раҳам наздик шуд дар бозгаштан.
Агар хоҳӣ, ҳисобамро дигар кун,
Раҳи наздикро наздиктар кун.
Гиреҳ бикшой з-абрӯи ҳилолӣ,
Хазина пургуҳар кун, хона холӣ.
Нахоҳӣ, к-ориям дар хонаи хеш,
Муборак бод, гирам роҳ дар пеш.
Бад-он раҳ, к-омадам, донам шудан боз,
Чунон, к-аввал задам, донам задан соз.
Ба доруи фаромӯшӣ кашам даст,
Ба ёди соқии дигар шавам маст.

Ба ҷуллоби дигар нӯшин кунам ҷом,
Ба ҳалвои дигар ширин кунам ком.
Зи Ширин меҳр бардорам дигар бор,
Шакарноме ба чанг орам шакарбор.
Набиди талх бо ӯ мекунам нӯш,
Зи талхиҳои Ширин кар кунам гӯш.
Дилам дар бозгаштан чорасоз аст,
Сухан кӯтоҳ шуд, манзил дароз аст.

## ПОСУХ ДОДАНИ ШИРИН ХУСРАВРО

Ба хидмат шамсаи хубони Халлух
Заминро бӯса доду дод посух,
Ки доим, шаҳрёро, комрон бош,
Ба соҳибдавлатӣ соҳибқирон бош!
Мабодо бе ту ҳафт иқлимро нур,
Ғубори чашмзахм аз давлатат дур!
Ҳазорат ҳоҷат аз шоҳӣ раво бод,
Ҳазорат сол дар шоҳӣ бақо бод!
Касе, к-ӯ бода бар ёдат кунад нӯш,
Гар он кас худ манам, бодат дар оғӯш!
Бас аст ин заҳри шаккаргун фишондан,
Бар афсунхондае афсона хондан,
Суханҳои фусуномез гуфтан,
Ҳикоятҳои бодангез гуфтан.
Ба нахчир омадан бо чатри заррин,
Ниҳодан миннате бар қасри Ширин,
Набошад подшоҳиро газанде,
Задан бар мустаманде ришханде.
Ба сайд андар саге тавфир кардан,
Ба тавфир оҳуе нахчир кардан.
Чу ман ганҷе, ки мӯҳрам хок нашкаст,
Ба сардастӣ наёям бар сари даст.
Ту з-ин бозичаҳо бисёр донӣ
В-аз ин афсонаҳо бисёр хонӣ.
Хилоф он шуд, ки бо ман дарнагирад,
Гул орад бед, лекин бар нагирад.
Ту он рӯдӣ, ки поёнат надонам,
Чу дарё рози пинҳонат надонам.
Ман он хоничаам, к-обам аён аст,
Ҳар он ч-ам дар дил ояд,бар забон аст.

Касе дар дил чу дарё кина дорад,
Ки дандон чун садаф дар сина дорад.
Ҳарифе чарб шуд ширин бар ин бом?
К-аз ин чарбию ширинӣ шавад ром?
Шакаргуфториятро чун ниюшам?
Ки ман худ шаҳду шаккар мефурӯшам!
Забоне тез мебинам, дигар ҳеҷ,
Ҷигарсӯзию ҷуз сӯзи ҷигар ҳеҷ.
Сухан то кай зи тоҷу тахт гӯӣ,
Нагӯӣ сахта, аммо сахт гӯӣ.
Суханро талх гуфтан талхроист,
Ки ҳар касро дар ин ғор аждаҳоест.
Сухан бо ту нагӯям, то насанҷам,
Насанҷида магӯ, то ман наранҷам.
Қарори корҳо дер уфтад, дер,
Ки ман оина бардорам, ту шамшер.
Сухан дар неку бад дорад басе рӯй,
Миёни неку бад бошад яке мӯй.
Дар ин маҳмил касе хушдил нишинад,
Ки чашми зоғ пеш аз пас бибинад.
Сару санг аст ному нанг, зинҳор,
Мазан бар обгина санг, зинҳор.
Сухан то чанд гӯӣ аз сари даст,
Ҳамоно ҳам ту мастӣ, ҳам сухан маст.
Сухан, к-он аз димоғи ҳушманд аст,
Гар аз таҳтуссуро ояд, баланд аст.
Сухангӯ чун сухан бех(в)ад нагӯяд,
Агар ҷуз бад нагӯяд, бад нагӯяд.
Сухан бояд, ки бомеъёр бошад,
Ки пургуфтан харонро бор бошад.
Яке з-ин сад, ки мегӯӣ раҳиро,
Нагӯяд мутрибе лашкаргаҳиро.
Агар гардӣ ба дарди сар кашидан,
Зи ту гуфтан, зи ман як-як шунидан.
Гарат бояд ба як пӯшида пайғом,
Баровардан тавонӣ сад чунин ком.
Арӯсеро чу ман кардӣ ҳисорӣ,
Пас аз олам арӯсе чашм дорӣ.
Бибин дар ашки марворидпӯшам,
Макун бозӣ ба марвориди гӯшам.

Ба оҳи анбаринам бин, ки чун аст,
Ки уқди анбаринам пур зи хун аст.
Лаби чун нордонам бин, чӣ хурд аст,
Ки норамро зи бустон дузд бурдаст.
Магар бар фундуқи дастам занӣ санг,
Ки унноби лабам дорад диле танг.
Муборакрӯям, аммо дар иморӣ,
Муборак бодам ин парҳезгорӣ!
Макун густохӣ, аз чашмам бипарҳез,
Ки дар ҳар ғамза дорад дашнаи тез.
Ҳар он мӯе, ки дар зулфам ниҳуфтаст,
Бар ӯ море сияҳ чун қир хуфтаст.
Туро бо ман дами х(в)аш дар нагирад,
Ба қандили ях оташ дарнагирад.
Ба тамъи ин расан дар чаҳ наяфтам,
Ба ҳирси ин шикор аз раҳ наяфтам.
Дилат бисёр гум мегардад аз роҳ,
Дар ӯ занге бибояд бастан аз оҳ.
Набинӣ, занг дар ҳар корвоне
Зи баҳри пос медорад фиғоне.
Саҳар то корвон н-орад шабоҳанг,
Набандад ҳеҷ мурғе дар гулӯ занг.
Ғалат ронӣ, ки заҳмат мутлақ афтод,
Бар адҳам мезадӣ, бар аблақ афтод.
Ба Ҳиндустон ҷанибат медавондӣ,
Ғалат шуд раҳ, ба Бобил бозмондӣ.
Ба дарё мешудӣ, дар Шат нишастӣ,
Ба гул рағбат намудӣ, лола бастӣ.
Ба ҷон доруи Ширин соз кардӣ,
Вале рӯза ба Шаккар боз кардӣ.
Туро ман ёру он гаҳ ҷуз манат ёр?!
Туро ин кору в-он гаҳ бо манат кор?!
Макун чандин бар ин ғамхор хорӣ,
Ки кардӣ пеш аз ин бисёр зорӣ.
Бирав, фармӯш кун деҳрондаеро,
Раҳо кун дар деҳе вомондаеро,
Чу фарзанде падар, модар надида,
Ятимона ба луқма парварида.
Чу ғӯле монда дар байғӯлагоҳе,
Ки он ҷо нагзарад мӯре ба моҳе.

Зи ту коме надида дар замона,
Шуда тири маломатро нишона.
Дар ин сангам раҳо кун зору безӯр,
Дигар санге бар ӯ неҳ, то шавад гӯр.
Чу бошад зеру боло санг бар санг,
Бипӯшад, гарчи бошад нанг бар нанг.
Ҳамон пиндорам, эй дилдори дилсӯз,
Ки афтодам зи Шабдез аввалин рӯз.
Ҷавонмардӣ кун, аз ман бор бардор,
Гулафшонӣ бас, аз раҳ хор бардор.
Гул афшондан, ғубор ангехтан чанд,
Намак хӯрдан, намакдон рехтан чанд?
Бас он, к-аз баҳри ту бечора гаштам,
Зи хонумони хеш овора гаштам.
Маро он рӯз шодӣ кард падруд,
Ки Ширинро раҳо кардӣ ба Шаҳруд.
Мани мискин киву шаҳри Мадоин,
Чӣ шояд кардан, алмақдур к-оин?
Туро мисли ту бояд сарбаланде,
Чӣ бархезад зи чун ман мустаманде?
Чаҳ он ҷо кан, к-аз ӯ обе барояд,
Раг он ҷо зан, к-аз ӯ хуне кушояд.
Бинои дӯстӣ бар бод додӣ,
Магар к-акнун асоси нав ниҳодӣ.
Гилеми нав к-аз ӯ гармӣ наёяд,
Куҳан гардад, куҷо гармӣ физояд?
Дарахте, к-аз ҷавонӣ кӯж бархост,
Чу хушку пир гардад, кай шавад рост?
Қадам бардоштию ранҷа будӣ,
Карам кардӣ, худовандӣ намудӣ.
Валек имшаб шаби дарсохтан нест,
Умеди ҳуҷра вопардохтан нест.
Ҳанӯз ин зирбо дар дег хом аст,
Ҳанӯз асбоби ҳалво нотамом аст.
Ту имшаб бозгард аз ҳукмронӣ,
Ба мастон кард натвон меҳмонӣ.
Чу вақт ояд, ки гардад пухта ин кор,
Тавонам хонданат меҳмон дигар бор.
Ба олам вақти ҳар чизе падида-ст,
Дари ҳар ганҷро вақте калида-ст.

Набинӣ, мурғ чун бевақт хонад,
Ба ҷои парфишонӣ, сар фишонад.

## ПОСУХИ ХУСРАВ ШИРИНРО

Чу Хусрав дид, к-он маъшуқи танноз
Зи сар берун нахоҳад кард он ноз,
Фусуне чанд бо хоҳиш баромуд,
Фусун бурдан ба Бобил кай кунад суд?
Ба лоба гуфт, к-эй мақсуди ҷонам,
Чароғи дидаву шамъи равонам.
Сарамро бахту бахтамро ҷавонӣ,
Диламро ҷону ҷонро зиндагонӣ.
Чу гардун бо дилам то кай кунӣ ҳарб,
Ба бастуи тиҳӣ мекун сарам чарб.
Ба ишва ошиқеро шод мекун,
Муборак мурдае озод мекун.
Набинӣ айби худ дар тундхӯӣ,
Бад-ин сон айби ман то чанд гӯӣ?
Чу кӯре, к-ӯ набинад кӯрии хеш,
Ба сад гуна кашад айби касон пеш.
Зи лаъл ин сангҳо берун маяфкан,
Ба хок афкандиям, дар хун маяфкан!
Ҳалокам кардӣ аз тиморхорӣ,
Афокаллаҳ, зиҳӣ тимордорӣ!
Шаб омад, барф мерезад чу симоб,
Зи яхмеҳрӣ чу оташ рӯй бартоб.
Макун, к-имшаб зи барфам тоб гирад,
Бадо рӯзо, ки ин барф об гирад.
Як имшаб бар дари хешам бидеҳ бор,
Ки то хоки дарат бӯсам заминвор.
Ба зонуи адаб пешат нишинам,
Бидӯзам дида в-он гаҳ дар ту бинам.
Раҳ он касрост дар кошонаи ту,
Ки дӯзад чашми худ дар хонаи ту.
Мадон он дӯстро ҷуз душмани хеш,
Ки ёбӣ чашми ӯ бар равзани хеш.
Бар он кас дӯстӣ бошад ҳалолат,
Ки хоҳад бешӣ андар ҷоҳу молат.
Рафиқе, к-ӯ бувад бар ту ҳасаднок,
Ба хокаш деҳ, ки н-арзад сӯҳбаташ хок!

Макун, ҷоно, ба хун ҳалқи маро тар,
Мадорам беш аз ин чун ҳалқа бар дар.
Азобам медиҳӣ в-он носавоб аст,
Биҳишт аст ину дар дӯзах азоб аст.
Биҳиштӣ мевае дорӣ расида,
Ба ҷуз боғи биҳишташ кас надида.
Биҳишти қасри худро боз кун дар,
Дарахти меваро зоеъ макун бар.
Рутаб бар хон, рутабхоре на бар хон,
Сикандар ташналаб бар оби ҳайвон.
Дарам бикшою роҳи кина дарбанд,
Камар дар хидмати дерина дарбанд.
В-агар мумкин набошад дар кушодан,
Ғариберо як имшаб бор додан,
Барафкан бурқаъ аз меҳроби Ҷамшед,
Ки ҳоҷатманди бурқаъ нест хуршед.
Гар ошуфта шудам, ҳушам ту бурдӣ,
Бибар ҷӯшам, ки сарҷӯшам ту бурдӣ.
Муфарриҳ ҳам ту донӣ кард бар даст,
Ки ҳам ёқуту ҳам анбар туро ҳаст.
Лабе чун ангубин дорӣ зи ман дур,
Забон дар ман кашӣ чун неши занбӯр.
Макун бо ин ҳама нармӣ дуруштӣ,
Ки аз қоқум наёяд хорпуштӣ.
Чунон кун, к-аз ту дилхуш бозгардам,
Ба дидори ту ишратсоз гардам.
Қадам гарчи ғуборолуд дорам,
Ба дидори ту дил хушнуд дорам.
В-агар бар ман нахоҳад шуд дилат рост,
Ба душворӣ тавонӣ узри он хост.
Макун бар фарқи Хусрав сангборӣ,
Чу Фарҳодаш макуш дар сангсорӣ.
Касе, к-андозад ӯ бар осмон санг,
Ба озори сари худ дорад оҳанг.
Шикасти сар кунӣ, хун бар тан афтад,
Қафои гарданон бар гардан афтад.
Гузар бар меҳр кун чун дилнавозон,
Ба ман бозӣ макун чун мӯҳрабозон.
На ҳар ошиқ, ки ёбӣ, маст бошад,
На ҳар, к-аз даст шуд, з-он даст бошад.

Гаҳе бо ман ба сулҳу гаҳ ба ҷангӣ,
Худо тавба диҳодат з-ин дурангӣ!
Сапедӣ кун, ҳақиқат, ё сиёҳӣ,
Ки набвад мормоҳӣ мору моҳӣ.
Шудӣ бадхӯ, надонам, к-ин чӣ кин аст,
Магар к-оини маъшуқон чунин аст?
Маро то беш ранҷонӣ, ки хомӯш,
Чу дарё бештар пайдо кунам ҷӯш.
Туро то пештар гӯям, ки биштоб,
Шавӣ пастар чу шогирди расантоб.
Мазан чандин ҷароҳат бар дили танг,
Дил аст ин, дил, на пӯлод асту на санг,
Ба коми душманам кардӣ, на некӯст,
Ки бад корест душманкомӣ, эй дӯст.
Бидеҳ як ваъда чун гуфтори ман рост,
Макун чандин каҷӣ дар кори ман рост.
Ба рағми душманон бинвоз моро,
Ниҳон месӯзу месоз ошкоро!
Ба шӯр ангехтан чандин макун зӯр,
Ки ширин талх гардад, чун шавад шӯр.
Бикун чарбӣ, ки ширинит ёр аст,
Ки ширинӣ ба чарбӣ созгор аст.
Туро дар абр меҷустам чу маҳтоб,
Кунунат ёфтам чун абри беоб.
Чароғе оламафрӯзанда будӣ,
Чу дар даст омадӣ, сӯзанда будӣ.
Гуле дидам зи дурат сурху дилкаш,
Чу наздик омадӣ, худ будӣ оташ.
Итоб аз ҳад гузашта ҷанг бошад,
Замин чун сахт гардад, санг бошад.
На ҳар теғе бувад бо захм ҳампушт,
На як сон рӯяд аз дасте даҳ ангушт.
Тавонам ман, к-аз ин ҷо бозгардам,
Беҳ аз ту бо касе дамсоз гардам.
Валекин ҳаққи хидмат мегузорам,
Назар бар сӯҳбати дерина дорам.

## ПОСУХ ДОДАНИ ШИРИН ХУСРАВРО

Иҷозат дод Ширин боз лабро,
Ки дар гуфт оварад ширин рутабро.

Ақиқ аз тораки лӯълӯ барангехт,
Гуҳар мебасту марворид мерехт.
Нахустин гуфт, к-эй шоҳи ҷавонбахт,
Ба ту ороста ҳам тоҷу ҳам тахт.
Ба нерӯи ту ҳар бадхоҳ пайваст,
Аламро пой доду теғро даст!
Ба болои ту давлатро қабо ҷуст,
Ба бозуи ту гардунро камон суст!
Зи ёрат бахт бод, аз бахт ёрӣ,
Ки пуштивони пушти рӯзгорӣ!
Пас он гаҳ тунд шуд чун кӯҳи оташ,
Ба Хусрав гуфт, к-эй солори саркаш,
Ту шоҳӣ, рав, ки шаҳро ишқбозӣ
Такаллуф кардане бошад маҷозӣ.
Набошад ошиқӣ ҷуз кори он кас,
Ки маъшуқеш бошад дар ҷаҳон бас.
Мазан таъна маро дар ишқи Фарҳод,
Ба некӣ кун ғарибе мурдаро ёд.
Маро Фарҳод бо он меҳрубонӣ
Бародархондае буд онҷаҳонӣ.
На як соат ба ман-дар тез дида,
На аз Ширин ҷуз овозе шунида.
Бад-он талхӣ, ки Ширин кард рӯзаш,
Чу уди талх ширин буд сӯзаш.
Аз ӯ дидам ҳазор озарми дилсӯз,
Ки нашнидам паёме аз ту як рӯз.
Маро хоре, ки гул бошад бар он хор
Беҳ аз сарве, ки ҳаргиз н-оварад бор.
Зи оҳан зери сар кардан сутунам,
Беҳ аз заррин камар бастан ба хунам.
Мисе, к-аз вай маро дастина созанд,
Беҳ аз симе, ки дар дастам гудозанд.
Чароғе, к-ӯ шабамро барфурӯзад,
Беҳ аз шамъе, ки рахтамро бисӯзад.
Бувад ошиқ чу дарё санг дар бар,
Манам чун кӯҳ доим санг бар сар.
Ба зиндон монда чун оҳан дар ин санг,
Дил аз шодию даст аз дӯстон танг.
Мабодо тангдилро тангдастӣ,
Ки бо девонагӣ саъб аст мастӣ.

Чу мастӣ дораму девонагӣ ҳаст,
Ҳарифӣ н-ояд аз девонаи маст.
Қалам даркаш ба ҳарфи дастсоям,
Ки дасти ҳарфгиронро нашоям.
Ҳамон ангор, к-омад тундбоде,
Зи боғат бурд барге бомдоде.
Маро селоби меҳнат дар ба дар кард,
Ту рахти хештан баргиру баргард.
Ман инак мондаам дар оташи тез,
Ту дар ман бину ибрат гиру бигрез.
Ҳаво кофурбезӣ менамояд,
Ҳавои мо агар сард аст, шояд.
Чу абр аз шӯрбахтӣ шуд намакбор,
Дил аз Ширини шӯрангез бардор.
Ҳаводорӣ макун шабро чу хаффош,
Чу бози ҷурраи хур рӯзрӯ бош.
Шуд он афсонаҳо, к-аз ман шунидӣ,
Гузашт он меҳрубониҳо, ки дидӣ.
Шаире з-он шиори нав намондаст,
В-агар тозӣ надонӣ, ҷав намондаст.
На он туркам, ки ман тозӣ надонам,
Шиканкорию таннозӣ надонам.
Фалакро танзгаҳ кӯи ман омад,
Шикан худ кори гесӯи ман омад.
Дилат гар мурғ бошад, пар нагирад,
Дамат гар субҳ бошад, дарнагирад.
Агар сад хоби Юсуф дорӣ аз бар,
Ҳамонию ҳамон Исию бас хар.
Гар он гаҳ мезадӣ як ҳарба чун меғ,
Чу субҳ акнун дудастӣ мезанӣ теғ.
Будӣ дайлам, киёӣ баргузидӣ,
Табар бифрӯхтӣ, зубин харидӣ.
Бирав, к-аз ҳеҷ кӯе дарнагунҷӣ,
Агар мӯӣ, ки мӯе дарнагунҷӣ.
Ба зӯру зарқи касбандешии худ
Нашояд хӯрд беш аз рӯзии худ.
Гиреҳ бар сина зан, бе ранҷ махрӯш,
Адаб кун ишваро, яъне ки хомӯш!
Ҳалолӣ хӯр чу бозони шикорӣ,
Макун чун каргасон мурдорхорӣ.

Маро Ширин аз он хонанд пайваст,
Ки бозиҳои ширин орам аз даст.
Якеро талхтар гирёнам аз ҷом,
Якеро айш хуштар дорам аз ном.
Гулобам, гар кунам талхӣ, чӣ бок аст,
Гулоб он беҳ, ки ӯ худ талхнок аст.
Набизе қотилам, бигзорам аз даст,
Ки аз бӯям бимонӣ солҳо маст.
Чу номи ман ба ширинӣ барояд,
Агар гуфтори ман талх аст, шояд.
Ду ширинӣ куҷо бошад ба ҳам нағз,
Рутаб бо устухон беҳ, ҷавз бо мағз.
Дуруштӣ карданам н-аз хорпуштист,
Басо нармӣ, ки дар зери дуруштист,
Гуҳар дар сангу хурмо ҳаст дар хор
В-аз ин сон дар харобӣ ганҷ бисёр.
Таҳаммулро ба худ кун раҳнамоӣ,
На чандине ки бор орад забунӣ.
Забунӣ, к-он зи ҳад берун тавон кард,
Ҷуҳудӣ шуд, ҷуҳудӣ чун тавон кард?
Чу хар гӯш афканад дар бурдборӣ,
Кунад ҳар кӯдаке бар вай саворӣ.
Чу шоҳин бозмонад аз паридан,
Зи гунҷишкаш лагад бояд чашидан.
Шутур, к-аз ҳам ҷудо гардад қатораш,
Зи хомӯшӣ кашад муше маҳораш.
Касе, к-ӯ ҷанги шерон озмояд,
Чу шер он беҳ, ки дандоне намояд.
Сагон вақте ки ваҳшатсоз гарданд,
Зи якдигар ба дандон бозгарданд.
Пас он гаҳ бар забон овард савганд:
– «Ба ҳуши зираку ҷони хирадманд,
Ба қадри гунбади пирӯза гулшан,
Ба нури чашмаи хуршеди равшан,
Ба ҳар нақше, ки дар фирдавси пок аст,
Ба ҳар ҳарфе, ки дар маншури хок аст,
Бад-он зинда, ки ӯ ҳаргиз намирад,
Ба бедоре, ки хоб ӯро нагирад,
Ба дорое, ки танҳоро х(в)ариш дод,
Ба маъбуде, ки ҷонро парвариш дод.

Ки бе ковин агарчи подшоҳӣ,
Зи ман барн-оядат коме, ки хоҳӣ!»
Бад-ин тундӣ зи Хусрав рӯй бартофт,
Зи даст афканд, ганҷеро ки дарёфт.

## БОЗГАШТАНИ ХУСРАВ АЗ ҚАСРИ ШИРИН

Шабоҳангом, к-оҳуи Хутангард
Зи нофи мушки худ худро расан кард,
Ҳазор оҳубара лабҳо пур аз шир
Бар ин сабза шуданд оромгаҳгир.
Малик чун оҳуи нофадарида
Итоби ёри оҳучашм дида.
Зи ҳар сӯ қатраҳои барфу борон
Шуда боранда чун абри баҳорон.
Зи ҳайбат кӯҳ чун гил мегузорид,
Зи барф арзиз бар дил мегузорид.
Ба зери Хусрав аз барфи дирамрез
Ниқоби нукра баста хинги Шабдез.
Забонаш мӯй шуд в-аз ҳеҷ рӯе
Ба мушкинмӯй дарнагрифт мӯе.
Басе нолид, то раҳмат кунад ёр,
Ба сад фурсат нашуд як нукта бар кор.
Нафираш гарчи ҳар дам тезтар буд,
Ҷавобаш ҳар замон хунрезтар буд.
Чу посе аз шаби дайҷур бигзашт,
Аз он дар шоҳ дилранҷур бигзашт,
Фарас меронд чун беморхезон
Зи дида бар фарас хуноб резон.
Сар аз пас монда,мешуд бо дили реш,
Раҳе бе хештан бигрифта дар пеш.
На пои он ки ронад аспро тез,
На дасти он ки буррад пои Шабдез.
Сиришку оҳро раҳтӯша баста,
Зи марворид бар гул хӯша баста.
Дар ин ҳасрат, ки оваҳ, гар дар ин роҳ
Падидор омадӣ ё кӯҳ ё чоҳ,
Магар будӣ дирангамро баҳона,
Бимондӣ рахтам ин ҷо ҷовидона.
Гаҳе мезад зи тундӣ даст бар даст,
Гаҳе дасторча бар дида мебаст.

Чу омад сӯи лашкаргоҳ навмед,
Дилаш месӯхт аз гармӣ чу хуршед.
Дарид абри сиёҳ аз рӯи гулшан,
Баромад моҳтобе сахт равшан.
Шаҳаншаҳ навбате бар чарх пайваст,
Канори навбатиро шиққа барбаст.
На аз дил дар ҷаҳон наззора мекард,
Ба ҷои ҷома дилро пора мекард.
Ба осоиш намудан сар намедошт,
Сар аз зонуи ҳасрат барнамедошт.
Надиму ҳоҷибу ҷондору дастур
Ҳама рафтанду Хусрав монду Шопур.
Ба санъат ҳар дам он устоди наққош
Ба ӯ нақши тараб бастӣ, ки хуш бош.
Задӣ бар оташи сӯзони ӯ об,
Ба рӯяш-дар бихандидӣ чу маҳтоб.
Дилаш додӣ, ки Ширин меҳрбон аст,
Бад-ин талхӣ мабин, к-аш дар забон аст.
Агар Ширин сари пайкор дорад,
Рутаб донӣ, ки сар бар хор дорад.
Макун савдо, ки Ширин хашм резад,
Зи ширинӣ ба ҷуз сафро чӣ хезад?
Маранҷ аз гармии Ширини ранҷур,
Ки ширинӣ ба гармӣ ҳаст машҳур.
Малик чун ҷой холӣ дид аз ағёр,
Шикоят кард бо Шопур бисёр,
Ки дидӣ, то чӣ рафт имрӯз бо ман,
Чӣ кард он шӯхи оламсӯз бо ман?
Чӣ бешармӣ намуд он нохудотарс,
Чу зан гуфтӣ, куҷо шарму куҷо тарс?!
Кулаҳ чун норван пешаш ниҳодам,
Ба истиғфор чун сарв истодам.
Табар бар норван густох мезад,
Ба даҳра сарвбунро шох мезад.
На з-он сармо навозиш гарм гашташ,
На дил з-он сахтрӯӣ нарм гашташ.
Забонаш сар ба сар тиру табар буд,
Якояк узраш аз ҷурмаш батар буд.
Бале, тезӣ намояд ёр бо ёр,
На то ин ҳад, ки бошад хор бо хор.

Зи тезӣ низ ман дорам нишоне,
Маро дар колбад ҳам ҳаст ҷоне.
Агар Ҳорути Бобил шуд ҷамолаш,
В-агар сарбобили ҳиндуст холаш,
Зи бас сардӣ, ки чун ях шуд сириштам,
Фусуни ҳар дуро бар ях навиштам.
Ғамашро, к-аз шикебоӣ фузун аст,
Мани ғамхора медонам, ки чун аст.
Сиришти тифли бадро доя донад,
Бади ҳамсояро ҳамсоя донад.
Маро ӯ душмане омад ниҳонӣ,
Ниҳуфта кину зоҳир меҳрубонӣ.
Чӣ хоҳиш, к-он накардам дӯш бо ӯ,
Напазруфту ҷудо шуд хуш бо ӯ.
Суханҳои хуш аз ҳар расму роҳе
Бигуфтам солею нашнид моҳе.
Шаб омад, рӯшноӣ хам набахшид,
Шикасту мӯмиёӣ ҳам набахшид.
Агарчи васли Ширин бенамак нест
В-аз ӯ ширинтаре зери фалак нест.
Маро пайванди ӯ хорӣ наарзад,
Намак хӯрдан ҷигархорӣ наарзад.
Ба зери пои пилон-дар шудан паст,
Беҳ аз пеши хасисон доштан даст.
Ба об-андар шудан ғарқа чу моҳӣ,
Аз он беҳ, к-аз вазағ зинҳор хоҳӣ.
Ба нохун санг баркандан зи куҳсор
Беҳ аз ҳоҷат ба назди носазовор.
Ҳама кас дур дар оби пок ёбад,
Касе, к-ӯ хок ҷӯяд, хок ёбад.
Чаро дар сангреза кон канам, кон,
Чӣ бе равғанчароғе ҷон канам, ҷон?
Чӣ бояд мулки ҷон додан ба шӯхе,
Ки наншинад калоғаш бар кулӯхе.
Маро чун ман касе бояд баномус,
Ки бошад ҳамсари товус товус.

## ПОСУХИ ШОПУР БА ХУСРАВ

Нахустин хокро бӯсид Шопур,
Пас он гаҳ зад бар оташ оби кофур,

К- аз ин тундӣ набояд тез будан,
Ҷавонмардист узрангез будан.
Ситези ошиқон чун барқ бошад,
Миёни нозу ваҳшат фарқ бошад.
Агар гарм аст Ширин, ҳаст маъзур,
Ки ширинӣ ба гармӣ ҳаст машҳур.
На Ширин худ, ҳама хурмодаҳоне,
Надорад луқмае беустухоне
Гарат сар гардад аз сафрои Ширин,
Зи сар берун макун савдои Ширин.
Магар Ширин аз ин сафро хабар дошт,
Ки чандон сирка дар зери шакар дошт.
Чу ширинию туршӣ ҳаст дар кор,
Аз ин сафрову савдо даст магзор.
Аҷаб, н-ояд зи хубон зудсерӣ
Чунон, к-аз саг – сагӣ в-аз шер – шерӣ.
Шабаҳ бо дур бувад, одат чунин аст,
Калиди ганҷи заррин оҳанин аст.
Ба ҷавр аз некувон натвон буридан,
Бибояд нози маъшуқон кашидан.
Ҳама хубон чунин бошанд бадхӯй,
Арӯсе кай бувад берангу бебӯй.
Кадомин гул бувад бе заҳмати хор,
Кадомин хат бувад бе захми паргор?
Зи хубон тавсанӣ расми қадим аст,
Чу мор обӣ бувад, захмаш салим аст.
Раҳоӣ хоҳӣ аз селоби андӯҳ,
Қадам бар ҷой бояд буд чун кӯҳ.
Гар аз ҳар бод чун коҳе биларзӣ,
Агар кӯҳе шавӣ, коҳе наярзӣ.
Беҳ, ар комат ба нокомӣ барояд,
Ки бӯи анбар аз хомӣ барояд.
Бар он маҳ турктозӣ кард натвон,
Ки бар маҳ дастёзӣ кард натвон.
Зан аст охир, дар андар банду маштоб,
Ки аз равзан фуруд ояд чу маҳтоб.
Магар моҳу зан аз як фан дароянд,
Ки чун дар бандӣ, аз равзан дароянд.
Чӣ пиндорӣ, ки ӯ з-ин ғусса дур аст?
На дур аст ӯ, вале донам сабур аст.

Гар аз кӯҳи ҷафо санге дарафтад,
Туро бар соя, ӯро бар сар афтад.
В-агар хоре зи ваҳшат ҳосил ояд,
Туро бар доман, ӯро бар дил ояд.
Як имшабро сабурӣ кард бояд,
Шаб обистан бувад, то худ чӣ зояд.
Надорад ҷовидон толеъ яке хӯй,
Намонад об доим дар яке ҷӯй.
Ҳамасола набошад комгорӣ,
Гаҳе бошад азизӣ, гоҳ хорӣ.
Ба ҳар нозе, ки бар давлат кунад бахт,
Набояд давлатиро доштан сахт.
Куҷо паргор гардишсоз гардад,
Ба гардишгоҳи аввал бозгардад.
Ҳар он роиз, ки ӯ тавсан кунад ром,
Кунад оҳистагӣ бо курраи хом.
Ба сабраш оқибат ҷое расонад,
Ки бар вай ҳар киро хоҳад, нишонад.
Ба сабр аз банд гардад мард раста,
Ки сабр омад калиди кори баста.
Кушояд банд, чун душвор гардад,
Бихандад субҳ, чун шаб тор гардад.
Умедам ҳаст, к-ин сахтӣ сар ояд,
Муроди шаҳ бад-ин зудӣ барояд.
Бад-ин ваъда маликро шод мекард,
Харобиро ба рифқ обод мекард.
Зи давлат бар рухи шаҳ хол мезад,
Чу ахтар мегузашт, ӯ фол мезад.

## ПУШАЙМОН ШУДАНИ ШИРИН АЗ РАФТАНИ ХУСРАВ

Ҳамон соҳибсухан – пири куҳансол
Чунин огоҳ кард аз сурати ҳол,
Ки чун бе шоҳ шуд Ширини дилтанг,
Ба дил бармезад аз сангиндилӣ санг.
Зи мижгон хуни беандоза мерехт,
Ба ҳар навҳа сиришке тоза мерехт .
Чу мурғе нимкушт афтону хезон,
Зи наргис бар суман симобрезон.
Мижа бар наргисони маст мезад,
Зи дасти дил ба сар-бар даст мезад.

Ҳаворо ташна кард аз оҳи бирён,
Заминро об дод аз чашми гирён.
На дасти он, ки ғамро пой дорад,
На ҷои он, ки дил бар ҷой дорад.
Чу аз бетоқатӣ шӯридадил шуд,
Аз ин густохрӯиҳо хиҷил шуд.
Ба Гулгун баркашид он тангдил танг,
Фарас гулгуну оби дида гулранг.
Бурун омад бар он рахши хуҷаста.
Чу обе бар сари оташ нишаста.
Раҳе борик чун паргори абрӯш,
Шабе торик чун зулмоти гесӯш.
Таковар бар раҳи борик меронд,
Худоро дар шаби торик мехонд.
Ҷаҳонпаймояш аз гетинавардӣ
Гарав бурда зи чархи лоҷвардӣ.
Ба оини ғуломон роҳ бардошт,
Паи Шабдези шоҳаншоҳ бардошт.
Ба ҳар гоме, ки Гулгунаш гузар кард,
Ба гулгуноби дида хок тар кард.
Ҳамешуд то ба лашкаргоҳи Хусрав,
Ҷанибат ронд то хиргоҳи Хусрав.
Забони посбонон дид баста,
Ҳамоилҳои сарҳангон гусаста.
Ҳама афюнхури маҳтоб гашта,
Зи по афтода, масти хоб гашта.
Ба ҳам бар шуд бар он наззора кардан,
Намедонист худро чора кардан.
Зи даргоҳи малик медид Шопур,
Ки меронад саворе бар так аз дур.
Ба афсунҳо дар он тобанда маҳтоб
Маликро бурда буд он лаҳза дар хоб.
Бурун омад суи Ширин хиромон,
Накард огаҳ касеро аз ғуломон.
Бад-ӯ гуфт: - «Эй парипайкар, чӣ мардӣ,
Парӣ гар нестӣ, ин ҷо чӣ гардӣ?
Ки шер ин ҷо расад, безӯр гардад,
В-агар мор ояд ин ҷо, мӯр гардад».
Чу гулрух дид дар Шопур, бишнохт,
Сабук худро зи Гулгун андарандохт.

Аҷаб дармонд Шопур аз сипосаш,
Фаротар шуд, ки гардад рӯшиносаш.
Назар чун бар ҷамоли нозанин зад,
Кулаҳ бар осмон, сар бар замин зад.
Бипурсидаш, ки чун афтод роят,
Ки моро тӯтиё шуд хоки поят?
Парипайкар навозишҳо намудаш,
Ба лафзи модагон лахте сутудаш.
Гирифташ дасту як сӯ бурд аз он пеш,
Ҳикоят кард бо ӯ қиссаи хеш.
Аз он шӯхию нодонӣ намудан,
Хиҷил гаштан, пушаймонӣ фузудан.
В-аз он афсонаҳои хом гуфтан,
Сухан чун мурғи беҳангом гуфтан.
Намуд он гаҳ, ки чун шаҳ борагӣ ронд,
Дилам дар банди ғам якборагӣ монд.
Чунон дар кори худ бечора гаштам,
Ки манзилҳо зи ақл овора гаштам.
В-аз он бечорагӣ кардам далерӣ,
Кунад вақти зарурат гӯр шерӣ.
Ту давлат бин, ки тақдири Худованд
Маро дар дасти бадхоҳе наяфканд.
Чу ин бархоста бар хост омад,
Ба ҳукми ростомад рост омад.
Кунун худро зи ту бебим кардам,
Беҳомадро ба ту таслим кардам.
Ду ҳоҷат дораму дар банди онам,
Баровар, з-он ки ҳоҷатманди онам:
Яке, чун шаҳ тарабро нӯш гирад,
Ҷаҳон овози нӯшонӯш гирад,
Маро дар гӯшае танҳо нишонӣ,
Нагӯӣ рози ман шаҳро ниҳонӣ.
Бад-он то лаҳву нозашро бибинам,
Ҷамоли ҷоннавозашро бибинам.
Дувум ҳоҷат, ки гар ёбад ба ман роҳ,
Ба ковин сӯи ман бинад шаҳаншоҳ.
Гар ин маънӣ ба ҷой овард хоҳӣ,
Бикун тартиб то монад сиёҳӣ,
В-агарна то раҳи худ пеш гирам,
Сари хешу сарои хеш гирам.

Чу равшан гашт бар Шопур кораш,
Ба сад савганд шуд пазруфтгораш.
Бар охур баст Гулгунро чу Шабдез,
Дар айвон бурд Ширинро чу Парвез.
Ду хиргаҳ доштӣ Хусрав муҳайё,
Баромуда ба гавҳар чун Сурайё.
Яке зоҳир зи баҳри бода х(в)ардан,
Яке пинҳон зи баҳри хоб кардан.
Парирухро ба сони пораи нур
Сӯи он хобгоҳ овард Шопур.
Гирифташ дасту биншондаш бар он даст,
Бурун омад, дари хиргаҳ фурӯ баст.
Ба болини шаҳ омад дилкушода,
Ба хидмат кардани шаҳ дил ниҳода.
Замоне тавф мезад гирди гулшан,
Замоне шамъро мекард равшан.

## ХОБ ДИДАНИ ХУСРАВ ВА ТАЪБИРИ ШОПУР

Зи хоби хуш дар омад ногаҳон шоҳ,
Ҷабин афрӯхта чун бар фалак моҳ.
Ситоиш кард бар Шопур бисёр,
Ки эй ман хуфтаву бахтам – ту бедор.
Ба иқболи ту хобе хуб дидам,
К-аз ин шодӣ ба гардун сар кашидам.
Чунон дидам, ки андар паҳнбоғе,
Ба даст овардаме равшан чароғе.
Чароғамро ба нури шамъу маҳтоб
Бикун таъбир, то чун бошад ин хоб?
Ба таъбираш забон бикшод Шопур,
Ки чашмат равшанӣ ёбад бад-он нур,
Ба рӯз орад Худой ин тирашабро,
Бигирӣ дар канор он нӯшлабро.
Бад-ин мужда биё, то бода нӯшем,
Заминро кимиёи лаъл пӯшем.
Биёроем фардо маҷлисе нав,
Ба бода солхурду наргисе нав.
Чу аз Машриқ барояд чашмаи нур,
Барангезад зи дарё гарди кофур,
Маи кофурбӯ дар ҷом резем
В-аз ин дарё дар он заврақ гурезем.

Рухи шоҳ аз тараб чун лола бишкуфт,
Чу наргис дар нишоти ин сухан хуфт.

## МАҶЛИС ОРОСТАНИ ХУСРАВ ДАР ШИКОРГОҲ

Саҳаргаҳ чун равон шуд маҳди хуршед,
Ҷаҳон пӯшид зеварҳои Ҷамшед,
Баромад дузде аз Машриқ сабукдаст,
Арӯси субҳро зевар ба ҳам баст.
Биҷунбонид мурғонро пару бол,
Баровsecurityанд хубон бонги халхол.
Дар омад шаҳрёр аз хоби нӯшин,
Дилаш хуррам шуда з-он хоби дӯшин.
Зи нав фармуд бастан боргоҳе,
Ки бо ӯ буд кӯҳе кам зи коҳе.
Баромад навбатиро сар бар афлок,
Ниҳон шуд чашми бад чун ганҷ дар хок.
Кашида боргоҳе шаст бар шаст,
Ситода халқ бар дар даст бар даст.
Ба сарҳангони султониҳамоил
Дару даргаҳ шуда зарриншамоил.
Зи ҳар сӯ дайламӣ гардан ба Айюқ
Фурӯҳишта кулаҳ чун ҷаъди манҷуқ.
Ба даҳлези саропарда сиёҳон
Ҳабашро баста доман дар сипоҳон.
Сипоҳони ҳабаш, туркони чинӣ
Чу шаб бо моҳ карда ҳамнишинӣ.
Саборо буд дар поини авранг,
Зи теғи тангчашмон раҳгузар танг.
Таноби навбатӣ як мил дар мил,
Ба навбат баста бар дар пил дар пил.
Зи гирдакҳои дуродур баста,
Маҳу хуршед чашм аз нур баста.
Дар ин гирдак нишаста Хусрави Чин,
Дар он дигар фитода шӯри Ширин.
Бисоте шоҳвор афканда зарбафт,
Ки ганҷе бурд, ҳар боде к-аз ӯ рафт.
Зи хокаш бодро ганҷи равон буд,
Магар худ ганҷи бодовард он буд.

Мунодӣ ҷамъ карда ҳамдамонро,
Бурун карда зи дар номаҳрамонро.
Намонда дар ҳарими подшоӣ
Вушоқе чун ғуломони саройӣ.
Адабпарвар надимоне хирадманд
Нишаста бар сари курсӣ тане чанд.
Ниҳода тӯда-тӯда бар каронҳо
Зи ёқуту зумуррад нуқлдонҳо.
Ба дасти ҳар касе-бар турфа ганҷе,
Мукаллал карда аз анбар туранҷе.
Маликро зарри дастафшор дар мушт,
К-аз афшурдан бурун мешуд зи ангушт.
Лаболаб карда соқӣ ҷоми чун нӯш,
Паёпай карда мутриб нағма дар гӯш.
Нишаста Борбад, барбат гирифта,
Ҷаҳонро чун фалак дар хат гирифта.
Ба дастон дӯстонро кисапардоз,
Ба захма захми дилҳоро шифосоз.
Зи дуди дилгиреҳ бар уд мезад,
Ки удаш бонг бар Довуд мезад.
Ҳамон нағма димоғаш дар ҷарас дошт,
Ки мусиқори Исо дар нафас дошт,
Зи дилҳо карда дар миҷмарфурӯзӣ
Ба вақти удсозӣ удсӯзӣ.
Чу бар дастон задӣ дасти шакаррез,
Ба хоб- андар шудӣ мурғи шабовез.
Бад-он сон гӯши барбатро бимолид,
К-аз он молиш дили барбат бинолид.
Чу бар захма фиканд абрешими соз,
Даровард офариништо ба овоз.
Накисо ном марде буд чангӣ,
Надиме хос, амире сахтсанге,
К-аз ӯ хушгӯтаре дар лаҳни овоз
Надид ин чангпушти арғанунсоз.
Зи руд овози мавзун ӯ баровард,
Ғиноро расми тақтеъ ӯ даровард.
Навоҳое чунон чолок мезад,
Ки мурғ аз дард пар бар хок мезад.
Чунон барсохтӣ алҳони мавзун,
Ки Зуҳра чарх мезад гирди гардун.

Ҷуз ӯ, к-афзун шумурд аз Зуҳра х(в)адро,
Надодӣ ёрие кас Борбадро.
Дар он маҷлис, ки айш оғоз карданд,
Ба як ҷо чангу барбат соз карданд.
Навои ҳар ду соз аз барбату чанг
Ба ҳам дарсохта чун бӯй бо ранг.
Тараннумшон хумор аз гӯш мебурд,
Яке дил доду дигар ҳуш мебурд.
Ба нола синаро сӯрох карданд,
Ғуломонро ба шаҳ густох карданд.
Малик фармуд, то яксар ғуломон
Бурун рафтанд чун кабки хиромон.
Муғаннӣ монду шоҳаншоҳу Шопур,
Шуданд он дигарон аз боргаҳ дур.
Ситои Борбад дастон ҳамезад,
Ба ҳушёрӣ раҳи мастон ҳамезад.
Накисо чангро хуш карда оғоз,
Фиканда арғанунро захма бар соз.
Малик бар ҳар ду ҷон андоз карда,
Дари ганҷу дари дил боз карда.
Чу з-ин хиргоҳи гардон дур шуд шоҳ,
Баромад чун рухи хиргоҳиён моҳ.
Ба гирди хиргаҳи он чашмаи нур
Тавофе кард чун парвона Шопур.
Зи кунҷи парда гуфт он ҳотифи ҷон,
К-«Аз ин мутриб якеро сӯи ман хон.
Бад ин даргаҳ нишонаш соз дар чанг,
Ки то бар сӯзи ман бардорад оҳанг.
Ба ҳасби ҳоли ман пеш оварад соз,
Бигӯяд, он чи ман гӯям бад-ӯ, боз.
Накисоро бар он дар бурд Шопур,
Нишондаш як-ду гом аз пешгаҳ дур.
К-аз ин хиргоҳи маҳрам дида бардӯз,
Самоъи хиргаҳӣ аз вай даромӯз.
Наво бар тарзи ин хиргоҳ мезан,
Раҳе, к-ӯ гӯядат, он роҳ мезан.
Аз ин сӯ Борбад чун булбули маст,
Зи дигар сӯ Накисо чанг бар даст.
Фурӯғи шамъҳои анбаролуд
Биҳиште буд аз оташ, боғе аз дуд.

Наво бозикунон дар пардаи танг,
Ғазал гесӯкашон дар домани чанг.
Ба гӯши чанг дар абрешими соз
Фиканда ҳалқаҳои маҳрам овоз.
Малик дил дода, то мутриб чӣ созад,
Кадомин роҳу дастонро навозад.
Нигори хиргаҳӣ бо мутриби хеш
Ғами дил гуфт, к-ин баргӯ, маяндеш.

## ҒАЗАЛ ГУФТАНИ НАКИСО АЗ ЗАБОНИ ШИРИН

Накисо бар тариқе, к-он санам хост,
Фурӯ гуфт ин ғазал дар пардаи рост:
– «Махусб, эй дидаи давлат, замоне,
Магар, к-аз хушдилӣ ёбӣ нишоне.
Барой аз кӯҳи сабр, эй субҳи уммед,
Диламро чашм равшан кун ба хуршед.
Бисоз, эй бахт, бо ман рӯзаке чанд,
Калиде хоҳу бикшой аз ман ин банд.
Зи сар берун кун эй толеъ, гаронӣ,
Раҳо кун, то тавонӣ, нотавоне.
Ба айёрӣ барор, эй дӯст, дасте,
Барафкан лашкари ғамро шикасте.
Ҷигар дар тобу дил дар мавҷи хун аст,
Гар орӣ раҳмате, вақташ кунун аст.
На з-ин афтодатар ёбӣ заифе,
На з-ин бечоратар ёбӣ ҳарифе.
Агар бар каф надонам рехт обе,
Тавонам кард бар оташ кабобе,
В-агар ҷуллоб доданро нашоям,
Фуқоъеро ба даст охир кушоям.
В-агар нақше надонам дӯхт охир,
Сипанди хона донам сӯхт охир.
В-агар чине надонам дарнишондан,
Тавонам гарде аз доман фишондан.
Маяндозам чу соя бар сари хок,
Ки ман худ уфтодам зору ғамнок.
Чу маҳ дар хона парвинет бояд,
Чу Зӯҳра дардбарчинет бояд.

Сароятро ба ҳар хидмат, ки хоҳӣ,
Канизӣ мекунам даъвӣ, на шоҳӣ.
Маро пурсӣ, ки чунӣ з-орзӯям,
Чу медонию мепурсӣ, чӣ гӯям?
Ғарибе чун бувад ғамхор монда,
Зи кор афтодаву дар кор монда,
Чу гул дар ошиқӣ парда дарида,
Зи олам рафтаву олам надида.
Чу хок омоҷгоҳи тир гашта,
Чу лола дар ҷавонӣ пир гашта,
Ба уммеде ҷаҳон барбод дода,
Ба пиндоре бад-ин рӯз уфтода.
На ҳампуште, ки пуштам гарм дорад,
На бахте, к-аз ғарибон шарм дорад.
Масал зад ғарқа, чун мемурд бе рахт,
Ки бояд мурдаро низ аз ҷаҳон бахт!
Зи бекомӣ дилам танҳонишин аст,
Бисозам, гар туро ком инчунин аст.
Чу барн-ояд маро коме, ки бояд,
Бисозам, то туро коме барояд.
Магар талх омад он лабро вуҷудам,
Ки вақти сохтан сӯзад чу удам.
Маро ин сӯхтан суре азим аст,
Ки сӯзи ошиқон сӯзе салим аст.
Нахоҳам кард бар ту хукмронӣ,
Гарам з-ин беҳтарак дорӣ, ту донӣ».

## СУРУД ГУФТАНИ БОРБАД АЗ ЗАБОНИ ХУСРАВ

Накисо чун зад ин афсона бар чанг,
Ситои Борбад бардошт оҳанг.
Ироқивор бонг аз чарх бигзошт,
Ба оҳанги Ироқ ин бонг бардошт:
Насими дӯст меёбад димоғам,
Хаёли ганҷ мебинад чароғам.
Кадомин об хуш дорад чунин ҷӯй,
Кадомин бодро бошад чунин бӯй?
Магар вақти шудан товуси хуршед
Пар афшон кард бар гулзори Ҷамшед?

Магар сарве зи торам сар баровард,
Ки моро сарбаландӣ бар сар овард?
Магар моҳ омад, аз равзан дарафтод.
Ки шабро равшанӣ дар манзар афтод?
Магар боди биҳишт ин ҷо гузар кард,
Ки чандин хуррамӣ дар мо асар кард?
Магар бози сапед омад фаро даст,
Ки гулзори шаб аз зоғи сияҳ раст?
Магар бо мост Оби Зиндагонӣ,
Ки моро зиндадил дорад ниҳонӣ
Магар иқбол шамъе нав барафрӯхт,
Ки чун парвона ғамро болу пар сӯхт.
Магар Ширин зи лаъл афшонд нӯше,
Ки аз ҳар гӯшае хезад хурӯше?
Бигӯ, эй давлат, он рашки париро,
Ки бозовар ба мо некахтариро.
Туро бисёр хислат ҷуз накӯист,
Бигӯям рост: мардӣ-ростгӯист.
Манам ҷав киштаву гандум дуруда,
Туро ҷав додаву гандум намуда.
Мабин, к-аз тавсанӣ хашме намудам,
Тавозӯъ бин, ки чун роми ту будам.
Набуррад дузди ҳиндуро касе даст,
Ки бо дуздӣ ҷавонмардиш ҳам ҳаст.
Надорам ним дил дар подшоҳӣ,
Валекин дарди дил чандон, ки хоҳӣ.
Лагадкӯби ғамат з-он гашт руҳам,
Ки бахти бад лагад зад бар футӯҳам.
Дилам хун гиряд аз ғам, чун нагиряд?
Кадомин золим аз ғам хун нагиряд?
Танам тарсад зи ҳиҷрон, чун натарсад?
Кадомин оқил аз маҷнун натарсад?
Чу бе зулфи ту бе дил буд дастам,
Дили худро ба зулфат бозбастам.
Ба хилват бо лабат дорам шуморе
В-аз инам карданитар нест коре.
Гарам хоҳӣ ба хилват бор додан,
Ба ҷои гул чӣ бояд хор додан?
Аз он ҳуққа, ки ҷуз марҳам наёяд,
Бидеҳ з-он, к-ӯ ба додан кам наёяд.

Чӣ бошад, к-аз чунон Оби Ҳаёте
Ба ғоратбурдае бахшӣ закоте!

## СУРУД ГУФТАНИ НАКИСО АЗ ЗАБОНИ ШИРИН

Чу барзад Борбад з-ин сон навое,
Накисо кард аз он хуштар адое.
Шукуфта чун гули Наврӯзу наврang,
Ба Наврӯз ин ғазал дарсохт бо чанг:
– «Зиҳӣ, чашмам ба дидори ту равшан,
Сари кӯят маро хуштар зи гулшан.
Хаёлат пешвои хобу х(в)ардам,
Ғуборат тӯтиёи чашмдардам.
Ба ту хушбӯ димоғи мушкбезам,
Зи ту равшан чароғи субҳхезам.
Маро чашмию чашмамро чароғӣ,
Чароғи чашму чашмафрӯзи боғӣ.
Фурӯғ аз чеҳри ту моҳи фалакро,
Намак аз кони лаъли ту намакро.
Ҷамолат ахтаронро нур дода,
Ба хубӣ оламат маншур дода.
Чӣ мехӯрдӣ ки рӯят чун баҳор аст,
Аз он мехӯр, ки онат созгор аст.
Ҷамолат чун ҷавонӣ ҷон навозад,
Касе ҷон бо ҷавонӣ дарнабозад.
Ту низ, ар оина бар даст дорӣ,
Зи ишқи худ дили худ маст дорӣ.
Мабин дар оина чин, эй бути Чин,
Ки бошад хештанбин хештанбин.
Касе он оина бар каф чӣ гирад,
Ки ҳар дам нақши дигар кас пазирад?
Туро оина чашми чун мане бас,
Ки нанмояд ба ҷуз ту сурати кас.
Бад он довар, ки ӯ дорои даҳр аст,
Ки бе ту умри ширинам чу заҳр аст.
Ту бо тарёку ман бо заҳри ҷонсӯз,
Туро он рӯз в-он гаҳ ман бад-ин рӯз.
Ба тарки бедиле гуфтан дилат дод?
Зиҳӣ раҳмат, ки раҳмат бар дилат бод!

Гумон будам, ки чун сустӣ пазирам,
Дар он сустӣ ту бошӣ дастгирам.
Кунун, к-афтодам аз сустию мастӣ,
Гирифтӣ даст, лекин пой бастӣ.
Бас аст ин ёри худро зор куштан,
Ҷавонмардӣ набошад ёр куштан.
Занӣ ҳар соатам бар сина хоре,
Мазан, чун мезанӣ, бинвоз боре.
Ҳадиси безабонӣ бар забон ор,
Миёндарбастаеро дар миён ор.
Зи берахтӣ кашидам бар дарат рахт,
Ки сахтӣ рӯи мардумро кунад сахт.
В-агарна ман киям,к-аз ҳисни фӯлод,
Чароғеро бурун орам бад-ин бод?!
Туро гар дастболо мепарастам,
Ба ҳукми зердастӣ зердастам.
Машав дар хуни чун ман зердасте,
Чӣ нуқсон Каъбаро аз бутпарасте?
Чӣ дорим аз ҷамоли хеш маҳҷур
Раҳо кун, то туро мебинам аз дур.
Ҷавониро ба ёдат мегузорам,
Бад-ин уммед рӯзе мешуморам.
Хушо вақте, ки ой дар барам танг,
Маи нобам диҳӣ бар нолаи чанг.
Ба нози нимшаб зулфат бигирам,
Чу шамъи субҳдам пешат бимирам.
Шабе, к-аз лаъли майгунат шавам маст,
Бихусбам то қиёмат бар яке даст.
Ману з-ин пас заминбӯсӣ висоқат,
Надорам беш аз ин барги фироқат.
Ба ту додам инони корсозӣ,
Ту донӣ, гар кушӣ  в-ар менавозӣ.
Ба пешат куштаву афканда бошам,
Аз он беҳтар, ки бе ту зинда бошам».

## СУРУД ГУФТАНИ БОРБАД АЗ ЗАБОНИ ХУСРАВ

Накисо чун зад ин тайёра бар чанг
Ситои Борбад бардошт оҳанг.

Ба овози ҳазин чун узрхоҳон
Равон кард ин ғазалро дар Сипоҳон:
- «Саҳаргоҳон, ки аз май маст гаштам,
Ба мастӣ бар дари боғе гузаштам.
Баҳоре мушкбӯ дидам дар он боғ,
Ба чанги зоғу дар хун чанги он зоғ.
Гуле садбарг, бо ҳар барг хоре
Ба зиндон карда ғунҷе дар ҳисоре.
Ҳисорӣ лӯъбате дар баста бар ман,
Ҳисоре, қуфли ӯ нашкаста душман.
Биҳиштипайкаре аз ҷон сиришташ,
Зи ҳар мева дарахте дар биҳишташ.
Зи чандон меваҳои тозаву тар,
Надидам ҷуз хуморе хушк дар сар.
Парирӯе, ки дар дил хона карда.
Диламро чун парӣ девона карда.
Ба бедорӣ димоғам ҳаст ранҷур,
К-аз андешам намегардад парӣ дур.
В-агар хусбам, ба мағзам бардиҳад тоб,
Париворам кунад девона дар хоб.
Париро ҳам дили девона ҷӯяд,
Дар ободӣ на, дар вайрона ҷӯяд.
Ҳамоно, к-он парирӯи фусунсанҷ
Дар он вайрона з-он печид чун ганҷ.
Гар он ганҷ ояд аз вайрона берун,
Ба тоҷаш дарниҳам чун дурри макнун.
Ба хоби наргиси ҷодуш савганд,
Ки ғамзаш кард ҷодуро забонбанд,
Ба дудафкандани он зулфи саркаш,
Ки чун дудафканон дар ман зад оташ,
Ба бонги зевараш, к-аз шӯри халхол
Дарорад мурдаи садсоларо ҳол,
Ба марвориди дебоҳои маҳдаш,
Ба марвориди ширинкори шаҳдаш,
Ба анбарсуданаш бар гӯшаи тоҷ,
Ба иқд омуданаш бар тахтаи оҷ,
Ба нозаш, к-аз ҷибоят бениёз аст,
Ба узраш,к-он басе хуштар зи ноз аст,
Ба тоқи он ду абрӯи хамида,
Мисоле з-он ду туғро баркашида,

Бад-он мижгон, ки чун бар ҳам занад неш,
Кунад захмаш дили Ҳорутро реш,
Ба чашмаш, к-аз итобам кард ранҷур,
Ба чашмак карданаш, к-аз дар машав дур,
Бад-он ораз, к-аз ӯ чашм об гирад,
Зи тарри̣ нукта бар маҳтоб гирад,
Бад-он гесӯ, ки қалъашро каманд аст,
Чу сарви қоматаш болобаланд аст,
Ба морафсоии он турраву дӯш,
Ба чанбарбозии он ҳалқаву гӯш,
Бад-он наргис, ки аз наргис гарав бурд,
Бад-он сунбул, ки сунбул пеши ӯ мурд,
Бад-он сию ду дона лӯълӯи тар,
Ки дорад қуфле аз ёқут бар дар,
Ба сеҳри он ду бодоми камарбанд,
Ба лутфи он ду унноби шакарханд,
Ба чоҳи он занах бар чашмаи моҳ,
Ки дилро об з-он чашмасту он чоҳ,
Ба тавқи ғабғабаш гӯӣ, ки обе
Муаллақ гаштааст аз офтобе,
Бад-он симин ду нори наргисафрӯз,
Ки гирдӣ бистад аз норинҷи Наврӯз,
Ба фундуқҳои симинаш даҳ ангушт,
Ки қоқумро зи рашки хештан кушт,
Бад-он соид, ки аз бас равнақу об
Чу симинтахта шуд бар тахти симоб,
Бад-он нозукмиёни шӯшаандом,
Валекин шӯшае аз нуқраи хом,
Ба симин соқи ӯ гуфтан наёрам,
Ки гар гӯям, ба шаб хуфтан наёрам,
Ба хоки пои ӯ, к-аз дида беш аст,
Бад-ӯ савганди ман бар ҷои хеш аст,
Ки гар дастам диҳад, к-орам ба дасташ,
Миёни ҷон кунам ҷои нишасташ!
Зи дастам нагзарад, то зинда бошам,
Ҷаҳонро шоҳу ӯро банда бошам»!

## СУРУД ГУФТАНИ НАКИСО АЗ ЗАБОНИ ШИРИН

Чу руди Борбад ин парда пардохт,
Накисо зуд чанги хеш бинвохт.

Дар он парда, ки хонандаш ҳисорӣ,
Чунин бикре баровард аз иморӣ:
– «Дилам хоки ту гашт, эй сарви чолок,
Барафкан сояе чун сарв бар хок.
Аз ин мушкинрасан гардан чӣ тобӣ,
Расандагардане чун ман наёбӣ.
Агар гарданкашӣ кардам чу мирон,
Расан дар гардан оям чун асирон.
Нагунҷад осмон дар хонаи ман,
Ду олам дар яке вайронаи ман.
Натобад пои пилон хонаи мӯр,
Набошад пашша бо симурғ ҳамзӯр.
Сипеҳре кай фуруд ояд ба чоҳе,
Куҷо гунҷад биҳиште дар гиёҳе?!
Саре, к-ӯ нузли дарбонро нашояд,
Нисори тахти султонро нашояд.
Ба ҷон овардани дӯшина мангар,
Ба ҷон бин, к-оваридам дида бар сар.
Дар он ҳазрат, ки хоҳишро қадам нест,
Шафеъе боядам в-он ҷуз карам нест.
Ба узри кардани чандон гуноҳам,
Агар узре ба даст орам, бихоҳам.
Занам чандон заминро бӯс дар бӯс,
Ки бахшоиш бар орад кӯс дар кӯс.
Ба чеҳра хокро чандон харошам,
К-аз он хок обрӯе бартарошам.
Бисотатро ба рух чандон кунам нарм,
Ки иқболат диҳад маншури озарм.
Чунин хондам зи толеъномаи шоҳ,
Ки соҳибтолеи пайкон бувад моҳ.
Ман он пайкам, ки толеъ моҳ дорам,
Чу пайкон пой аз он дар роҳ дорам.
Зи ҷӯши ин дили ҷӯшида бо ту
Паёме доштам пӯшида бо ту.
Баридам, то паёматро гузорам.
Ҳам аз ганҷи ту воматро гузорам.
Даҳонам гар зи хурдӣ кард як ноз,
Ба хурда дар миён овардамаш боз.
Забон гар барзад аз оташ забона,
Ниҳодам бо ду лаълаш дар миёна.

В-агар зулфам сар аз фармонбарӣ тофт,
Ҳам аз сартофтан таъдиби он ёфт.
В-агар чашмам зи туркӣ тангие кард,
Ба узр омад чу ҳиндуи ҷавонмард,
Хами абрӯм агар зеҳ бар камон баст,
Бизан тираш,туро низ он камон ҳаст.
В-агар ғамзам ба мастӣ тире андохт,
Ба ҳушёрӣ зи хокат тӯтиё сохт.
Гар аз ту ҷаъди хеш ошуфта дидам,
Ба занҷираш нигар, чун даркашидам.
Чу машъал сар даровардам бад-ин дар,
Ниҳодам ҷони худ чун шамъ бар сар.
Агар хаттат камар бандад ба хунам,
Наёбӣ нуқтавор аз хат бурунам.
В-агар гирад висолат кори ман суст,
Ба оби дида гирам доманат чуст.
Ақиқат гар хурад хунам аз ин беш,
Ба марвориди дандонаш кунам реш.
Ман он боғам, ки меваш кас начидаст,
Дараш пайдо, калидаш нопадид аст.
Касе гар ҷуз ту бар норам кашад даст,
Ба ишва з-оби ангураш кунам маст.
Ҷуз он лаб, к-аз шакар дорад даҳоне
Зи бодомам наёбад кас нишоне,
Агар чун фундуқам бар сар занӣ санг,
Зи уннобам наёбад ҷуз ту кас ранг.
Бар он кас чун даҳони писта хандам,
Ки ҷуз ту писта бикшояд зи қандам.
Касе, к-ӯ бо турунҷам кор дорад,
Турунҷосо қадам бар хор дорад.
Рутабчине, ки бо нахлам ситезад,
Зи ман ҷуз хор ҳеҷаш барнахезад.
Даҳоне к-ӯ тамаъ дорад ба себам,
Ба муми сурх чун тифлаш фиребам.
Агар зер офтоб ояд, забар моҳ,
Бад-ин мева наёбад ҷуз ту кас роҳ».

## ҒАЗАЛ ГУФТАНИ БОРБАД АЗ ЗАБОНИ ХУСРАВ

Накисо чун зад ин афсона бар соз,
Ситои Борбад бардошт овоз.

Наворо пардаи ушшоқ орост,
Дарафканд ин ғазалро дар Раҳи Рост:
– «Маро дар кӯят, эй шамъи накӯӣ,
Фалак пои буз афканда-ст, гӯӣ,
Ки гар чун гӯсфандам мебурӣ сар,
Ба пои худ давам чун саг бар он дар.
Диламро мебарӣ, андешае нест,
Бибар, к-аз бедилӣ беҳ пешае нест!
Тане, к-ӯ бори ин дил барнатобад,
Ба сарборӣ ғами дилбар натобад.
Чу дар хидмат набошад шахси ранҷур,
Набояд дил, ки аз хидмат бувад дур.
Басе кӯшам, ки дил бардорам аз ту,
Ки бас равнақ надорад корам аз ту.
На битвон дил зи корат баргирифтан,
На аз дил низ борат баргирифтан.
Бад-он ҷон, к-аз чунин сад ҷон фузун аст,
Ки ҷонам бе ту дар ғарқоби хун аст,
Бад-он чашми сияҳ, к-оҳушикор аст,
К-аз оҳуи ту чашмамро ғубор аст.
Фурӯ монад зи ту холию навмед,
Чу зарра, к-ӯ ҷудо монад зи хуршед.
Ҷудо гаштам зи ту ранҷуру танҳо,
Чу моҳӣ, к-ӯ ҷудо монад зи дарё,
Мадорам беш аз ин чун моҳ дар меғ,
Ту донию сар, инак тоҷ ё теғ.
Чу дар мулки ҷамолат тоза шуд рой,
Иноятро мисоле тоза фармой.
Пас аз умре, ки кардам дида ҷоят,
Кам аз як шаб, ки бӯсам ҷои поят.
Чунон дон, гар лабам пурханда дорӣ.
Ки бешак мурдаеро зинда дорӣ.
Ба бӯсе барфурӯз афсурдаеро,
Ба бӯе зинда гардон мурдаеро.
Маро фаррух бувад рӯи ту дидан,
Муборак бошад овозат шунидан.
Хилоф он шуд,ки аз чашмам ниҳонӣ
Чу аз чашми бад оби зиндагонӣ.
Худое, к-офаринишкардаи ӯст,
Зи тан то ҷон падидовардаи ӯст.

Умедам ҳаст, к-аз рӯи ту дилсӯз
Ба рӯз орад шабамро ҳам яке рӯз».
Чу Ширин дастбурди Борбад дид,
Зи дасти ишқ худро кор бад дид.
Навое баркашид аз синаи танг
Ба чангӣ дод,к-ин дарсоз дар чанг.
Бизан роҳе, ки шаҳ бероҳ гардад,
Магар, к-ин доварӣ кӯтоҳ гардад.

## СУРУД ГУФТАНИ НАКИСО АЗ ЗАБОНИ ШИРИН

Накисо дар тараннум ҷодувӣ сохт,
Пас он гаҳ ин ғазал дар Роҳавӣ сохт:
- «Бисоз, эй ёр, бо ёрони дилсӯз,
Ки дӣ рафту нахоҳад монд имрӯз.
Гиреҳ бикшой, бо мо бастагӣ чанд,
Шитоби умр бин, оҳистагӣ чанд?!
Зи ёрӣ ҳукм кун, то шаҳрёрӣ
Надорад ҳеҷ бунёд устуворӣ.
Ба рӯзе чанд бо ин сустрахтӣ,
Бад-ин сахтӣ чӣ бояд кард сахтӣ?
Ба умре, к-ӯ бувад панҷоҳ ё шаст,
Чӣ бояд сад гиреҳ бар ҷони худ баст?
Басо тоба, ки монд аз тирагӣ сард.
Басо сикбо, ки сагбон пухту саг х(в)ард.
Хуш он бошад, ки имшаб бода нӯшем,
Амон бошад, ки фардо боз кӯшем?
Чу бар фардо намонд уммедворӣ,
Бибояд кардан имшаб созгорӣ.
Ҷаҳон бисёр шаббозӣ намудаст,
Ҷаҳоннодидаӣ, ҷоно, чӣ суд аст?
Баҳоре дорӣ, аз вай бар хур имрӯз,
Ки ҳар фасле нахоҳад буд Наврӯз.
Гуле, к-ӯро набӯяд одамизод,
Чу ҳангоми хазон ояд, барад бод.
Гул он беҳтар, к-аз ӯ гуллоб хезад,
Гулобӣ гар гузорад гул, бирезад.
Дар он ҳазрат, ки номи зар сафол аст,
Чу ман мис дар ҳисоб ояд, муҳол аст.
Лаби дарёву он гаҳ қатраи об?

Рухи хуршеду он гаҳ кирми шабтоб?
Чу бозори ту ҳаст аз некуӣ тез,
Касодеро чу ман равнақ барангез.
Бихар колои косид, то тавонӣ,
Ба кор ояд яке рӯзат, чӣ донӣ.
Дурусте гарчи дорад кору боре,
Шикастабаста низ ояд ба коре.
Агарчи зар ба мӯҳр афзуниёр аст,
Қурозарезаҳо ҳам дар шумор аст.
Ниҳодастӣ зи ишқам ҳалқа дар гӯш,
Бад-ин айбам харидӣ, бозмафрӯш.
Таманнои ман аз умру ҷавонӣ
Висоли туст в-он гаҳ зиндагонӣ.
Ба пайғоме зи ту розист гӯшам,
Бароям з-ин, агар з-ин беш кӯшам.
Манам дар пои ишқат рафта аз даст,
Ба хилват хӯрда май, танҳо шуда маст.
Манам он соя, к-аз болову аз зер
Зи поят сар нагардонам ба шамшер.
Нагардам аз ту, то бесар нагардам,
Зи ту то дарнагардам, барнагардам.
Сухан то чанд гӯям бо хаёлат,
Бурун ронам ҷанибат бо ҷамолат?
Ба ҳар сахтӣ, ки то акнун намудам,
Чу лаҳни мутрибон дар парда будам.
Кунун дар пардаи хун хоҳам афтод,
Чу барқ аз парда берун хоҳам афтод.
Чароғ аз дида чандон рӯй пӯшид,
Ки деги равғанаш з-оташ наҷӯшад.
Бихусбонам туро, ман мехурам ноб,
Ки ман сармаст хуш бошам, ту дар хоб.
Ба ҷои тӯтиё гардат ситонам,
Гаҳе бӯса, гаҳе дардат ситонам.
Сари зулфат ба гардан бозбандам,
Гаҳе гирям зи ишқат, гоҳ хандам.
Чунон бандам ба дил нақши нигинат,
Ки бар дастат надонад остинат.
Дар оғӯш ончунон гирам танатро,
Ки набвад огаҳӣ пироҳанатро.
Чу лӯъбатбози шаб пинҳон кунад роз,
Ман андар парда чун лӯъбат шавам боз.

Гар аз дастам чунин коре барояд,
Зи ҳар хорем гулзоре бароянд.
Худоё, раҳ ба пирӯзӣ-м гардон,
Чунин пирӯзие рӯзӣ-м гардон».
Чу Хусрав гӯш кард ин қавл, чолок
Зи ҳолат кард ҳолӣ ҷомаро чок.
Ба сад фарёд гуфт, эй Борбад, ҳон!
Қавӣ кун ҷони ман дар колбад, ҳон!

## СУРУД ГУФТАНИ БОРБАД АЗ ЗАБОНИ ХУСРАВ

Накисо чун зи шоҳ оташ барангехт,
Ситои Борбад обе бар ӯ рехт.
Ба устодӣ навое кард бар кор,
К-аз ӯ чанги Накисо шуд нигунсор.
Зи таркиби малик бурд он халалро,
Ба зерафкан фурӯ гуфт ин ғазалро:
– «Бибахшой, эй санам, бар узрхоҳе,
Ки сад узр оварад дар ҳар гуноҳе.
Гар аз узри ту рӯзе сар кашидам,
Басе заҳри пушаймонӣ чашидам.
Гирифтам, ҳар чӣ ман кардам, гуноҳ аст,
На охир оби чашмам узрхоҳ аст?
Пушаймонам зи ҳар боде, ки х(в)ардам,
Гирифторам ба ҳар ғадре, ки кардам.
Қалам дар ҳарф каш беобиямро,
Шафеъ орам ба ту бехобиямро.
Аз ин пас сар зи поят барнадорам,
Сар аз хоки сароят барнадорам.
Кунам дар хонаи як чашм ҷоят,
Ба дигар чашм бӯсам хоки поят.
Сагам в-аз саг батар, пинҳон нагӯям!
Гарат ҷон аз миёни ҷон нагӯям!
Насиби ман зи ту дар ҷумла ҳастӣ,
Саломе буду он дар низ бастӣ.
Агар маҳрум шуд гӯш аз саломат,
Забонро тоза медорам ба номат.
Дар ин таб гарчи барн-орам фиғоне,
Гарам пурсӣ, надорад ҳам зиёне.

Зи ту пурсиш, маро уммеди хом аст,
Агар бар хотират гардам, тамом аст.
Надорӣ дил, ки ой бар канорам,
В-агар дорӣ, ман он толеъ надорам.
Намой, к-аз ғамат ғамнокам, эй ҷон,
Нагӯӣ, ман кадомин хокам, эй ҷон.
Агар ту розиӣ, к-ин дил хароб аст,
Ризои дӯстон ҷустан савоб аст.
Ту бар ман, то тавонӣ, ноз месоз,
Ки то ҷонам барояд, мекашам ноз.
Манам ошиқ, маро ғам созгор аст,
Ту маъшуқӣ, туро бо ғам чӣ кор аст?
Ту гар созӣ в-агар на, ман бар онам,
Ки сӯзам дар ғамат, то метавонам.
Маро гар нест дидори ту рӯзӣ,
Ту боқӣ бош дар оламфурӯзӣ.
Агар ман ҷон диҳам дар меҳрубонӣ,
Туро бояд, ки бошад зиндагонӣ.
Агар ман бар нахӯрдам аз накӯӣ,
Ту бархурдор бош аз хубрӯӣ.
Ту доим мон, ки сӯҳбат ҷовидон нест,
Ман ар монам в-агар на, бок аз он нест.
Зи ту берӯзиям хонанду гӯям:
Маро он беҳ, ки ман беҳрӯзи ӯям.
Маро гар рӯзу рӯзӣ рафт барбод,
Туро ҳар рӯз рӯз аз рӯз беҳ бод!»
Чу барзад Борбад бар хушкруде
Бад-ин таррӣ, ки баргуфтам суруде,
Дили Ширин бад-он гармӣ барафрӯхт,
Ки чун равған чароғи ақлро сӯхт.
Чунон фарёд кард он сарви озод,
К-аз он фарёд шоҳ омад ба фарёд.
Шаҳаншаҳ чун шунид овози Ширин,
Расилӣ карду шуд дамсози Ширин.
Дар он парда, ки Ширин сохтӣ соз,
Ҳамоҳангӣ-ш кардӣ шаҳ ба овоз.
Чу шахсе, к-ӯ ба кӯҳе роз гӯяд,
Бад-ӯ кӯҳ он суханро бозгӯяд.
Аз ин сӯ маҳ тарона баркашида
В-аз он сӯ шоҳ пероҳан дарида.

Чу аз сӯзи ду ошиқ оҳ бархост,
Садои мутрибон аз роҳ бархост.
Малик фармуд, то Шопур ҳолӣ
Зи ҷуз Хусрав сароро кард холӣ.
Бар он овози хиргоҳӣ пур аз ҷӯш
Суи хиргоҳ шуд бесабру беҳуш.
Даромад дарзамон Шопури ҳушёр,
Гирифташ дасту гуфто:– «Ҷо нигаҳ дор!»
Агарчи кори Хусрав мешуд аз даст,
Чу худро дастгире дид, биншаст.
Пас он гаҳ гуфт, к-ин овози дилсӯз
Чӣ овоз аст, розаш дар ман омӯз.

## БЕРУН ОМАДАНИ ШИРИН АЗ ХИРГОҲ

Ҳикоят баргирифта шоҳу Шопур,
Ҷаҳон диданд яксар нур дар нур.
Парипайкар бурун омад зи хиргоҳ
Чунон, к-аз зери абр ояд бурун моҳ.
Чу айёрони сармаст аз сари меҳр
Ба пои шаҳ дарафтод он паричеҳр.
Чу шаҳ маъшуқро мавлои худ дид,
Сари худро ба зери пои худ дид,
Зи шодӣ сохташ бар фарқи худ ҷой,
Ки шаҳро тоҷ бар сар беҳ, ки дар пой.
Дар он хидмат, ки ёраш соз мекард,
Мукофоташ яке даҳ боз мекард.
Чу кор аз пойбӯсӣ бартар омад,
Тақозои даҳанбӯсӣ баромад.
Аз он оташ, ки бар хотир гузар кард,
Турушрӯӣ ба Ширин-дар асар кард.
Малик ҳайрон шуда, к-он рӯи гулранг.
Чаро шуд шоду чун шуд боз дилтанг?
Ниҳон дар гӯши Хусрав гуфт Шопур,
Ки гар маҳ шуд гирифта, ҳаст маъзур.
Барои он ки худро то ба имрӯз
Ба номи нек парвард он дилафрӯз,
Кунун тарсад, ки мутлақдастии шоҳ
Ниҳад холи хиҷолат бар рухи моҳ.
Чу шаҳ донист, к-он тухми баруманд

Бад-ӯ сар дарнаёрад ҷуз ба пайванд,
Басе савганд хӯрду аҳдҳо баст,
Ки бе ковин наёрад сӯи ӯ даст.
Бузургони ҷаҳонро ҷамъ созад,
Ба ковин карданаш гардан фарозад.
Вале бояд, ки май дар ҷом резад,
Ки аз даст ин замон он барнахезад,
Як имшаб шодмон бо ҳам нишинем,
Ба рӯи якдигар олам бибинем.
Чу аҳди шоҳро бишнид Ширин,
Ба ханда баркушод аз Моҳ Парвин.
Лабаш бо дур ба ғаввосӣ даромад,
Сари зулфаш ба раққосӣ даромад.
Хурӯши зевари зар тоб дода,
Димоғи мутрибонро хоб дода.
Лабаш аз май қадаҳ бар даст карда,
Ба ҷуръа соқиёнро маст карда.
Зи шодӣ чун тавонад монд боқӣ,
Ки маҳ мутриб бувад, хуршед соқӣ?!
Дил аз мастӣ чунон махмур монда,
К-аз асбоби ғаразҳо дур монда.
Димоғ аз чошниҳои дигар нӯш
Зи лаззат карда шаҳватро фаромӯш.
Бухури атру он гаҳ рӯи зебо,
Дил аз шодӣ куҷо бошад шикебо?!
Фурӯ монда зи бозиҳои дилкаш,
Дар обу оташ андар обу оташ.
Кашишҳое бад-он рағбат, ки бояд
Чу миқнотис, к-оҳанро рабояд.
Валекин буд сӯҳбат зинҳорӣ,
Накарданд аз вафо зинҳорхорӣ.
Чу омад дар кафи Хусрав дили дӯст,
Бурун омад зи шодӣ чун гул аз пӯст.
Дили худро чу шамъ аз дида полуд,
Паранди Моҳро Парвин баромуд.
Ба мижгон дидаро дар моҳ медӯхт,
Магар бар миҷмари маҳ уд месӯхт.
Гаҳе месуд наргис бар парандаш,
Гаҳе мебаст сунбул бар камандаш.
Гаҳе бар нори симинаш задӣ даст,
Гаҳе ларзид чун симоб пайваст.

Гаҳе марғули ҷаъдаш боз кардӣ,
Зи шаб бар моҳ мушкандоз кардӣ.
Гаҳ аз фарқи сараш миъҷар кушодӣ,
Ғуломона кулоҳаш барниҳодӣ.
Гаҳ аз гесӯш бастӣ бар миён банд,
Гаҳ аз лаълаш ниҳодӣ дар даҳон қанд.
Гаҳе судӣ ақиқашро ба ангушт,
Гаҳ овардӣ занах чун себ дар мушт.
Гаҳе дастина аз дасташ рабудӣ,
Ба бозубандияш бозу намудӣ,
Гаҳе халхолҳош аз пой кандӣ,
Ба ҷои тавқ дар гардан фикандӣ,
Гаҳ овардӣ фурӯзон шамъ дар пеш,
Дар ӯ дидию дар ҳоли дили хеш.
Гаҳе гуфтӣ танамро ҷон туӣ, ту,
Гаҳе гуфт, ин манам, ман, он туӣ, ту.
Дилаш дар банди он покизадилбанд
Ба шоҳидбозӣ он шаб гашт хурсанд.
Нишоти ҳар ду дар шаҳватпарастӣ
Ба шери маст монд аз ширмастӣ.
Садаф медошт дурҷи хешро пос,
Ки то бар дур наяфтад нуки алмос.
Зи бонги бӯсҳои хуштар аз нӯш
Замона арғанун карда фаромӯш.
Духулзан чун духулро соз мекард,
Ҳанӯз ин лобаву он ноз мекард.
Бад-ин сон ҳафтае дамсоз буданд,
Гаҳе бо узру гаҳ бо ноз буданд.
Ба рӯз оҳанги ишрат доштандӣ,
Даме бе хушдилӣ нагзоштандӣ.
Ба шаб нарди қаноат бохтандӣ,
Ба бӯса каъбатайн андохтандӣ.
Шаби ҳафтум, ки кор аз даст мешуд,
Ғараз девона, шаҳват маст мешуд,
Малик фармуд, то ҳам дар шаб он моҳ
Ба бурҷи хештан равшан кунад роҳ.
Сипоҳе чун кавокиб дар рикобаш,
Ки аз пуррӣ Худо донад ҳисобаш.
Нишинад, то ба сад тамкинаш оранд,
Чу маҳ дар маҳмили зарринаш оранд.

Чунон, к-ояд ба бурҷи хештан моҳ,
Ба қасри хештан омад зи хиргоҳ.
Чу рафт он нақди симин боз дар санг,
Зи нақди сим шуд дасти ҷаҳон танг.
Фалак баркард заррин бодбоне,
Намонд аз симкиштиҳо нишоне.
Шаҳаншаҳ кӯч кард аз манзили хеш,
Гирифта роҳи дорулмулк дар пеш.
Ба шаҳр омад, тарабро кор фармуд,
Баросуду зи майхӯрдан наёсуд.
Ба файзи абруи симодурахше
Ҷаҳонро тоза кард аз тоҷбахшӣ.
Даромад мардро бахшанда дорад,
Замин то дарнаёрад, барнаёрад.
Нарезад абр бе тавфири дарё,
На бе борон шавад дарё муҳайё.
На бар марди тиҳирав ҳаст боҷе,
На аз вайрона кас хоҳад хироҷе.
Шабе фармуд, то ахтаршиносон
Кунанд андешаи душвор осон.
Биҷӯянд аз шаби торик торак
Ба равшанхотирӣ рӯзе муборак,
Ки шояд маҳди он моҳи дилафрӯз
Ба бурҷи офтоб овардан он рӯз.
Расадбандон бар ӯ мушкил кушоданд,
Тарабро толеи маймун ниҳоданд.

## ОВАРДАНИ ХУСРАВ ШИРИНРО АЗ ҚАСР БА МАДОИН

Ба пирӯзӣ чу бар пирузагун тахт
Арӯси субҳро пирӯз шуд бахт,
Ҷаҳон раст аз мураққаъ пора кардан,
Арӯси олам аз зар ёра кардан,
Шаҳ аз баҳри арӯс ороише сохт,
Ки хур аз шарми он ороиш андохт.
Ҳазор уштур сияҳчашму ҷавонсол
Саросар сурхмӯю зардхалхол,
Ҳазор аспи мурассаъ гӯш то дум
Ҳама зарринситому оҳанинсум,

Ҳазор астар ситорачашму шабранг,
Ки даврон буд бо рафторашон ланг.
Ҳазорон лӯъбатони норпистон
Ба рух ҳар як чароғи бутпарастон.
Ҳазорон моҳрӯёни қасабпӯш,
Ҳама дур дар кулоҳу ҳалқа дар гӯш.
Зи сандуқу хазина чанд харвор
Ҳама оганда аз лӯълӯи шаҳвор.
Зи мафшарҳо, ки пурдебову зар буд,
Зи сад бигзар, ки понсад бештар буд.
Ҳама пурзарру дебоҳои чинӣ,
К-аз он сон дар ҷаҳон акнун набинӣ.
Чу товусони заррин даҳ иморӣ,
Ба ҳар товус-дар кабке баҳорӣ.
Яке маҳде ба зар таркиб карда,
Зи баҳри хоси ӯ тартиб карда,
Зи ҳадди Бестун то тоқи Гарро,
Ҷанибатҳо равон бо тавқу ҳарро.
Заминро арзи найза танг дода,
Ҳаворо мавҷи байрақ ранг дода.
Ҳама раҳ мавкиби хубони чун шаҳд,
Иморӣ дар иморӣ, маҳд дар маҳд.
Шакаррезон арӯсон бар сари роҳ,
Қасабҳои шакаргун баста бар моҳ.
Паричеҳра бутони шӯхи дилбанд,
Зи холу лаб сиришта мушк бо қанд.
Ба гирди фарқ ҳар сарви баланде
Ироқивор баста фарқбанде.
Ба пушти зин бар асбони равона,
Зи гесӯ карда мушкин тозиёна.
Ба гесӯ дарниҳода луълуи зар,
Зада бар лӯълӯи зар луълуи тар.
Бад-ин равнақ, бад-ин оин, бад-ин нур
Чунин ороише, з-ӯ чашми бад дур!
Якояк дар нишоту ноз рафтанд,
Ба истиқболи Ширин бозрафтанд.
Ба ҷои фундуқ афшон буд бар сар
Дурафшон ҳар дуре чун фундуқи тар.
Ба ҷои парраи гул, нофаи мушк
Мурассаъ луълуи тар бо зару хушк.

Ҳама роҳ ганҷрезу гавҳарандоз,
Биёварданд Ширинро ба сад ноз.
Чу омад маҳди Ширин дар Мадоин,
Ғанӣ шуд домани хок аз хазоин.
Ба ҳар гоме, ки шуд чун навбаҳоре,
Шаҳаншаҳ рехт дар пояш нисоре.
Чунон к-аз бас дирамрезони шоҳӣ
Дирам рӯяд ҳанӯз аз пушти моҳӣ.
Фуруд омад ба давлатгоҳи Ҷамшед
Чу дар бурҷи ҳамал тобанда хуршед.
Малик фармуд хондан мӯбадонро,
Ҳамон корогаҳону бихрадонро.
Зи Ширин қиссае бар анҷуман ронд,
Ки ҳар кас ҷони ширин бар вай афшонд,
Ки Ширин шуд маро ҳам ҷуфту ҳам ёр,
Ба ҳар меҳраш, ки бинвозам, сазовор.
Зи ман покаст бо ин меҳрбонӣ,
Кӣ донад кард аз ин сон зиндагонӣ?!
Гар ӯро ҷуфт созам, ҷои он ҳаст,
Бад-ӯ гардан фарозам, рои он ҳаст.
Май он беҳтар, ки бо гул ҷом гирад,
Ки ҳар мурғе ба ҷуфт ором гирад.
Чу бар гардан набошад говро ҷуфт,
Ба говоҳан кӣ донад хокро суфт?!
Ҳама гард аз ҷабинҳо баргирифтанд,
Бар он шуғл офаринҳо баргирифтанд.
Гирифт он гоҳ Хусрав дасти Ширин,
Бари худ хонд мӯбадро, ки биншин.
Суханро нақш бар оини ӯ баст,
Ба расми мӯбадон ковини ӯ баст.
Чу маҳдашро ба маҷлис хосагӣ дод,
Даруни пардаи хосаш фиристод.

## ЗИФОФИ ХУСРАВУ ШИРИН

Саодат чун гуле парвард хоҳад,
Ба бор ояд, пас он гаҳ мард хоҳад.
Нахуст иқбол бардӯзад кулоҳе,
Пас он гоҳе ниҳад бар фарқи шоҳе.
Зи дарё дур барорад марди ғаввос,
Ба кам муддат шавад бар тоҷҳо хос.

Чу Ширин гашт ширинтар зи ҷуллоб,
Сало дардод Хусравро, ки дарёб:
Бихур, к-ин ҷоми ширин нӯш бодат,
Ба ҷуз Ширин ҳама фармӯш бодат!
Ба хилват бо забони некноме
Фиристодаш ба ҳушёрӣ паёме,
Ки ҷоми бода дарбоқӣ кун имшаб,
Маро ҳам бода, ҳам соқӣ кун имшаб.
Машав ширинпараст, ар майпарастӣ,
Ки натвон кард бо як дил ду мастӣ.
Чу мастӣ мардро бар сар занад дуд,
Кабобаш хоҳ тар, хоҳӣ намаксуд.
Дигар чун бар муродаш даст бошад,
Бигӯяд, маст будам, маст бошад.
Агар болои сад бикрӣ барад маст,
Ба ҳушёрии ҳушёрон кашад даст.
Басо масто, ки қуфли хеш бикшод,
Ба ҳушёрӣ зи дуздон кард фарёд.
Хуш омад ин сухан шоҳи Аҷамро,
Бигуфто:– «Ҳаст фармон он санамро».
Валекин буд рӯзи бода х(в)ардан,
Ҷигархорӣ намешоист кардан.
Навои Борбад лаҳни Накисо,
Ҷабини Зуҳраро карда заминсо.
Гаҳе гуфтӣ ба соқӣ нағмаи руд,
Бидеҳ ҷоме, ки бод ин айш бадруд!
Гаҳе бо Борбад гуфтӣ, май аз ҷом
Бизан, к-имсол некат бод фарҷом!
Малик бар ёди Ширин талхбода
Лаболаб кардаву бар лаб ниҳода.
Ба шодӣ ҳар замон мехӯрд косе,
Бад-ин сон то зи шаб бигзашт посе.
Чу омад вақти он, к-осудаву шод
Шавад сӯи арӯси хеш домод,
Чунон буд маст, к-аш беҳуш бурданд,
Ба ҷои ғошияш бар дӯш бурданд.
Чу Ширин дар шабистон огаҳӣ ёфт,
Ки мастӣ шоҳро аз худ тиҳӣ ёфт,
Ба ширинӣ ҷамол аз шоҳ бинҳуфт,
Ниҳодаш ҷуфтаи ширинтар аз ҷуфт.

Зарифӣ карду берун аз зарифӣ,
Нашояд кард бо мастон ҳарифӣ.
Аҷузе буд модархонда ӯро,
Зи насли модарон вомонда ӯро.
Чӣ гӯям, рост чун гурге ба тақдир
На чун гурги ҷавон, чун рӯбаҳи пир.
Ду пистон чун ду хики обрафта,
Зи зону зӯру аз тан тоб рафта.
Тане чун харкамон аз кӯжпуштӣ,
Бару пуште чу кемухт аз дуруштӣ.
Ду рух чун ҷавзи ҳиндӣ реша-реша.
Чу ҳанзал ҳар яке заҳре ба шиша.
Даҳону лафҷанаш аз шох-шохӣ.
Ба гӯре танг мемонд аз фарохӣ.
Шиканҷи абруяш бар лаб фитода,
Даҳонашро шиканҷа барниҳода.
На бинӣ, хиргаҳе бар рӯй баста,
На дандон, як-ду зарнихи шикаста.
Мижа резида, чашм ошуфта монда,
Зи хӯрдан дасту дандон суфта монда.
Ба амдо зеваре барбасташ он моҳ,
Арӯсона фиристодаш бари шоҳ.
Бад-он то мастияшро озмояд,
Ки маҳро з-абр фарқе менамояд.
Зи тарфи парда омад пир берун,
Чу море, к-ояд аз нахчир берун.
Гаронҷоне, ки гуфтӣ ҷон набудаш,
Бадандоне, ки як дандон набудаш.
Шаҳ аз мастӣ дар он соат чунон буд,
Ки дар чашм осмонаш ресмон буд.
Валек он моя будаш ҳушёрӣ,
Ки хуштар з-ин равад кабки баҳорӣ.
Камони абрувонро зеҳ барафканд,
Бад-он дил, к-оҳуи фарбеҳ дарафканд.
Чу сайд афканда шуд, коҳе наярзид
В-аз он сад гург рӯбоҳе наярзид.
Калоғе дид бар ҷои ҳумое
Шуда дар маҳди моҳе аждаҳое.
Ба дил гуфт: - Ин чӣ аждарҳопарастист,
Хаёли хоб ё савдои мастист?

На бас Ширин шуд ин талхи дутопушт,
Чӣ Ширин, к-аз турушрӯӣ маро кушт,
Вале чун ғӯли мастӣ раҳзанаш буд,
Гумон афтод, к-он модар занаш буд.
Даровард аз сари мастӣ бад-ӯ даст,
Фитод он ҷому шиша, ҳар ду бишкаст.
Ба сад ҷаҳду бало бардошт овоз,
Ки мурдам, ҷони модар, чорае соз».
Чу Ширин бонги модархонда бишнид,
Ба фарёдаш расидан маслиҳат дид.
Бурун омад зи тарфи ҳафт парда
Ба ном эзад рухе ҳарҳафт карда.
Чӣ гӯям чун шакар, шаккар кадом аст?
Табарзад не, ки ӯ низаш ғулом аст.
Чу сарве, гар бувад дар доманаш нӯш,
Чу моҳе, гар бувад моҳе қасабпӯш.
Маҳе, хуршед бо хубӣ-ш дарвеш,
Гуле аз сад баҳори мамлакат беш.
Буте, к-омад парастидан ҳалолаш,
Биҳиште накди бозори ҷамолаш.
Биҳиштӣ шарбате аз ҷон сиришта,
Вале номи тамаъ бар ях навишта.
Ҷаҳонафрӯз дилбанде, чӣ дилбанд,
Ба хирманҳо гулу хирворҳо қанд!
Баҳоре тоза чун гул бар дарахтон,
Сазовори канори некбахтон.
Хиҷилрӯӣ зи рӯяш Муштариро,
Чунон, к-аз рафтанаш кабки дариро.
Ақиқи мимшаклаш санг дар мушт,
Ки то бар ҳарфи ӯ кас нанҳад ангушт.
Насимаш дар баҳо ҳамсанги ҷон буд,
Тарозудории зулфаш бад-он буд.
Зи холаш чашми бад дар хоб рафта,
Чу дида нақши ӯ, аз тоб рафта.
Зи курсидории он мушкҷавсанг
Тарозу гоҳ ҷав мезад, гаҳе санг.
Лабу дандоне аз ишқ офарида,
Лабаш дандону дандон лаб надида.
Рух аз боғи сабукрӯҳӣ насиме,
Даҳон аз нуқтаи мавҳум миме.

Кашида гирди маҳ мушкин каманде,
Чароғе баста бар дуди сипанде.
Ба нози қалби Туркистон дарида,
Ба бӯса дахли Хузистон харида,
Рухе чун тозагулҳои диловез,
Гулоб аз шарми он гулҳо арақрез.
Сапеду нарм чун қоқум бару пушт,
Кашида чун думи қоқум даҳ ангушт.
Тане чун шир бо шаккар сиришта,
Табошираш баробар шир ҳишта.
Зи тарри̅ хост андомаш чакидан,
Зи бози̅ зулфаш аз дасташ паридан.
Кушода тоқи абрӯ то буногӯш,
Кашида тавқи ғабғаб то сари дӯш.
Карашмагардане бар дил инонзан,
Хуморолуда чашме корвонзан.
Зи хотирҳо чу бода гард мебурд,
Зи дилҳо чун муфарриҳ дард мебурд.
Гулу шаккар, кадомин гул? Чи̅ шаккар?
Ба ӯ мемонду бас, Аллоҳу акбар!
Малик чун ҷилваи дилхоҳи нав дид,
Ту гуфти̅ девдида моҳи нав дид,
Чу девона зи моҳи нав барошуфт,
Дар он мастию он ошуфтаги̅ хуфт.
Саҳаргаҳ чун ба одат гашт бедор,
Фитодаш чашм бар хурмои бехор.
Арӯсе дид зебо, ҷон дар ӯ баст,
Танӯре гарм, ҳоли̅ нон дар ӯ баст.
Набизи талх гашта созгораш,
Шикаста бӯсаи Ширин хумораш.
Ниҳода бар даҳонаш соғари мул,
Шукуфта дар канораш хирмани гул.
Ду мушкин тавқ дар ҳалқаш фитода,
Ду симин нор бар себаш ниҳода.
Бунафша бо шақоиқ дар муноҷот,
Шакар мегуфт:– «Фи̅ таъхир офот!»
Чу абр аз пеши рӯи моҳ бархост,
Шикеби шоҳ низ аз роҳ бархост.
Хирад бо рӯи хубон ношикеб аст,
Шароби чиниён Монифиреб аст.

Ба Хузистон даромад хоҷа сармаст,
Табарзад мерабуду қанд мехаст.
На хуштар з-он сабӯҳӣ дида дида,
На субҳе з-он мубороктар дамида.
Сари аввал ба гулчидан даромад,
Чу гул з-он рух ба хандидан даромад.
Пас он гаҳ ишқро овоза дардод,
Салои меваҳои тоза дардод.
Гаҳ аз себу суман буд нуқлсозиш,
Гаҳе бо нору наргис рафт бозиш.
Гаҳе бози сапед аз дасти шаҳ ҷаст,
Тазарви боғро бар сина бишкаст.
Гаҳе аз бас нишотангез парвоз
Кабӯтар чира шуд бар синаи боз.
Гавазни мода мекӯшид бо шер,
Бар ӯ ҳам шери нар шуд оқибат чир.
Шигарфӣ карду то хозин хабар дошт,
Ба ёқут аз ақиқаш мӯҳр бардошт.
Бурун бурд аз дили пурдарди ӯ дард,
Баровард аз гули бегарди ӯ гард.
Ҳисоре ёфт симин, қуфл бар дар,
Чу оби зиндагонӣ мӯҳр бар сар.
На бонги пои мазлумон шунида,
На дасти золимон бар вай расида.
Хаданги ғунча бо пайкон шуда ҷуфт,
Ба пайкон лаъли пайконӣ ҳамесуфт.
Магар шаҳ Хизр буду шаб сиёҳӣ,
Ки дар оби ҳаёт афканд моҳӣ.
Чу тахти пили шаҳ шуд тахтаи оҷ,
Ҳисоби ишқ раст аз тахту аз тоҷ.
Ба зарби дӯстӣ бар даст мезад,
Дабирона яке дар шаст мезад.
Нагӯям, бар нишона тир мешуд,
Рутаб бе устухон дар шир мешуд.
Шуда чанбар миёне бар миёне,
Расида з-он миён ҷоне ба ҷоне.
Чакида оби гул дар симгун ҷом,
Шакар бигдохта дар мағзи бодом.
Садаф бар шохи марҷон махд баста,
Ба як ҷо обу оташ аҳд баста.

Зи рангомезии он оташу об
Шабистон гашта пуршангарфу симоб.
Шабонрӯзӣ ба тарки хоб гуфтанд,
Ба марворидҳо ёқут суфтанд.
Шабонрӯзи дигар хуфтанд мадҳуш,
Бунафша дар бару наргис дар оғӯш.
Ба як ҷо ҳар ду чун товус хуфта,
Ки алҳақ хуш бувад товус хуфта!
Зи нӯшин хоб чун сар баргирифтанд,
Худоро офарин аз сар гирифтанд.
Ба об андомро таъдиб карданд,
Ниёишхонаро тартиб карданд.
Зи дасти хастагони пардаи шоҳ
Нашуд ранги арӯсӣ то ба як моҳ.
Ҳумайлову Сумантурку Ҳумоюн
Зи ҳинно дастҳоро карда гулгун.
Малик рӯзе ба хилватгоҳ биншаст,
Нишонд он лӯъбатонро низ бар даст.
Ба расм ороише дархурдашон кард,
Зи гавҳар сурху аз зар зардашон кард.
Ҳумоюнро ба Шопури гузин дод,
Табарзад хурду ёдаш ангубин дод.
Ҳумайлоро Накисо ёр шуд рост,
Сумантурк аз барои Борбад хост.
Хутанхотун зи рӯи ҳикмату панд
Бузургуммедро фармуд пайванд.
Пас он гаҳ дод бо ташрифу маншур
Ҳама мулки Меҳинбону ба Шопур.
Чу омад давлати Шопур дар кор,
Дар он давлат иморат кард бисёр.
Дизи Акно, ки саҳнаш нур дорад,
Бино, гӯянд, к-аз Шопур дорад.
Аз он пас кори Хусрав хуррамӣ буд,
Зи давлат бар муродаш ҳамдамӣ буд.
Ҷавонию мурод у подшоҳӣ,
Аз ин беҳ, гар ба ҳам бошад, чӣ хоҳӣ?!
Набудӣ рӯзу шаб бебодаву руд
Ҷаҳонро хӯрду боқӣ кард падруд.
Ҷаҳонхӯрдан гузин, к-ин хушгувор аст,
Ғами кори ҷаҳон хӯрдан, чӣ кор аст?

Ба хуштабъӣ ҷаҳон медоду меҳ(в)ард,
Қазои айши чандинсола мекард.
Пас аз якчанд чун бедордил гашт,
Аз он густохрӯиҳо хиҷил гашт.
Чу мӯяш дидабон бар ораз афканд,
Ҷавониро зи дида мӯй барканд.
Зи ҳастӣ то адам мӯе умедаст,
Магар, к-он мӯй худ мӯи сапедаст.
Чу дар мӯи сиёҳ омад сапедӣ,
Падид омад нишони ноумедӣ.
Бунафша зулфро чандон диҳад тоб,
Ки бошад ёсуманро дида дар хоб.
Зи шаб чандон тавон дидан сиёҳӣ,
Ки барн-ояд фурӯғи субҳгоҳӣ.
Ҳавои боғ чандоне бувад гарм,
Ки сабзиро сапедӣ дорад озарм.
Чу бар сабза фишонад барф кофур,
Ба боди сард бошад боғ маъзур.
Саги тозӣ, ки оҳугир гардад,
Бигирад оҳуяш чун пир гардад.
Камони турк чун дур афтад аз тир,
Дафе бошад куҳан бо мутрибе пир.
Чу гандумро сапедӣ дод рангаш,
Шавад талх, ар бувад соле дирангаш.
Чу козуршӯй гардад ҷомаи хом,
Хурад микрозаи микроз ноком.
Бӯхори дег чун каф бар сар орад,
Ҳама матбах ба хокистар барорад.
Сиёҳи матбахиро гӯ, маяндеш,
Ки дорӣ осиёе низ дар пеш.
Агар дар матбахат ном аст анбар,
Шавӣ дар осиё кофурпайкар.
Бар он кас, к-осиё гарде нишонад,
Намонад гард, чун худро фишонад.
Касе, к-афтад бар ӯ з-ин осиё гард,
Ба сад дарё нашояд ғусли ӯ кард.
Ҷавонӣ чист? Савдоест дар сар,
В-аз он савдо таманное муяссар.
Чу пирӣ бар вилоят гашт волӣ,
Бурун кард аз сар он савдо ба соле.

Ҷавоне гуфт пиреро:– «Чӣ тадбир,
Ки ёр аз ман гурезад, чун шавам пир?»
Ҷавобаш дод пири нағзгуфтор,
Ки дар пирӣ ту худ бигрезӣ аз ёр.
Бар он сар, к-осмон симоб резад,
Чу симоб аз бути симин гурезад.
Сияҳмӯӣ ҷавонро ғам зудояд,
Ки дар чашми сиёҳон ғам наёяд.
Ғам аз зангӣ бигардонад аламро,
Надонад ҳеҷ зангӣ номи ғамро.
Сиёҳӣ тӯтиёи чашм аз он аст,
Ки фарроши раҳи Ҳиндустон аст.
Махусб, эй сар, ки пирӣ дар сар омад,
Сипоҳи субҳгоҳ аз дар даромад.
Зи пунба шуд буногӯшат кафанпӯш,
Ҳанӯз ин пунба берун н-орӣ аз гӯш.
Чу Хусрав дар бунафша ёсуман ёфт,
Зи пирӣ дар ҷавонӣ яъси ман ёфт.
Агарчи некаҳдӣ пеша мекард,
Ҷаҳон бадаҳд буд, андеша мекард.
Гаҳе дар тахти заррин нард мебохт,
Гаҳе Шабдизро чун бахт метохт.
Гаҳе мекард шаҳди Борбад нӯш,
Гаҳе мегашт бо Ширин ҳамоғӯш.
Чу тахту Борбад,Ширину Шабдез
Бишуд ҳар чор нузҳатгоҳи Парвез,
Аз он хоби гузашта ёдаш омад,
Харобӣ дар дили ободаш омад!
Чу медонист, к-аз хокию обӣ,
Ҳар он ч-обод шуд, гирад харобӣ.
Маҳи нав то ба бадрӣ нур гирад,
Чу дар бадрӣ расад, нуқсон пазирад.
Дарахти мева то хом аст, хезад,
Чу гардад пухта, ҳолӣ бар бирезад.

## АНДАРЗИ ШИРИН ХУСРАВРО ДАР ДОДУ ДОНИШ

Ба нузҳат буд рӯзе бо дилафрӯз,
Сухан дар доду дониш мешуд он рӯз.
Замин бӯсид Ширин, к-эй Худованд,
Зи ромиш сӯи дониш кӯш якчанд.

Басе кӯшидаӣ дар комронӣ,
Басе дигар ба коми дил биронӣ.
Ҷаҳонро кардаӣ аз неъмат обод,
Харобаш чун тавон кардан ба бедод?!
Чу он гове, ки аз вай шир хезад,
Лагад дар шир гирад, то бирезад.
Ҳазар кун, з-он ки ногоҳ дар камине
Дуои бад кунад хилватнишине.
Зане пир аз нафасҳои ҷавона
Занад тире саҳаргаҳ бар нишона.
Надорад судат он гаҳ бонгу фарёд,
Ки нафрин дода бошад мулк бар бод.
Басо, оина, к-андар дасти шоҳон
Сияҳ гашт аз нафири додхоҳон.
Чу давлат рӯй баргардонад аз роҳ,
Ҳама коре на бар мавқеъ кунад шоҳ.
Чу барги боғ гирад нотавонӣ,
Хабар пешин барад боди хазонӣ.
Чу дур аз ҳозирон мирад чароғе,
Кашандаш пеш аз он дар дида доғе.
Чу селе рехтан хоҳад ба анбӯҳ,
Буғуррад кӯҳаи абр аз сари кӯҳ.
Тагарге, к-ӯ занад гашниз бар хок,
Расад худ бӯи гашнизаш бар афлок.
Дарахте, к-аввал аз пайванд каж хост,
Нашояд ҷуз ба оташ карданаш рост.
Ҷаҳонсӯзӣ бад асту ҷаврсозӣ,
Туро беҳ, гар раиятро навозӣ.
Аз он тарсам, ки гардад ин масал рост,
Ки он шаҳ гуфт, к-ӯро кас намехост:
Куҳандавлат чу бошад дерпайванд,
Раиятро набошад ҳеҷ дар банд.
Зи мисли худ ҷаҳонро тоқ бинад,
Ҷаҳон худро ба истеҳқоқ бинад.
Зи мағрурӣ, ки дар сар ноз гирад,
Муроот аз раият боз гирад.
Навиқболе барорад даст ногоҳ,
Кунад дасти дароз аз халқ кӯтоҳ.
Халоикро чу некӯхоҳ гардад,
Ба иҷмоъи халоиқ шоҳ гардад.

Хирадмандию шоҳӣ ҳар ду дорӣ,
Сапедию сиёҳӣ ҳар ду дорӣ.
Наҷоти охиратро чорагар бош,
Дар ин манзил зи рафтан бохабар бош.
Касе, к-ӯ симу зар таркиб созад,
Қиёматро куҷо тартиб созад?!
Бибин, дур аз ту шоҳоне ки мурданд,
Зи молу мулку шоҳӣ ҳеҷ бурданд?
Бимонӣ, мол бадхоҳи ту бошад,
Бибахшӣ, шаҳнаи роҳи ту бошад.
Фурӯ хон қиссаи Дорову Ҷамшед,
Ки бо ҳар як чӣ бозӣ кард хуршед!
Дар ин нӯҳ парда оҳанг ончунон соз,
Ки донӣ пардаи пӯшидаро роз.

## СУОЛУ ҶАВОБИ ХУСРАВ БО БУЗУРГУМЕД

Чу Хусрав дид, к-он ёри гиромӣ
Зи дониш хоҳад ӯро некномӣ,
Бузургуммедро наздики худ хонд,
Ба уммеди бузургӣ-ш пеш биншонд,
Ки эй аз ту бузург уммеди мардон,
Маро аз худ бузургуммед гардон.

### Аввалин ҷунбиш

Хабар деҳ, к-аввалин ҷунбиш чӣ чиз аст,
Ки ин дониш бари доно азиз аст.
Ҷавобаш дод:– «Мо деҳрондагонем
В-аз аввал парда берунмондагонем.
Зи вопасмондагон н-ояд дуруст ин,
Нахустинро надонад ҷуз нахустин».

### Чигунагии фалак

Дигарбора бипурсидаш ҷаҳондор,
Ки дорам з-ин қиёс андеша бисёр.
Нахустам дар дил ояд, к-ин фалак чист?
Дарунаш ҷонвар, беруни ӯ кист?
Ҷавобаш дод марди нуктапардоз,
Ки нукта то бад-ин дурӣ маяндоз.

Ҳисоберо, к-аз ин гунбад бурун аст,
Ҷуз Эзид кас намедонад, ки чун аст,
Ҳар он-ч омад-шудӣ ин кӯй дорад,
Дар ӯ рӯи овариҷан рӯй дорад,
В-аз он сурат, ки бо чашм ошно нест,
Ба густохӣ сухан рондан раво нест.
Баландоне, ки роз оҳиста гӯянд,
Суханҳои фалак сарбаста гӯянд.
Фалак бар одамӣ дар баста дорад,
Чу турфа, к-ӯ сухан сарбаста дорад.

### Аҷроми кавокиб

Дигар раҳ гуфт, к-аҷроми кавокиб
Надонам, бар чӣ маркубанд рокиб?
Шунидастам, ки ҳар кавкаб ҷаҳонест,
Ҷудогона замину осмонест.
Ҷавобаш дод, к-ин мо ҳам шунидем,
Дурустиро бад-он қоим надидем.
Чу воҷустем аз он сурат, ки ҳол аст,
Расад бинмуд, к-ин маънӣ муҳол аст».

### Мабдаъу маъод

Дигар раҳ гуфт:– «Мо ин ҷо чароем?
Куҷо хоҳем рафтан в-аз куҷоем?»
Ҷавобаш доду гуфт:– «Аз парда ин роз
Нагардад кашф, ҳам бо парда месоз,
Ки раҳ дур аст аз ин манзил, ки моем,
Надида роҳ, манзил чун намоем?
Чу з-ин раҳбастагон ёбӣ раҳоӣ,
Бидонӣ худ, ки чунӣ в-аз куҷоӣ».

### Гузаштан аз ҷаҳон

Дигар раҳ гуфт, к-эй дарёи дурбор,
Чу дур софию чун дарё аҷабкор,
Аҷаб дорам зи ёроне, ки хуфтанд,
Ки хоби дидаро бо кас нагуфтанд.
Ҳама гуфтанд:– «Чун мо дар замин ой»,
Нагӯяд кас:– «Чунин рафтам, чунин ой».

Ҷавобаш дод донои ниҳонӣ,
Ки нақди ин ҷаҳон аст онҷаҳонӣ.
Нагунҷад он тараннум андар ин соз,
Мухолиф бошад, ар бардорӣ овоз.
Нафас дар оташ орӣ, дам бигирад
В-агар оташ дар об орӣ, бимирад.

**Дар бақои ҷон**

Дигарбора шаҳи бедорбахташ,
Суволе зиракона кард сахташ.
Ки гар ҷонро ҷаҳон чун колбад х(в)ард,
Чаро бо мо кунад дар хоб новард?
В-агар ҷон монду аз қолиб ҷудо шуд,
Бигӯ, то ҷони чандин кас куҷо шуд?
Ҷавобаш дод, к-ин муҳкам сувол аст,
Вале ҷон бе ҷасад дидан муҳол аст.
На аз ҷон беҷасад пурсид шояд,
На бепаргор ҷунбиш дид шояд.
Чу аз паргор тан бекор гардад,
Фалакро ҷунбиши паргор гардад.

**Дар чигунагии дидори колбад дар хоб**

Дигар раҳ гуфт:– «Агар ҷон ҳаст ҳосил,
Ба нақши колбадҳо ҳаст ботил,
Чу мебинам, ба хоб ин нақшҳо чист?
Нигаҳдорандаи ин нақшҳо кист?
Ҷавобаш дод, к-аз чандин шаҳодат
Хаёли мурдаро бо туст одат.
Чу гардад хобро фикрат харидор,
Дар ин одат шавад ҷонҳо падидор.

**Дар ёд кардани давраи зиндагӣ пас аз марг**

Дигар раҳ гуфт:– «Баъд аз зиндагонӣ
Ба ёд орам ҳадиси инҷаҳонӣ?»
Ҷавобаш дод пири донишомӯз,
Ки эй равшанчароғи оламафрӯз,

Ту он нурӣ, ки пеш аз сӯҳбати хок
Вилоят доштӣ бар боми афлок.
Зи ту гар бозпурсанд он нишонҳо,
Наёрӣ ҳеҷ ҳарфе ёд аз онҳо.
Чу рӯзе бигзарӣ з-ин меҳнатобод,
Аз он тарсам, к-аз ин ҳам н-оварӣ ёд.
Касе, к-ӯ ёд н-орад қиссаи дӯш,
Тавонад кардан имшабро фаромӯш.

### Чигунагии замин ва ҳаво

Дигар раҳ гуфт, к-аз ҳаври фалакхез
Заминро бо ҳаво шарҳе барангез.
Ҷавобаш дод:– «Беҳ, к-аз панд пурсӣ,
Заминею ҳавое чанд пурсӣ?
Ҳаво бодест, к-аз боде биларзад,
Замин хокест, к-ӯ хоке наярзад.
Ҷаҳонро аввалин батне замӣ буд,
Заминро охирин батн одамӣ буд».

### Дар поси тандурустӣ аз роҳи эътидол

Дигарбора бигуфташ , к-эй хирадманд,
Табибона даромӯзам яке панд.
Ҷавобаш дод, к-эй борикбиниш,
Ҷаҳони ҷону ҷони офариниш.
Табибӣ дар яке нукта ниҳуфтаст,
Худо он нуктаро бо халқ гуфтаст.
Биёшому бихур хӯрде, ки хоҳӣ,
Каму бисёр на, к-орад табоҳӣ.
Зи бисёру зи кам бигзар, ки хом аст,
Нигаҳ дор эътидол, инат тамом аст.
Ду зирак, хондаам, к-андар диёре
Расиданд аз қазо бар чашмасоре,
Яке кам хӯрд, к-ин ҷон мегазояд,
Яке пур хӯрд, к-ин ҷон мефазояд.
Чу бар ҳадди адолат раҳ набурданд,
Зи маҳрумию серӣ ҳар ду мурданд.

### Чигунагии рафтани ҷон аз ҷисм

Дигар раҳ боз пурсидаш, ки ҷонҳо
Чӣ гуна барпаранд аз ошёнҳо?
Ҷавобаш дод, к-аз роҳи надида
Нашояд гуфтан илло аз шунида.
Шунидам, чор мӯъбад буд ҳушёр
Мусалсал гашта бо ҳам ҷони ҳар чор.
Дар ин мушкил фурӯ монданд якчанд,
Ки аз тан чун равад ҷони хирадманд.

### Тамсили мӯбади аввал

Яке гуфто:– «Бад-он монад, ки дар хоб
Дарандозад касе худро ба ғарқоб.
Басе кӯшад, ки берун оварад рахт,
Надорад судаш аз кӯшидани сахт.
Чу аз хоб андарояд тобдида
Ҳаросе бошад андар хоби дида».

### Тамсили мӯъбади дувум

Дувум мӯбад ба қасре кард монанд,
Ки бар гардун кашад гетихудованд.
Аз ӯ шахсе фурӯ афтад гаронсанг,
Зи бими ҷон занад дар кунгура чанг.
Зи мондан дасту бозу реш гардад.
В-аз афтодан мазаррат беш гардад.
Шиканҷа гарчи панҷа-шро кунад суст,
Кунад сарпанҷаро дар кунгура чуст.
Ҳам охир кор, к-ӯ бетоб гардад,
Ҳам ӯ, ҳам кунгура партоб гардад.

### Тамсили мӯбади севум

Севум мӯбад чунон зад достоне,
Ки бо гурге гала ронад шубоне.
Рабояд гӯсфанде гурги хунхор,
Даровезад шубон бо ӯ ба пайкор.
Кашад гург аз яке сӯ, то тавонад,
Зи дигар сӯ шубон, то вораҳонад.

Чу гург афзун бувад дар чорасозӣ,
Шубонро кард бояд хирқабозӣ.

### Тамсили мӯбади чаҳорум

Чаҳорум марди мӯъбад гуфт, к-ин роз
Ба шахсе монад андар ҳаҷлаи ноз.
Арӯсе дар канораш хуб чун моҳ,
Бад-ӯ дарёфта девонагӣ роҳ.
На битвон хотир аз хубиш пардохт,
На аз девонагӣ бо вай тавон сохт.
Ҳам охир чун шавад девонагӣ чир,
Гурезад мард аз ӯ чун оҳу аз шер».
Дар ин андеша лахте қисса ронданд,
Варақ нодида ҳарфе чанд хонданд.
Чу мемурданд, мегуфтанд «Ҳайҳот»,
К-аз ин бозича дур афтод шаҳмот.
Зи мурдан ҳар касе афсона ронад,
Намурда, рози мурда кас надонад.
Магар пайғамбарон, к-он ҷо аминанд,
Ба номаҳрам нагӯянд, он чи бинанд.

### Дар нубуввати Пайғамбари Акрам

Сухан чун шуд ба маъсумон ҳаволат,
Малик пурсидаш аз тоҷи рисолат,
Ки шахсе дар Араб даъвӣ кунад, кист?
Ба нисбат дини ӯ бо дини мо чист?
Ҷавобаш дод, к-он ҳарфи илоҳӣ
Бурун аст аз сапедию сиёҳӣ.
Ба гунбад-дар кунанд ин қавм новард,
Бурун аз гунбад аст овози он мард.
На з-анҷум гӯяду н-аз чархи аълош,
Ки нақшанд ин ду, ӯ шогирди наққош.
Кунад болои ин нӯҳ парда парвоз,
Наям з-он парда, чун гӯям аз ин роз?
Макун бозӣ, шаҳо, бо дини тозӣ,
Ки дин ҳаққасту бо ҳақ нест бозӣ.
Биҷӯшид аз наҳиб андоми Парвез
Чу андоми кабоб аз оташи тез.

Вале чун бахти пирӯзӣ набудаш,
Салои Аҳмадӣ рӯзӣ набудаш.
Чу Ширин дид, к-он дерина устод
Дари ганҷи сухан бар шоҳ бикшод,
Сано гуфташ, ки эй пири ягона
Надида чун тӯе чашми замона,
Чу бар Хусрав кушодӣ ганҷи конӣ,
Насибе деҳ маро низ, ар тавонӣ.
Калидӣ кун, на занҷирӣ дар ин банд,
Фурӯ хон аз «Калила» нуктае чанд.

## ГУФТАНИ БУЗУРГУМЕД ЧИҲИЛ ҚИССА АЗ «КАЛИЛАВУ ДИМНА» БО ЧИҲИЛ НУКТА

Бузургуммед чун гулбарг бишкуфт,
Чиҳил қисса ба чил нукта фурӯ гуфт.
Нахустин гуфт, к-аз худ барҳазар бош,
Чу гови Шанзаба з-он шери ҷаммош.
Ҳаво бишкан, к-аз ӯ ёрӣ наёяд,
Ки аз бӯзина наҷҷорӣ наёяд.
Ба талбис он тавонӣ хӯрд аз ин роҳ,
К-аз он табли дарида хӯрд рӯбоҳ.
Макун, то дар ғамат н-ояд дарозӣ,
Чу зоҳид мумсикӣ дар хирқабозӣ.
Махур дар хонаи кас ҳеҷ зинҳор,
Ки бо ту он кунад, к-он зоғ бо мор.
Ҳамон подош бинӣ вақти найранг,
Ки моҳихор дид аз чанги харчанг.
Рибохорӣ макун, ин панд бинюш,
Ки бо шери рибохур кард харгӯш.
Ба худкуштан тавон з-ин хокдон раст,
Чунон к-он пирмоҳӣ з-офати шаст.
Шағолу гургу зоғ ин соз карданд,
Ки аз шахси шутур сар боз карданд.
Ба чора кин тавон ҷустан зи аъдо,
Чунон, к-он титавӣ аз мавҷи дарё.
Басо сар, к-аз забон зери замин рафт,
Кашафро бо батон фасле чунин рафт.
Зи ноаҳлон ҳамон бинӣ дар ин банд,
Ки дид он содамурғ аз каппие чанд.

Ба ҳилат моли мардум хӯрд натвон
Чу бозургони доно моли нодон.
Чу бар доно кушодӣ ҳиларо дар,
Чу ғуки моркуш дар сар кунӣ сар.
Ҳиял бигзору машнав аз ҳиялсоз,
Ки муш оҳан хурад, кӯдак барад боз.
Чу нақши ҳила бар чодар нишонӣ.
Бад-он наққоши чодарсӯз монӣ.
Зи доно тан саломатбахр гардад,
Илоҷ аз дасти нодон захр гардад.
Ба доноӣ тавон растан зи айём,
Чу он мурғи нигорин раст аз он дом.
Макун шӯхӣ, вафодорӣ даромӯз
Зи муши домдар, зоғи даҳандӯз.
Мабар як ҷав зи кишти кас ба бедод,
Ки муш аз зоҳид ар ҷав бурд, зар дод.
Машав мағрур чун гурги камонгир,
Ки бар дил чарх ногаҳ мезанад тир.
Раҳо кун ҳирс, к-ин ҳаммоли маҳрум
Насозад бо хирад чун зоғ бо бум.
Мабин аз хурдабинӣ хасмро хурд,
Зи пилон бин, ки харгӯш об чун бурд.
Зи ҳирсу зарқ бояд рӯй бартофт,
Зи рӯза гурба рӯзӣ, бин, ки чун ёфт.
Касе, к-ин гурба бошад нақшбандаш,
Ниҳад доғи сагӣ бар гӯспандаш.
Зи фитна дар вафо кун рӯй дар рӯй,
Чунон, к-аз бими дузд он зан дар он шӯй.
Раҳӣ чун бошад аз хасмон-т новард
Чунон, к-аз деву дузд он порсо мард.
Чӣ бояд чашми дилро тахта бардӯхт
Чу наҷҷоре, ки лавҳ аз зан даромӯхт?
Агар бад нестӣ, бо бад машав ёр,
Чунон к-он муши насли одамихор.
Ба во гаштан тавонӣ з-ин тараф раст,
Ки каппӣ ҳам бад-ин фан з-он кашаф раст.
Чу ҳар ғофил набояд шуд дар ин роҳ,
К-аз ин ғафлат дили хар хӯрд рӯбоҳ.
Ҳисоби насяҳои каж маяндеш
Чу з-он ҳалвои накд он марди дарвеш,

Беҳ ар бар узри он зоҳид кунӣ пушт,
Ки росуи аминро бегунаҳ кушт.
Ба ҳушёрӣ раҳон худро аз ин ғор,
Чу муш он гурбаро аз доми тимор.
Бурун пар, то нафарсоӣ дар ин банд
Чу мурғи қуббаро з-ин қуббае чанд.
Ба сидқ эмин тавонӣ шуд зи шамшер
Чу он зоҳидшағол аз хашми он шер.
Ту некӣ кун,матарс аз хасми хунхор,
Ба некӣ бурд ҷон сайёд аз он мор.
Ба қадри мард шуд рӯзӣ ниҳода
Зи бозургонбача то шоҳзода.
Ба хунхорӣ макун чанголро тез,
К-аз ин бебачча гашт он шери хунрез [1]».
Чу баргуфт ин сухан пири сухансанҷ,
Дили Хусрав ҳисоре шуд бар ин ганҷ.
Пушаймон шуд зи бидъатҳои бедод,
Сарои адлро нав кард бунёд.

## ҲИКМАТ ВА АНДАРЗСАРОИИ ҲАКИМ НИЗОМӢ

Дило, аз равшанӣ шамъе барафрӯз,
Зи шамъ оташпарастидан биёмӯз.
Биёро хотир,ар оташпарастӣ,
Аз оташхонаи хотир нишастӣ.
Мани хокӣ, к-аз ин меҳроб ҳечам,
Чун ӯ садро ба ҳикмат гӯш печам.
Басе дорам сухан, к-он дил пазирад,
Чӣ гӯям, чун касам доман нагирад?
Манам дониста дар паргори олам,
Ба тасрифу ба наҳв асрори олам.
Ҳама зичи фалак ҷадвал ба ҷадвал
Ба устурлоби ҳикмат кардаам ҳал.
Кӣ пурсад аз ман асрори фалакро,
Ки маълумаш накардам як ба якро?
Зи сар то пои ин дерина гулшан
Кунам, гар гӯш дорӣ, бар ту равшан.
Аз он нуқта, ки хатташ мухталиф буд,
Нахустин ҷунбише, к-омад, алиф буд.

Бад-он хат чун дигар хат баст паргор,
Басите з-он дуӣ омад падидор.
Се хат чун кард бар марказ муҳите,
Ба ҷисм омода шуд шакли басите.
Хат аст он гаҳ басит, он гоҳ аҷсом,
Ки абъоди салисаш карда андом.
Тавон донист оламро ба ғоят
Бад-ин тартиб аз аввал то ниҳоят.
Чу бар ақл ин намуна гашт зоҳир,
Ба як так медавад з-аввал ба охир.
Худояст он, ки ҳад зоҳир надорад,
Вуҷудаш аввалу охир надорад.
Худобин шав,ки пеши аҳли биниш
Тунук бошад ҳиҷоби офариниш.
Бидон худро, ки аз роҳи маъонӣ
Худоро донӣ, ар худро бидонӣ.
Бад-ин наздикият оина дар пеш,
Фалак чӣ б-вад бад-он дурӣ, маяндеш.
Ту он нурӣ, ки чархат ташти шамъ аст,
Намудори ду олам дар ту ҷамъ аст.
Низомӣ, беш аз ин рози ниҳонӣ
Магӯ, то аз ҳикоят во намонӣ.

## СИФАТИ ШЕРӮЯ ВА АНҶОМИ КОРИ ХУСРАВ

Чу Хусрав тахтаи ҳикмат даромӯхт,
Ба озодӣ ҷаҳонро тахта бардӯхт.
Зи Марям буд як фарзанди хомаш,
Чу шерон абҳару Шерӯя номаш.
Шунидам ман, ки он фарзанди қаттол,
Дар он тифлӣ, ки будаш қурби нӯҳ сол,
Чу Ширинро арӯсӣ буд, мегуфт,
Ки Ширин кошкӣ будӣ маро ҷуфт.
Зи меҳраш бозгӯям ё зи кинаш,
Зи дониш ё зи давлат, ё зи динаш.
Сарои шоҳ аз ӯ пурдуд мебуд,
Бад-ӯ пайваста нохушнуд мебуд.
Бузургуммедро гуфт:– «Эй хирадманд,
Дилам бигрифт аз ин воруна фарзанд.

Аз ин нофаррухахтар меҳаросам,
Фасоди толеашро мешиносам.
Зи бад феъле, ки дорад дар сари хеш,
Чу гург эмин нашуд бар модари хеш.
Аз ин нохуш наояд хислате х(в)аш,
Ки хокистар бувад фарзанди оташ.
Нагӯяд, он чи касро дилкаш ояд,
Ҳама он гӯяд ӯ, к-ӯро х(в)аш ояд.
На бофарраш ҳамебинам, на босанг,
Зи фарру санг бигрезад ба фарсанг.
Чу дуд аз оташи ман гашт хезон,
Зи ман зода, вале аз ман гурезон.
Сарам тоҷ аз сарафрозон рабудаст,
Халаф бас нохалаф дорам, чӣ суд аст?!
На бар Ширин, на бар ман меҳрбон аст,
На бо ҳамширагон ширинзабон аст.
Ба чашме бинад ин дев он париро,
Ки хар дар пешаҳо полонгариро.
Зи ман бигзар, ки ман худ гурзаморам,
Бале морам, ки чун ӯ мӯҳра дорам.
На ҳар зан-зан бувад, ҳар зода фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар нае қанд.
Басо зода, ки кушт онро, к-аз ӯ зод,
Бас оҳан, к-ӯ кунад бар санги бедод.
Басо бегона, к-аз соҳибвафоӣ
Зи хешон беш дорад ошноӣ».
Бузургуммед гуфт:– «Эй пешбин шоҳ,
Дили покат зи ҳар неку бад огоҳ,
Гирифтам, к-ин писар дарди сари туст,
На охир порае аз гавҳари туст?
Нашояд хасмии фарзанд кардан,
Дил аз пайванд бепайванд кардан.
Касе бар норбун н-орад лагадро,
Ки тоҷи сар кунад фарзанди х(в)адро.
Дарахти тут аз он омад лагадхор,
Ки дорад баччаи худро нигунсор.
Ту некӣ, бад набошад низ фарзанд,
Бувад тарра ба тухми хеш монанд.
Қабои зар чу дар пероиш афтад,
Аз ӯ ҳам зар бувад, к-ороиш афтад.

Агар тавсан шуд ин фарзанди ҷаммош,
Замона худ кунад ромаш, ту хуш бош.
Ҷавонӣ дорадаш з-ин сон пур аз ҷӯш,
Ба пирӣ тавсанӣ гардад фаромӯш».

## НИШАСТАНИ ХУСРАВ БА ОТАШХОНА

Чунин афтод аз он пас рои Хусрав,
Ки оташхона бошад ҷои Хусрав.
Насозад бо ҳамолон ҳамнишастӣ,
Кунад чун мӯбадон оташпарастӣ.
Чу Хусравро ба оташхона шуд рахт,
Чу шери маст Шерӯя бари тахт
Ба нӯшонӯш май дар кос медошт,
Зи дуродур шаҳро пос медошт.
Бад-он нагзошт, охир банд кардаш,
Ба кунҷе аз ҷаҳон хурсанд кардаш,
Дар он талхӣ чунон бардошт бо ӯ,
Ки ҷуз Ширин касе нагзошт бо ӯ.
Дили Хусрав ба Ширин ончунон шод,
Ки бо сад банд, - гуфто, - ҳастам озод.
Нишондӣ моҳро, гуфтӣ, маяндеш,
Ки рӯзе ҳаст ҳар касро чунин пеш.
Зи боде, к-ӯ кулоҳ аз сар кунад дур,
Гиёҳ осуда бошад, сарв ранҷур.
Ҳар он ч-ӯ фаҳлтар бошад зи нахчир,
Шикорафкан бад-ӯ хуштар занад тир.
Чу кӯҳ аз зилзила гардад ба ду ним,
Зи афтодан баландонро бувад бим.
Ҳар он пухта, ки дандонаш бузург аст,
Ба дунболаш басе дандони гург аст.
Ба ҳар ҷо, к-оташе гардад зарандуд,
Ба сӯи некувон хуштар равад дуд.
Ту дар дастӣ, агар давлат шуд аз даст,
Чу ту ҳастӣ, ҳама давлат маро ҳаст.
Шакарлаб низ аз ӯ фориғ набудӣ,
Дилаш додию хидмат менамудӣ,
Ки дар давлат чунин бисёр бошад,
Гаҳе шодӣ, гаҳе тимор бошад.
Шиканҷи кор чун дирҳам нишинад,
Бимирад, ҳар кӣ дар мотам нишинад.

Кушодарӯй бояд буд якчанд,
Ки пою сар набояд ҳар ду дар банд.
Нашояд кард бар озори худ зӯр,
Ки бас бемор вогашт аз лаби гӯр.
На ҳар, к-аш сиҳҳат, ӯро таб нагирад,
На ҳар касро, ки таб гирад, бимирад.
Басо қуфло, ки бандаш нопадид аст,
Чу вобинӣ, на қуфл аст он, калид аст.
Ба доноӣ зи дил пардоз ғамро,
Ки ғам ғамро кашад чун рег намро.
Агар ҷои туро бигрифт бадхоҳ,
Муқаннаъ низ донад сохтан моҳ.
Вале чун чоҳи Нахшаб об гирад,
Ҷаҳон аз оҳане кай тоб гирад?
Дар ин кишвар, ки ҳаст аз тирароӣ
Сияҳ кофуру аъмо рӯшноӣ,
Бибояд сохт бо ҳар нописанде,
Ки арзад риши гове ришханде.
Ситези рӯзгор аз шарм дур аст,
Аз ӯ дурӣ талаб, к-озарм дур аст.
Ду касро рӯзгор озарм дода-ст,
Яке к-ӯ мурду дигар, к-ӯ назода-ст.
Намонад кас дар ин дайри сипанҷӣ,
Ту низ ар ҳам намонӣ, то наранҷӣ.
Агар будӣ ҷаҳонро пойдорӣ,
Ба ҳар кас чун расидӣ шаҳрёрӣ?
Фалак гар мамлакат поянда додӣ,
Зи Кайхусрав ба Хусрав кай фитодӣ?
Касе, к-ӯ дил бар ин гулзор бандад,
Чу гул з-он бештар гиряд, ки хандад.
Агар дунё намонад бо ту, махрӯш,
Чунон пиндор, к-афтад борат аз дӯш.
Зи ту ё мол монад, ё ту монӣ,
Пас он беҳ, к-ӯ намонад, то ту монӣ,
Чу барбат, ҳар кӣ ӯ шодипазир аст.
Зи дарди гӯшмолаш ногузир аст.
Бизан чун офтоб оташ дар ин дайр,
Ки бе Исо наёбӣ дар харон хайр.
Чӣ мор аст ин ки чун Заҳҳоки хунхор
Ҳам аз пушти ту ангезад туро мор?!

Ба шаҳватрезае, к-аз пушт рондӣ,
Уқубат бин, ки чун бепушт мондӣ.
Дар ин пушта манеҳ бар пушт боре
Шикамворе талаб, на пуштворе.
Ба иннину сатарван бин, ки растанд,
Ки бар пушту шикам чизе набастанд.
Гарат ақлест, бепайванд мебош,
Бад-он ч-ат ҳаст, аз ӯ хурсанд мебош.
На эминтар зи хурсандӣ ҷаҳонест,
На беҳ з-осудагӣ нузҳатситонест.
Чу ноне ҳасту обе, пой даркаш,
Ки ҳаст озодтабъӣ кишваре х(в)аш.
Ба хурсандӣ баровар сар, ки ростӣ,
Балои муҳкам омад сарпарастӣ.
Ҳамон зоҳид, ки шуд дар домани ғор,
Ба хурсандӣ мусаллам гашт аз ағёр.
Ҳамон кӯҳбад, ки нопайдост дар кӯҳ,
Ба парвози қаноат раст аз анбӯҳ.
Ҷаҳон чун мори афъӣ печ-печ аст,
Туро он беҳ, к-аз ӯ дар даст ҳеч аст.
Чу аз дасти ту н-ояд ҳеҷ коре,
Ба дасти дигарон мегир море.
Чу дар бандӣ, бад-он мебош хурсанд,
Ки ту ганҷӣ, бувад ганҷина дар банд.
В-агар дар чоҳ ёбӣ пояи хеш,
Саодатномаи Юсуф бинеҳ пеш.
Чу зер аз қадри ту ҷои ту бошад,
Алам дон, ҳар кӣ болои ту бошад.
Ту пиндорӣ, ки ту кам қадр дорӣ,
Туӣ ту, к-аз ду олам садр дорӣ,
Дили олам туӣ, дар худ мабин хурд,
Бад-ин ҳиммат тавон гӯй аз ҷаҳон бурд.
Чунон дон, к-Эзид аз халқат гузидаст,
Ҷаҳон хос аз паи ту офаридаст.
Бад-ин андеша чун дилшод гардӣ,
Зи банди тоҷу тахт озод гардӣ.
В-агар бошӣ ба тахту тоҷ муҳтоҷ,
Заминро тахт кун, хуршедро тоҷ.
Бад-ин таскин зи Хусрав сӯз мебурд,
Бад-ин афсона хуш-хуш рӯз мебурд.

Шаб омад, ҳамчунон он сарви озод
Сухан мегуфту шаҳро дил ҳамедод.

## КУШТАНИ ШЕРӮЯ ХУСРАВРО

Шабе торикнур аз моҳ бурда,
Фалакро ғулвор аз роҳ бурда.
Замона бо ҳазорон даст безӯр,
Фалак бо сад ҳазорон дида шабкӯр.
Шаҳаншаҳ пойро бо банди заррин,
Ниҳода бар ду симинсоқи Ширин.
Бути занҷирмӯй аз симгун даст,
Ба занҷири зараш-бар мӯҳра мебаст.
Зи шафқат соқҳои бандсояш
Ҳамемолиду мебӯсид пояш.
Ҳикоятҳои меҳрангез мегуфт,
Ки бар бонги ҳикоят хуш тавон хуфт.
Ба ҳар лафзе даҳан пурнӯш медошт,
Бар овози шаҳаншаҳ гӯш медошт.
Чу Хусрав хуфту камтар шуд ҷавобаш,
Ба Ширин-дар сироят кард хобаш.
Ду ёри нозанин дар хоб рафта,
Фалак бедору аз чашм об рафта.
Ҷаҳон мегуфт, к-омад фитна сармаст,
Сиёҳӣ бар лабаш мисмор мебаст.
Фуруд омад зи равзан девчеҳре,
Набуда дар сиришташ ҳеч меҳре,
Чу қассоб аз ғазаб хунинишоне,
Чу наффот аз бурут оташфишоне.
Чу дузди хонабар коло ҳамеҷуст,
Сарири шоҳро боло ҳамеҷуст.
Ба болини шаҳ омад теғ дар мушт,
Ҷигаргоҳаш дариду шамъро кушт.
Чунон зад бар ҷигаргоҳаш сари теғ,
Ки хун барҷаст аз ӯ чун оташ аз меғ.
Чу аз моҳе ҷудо кард офтобе,
Бурун зад сар зи равзан чун уқобе.
Малик дар хоби хуш, паҳлӯ дарида,
Кушода чашму худро кушта дида.
Зи хунаш хобгаҳ тӯфон гирифта,
Дилаш аз ташнагӣ аз ҷон гирифта.

Ба дил гуфто, ки Ширинро зи хушхоб
Кунам бедору хоҳам шарбате об.
Дигар раҳ гуфт, бо хотир ниҳуфта,
Ки ҳаст ин меҳрбон шабҳо нахуфта.
Чу бинад бар ман ин бедоду хорӣ,
Нахуспад дигар аз фарёду зорӣ.
Ҳамон беҳ, к-ин сухан ногуфта бошад,
Шавам ман мурдаву ӯ хуфта бошад.
Ба талхӣ ҷон чунон дод он вафодор,
Ки Ширинро накард аз хоб бедор.

## ТАМСИЛ

Шукуфта гулбуне бинӣ чу хуршед
Ба сарсабзӣ ҷаҳонро дода уммед.
Барояд ногаҳ абре тунду сармаст,
Ба хунрези раёҳин теғ дар даст.
Бад-он сахтӣ фурӯ борад тагарге,
К-аз он гулбун намонад шоху барге.
Чу гардад боғбони хуфта бедор,
Ба боғ-андар на гул бинад, на гулзор.
Чӣ гӯӣ, к-аз ғами гул хун нарезад?
Чу гул резад, гулобе чун нарезад?

## БЕДОР ШУДАНИ ШИРИН

Зи бас хун, к-аз тани шаҳ рафт чун об,
Дар омад наргиси Ширин зи хуш хоб.
Дигар шабҳо, ки бахташ ёр гаштӣ,
Ба бонги ною най бедор гаштӣ,
Фалак, бингар, чӣ сардӣ кард ин бор,
Ки хуни гарми шоҳаш кард бедор.
Парешон шуд чу мурғи тобдида,
Ки буд он саҳмро дар хоб дида.
Паранд аз хобгоҳи шоҳ бардошт,
Яке дарёи хун дид, оҳ бардошт.
Зи шаб меҷуст нури офтобе,
Дареғо, чашмаш омад дар харобе.
Сарире дид, сар бетоҷ карда,
Чароғе равғанаш тороҷ карда.
Хазина даркушода, ганҷ бурда,
Сипаҳ рафта, сипаҳсолор мурда.

Ба гиря соате шабро сияҳ кард,
Басе бигрист в-он гаҳ азми раҳ кард.
Гулобу мушк бо анбар баромехт,
Бар он андоми хунолуд мерехт.
Фурӯ шусташ ба гуллобу ба кофур
Чунон, к-аз равшанӣ метофт чун нур.
Чунон базме, ки шоҳонро тирозанд,
Бисозидаш, к-аз он беҳтар насозанд.
Чу шаҳро карда буд ороише чуст,
Ба кофуру гулоб андоми ӯ шуст.
Ҳамон ороиши худ низ нав кард,
Бад-ин андеша сад дилро гарав кард.

## ХОСТГОРИИ ШЕРӮЯ ШИРИНРО

Дили Шерӯя Ширинро бибоист,
Валекин бо касе гуфтан нашоист.
Ниҳонӣ кас фиристодаш, ки х(в)аш бош,
Яке ҳафта дар ин ғам боркаш бош.
Чу ҳафта бигзарад, моҳи духафта
Шавад дар боғи ман чун гул шукуфта.
Худовандӣ диҳам бар ҳар гурӯҳаш,
Зи Хусрав бештар дорам шукӯҳаш.
Чу ганҷаш зери зар пӯшида дорам,
Калиди ганҷҳо ӯро супорам.
Чу Ширин ин суханҳоро ниюшид,
Чу сирка тунд шуд, чун май биҷӯшид.
Фиребаш дод, то бошад шикебаш,
Ниҳод он куштанӣ дил бар фиребаш.
Пас он гаҳ ҳар чӣ буд асбоби Хусрав,
Зи мансуҷи куҳан то кисвати нав,
Ба муҳтоҷону маҳрумон нидо кард,
Зи баҳри ҷони шоҳаншаҳ фидо кард.

## ҶОН ДОДАНИ ШИРИН ДАР ДАХМАИ ХУСРАВ

Чу субҳ аз хоби нӯшин сар баровард,
Ҳалоки ҷони Ширин бар сар овард.
Сиёҳе аз Ҳабаш кофур мебурд,
Шуд андар нимараҳ кофурдон хурд.
Зи қалъа зангие дар моҳ медид,
Чу маҳ дар қалъа шуд, зангӣ бихандид.

Бифармудаш ба расми шаҳрёрӣ
Каёнӣ маҳде аз уди қиморӣ.
Гирифта маҳдро дар тахтаи зар,
Баромуда ба марвориду гавҳар.
Ба оини мулуки порсиаҳд
Бихобонид Хусравро дар он маҳд.
Ниҳод он маҳдро бар дӯши шоҳон,
Ба Машҳад бурд вақти субҳгоҳон.
Ҷаҳондорон шуда яксар пиёда,
Ба гирдогирди он маҳ истода.
Қалам з-ангушт рафта Борбадро,
Бурида чун қалам ангушти х(в)адро.
Бузургуммед хурдуммед гашта,
Ба ларзонӣ чу барги бед гашта.
Ба овози заиф афғон баровард,
Ки моро марги шоҳ аз ҷон баровард.
Паноҳу пушти шоҳони Аҷам ку?
Сипаҳсолору шамшеру алам ку?
Куҷо к-он хусрави дунёш хонанд?
Гаҳе Парвизу гаҳ Кисрош хонанд?
Чу дар роҳи раҳил омад раворав,
Чи Ҷамшеду чи Кисрову чи Хусрав?!
Кушодасар канизону ғуломон,
Чу сарве дар миён Ширин хиромон.
Ниҳода гавҳарогин ҳалқа дар гӯш,
Фиқанда ҳалқаҳои зулф бар дӯш.
Кашида сурмаҳо дар наргиси маст,
Арӯсона нигор афканда бар даст.
Паранде зард чун хуршед бар сар,
Ҳарире сурх чун Ноҳид дар бар.
Паси маҳди малик сармаст мешуд,
Касе к-он фитна дид, аз даст мешуд.
Кушода пой дар майдони аҳдаш,
Гирифта рақс дар поёни маҳдаш.
Гумон афтод ҳар касро, ки Ширин
Зи баҳри марги Хусрав нест ғамгин.
Ҳамон Шерӯяро низ ин гумон буд,
Ки Ширинро бад-ӯ дил меҳрбон буд.
Ҳама раҳ пойкӯбон мешуд он моҳ,
Бад-ин сон то ба гунбадхонаи шоҳ.

Паси ӯ-дар ғуломону канизон
Зи наргис бар суман симобрезон.
Чу маҳди шоҳ дар гунбад ниҳоданд,
Бузургон рӯй дар рӯй истоданд.
Миён дарбаст Ширин пеши мӯбад,
Ба фаррошӣ дарун омад ба гунбад.
Дари гунбад ба рӯи халқ дарбаст,
Суи маҳди малик шуд дашна дар даст.
Ҷигаргоҳи маликро мӯҳр бардошт,
Бибӯсид он даҳан, к-ӯ бар ҷигар дошт,
Бад-он оин, ки дид он захмро реш,
Ҳам он ҷо дашнае зад бар тани хеш.
Ба хуни гарм шуст он хобгаҳро,
Ҷароҳат тоза кард андоми шаҳро.
Пас овард он гаҳе шаҳро дар оғӯш,
Лабаш бар лаб ниҳоду дӯш бар дӯш.
Ба нерӯи баланд овоз бардошт,
Чунон, к-он қавм з-овозаш хабар дошт.
Ки ҷон бо ҷону тан бо тан бипайваст,
Тан аз дурию ҷон аз доварӣ раст.
Ба базми Хусрав он шамъи ҷаҳонтоб,
Муборак бод Ширинро шакархоб!
Ба омурзиш расад он ошное,
Ки чун ин ҷо расад, гӯяд дуое.
К-Илоҳӣ, тоза дор ин хокдонро,
Биёмурз ин ду ёри меҳрбонро.
Зиҳӣ Ширину ширин мурдани ӯ,
Зиҳӣ ҷон додану ҷон бурдани ӯ!
Чунин воҷиб кунад дар ишқ мурдан,
Ба ҷонон ҷон чунин бояд супурдан!
На ҳар к-ӯ зан бувад, номард бошад,
Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.
Басо раъно зано, к-ӯ шермард аст,
Басо дебо, ки шераш дарнавардаст.
Ғуборе бардамид аз роҳи бедод,
Шабехун кард бар насрину шамшод.
Баромад абре аз дарёи андӯҳ,
Фурӯ борид селе кӯҳ то кӯҳ.
Зи рӯи дашт боде тунд бархост,
Ҳаворо кард бо хоки замин рост.

Бузургон чун шуданд огаҳ аз ин роз,
Бароварданд ҳолӣ яксар овоз,
Ки аҳсант, эй замону эй замин, зеҳ!
Арӯсонро ба домодон чунин деҳ!
Чу бошад мутриби зангию русӣ,
Нашояд кард аз ин беҳтар арӯсӣ.
Ду соҳибтоҷро ҳамтахт карданд,
Дари гунбад бар эшон сахт карданд.
В-аз он ҷо бозпас гаштанд ғамнок,
Навиштанд ин масал бар лавҳи он хок,
Ки ҷуз Ширин, ки дар хоки дурушт аст,
Касе аз баҳри кас худро накуштаст.
Манеҳ дил бар ҷаҳон, к-ин сарди нокас
Вафодорӣ нахоҳад кард бо кас.
Чӣ бахшад мардро ин сифла айём,
Ки як-як боз настонад саранҷом?
Ба сад навбат диҳад ҷоне ба оғоз,
Ба як навбат ситонад оқибат боз.
Чу бар пои тилисме печ печӣ,
Чу афтодӣ, шикастӣ, ҳечи ҳечӣ.
Дар ин чанбар, ки муҳкам шаҳрбандест,
Нишон деҳ гардане, к-ӯ бекамандест?
На бо чанбар тавон парвоз кардан,
На битвон банди чанбар боз кардан.
Дар ин чанбар кушоиш чун намоем,
Чу накшодаст кас, мо чун кушоем?
Ҳамон беҳ, к-андар ин хоки хатарнок
Зи ҷаври хок биншинем бар хок.
Бигӯем аз барои хеш як бор,
Ки бар мо кам касе гиряд чу мо зор.
Шунидастам, ки Афлотун шабу рӯз
Ба гиря доштӣ чашми ҷаҳонсӯз.
Бипурсиданд аз ӯ, к-ин гиря аз чист?
Бигуфто:– «Чашми кас беҳуда нагрист.
Аз он гирям, ки ҷисму ҷони дамсоз,
Ба ҳам хӯ кардаанд аз дер гаҳ боз.
Ҷудо хоҳанд гашт аз ошноӣ,
Ҳамегирям бад-он рӯзи ҷудоӣ».
Раҳе хоҳӣ шудан, к-он раҳ дароз аст,
Ба бебаргӣ машав, бе баргу соз аст.

Ба пои ҷон тавонӣ шуд бар афлок,
Раҳо кун шаҳрбанди хок бар хок.
Магӯ, бар боми гардун чун тавон рафт,
Тавон рафт, ар зи худ берун тавон рафт.
Бипурс аз ақли дурандеш густох,
Ки чун шояд шудан бар боми ин кох?!
Чунон, к-аз ақл фатво меситонӣ,
Алам баркаш бар ин кохи каёнӣ.
Хирад шайхушшуюхи рои ту бас,
Аз ӯ пурс, он чи мепурсӣ, на аз кас.
Сухан, к-аз қавли он пири куҳан нест,
Бари пирон вабол аст он, сухан нест.
Хирад пою табиат банди пой аст,
Нафас як-як чу сӯҳон бандсой аст.
Бад-ин заррин ҳисор он шуд барӯманд,
Ки аз худ баргирифт ин оҳанин банд.
Чу ин хасмон, ки аз ёрат бароранд,
Бар он коранд, к-аз корат бароранд.
Аз ин хирман махӯр як дона говарс,
Бар ӯ меларзу бар худ низ метарс.
Чу Исо хар бурун бар з-ин тане чанд,
Бимон дар пои говон хирмане чанд.
Аз ин нӯҳ говпушти одамихор
Бинеҳ бар пушти гов, афкан заминвор.
Агар Зуҳра шавӣ, чун боз ковӣ,
Дар ин харпушта ҳам бар пушти говӣ.
Басо ташна, ки бар пиндор беҳ буд,
Фиреби шӯрае кардаш намаксуд.
Басо ҳоҷӣ, ки худ аз уштур андохт,
Ки талхакро зи туршак бознашнохт.
Ҳисори чарх чун зиндонсароест,
Камар дарбаста, гирдаш аждаҳоест.
Чӣ гуна талх набвад айши он мард,
Ки дам бо аждаҳое боядаш кард?
Чу Баҳман з-ин шабистон рахт барбанд,
Ҳарифӣ карданат бо аждаҳо чанд?!
Гарат худ нест суде з-ин ҷудоӣ,
На охир з-аждаҳо ёбӣ раҳоӣ.
Чӣ дорӣ дӯст он, к-аш вақти мурдан
Ба душмантар касе бояд супурдан?

Ба ҳурмат шав, к-аз ин дайри масилӣ
Шавад Исо ба ҳурмат, хар ба силӣ.
Саломат боядат, касро маёзор,
Ки бадро дар иваз тез аст бозор.
Аз он ҷунбиш, ки дар нашви набот аст,
Дарахтонрову мурғонро ҳаёт аст.
Дарахтафкан бувад камзиндагонӣ,
Ба дарвешӣ кашад нахчирбонӣ.
Алам бифкан, ки олам тангноест,
Инон даркаш, ки маркаб лангпоест.
Нафас бардор аз ин нои гулӯтанг,
Гиреҳ бикшо аз ин пои куҳанланг.
Ба мулке-дар чӣ бояд сохтан ҷой,
Ки ғул бар гардан асту банд бар пой?!
Аз ин ҳастӣ, ки ёбад нестӣ зуд,
Бибояд шуд ба ҳасту нест хушнуд.
Зи молу мулку фарзанду зану зӯр,
Ҳама ҳастанд ҳамроҳи ту то гӯр.
Раванд ин ҳамраҳон ғамнок бо ту,
Наёяд ҳеҷ кас дар хок бо ту.
Рафиқонат ҳама бадсоз гарданд,
Зи ту ҳар як ба роҳе боз гарданд.
Ба маргу зиндагӣ, дар хобу мастӣ
Туӣ бо хештан, ҳар ҷо ки ҳастӣ.
Аз ин муште хаёли корвонзан
Инон бистон, алам бар осмон зан.
Хилоф он шуд, ки дар ҳар коргоҳе
Мухолиф дид хоҳӣ боргоҳе.
Нафас, к-ӯ бар сипеҳр оҳанг дорад,
Зи лаб то ноф майдон танг дорад.
Бидеҳ, гар оқилӣ, парвоз х(в)адро,
Ки куштанд аз ту беҳ сад бор садро.
Замин, к-аз хуни мо боке надорад,
Ба бодаш деҳ, ки ҷуз хоке надорад!

## ДАР МАВЪИЗА

Дило, маншин, ки ёрон барнишастанд,
Буна барбанд, к-эшон рахт бастанд.
Дар ин киштӣ чу натвон дер мондан,
Бибояд рахт бар дарё фишондан.

Дар ин дарё сар аз ғам бармаёвар,
Фурӯ хур ғӯтаву дам бармаёвар.
Бад-ин хубӣ ҷамоле, к-одамирост,
Агар бар осмон бошад, замирост.
Бифарсояд замину бишканад санг,
Намонад кас дар ин байғӯлаи танг,
Паи ғӯлон дар ин байғӯла бигзор,
Фаришта шав, қадам з-ин фарш бардор.
Ҷавонмардон, ки дил дар ҷанг бастанд,
Ба ҷону дил зи ҷоноҳанг растанд.
Зи ҷон кандан касе ҷон бурд хоҳад,
Ки пеш аз додани ҷон мурд хоҳад.
Намонӣ, гар ба мондан хӯ бигирӣ,
Бимирон хештанро, то намирӣ.
Басо пайкар, ки гуфтӣ оҳанин аст,
Ба сад зорӣ кунун зери замин аст.
Гар андоми заминро бозҷӯӣ,
Ҳама хоки замин буданд гӯӣ.
Куҷо Ҷамшеду Афридуну Заҳҳок?
Ҳама дар хок рафтанд, эй хушо хок!
Ҷигарҳо бин, ки дар хуноб хок аст,
Надонам, к-ин чӣ дарёи ҳалок аст.
Кӣ дидӣ, к-омад ин ҷо кӯси пилаш,
Ки барн-омад зи пай бонги раҳилаш?
Агар дар хок шуд хокӣ, ситам нест,
Саранҷоми вуҷуд илло адам нест.
Ҷаҳон бин, то чӣ осон мекунад маст,
Фалак бин, то чӣ хуррам мезанад даст.
Низомӣ, бас кун ин гуфтор, хомӯш,
Чӣ гӯӣ бо ҷаҳоне пунбадаргӯш?
Шикоятҳои олам чанд гӯӣ?
Бипӯш ин гиряро дар хандарӯӣ.
Чӣ пеш орад замон, к-он дарнагардад,
Чӣ афрозад замин, к-он барнагардад.
Дарахтеро, ки бинӣ тозабехаш,
Кунад рӯзе зи сустӣ чормехаш.
Баҳореро кунад гетифурӯзе,
Ба бодаш барниҳад ногоҳ рӯзе.
Диҳад, бистонаду оре надорад,
Ба ҷуз доду ситад коре надорад.

Ҷиноятҳои ин нӯҳ шишаи танг
Ҳама дар шиша кун, бар шиша зан санг!
Магар дар пои даври гармкина
Шикаста гардад ин сабз обгина.
Бидеҳ, дунё макун, к-аз баҳри ҳеҷат
Диҳад ин чархи печопеч печат.
Зи худ бигзар, ки бо ин чор пайванд,
Нашояд раст аз ин ҳафт оҳанин банд.
Гилу санг аст ин вайрона манзил,
Дар ӯ моро ду дасту пой дар гил.
Дар ин сангу дар ин гил марди фарҳанг
На гил бар гил ниҳад, на санг бар санг.

❂ ❂ ❂

Ту к-аз ибрат бад-ин афсона монӣ,
Чӣ пиндорӣ, магар афсона хонӣ?
Дар ин афсона шарт аст ашк рондан,
Гулобе талх бар Ширин фишондан.
Ба ҳукми он ки он камзиндагонӣ
Чу гул барбод шуд рӯзи ҷавонӣ.
Сабукрав чун бути қипчоқи ман буд,
Гумон афтод худ, к-Офоқи ман буд.
Ҳумоюнпайкаре нағзу хирадманд,
Фиристода ба ман дорои Дарбанд.
Парандаш диръу аз диръ оҳанинтар,
Қабо-ш аз пераҳан тангостинтар.
Саронро гӯш бар молиш ниҳода,
Маро дар ҳамсарӣ болиш ниҳода.
Чу туркон гашта сӯи кӯч муҳтоҷ,
Ба туркӣ дода рахтамро ба тороҷ.
Агар шуд туркам аз хиргаҳ ниҳонӣ,
Худоё, туркзодамро ту донӣ.

## ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНДИ ХУД МУҲАММАД ГӮЯД

Бибин, эй ҳафтсола қурратулъайн,
Мақоми хештан дар қоби қавсайн.
Манат парвардаму рӯзӣ Худо дод,
На бар ту номи ман, номи Худо бод!

Дар ин даври ҳилолӣ шод механд,
Ки хандидем мо ҳам рӯзаке чанд.
Чу бадри анҷуман гардад ҳилолат,
Барафрӯзанд анҷум аз ҷамолат.
Қалам даркаш ба ҳарфе, к-он ҳавоист,
Алам баркаш ба илме, к-он Худоист.
Ба номусе, ки гӯяд ақли номӣ
Зиҳӣ, фарзона фарзанди Низомӣ!

## ХОБИ ХУСРАВ

Чунин гуфт он суханпардози шабхез,
К-аз он омад халал дар кори Парвез,
Ки аз шабҳо шабе равшан чу маҳтоб
Ҷамоли Мустафоро дид дар хоб.
Хиромон гашта дар тозӣ саманде
Мусалсал карда гесӯ чун каманде.
Ба чарбӣ гуфт бо ӯ, к-эй ҷавонмард,
Раҳи ислом гир, аз куфр баргард!.
Ҷавобаш дод:– «То бесар нагардам,
Аз ин оин, ки дорам, барнагардам».
Савори тунд аз он ҷо шуд равона,
Ба тундӣ зад бар ӯ як тозиёна.
Зи хоби хуш чу Хусрав андаромад,
Чу оташ дуде аз мағзаш баромад.
Се моҳ аз тарснокӣ буд бемор,
Нахуфтӣ ҳеҷ шаб з-андӯҳу тимор.
Яке рӯз аз хумори талх шуд тез,
Ба хилват гуфт Ширинро, ки «Бархез,
Биё, то дар ҷавоҳирхонаву ганҷ
Бибинем, он чи аз хотир барад ранҷ,
Зи атру ҷавҳару абрешимина
Бисанҷем, он чи бошад аз хазина
В-аз он бемоягонро моя бахшем,
Равонро з-ин равиш пероя бахшем.
Суи ганҷина рафтанд он ду ҳамрой,
Надиданд аз ҷавоҳир бар замин ҷой.
Харита бар харита баста занҷир,
Зи Хусрав то ба Кайхусрав ҳамегир.
Чиҳил хона, ки ӯро ганҷдон буд,
Яке з-он ошкоро, даҳ ниҳон буд.

Ба ҳар ганҷинае як-як расиданд,
Матоъеро, ки зоҳир буд, диданд.
Дигарҳоро ба нусхат роз ҷустанд,
Зи ганҷурон калидаш бозҷустанд.
Калиду нусха пеш овард ганҷур,
Замин аз бори гавҳар гашт ранҷур.
Чу шаҳ ганҷе, ки пинҳон буд, дидаш
Ҳамон бо қуфл ҳар ганҷе калидаш.
Калиде дар миён дид аз зари ноб
Чу шамъе равшан аз бас равнақу тоб.
Зи мардум бозҷуст он ганҷро дар,
Ки қуфли он калидаш нест дар бар.
Нишон доданду чун огоҳ шуд шоҳ,
Заминро дод кандан бар нишонгоҳ,
Чу хориданд хок аз санги хоро,
Падид омад яке тоқ ошкоро.
Дар ӯ дарбаста сандуқе зи мармар,
Бар он сандуқи сангин қуфле аз зар.
Ба фармони шаҳ он дар баркушоданд,
Даруни қуфлро берун ниҳоданд.
Тилисме ёфтанд аз сими сода,
Бар ӯ як пора лавҳ аз зар ниҳода.
Бар он лавҳи зар аз сими сиришта,
Зар андар сим таркибе навишта.
Талаб карданд пире, к-он фурӯ хонд,
Шаҳаншаҳ з-он фурӯ хондан фурӯ монд.
Чу он таркибро карданд хориш,
Гузоранда чунин кардаш гузориш,
Ки шоҳе к-Ардашери Бобакон буд,
Ба ҷустӣ пешвои чобукон буд.
Зи рози анҷуму гардун хабар дошт,
Дар аҳкоми фалак некӯ назар дошт.
Зи ҳафт ахтар чунин овард берун,
Ки дар чандин қирон аз даври гардун
Бад-ин пайкар падид ояд нишоне
Дар иқлими Араб соҳибқироне.
Сухангӯе далеру хубкирдор,
Амину ростаҳду ростгуфтор.
Ба мӯъҷиз гӯш молад ахтаронро,
Бад-ин хотам бувад пайғамбаронро.

Зи миллатҳо барорад подшоӣ,
Ба шаръи ӯ расад миллатхудоӣ».
Касеро подшоӣ хеш бошад,
Ки ҳукми шаръи ӯ дар пеш бошад.
Бад-ӯ бояд, ки доно бигравад зуд,
Ки ҷанги ӯ зиён шуд, сулҳи ӯ суд.
Чу шоҳаншаҳ дар он сурат назар кард,
Сиёсат дар дилу ҷонаш асар кард.
Биайниҳ гуфт, к-ин шакли ҷаҳонтоб
Саворе буд, к-он шаб дид дар хоб.
Чунон дар колбуд ҷӯшид ҷонаш,
Ки берун рехт мағз аз устухонаш.
Бипурсид аз баридони ҷаҳонгард,
Ки дар гетӣ кӣ дидаст инчунин мард?
Ҳама гуфтанд, к-ин тимсоли манзур,
Ки дилро дида бахшад, дидаро нур,
Намонад ҷуз бад-он пайғамбари пок,
К-аз ӯ дар Каъба анбарбӯй шуд хок.
Муҳаммад, к-Эзид аз халқаш гузида-ст,
Забонаш қуфли оламро калид аст.
Бурун шуд шоҳ аз он ганҷина дилтанг,
Аз он гавҳар фитода бар сараш санг.
Чу Ширин дид шаҳро ҷӯш дар мағз,
Парешон пайкараш з-он пайкари нағз,
Ба шаҳ гуфт:– «Эй ба доноию родӣ
Тирози тоҷу тахти кайқубодӣ,
Дар ин пайкар, ки пеш аз мо ниҳуфтанд,
Сухан донӣ, ки беҳуда нагуфтанд.
Ба чандин сол пеш аз мо бад-ин кор
Расад бастанду карданд ин намудор.
Чунин пайғамбаре соҳибвилоят,
К-аз ӯ пешина карданд ин ривоят,
Ба хоса ҳуҷҷате дорад илоҳӣ,
Диҳад бар дини ӯ ҳуҷҷат гувоҳӣ.
Раҳу расме чунин бозӣ набошад,
Бар ӯ ҷои сарафрозӣ набошад.
Агар бар дини ӯ рағбат кунад шоҳ,
Намонад хору хошокаш дар ин роҳ.
Зи бадафроҳи Эзид раста гардад,
Ба иқболи абад пайваста гардад.

Бар ӯ номи накӯҳоҳӣ бимонад,
Ҳамон дар насли ӯ шоҳӣ бимонад».
Ба Ширин гуфт Хусрав:- «Рост гӯӣ
Бад-ин ҳуҷҷат асар пайдост, гӯӣ».
Вале з-он ҷо, ки Яздон офарида-ст,
Ниёгони маро, миллат падид аст.
Раҳу расми ниёгон чун гузорам,
Зи шоҳони гузашта шарм дорам.
Дилам хоҳад, вале бахтам насозад,
Навоин он ки бахт ӯро навозад.
Дар ин даврон, ки давлат роми ӯ буд,
Зи Машриқ то ба Мағриб номи буд.
Расули мо ба ҳуҷҷатҳои қоҳир
Нубувват дар ҷаҳон мекард зоҳир.
Гаҳе мекард маҳро хирқасозӣ,
Гаҳе маҳ кард бо вай хирқабозӣ.
Гаҳе бо санги хоро роз мегуфт,
Гаҳе сангаш ҳикоят боз мегуфт.
Шукӯҳаш кӯҳро бунёд меканд,
Бурути хокро чун бод меканд,
Атояш ганҷро ночиз мекард,
Насимаш ганҷбахшӣ низ мекард.
Халоикро зи даъват ҷом медод,
Ба ҳар кишвар салои ом медод.
Бифармуд аз ато атре сириштан,
Ба номи ҳар касе ҳирзе навиштан.
Ҳабашро тоза кард аз хат ҷамоле,
Аҷамро баркашид аз нуқта холе.
Чу аз нақши наҷошӣ бозпардохт,
Ба мӯҳри номи Хусрав номае сохт.

## НОМАИ ПАЙҒАМБАР БА ХУСРАВИ ПАРВИЗ

Сари нома ба номи подшое
Ки беҷой асту бе ӯ нест ҷое.
Худованде, ки халлоқулвуҷуд аст,
Вуҷудаш то абад файёзи ҷуд аст.
Қадиме, к-аввалаш матлаъ надорад,
Ҳакиме, к-охираш мақтаъ надорад.

Тасарруф бо сифоташ лаб бидӯзад,
Хирад гар дам занад, ҳолӣ бисӯзад.
Агар ҳар зоҳиде, к-андар ҷаҳон аст,
Ба дӯзах даркашад, ҳукмаш равон аст.
В-агар ҳар осие, к-ӯ ҳаст ғамнок,
Фиристад ҳар биҳишт, аз кисташ бок?
Худовандишро иллат сабаб нест,
Диҳу гир аз худовандон аҷаб нест.
Ба як пашша кушад пилафсареро
Ба мӯре бардиҳад пайғамбареро.
Зи симурғе барад қуллобкорӣ,
Диҳад парвонаеро қалбдорӣ.
Сипос ӯро кун, ар соҳибсипосӣ,
Шиносоӣ бас он, к-ӯро шиносӣ.
Зи ҳар ёде, ки бе ӯ, лаб бигардон,
Зи ҳар ч-он нест ӯ, мазҳаб бигардон,
Ба ҳар даъвӣ, ки бинмоӣ, Илоҳ ӯст,
Ба ҳар маънӣ, ки хоҳӣ, подшоҳ ӯст.
Зи қудрат даргузар, қудрат қазорост,
Ту фармон ронию фармон Худорост.
Худоӣ н-ояд аз мушге парастор,
Худоиро Худо омад сазовор.
Ту, эй оҷиз, ки Хусрав ном дорӣ,
В-агар Кайхусравӣ, сад ҷом дорӣ,
Чу маҳлуқӣ, на охир мурд хоҳӣ?
Зи дасти марг ҷон чун бурд хоҳӣ?
Кӣ медонад, ки мушге хоки маҳбус
Чӣ дар сар дорад аз найранги номус.
Агар бе марг будӣ подшоӣ,
Басо даъвӣ, ки рафтӣ дар худоӣ,
Мабин дар худ, ки худбинро басар нест,
Худобин шав, ки худдидан ҳунар нест.
Зи худ бигзар, ки дар қонуни миқдор
Ҳисоби офариниш ҳаст бисёр.
Замин аз офариниш ҳаст гарде,
В-аз ӯ ин рубъи маскун обх(в)арде.
Ироқ аз рубъи маскун ҳаст баҳре
В-аз он баҳра Мадоин ҳаст шаҳре.
Дар он шаҳр одамӣ бошад ба ҳар боб,
Туӣ з-он одамӣ як шахс дар хоб.

Ҷиёсе бозгир аз роҳи биниш,
Ҳаду миқдори худ аз офариниш.
Бибин, то пеши таъзими илоҳӣ
Чӣ дорад офариниш ҷуз табоҳӣ?
Ба таркибе, к-аз ин сон поймол аст,
Худовандӣ талаб кардан муҳол аст.
Гувоҳӣ деҳ, ки оламро Худоест,
На бар ҷову на ҳоҷатманди ҷоест.
Худое, к-одамиро сарварӣ дод,
Маро бар одамӣ пайғамбарӣ дод.
Зи табъ оташпарастидан ҷудо кун,
Биҳишти шаръ бин, дӯзах раҳо кун.
Чу товусон тамошо кун дар ин боғ,
Чу парвона раҳо кун оташин доғ.
Маҷусиро маҷас пурдуд бошад,
Касе, к-оташ кунад, Намруд бошад.
Дар оташ мондаӣ в-ин ҳаст нох(в)аш
Мусулмон шав, мусаллам гард аз оташ.
Чу нома хатм шуд, соҳибнавардаш
Ба унвони Муҳаммад хатм кардаш.
Ба дасти қосиде чалду сабукхез
Фиристод он васиқат сӯи Парвез.
Чу қосид арза кард он номаи нав,
Биҷӯшид аз сиёсат хуни Хусрав.
Ба ҳар ҳарфе, к-аз он маншур бархонд,
Чу афюнхурдае махмур дармонд.
Зи тезӣ гашт ҳар мӯяш синоне,
Зи гармӣ ҳар рагаш оташфишоне.
Чу унвонгоҳи оламтобро дид,
Ту гуфтӣ саггазида обро дид.
Хате дид аз саводи ҳайбатангез
Навишта:– «Аз Муҳаммад сӯи Парвез».
Ғурури подшоҳӣ бурдаш аз роҳ,
Ки густохӣ кӣ ёраш бо чу ман шоҳ?
Киро заҳра, ки бо ин эҳтиромам.
Нависад номи худ болои номам?
Рух аз сурхӣ чу оташгоҳи х(в)ад кард,
Зи хашм андешаи бад карду бад кард.
Дарид он номаи гарданшиканро,
На нома, балки номи хештанро.

Фиристода чу дид он хашмнокӣ,
Ба риҷъат пои худро кард хокӣ.
Аз он оташ, ки он дуди тиҳӣ дод,
Чароғи огаҳонро огаҳӣ дод,
Зи гармӣ он чароғи гарданафроз
Дуоро дод чун парвона парвоз.
Аҷамро з-он дуо касре барафтод,
Кулоҳ аз тораки Кисро дарафтод.
Зи мӯъҷизҳои шаръи мустафоӣ
Бар ӯ ошуфта гашт он подшоӣ.
Сарирашро сипеҳр аз зер бардошт,
Писар дар куштанаш шамшер бардошт.
Баромад ногаҳ аз гардун тароқе
Зи айвонаш фурӯ афтод тоқе.
Пуле бар Даҷла з-оҳан буд баста,
Даромад селу он пул шуд шикаста.
Падид омад самуму оташангез
На Гулгун монд бар охур, на Шабдез.
Табаҳ шуд лашкараш дар ҳарби зиқор,
Уқобашро кабӯтар зад ба минқор.
Даромад марде аз дар чӯб дар даст,
Ба хашм он чӯбро бигрифту бишкаст.
Бад-ӯ гуфто:– «Ман он пӯлоддастам,
Ки динатро бад-ин хорӣ шикастам».
Дар он давлат зи муъҷизҳои мухтор
Басе ибрат чунин омад падидор.
Ту он сангиндилонро бин,ки диданд,
Ба таъйиди илоҳӣ награвиданд,
Агарчи шамъи дин дуде надорад,
Чу чашм аъмо бувад, суде надорад.
Ҳидоят чун бад-ин сон ронад оят,
Бад-он монданд маҳрум аз иноят,
Зиҳӣ пайғамбаре к-аз биму уммед,
Қалам ронад бар Афридуну Ҷамшед,
Зиҳӣ гарданкаше, к-аз бими тоҷаш
Кашад ҳар гардане тавқи хироҷаш
Зиҳӣ турке, ки мири ҳафт хайл аст,
Зи моҳӣ то ба моҳ ӯро туфайл аст.
Зиҳӣ бадре, ки ӯ дар хок хуфта-ст,
Замину осмон нураш гирифта-ст.

Зиҳӣ султонсаворе, к-офариниш
Зи хоки ӯ кашад туғрои биниш.
Зиҳӣ сархайли сарҳангони асрор,
Суханро то қиёмат навбатидор.
Саҳаргаҳ панҷ навбат кӯфт бар хок,
Шабонгаҳ чорболиш зад бар афлок.

## МЕЪРОҶИ ПАЙҒАМБАР

Шабе рух тофта з-ин дайри фонӣ
Ба хилват дар сарои умми хонӣ.
Расида Ҷабраил аз байти маъмур
Буроқе барқсайр оварда аз нур.
Нигорин пайкаре чун сурати боғ,
Сараш бикр аз лагому ронаш аз доғ.
На абр, аз абри найсон дурфишонтар,
На бод, аз боди бустон хушинонтар.
Чу дарёе зи гавҳар карда зинаш,
Нагашта ваҳми кас завраҷнишинаш.
Қавипушту гароннаълу сабукхез,
Ба дидан тезбину дар шудан тез.
Вушоқи тангчашми ҳафт хиргоҳ,
Бад-он хатлӣ шуда пеши шаҳаншоҳ.
Чу мурғе аз Мадина барпарида,
Ба ақсулвояти ақсо расида.
Намуда анбиёро қиблаи хеш,
Ба тафзили амонат рафта дар пеш.
Чу карда пешвоӣ анбиёро.
Гирифта пеши роҳи кибриёро.
Бурун рафта чу ваҳми тезҳушон
Зи хиргоҳи кабуди сабзпӯшон.
Аз ин гирдоба чун боди биҳиштӣ,
Ба соҳилгоҳи қутб оварда киштӣ.
Фалакро қалб дар ақраб дарида,
Асадро даст бар ҷабҳат кашида.
Миҷарра Каҳкашон пеши буроқаш,
Дарахти хӯша ҷав-ҷав з-иштиёқаш.
Камонро устухон бар ганҷ карда,
Тарозуро саодатсанҷ карда.
Раҳим бар модарони даҳр баста,
Зи ҳайзи духтарони наъш раста.

Зи рафъат тоҷ дода Муштариро,
Рабуда з-Офтоб ангуштариро.
Ба дафъи нузлиёни осмонгир
Зи ҷаъба дода ҷавзоро яке тир.
Чу Юсуф шарбате дар далвх(в)арда,
Чу Юнус вақфае дар ҳут карда.
Сурайё дар рикобаш монда мадҳуш,
Ба сарҳангӣ ҳамоил баста бар душ.
Ба зераш насри тоир пар фишонда,
В-аз ӯ чун насри воқеъ боз монда.
Зи рангомезии райҳони он боғ
Ниҳода чашми худро мӯҳри мо зоғ.
Чу берун рафт аз он майдони хазро,
Рикоб афшонд аз саҳро ба саҳро.
Бад-он паррандагӣ товуси ахзар
Фиканд аз суръаташ ҳам болу ҳам пар.
Чу Ҷабрил аз рикобаш бозпас гашт,
Инон барзад, зи Микоил бигзашт.
Сирофил омаду бар пар нишондаш,
Ба ҳавдаҷхонаи Рафраф расондаш.
Зи Рафраф бар рафи Тӯбӣ алам зад,
В-аз он ҷо бар сари Сидра қадам зад.
Ҷарида бар ҷарида нақш мехонд,
Биёбон дар биёбон рахш меронд.
Чу бинвашт осмонро фарш бар фарш,
Ба истиқболаш омад тораки арш.
Фарас берун ҷаҳонд аз кулли кавнайн,
Алам зад бар сарири қоби қавсайн.
Қадам бурқаъ зи рӯи хеш бардошт,
Ҳиҷоби коинот аз пеш бардошт.
Ҷиҳатро ҷаъд бар ҷабҳат шикастанд,
Маконро низ бурқаъ боз бастанд.
Муҳаммад дар макони бемаконӣ,
Падид омад нишони бенишонӣ.
Каломи сармадӣ бенақл бишнид,
Худованди ҷаҳонро беҷиҳат дид.
Ба ҳар узве танаш рақсе даровард,
Зи ҳар мӯе дилаш чашме баровард.
В-аз он дидан, ки ҳайрат ҳосилаш буд,
Дилаш дар чашму чашмаш дар дилаш буд.

Хитоб омад, ки эй мақсуди даргоҳ,
Ҳар он ҳоҷат, ки мақсуд аст, дархоҳ.
Сарои фазл буд аз бухл холӣ,
Бароти ганҷи раҳмат хост ҳолӣ.
Гунаҳкорони умматро дуо кард,
Худояш ҷумла ҳоҷатҳо раво кард.
Чу пӯшид аз каромат хилъати хос,
Биёмад бозпас бо ганҷи ихлос.
Гуле шуд, сарв қадре буд, к-омад
Ҳилоле рафту бадре буд, к-омад.
Халоиқро бароти шодӣ овард,
Зи дӯзах номаи озодӣ овард.
Зи мо бар ҷони чун ӯ нозанине
Паёпай бод ҳар дам офарине!

## АНДАРЗ ВА ХАТМИ КИТОБ

Низомӣ, ҳону ҳон, то зинда бошӣ,
Чунон хоҳам чунон, к-афканда бошӣ,
Набинӣ дур, ки дарёпарвар омад,
Аз афтодан чӣ гуна бар сар омад.
Чу дона гар бияфтӣ, бар сар ойӣ,
Чу хӯша сар макаш, к-аз по даройӣ.
Мудоро кун, ки хӯи чарх тунд аст,
Ба ҳиммат рав, ки пои умр кунд аст.
Ҳаво масмум шуд, бо гард месоз,
Даво маъдум шуд, бо дард месоз.
Табиби рӯзгор афсунфурӯш аст,
Чу зарроқон аз он даҳрангпӯш аст.
Гаҳе неше занад, к-ин нӯши аъзост,
Гаҳ орад туршие, к-ин дафъи сафрост.
Илоҷи раъси ӯ анҷидани гӯш
Дамулахвайни ӯ хуни Сиёвуш.
Бад-ин марҳам ҷароҳат баст натвон,
Бад ин дору зи иллат раст натвон.
Чу тифл ангушти худ мемаз дар ин маҳд,
Зи хуни хеш кун ҳам ширу ҳам шаҳд.
Бигир оини хурсандӣ зи анҷир,
Ки ҳам тифласту ҳам пистону ҳам шир.
Бар ин руқъа, ки шатранҷи зиён аст,
Камина бозияш байнуррухон аст.

Дареғ он шуд, ки дар нақши хатарнок
Муқобил мешавад рух бо рухи хок.
Дар ин хайма чӣ гардӣ банд бар пой?
Гулӯро з-ин танобе чанд бикшой.
Бурун каш по аз ин почилаи танг,
Ки кафши танг дорад пойро ланг.
Қадам дарнеҳ, ки чун рафтӣ, расидӣ.
Ҳамин пиндор, к-ин деҳро надидӣ.
Агар айшест, сад тимор бо ӯст,
В-агар барги гуле, сад хор бо ӯст.
Ба талхию ба туршӣ шуд ҷавонӣ,
Ба сафрову ба савдо зиндагонӣ.
Ба вақти зиндагӣ ранҷурҳолем,
Ки бо гургони ваҳшӣ дар ҷуволем.
Ба вақти марг бо сад доғи ҳирмон
Зи Гургон рафт бояд сӯи Кирмон.
Зи Гургон то ба Кирмон роҳ кам нест,
Зи мо то марг мӯе низ ҳам нест.
Саре дорему он сар ҳам шикаста,
Ба ҳасрат бар сари зону нишаста.
Саре, к-ӯ ҳайбати ҷаллод бинад,
Савоб он шуд, ки бар зону нишинад.
Вилоят бин, ки моро кӯчгоҳ аст,
Вилоят нест ин, зиндону чоҳ аст.
Зи гармое чу оташ тоб гирем,
Ҷигар дар таррии барфоб гирем.
Чу мӯе барф резад, пар бирезем,
Ҳама дар мӯи дому дад гурезем.
Бад-ин по то куҷо шояд расидан,
Бад-ин пар то куҷо шояд паридан?!
Ситамкорӣ кунем он гаҳ ба ҳар кор,
Зиҳӣ муште заифони ситамкор!
Касе, к-ӯ бар пари мӯре ситам кард,
Ҳам аз мори қафои он ситам х(в)ард.
Ба чашми хеш дидам дар гузаргоҳ,
Ки зад бар ҷони мӯре мурғаке роҳ.
Ҳанӯз аз сайд минқораш напардохт,
Ки мурғе дигар омад, кори ӯ сохт.
Чу бад кардӣ, мабош эмин зи офот,
Ки воҷиб шуд табиатро мукофот.

Сипеҳр оинаи адл асту шояд,
Ки ҳар ч-он аз ту бинад, во намояд.
Мунодӣ шуд ҷаҳонро, ҳар кӣ бад кард,
На бо ҷони касе, бо ҷони х(в)ад кард.
Магар нашнидӣ аз фарроши ин роҳ,
Ки ҳар к-ӯ чоҳ канд, афтод дар чоҳ.
Сарои офариниш сарсарӣ нест,
Замину осмон бе доварӣ нест.
Ҳар он санге ки дарёию конист,
Дар ӯ дуррею ёқуте ниҳонист.
Чу Исо ҳар кӣ дорад тӯтиёе,
Зи ҳар бехе кунад доругиёе.
Чу моро чашми ибратбин табоҳ аст,
Кучо донем, к-ин гул ё гиёҳ аст.
Гирифтам худ, ки аттори вуҷудӣ,
Ту низ охир бисӯзӣ, гарчи удӣ.
В-агар худ илми Ҷолинус донӣ.
Чу марг омад, ба Ҷолинус монӣ.
Чу оҷизвор бояд оқибат мурд
Чи Афлотуни юнонӣ, чи он курд.
Ҳамон беҳ, к-ин насиҳат ёд гирем,
Ки пеш аз марг як навбат бимирем.
Зи меҳнат раст, ҳар к-ӯ чашм дарбаст,
Бад-ин тадбир тутӣ аз қафас раст.
Агар бо ин куҳангурги хашинпӯст
Ба сад савганд чун Юсуф шавӣ дӯст,
Лабодатро чунон бар гов бандад,
Ки чашме гиряду чашмет хандад.
Чӣ пиндорӣ, к-аз ин сон ҳафтхоне
Бувад мавқуф хуне в-устухоне?
Бад-ин қорура то чанд об резӣ,
Бад-ин ғирбол то кай хок безӣ?
Нахоҳад монд охир ҷовидона,
Дар ин нӯҳ матбах ин як чорхона.
Чу вақт ояд, ки вақт ояд ба охир
Ниҳониҳо кунанд аз парда зоҳир.
Набинӣ гард аз ин даврон, ки бинӣ,
Ҷуз он қолиб, ки дар қалбаш нишинӣ.
Аз ин ҷо тӯша бар, к-он ҷо алаф нест,
Дур ин ҷо ҷӯ, ки он ҷо ҷуз садаф нест.

Дар ин мушкин садафҳои ниҳонӣ
Басо дурҳо, ки бинӣ аз маъонӣ.
Навоин пардае бинӣ диловез,
Навои ӯ навозишҳои навхез.
Куҳанкорон сухан покиза гуфтанд,
Сухан бигзор, марворид суфтанд.
Суханҳои куҳанзоле мутаррост,
В-агар Золи Зар аст, ангор, Анқост.
Диранги рӯзгору гунаи гард
Кунад рухсори марворидро зард.
Нагӯям зарри пешин нав наярзад,
Чу дуқёнус гуфтӣ, ҷав наярзад.
Гузашт аз понсаду ҳафтод шаш сол,
Назад бар хатти хубон кас чунин фол.
Чу донистам, ки дорад ҳар диёре
Зи меҳри ман арӯсе дар каноре,
Тилисми хешро аз ҳам гусастам,
Ба ҳар байте нишоне боз бастам.
Бад-он то  ҳар кӣ дорад диданам дӯст,
Бибинам мағзи ҷонамро дар ин пӯст.
Агар ман ҷони маҳҷубам, тан ин аст.
В-агар Юсуф шудам,пероҳан ин аст,
Арӯсеро, ки фарши гил напӯшад,
Агар пӯшад зи чашм, аз дил напӯшад,
Ҳама пӯшидае бо мост зоҳир
Чу гуфтӣ Хизр, Хизр он ҷост ҳозир.
Низомӣ, низ к-ин манзума хонӣ,
Ҳузураш дар сухан ёбӣ ниҳонӣ.
Ниҳон кай бошад аз ту ҷилвасозе,
Ки дар ҳар байт гӯяд бо ту розе.
Пас аз сад сол агар гӯӣ:– «Куҷо ӯ?»
Зи ҳар байте нидо хезад, ки «Ҳо, ӯ!»
Чу кирми қаз шудам аз кардаи хеш,
Бирешим бахшам, аз барге кунам реш.
Ҳаромам бод, агар обе хӯрам хом
Ҳалоле барнаёрам пухта аз ком.
Нахусбам шаб, ки ганҷе барнасанҷам,
Даре беқуфл дорад кони ганҷам.
Замини аслиям дар бурдани ранҷ,
Ки аз як ҷав падидорам басе ганҷ.

Зи дона гар хурам муште ба оғоз,
Диҳам вақти дурудан хирмане боз.
Бар он хоке ҳазорон офарин беш,
Ки муште ҷав хурад, ганҷе ниҳад пеш!

## НАКӮҲИШИ ҲАСУДОН

Касе, к-ӯ бар Низомӣ мебарад рашк,
Нафас бе оҳ бинад, дида беашк!
Биё, гӯ, шаб бибин конканданамро
На конкандан, бибин ҷонканданамро.
Ба ҳар дур, к-аз даҳан хоҳам баровард,
Занам паҳлӯ ба паҳлӯ чанд новард.
Ба сад гармӣ бисӯзонам димоғе,
Ба даст орам ба шабҳо шабчароғе.
Фиристам, то тарозудори шоҳон
Ҷаве чандам фиристад узрхоҳон.
Худоё, ҳарфгирон дар каминанд,
Ҳисоре деҳ, ки ҳарфамро набинанд.
Сухан беҳарфи неку бад набошад,
Ҳама кас нек хоҳад, х(в)ад набошад.
Вале он, к-аз маъонӣ бенасиб аст,
Бидонад, к-ин сухан тарзе ғариб аст.
Агар шерӣ, ғарибонро маяфкан,
Ғарибонро сагон бошанд душман.
Басо мункир, ки омад теғ дар мушт,
Маро зад теғу шамъи хешро кушт.
Басо гӯё, ки бо ман гашт хомӯш,
Дарозиш аз забон омад суи гӯш.
Чу Исо бар ду зону пеш биншаст.
Харе бо чор по омад фаро даст.
Чӣ бок аз таънаи хокию обӣ,
Чу дорам диръи заррин офтобӣ?
Гар аз ман кавкабе шамъе барафрӯхт,
Кас аз ман офтобӣ дарнаёмӯхт.
Ки гар дар роҳи худ як зарра дидам,
Ба сад дасташ алам боло кашидам.
В-агар санге даҳан дар коси ман зад,
Дуре шуд чун ки дар алмоси ман зад.
Таҳаммул бин, ки бинам ҳиндуи хеш
Чу турконаш ҷанибат мекашам пеш.

Гаҳ он бепардаро мавзун кунам соз,
Гаҳ ин гунҷишкро гӯям зиҳӣ боз!
Зи ҳар зоғе ба ҷуз чашме наҷӯям,
Ба ҳар зайфе ҷуз аҳсанте нагӯям.
Ба гӯше ҷоми талхиҳо кунам нӯш,
Ба дигар гӯш дорам ҳалқа дар гӯш.
Нигаҳ дорам ба чандин устодӣ
Чароғеро дар ин тӯфони бодӣ.
Зи ҳар кишвар, ки бархезад чароғе,
Диҳандаш равғане аз ҳар аёғе.
В-ар ин ҷо анбарин шамъе диҳад нур,
Зи боди сардаш афшонанд кофур.
Ба шаккар заҳр мебояд чашидан,
Паси ҳар нукта дашноме шунидан.
Ман аз доман чу дарё рехта дур
Гиребонам зи санги таънаҳо пур.
Кулӯх андохта чун хишт дар об,
Кулӯхандозие нокарда, дурёб.
Даҳони халқ ширин аз забонам,
Чу заҳри қотил аз талхӣ даҳонам.
Чу гове дар харос афканда пӯён,
Ҳама раҳ донарезу донаҷӯён.
Чу барқе к-ӯ намояд хандаи х(в)аш,
Ғариқи об месӯзад дар оташ.
На ганҷӣ, эй дил, аз морон чӣ нолӣ?
Ки аз морон набошад ганҷ холӣ!
Чу товуси биҳишт ояд падидор,
Ба ҷои ҳалқа дарбонӣ кунад мор.
Бад-ин товус морон мӯҳра пошанд,
Ки товусону морон хоҷатошанд.
Нигоре акдаш аст ин нақши дамсоз,
Падар ҳиндуву модар турки танноз.
Мисе пӯшида зери кимиёе,
Ғалат гуфтам, ки ганҷе в-аждаҳое.
Дуре, дар жарфдарёе ниҳода,
Чароғе, бар чалипое ниҳода.
Ту дур бардору дарёро раҳо кун,
Чароғ аз қиблаи тарсо ҷудо кун.
Мабин, к-оташгаҳеро раҳнамун аст,
Иборат бин,ки талқандуди хун аст.
Арӯси бикр бин бо тахту бо тоҷ,
Сару бун баста дар тавҳиду меъроҷ.

## ТАЛАБ КАРДАНИ ТУҒРИЛШОҲ ҲАКИМ НИЗОМИРО

Чу дод андешаи ҷоду димоғам
Зи чашмафсои ин лӯъбат фароғам,
Зи ҳар ақле муборакбодам омад,
Тариқулақли воҳид ёдам омад.
Чунин маҳде, ки моҳаш дар ниқоб аст,
Зи маҳ бигзар, сухан дар офтоб аст.
Харидандаш ба чандон дилписандӣ,
Расондандаш ба чарх аз сарбаландӣ.
Пазируфтанд чандон мулку молам,
Ки бовар карданаш омад муҳолам.
Басе чининаварди нобурида,
Ба ҷуз мушк аз ҳаво гарде надида.
Ҳамон хатлихироми хусравонӣ,
Сарафрози зару тавқи каёнӣ.
Ба ташрифам ҳадис аз ганҷ мерафт,
Ғулом аз даҳ каниз аз панҷ мерафт.
Пазиришҳо нигар дар кор чун монд,
Сутурам чун сақат шуд, бор чун монд.
Пазиранда чӣ гуна рахт бардошт,
Замини киштаро надруда бигзошт.
Бад-ин афсус мехӯрдам дареғе,
Задам бар хештан чун шамъ теғе,
Ки ногаҳ пайке омад нома дар даст,
Ба таъҷилам дуруде доду биншаст.
Ки сирӯза сафар кун, к-инак аз роҳ
Ба сифарсангӣ омад мавкиби шоҳ.
Туро хоҳад, ки бинад рӯзаке чанд,
Калиди хешро магзор дар банд.
Мисолам дод, к-ин тавқеи шоҳ аст,
Ҳамат шаҳна, ҳамат таъвизи роҳ аст.
Мисоли шоҳро бар сар ниҳодам,
Се ҷо бӯсидаму сар баркушодам.
Фурӯ хондам ман он фармон ба фарҳанг
Калидам з-оҳан омад, оҳан аз санг.
Ба азми хидмати шаҳ ҷастам аз ҷой,
Даровардам ба пушти борагӣ пой.
Бурун рондам суи саҳро шитобон,
Гирифтам ракс дар кӯҳу биёбон.

Зи гӯрон так рабудам дар давидан,
Гарав бурдам зи мурғон дар паридан.
Зи рақси раҳ намешуд табъ серам,
Зи ман раққостар маркаб ба зерам.
Ҳама раҳ саҷда мебурдам қаламвор,
Ба торак роҳ мерафтам чу паргор.
Ба ҳар манзил, к-аз он раҳ мебуридам,
Дуои давлати шаҳ мешунидам.
Ба ҳар чашма, ки обе тоза х(в)ардам,
Ба шукри шаҳ дуое тоза кардам.
Насими давлат аз ҳар кӯҳу руде
Зи лутфи шоҳ медодам дуруде.
Зи мушкин бӯи он ҳазрат ба ҳар гом
Замин дар зери ман чун анбари хом.
Чу бар худ ранҷи раҳ кӯтоҳ кардам,
Заминбӯси бисоти шоҳ кардам.
Дарун шуд қосиду шаҳро хабар кард,
Ки чашма бар лаби дарё гузар кард.
Бурун омад зи даргаҳ ҳоҷиби хос,
Зи дарё дод гавҳарҳо ба ғаввос.
Маро дар базмгоҳи шоҳ бурданд,
Аторудро ба бурҷи моҳ бурданд.
Нишаста шоҳ чун тобанда хуршед
Ба тоҷи Кайқубоду тахти Ҷамшед.
Заминбӯсаш фалакро ташна карда,
Маҳ аз сарҳанги посаш дашна х(в)арда.
Шукӯҳи тоҷаш аз фарри ҷаҳонгир
Фиканда Қирвонро ҷома дар қир.
Тарафдорон зи Сақсин то Самарқанд
Ба навбатгоҳи даргоҳаш камарбанд,
Дараш бар ҳамли кишварҳо кушода,
Ҳама дар ҳамл бар ҳамл истода.
Ба дарё монд мавҷи нилрангаш,
Ки дар дил буд ҳам дур, ҳам наҳангаш.
Сари тоҷи Қизилшоҳ аз сари тахт
Ниҳода тоҷи давлат бар сари бахт.
Биҳиште базмаш аз базми биҳиштӣ,
Зи ҳавзакҳои май пур карда киштӣ.
Кафи родаш ба ҳар кас дода баҳре,
Гаҳе шаҳрею гоҳе ҳамли шаҳре.

Зи теғи тангчашмони ҳисорӣ
Қадархонро дар он дар тангборӣ.
Хурӯши арғануну нолаи чанг
Расонида ба чархи Зуҳра оҳанг.
Бирешимзан навоҳо баркашида,
Бирешимпӯш пероҳан дарида.
Навоҳо мухталиф дар пардасозӣ,
Навозиш муттафиқ дар ҷоннавозӣ.
Ғазалҳои Низомиро ғизолон
Зада бар захмаҳои чанг нолон.
Гирифта соқиён май бар кафи даст,
Шаҳаншаҳ хӯрда май, бадхоҳи шаҳ маст.
Чу додандаш хабар, к-омад Низомӣ,
Фузудаш шодие бар шодкомӣ.
Шукӯҳи зӯҳди ман бар ман нигаҳ дошт,
На з-он пашме, ки зоҳид дар кулаҳ дошт.
Бифармуд аз миён май баргирифтан,
Мудорои маро пай баргирифтан.
Ба хидмат соқиёнро дошт дар банд,
Ба саҷда мутрибонро кард хурсанд.
Ишорат кард, к-ин як рӯз то шом
Низомиро шавем аз руду аз ҷом.
Навои назми ӯ хуштар зи руд аст,
Саросар қавлҳои ӯ суруд аст.
Чу Хизр омад, зи бода сар битобем,
Ки Оби Зиндагӣ бо Хизр ёбем.
Пас он гаҳ ҳоҷиби хос омаду гуфт:
– «Дарой, эй тоқи бо ҳар донише ҷуфт».
Дарун рафтам тане ларзанда чун бед,
Чу зарра, к-ӯ гирояд сӯи хуршед.
Сари худ ҳамчунон бар гардани хеш
Сарафканда, фиканда ҳар ду дар пеш,
Бад-он то бӯсам ӯро чун замин пой,
Чу дидам, осмон бархост аз ҷой.
Гирифтам дар канор аз дилнавозӣ,
Ба мӯре чун Сулаймон кард бозӣ.
Ман аз тамкини ӯ ҷӯше гирифтам,
Ду оламро дар оғӯше гирифтам.
Қиёми хидматашро нақш бастам,
Чу гуфт иқболи ӯ «биншин!» нишастам.

Сухан гуфтам, чу давлат вақт медид,
Суханҳое, ки давлат меписандид.
Аз он базла, ки ризвонаш писандад,
Забонӣ гар ба гӯш орад, бихандад.
Насиҳатҳо, ки шоҳонро бишояд,
Васиятҳо, к-аз ӯ дарҳо кушояд.
Басе полудаҳои заъфаронӣ
Ба шаккархандашон додам ниҳонӣ.
Гаҳе чун абрашон гиря кушодам,
Гаҳе чун гул нишоти ханда додам.
Чунон гуфтам, ки шоҳ аҳсант мегуфт.
Хирад бедор мешуд, ҷаҳл мехуфт.
Самоъам соқиёнро карда мадҳуш,
Муғанниро шуда дастон фаромӯш.
Даромад ровию бархонд чун дур
Саное, к-он бисот аз ганҷ шуд пур.
Ҳадисамро чу хусрав гӯш мекард,
Зи ширинӣ даҳан пурнӯш мекард.
Ҳикоят чун ба ширинӣ даромад,
Ҳадиси Хусраву Ширин баромад.
Шаҳаншаҳ даст бар дӯшам ниҳода,
Зи таҳсин ҳалқа дар гӯшам ниҳода.
Шакаррезон ҳамекард аз иноят,
Ҳадиси Хусраву Ширин ҳикоят.
Ки гавҳарбанд бунёде ниҳодӣ,
Дар он санъат суханро дод додӣ.
Гузоришҳои беандоза кардӣ,
Бад-он таърихи моро тоза кардӣ.
Арӯсеро бад-он ширинсаворӣ,
Ки будаш бурқаи Ширин иморӣ,
Чу бар дандони мо кардӣ ҳалолаш,
Чӣ дандонмузд шуд бо зулфу холаш?
Туро ҳам бар ману ҳам бар бародар
Маъоше фарз шуд чун шири модар.
Бародар, к-ӯ шаҳаншоҳи ҷаҳон буд,
Ҷаҳонро ҳам малик ҳам паҳлавон буд.
Бад-он нома, ки бурдӣ солҳо ранҷ,
Чӣ додат дастмузд аз гавҳару ганҷ?
Шунидам, қуръае зад аз хулосат,
Ду пора деҳ навишт аз мулки хосат.

Чӣ гӯӣ, он деҳат доданд ё на?
Мисоли деҳ фиристоданд ё на?
Чу донистам, ки хоҳад файзи дарё,
Ки гардад кори бозургон муҳайё,
Ҳамон хоки хароб обод гардад,
Ба бандафтодае озод гардад,
Дуои тозае хондам чу бахташ,
Ба гавҳар баргирифтам пои тахташ.
Чу бархондам дуои давлати шоҳ,
Зи бозиҳои чархаш кардам огоҳ.
Ки ман ёқути ин тоҷи мукаллал
На аз баҳри баҳо барбастам аввал.
Маро мақсуд аз ин ширин фасона
Дуои хусравон омад баҳона.
Чу шукри Хусрав омад бар забонам,
Фусуни Шаккару Ширин чӣ хонам?
Бале, шоҳи саид аз хоси хешам
Пазируфт он чи фармудӣ зи пешам.
Чу баҳри умри ӯ киштӣ равон кард,
Маро на, ҷумла оламро зиён кард,
Вале чун ҳаст шоҳе чун ту бар ҷой,
Ҳам он шаҳзодагони кишваророй,
Аз он пазруфтаҳои рағбатангез
Дигарбора шавад бозори ман тез.
Пазируфт он дуову ҳамдро шоҳ,
Аз ихлосе ки буд аз дил бад-ӯ роҳ,
Чу хӯ бо ҳамду бо ихлоси ман кард,
Деҳи Ҳамдуниёнро хоси ман кард.
Ба мамлукӣ хате додам мусалсал,
Ба тавқеи қизилшоҳӣ мусаҷҷал,
Ки шуд бахшида ин деҳ бар тамомӣ
Зи мо бар зод бар зоди Низомӣ.
Ба мулки талқ додам беғаромат
Ба талқӣ мулки ӯ шуд то қиёмат.
Касе к-ин ростиро нест бовар,
Манаш хасму Худояш бод довар.
Агар таъне занад бар вай хасисе,
Ба ҷуз ваҳшат мабод ӯро анисе!
Ба лаънат бод, то бошад замона,
Табораш тири лаънатро нишона.

Чу корафтодаеро кор шуд рост,
Дари ганҷина бикшоду баророст.
Дарунамро ба таъйиди илоҳӣ,
Бурунамро ба хилъатҳои шоҳӣ.
Чу аз ташрифи худ маншуриям дод,
Ба тоатгоҳи худ дастуриям дод.
Шудам наздики шаҳ бо бахти масъуд
В-аз ӯ бозомадам бо тахти Маҳмуд.
Чунон рафтам, ки сӯи Каъба Ҳаҷҷоҷ,
Чунон боз омадам, к-Аҳмад зи меъроҷ.
Шунидам ҳосиде з-онҳо, ки донӣ,
Ки дузди кисабур бошад ниҳонӣ,
Ба юсуфсуратӣ гурге ҳамезод,
Ба лавзина дарун алмос медод,
Ки эй гетӣ нагашта ҳақшиносат,
Зи баҳри чист чандине сипосат?
Арусе к-осмон бӯсид пояш,
Деҳе вайрона бошад рӯнамояш?
Деҳе в-он гаҳ чӣ деҳ? Чун кӯраи танг,
Ки бошад тӯлу арзаш ним фарсанг.
Надорад дахлу харҷаш кисапардоз
Саводаш нимкори мулки Абхоз.
Чунин додам ҷавоби ҳодиси хеш,
Ки неъматхораро куфрон маяндеш.
Чаро мебояд, эй солуки наққоб
Дар ин вайрона афтодан чу маҳтоб?
Ба ҳамди ман нигар, Ҳамдуниён чист,
Ки як ҳамд инчунин беҳ, к-ончунон бист.
Агар бинӣ дар он деҳ кору киште,
Маро дар ҳар сухан бинӣ биҳиште.
Гар ӯ дорад зи дона хӯшаи пур,
Ман орам хӯша – хӯша донаи дур.
Гар ӯро з-абр файз оби Фурот аст,
Маро дар файзи лаб оби ҳаёт аст.
Гар ӯро бешае бо устуворист,
Маро сад беша аз уди қиморист.
Сипоси ман на аз ваҷҳи манол аст.
Бад-он ваҷҳ аст, к-ин ваҷҳе ҳалол аст.
В-агар дорад харобӣ сӯи ӯ роҳ,
Харобободкун бас давлати шоҳ.

Зи харворе садаф як дона дур беҳ,
Зулоли андак аз тӯфони пур беҳ.
На ин деҳ, шоҳи олам рои он дошт,
Ки даҳ бахшад чу хидмат ҷои он дошт.
Вале чун мулки хурсандӣ-мро дид,
Вилоят дархури хоҳанда бахшид.
Чу ман хурсандаму бахшанда хушнуд,
Ту нақли булфузулӣ харҷ кун зуд.

## ТААССУФ БАР МАРГИ ШАМСУДДИН МУҲАММАДИ ҶАҲОНПАҲЛАВОН

Чӣ мегуфтам, сухан маҳмил куҷо ронд,
Куҷо мерафтаму рахтам куҷо монд?!
Ба султонӣ чу шаҳ навбат фурӯ кӯфт
Ғубори фитна аз олам фурӯ рӯфт.
Шукӯҳаш панҷ навбат бар фалак бурд,
Нифозаш кард ҳафт иқлимро хурд.
Хурӯши табли вай, гуфтӣ, ду мил аст,
Кӣ медонист, к-он табли раҳил аст.
Нафири кӯс, гуфтӣ, то ду моҳ аст,
Киро дар дил, ки шаҳ дар кӯчгоҳ аст.
Бар он аврангаш ором андаке буд,
Чу барқаш зодану мурдан яке буд.
Баре нохӯрда аз боғи ҷавонӣ,
Чу Зулқарнайн аз оби зиндагонӣ
Шаҳодат ёфт аз захми бадандеш,
Ки бодош он ҷаҳон подош аз ин беш!
Сепоя бар фалак зад з-ин харобӣ,
Гузашт аз пояи хокию обӣ.
Гар он дарё шуд, ин дурҳо ба ҷоянд,
Ки бар мо беш аз он дарҳо кушоянд.
Гар ӯро сӯи гавҳар гарм шуд пой,
Насабдорони гавҳар бод бар ҷой!
Гар ӯро файзи раҳмат гашт соқӣ,
Ҷаҳон бар ворисонаш бод боқӣ!
Гар ӯро хок дод аз тахта банде,
Мабод ин тахтгиронро газанде!
Гар ӯ бетоҷ шуд, тоҷаш ризо бод,
Сари ин тоҷдоронро бақо бод!

Хусус он вориси эъмори шоҳон,
Назаргоҳи дуои некхоҳон.
Муаййид Нусратиддин, к-офариниш
Зи номи ӯ пазирад нури биниш,
Паноҳи хусравон Аъзам Атобак
Фаридунвор бар олам муборак.
Абӯбакри Муҳаммад, к-аз сари дод
Абӯбакру Муҳаммадро кунад шод,
Ба шоҳӣ тоҷбахши тоҷдорон,
Ба давлат ёдгори шаҳрёрон.
Ба доной-ш ҳафт ахтар шакарханд,
Ба мавлой-ш нӯҳ гардун камарбанд.
Ситора пояи тахти баландаш,
Фалакро бӯсагаҳ сумми самандаш.
Сарираш бод дар кишваркушоӣ
Васиқатномаи кишвархудоӣ.
Ҷаҳонро то абад шоҳи ҷаҳон бод,
Бар он-ч уммед дорад, комрон бод!
Саодат ёри ӯ дар комронӣ,
Мусоид бо саодат зиндагонӣ.
Суханро бар саодат хатм кардам,
Варақ, к-ин ҷо расонам, дарнавардам.
Худоё, ҳар чӣ рафт аз саҳвкорӣ,
Биёмурз аз карам, к-омурзгорӣ.
Равонаш бод ҷуфти шодкомӣ,
Ки гӯяд:– «Бод раҳмат бар Низомӣ!»

# ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ

## А

**Абдол** – мардуми шариф ва дурусткор; одамони салоҳандеш.

**Абнои аср** – мардуми аср, одамони замон.

**Абри мушкин** – киноя аз мӯйҳои сиёҳи парешони Ширин.

**Абхар** – хашмнок, ғазабнок.

**Абӯбакр Муҳаммад** – Нусратиддин Абӯбакри писари Шамсиддин Муҳаммад Атобаки Ҷаҳонпаҳлавон аст.

**Авн** – ёрӣ.

**Авранг** – тахт; тоҷ ва кулоҳ.

**Автод** – ҷ. ватад; меххо.

**Автор** – ҷ. тор; торҳо.

**Адим** – пӯсти дабоғатёфта; адими рух-пӯсти рӯй.

**Аёғ** – пиёла.

**Азимуррум** – лақаби салотини Рум.

**Аз нур шудан** – киноя аз беравнақ ва табаҳ шудани кор.

**Айюқ** – номи ситора.

**Акдаш** – омехта; дурага.

**Акҳал** – чашми сурмакашида; каси мижгонсиёҳ.

**Алам** – байрақ.

**Алон** – яке аз шаҳрҳои Туркистон, ки дар намадфурӯши маъруф будааст.

**Алуфа** – алаф.

**Аналҳақ** – ман Ҳаққам. Гуфтаи Мансури Ҳаллоҷ.

**Ано** – заҳмат, ранҷ.

**Аморӣ** – каҷова.

**Анин** –фарёд, нола.

**Анҷарақ** – номи саҳрое дар Арманистон.

**Анҷир** – сӯрох.

**Анҷидан** – захм кардан, буридан.

**Арбада** – фарёд, шӯру ғавғо.

**Аржанг** – номи китоби наққоши номи Монӣ.

**Арзиз** – қалъагӣ.

**Артанг** – номи нигорхонаи Монӣ.

**Асас** – посбони шабгард.

**Асӣ** – гунаҳгар, осӣ.

**Астар** – хачир.

**Атф** – ин ҷо ба маънии доман.

**Афин** – бадбӯй, гандида.

**Афсо-** афсунгар.

**Аъмо** – кӯр, нобино.

**Аъмор** – ба маънии молу мулк.

**Ақсо** – дур, нуқоти дуртарин.

**Аҳад** – яккаву танҳо.

**Аҷз** – оҷизӣ, бечорагӣ.

**Аҷром** – ҷ. ҷирм, ҷирмҳои осмонӣ.

## Б

**Бадлигом** – бадлаҷом – киноя аз саркаш.

**Бадмаҳзар** – бадхӯй, бадхулқ.

**Бадр** – моҳи пурра, моҳи чаҳордаҳ.

**Бадром** – саркаш.

**Бадруд** – бақо; саломат.

**Байғора** – таъна, сарзаниш.

**Базла** – сухани ширин ва латиф.

**Байдақ** – пиёда (дар бозии шатранҷ).

**Байза дар об будан** – киноя аз суратбандии чӯҷа дар тухм.

**Ба наврӯзӣ нишастан** – базми наврӯзӣ барпо кардан.

**Банотуннаъш** – ҳафтдодарон.

**Барг** – сомон, асбоб; созу наво.

**Баргу соз** – асбобу анҷом; созу наво.

**Баргустувон** – як навъ либоси ҷангӣ будааст, ки дар қадим ҳам паҳлавонон мепӯшидаанд ва ҳам барои ҳифзи аспон ба аспон мепӯшонидаанд.

**Бардаъ** – шаҳре дар Арманистон.

**Барид** – қосид, номабар.

**Барот** – ҳуҷҷат; ин ҷо даъватнома.

**Барфоб додан** – об дар даҳони кас овардан, фурӯ чакидани оби даҳон.

**Бархурдор-** баҳраманд, комёб.

**Басечи роҳ** – асбоби роҳ.

**Басит** – васеъ, фарох, кушод.

**Басту** – як навъ зарфи хурди сафолин.

**Барқ** – киноя аз аспи тезрав.

**Бақам** – чӯби сурхранге, ки дар касби рангрезӣ ба кор мебурдаанд.

**Бақеъ** – замин.

**Бедбарг** – навъе аз тир.

**Бежан** – номи яке аз қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсист, ки Шоҳи Турон Афросёб ӯро ба ҷурме ба чоҳи торик андохта буд.

**Бемори хезон** – бемори бистарие, ки гоҳ-гоҳ аз ҷой мехезад.

**Бесанг** – сабук, бетоқат.

**Беравғанӣ** – киноя аз заъфи бадан.

**Беғӯла (байгула)** – вайрона, гӯша. Ин ҷо киноя аз ҷаҳон.

**Биайниҳ** – айнан.

**Бино** – мухаффафи бинокор.

**Бирешимзан** – чангзан, чангнавоз.

**Бирешимпӯш** – киноя аз соқиён ва ғуломон.

**Бод** – мухаффафи бода.

**Бодафро (бодафроҳ)** – ҷазо, сазо.

**Бод дар даст** – киноя аз тиҳидастӣ, холидастӣ.

**Бодома** – нигини ангуштар.

**Бом** – мухаффафи бомдод.

**Борбад** – номи мусиқидони машҳури дарбори Хусрави Парвиз: номи яке аз оҳангҳои мусиқии гузашта.

**Бору** – қалъа, ҳисор.

**Бохарзон** – номи вилояте дар Хуросон.

**Боғи сапед** – гӯё номи боғи шоҳие будааст дар шаҳри Бардаъ.

**Боҷбарсам** – намакчашак. Дар қадим расме буда, ки пеш аз ба хӯрдани таъом шурӯъ намудани шоҳ мӯбад таъомро,

чашида, неку бади онро муайян карда, пас ба шоҳ рухсати хӯрдан медодааст.

**Булбула** – сурохӣ, шишаи май.

**Булфузул** – беҳудагӯй.

**Буна** – молу мулк.

**Бунгоҳ** – хона, манзил; ҷои доду гирифт; муассиса.

**Бурдборӣ-** сабру таҳаммул.

**Бути Қипчоқ** – киноя аз завҷаи худи шоир.

**Бурқаъ** – ниқоб.

**Бурҷи об-** истилоҳи нуҷумист. Мувофиқи гуфти ситорашиносони гузашта агар қамар ба бурҷи об расад, борон мешудааст.

**Бухур** – сӯхтани уд.

**Буғро** – номи яке аз шоҳони гузаштаи Хоразм.

**Буқъа** – замин; вилоят, кишвар.

**Бӯқ** – ной.

## В

**Вабол** – сахтӣ, азоб.

**Вазағ** – қурбоқа.

**Валоят** – ба маънии дӯстӣ омада.

**Вақфа** – ором, сокин.

**Ваҳал** – лой, ботлоқ.

**Вис** – қаҳрамони достони «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ.

**Висоқ** – хона.

**Вом** – қарз.

**Воруна** – наҳс, номуборак; бадбахт.

**Вусуқ** – бовар.

**Вуҷӯҳ** – ҷамъи ваҷҳ.

**Вушоқ** – ғуломи зеборӯй.

## Г

**Газанд** – офат, зиён.

**Газит** – хироҷ, ҷузя.

**Гарданон** – паҳлавонон.

**Гармсер** – ҷои гарм, ки мардуми чодарнишин зимистон ба он ҷо кӯч мекунанд.

**Гардан хоридан** – киноя аз ҳайрат ва тааҷҷуб.

**Гелакон** – шаҳри Гелон.

**Гелӣ** – Гелонӣ.

**Говарс** – курмак.

**Гозур** – либосшӯ.

**Гирдак** – хайма, хаймаи хоси шоҳӣ.

**Гилхона** – хонаи хокӣ.

**Гирифта** – асир, баста.

**Говриш** – мутеъ: беайл.

**Говчашм, пилгӯш, шақоиқ, марзангӯш** – номи навъҳои гул.

**Гувожа** – сарзаниш.

**Гулгун** – номи аспе.

**Гулаҳ** – мӯи бофта, зулф.

**Гулобӣ** – шахси гулобкаш.

**Гурбабед** – беди мушк, мушкбед.

**Гуроз** – хуки ваҳшӣ.

**Гусӣ** – мухаффафи гусел.

**Гӯгирди сафед** – киноя аз сурин.

**Гӯр** – хари даштӣ.

**Гӯянда** – ишора ба шоири бузург Фирдавсӣ.

## Ғ

**Ғадр** – макр, фиреб.

**Ғанҷа** – ноз, карашма.

**Ғасб** – моли касеро ба зӯру ситам тасарруф кардан.

**Ғано** – суруд.

**Ғоратбурда** – ғоратзада.

**Ғунҷ** – ноз, карашма.

**Ғуриғулом** – ғуломи ғурӣ. (Ғур – номи шаҳрест).

**Ғуроб** – зоғ.

## Д

**Даври ҳилолӣ** – даврони кӯдакӣ.

**Дайёр** – сокин, бошанда.

**Дайлам** – ғуломи сафедпӯст.

**Дайри парисӯз** – ҷое будааст, ки дар қадим он ҷо дафъи ҷоду мекардаанд.

**Далв** – зарфи обкашӣ: номи яке аз бурҷҳои осмонӣ.

**Дама** – барфбоди шадид.

**Дам додан** – афсун кардан; афсона хондан.

**Дараҷ** – ҷамъи дараҷа, дараҷаҳо.

**Дарбанд** – номи яке аз шаҳрҳои Кафқоз дар соҳили баҳри Хазар.

**Дарбоқӣ** – тарк кардан, фурӯ гузоштан.

**Дархур** – лоиқ, шоиста.

**Дастбурд** – ғолибият, музаффарият; бартарҷ, фазилат.

**Даст** – роҳу равиш, кор; тахт.

**Даст ба ҳарф судан** – киноя аз айбҷӯӣ ва нуктагирӣ.

**Дасти зерин** – киноя аз равиш ва мақсади пинҳонӣ.

**Дасткор** – ҳила, макр, чора.

**Дашна** – ханҷар.

**Дашти рамгала** – номи биёбоне будааст.

**Даҳ андар даҳ** – дар масофати даҳ дар даҳ мил.

**Дахра** – табар.

**Дизи Ақно** – номи қалъае будааст дар Арманистон.

**Дина** – дирӯз.

**Диравши ковиён** – байрақи кованиён.

**Диръ** – зиреҳ.

**Дият** – хунбаҳо.

**Дори нуҳдар** – киноя аз олами ҷисмонӣ - ҷисму андоми одамӣ.

**Доғ** – нишон, нишона.

**Доғи яъқубӣ** – киноя аз кӯрӣ.

**Доч** – торикӣ; тира.

**Дунба** – киноя аз фиреб, макр.

**Дурбош** – найзаи душохае будааст, ки расман посбонон пешопеши шоҳон да даст гирифта, ба мақсади огоҳ намудани мардум аз роҳи гузар «дур бош!» мегуфтаанд.

**Дурроҷ** – номи мурғе.

**Дурустак** – зари сикказадашуда.

**Дурроҷа** – бурҷи бузурге ки бар ду тарафи дарвозаи қалъа месохтаанд ва мурғон он ҷо ошёна мекарданд.

**Дурух ниҳодан** – киноя аз мот ва мағлуб кардан аст.

**Дусонидан** – часпонидан; овехтан.

**Дурҷ** – халтае, ки занон ҷавоҳир ва ҳар гуна асбоби пурқимати ороиши хешро дар он мегузоштаанд.

**Дӯстгонӣ** – шаробе, ки бо дӯстон хӯранд.

## Ё

**Ёра** – гӯшвора.

**Ёсаҷ** – тири пайкондор.

**Ёфа** – гумшуда, нопадидшуда; гумроҳ.

## З

**Забони гов** – киноя аз шамшери каҷ.

**Забонӣ** – молики дӯзаҳ, ки гӯё аз қаҳру ғазаб офарида шуда будааст.

**Залла** – сарқут, боқимондаи хӯрок.

**Заминкан кӯҳ** – киноя аз аспи кӯҳпайкар.

**Замӣ** – мухаффафи замин.

**Занаб** – дунб, дунбола.

**Занд** – китоби Зардушт.

**Занн** – гумон.

**Занҷириён** – гирифторон, ошиқон.

**Зарних** – гӯгирди бо маргимуш омехта.

**Зарриналам** – киноя аз офтоб.

**Зарроқон** – дурӯягон, фиребгарон.

**Зарӣ** – дурӯғ, фиреб, риё, дурангӣ.

**Зерафган** – яке аз навоҳои мусиқӣ.

**Зилл** – соя.
**Зирбо** – навъе аз таъоми зирадор.
**Зиф** – мардуд.
**Зифоф** – шаби аввали арӯсӣ; ҳамбистарӣ.
**Золи зар** – ишора ба падари паҳлавони номӣ Рустам аст.
**Зулқарнайн** – душоха, ишора ба Искандари Мақдунӣ.
**Зуфт** – талхком, маҳрум.
**Зӣ** – назди, сӯи, ҷониби.

## И

**Идбор** – баргаштагии бахту толеъ.
**Иёр** – имтиҳон, санҷиш.
**Илф** – улфат, дӯст.
**Инон печидан** – гуреза шудан, шикаст хӯрдан.
**Иншироқ** – қалъае дар кӯҳи Ҷуррам.
**Истиҳқоқ** – сазоворӣ, шоистагӣ.
**Иқда** – банд.
**Иқтоъ** – замини вақф.
**Иҷмоъ** – ҷамъ.

## К

**Кабоби тар** – кабоби аз гӯшти тоза тайёркардашуда.
**Кадар** – тоза.
**Кадевар** – подшоҳ, кадхудой, соҳиб.
**Каёнӣ** – шоҳӣ.
**Кайфа ҳолак (ар.)** – ҳолат чӣ гуна аст? Чӣ ҳол дорӣ?
**Камол** – чашмзахм.
**Камонгар** – киноя аз маъшуқ.
**Каппӣ-** маймун, бӯзина.
**Каср** – шикаст.
**Кашаф** – сангпушт.
**Каш зебо** – ҳамоғӯш будан.
**Кашиш** – руҳонии мӯсавӣ, пешвои мазҳабӣ.
**Каъбатайни сандарусӣ** – киноя аз моҳу офтоб.

**Кемухт** – чарми сахт ва дурушт.

**Кеш** – дину оин.

**Киёӣ** – бузургӣ: шоҳӣ.

**Кизлик** – кордча, қалам тарош.

**Килла** – пардае, ки барои ороиши арӯс мезаданд.

**Кирми қазз** – кирми пила.

**Ковин (кобин), маҳр, ҷиҳоз** – маблағе ки дар вақти никоҳ муқаррар карда мешуд; ақди никоҳ.

**Кому ноком** – хоҳу ноҳоҳ.

**Кофурбезӣ** – барфрезӣ.

**Кофурборӣ-** киноя аз барф боридан.

**Куланг** – тамаъ, ҳирс.

**Кулаҳвор** – як порча матои ба андозаи як кулоҳ дӯхтан.

**Куланг** – як навъ олати сангканӣ.

**Кулунч** – як навъ кулчаи ширин.

**Кӯс** – нақора, табли ҷангӣ.

**Кӯшк** – қаср, иморати берун аз шаҳр ва дур аз ободонӣ.

**Куҳанзоли мутарро** – пирзани зоҳири зишти худро сафо ва зинатдода.

**Кӯҳтан** – киноя аз аспи Ширин.

## Қ

**Қалам мисмор кардан** – киноя аз афгандани қалам ва дигарбора барнадоштани қалам аст.

**Қидам** – қадима, пешина, гузашта.

**Қизилшоҳ** – бародари модарии падари Туғрилшоҳ аст.

**Қирвон** – гӯё номи шаҳре будааст дар Мағрибзамин.

**Қоқум** – ҳайвонест, ки пӯсти гаронбаҳо дорад.

**Қоҳир** – номи шаҳре дар Ҳиндустон, ки бо уду анбари хеш машҳур будааст.

**Қундуз** – саги обӣ.

**Қуроза** – резаҳои филиз ё резаҳои чизи шикаста.

## Л

**Лабода** – ҷома, либоси пашмин.

**Лабода бар гов бастан** – киноя аз кӯч кардан ва мурдан аст.

**Лавзина** – навъе аз ҳалво.

**Лантаронӣ** – Ҳаргиз маро нахоҳӣ дид.

**Лафҷан** – лабу лунҷи зишти овезоншуда.

**Лахшидан** – лағзидан.

**Лаъб** – дилхушӣ, вақтхушӣ.

**Лаълӣ** – ба маънии маи сурх.

**Лот** – номи буте, ки арабҳои пешазисломӣ мепарастиданд.

**Лурканд** – замини пасту баланд.

## М

**Мавкиб** – сипоҳ, лашкар, гурӯҳе, ки дар рикоби шоҳ мегашт

**Мавло** – дӯст, молик.

**Мавлои мавлозода** – бандаи бандазода.

**Мадхал** – роҳи дохил шудан.

**Мансуба** – бозии ҳафтум аз бозиҳои шоҳмот.

**Мансуҷ** – порчаҳои тофташудаи заррин.

**Манфаз** – роҳ, маҳалли гузаштан: сӯрох.

**Маншур** – фармон.

**Манҷаниқ** – чархи абрешимтобӣ; асбоби ҷангии қадимӣ.

**Манҷуқ** – моҳчаи сари байрақ.

**Мардумгиёҳ** – як навъ гиёҳе, ки шакли одамӣ доштааст.

**Масел** – раҳрави сел, ин ҷо киноя аз ҷаҳон.

**Масруъ** – каси ба бемории саръ гирифторшуда.

**Масъуд** – дар матн ба ду маънӣ: яке маънии аслии он ва дувум ишора ба писари Султон Маҳмуди Ғазнавӣ – Султон Масъуд омада.

**Матбах** – ошпазхона.

**Махзан-ул-асрор** – номи аввалин маснавии «Хамса»-и Низомӣ.

**Маъбуд** – ибодатшаванда.

**Маъдум** – нест, нобуд.

**Маъзулон** – бекорон; гӯшанишинон.

**Мақҳур** – мавриди хашму қахр қароргирифта: хоршуда.

**Маҳил** – магзор, роҳ мадеҳ.

**Маҳмуд** – ишора ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ.

**Маҳҷуб** – дар ҳиҷоб, дар парда.

**Маҷус** – оташпараст, зардуштӣ, оташкада.

**Меши дандонпир** – киноя аз рӯзгор.

**Меъодгаҳ** – ҷои ваъда, ваъдагоҳ.

**Меғ** – абр.

**Меҳроби Ҷамшед** – киноя аз офтоб.

**Мидод** – қалам.

**Мисол** – фармон.

**Мил даркашидан** – киноя аз кӯр кардан.

**Мину** – биҳишт.

**Мисмор** – мех; сих.

**Миқнаа** – рӯсарӣ, тӯр.

**Миқнотис** – оҳанрабо.

**Миқраа** – як навъ олоти кӯбидан, вале дар матн ба маънии суми асп омада.

**Миқроза** – як ҷунбиш ва бурриши миқроз.

**Миқроз ва чин** - навъҳои гилем.

**Миҷарра** – Каҳкашон.

**Миҷарра** – роҳ.

**Мозоғ** – ишора ба ояи Қуръон

**Моида** – неъмат, дастархони пур аз таъом.

**Монӣ** – наққоши маъруфе, ки дар замони Шопури аввал зиндагӣ ба сар бурдааст.

**Мубарро** – холӣ, пок.

**Мубдиъ** – бавуҷудоранда.

**Мубоҳ** – шоён, арзанда; ҳалол.

**Мукаллал** – зебу зевар додашуда.

**Муназзаҳ** – пок, беолоиш.

**Мунодӣ** – нидокунанда, ҷорчӣ.

**Мунқатеъ** – бурида, ҷудошуда.

**Мурво** – фоли нек, дуои хайр.

**Мусаллам** – саломат.

**Мустаҳиқ** – лоиқ, сазовор.

**Мутаввақ** – тавқдор, тоҷдор.

**Мутанозеъ** – низоъкунанда, ҷангҷолӣ.

**Мутафохир** – фахркунанда.

**Муфарраҳ** – шодмон, фараҳманд.

**Мушаъбид** – бозигар, найрангбоз.

**Мушкӯ** – ҳарамсаро, ҳарамхона.

**Мушрифи беҷома** – киноя аз ҳасудон.

**Муҷрим** – гунаҳкор.

**Мӯқон (Мӯғон)** – номи яке аз шаҳрҳои Озарбойҷон.

**Мӯягар** – гиряву зорикунанда, навҳагар.

### Н

**Набиз (набид)** – шароб (шароби хурмо ва ангур).

**Набаҳра** – қалбакӣ, носара.

**Наванд** – аспи тундрав.

**Намаксуд** – гӯшти куҳнаи намакхӯрда.

**Намат** – тариқ, роҳ, равиш.

**Наргис** – киноя аз чашм ва «Лола» киноя аз рухсор.

**Нард** – як навъ асбоби бозӣ. Нардбохтани канизона – киноя аз пеш гирифтани рафтор ва равиши канизон.

**Насри тоир** – номи яке аз ду ситораи машҳур, ки якеро «насри тоир» ва дигарро «насри воқеъ» мегуфтаанд.

**Натъ** – бисот, фарш; фарши чармине, ки собиқ гунаҳкорро болои он нишонда, сар мебуридаанд.

**Нашв** – сабзиш, рӯиш.

**Наъл дар оташ ниҳодан** – киноя аз зуд ва бошитоб хостан ва талабидани касе.

**Нақибон** – бузургон, бузургони қавм.

**Наҷошӣ** – лақаби подшоҳи Ҳабаш.

**Наҳл** – занбӯри асал.

**Ниё** – бобо, аҷдод.

**Ниёбат** – ҷонишинӣ, қоиммақомӣ.

**Ниёиш** – зорӣ, дуо.

**Ниётус** – номи бародари подшоҳи Рум.

**Нифоз** – нуфуз ва бартарӣ, шуҳрат.

**Ниюшидан** – шунидан, гӯш кардан.

**Нобарӯманд** – бесамар.

**Новак** – тир.

**Новард** – рафтор, гардиш.

**Ноҳифозӣ** – фиребгарӣ, гунаҳгорӣ.

**Ноҳид** – номи ситорае.

**Нузл** – бахшиш, эҳсон; таъоме, ки махсус барои меҳмон тайёр карда мешавад.

**Нузлиён** – фурудомадагон.

**Нур ало нур** – нур барои нур; зиёда, болотар.

**Нуҳ говпушт** – киноя аз нуҳ фалак.

**Нуҳ матбах** – киноя аз нуҳ осмон.

**Нуҳ турунҷ** – киноя аз нуҳ осмон.

## О

**Об** – равнақ, обрӯ.

**Обдастӣ** – тароват, нозукӣ.

**Оби дандон** – навъе аз ҳалво.

**Оганда** – пур.

**Озаранг** – ин ҷо ба маънии оташ.

**Озарм** – шарм.

**Омил** – коргар; касе, ки умури молӣ ва мулкии дигарро идора кунад.

**Омос** – варам, ҷароҳат.

**Омоҷ** – нишона, ҳадаф.

**Омуда** – ороста, пуркарда.

**Осиё** – киноя аз пирӣ.

**Оташпора** – киноя аз зани Хусрав - Марям.

**Ошуфтаномон** – оқилони девонанамо.

**Офоқ** – номи зани Низомӣ.

**Оҳу** – айб.

## П

**Падром** – хушу хуррам.

**Пайкор** – ҷанг.

**Панохусрав** – шаҳаншоҳи бузург.

**Панҷоҳ чилла дар чиҳил сол** – киноя аз дарёфтани мақоми комили риёзат аст дар маслаки тасаввуф.

**Парандӯшина** – шаби гузашта.

**Парвоз** – подош; интиқом, кина.

**Пари зоғ** – киноя аз аспи сиёҳранги Ширин.

**Пашиз** – ночиз, пули сиёҳ.

**Паҳна** – майдон, арса.

**Пероя** – зебу зинат.

**Пилафсар** – киноя аз шахси бузург ва баланд.

**Пилпой** – як навъ олоти ҷангии қадима.

**Пиндор** – гумон, андеша.

**Пист** – талқон, орди гандумбирён.

**Писти ҷавин** – гарди орди ҷавин.

**Пиҳ** – чарбу, равған; киноя аз ғурур.

**Пор** – мухаффафи порсол-соли гузашта.

**Почила** – як навъ кафше будааст, ки ба по пӯшида, барфи роҳро мекуфтаанд, то роҳи гузар пайдо шавад.

**Пул бар оби чашм бастан** – киноя аз бо ангушт роҳи оби чашмро гирифтан.

**Пули он тарафи рӯд** – киноя аз чизи бефоида.

**Пул шикастан** – киноя аз бетоқатӣ ва маҳрумӣ.

**Пӯзиш** – узр, маъзарат.

**Пӯя** – мухаффафи пӯидан – рафтан, тай кардан.

**Пӯянда** – раванда, марди роҳ.

## Р

**Равза** – боғ, гулистон.

**Райҳони сафол** – гулҳои бар болои зарфи сафолин нақшбаста.

**Ранг** – ба маънии ҷон.

**Расадбандон** – ситорашиносон.

**Расилӣ** – расулӣ, пайғамбарӣ.

**Растагорӣ** – халосӣ, раҳоӣ.

**Раъс** – сар.

**Рақибон** – нигаҳбонон.

**Раҳил** – кӯч.

**Раҳим** – бачадон.

**Раҳи рост** – номи яке аз оҳангҳои мусиқӣ.

**Раҷм** – дашном ва нафрат кардан, аз худ рондан; гумон бурдан.

**Ромишгар** – навозанда, соззан.

**Риёзатпарвар кардани асп** – ба маънии бо заҳмати зиёде таълими саворӣ додани асп аст.

**Рифқ** – мулоиматӣ, меҳрубонӣ.

**Ришханд** – писханд, тамасхур.

**Род** – бахшанда, босаховат.

**Рокиб** – савор.

**Росу** – мири мушон.

**Ротиба** – ҳаққи муқаррарӣ, маош.

**Роят** – байрақ.

**Роғиб** – моил, хоҳон.

**Рутаб** – хурмои тар, хурмои наврас.

**Рутб** – мухаффафи рутаб – хурмо, ин ҷо ба маънии ширин, лазиз.

**Русто** – деҳ.

**Руунат** – густохӣ, содалавҳӣ.

**Руҳбон** – зоҳиди насронӣ, порсо.

**Рӯзаи Марям** – киноя аз хомӯшӣ ва ранг.

## С

**Сабал** – сурхие, ки дар чашм ба сабаби бехобӣ ё мастӣ пайдо шавад.

**Саббок** – заргар, рехтагар.

**Сабӯҳӣ** – шаробе, ки субҳ пас аз хумори шабона менӯшиданд.

**Сагдил** – озордиҳанда.

**Сагдор** – саггазида; девона.

**Сагсифат** – киноя аз вафодор.

**Сидра** – мувофиқи тасаввури динӣ дарахте дар осмони ҳаштум.

**Сайрафӣ** – заршинос, ҷавҳаршинос.

**Салаб** – либос.

**Салиби занг** – салиби сиёҳранг, салиби аз оҳани сиёҳ сохташуда.

**Салаб** – либос.

**Салиби занг** – салиби сиёҳранг, салиби аз оҳани сиёҳ сохташуда.

**Самои арғанинӣ** – суруд ва овози мусиқӣ.

**Самотин** – дурӯя, дуқатора.

**Сар** – сардор, шоҳ.

**Сарбобил** – сардори сипоҳи ҷодувони Бобил

**Сарир** – тахт.

**Сароғуч** – гесӯпӯши занон.

**Сарсом** – варами сар, ҳолати ошуфтагӣ ва парешонҳавосӣ.

**Сарсомиён** – касони ба касалии сарсом гирифторшуда.

**Сатарван** – зани беналсл.

**Сафро** – ин ҷо ба маънии ҷунбиш, ҳамла; тундӣ.

**Сахта** – санҷида.

**Сахтрӯӣ** – киноя аз бешармӣ.

**Саъб** – мушкил, сахт.

**Сақат** – лағзиш, фурӯ мондан, оҷиз гаштан.

**Сақсин** – номи ҷое дар Туркистон.

**Сепоя** – олате будааст, ки шоҳон гунаҳкоронро ба он баста, бо дурра мезадаанд.

**Сиёвуш** – номи гуле.

**Сикбо** – навъе аз ош, ки аз сирко, гӯшт ва гандум тайёр мекардаанд.

**Сипоҳон (Сифоҳон, Исфаҳон)** – номи як лаҳни мусиқӣ.

**Сисанбар** – навъе аз пудина, наънoъ.

**Ситабр** – бузург, калон; фарбеҳ.

**Сито** – номи яке аз оҳангҳои мусиқӣ.

**Ситом** – лаҷоми заррин.

**Сияҳмеғ** – абри сиёҳ.

**Сияҳшаър** – ниқоби сиёҳ.

**Сунбидан** – суфтан, сӯрох кардан, ин ҷо ба маънии дохил шудан.

**Сурохӣ** – шиша ё пиёлаи шароб.

**Сутур** – ҳайвони саворӣ; ин ҷо ба маънии асп омадааст.

**Сутургӣ** – танумандӣ, бузургҷуссагӣ.

**Сӯг** – мусибат, мотам.

## Т

**Табарзад** – набот, гулқанд, навъе аз ҳалво.

**Табархун** – як навъ меваи хуштаъми ба санҷид монанд, челон.

**Таббох** – пазанда, ошпаз.

**Табиш** – тобиш, партав; гармо.

**Таблаки боз** – таблаки хурде, ки шикорчиён ба пеши зин мебастанд. Ҳамин ки садои он баланд мешуд, бозҳои шикорӣ барои шикор парвоз мекардаанд.

**Табли раҳил** – киноя аз фаро расидани ҳангоми марг.

**Таваҳҳум** – ба ваҳм афтодан.

**Тавсан** – асп.

**Тавсанӣ** – шӯхӣ ва саркашӣ.

**Тавоф задан** – давр задан.

**Тагарг** – киноя аз ҷабру зулм.

**Тазвир** – макр, фиреб; нифоқ.

**Тайёра** – суруд, ғазал; фоли нек.

**Тайрагӣ** – тундӣ, сабукӣ; хашм.

**Тайҳу** – номи парандае.

**Так** – дав, давидан.

**Таки тайёра** – киноя аз дави аспи тезрафтор.

**Таковар** – аспи тезрафтор.

**Талал** – харобазор.

**Талқ** – филиз, оҳан.

**Тамъ** – мухаффафи калимаи «тамаъ».

**Тамғоч** – муҳрдори молиёт, хироҷгиранда.

**Танг** – тасмае, ки ба камари асп баста мешуд.

**Тангборӣ** – ба маънии тангӣ – душворaии иҷозат ва рухсат.

**Тан задан** – киноя аз хомӯшӣ ва сабру таҳаммул.

**Тангчашмон** –туркони посбон.

**Танзгаҳ** – ҷои нишот ва шодмонӣ.

**Таррор** –ҳилагар, айёр; дузд.

**Тарф** –камарбанд.

**Тасдис** –шашгӯша кардани чизе, шаш қисм кардан: ду бурҷи фосила.

**Таслис** – сегона.

**Тафзил** –фазилат додан; бартарӣ додани касе ё чизе бар дигар.

**Тахлит** – омехта кардан, ба ҳам омехтан.

**Тахтанарди обнӯсӣ** – киноя аз осмон.

**Тахти нил** – тобут.

**Ташнеъ** – сарзаниш, бадгӯӣ.

**Тағобун** – зиёнкорӣ; афсӯс.

**Теғи палолак** – теғи ҷавҳардор.

**Тимор** – ғам, андӯҳ.

**Тимордорӣ** – парасторӣ.

**Тиргар** – киноя аз ошиқ.

**Тирози остин кардан** – киноя аз фаромӯш накардани касе, чизе ва коре.

**Титавӣ** – навъе аз мурғобӣ.

**Тозӣ** – арабӣ.

**Тоун** – ранҷу беморӣ.

**Тоӣ** – мухаффафи то ту ҳастӣ, то ту бошӣ.

**Тоқи гарро** – номи ҷое дар наздикиҳои Бесутун.

**Турунҷ** – як навъ меваи хушбӯе аз қабили нок.

**Туғро** – хати махсус болои фармони шоҳон.

**Тӯфони бодӣ** – киноя аз суханони сард ва бемағз.

## У

**Устурлоб** – як навъ асбоби нуҷумӣ.

**Уторид** – номи сайёрае, ки ба офтоб хеле наздик аст.

**Уқобони хаданг** – киноя аз тирҳои пардор.

**Уқобайн** – чорпояи оҳанине ки гунаҳгоронро ба он баста мезаданд.

**Ушр** – даҳяк.

## Ф

**Фар** – шукӯҳ, шавкат; зебоӣ.

**Фарас** – асп.

**Фарбеҳтарон** – киноя аз суханварони номии гузашта.

**Фард** – ягона, танҳо.

**Фарза** – соҳил, лангаргоҳ, бандар.

**Фархор** – номи шаҳре будааст дар Туркистон ки ба зебоӣ ва оростагии худ ва бо бутхонаҳояш дар гузашта хеле маъруф будааст.

**Фарҷа** – ҳад, дараҷа.

**Фассод** – рагзан.

**Фатон** – тағйири калимаи афтон (афтону хезон) аст.

**Фаҳл** – бардаму фарбеҳ.

## Х

**Хай** – арақ.

**Хазро** – сабз.

**Халхол** – ҳалқае, ки занон дар пой мекарданд.

**Халлух** – номи шаҳре, ки ба хубӣ ва хубрӯён машҳур будааст.

**Харзаҳра** – як навъ дарахти буттагие будааст, ки гулҳои сафед ва қирмизӣ дошта, баргаш ниҳоят талх будааст.

**Харита** – сандуқи чармин.

**Хатарнок** – ба маънии пурқимат, гаронбаҳо.

**Хатиб** – хутбахон.

**Хашин** – дурушт, сахт.

**Хайлтош** – шарик, ҳамроҳ.

**Хиргоҳи шашток** – киноя аз ҷаҳон.

**Ҳирқабозӣ** – киноя аз чок ва пора кардани либос аст.

**Хозани Чин** – киноя аз офтоб.

**Хом** – чарми дабоғатнашуда; каманд.

**Хонӣ** – чашма, ҳавз.

**Хориш** – таҳқиқ ва ҷустуҷӯ.

**Хоро** – навъе аз либоси абрешимӣ.

**Хубс** – зишт, бад.

**Хурда** – ин ҷо ба маънии хурдагирӣ, гуноҳ.

**Хурдабинӣ** – борикбинӣ, дақиқбинӣ.

**Хусф** – мухаффафи хусуф – торикӣ, сиёҳӣ ва гирифтагӣ.

## Ҳ

**Ҳавдаҷ** – тахти равон.

**Ҳавш** – хато, ғалат.

**Ҳазимат** – фарор кардан, шикаст хӯрдан.

**Ҳазин** – номи оҳанге аз мусиқӣ.

**Ҳаким** – ишора ба шоири бузург Фирдавсӣ, ки аввалин бор ин қиссаро ӯ ба қалам оварда буд.

**Ҳалил** – дарахти мевадорест, ки дар Ҳиндустон мерӯяд, донаҳои онро дар вақти таб ба сифати даво истеъмол мекардаанд.

**Ҳамдуниён** – номи деҳае будааст.

**Ҳамтаксаворон** – ҳамроҳон, саворони ҳамроҳ.

**Ҳанҷор** – роҳ.

**Ҳарро** – гулӯлаҳои тило ва нуқра, ки ба он зину афзоли асп ва ярокро зиннат медодаанд.

**Ҳарҳафт** – ҳафт асбоби ороиши занон, ки иборат аз ҳино, усма, сурма, сурхӣ, сафеда, хол шинондан будааст.

**Ҳифоз** –ҳамият, мурувват.

**Ҳафтхон** – киноя аз сипеҳр.

**Ҳаҷла** – хонаи арӯс.

**Ҳаҷҷом** – рагзан, хунгар; сартарош.

**Ҳижабр** – чобук, далер; сахт.

**Ҳиля** – ороиш, зебу зинат.

**Ҳима** – ҳезум.

**Ҳирфат** – роҳ, пеша.

**Ҳисн** – ҳисор, қалъа.

**Ҳоиз** – зани ҳайздиҳанда.

**Ҳузабр** – дарранда, ба маънои шер ҳам омадааст.

**Ҳуллапӯш** – ҷомапӯш, қабопӯш.

## Ч

**Чалипо** – салиб.

**Чанги Марям** – гиёҳе будааст мисли панҷ ангушт, ки занони ҳомила ҳангоми душвории ҳамл онро ба об андохта, худро тар мекардаанд.

**Чарбидан** – афзун омадан, зиёд шудан.

**Чаридан** – ғолиб шудан, зафар ёфтан.

**Чира шудан** – ғолиб шудан, даст ёфтан.

**Човуш** – пешрав, пешоҳанги лашкар.

**Чорболиш** – тахти шоҳӣ.

**Чорхона** – киноя аз пайкари одамӣ, ки гӯё аз чор унсур: об, хок, бод, оташ таркиб ёфта будааст.

**Чоч** – номи қадимии шаҳри Тошканд.

**Чӯбакзан** – сардори посбонони шоҳ.

**Чӯбак** – чӯбу тахтае будааст, ки сардори посбонон ба ҳам мезадааст, то посбонон ба хоб наравaнд.

## Ҷ

**Ҷабарут** – бузургӣ, азаматӣ.

**Ҷабинворе арақ** – ба андозаи арақе, ки аз пешоние бархезад.

**Ҷабборӣ** – такаббур, бо чашми беэътиборӣ ба касе дидан.

**Ҷавзи пуда** – чормағзи пӯсида.

**Ҷазъ** – муҳраи сангие, ки холҳои сафед дорад.

**Ҷаммош** – бозигар, ғазалхон, мулоқоти пинҳонӣ; дурушт, дағал.

**Ҷаноҳ** – қанот, пар.

**Ҷафта** – қарин, наздик.

**Ҷаъба** – тирдон.

**Ҷаъди манҷук** – риштаҳои абрешимине, ки ба мухраҳои сари байрақ мебастанд.

**Ҷибоят** – боҷ.

**Ҷигар хӯрдан** – ин ҷо ба маънии дилбурдан омада.

**Ҷифа** – мурдори бӯгирифта.

**Ҷолинус** – Эвклид.

**Ҷондор** – посбони мусаллаҳ.

**Ҷоноҳанг** – ҳолати назъ, ҷон кандан.

**Ҷубба** – либос, қабо, болопӯш.

**Ҷулоб** – гулоб.

**Ҷурм** – гуноҳ.

**Ҷуррамкӯҳ** – дар ҳудуди Калот ва сарҳадди Эрону Тӯрон воқеъ будааст. Ин ҳамон кӯҳсорест, ки мувофиқи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бародари Кайхусрав Фуруд дар ҳамон ҷо ба дасти Тус кушта мешавад.

## Ш

**Шабаҳ** – санги сиёҳ.

**Шабгир** – саҳаргоҳ; ҳаракати баъди нимишабӣ.

**Шаббозӣ** – ҳилабозӣ.

**Шаир** – ҷав.

**Шайхушшуюх** – шайхи шайхон.

**Шакаррез** – нисори арӯсӣ.

**Шакина** – ҳум, ғалладон.

**Шамар** – ҳавз, кӯл.

**Шамус** – май, шароб.

**Шаноат** – зиштӣ, бадӣ.

**Шат** – рӯди бузург.

**Шафеъ** – шафоаткунанда.

**Шашандоз** – бозигар (шашбуҷул) ин ҷо ба маънии моҳи чордаҳшаба.

**Шаштоқ** – хаймаи хоси султонӣ.

**Шаър** – мӯй.

**Шақоиқ** – номи гуле аз қабили лола; як навъ порчаи сурхи ҳарир, ки занон ба гардан мекарданд.

**Шаҳруд** – навъе аз асбоби мусиқӣ ва соз.

**Шеван** – гиряву зорӣ.

**Шикебидан** – сабру таҳаммул намудан.

**Ширк** – мувофиқи ривоёти динӣ кофир шудан аз сабаби даъвои бо Худо баробарӣ кардан.

**Шишабоз** – киноя аз офтоб, ки ҳамеша оинаи дасти осмон аст.

**Шишабозии фалак** – киноя аз намудор кардани офтоб.

**Шишадилон** – нозукдилон.

**Шиърии гардун** – номи ду ситорае будааст, ки якеро Шиърои Ямонӣ ва дигареро Шиърои Шомӣ меномидаанд.

**Шиққа** – нимае аз чизе.

**Шоҳаншоҳи субҳ** – киноя аз офтоб.

**Шудан** – рафтан.

## Я

**Яди байзо** – киноя аз дасти муъҷизакори Мӯсои пайғамбар, ки агар дасти худро ба бағал карда берун барорад, мисли офтоб медурахшад.

**Язак** – ҷилавдор, пешрави сипоҳ, қаровул.

**Ятоқ** – посбон.

**Яғлиқ** – тири пайкондор, киноя аз қомат.

## МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА**......................................................................5-16
**МАХЗАНУ-Л-АСРОР**.........................................................17-132
**ХУСРАВУ ШИРИН** ..........................................................133-455
**ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ** ...................................................456-478

"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

**Ҷилди 19**

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
# ХАМСА:

**(Махзану-л-асрор, Хусраву Ширин)**

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Тарроҳ *Ҳ. Холов*
Ҳуруфчини компютерӣ *Ш. Муҳаммадиева*
*Р. Ализода*

Ба матбаа 29.10.2012 таҳвил гардид. Чопаш 14.12.2012
ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 108/12.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.